Примером этого может быть беседа «Мое любимое занятие». Каждый студент рассказывает о своем любимом занятии, а затем преподаватель как пример знакомит студентов со своими увлечениями. Много может быть интересных и неожиданных моментов и для студентов, и для преподавателей на этой неформальной встрече. Полезно провести подобный разговор с участием всех преподавателей, работающих в данной группе, и студентов со своими родителями.

Различные встречи-диалоги, встречи - дискуссии между педагогами и студентами должно стать традицией в университетах, где они обсуждают волнующие их вопросы в области литературы, политики, этики и эстетики. Это позволяет лучше понимать друг друга и в других видах деятельности.

Достижения, лучшие стороны и качества преподавателя раскрывают творческие отчеты, которые полезно проводить с участием студентов. Сами студенты могут представить в творческой форме деятельность преподавателя, его профессиональный портрет, наиболее удачные, по мнению студентов, идеи, подходы, методические находки преподавателя. В педагогическом университете творческий отчет проводится в виде конкурса педагогического мастерства преподавателя, а зрителями, болельщиками, помощниками, членами жюри станут студенты. (Каким полезным может оказаться преподавателям побывать на месте студентов, когда не мы оцениваем студентов, а они оценивают нас).

Поменяться ролями, встать на место студента и наоборот –необходимо, чтобы лучше понять друг друга. Можно спорить об их целесообразности, но совершенно очевидно, что в данной ситуации преподаватели в своем студенте увидят себя, а студент поймет хотя бы некоторые трудности и проблемы нелегкого учительского труда и, может быть, по-другому посмотрит на своих педагогов.

Нужно находить и возможность включать студентов в учебно-воспитательный процесс в качестве преподавателей не только в праздники, но и в повседневной жизни университета.

Целесообразно продумать систему мер, которые обеспечивают доброжелательные отношения между педагогами, студентами, родителями и создают ситуации «равноправия» между всеми участниками воспитательного процесса. Так, например, наряду с днем учителя сделать традиционным в университете день студентов, праздник родителей или праздник семьи. Ряд вопросов, которые касаются жизнедеятельности школьного коллектива или первичного объединения, нужно обсуждать «на равных уровнях» педагогам, студентам и родителям. Например, при планировании работы университета, академических групп, конкретного дела необходимо предоставить возможность участия в этом всех желающих, студентов первокурсников и старшекурсников.

Для организации повседневной работы коллектива, конкретных дел, решения проблемы могут создаваться органами самоуправления, в которые «на равных уровнях» войдут педагоги, студенты и их родители.

Развитию сотруднических отношений между педагогами и студентами способствует проведение различных конкурсов, соревнований, в которых они участвуют в составе одной команды или как соперники.

Педагогу всегда приятно внимание, признание своих студентов, а проявление заботы, чуткого отношения к студентам со стороны педагога особенно важно, потому что становится образцом для подражания. Эмоциональному подкреплению отношений между педагогами и студентами способствуют сюрпризы, подарки, поздравления в праздники и дни рождения. Было бы замечательно, если бы учитель начинал занятие с поздравления студента, добившегося успехов в олимпиаде, конкурсе или спортивном соревновании, или включил в урок сюрприз для студентов в связи с каким-либо студентом.

Трудно осуществить сотрудничество педагогов и студентов и добиться высокой его эффективности, если взаимодействующие стороны не владеют способами совместной деятельности и общения, не умеют вести диалог, договариваться, слушать и слышать друг друга. Практический опыт свидетельствует о том, что одной из самых слабых сторон выпускников педвуза, часто встречающейся трудностью является установление контактов с детьми, правильных взаимоотношений с отдельными школьниками и коллективами детей.

Администрации школы, педагогическому коллективу целесообразно нужно продумать систему подготовки педагогов и учащихся к взаимодействию друг с другом. В содержании подготовки нужно предусмотреть единство следующих направлений:

- психологическая подготовка, которая заключается в формировании убеждения о необходимости сотрудничества преподавателей и студентов, стремления к совместной деятельности и общению членов коллектива;

–теоретическая подготовка, которая в основе своей осуществляется в педагогическом заведении и предполагает рассмотрение на новом уровне влияния различных условий на характер, стиль, способы взаимодействия и поведения педагога, а также вопросов психологических особенностей студентов, взаимоотношений в коллективе;

–практическая подготовка, направленная на обеспечение педагогов навыками и умениями совместного планирования, организации и подведении итогов совместной деятельности в студенческом коллективе, а также конкретными технологиями, например проведением «мозговой атаки», организации обсуждения проблемного вопроса, диалога со студентами, выхода из конфликта и т. д.

Все направления подготовки взаимосвязаны, и любая правильно организованная форма может способствовать психологической подготовке педагога. Важно, чтобы методика занятий была обучающей, давала образцы организации сотрудничества членов коллектива.

Формированию коммуникативных умений и навыков общения, совместной деятельности в коллективе способствуют деловые и продуктивные игры, тренинг общения или тренинг по принятию решения в трудной ситуации.

Целесообразно предусмотреть обсуждение проблем взаимодействия на методическом объединении кураторов группы, где есть возможность учета возрастной специфики взаимодействия со студентами.

Чтобы взаимодействие было успешным, в совместной деятельности надо готовить не только преподавателей, но и студентов. Если в школе проводится планирование, важно предусмотреть обсуждение этого вопроса и с преподавателями, и со студентами. С преподавателями речь пойдет об их позиции, роли, действиях и процессе планирования, о способах привлечения студента к поиску дел, создании ситуаций для проявления творчества студента. С активными студентами будут обсуждаться вопросы организации коллективного планирования, привлечения к этому процессу преподавателей ВУЗа - процессу коллективного поиска. В ряде случаев полезно совместное обсуждение преподавателями и студентами предстоящих дел, роли в них членов коллектива, студентов и взрослых людей.

Целесообразно предусмотреть и проведение специально организованных занятий, встреч, дискуссий со студентами о взаимоотношениях между людьми, этике поведения со старшими, сверстниками, младшими, создание воспитывающих ситуаций для формирования и закрепления гуманных взаимоотношений в коллективе[2, с. 84].

Особенность психологической и практической подготовки заключается в том, что она осуществляется не только в специально организованных формах, но всем построением, ходом, опытом университетской жизни. Ее многообразие позволяет преподавателям и студентам постоянно учиться взаимодействию, сотрудничеству в конкретных делах.

Наиболее эффективным способом вооружения навыками совместной деятельности и общения, развития коммуникативных умений является правильно организованная деятельность в педагогическом коллективе, которая, в значительной мере, определяется стилем управления в университете. Замечено, что характер взаимодействия администрации и педагогов проецируется на взаимоотношении педагогов со студентами, поэтому важнейший путь осуществления сотрудничества в университетском коллективе –это демократический стиль управления университета.

Управление ВУЗа –это также и управление взаимодействия членов коллектива университета, которые осуществляются на разных уровнях: в университете в целом и в коллективе. Также можно говорить об управлении взаимодействий преподавателей и студентов. Для каждых этих уровней целесообразно определить членов администрации преподавательского коллектива, которые целенаправленно организуют соответствующую совместную деятельность членов коллектива, преподавателей и студентов.

ЛИТЕРАТУРЫ

1. Закон Республики Таджикистан «Об ответственности родителей в воспитании и учебе детей» глава 2, 9 статья 7-пункт, Республика Таджикистан, город Душанбе, 2 августа 2011года, № 762.
2. Вульфов Б. З., Хозе С.Б. Педагоги и комсомольцы-школьники: творческий союз. –М.: Просвещение, 1987, – С. 84-85.

ПУТИ РАЗВИТИЯ СОВМЕСТНОЙ РАБОТЫ ПРЕПОДАВАТЕЛЕЙ И РОДИТЕЛЕЙ В ФОРМИРОВАНИИ ИНТЕЛЛЕКТУАЛЬНО-ПРОГНОСТИЧЕСКОГО ПОТЕНЦИАЛА СТУДЕНТОВ

Авторы в данной статье рассматривают пути взаимодействия преподавателей и студентов, а также проведение специально организованных занятий, встреч, дискуссий со студентами о взаимоотношениях между участниками учебного процесса, этикеу поведения со старшими, сверстниками, младшими, создания воспитывающих ситуаций для формирования и закрепления гуманных взаимоотношений в коллективе.

Ключевые слова: *совместная работа, взаимодействие, сотрудничество участников, воспитательный процесс, организация совместной деятельности, эффективность, коллективное планирование.*

THE WAYS OF DEVELOPMENT OF COORPORATION ACTIVITIES OF TEACHERS AND PARENTS IN FORMATION OF INTELLECTUAL AND PROGNOSTIC POTENTIAL OF STUDENTS

The authors consider the ways of teachers and students interaction in a given article, as well as conducting specially organized lessons, meetings, discussions with students on mutual relations between

participants of the activity, ethics of behaviour with adults, contemporaries, younger, creating educational situations to form and consolidate humane interrelations in collective.

Keywords: *interaction, cooperation of participants, educational process, the organization of joint activity, efficiency, collective planning.*

Сведение об авторах:

Байдуллоев А. - *проректор по международным отношениям ТГПУ имени Садриддина Айни и доцент кафедры общей педагогика ТГПУ имени Садриддина Айни. Tel: (+992)918-807-314. E-mail:azam.ap27@mail.ru*

Авганов С.- *координатор проекта развитий высшего образования при Министерстве образования и науки Республики Таджикистан.*
Tel:(+992)907-775-454. E-mail: samdec26@yahoo.com

About authors:

Baidulloev A. *vice-rector for international relations of TSPU named after Sadriddin Ainy, Associate Professor in the Department of General Pedagogy of TSPU named after Sadriddin Ainy. Tel.: (+992)918-807-314. E-mail:azam.ap27@mail.ru*

Avgonov S. *- coordinator of Higher Education Development Project under the Ministry of Education and Science of the Republic of Tajikistan. Te.l:(+992)907-775-454. E-mail: samdec26@yahoo.com*

ТАҲЛИЛИ НАҚША ВА БАРНОМАҲОИ ТАЪЛИМИИ ЗАБОНИ ХОРИҶӢ ДАР МАКТАБҲОИ ОЛИИ КАСБӢ

Ёфтаков Х.Ф.

Донишкадаи тарбияи ҷимонии Тоҷикистон ба номи С. Раҳимов

Таҳияи нақшаҳо ва барномаҳои таълимӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, аз ҷумла доир ба забонҳои хориҷӣ, дар шароити нави иҷтимоию иқтисодӣ, замоне ки раванди робитаҳои глобалии байнифарҳангӣ идома ёфта истодааст, қисми таркибии равнди муосиркунии таҳсилот буда, аҳамияти хосро касб карда истодааст. Дар адабиёти хориҷӣ ба масъалаҳои нақшаҳо ва барномаҳои таълимӣ дар мактабҳои олии касбӣ доир ба забони хориҷӣ муфассалтар равшанӣ андохта шудааст, вале дар он ҷо низ ақидаи ягона нисбат ба як қатор масъалаҳои актуалии марбут ба таҳияи нақшаҳо ва барномаҳои таъдимӣ вуҷуд надорад.

Зимни таҳия намудани нақшаҳо ва барномаҳои таълимӣ барои курсҳои забони англисӣ функсияҳои зерини таҳсилоти донишҷӯёни курсҳо: фарҳангташаккулдиҳанда, ҷуброкунанда ва созгоркунанда бояд ба инобат гирифта шаванд. Функсияи фарҳангташаккулдиҳанда аз ҷалб ва ошносозии донишҷӯёни курс ба ҷанбаҳои мухталифи фарҳанги муошират байналмилалӣ ва фарҳанги забони мавриди омӯзиш иборат мебошад. Функсияи ҷубронкунанда дар ҳалли вазифаҳои доир ба пурра намудани камбудиҳои таҳсилоти қаблан касбшуда, бартараф намудани норасоиҳо дар донишҳои забони хориҷӣ зоҳир мешавад. Функсияи созгоркунанда шомили ҳалли вазифаҳо доир ба таълими иловагии забонҳои хориҷӣ бо мақсади ҳам созгор намудан ба шароити тағйирёбандаи ҳаёт, ҳам барои эҷод намудани потенсиали касбию шахсиятӣ мебошад.

Нақшаҳо ва барномаҳои таълимӣ инчунин бояд як навъ интихобияти таълимеро ба назар гирад, ки маънои ба толибилм пешниҳод намудани озодии муайянро зимни интихоби ҳадафҳо, мазмун ва методҳои таълим дорад. Таҳияи нақша ва барномаи таълими забони хориҷӣ ҳалли масъалаҳои зерини асосиро тақозо менамояд: воҳиди таълим чист, паиҳамии азхудкуни мазмуни интихобшуда чи гуна аст, усули азхудкунӣ (технология) – и мазмуни таълим кадом аст?

Вобаста аз он, ки дар барномаи таълимӣ таваҷҷуҳи асосӣ ба чӣ зоҳир карда мешавад, ва кадом равиш асосӣ мебошад, ду категорияи асосии барномаҳои таълимии забони хориҷиро ҷудо кардан мумкин аст: синтетикӣ ва таҳлилӣ. Барномаҳои синтетикӣ ба маҳсули таълим равона кардашуда, ба сохтори забон ва таҳлили системавии он такя мекунанд. Чунин барномаҳо дар унсурҳои муайяни системаи забонӣ мутамарказ гардида, аксаран онҳоро дар паиҳамии хаттӣ мавриди назарқарор медиҳанд, масалан: паиҳамии воридкунии сохторҳои хаттӣ, функсияҳо, вазъиятҳо ё мавзӯҳои забонӣ. Дар навбати аввал, падидаҳои аз ҳама содда ва осон барои азхудкунӣ, бештар рухдиҳанда ва аз ҷиҳати коммуникативӣ муҳим, сипас душвортар, камтар

рухдиҳанда ва аз ҷиҳати коммуникативӣ зиёдатӣ ворид карда мешаванд. Барномаҳои синтетикӣ тақозо менамояд, ки толибилм бояд синтез намудани қисматҳои алоҳидаи система (сохтор, функсия, мафҳум ва ғ.) – и забониро дар вазъияти воқеии муошират дар ин забон амалӣ созад.

Навъҳои зерини барномаҳои синтетикиро ҷудо менамоянд: сохторӣ, функсионалию мазмунӣ, вазъиятӣ, мавзӯотӣ, ки дар асоси малакаҳо ва маҳоратҳо сохта шудааст. Дар тафовут аз барномаҳои синтетикӣ, дар барномаҳои таҳлилӣ падидаҳои забонӣ аз рӯи душворӣ дараҷабандӣ карда намешаванд, дар онҳо забон ҳамчун воситаи иҷрои амалҳои муайяни коммуникативӣ ба назар гирифта мешавад, яъне онҳо ба раванди таълим равона карда шудаанд. Масалан. Барномаи таҳлилии таълимӣ метавонад дар асоси донишҳои коммуникативие сохта шавад, ки аз ҷониби толибилмон иҷро карда мешаванд. Дар ин маврид маҳз супоришҳои педагогӣ, ва на воҳидҳои системаи забонӣ, ҳамчуни таркиботи барномаи таълимӣ ба назар гирифта шуда, воҳидҳои таълим ба шумор мераванд.

Барномаҳои таҳлилии навъҳои мухталиф мавҷуданд (масалан, барномаҳое, ки дар асоси супоришҳои коммуникативӣ сохта шудаанд, барномаҳои навъи предметӣ). Навъҳои асосии барномаҳои таълимии забони хориҷиро мутобиқ ба категорияҳои зикршуда (синтетикӣ ва таҳлилӣ) дида мебароем.

Дар асоси таҳияи барномаи навъи сохторӣ (грамматикӣ) равиши сохторӣ, такя ба тавсияи системавии забон мехобанд. Мазмуни чунин барномаҳо шомили маҷмӯи сохторҳо ва шаклҳои забони мавриди омӯзиш мебошад. Ташкили мавод ҳангоми таҳияи чуин барномаҳо имкон медиҳад принсипи “аз содда ба мураккаб” татбиқ карда шавад. Мавриди омӯзиш чунин падидаҳои забони хориҷӣ қарор мегиранд: артикл, исм, феълҳо ва сифатҳо, ҷумлаҳои саволӣ ва тасдиқӣ, ҷумлаҳои содда, мураккаб, тобеъ ва ғ. Ин навъ барномаи таълимии метавонад инчунин шомили ҷанбаҳои дигари забон, масалан, фонетика ва талабот ба ташаккулёбии малакаҳои талаффузии толибилмон бошад.

Барномаҳои навъи сохторӣ метавонанд ба таври истисноӣ дар асоси сохторҳои грамматикие сохта шаванд, ки аз ҷумлаҳои дар инзиво қароргирифта иборат буда, барои ифодаи падидаи мушаххаси забонии типикӣ нигаронида шудаанд. Маводи интихобшудаи забонӣ дар паиҳамии мантиқие қарор мегирад, ки бо чунин омилҳо, ба мисли фаровонӣ, серистеъмолӣ, дараҷаи душворӣ ва ғ., ё бо омезиши онҳо муайян карда мешавад. Таълим тибқи барномаҳои навъи сохторӣ асосан бо такя ба қоидаҳои забонӣ ва бо истифодаи машқҳои ба таври махсус омодакардашуда бурда мешавад.

Барномаҳои навъи функсионалию мазмунӣ дар асоси равиши функсионалӣ бо интихоби падидаҳои забоние таҳия карда мешаванд, ки дар муоширати воқеӣ амал мекунанд. Хусусияти асосии ин барномаҳо истифодаи намунаҳои нутқӣ ба сифати воҳиде мебошад, ки бо кумаки онҳо коммуникатсия амалӣ шуда, интенсияҳои нутқии толибилмон татбиқ карда мешаванд. Ба сифати намунаҳои чунин интенсияҳо баромад мекунанд: қабули даъват, маъзарат, талаб, ваъда, ташхис, ислоҳи ягон чиз ва ғ. Ба сифтаи ҷузъи мазмунии чунин интенсияҳо чунин мафҳумҳо, ба мисли: андоза, синну сол, ранг, муқоиса, вақт, давомнокии амал, муайян намудани миқдор, мавқеи ҷойгиршавӣ ва ғ. баромад мекунанд.

Дар миёни нақшаҳо ва барномаҳои таълимии макбаҳои олии касбӣ дар шароити муосир дар барномаи таълими забонҳои хориҷӣ мавридҳои зерин гузошта шудаанд:

Аввалан, барнома бояд ба шароити нави таърихӣ, талаботи рӯз, вақте ки таҳсилот бояд ба механизми рушди шахсият ва дар ин зимн ба омили муассири рушди ҷомеа табдил гардад, нигаронида шавад. Мутбиқ ба ин ба сифати фишангҳои мактаб ғояҳои демократикунонӣ, гуманизатсияи таҳсилот, гуногунандешӣ дар ҳалли масаъалаҳои бисёр баромад мекунанд, ки имкон фароҳам меорад талаботҳои гуногуни таҳсилотии толибилмон, мавҷудияти навъҳои мухталифи мактабҳо ба ҳисоб гирифта шаванд.

Сониян, барнома бояд унвонии худро дошта, ба истеъмолкунандаи воқеӣ, яъне мактаб, омӯзгорро нигаронида шуда бошад.

Сеюм, барнома набояд шадид бошад, он бояд ориентирпро муайян созад, самтҳои асосиро барои ноилшавӣ ба ҳадаф муқаррар созад, имконияти интихобро таъмин намояд, ба таври кофӣ барои дигаргуниҳо, барои созгорӣ ба шароити мушаххас кушода бошад.

Чаҳорум, барнома бояд ба курси муайяни таълим, масалан, курси пойгоҳӣ, ба навъи муайяни мактаб нигаронида шуда, консепсияи таълимро дар маҷмӯъ ва курси пойгоҳиро аз ҷумла (масалан, ғояи ассиметрияи ҳадафҳо, равишҳо ба интихоби мазмун ва ғ.) инъикос намояд.

Панҷум, барнома бояд абзорӣ буда, ба натиҷаи банақшагирифташаванда, динамикаи ноилшавӣ ба он нигаронида шуда бошад. Ҳамин тариқ, барнома параметрҳоро барои ташкили таълими забонҳои хориҷиро муайян намуда, бояд ба сифати абзори назорат хизмат намояд.

Шашум, барнома бояд омӯзгорро ба эҷодкорӣ ҳидоят намояд, ва на танҳо ин тезисроо эълон кунад, зеро дар асоси он коллективҳои педагогии мактабҳои олии касбӣ метавонанд модификатсияҳои мушаххаси барномаҳоро эҷод намоянд.

Илова ба барномаҳои муаллифӣ, ки дар асоси онҳо китобҳои дарсии алоҳида эҷод карда мешаванд, бояд барномаи типикӣ вуҷуд дошта бошад, ки ба сифати такягоҳ барои эҷоди китобҳои дарсӣ ва маводи таълимии мухталиф хизмат намуда, бо функсияҳои худ ба он чизе назидк мешавад, ки дар хориҷ сертификат номида мешавад. Вазияаи аоссии он – ин муайянкунии ҳадафҳо ва натиҷаҳои банақшагирифташавандаи таълимӣ, сатҳҳои муайяни таълимгирифтагие мебошад, ки метавонанд бо усулҳои мухталиф ноил шаванд.

Ин маънои онро дорад, ки барномаи типикӣ набояд паиҳамии шадидро дар азхудкунии мавод таҳмил намояд, он бояд имкониятро аз рӯи солҳои таълим вобаста ба шароити мушаххаси таълимва консепсияи муаллифони китобҳои дарсӣ фароҳам созад. Зимни чунин равиш, вақте ки вобастакунии шадиди маводи забонӣ бо соли муайяни таълим мавҷуд нест, донишҷӯ имконият ба даст меорад бо суръати худ, дар реҷаи барои ӯ мувофиқтар барои азхудкунии он ба пеш равад. Ин маънои онро дорад, ки шароите ба вуҷуд меояд, то ки донишҷӯи пешрафта ё гурӯҳи толибилмон тавонанд зудтар ба сатҳи банақшагирифташудаи таълимгирифтагӣ ноил шаванд, ба он барвақттар назар ба дигарон расанд ва дар реҷаи нисбатан фардикунонидашуда, бо истифодаи, масалан, маводи алоҳидаи тааълимӣ барои синфи минбаъда, машғул шавад.

Барномаҳои таълимии забони хориҷӣ дар мактабҳои олии касбӣ функсияҳои зерини асосиро татбиқ менамоянд: иттилоотию методӣ; ташкилию банақшагиранда; назораткунанда.

Барномаи таълимии забони хориҷие, ки *функсияи иттилоотию методиро* ичро менамояд, ба ҳамаи иштирокчиёни таълимию тарбиявӣ имкон медиҳад тасаввуротро дар бораи ҳадафҳо, мазмун, стратегияи умумии таҳсилот, тарбия ва рушди толибилмон бо воситаҳои предмети таълимӣ, дар бораи махсусияти ҳар як марҳилаи таълим ба даст оранд.

Функсияи ташкилию банақшагирӣ ҷудо намудани марҳилаҳои таълим, муайян намудани тавсифоти миқдорӣ ва сифатии маводи таълимӣ ва сатҳи омодагии толибилмонро доир ба забони хориҷӣ дарҳар як марҳила ба назар мегирад.

Функсияи назораткунанда аз он иборат аст, ки барнома, талаботро ба ба мазмуни нутқ, маҳоратҳои коммуникатиӣ, интихоби маводи забонӣ ва ба сатҳи таълимгирифтагии толибилмон дар ҳар як марҳилаи таълимро муайян сохта, метавонад ҳамчун асос барои муқоисаи натиҷаҳои дар ҷараёни назорат бадастомада хизмат намояд.

Барномаи намунавӣ метавонад ҳамчун ориентир зимни банақшагирии мавзӯотӣ хизмат намояд. Он қисмати инвариантивӣ (ҳатмӣ) – и курси таълимиеро муайян месозад, ки дар берун аз ҳудудҳои он имконияти интихоби такриби вариативии мазмуни таҳсилот боқӣ мемонад. Дар ин зимн муаллифони барномаҳои таълимӣ ва китобҳои дарсӣ метавонанд равиши худро дар қисми сохторсозии маводи таълимӣ, муайян намудани паиҳамии омӯзиши ин мавод, инчунин роҳҳои ташаккулёбии системаи донишҳо, маҳоратҳо ва усулҳои фаъолият, рушд ва иҷтимоишавии толибилмонро пешниҳод намоянд. Дар айни ҳол, барнома ба ҳифзи фазои ягонаи таҳсилотӣ мусоидат намуда, бо ташаббуси эҷодӣ омӯзгоронро пойбанд намекунад, имокниятҳои васеъро барои татбиқи равишҳои мухталиф ба сохтани курс, аз ҷумла бо назардошти хусусиятҳои минтақаҳо, фароҳам меорад.

Бар бораи *сохтори барномаи таълимии забони хориҷӣ* дар мактабҳои олии касбӣ сухан карда, бояд гуфт, ки он шомили се бахш мебошад: хатчаи тавзеҳӣ; мазмуни асосӣ бо тақсимоти тахминии соатҳои таълимӣ доир ба мавзӯъҳои курс; талабот ба сатҳи омодагии хатмкунандагон.

Дар хатчаи тавзеҳӣ мақоми барнома ва функсияи он муайян карда мешаванд, тавсифи забони хориҷӣ ҳамчун предмети таълимӣ ва мавқеи он дар нақшаи пойгоҳии таълимӣ, тавсифи марҳилаи таълим дода шуда, ҳадафҳои таълими забони хориҷӣ дар ин ё он шакл, чун дар стандарт, ифода карда шуда, малакаҳо, маҳоратҳо ва усулҳои умумитаълимии фаъолиятҳо,

натиҷаҳои банақшагирифташудаи таълими забони хориҷӣ дар ҳар яке аз зинаҳо тавсиф дода мешаванд.

Мазмуни таҳсилоти забонӣ дар барномаҳои таълимӣ тавсифи зеринҳоро дарбар мегирад: мазмуни предметии нутқ; маҳоратҳои нутқӣ; донишҳо, маҳоратҳо ва малакаҳои забонӣ; донишҳо ва маҳоратҳои иҷтимоию фарҳангӣ; маҳоратҳои компютерӣ ва таълимию маърифатӣ.

Азхудкунии забони хориҷӣ дар сатҳи барои муошират касбӣ дар соҳаи касбӣ яке аз талаботҳои ҷомеаи муосир ба мутахассисони ҷавон буда, ҳамчун ҷузъи асосии омодасозии касбии онҳо баромад мекунад. Аз ин рӯ ҳадафи таълими забони англисии ба касб гароишдодашуда - ин дар донишҷӯёни мактабҳои олии касбӣ ташаккул додани салоҳиятҳои коммуникативӣ дар истифодаи донишҳои бадастовардашуда доир ба касби худ мебошад.

Таҳқикоти гузаронидашуда доир ба кори педагогӣ, таҳияи нақша ва барномаҳои таълимӣ нишон медиҳанд, ки таълими забони англисӣ имрӯз бидуни таркиби инноватсионӣ имконнопазир мебошад. Таълими анъанавии забони англисии ба касб гароишдодашуда ба хондан, фаҳмидан ва тарҷумаи матнҳои махсус, бо шомили омӯзиши хусусиятҳои грамматикии сабки илмӣ, нигаронида шудааст. Дар вақти ҳозир дар нақшаҳо ва барномаҳои таълимӣ таъкид ба рушди малакаҳо ва маҳоратҳои коммуникатсияи шифоҳӣ карда мешавад. Нутқи шифоҳӣ шомили гӯш кардан ва хондан, фаҳмидан ва такрори репродуктивии чизи гӯшкарда ё хондашуда ҳам дар шакли шифоҳӣ (диалогӣ ё монологӣ), ҳам дар шакли хаттӣ мебошад. Ба сифати вазифаи асосии марҳилаи муосири тадриси забони англисии ба касб гароишдодашуда эҷод кардани нақшаҳо ва барномаҳо, методикаҳои таълимие мебошад, ки равишҳои инттерактивиро ба таълим ва бартариятҳои онҳоро барои ҳалли проблемаи асосии тадриси забони англисии ба касб гароишдодашуда – муошират бегоназабонӣ дар вазъиятҳои касбӣ - ҳамгиро месозад [2].

Бояд зикр кард, ки таълими забони англисии ба касб гароишдодашуда ҳамчун самти илмӣ дар солҳои 1950-ум дар хориҷа ба вуҷуд омадааст. Дар вақти ҳозир бошад, таълими забони англисии ба касб гароишдодашуда ба навъи хизматрасонии таҳсилотие табдил ёфтааст, ки бидуни он таълими донишҷӯён нимконнопазир ба назар мерасад. Таҳти таълими забони англисии ба касб гароишдодашуда чунин таълиме фаҳмида мешавад, ки дар баҳисобгирии талаботи хатмкунандагони оянда ба омӯзиши забони хориҷии бо хусусиятҳои касби оянда ё ихтисоси таълимӣ дикташаванда асосш ёфта, дар навбати худ, омӯзиши онро талаб мекунанд. Дар ин тафовути он аз таълими забон барои ҳадафшои умумитаҳсилотӣ асос ёфтааст. Мафҳуми ҳадафи таълими забони англисии ба касб гароишдодашударо мавриди таҳлил қарор дода, бояд бисёрсалоҳиятнокӣ ва нобаробармаъноии мафҳуми мазкурро қайд кард. Ҷузъҳои зерини ҳадафро ҷудо мекунанд: таҳсилотӣ, тарбиявӣ, рушддиҳанда ва амалиявӣ. Барои татбиқи ҳадафҳои таҳсилотӣ аз ҷониби донишҷӯён касби ҳаҷми муайяни донишҳои лингивистие тақозо карда мешавад, ки бо соҳаи интихошудаи фаъолияти ояндаи таҳсилотӣ, инчунин иттилооти кишваршиносӣ марбутанд.

Аз нуқти назари ноилшавӣ ба ҳадафҳои тарбиявӣ раванди азхудкунии забони хориҷӣ ва азхудкунии он омили муассири пешрафти илмию техикӣ, умуифарҳангии ҷомеа мебошад. Он тарбияи шаҳрвандият, эҳтиром ба халқҳо ва фарҳангҳои диар, фарҳанги умумии муошират байнишахсиятӣ, фаъолияти маърифатӣ, тамоюл ба худтаҳсилотӣ, ангезиш, яъне муносибати бошуурона ба азхудкунии забони хориҷӣ ҳамчун воситаи муошират, маърияат ва худтакмилдиҳӣ, инчунин дарки зебоишиносӣ ва завқи бадеиро тақозо менамояд.

Дар раванди таълими таълими забони англисии ба касб гароишдодашуда, суоле ба миён меояд: “Дар навбати аввал чиро бояд таълим дод: лексикаи касбӣ, грамматикаро ёки маҳоратҳои нутқи монологӣ ва диалогӣ рушд дода шавад?”. Дониши истилоҳҳои махсус ва асосҳои грамматика озодии муошират шифоҳию нутқии донишҷӯёнро намедиҳад, чунин имконият танҳо дар мавриди ташаккулёбагии салоҳияти бегоназонии коммуникативӣ пайдо пешавад. Таснифи бештар қобил қабули машғулиятҳо доир ба забони хориҷӣ таснифм аз нуқтаи назари нақшаи таълим ва дарс мебошад, ки дар онҳо унсурҳои раванди таълим гузошта шудаанд. Сохтани сохтории машғулият аз вазифаҳои мушаххаси таълимӣ, характери фаъолияти дар машғулият банақшагиранда ва ҳамкории омӯзгор ва донишҷӯён вобаста мебошад. Унсурҳои асосии машғулият инҳоанд: 1. Ташкил ва гароиши мазмунӣ. 2. Санҷиши амиқӣ ва мустаҳкамии донишҳо. 3. Ҳамкории омӯзгор бо донишҷӯён дар асоси ахбор – азхудкунии донишҳо, малакаҳо ва маҳоратҳои нав. 4. Мустаҳкам намудани мавод ва машқи азхудкардашуда. 5. Ташхиси

мустаҳкамии азхудкунии донишҳо, ташаккулёфтагии маҳоратҳо ва малакаҳо. 6. Дастурдиҳӣ доир ба иҷрои кори хонагӣ ё мустақилона [2].

Дар асоси гуфтаҳои боло навъҳои зерини мубрамтари дарсҳоро тибқи нақшаҳои таълимии муосири таълими забони англисии ба касб гароишдодашуда ҷудо мекунанд:

1. Дарси омӯзиши маводи нав (лексия, таҳқиқи назариявӣ, кино – дарс).
2. Дарси бакорбарӣ ва такмилдиҳии донишҳо (супоришҳои амалӣ, иншоҳо, иҷрои машқҳо, бозии корӣ).
3. Дарси ҷамъбасткунӣ ва низомбандии донишҳо (мубоҳиса, конфеенсия, семинар, бозии корӣ).
4. Дарси омехта (омезиши намудҳои мухталифи машғулиятҳо бо спектри васеи супоришҳо).
5. Дарси назоратӣ (тест, пурсиши шифоҳӣ, кори хаттӣ, санҷиш, викторина)[3].

Аз ҳама оптималӣ, ба назари мо, машғулияти омехта мебошад, ки навъи аз ҳама интишорёфта буда, шомили тамоми унсурҳои асосие мебошад, ки имкон медиҳад дар порчаи маҳдуди замонӣ чархаи пуарзиши шиноснамоӣ, коркард ва мустаҳкамкунии маводи таълимиро анҷом диҳад, ва ин ба татбиқи равиши ҳамгирошудаи байнфаннӣ дар таълими забони хориҷӣ кумак мерасонад.

Бояд зикр кард, ки шомил кардани забони хориҷӣ ба барномаи мактаби олии касбӣ фармоиши ҷомеаро инъикос менамояд, ки бо талаботи замон ба миён омадааст: бо тамосҳои густаришёбандаи байналмилалӣ дар тамоми соҳаҳои ҳаёт ва фаъолияти одамон (мубодилаи иттилоотии илмию техникӣ, туризм, омодасозии мутахассисон барои кор дар хориҷа, малакаи кор бо технологияҳои компютерӣ). Вале татбиқи ин фармоиш бо як қатор душвориҳо рӯ ба рӯ мешавад. Ба онҳо метавон нисбат дод: 1) мавҷуд набудани муҳити забонӣ, вақте ки таълими фаъолияти бегоназабонии нутқӣ моҳиятан дар шароити сунъӣ амалӣ карда мешавад; 2) миқдори ихтисоршудаи соатҳо; 3) коркарднашудагии баъзе масъалаҳои методикае, ки ба шароити нави таълим муносибати бевосита доранд [1]. Асоситарини онҳо масъала дар бораи ташаккулёбии ангезиш мебошад, яъне муносибати мусбии толибилмон ба забони хориҷӣ ҳамчун ба предмети таълимӣ.

Муносибат ба предмети таълимӣ аз ду ҷузъ ташаккул меёбад: шавқу ҳавас ба он ва дарки аҳамиятнокии он. Муносибати донишҷӯён ба забони хориҷӣ ҳамчун ба предмети таълимӣ инъикоси худро дар таҳқиқоти олимон ва методистҳои сершумор (М.А. Кудашова, З.Н.Никитенко, В.Г.Рогова ва диг.) ёфтааст, зеро забони хориҷӣ - ин предмети махсуси таълимӣ мебошад. Махсусияти забони хориҷӣ бо он муайян мешавад, ки бо хислатҳои ба забон ҳамчун системаи аломатӣ хос тавсиф ёфта, дар айни замон он бо як қатор хусусиятҳои аз забони модарӣ фарқкунандаи азхудкунии он муайян карда мешавад. Дар айни замон, он ба таври назаррас аз ҳар гуна предмети дигари таълимӣ фарқ мекунад. Ин махсусиятро ба таври актуалӣ ва босалиқа донишҷӯён эҳсос мекунанд ва онро омӯзгорон дарк менамоянд, зеро забони хориҷӣ аз фанҳои дигари таълимӣ, ҳамзамон инчунин бо будани ҳадаф ва воситаи таълим фарқ мекунад. Ҳамин тариқ, агар ҳамаи предметҳои дигарро толибилмон тавассути забон ҳамчун абзор, олот касб намоянд, зимни азхудкунии худи забон проблемаи азхудкунии тадриҷӣ, аз берун идорашавандаи баъзе воситаҳо ва усулҳои осонтар барои ҳал ва азхудкунии вазифаҳои муҳимтар ба вуҷуд меояд.

Дар таълими забони хориҷӣ намудҳои мухталифи ангезиш мавҷуданд. Асоситарини онҳо – ин ангезиши ботиние мебошад, ки бо худи фаъолияи таълимӣ пайдо мешавад, ва ангезиши васеи иҷтимоӣ, ки нисбати фаъолияти донишҷӯ дар машғулият як навъ ангезиши беруна ба назар мерасад. Ангезаи қавие, ки муносибати мусбӣ ба кишвари забони мавриди баррасӣ бармеояд, дарки маҳорати худ дар истифода бурдани забони хориҷӣ аз ҷониби донишҷӯ мебошад. Тасаввуроти донишҷӯ дар бораи он ки ӯ аллакай ба ин ҳолат ноил гаштааст, ба муваффақияти азхудкунии минбаъдаи нутқи бегоназабон таъсири қавӣ дорад [1].

Ниҳоят, ба омӯзгори забони хориҷӣ лозим меояд дар шароити мураккаб кор кунад. Ӯ барои нигоҳ доштани сатҳи баланди ангезиш ба предмет дар давоми тамоми раванди таълим масъул аст. Ин ӯро маҷбур мекунад роҳҳои ташаккул додани муносибати мусбии донишҷӯёнро ба забони хориҷӣ ҷустуҷӯ намуда, ба онҳо муҳимият, аҳамияти онро нишон диҳад. Барои азхудкунии бомуваффақияти забони хориҷӣ он бояд ба системаи манфиатҳои ҳаётии шахсият шомил карда шавад. Ҳамин тариқ, самтёбии соҳавӣ метавонад яке аз воситаҳои муассири баланд бардоштани самаранокии нақша ва барномаҳои таълимии забони хориҷӣ дар мактаби олии ғайризабонӣ гардад.

АДАБИЁТ

1. Бейсенбаева Б.А., Копжасарова У.И. Профессиональная ориентация как один из факторов формирования мотивации в обучении английскому языку в неязыковом вузе // Международный журнал экспериментального образования. – 2014. – № 1-1. – С. 18-22;
2. URL: https://expeducation.ru/ru/article/view?id=4506 (дата обращения: 11.02.2018).
3. Богданчик Л.В. Инновационные методы обучения иностранному языку в неязыковом вузе // Современные тенденции в обучении иностранным языкам и межкультурной коммуникации. Материалы Международной заочной научно-практической конференции, 24 марта 2011 г. Электросталь: Новый гуманитарный институт, 2011.
4. Виленский М.Я. Образцов П.И. Уман А.И. Технология профессионально-ориентированного обучения в высшей школе. – Орёл: ОГУ, 2010.

АНАЛИЗ УЧЕБНЫХ ПЛАНОВ И ПРОГРАММ ПО ИНОСТРАННОМУ ЯЗЫКУ В ПРОФЕССИОНАЛЬНЫХ ВУЗАХ

Автор в своей статье рассматривает тему анализа учебных планов и программ по иностранному языку в профессиональных вузах. Он осуществил попытку показать основные категории учебных планов и программ по иностранному языку и интерпретировать важнейшие моменты учебных планов и программ по иностранному языку в профессиональных вузах в современных условиях. Особый акцент сделан на функции учебных планов и программ по иностранному языку в профессиональных вузах.

***Ключевые слова**: учебный план и программа, иностранный язык, профессиональный вуз, категория, функция, эффективность.*

ANALYSES OF EDUCATIONAL PLANS AND PROGRAMS ON FOREIGN LANGUAGE IN THE PROFESSIONAL HIGHER EDUCATION

An author in his article analyses the educational plans and programs on foreign language in the professional higher education. He made an attempt to show the main categories of the educational plans and programs on foreign language in the professional higher education and to interpret the main moments of them in modern conditions. A special accent is made on functions of the educational plans and programs on foreign language in the professional higher education.

***Keywords**: educational plan and program, foreign language, professional higher education, category, function, efficiency.*

Сведения об авторе:

***Ёфтаков Хусейн Файзуллоевич** - заведующий кафедрой английского языка Института физической культуры Таджикистана им. С.Рахимова. E-mail: yoftakov_hf@mail.ru. Тел.: +(992) 987942020*

About the author:

***Yoftakov Hosseyn Fayzulloevich**, Head of English Language Department of the Institute of Physical Culture of Tajikistan named after S.Rahimov. E-mail: yoftakov_hf@mail.ru. Tel.: (+992)987942020*

НАҚШИ МУТАХАССИСОН ДАР ҲАЛЛИ МАСЪАЛАҲОИ АЗ ЯК МУАССИСАИ ТАБОБАТӢ БА ДИГАР ГУЗАРОНИДАНИ БАЧАГОНИ ИМКОНИЯТИ МАҲДУДДОШТА

Шарипов Б.Ф.

Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ

Раҳимов С.

Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ

Рушди педагогикаи махсус ба тағйирёбии низоми таълими бачагони имкониятҳои маҳдуди ҷисмонидошта ва тартиби махсуси таълим алоқаманд аст. Ду аср низоми таълими оммавию махсус дар Русия баробар фаъолият мекард. Дар қарни XX – ум низоми тафриқавии таълим мақеи муҳим пайдо кард, ки то солҳои 1990 онро дефектология меномиданд, ки он ба ҳашт қисм ҷудо мешуд ва дар муассисаҳои таълимию ислоҳии кӯдакони мубталои ноқисиҳои ҷисмонӣ гардида ба роҳ монда мешуд.

Дефектология ҷиҳатҳои сусти кори узвҳои биноӣ, шунавоӣ, аппарати такиягоҳию ҳаракатӣ, ақлӣ ва муваҳатан қатъ гардидани рушди психикии бачагони аз ҷиҳати фикрӣ қафомондаро меомӯзад. Самти асосии рафти боҳам вобаста буданӣ низоми умумию махсуси таълими ҳамаи

зинаҳои онро: зинаи томактабӣ, умумӣ ва мактабҳои касбиро дар бар мегирад. Таълими ҳаматарафа яке аз шаклҳои таълими умуми мебошад, ки қонуну қоидаи асосии он чунинанд: ислоҳдарории ибтидоӣ, интихоби дурусти психологӣ - тиббию педагогии кӯдакон ба омӯзиши таълими фарогир ва ба роҳ мондани низоми касбӣ. Кӯшиши кӯдакони имкониятҳои маҳдуди ҷисмонидошта, дар муассисаҳои барои кӯдакони солимбуда пеш аз ҳама, ба саъю кӯшиши ҳар як кӯдак ва тарзи таълимгирии ӯ вобаста мебошад.

Тибқи дастурамал кӯдакон шартан ба гурӯҳҳои муайян ҷудо намуда шудаанд. Аз ҷумла, кӯдаконе, ки мубталои ноқисиии психологӣ доранд, дар онҳо талабот, хоҳиш ва вачҳӣ барқарор намудани муошират бо «ҷомеаи кӯдакон» на он қадар майл доранд. Ин чунин маъно дорад, ки ин роҳҳо дар кӯдакон талаботро ба таълим ба вуҷуд меорад, вобаста ба ин талабот хусусӣ ва умумӣ мешавад. Талаботи умумӣ дар ҳамаи кӯдакон вуҷуд дорад. Кӯдакон бо талаботи хусусӣ метавонанд дар мактабҳои махсус ва мактабҳои умумӣ ҳам таълим гиранд.

Кӯдакон дар амалия имконияти ёрӣ расониданро барои тадбиқи ин талабот доранд. Барои ҳамин ба чунин типпи кӯдакон ёрии психологию педагогӣ расонидан зарур аст. Онҳо, бо олами моддӣ ва табиати атроф робитаи доимӣ доранд. Дунёи кӯдакони аз ҷиҳати ҷисмонӣ имконияти маҳдуддошта ва нобиноён тамоман дигар аст.

Дар шароити имрӯза инкишофи таълим ва тағйирёбии мафҳуми саъю кӯшиш ба назар мерасад, ки ба ворид шудани мафҳуми инклюзия – пайваста ворид шудан, фаро гирифтан вобаста мебошад. Гап дар бораи азнавсозии маънои иҷтимоию педагогии ҷараёни кӯшиши кӯдакон ва фарогирии онҳо дар тачрибаи таълимӣ меравад.

Ташкили фаъолияти якҷояи таълим барои кӯдакони синнусолӣ муайян (бозӣ, таълим) аҳамияти калон дорад. Бо ин мақсад фаҳмиши мафҳуми кӯшиш маънои васеъ дошта, дарки он мушкилиро ба вуҷуд намеорад. Дар ибтидо муоширати кӯдакон дар ҳар як синнусол имкониятҳои гуногуни инкишофро соҳибанд. Сатҳи дуюми ин кӯшиши якҷояшавӣ дар чорчӯбаи мавқеъҳои махсус, масалан, дар рафти бозӣ, таълим ва фаъолияти меҳнатӣ якҷоя ширкат варзидан мебошад. Сеюм ин кӯшишҳои дастаҷамъонаи кормандони муассисаҳои таълимӣ, ки дар ҳамгирой дар ҷараёни таъсири иҷтимоию педагогии касбии кӯдакони гуногун иштирок доранд, мебошад.

Дар охир сатҳи чоруми кӯшиш ин ташкили пурсамари низоми ягонаи дастгирии муассисаи махсуси таълимӣ мебошад, ки дар онҳо фаъолияти якҷояи хонандагону тарбиядиҳандагон рушд меёбад. Дар асоси фикрҳои фазои ягонаи таълим барои гурӯҳи гетерогенӣ (гуногун будани хусусиятҳои ирсӣ), ки самтҳои гуногуни таълимиро барои ин ё он иштирокчиён дар бар дорад, тартиб дода шудааст. Воридкунӣ аз мавқеи педагогию психологияи умумӣ буда ба кӯдакон бо назардошти талаботи фардии таълимӣ нигаронида шудааст.

Мақсади таълими инклюзивӣ (таълими фарогир). Ин кӯшиши якҷоя намудани фаъолияти кӯдакони имкониятҳои ҷисмонии маҳдуддошта дар мактабҳо барои ҳама баробар мебошад. Ба ақидаи Н.М. Назаров таълими инклюзивӣ ин ҷалби кӯдакони имкониятҳои маҳдуди ҷисмонидошта ба ҷараёни таълими мактаби умумӣ мебошад. Дар рафти низоми таълими инклюзивӣ ҳамаи бачагон якҷоя ба фаъолияти таълимӣ фаро гирифта мешаванд.

Ба маънои дигар ин ба тағйирёбии методикаи низоми нави таълимӣ вобаста мебошад. Паҳншавии мафҳуми «инклюзия» аз бисёр ҷиҳат бо рафти ҷараёнҳои демократкунонии тафаккури ҷомеа санадҳои меъёрии қабулшудаи байналмилалии ҳуқуқҳои ҳар як одам, аз ҷумла, ба таълими пурра фаро гирифтан алоқаманд аст. [3, с. 156-159]

Натиҷаҳои тадқиқотҳои педагогию психологӣ нишон доданд, ки хонандагони мактабҳои махсуси ислоҳӣ тибқи имкониятҳои зеҳнию фикрӣ то синфи 6-7 - ум (синни 13-14 солагӣ) ҳангоми дар шароити мусоид фаъолият кардани онҳо кӯшиши иҷтимоишавӣ пайдо мешавад. Лекин баъди синфи 7 - ум наврасони имкониятҳои маҳдуди ҷисмонидошта камбудиҳои худро ҳис мекунанд, онҳо бо дигар кӯдакон якҷоя фаъолият карданро дӯст медоранд.

Бо вуҷуди ин самараи таълимомӯзи суст мешавад ва, аз ин лиҳоз, дасттовардҳо хеле кам мешаванд. Аз ин рӯ, дар рушди психикии онҳо ҷустучӯи роҳҳои кӯшиши иҷтимоишавии кӯдакон дар муносибатҳои ҷамъияти зиёд мешавад. Ин барои ҳарчи тезтар мутобиқшавии бачагон ба шароити таълиму тарбияи мусоидат менамояд.

Ин тағйиротҳоро дар ҷадавалӣ № 2 дида мебароем.

Шаклҳои кӯдакони имкониятҳои маҳдуди ҷисмонидошта. Кӯшиши аз як муассисаи таълимию табобатӣ ба дигар муассисаи табобатии таълимӣ интиқол додани бачагон барои беҳтар шудани саломати ва рушди психикии онҳо таъсири мусбат мерасонад. Бачагони имконияти маҳдудияти ҷисмонидошта барои пайдо намудани мавқеӣ худ дар ҷомеа кӯшиши зиёд намуда барои омӯхтани тачрибаи ҷамъиятӣ дар гурӯҳои бачагон бо онҳо якҷоя фаъолият менамояд. Бо ин мақсад барои фаъолии онҳо дар муассисаҳои томактабӣ ва мактабҳои махсус шароити мусоиди таълиму тарбияро фароҳам овардан зарур аст. Бо ҳам якҷоя фаъолият намудани бачагон имкон медиҳад, ки онҳо ба низоми нави иҷтимоӣ ворид шаванд.

Иштироки фаъоли бачагон дар самтҳои гуногуни ҳаёти ҷомеа, барои худтарбиякунӣ ва муайян намудани шахсияти худ мусоидат менамояд. Ба рафти иҷтиоишавӣ раванди таълиму тарбия нақши муассир мебозад. Равандҳои психикие, ки қаблан рушд наёфта буданд, мегӯяд. – Л.С.Виготский.- онҳоро минбаъд дар рафти таълим тараққӣ додан зарур аст. Яъне суст инкишоф ёфтани эҳсосу идрок, хотир, тафаккур, тахайюл ва иродаро дар рафти ислоҳи бачагони фикран қафомонда ва норасоии ҷисмонидошта рушд додан зарур аст. Аз як тараф, норасоии ҷисмонӣ ва суст инкишоф ёфтани қобилияти зеҳнию ақлонии бачагон ба омилҳои биологӣ, тиббӣ вобаста бошанд, аз тарафи дигар ба омилҳои иҷтимоӣ, таълиму тарбия алоқаманди доранд.

Дар рафти фаъолият сатҳи шароитҳои иҷтимоӣ ва норасоии инкишофи психикии бачагонро ба назар гирифтан зарур аст. Он норасоиҳо дар маҳдуд будани фаъолияти ҳаётӣ ва норасоии иҷтимоӣ, ки ба имкониятҳои маҳдуддошта вобастаанд, пайдо мешаванд. Маҳдуд намудани фаъолияти ҳаётӣ ҳамчун қоида ба норасоиҳои рафтор ва муошират вобаста аст. Пеш аз ҳама омӯхтани маҳоратҳои дурусти рафтор бо одамони гирду атроф доираи маҳдуди фаъолияти бачагонро васеъ намуда, ба рафти иҷтимоишавии онҳо мусоидат мекунад. Норасоиҳои иҷтимоӣ дар тағйир ёфтани маҳорати иҷро намудани нақшҳои иҷтимоӣ, маънавӣ, робитаҳои иқтисодӣ бо одамони гирду атроф ифода меёбанд. Кӯшиши кӯдакони маҳдудияти саломатидошата дар ҷадвали рақами 2 дарҷ ёфта буд, ки онҳоро шарҳ медиҳем.

а) таъсири ҷомеа ва муҳити атроф ба шахсияти кӯдакони ноқисии зеҳнию ақлонидошта ва мутобиқшавии онҳо ба муҳити гирду атроф;

б) иштироки фаъоли бачагон дар раванди иҷтимоишавӣ (иҷрои нақши шахсӣ ва дигарон);

в) низоми нави муносибатҳои иҷтимоӣ ва таъсири он ба шахсияти кӯдакони имконияти маҳдуди ҷисмонӣ ва ноқисию ақлонидошта;

Дар шароити ҳозира кӯшиши иҷтимоӣ шудани кӯдакон дар ду роҳ амали мегарданд;

- якум, мутобиқшавии онҳо бо ворид шудан ба ҳаёти ҷомеа ва ба шароитҳои олами гирду атроф мебошад. Ин роҳ бо камбудии яктарафа ва ифодаи ғайри мукамал мушкилӣ эҷод менамояд. Дар асоси он натиҷаҳои назаррас ба даст овардан номумкин аст. Чунки кӯдакон норасоии ҷисмонию рӯҳидошта дар ҷараёни мутобиқшавӣ на танҳо барои дарки маводи таълимӣ кӯшиш мекунанд, балки онҳо субъекти фаъоли донишомӯзи низ ба шумор мераванд. Усули дуюм, ғайр аз тайёрии ҳар як фард барои ворид шудан ба муносибатҳои ҷомеа, муассиаҳои махсус, дар ҷомеа фаъолият менамоянд қабули чунин кӯдаконро барои тарбия ва ислоҳдарорӣ пешбинӣ мекунанд. Самти якум, дар солҳои охир дар Россия бомувафақият амалӣ шудааст, аммо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳам бо мададу дастгирии мутахассисони Россия марказҳои махсус бо бачагони имкониятҳои маҳдуди ҷисмонидошта якчанд сол аст, ки фаъолият доранд.

Аз тачрибаи ба даст овардаи давлатҳои мутараққӣ бармеояд, ки сифати асосии методологии кӯшиши кӯдакони имкониятҳои маҳдуд ба низоми таълимӣ махсус дар асоси принсипи баробарҳуқуқӣ ва имкониятҳои аз худ намудани донишҳо вобаста мебошад, ки масъалаи мазкуро дар ҷадвали №3 тавсиф додаем.

Маълум аст, ки самаранокии кӯшиши иҷтимоӣ бештар аз сатҳи тадбиқи боз як принсипи дигар баробаркунонии (баробарҳуқуқии) манфиятҳои иҷтимоии кӯдакони имкониятҳои маҳдуди саломатидошта барои ислоҳшавӣ, рӯшдёбӣ кафолат дода мешавад. Аммо, ҳама вақт ба шахсоне, ки имкониятҳои маҳдуди саломатию, ҷисмонӣ доранд, табобат гирифтан ва таълим омӯхтан муяссар намегардад. Барои он, ки бачагон дар оила, ҷомеа ва ҳаёти шахсӣ ба муваффақиятҳо ноил гарданд принсипи арзиши муҳими ҳаёти доштан зарур аст. Бидуни ба назар гирифтани арзишҳои муҳими ахлоқи умумибашарӣ шахсияти комилро тасаввур кардан номумкин аст. Арзиши зиндагӣ ба талаботи фард барои риояи ҳуқуқи шахсони имкониятҳои маҳдуди

саломатидошта муҳити солим ва шароитҳои заруриро барои қонеъгардонии талаботи онҳо муайё сохтан зарур аст. Баланд бардоштани мазмуни ҳаёти кӯдакони норасоии ноқисии ҷисмонию рӯҳидошта метавонад ба воситаи принсипи ҷомеасозӣ (ҷомеаҳои бачагон) мавқеи фаъоли иҷтимоӣ пайдо карда ба суст рушд ёфтани давраи ҳаётӣ таъсири мусбӣ мерасонад. [3, с. 177-179]

Ҷадвали 3

Базаи методологии кӯшишҳои имконҳои маҳдуди саломатӣ

№	Принсипҳои методологии саъю кӯшиши муваффақшудан ба ҳуқуқҳои худ	Гузоришу муфассал гардонидани принсипҳо
1	Таъмини ҳуқуқҳои баробару имкониятҳо дар азхудкунии таълим ва дониш	Ба дигарон дастрасии умумии таълим
2	Ба ҳамаи кӯдакон додани таълими якхела	Манфиятҳои иҷтимоии шахсони нуқсондор ва кафолати баробарии онҳо дар таълим
3	Арзиши ҳаёт	Ба назар гирифтани талаботи мусоид барои қонеъгардонии талабот
4	Иҷтимоикунонии ибтидоӣ, мактабӣ - касбӣ, фаъолнокии меҳнатӣ	Ташаккулёбии маҳоратҳои ҳаётӣ, мустақилона, муоширатҳои байнишахсӣ ва тайёрии фаъолияти касбӣ

Дар ин ҳолат дар зери мафҳуми иҷтимоишавӣ маҷмӯи ҳамаи ҷараёнҳои иҷтимоӣ фаҳмида мешавад, ки тавассути онҳо фард донишҳои муайянро аз худ мекунад, меъёру арзишҳоро ба вуҷуд меорад. Ин ба ӯ имкон медиҳад, ки ба сифати аъзои баробарҳуқуқи ҷомеа баромад намояд ва нақшаҳои иҷтимоию меъёрҳои маънавиро аз худ кунад. Барои ҳамин мақсади асосии низоми таълими кӯдакони нуқсондор имконияти пурраи ҷомеаи бачагон мебошад. Яъне, ташкил додани корҳои иловагӣ бо бачагони сустхон, ноқисиҳои зеҳнию ақлонидошта ва аз ҷиҳати фикри қафомонда ва ғайраҳо заруриятро ба вуҷуд овард. [7, с. 77-81]

Ҷадвалӣ № 3. Нақшаи иҷтимоишавии шахсияти бачагони имкониятҳои маҳдуди саломатӣ дошта.

Рафти иҷтимоишавӣ дар давоми ҳаёти инсон ба амал меояд ва дар се соҳа амалӣ мегардад. Дар рафти фаъолият маҳорату малакаҳо инкишоф меёбанд ва дар фаъолият онҳо амалан тадбиқ меёбанд. Дар рафти муошират, ки дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти инсонӣ пайдо мешавад, маҳорати алоқаи байниҳамӣ инкишоф меёбад, махсусан, маҳорати бо дигарон муносибат кардан; дар худшиносӣ шуур ва дарки худ, дигарон баҳои дуруст додан, сифатҳои худ, камбудиҳою бартариҳо, имкониятҳо, дар ҷомеа ягон нақшеро иҷро намудан ба ташаккулёбии шахсияти онҳо таъсири мусбат мерасонад. Барои амалӣ намудани тарбия ва таълими аз як муассиаи таълимию табобатӣ ба дигар муассисаи табобатию таълимӣ интиқол додани бачагони синни томактабӣ ташаккул додани маҳорату малакаҳои муошират намудан, якдигарфаҳмӣ, фаъолияти якҷоя тайёр будан барои қабули бачагон дарки хусусиятҳои онҳо бисёр муҳим аст. Асоси мавқеи онҳоро баробарҳуқуқӣ ташкил медиҳад. Ҳалли бо муваффақияти масъалаи тарбияи ягона аз самаранокии кӯшиши кӯдакони нуқсондор ва муоширати онҳо бо ҳамсолон ва калонсолон вобаста аст. Зеро аз худ намудани арзишҳои умумибашарӣ барои идоракакунии рафтори худ ва дигарон зарур аст. Риояи қоидаҳои меъёрҳои иҷтимоии муошират дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти кӯдакон пешбинӣ шудаанд: дар оила, мактаб, дар кӯча ва ғайра, ки имконият медиҳад, ки мавқеи фаъоли бачагонро дар ҷомеа ташаккул диҳад. Муҳити иҷтимоӣ ба маданияти маънавии бачагон ва норасоии зеҳнию ақлонии онҳо таъсири манфӣ мерасонад. Муқаррар шудааст чӣ қадаре, ки кӯдакони нуқсондор калон шудан гиранд ҳамонқадар шавқу ҳаваси онҳо нисбат ба дарки ашёҳо, ҳодисаҳо ва муоширати олами инсонӣ боз ҳам зиёдтар мегардад. Қобили зикр аст, ки дар муносибатҳои ҷинсӣ ҳам тафовутҳои фардӣ ба назар мерасанд. Духтарҳо нисбат ба бачагон бештар ба муҳити иҷтимоӣ мутобиқ мешаванд. Шаклҳои норасоии зеҳнию ақлонии бачагон гуногун буда, саъю кӯшиши онҳо дар даврахои гуногуни синнусолӣ тағйир меёбанд. Ҳамин гуна кӯшиш ба муҳити ягонаи ҳамсолон, воридшавии бачагон аҳамияти муҳими тарбиявӣ дорад. Ноқисӣ пайдо кардани амалҳои норасоии зеҳнию ақлонӣ дар ҳамаи синнусол мушоҳида карда мешавад. Бо калонсолон дар ҳамгироӣ будан ба маданияти ҳамсолон асосан дар айёми давраи томактабӣ назар ба синни мактабӣ бо муваффақият гузашта, нақши асосиро дар он калонсолон ва кӯдакон мебозанд. Яке аз шартҳои асосии кӯшиши кӯдакони нуқсондор ба маданияти ҳамсолон ва ислоҳӣ бачагон аз як муассисаи ислоҳотии тиббию таълимӣ ба дигар муассиса

интиқол додан аҳамияти калон дорад. Дар ин бобат якдигарфаҳмӣ, ҳурмату иззати якдигаро бачо овардан, фаъолияти якҷоя барои бо ҳам мутаҳидшавии бачагон мусоидат менамояд.

АДАБИЁТ

1. Актуалные проблемы диагностки задежкий психического розвития детей / Под ред. К.С. Лебидинской. М., 1982 – 310 с.
2. Албрехт Э.Я. //Психолого - педагогичыская характерстыка нарушеныи паведения у подрусков, страдающых олигофренией., М.,1976. –124 с.
3. Мустафоқулов Т // Психологияи махсус Душанбе - «Империал-Групп» 2015. – 208 с.
4. Алиев М.Т. //Муошират ва моҳияти психологии он дар раванди машварати психологӣ. Дар мачӯаи илмии «Рӯшди психологияи амали дар Точикистон» мушкилот ва дурнамои он. Донишгоҳии миллии Точикистон Душанбе, 2013. - С.17-23.
5. Ананьев Б.Г. //Избранные психологийчикые туруды: В. 2т. М., 1980. 1, 2, том. 244 с.
6. Анохин П.К. //Избранные туруды: философсикые аспекты теории функцыоналной системы. М., 1978. Сах - 378
7. Б. Раҳимов //Асосҳои педагогикаи коррексионӣ (ислоҳӣ). – Душанбе, 2012. – 256 с.
8. Бардыйшевская М.К., Лебеднский В.В. Диагностика эмотционалных нарушений у детей. М., 2003. – 164 с.
9. Бардыйшевская М.К., Развитие привязанностий у эмотционально депривированных детей // Дефектология. 2006, №1. 188 с.
10. Бардыйшевский М.К., Тренина М.Ю. Особеннсти влечений у детей с аффективной неустойчивостью // Вопросы психологии, 2008, №3.
11. Қонуни ҷумҳурии Точикистон дар бораи маориф ш. Душанбе, 22 июли соли 2013, № 1004. 258 с.

РОЛЬ СПЕЦИАЛИСТОВ В РЕШЕНИИ ПРОБЛЕМЫ ПЕРЕВОДА ИЗ ОДНОГО МЕДИЦИНСКОГО УЧРЕЖДЕНИЯ ДЕТЕЙ С ОГРАНИЧЕННЫМИ ВОЗМОЖНОСТЯМИ В ДРУГОЕ

В статье основное внимание уделяется ключевому направлению долгосрочного подхода к системе всеобщего и специального образования на всех ее уровнях: дошкольным, общеобразовательным и профессиональным школам. Комплексное образование является одной из форм общего образования, отвечающая основном теребованием закона: первичные реформы, правильный психологический и медико-педагогический выбор детей для инклюзивного образования и создание профессиональной системы. Положительныерезультата обучения детей с ограниченными физическими возможностями, вместе со здоровы детьми, зависят от усилий каждого ребенка и его образования.

***Ключевые слова**: дети, слабый интеллект, ограниченные возможности, инструкции, направит, изменение, мышление, формы, инклюзивное образование, интеллект.*

THE ROLE OF SPECIALISTS IN SOLVING THE PROBLEM OF TRANSFERRING CHILDREN WITH DISABILITIES FROM ONE MEDICAL INSTITUTION TO ANOTHER INSTITUTION

This article deals with the key direction of the long-term approach to the universal and special education system of all its levels: pre-school, general, and professional schools. Also comprehensive education is one of the forms of general education that is the main rule of law: primary reforms, the correct psychological - medical and pedagogical choice of children to inclusive education and the establishment of a professional system. Attempts to train children with limited physical abilities, primarily for children who are healthy, depends on the efforts of each child and his or her education.

***Keywords**: children, weak intellect, limited possibilities, instructions, direct, change, thinking, forms, inclusive education, intellect.*

Сведения об авторе:

Дар тадқиқоти М.М.Поташник “Эҷоди педагогиро чӣ тавр бояд инкишоф дод” (Как развивать педагогическое творчество) дар заминаи таҳлили таҷрибаи пешқадами педагогӣ роҳҳо ва воситаҳои инкишофи нерӯи эҷодии омӯзгор баррасӣ мешаванд. Дар фасли “Омӯзгори эҷодкор – хонандаи эҷодкор” ӯ менависад: “Ба ҳама маълум аст: ягон кӯдаки солиме нест, ки дар сиришташ имконоти эҷодӣ набошад. Шарти муҳим, воситаи муайян кардан ва инкишоф додани онҳо – омӯзгори эҷодкор” [16]

Кадом сифатҳои мушаххаси омӯзгори эҷодкор имкон медиҳанд, ки нерӯи (потенсиал) эҷодии хонандаро ошкор намуда, инкишоф дода шаванд? Ҳангоми ҷавоб додан ба ин савол муаллиф бо муҳаққиқ В.Пинин ҳамфикр мегардад, ки чунин сифатҳоро муайян кардааст: пеш аз ҳама, ҳадафмандӣ барои ташаккули шахсияти эҷодии мактаббача, одоби педагогӣ, қобилияти эмпатия (ҳамдардӣ), аз ҷониби омӯзгор таҳсину дастгирӣ шудани тахайюли кӯдак, қобилияти санъаткорӣ, ҳозирҷавобиву ҳазлгӯӣ, маҳорати додани саволҳои ғайриинтизор, мутаноқиз (парадокси), шавқовар, фикр кардани вазъияти проблемавӣ, маҳорати барангехтани саволҳои бачагон.

Ба андешаи муаллифи мазкур ҳадафмандӣ барои ташаккули шахсияти эҷодии мактаббачагон на ба таври тасодуфӣ, ғайримуташаккил ошкор кардани нерӯи кӯдак, балки интихоби махсуси чунин муҳтаво, методҳо, шаклҳо, воситаҳо, фароҳам овардани чунин шароити таълиму тарбияро пешбинӣ менамояд, ки барои ҳар чи зудтар ошкор намудан ва пурра инкишоф ёфтани нерӯи эҷодии шахсият мусоидат мекунанд.

Муҳаққиқи маъруф шартҳои зарурии инкишофи эҷоди омӯзгоронро низ муайян кардааст. Ба андешаи ӯ шартҳои муҳимтарин инҳоянд: Якум, таъмини вақти холии омӯзгорон тариқи суръат бахшидан, дуруст ба роҳ мондани раванди таълим, ташкили илмии он, ки барои сарфаи вақти корӣ ва мувофиқ кардани он ба нишондиҳандаҳои меъёрӣ нигаронида шудаанд. Дувум, ба вучуд овардани пойгоҳи мувофиқи таълимию моддии мактаб. Севум, фароҳам овардани фазои мусоиди ахлоқию психологӣ дар мактаб, ки на танҳо набудани низоъҳо дар коллектив, балки дастгирӣ ва инкишофи ҷустуҷӯҳои эҷодии омӯзгорон, бақайдгирии рушди эҷодкории омӯзгорро дар бар мегирад. Чорум, дуруст ба роҳ мондан ва ташкил кардани кори методии омӯзгорон. Панҷум, барои инкишофи эҷоди омӯзгорон таҳрикбахшии он аҳамияти махсус дорад. Он бояд бо тамоми низоми чорабиниҳои ҳавасмандгардонии маънавӣ ва моддӣ, ташкили мусобиқа, озмунҳои эҷоди омӯзгорон ва албатта, аттестатсияи омӯзгорон таъмин гардад.

Мотивҳои фаъолмандии эҷоди омӯзгорон ва устоҳои таълими истеҳсолии Омӯзишгоҳи

касбию техникиро омӯхта, ӯ муқаррар кард, ки дар рушди касбӣ чунин мотивҳое, аз қабили кӯшиши аз хонандагон ба воя расонидани инсонҳои ҳақиқии барои ҷомеа фоидаовар, аз рӯйи вичдон кор кардан ва эҳтиёҷ барои таваҷҷуҳи хайрхоҳона ба комёбиҳо аз ҷониби маъмурият ва ҳамкорон ва ҳамчунин мотивҳое, ки эҳтиёҷро барои эҷод ва худсобиткунӣ нақши асосӣ доранд.

Мавсуф муқаррар кард, ки шакли муассиртарини баланд бардоштани сатҳи тахассус, ки фаъолияти эҷодкоронаи омӯзгоронро таҳрик мебахшанд, дарсҳои кушод, ҳамкории ғайрирасмии эҷодии бо ташаббуси худи педагогҳо амалишаванда ва кори мустақилона барои худомӯзӣ мебошанд.

Муоширати ғайрирасмии аъзои коллективи педагогӣ низ катализатори пурқуввати фаъолмандии эҷодӣ мебошад, ки бидуни дахолати бевоситаи маъмурият сурат мегирад. Он аз бисёр шаклҳои расман муқарраршудаи кори методӣ, аз ҷумла кори иттиҳоди методии омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ ва шӯроҳои педагогӣ бартарӣ дорад.

Муҳаққиқ ба хулосаи муҳиме мерасад, ки фаъолмандии эҷодии педагогҳо ба тамоми унсурҳои низоми кор ва ташкили кори методӣ, фазои маънавию психологӣ, амалиёти муттафиқонаи роҳбарон ва серталабии онҳо, махсусияти ҳайати хонандагон, пойгоҳи таълимию моддӣ ва ғ. вобаста мебошад. Бинобар ин, комёбӣ танҳо дар ҳамон ҷойе имконпазир аст, ки масъалаи эҷоди педагогӣ ба таври комплексӣ ҳал мегардад.

Муаллифи китоби “Дар бораи кори эҷодии омӯзгор” (О творческом труде учителя) В.С.Митинев хусусиятҳои меҳнати эҷодии омӯзгорони деҳотро ҷамъбаст карда, чунин менависад: “Таҳрикбашандаҳои асосии фаъолияти эҷодии инсон истеъдод, меҳнатдӯстӣ ва ҳадафмандӣ мебошанд. Барои педагог самимият, хоксорӣ, содарафторӣ ва муҳаббат ба бачагонро низ илова бояд кард” [8].

Дар бораи кори якҷояи эҷодии омӯзгор ва хонандагон дар таълим сухан ронда, ӯ таъкид менамояд, ки бачагон эҷодкорӣ, мустақилона иҷро кардани корҳоро дӯст медоранд. Ба бачагон чунин супоришҳое бояд дод, ки аз онҳо ташаббускорӣ, фикрронӣ (андешаҳо ва ҷустуҷӯҳои эҷодӣ). Ҳар як кор бояд то ҳадди имкон зебо (аз нигоҳи худи бачагон) бошад ва онҳоро ҳамчун офаридаи мукаммал қонеъ гардонад.

Ба самтгирии фаъолияти эҷодии педагогӣ омилҳои на танҳо шахсиятӣ, субъектӣ, балки объективӣ низ таъсир мерасонанд: ҷинс, синну сол, собиқаи бефосилаи кор, навъи мактаб, самти кор ва ғ.

Аз рӯйи маълумоти тадқиқот ба омӯзгороне, ки дар тинаташон эҷодкорӣ вуҷуд дорад, одатан устувории эмотсионалӣ ва мустақилият хос буда, дар муошират озод, самимиву кушодчеҳра мебошанд, ҳазлу шӯхиро мефаҳманд ва некбин ҳастанд. Онҳо зуд ва озодона ба муҳити нав мутобиқ мешаванд, аз фаъолияташон қаноатманданд, барои инкишофи худ ва бачагон кӯшиш мекунанд, тарафдори тарбия деморатианд. Маъмулан, чунин омӯзгорон касби омӯзгориро қадр менамоянд ва аз он даст кашиданӣ нестанд.

Аз ҷиҳати хусусиятҳои синну сол ҳадафмандии омӯзгорон асосан дар солҳои камолоти онҳо – баъди сисолагӣ зуҳур меёбад, пас аз панҷоҳсолагӣ кӯшиши ҷустуҷӯй коҳиш меёбад. Онҳое, ки аз панҷоҳ гузаштаанд, ба монанди ҷавонон – омӯзгорони камтаҷриба аз методҳои авторитарии тарбия истифода мебаранд; ба фаъолияти меъёрӣ, қолабӣ майл дошта, аз хонандагон фармонбардории бечунучароро талаб мекунанд. Агар омӯзгорони ҷавон, ба андешаи олимон, бо ҳамин роҳ нобоварӣ ба худ, бечуръатӣ, каммаҳоратиро ҷуброн карданӣ шаванд, омӯзгорони солхӯрда чунин тарзи рафтор бо таъсири муҳити мактаб, шароити меҳнати педагогӣ шакл мегирад.

Нақши тахассусро дар ташаккули шахсияти педагог омӯхта, муҳаққиқон ошкор карданд, ки омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ аз дидгоҳи эҷодкорӣ баробар нестанд. Тавсифи нисбатан мусбатро аз ин лиҳоз методистони бахши кори таълими синфҳои ибтидоӣ дороянд. Дар онҳо тафаккури абстрактӣ, тахайюл бештар инкишоф ёфтааст. Онҳо дар муошират озоданд, ба фаъолияти зеҳниву методӣ майлу рағбат доранд, барои қабул кардани чизҳои нав ва пешқадам тайёранд. Дар бархе аз омӯзгорон ин хусусият дар мавриди фаъолияти методӣ мушоҳида гардид ва ҷолиб аст, ки он бо мурури солҳо тақвият меёфт. Дар гурӯҳи дигари омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ нерӯи эҷодӣ меафзуд, агар онҳо ҳар се фанро баробар таълим диҳанд. Тибқи хулосаи муаллифони китоб, ба 18,2% омӯзгорони гурӯҳи дар боло номбаркардаи синфҳои ибтидоӣ самтгирии ҳаматарафа ташаккулёфтаи эҷодии педагогӣ хос мебошад.

Аз рӯйи ихтисосҳои дигар чунин манзара мушоҳида мешавад: забоншиносон – дорои хислатҳои хуби ташкилотчигӣ буда, ба муошират майл доранд, омӯзгорони фанни меҳнат нисбат ба фаъолияти фанниву методӣ дар муошират бештар эҷодкоранд, дар омӯзгорони тарбияи бадеӣ бисёрсамтии ҷустуҷӯйҳои эҷодӣ ба қайд гирифта шуд.

Ҳамин тавр, нуктаҳои зикршуда аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки омӯзгори муосирро ба фаъолияти серпаҳлӯ ва муошират ҷалб бояд кард, доираи майлу рағбатҳои ӯро васеъ карда, ба идеал – шахсияти ҳаматарафа инкишофёфта наздик бояд намуд.

ЛИТЕРАТУРА

1.Абдуллаев С. Развитие высшего образования в Таджикистане.– Худжанд, 1996, - 238 с.
2.Волков И.П. Учим творчеству: Опыт работы учителя труде и рисования С Ш № 2 г. Реутова Московский обл. – Москва Педагогика, 1982. – 188 с.
3.Давыдов В.В. Виды обобщения в обучении. Москва, 1996. – 276 с.
4.Загвязинский В.И. Педагогическое творчество учителя, Москва, Педагогика, 1987.
5.Ильенков Э. В. Что такое личность. В кн.: С чего начинается личность. П., 1979.
6.Луначарский А.З. О воспитании и образовании. Под ред. А.М. Арсеньева и др.: Сост. Э.Д. Днепров, К.С. Еринова Ф.С. Озерская. Москва, Педагогика, 1976. – 640 с.
7.Макаренко А.С. Избранные педагогические: В 2 т. Т.1. Под ред. И.А. Каирова, В.М. Короткова, В.Т.Лихачева; Сост. Л.Ю. Гордин. Москва, Педагогика, 1977. – 397 с.
8. Митинев В.С. О творческом труде учителя. М., 1962.
9.Петровский А.В. Психология развивающейся личности. Москва, «Педагогика», 1987. – 42 с.
10. Педагогическая энциклопедия. Москва Сов. энциклопедия,1968. Т.4. – 415 с.
11. Полякова Т.С. Анализ затруднений в педагогической деятельности начинающих учителей. – Москва, Педагогика, 1983. – 128с.
12. Поташник М.М. Как развивать педагогическое творчество. Москва, Знание, 1987. – 82 с.
13. Рубинштейн С.Л. Основы общей психологии. – СПб., 2002. – 705 с.
14. Сластенин В.А. О подготовке студентов к творческому рвению воспитательных задач. Совершенствование подготовки студентов педвуза к воспитательной работе. Москва, 1980.
15. Теплов Б.М. Избранные труды. В 2т. – Москва, 1985. – 208 с.
16. Тряпицина А.П. Организация творческой учебно – познавательной деятельности школьников Л., ЛГПИ им. А.И.Герцена, 1989. – 76 с.
17. Ушинский К.Д. Педагогические сочинения. Москва, «Педагогика», 1986. – 527 с.
18. Эльконин Д.Б. Психология игры. – Москва, 1978. – 196 с.

ПЕДАГОГИЧЕСКОЕ ТВОРЧЕСТВО КАК СОВМЕСТНАЯ ДЕЯТЕЛЬНОСТЬ УСИТЕЛ И УЧАЩИХСЯ В ПРОЦЕССЕ ОБУЧЕНИЯ

Статья посвящена одной из актуальных проблем педагогики – формированию творческой деятельности учителя начальных классов в процессе обучения и воспитания. Одним из важных факторов повышения качества образования начальных классов является творческая деятельность педагога. Автором отмечено о роли педагогического творчества учителя в обучении и воспитании младших школьников. В статье представлена творческая характеристика компонентов деятельности учителя начальных классов, раскрыта понятия «педагогическое творчество», «педагогическое мастерство», «педагогические умения». Статье указывается о необходимости обладания учителем знаний, умений и навыков как о важном факторе в учебно-воспитательном процессе. Также, автор глубоко анализирует и освещает творчества учителя, его объективную и субъективную творческую деятельность педагога, приводит взгляды великих ученых- психологов о совместной творческой деятельности учителя и учащихся в процессе обучения. В статье автор для формирования творческих способностей учителя предлагает несколько путей и форм, а именно, налаживание межличностных отношений в коллективе младших школьников, во –вторых, о роли общения среди школьников, в-третьих, творческий поиск учителя младших классов.

***Ключевые слова**: творческое отношение, педагогическая совместность, творческая способность, творческое мышление, учебный процесс, творческие направленность, педагогическая творчество, творческий потенциал, профессиональный компетентност, профессиональная подготовка, педагогический инновация, эмоциональное отношение.*

PEDAGOGICAL CREATIVITY AS A JOINT ACTIVITY OF PERSONNELS AND STUDENTS IN THE PROCESS OF EDUCATION

This article deals with one of the urgent problems of pedagogy – the formation of the creative activity of primary school teachers in the process of training and education. One of the important factors in improving the quality of education in primary classes is the creative activity of a teacher. The author noted about the role of teacher's pedagogical creativity in the training and education of younger schoolchildren. The article presents a creative description of the components of the activity of a primary school teacher, the concept of "pedagogical creativity", "pedagogical skill", "pedagogical skills" is revealed. The article reveals the need for the teacher to possess knowledge and skills as an important factor in the educational process. The author also deeply analyzes and highlights the creativity of the teacher, his objective and subjective creative activity of the teacher, gives the views of the great scientists and psychologists about the joint creative activity of the teacher and students in the learning process. In the article, the author suggests several ways and forms for the formation of a teacher's creative abilities, namely, the establishment of interpersonal relations in a group of younger schoolchildren, in the second role of communication among schoolchildren, and thirdly, a creative search for a teacher of primary school.

Keywords: *creative attitude, pedagogical education, creative ability, creative thinking, educational process, creative orientation, pedagogical creativity, creative potential, professional competence, professional training, pedagogical innovation, emotional relationship*

Сведения об авторы:

Гаибов Камолиддин Шарофиддинович - *преподаватель кафедры педагогики и психологии профессиональное деятельности педагогическое факультета Худжандского государственного университета имени академика Б.Г.Гафуров (Республики Таджикистан, г.Худжанд), E-mail: gaibov-87@mail.ru*

About the author:

Goibov Kamoliddin Sharofiddinovich - *the teacher in the Department of pedagogics and psychology of professional activity of Khujand State University named after academician B.Gafurov (Republic of Tajikistan, Khujand city), E-mail: gaibov-87@mail.ru*

МЕТОДИКАИ ОМӮЗИШИ ЧОРКУНҶАҲО ДАР КУРСИ ГЕОМЕТРИЯИ МАКТАБӢ

Сироҷиддини Д., Парвинаи У., Шарипов С.

Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А.Рӯдакӣ

Чоркунҷаҳо яке аз мавзуҳои асосии курси геометрияи мактабӣ мебошад. Омӯзиши мукаммали он имкон медиҳад, ки масъалаҳои амалии ба он алоқамандро ба осонӣ ҳал намоем. Инчунин омӯзиши чоркунҷаҳо барои дар курси стереометрия таҳлим додани бисёррӯяҳо заминаи воқей мешаванд. Маълумотҳои дар китобҳои дарсӣ овардашуда барои омӯзиши мавзӯъ дар доираи барномаи таълимӣ кифоя мебошанд. Барои хонандагон қобилияти хуб доранд. Омӯзиши мукаммали мавзӯъ лозим мешавад. Аз ин рӯ, тасмим гирифтем, ки доираи мавзӯро васеъ намуда, онро тавассути методикаи муосир тадқиқ намуда, пешниҳод намоем.

Чоркунча

Таърифи 1. Хати шикастаи сарбастаи соддаи чор қисм доштаро чоркунҷа меноманд.

Таърифи2. Порчае, ки ду қуллаи муқобилаи чоркунҷаро пайваст мекунад, диагонали чоркунҷа ном дорад.



Таърифи 4. Дар чоркунҷ суммаи дарозии тарафҳоро периметр меноманд.
P = AB + BC + CD + AD[1]

Параллелограмм

Таъриф:Чоркунҷае, ки тарафҳои муқобилаш ҷуфт – ҷуфт параллеланд, параллелограмм номида мешавад.



Таъриф: Порчае, ки аз қуллабатарафи параллелограмм перпендикуляр фаровардашудааст, баландии параллелограмм ном дорад. h – баландӣ, АВСД – параллелограмм a ва b тарафҳо **Суммаи дарозии тарафҳои параллелограмм периметри параллелограмм номидашуда, бо формулаи** $P = 2(a + b)$ ҳисоб карда мешавад. Ҳолатҳоихусусии параллелограмм росткунҷа, квадрат ва ромб мебошад. Суммаиквадратҳоидиагоналҳои параллелограмм ба ду чандаи суммаи квадратҳои тарафҳояш баробараст: $d_1^2 + d_2^2 = 2(a^2 + b^2)$

Росткунҷа

Таъриф: Параллелограмме, киҳамаикунҷҳояш рост астросткунҷаменоманд.

Ишораҳо: a, b – тарафҳо, АВСД – қуллаҳо. АС $= d_1$, ВД $= d_2$ – диагоналҳо. φ – кунҷи байни диоганалҳо. Ҳамаихосиятҳои параллелограмм бароиросткунҷаиҷромешавад.

Хосиятҳо: Ростунҷа чоркунҷаи барҷаста аст.

2.Диагоналҳоиросткунҷабаробараст.

3.Тарафҳоиросткунҷабаландии он аст.

4.Диагоналҳоиросткунҷа дар як нуқтабуридамешавандва дар ин нуқта ба духиссаи баробар тақсим мешаванд.

5.Диагонали росткунҷа онро бо ду секунҷаи росткунҷаи баробар тақсимменамояд. 6.Суммаи ба як тараф часпидаи кунҷҳо ба 180^0 баробараст.

7.Суммаи кунҷҳои росткунҷа ба 360^0 баробараст.

8.Диагоналҳои росткунҷа онро бочор то се кунҷа ҷудомекунад.

9.Кунҷҳоимуқобилҳобидаиросткунҷабаробаранд.

10.Ҳаммаи кунҷҳои росткунҷа баробаранд ва $\angle A = \angle B = \angle C = \angle Д = 90^0$ аст.

11.Квадрати диагоналҳои росткунҷа ба суммаи ду тарафи ба ҳам муқобил набудаи он баробараст.

12.Дар росткунҷа дутарафи аз як қулла баромадагӣ, бар ва дарозӣ номида мешавад.

$a||c, b||d;\ a = c, b = d. d_1 = d_2$

$\alpha = \beta = \gamma = \delta = 90^0 d_1^2 = a^2 + b^2$

Аломатҳои росткунҷа, ки аз параллелограмм фарқ мекунад. 1.Агар дар параллелограмм яке аз кунҷҳо рост бошад, ингуна параллелограмм росткунҷааст. 2. Параллелограмме, кидиоганалҳояшбаробарастросткунҷамебошад.

Квадрат

Таъриф: Росткунҷае, ки ҳамаи тарафҳояш баробараст, квадрат номида мешавад. Росткунҷа параллелограмм мебошад, бинобарин квадрат ҳам параллелограммаст, ки тарафҳояш баробар, яъне ҳамро шуда метавонад. Квадрат ҳамаи хосиятҳои росткунҷа ва ромбродорост.



Хосиятҳои квадрат

1.Ҳамаи кунҷҳои квадрат ростанд. $\angle A = \angle B = \angle C = \angle Д = 90^0$ 2. Диагоналҳои квадрат баробаранд. АС = ДВ 3.Диагоналҳои квадрат перпендикуляранд. АС $\perp$ ДВ 4. Диагоналҳои квадрат ҳамдигарро бурида, дар нуқтаи буриш ба ду қисми баробар тақсим мешаванд: ОА = ОС = ОД = ОВ 5. Диагоналҳои квадрат биссектрисаҳои кунҷҳои муқобиланд. Диагоналҳои квадрат онро ба чорсекунҷаҳои росткунҷаҳои баробарпаҳлӯ ҷудо мекунанд:

$\Delta_{АОВ} = \Delta_{ВОС} = \Delta_{СОД} = \Delta_{ДАО}$ 6. Тарафҳои муқобил хобидаи квадрат баробар ва параллеланд. АВ = ДС, АВII ДС, 7. Диаганалҳои квадрат онро ба ду се кунҷаи росткунҷаи баробар паҳлӯ ҷудо мекунад. 8. Квадрат чоркунҷаи барчастааст. 9. Суммаи дукунҷи ба як тараф часпидаи квадрат ба 180^0баробараст. $\angle A + \angle B = \angle B + \angle C = \angle C + \angle Д = \angle Д + \angle A = 180^0$ 10. Суммаи кунҷҳои квадрат ба 360^0баробараст. [2]

$\angle A + \angle B + \angle C + \angle Д = 360^0$

Периметри квадрат

Периметри квадрат ба Р= 4а баробараст, а тарафи квадрат. **Муносибатҳо:** $d_1 = d_2 = \sqrt{2}a;\ d_1 \perp d_2$

РомбТаъриф: Параллелограммест, киҳамаитарафҳояшбаробараст, ромб номидамешавад. Ромб калимаиюнониигombos – бубен, будатарҷумаашдаф, доира.



Ро мб, ки як намуди параллелограмм аст, ҳамаи хосиятҳои параллелограммро дорост.

Хосиятҳо:

1.Тарафҳои муқобилхобида баробар ва параллеланд. АВ = ВС = СД =ДА ва АВIIСД, АД IIВС 2. Диагоналҳои ромб биссектрисаҳои кунҷҳо буда, бо ҳам перпендикуляранд. $AC \perp$ВД 3. Диагоналҳои ромб дар таҳтикунҷи рост ҳамдигарро мебуранд ва дар нуқтаи буриш ба дуҳиссаи

баробар тақсим мешаванд. 4. Суммаи квадратҳои диагоналҳо ба чорчандик ва дратитарафи он баробараст. $d_1^2 + d_2^2 = 4a^2$**Периметр:** Периметри ромб баҳосили ҷамъи дарозии тарафҳо ё ба як чорчанди тарафи он баробараст. [3]

P = AB + BC + СД + ДА ё P = 4a

Трапетсия

Таъриф: Чоркунҷае, ки ду тарафаш параллел ва дутарафаш параллел нест, трапетсия номида мешавад. А,В,С,Д – қуллаҳо, ВСПАД – асосҳо ва АС ва ВД – диагоналҳо.



Элементҳои трапетсия: 1. Тарафҳои параллел (ВС ва АД) – асосҳо номида мешаванд. 2. Тарафҳои параллел набуда (АС ва ВД) – тарафҳои паҳлӯи номида мешавад. 3. Масофаи байни асосҳо баландии трапетсия номида мешавад. 4. Порчае, кимиёна ҷои тарафҳои паҳлӯиро мепайвандад, хатимиёнаи трапетсия номидамешавад.

Намудҳои трапетсия: 1. Трапетсияе, ки тарафҳои паҳлӯяш баробараст, трапетсияи баробар паҳлӯ номида мешавад. АВ = СД 2. Трапетсияе, ки яке аз кунҷҳояш рост аст, трапетсияи ростқунҷа номида мешавад.

Хосиятҳои трапетсия:

1.Суммаи кунҷҳоиба як тарафи паҳлӯи часпида ба 180^0баробараст.

$\angle A + \angle B = \angle C + \angle Д = 180^0$ $\angle A + \angle B = \angle Д + \angle C = 180^0$

2.Трапетсиячоркунҷаибарҷастааст.

3. Диаганалҳои трапетсия ҳамдигарро дар як нуқтамебуран, вале ба ду ҳиссаи баробар тақсим намешаванд.

4.Суммаи кунҷҳои трапетсия ба 360^0 баробараст.$\angle A + \angle B + \angle C + \angle Д = 360^0$5. Трапетсия дуто диоганал дорад. Диоганали трапетсия онро ба ду секунҷа тақсим мукунад.

6.Диагоналҳои трапетсия дар нуқтаи буриш онро ба чор секунҷаҳо тақсим менамояд.

7.Диагоналҳои трапетсияи баробар паҳлӯ баробаранд.

8. Кунҷҳои назди асосҳои трапетсияи баробар паҳлӯ баробаранд.

9.Дар трапетсияи роскунҷа танҳо яке аз кунҷҳо тез мебошад. Дар атрофии трапетсияи баробар паҳлӯ давра кашидан мумкинаст.

10.Агар суммаи асосҳои трапетсия ба суммаи тарафҳои паҳлӯи баробар бошанд, онгоҳ дар дохили он давра кашидан мумкинаст. Бовари дорем, ки хонанда ҳангоми бочунин дарс омӯхтани мавзӯъ нисбати он маълумотҳои мукаммалро соҳибгардида, донишҳои андӯхтаи худро дар амалия бо таври васеъ истифодамебарад.[2]

АДАБИЁТ

1. А.В.Аогорелов. Геометрия: китоби дарсӣ барои хонандагони синфҳои 7-11 мактаби миёна. – Нашри 5- ум. – Душанбе: Маориф, 1990 – 70 с.
2. Давронов Ҳ. Н., Раҳмонов М.Н, Халиқова У.Н., Норбобоев С.М.Маводитетӣ аз математика. Душанбе соли 2017. - С.295-304
3. Усто Бурҳонов, Ҷумъа Шарипов. Геометрия: китоби дарсӣ барои хонандагони синфи 8 – уми массисаҳои таҳсилоти умумӣ. Нашри сеюм. Душанбе «БЕБОКОВ» соли. 2013 – 8 с.

МЕТОДИКА ИЗУЧЕНИЯ ЧЕТЫРЕХУГОЛЬНИКОВ В КУРСЕ ШКОЛЬНОЙ ГЕОМЕТРИИ

В курсе школьной геометрии “ Четырехуглоьник” занимает одно из центральных тем. На основе учебной программы он используется как фундаментальная основа для изучения других понятий. Сведения, приведенные в учебниках не являются достаточными для усвоения “ Четырехуглоьник”. В связи с этим в статье приводятся достаточно сведеий о четырехуглоьниках и их видах. В школьных книгах всего прводятся 5 особенностей параллелограмм, что не является достаточным для всестороннего их усвоения. В статье приводятся 12 особенностей параллелоргамм, 10 особенностей квадрата и 10 особенностей трапетции, которые могут способствовать и помочь более глубокому, полному и точному их изучению.

В статье особо внимание обращено на практически известных четырехугольниках, на их особенностях. Создается устойчивая почва для исследования их особенностей. В статье основной проблемой является методика обучения “четырехуглоьников”

Ключевая слава: *Ломаная линия, соседние и противоположные вершины, периметр, сумма квадратных параллелограмм, выпуклый четырехугольник, квадрат, ромб, равнобедренная тапень, праямоугольная трапень.*

THE METHODS FOR THE STUDY OF QUADRILATERALS IN THE SCHOOL COURSE OF GEOMETRY

In the course of school geometry “ quadrangle " takes one of the Central themes. On the basis of the curriculum it is used as a fundamental basis for the study of other concepts. The information given in the textbooks is not sufficient for the assimilation of the “ quadrangle”. In this regard, the article provides sufficient information about quadrangles and their types. In school books just prvodyatsya 5 features parallelograms, which is not sufficient for their comprehensive assimilation. The article describes 12 of the features of parallelogram, 10 features square and 10 trapezii features that can contribute and help a more deep, complete and accurate to study them.

In the article special attention is paid to practically known quadrangles, to their features. It creates a stable soil for the study of their features. In the article the main problem is the method of teaching " quadrangles”.

Keywords: *broken line, next and protivopolozhy tops, perimeter, sum square parallelogram, convex quadrangle, square, rhombus, isosceles tapetsiya, prayamougolny trapetsiya.*

Сведения об авторах:

Сироджиддини Давлатали *– ассистент кафедры методика и преподавания математики Кулябского государственного университета им. А. Рудаки, Адрес: 735360, Республики Таджикистан, город Куляб, улица С.Сафарова, 16, Телефон:(+992 33 22) 2-35-06; E-mail: info@kgu.tj*

Парвинаи Усмон *– ассистент кафедры методика и преподавания математики Кулябского государственного университета им. А. Рудаки, Адрес: 735360, Республики Таджикистан, город Куляб, улица С.Сафарова, 16, Телефон:(+992 33 22) 2-35-06; E-mail: info@kgu.tj*

Шарипов Сафарали *– ассистент кафедры методика и преподавания математики Кулябского государственного университета им. А. Рудаки, Адрес: 735360, Республики Таджикистан, город Куляб, улица С.Сафарова, 16, Телефон:(+992 33 22) 2-35-06; E-mail: info@kgu.tj*

About the authors:

Sirojiddini Davlatali *– assistant in the Department of methods and teaching of mathematics of Kulob State University named after A. Rudaki, Address: 735360, Republic of Tajikistan, city of Kulob, S. Safarova street, 16, Tel.: (992 33 22) 2-35-06; E-mail: info@kgu.tj*

Parvinai Usmon *- assistant in the Department of methods and teaching of mathematics of Kulob State University named after A. Rudaki, Address: 735360, Republic of Tajikistan, city of Kulob, S. Safarova street, 16, Tel.: (992 33 22) 2-35-06; E-mail: info@kgu.tj*

Sharipov Safarali - *assistant in the Department of methods and teaching of mathematics of Kulob State University named after A. Rudaki, Address: 735360, Republic of Tajikistan, city of Kulob, S. Safarova street, 16, Tel.: (992 33 22) 2-35-06; E-mail: info@kgu.tj*

УДК 1МН7
ББК – 87.717.7
Б – 72

ИСТИФОДАИ БОЗИҲОИ ДИДАКТИКӢ ДАР МАШҒУЛИЯТҲОИ АМАЛӢ
(дар мисоли таълими психология)

Бобоева С.Б.
Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон

Психология яке аз фанҳои дастрас ва фаҳмо, ҳамзамон фанни мураккаб ва мушкил ба ҳисоб меравад.

Осонӣ, дастрасӣ, ҷолибии психология дар он аст, ки тамоми протсесҳо ва падидаҳои психикие, ки дар доираи ин фан таълим дода мешаванд, ба одам, шахси алоҳида, ба ҳар яки мо тааллуқ доранд ва дар ҷараёни омӯзиши онҳо мо худро низ меомӯзем ва ин гӯёна чандон мураккаб аст.

Бе чиз нест, ки асос ёфтани психология ҳамчун илми мустақил бо методи «интроспексия» (худмошиҳадакунӣ), ки онро поягузори психологияи муосир Вилгелм Вундт, усули маъмултарини омӯзиш ва таҳқиқи психикаи инсон мешуморид, алоқамандаст.

Мушкилии омӯзиши психология дар таҳқиқи падидаҳои мураккабтарини ҳаёти рӯҳии инсон, тобишу зуҳурот ва ҷоришавии бисёр ҷанбаи он, омӯзиши чуқури хусусиятҳои инфиродӣ ва нотакрори шахс мебошад, зеро дар олами ҳастӣ аз инсон дида мавҷудоти мураккабтар нест.

Бешак психология илмест дар бораи инсон, ҷанбаҳои гуногуни хусусиятҳо, фаъолияту рафтору кир дори вай. Ягон соҳаи ҳаёт ва фаъолияти одам вуҷуд надорад, ки аз тарафи ин илм таҳлилу таҳқиқ нагашта бошад.

Аз ин нуқтаи назар омӯзиши психология андак ва дастрас менамояд, вале дар асл чуниннест. Аз худкунии ин илм мушкилотеро пеш меорад, кибештар бомафҳумҳо, категорияҳои илмӣ алоқаманданд.

Барои мисол дар равоншиносӣ мафҳумҳои эҳсос ва ҳиссиёт ҳамчун равандҳои гуногун омӯхта мешаванд – *эҳсос* – раванди маърифатӣ, ки ба дарки олами воқеӣ нигаронида шудааст, *ҳиссиёт* – муносибатро ба ин олам ифода мекунад. Ҳамзамон раванди эҳсос ба воситаи узвҳои ҳисс ҷорӣ мегардад, намудҳои гуногуни ҳиссиёт, натиҷаи бевоситаи эҳсос мебошанд… Гарчанде онҳо алоқаманданд, лек кулан фарқ мекунанд.

Чунин «чигилҳо» хеле зиёданд ва кушодани онҳо ба рӯҳдаи омӯзгори ин фанаст.

Таълими фанни психология дар раванди маърифати гуманитарии донишҷӯён аҳамияти хеле калон дорад, зеро онҳоро бо асосҳои психологияи умумӣ, аз ҷумла психологияи шахсон омасозад. Дар ҷараёни аз худкунии фанни мазкур онҳо бо падидаҳои психикӣ, протсесҳои психикӣ, хусусиятҳои инфиродии шахс, сабабҳои рафтори гуногуни шахс ба таври мушаххас шинос мешаванд ва ин донишҳои мконият медиҳанд, ки эшонмоҳияти психологии худро таҳлилу таҳқиқ намоянд, ба рафтори худашон баҳои дуруст диҳанд.

Аз ин лиҳоз таълими психология бояд чунин бароҳмонда шавад, ки барои донишҷӯён ҳамасосҳои илмӣ ва ҳам истифодаи рӯз марраи он дастрасгардад, яъне то дараҷае осону фаҳмо, лекин дарсатҳи назария ва амалияи илмӣ, бо назардошти анъанаҳои таълими инфанни хеле ҷолибу шавқовар, бо риояи принсипи датрасии таълим, ки онро Я.А.Коменский – аз наздик ба дур, аз осон ба мушкил, аз маълум ба номаълум – [1] маънидод кардааст.

Ҳамчунин дар ҷараёни омӯзиши психология омӯзгор бояд хусусиятҳои инфиродии ҳар як донишҷӯро ба ҳисоб гирад ва вобаста ба он раванди таълимро ба роҳмонад. Индифференсиатсия имконият медиҳад, ки толибилмон донишҳои аз худкардаашонро дар амал хубтар татбиқ карда тавонанд.

Дар донишгоҳи мо психология ва психологияи касбӣ барои донишҷӯёни курсҳои якум ва дуюми аксарияти ихтисосҳо таълим дода мешавад. Аз худ намудани фанни мазкур ба онҳо имконияти дарки олами воқеӣ ва мавқеи худашон дар ин оламро медиҳад. Ин донишҳо «калидест» барои худомӯзӣ, худ баҳодиҳӣ, аз худкунии усулҳои тағйироту ташаккули хислатҳои худ ва боинвасила омӯзиш ва дарки шахси дигар, қабули хусусиятҳои гуногуни вай. Дар навбати

худ ин яке аз роҳҳои пешбарандаи раванди мутобиқшавии онҳо дар ҷои корӣ ҳамчун мутахассиси ҷавон маҳсуб меёбад.

Аз рӯзҳои авали дарс донишҷӯён нисбати фан таваҷҷӯҳи хеле калон зоҳир менамоянд. Махсусан диққати онҳоро хусусиятҳои инфиродии характер, темперамент, соҳаиҳиссиёташонбахудҷалбмекунад. Онҳо мехоҳанд ҳарчӣ зудтар дар бораи худашон маълумот ба дасторанд, саволҳои зиёде медиҳанд.

Дар ҷараёни таълим ин омил бояд дар мадди аввал истад. Ваҷҳи донишандӯзии толибилмин бояд бо дарси «зинда», таъсирнок, шавқовар дастгирӣ кардашавад.

Дарси замонавӣ ба ҳар васила хусусияти эҷодӣ ва ҷустуҷӯй дорад, муаллим тибқи метод ва усулҳои бехтарин шавқмандии дарсро таъмин мекунад…[2].

Машғулияти психология ҳеҷ вақт дилгир нест, зерофан, мазмун ва мундариҷаи он хеле шавқовару диққат ҷалбкунанда аст.

Барои хубтар аз худ намудани маводи таълимӣ матнҳо бояд бо таблитса ва схемаҳо, ки мафҳумҳо ва мӯҳтавои асосии онро инъикос мекунанд, пурра карда шаванд. Хамчунин истифодаи слайдҳо, вожанома, саволнома ва тестҳо оиди мавзӯъ маводро ба донишҷӯён хубтар дастрас мекунанд. Дар машғулиятҳои амалӣ, семинарӣ, КМРО аз тестҳо, масъалаҳо, ҳолатҳои психологӣ, тартиб додани сканворд, ребусҳо, ташкили тренингҳо, бозиҳои дидактикӣ ва расмӣ ба таври васеъ истифода бурдан ҷоиз аст.

Дар машғулиятҳои лексионӣ истифодаи чунин усулҳо ба мақсад мувофиқ аст:

✓ *тафсили мавзӯъ* – аз баски дар дасти донишҷӯён КТМ мавҷуд аст ва онҳо босупориши устод бо мавод пешакӣ шиносҳастанд, навиштани матн зарурат надорад. Мавзӯъ муфассал бо истифодаи схема, ки ҳам дар матн ва ҳам дарслайд мавҷудаст, кушодадодамешавад. Чунинусулхотириобразӣ, тафаккуримантиқӣ, тасаввуроти донишҷӯёнро ташаккул медиҳад, иконияти бахотир гирифтани маводро дар шакли фишурда фароҳам меорад. Батаври схематикӣ аз худ кардани мафҳумҳои асосии мавод дар хотир нигоҳдоштани онро осонтар мегардонад. Қобилияти «тафаккури схематикӣ» дар машғулиятҳои амалӣ ҳангоми сохтани схемаҳо аз тарафи толибилмон ба таври васеъ истифода бурда мешавад;

✓ *шарҳимавзӯъ*– қисмҳои нофаҳмои мавод, мафҳумҳои мураккаб (хориҷӣ) фаҳмонида ба саволҳо посухдода мешавад ва имконияти мустаҳкам намудани ҳам мазӯъ ва ҳам мафҳумҳо пайдо мегардад;

✓ *истифодаи мисолҳо*– қисмати аз ҳама ҷолиби машғулияти лексионӣ ба шумор меравад, зеро ба сифати мисолҳо худи донишҷӯён бо хусусиятҳои инфиродӣ–психологиашон (албатта танҳо хусусиятҳои мусбат) баромад мекунанд. Инҷо психологияи амалӣ ба таври васеъ истифода мешавад, толибилмон донишҳои гирифтаашонро метавонанд дар амал татбиқ намоянд. Дар натиҷа мавод хеле хуб аз худ кардамешавад, шавқи донишҷӯён нисбати фан чандин карата меафзояд;

✓ *мустаҳкамкунии мавзӯъ*– дар асл он қисми пурсиш ба ҳисоб меравад, зеро ҳангоми саволу ҷавоб донишҷӯён худашон маводро такрор ва мустаҳкам мекунанд. Натиҷа:

а) мавзӯъ хуб аз худ мегардад*;*

б) фаъолнокии донишҷӯёнмеафзояд;

в) барои пурсиши бевосита вақтсарфамегардад.

Машғулиятҳои амалӣ, КМРО хубтар аст ба шакли фаъол, бо истифода аз принсипи мустақилии донишҷӯён, корандозии ва сеи бозиҳои дидактикӣ бароҳмонда шавад. Дар таҷрибаи чандинсолаи педагогии худ аз чунин бозиҳохеле васеъ истифода мебарам ва самараи онҳорохубдарккардаам.

Инҷонамунаеазонҳопешкашмегардад:

✓ «*Саволи қиммат*» – дар оғози машғулият ба толибилмон қоидаи бозӣ фаҳмонида мешавад–

- нархи савол 5 хол (баландтарин);
- савол такрор намеёбад (дар ҳолати такрор, нархаш паст мешавад);
- савол якбора дода мешавад (устод ҳангомидарс–«Диққат–саволи қиммат» мегӯяд).

Саволи қиммат бояд мураккаб ва кӯтоҳ бошад. Ин бозӣ тафаккур, хотир, тасаввуроти донишҷӯёнро ташаккул медиҳад, фаъолии онҳоро дучанд мегардонад, диққаташонро ба дарс нигоҳ медорад, имконияти гирифтани баҳои хубро зиёдтар мекунад. Дар машғулиятҳои оянда толибилмон худашон «Саволи қиммат»мепурсанд, ҳамчунин омӯзгоронро барои тартиб додани чунин саволҳо ҳавасманд менамояд.

✓ Мисоли ачиб – донишҷӯён бояд дар доираи мавзӯъ мисолҳоеро оранд, ки нотакрор ва ҷолиб бошанд. Чӣ қадаре, ки мисол ачибтар, шавқовартар бошад, баҳоҳам ин қадар баландтар мешавад. Ин бозӣ точӣ андоза дарк гаштани мавзӯро бевосита нишон медиҳад, зеро танҳо дониши хуби мавод имконият медиҳад, ки он дар амал, бо мисоли амиқ ҷолиб ифодагардад. Бозӣ мушоҳидакорӣ, тасаввурот, тафаккуриаёнӣ–образӣ, фикрроиимантиқӣ, нутқи донишҷӯёнро ташаккул медиҳад;

✓ «Пурсиши фаврӣ»– омӯзгор ба донишҷӯи муайян ишора намуда савол медиҳад (дар шакли кӯтоҳ, мафҳум), вай бояд фавран ҷавоб диҳад (кӯтоҳ, дар шакли як ибора, таъриф ва ғ.), дар ҳолати ҷавоб надодан, ба донишҷӯи дигар, ё донишҷӯе ки ҷавобро медонад, муроҷиат карда мешавад. Бо ин васила шумораи зиёди толибилмин пурсида мешаванд. Бозӣ ҳозирҷавобӣ, амиқииакл, хотирикалимагӣ–мантиқии донишҷӯёнро равнақдода, фаъолии гурӯҳро ба маротибҳо меафзояд. Машғулият шавқовару ҷолиб, «зинда» мегузарад ва дар айниҳол аз донишҷӯён риояи тартиботро талабмекунад, зеро ҷавобҳо «азҷой» қабул намегарданд. Ҳамчунин усули хеле босамари мустаҳкамкунии маводи таълимӣ мебошад;

✓ «Савол барои зиракон» – омӯзгор саволҳои мураккабе пешниҳод менамояд, ки аз толибилмин донишичуқуртар, фаҳмиши амиқи маводро талаб мекунанд ва бо усули «ҳуҷумификрӣ» Ҳаллу фасл мегарданд. Ба савол вақти муайян дода намешавад, дар ҳолати зарурӣ он такрор меёбад, зеро муҳимаш ҷавоб доданаст. Ҷавоб метавонад дар шакли коллективӣ додашавад (аз тарафи якчанд донишҷӯ, бо мисолҳо). Барои чавоби аз ҳама хуб холи баландтарин гузошта мешавад. Савол дар алоқамандӣ мафҳумҳои якчанд мавзӯро дар бар мегирад ва имконият медиҳад, ки донишҷӯён маводҳои пештар аз худкардаашонро ба хотир оранд, онро мустаҳкам намоянд. Бозӣ хотири дарозмуддат, фаъолии фикрӣ, зиракӣ, дарки васеъТари мавод, истифодаи минбаъдаи онро таъмин менамояд;

✓ «Саволи ачиб»–дар ҷараёни мустаҳкамкунии мавзӯъ донишҷӯён бо супориши устод ба якдигар савол медиҳанд ва саволи аз ҳама «ачиб» (ҳам аз ҷиҳати мазмун, ҳам аз ҷиҳати шакл) бо холи баланд баҳогузорӣ кардамешавад. Бозӣ тасаввурот, хотири калимагӣ–мантиқӣ, қобилияти нутқии донишҷӯёнро ташаккул медиҳад, дарки маводро хубтар мекунад.

Истифодаи чунин бозиҳо дарсро шавқовару ҷолиб, хотирмон менамоянд. Муҳимаш онҳо барои донишҷӯён дилгиркунанда нестанд, зеро бо дигар шудани мавзӯъ мазмуну мӯҳтавои бозиҳо низ тағйир меёбад. Дар натиҷа маводи таълимӣ хеле хуб аз худ карда мешавад.

Ҳамчунин дар машғулиятҳои амалӣ бозиҳои расмӣ ташкил карда мешаванд. Сужети онҳо дар доираи мавзӯъ қарор дошта, вобаста ба он ҳолати муайяни психологӣ аз тарафи донишҷӯён бозида мешавад. Ин бозиҳо тасаввуроти толибилмонро бой гардонида, имконият медиҳанд, ки донишҳои азхуд кардаашонро дар амал, дар ҳолатҳои гуногуни ҳаётӣ татбиқ намоянд. Бозиҳо бо назардошти ихтисоси донишҷӯён, бо мақсади ташаккули маҳорату малакаи мутахассиси оянда, мутобиқшавии онҳо ба шароити фаъолияти минбаъдаи корӣ ташкил карда мешаванд.

Истифодаи маводи тақсимоти дар машғулиятҳои семинариву амалӣ усули ниҳоят самаранок маҳсуб меёбад. Мавод метавонад дар шакли расмҳо бо ифодаи типҳои темперамент, намудҳои зуҳуроти ҳиссиёт, типологияи шахс ва монанди инҳо бошад.

Сканворд, чайнворд, ребусҳо, масъалаҳои фикрӣ ва мантиқӣ беҳтар аст аз тарафи толибилмон тартиб дода шаванд, зеро бо ин роҳ якчанд ҳадаф амалӣ мегардад:

✓ маводи таълимӣ чуқуртар, хубтар азхуд карда мешавад;
✓ мустаҳкам карда мешавад;
✓ дар амал истифода бурда мешавад;
✓ мустақилнокии донишҷӯён ҷоннок мегардад;
✓ қобилияти фикрии онҳо ташаккул меёбад.

Бояд қайд намуд, ки усули аз ҳама ба донишҷӯён мақбули кор дар машғулиятҳои амалӣ, ҳалли тестҳои психологӣ мебошад, зеро ба воситаи онҳо толибилмон дар бораи худ, хислат ва хусусиятҳояшон маълумот мегиранд.

Камина барои мавзӯҳои мухталиф тестҳои психологӣ гирд овардаам. Онҳоро на танҳо тарҷума, балки ба менталитети маҳаллӣ мутобиқ намулаам. Истифодаи тестҳо ба донишҷӯён имконияти хубтар фаҳмидани олами равониашонро медиҳад, онҳо медонанд, ки натиҷаи тестҳо объективӣаст ва ин омили баланд бардоштани худбаҳодиҳӣ, ислоҳи камбудиҳои муайянгашта мебошад. Илова бар ин, тестҳо раванди худтакмилдиҳии донишҷӯёнро пурқувват мекунанд, бовариашонро ба худ меафзоянд.

Дар охири семестри хониш одатан пурсиш ташкил карда мешавад – Омӯзиши психология ба ман чӣ дод?

Маълум мегардад,ки толибилмон дар бораи худ, хислату хусусиятҳояшон дониши зиёде гирифтаанд, минбаъд ба худ ва дигарон бо «чашми нав», объективона менигаранд, худбаҳодиҳӣ, дараҷаи муоширату муносибаташон ба атрофиён дигар шудааст. Муҳимаш, донишҷӯён дарк мекунанд, ки омӯзиши фанни психология, дониши равонӣ ба онҳо чӣ гуна имкониятҳо медиҳад ва омӯхтани ин фан барояшон зарур аст.

Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» гуфта шудааст: Яке аз вазифаҳои умдатарини муаллимон… «дар шароити давлати демократию ҳуқуқбунёд ва дунявӣ шаҳрвандони сатҳи маърифаташон баланд, дорои тафаккури эҷодӣ, ҳамаҷониба рушёфта ва соҳиби дониши амиқ, маҳорат, малакаи касбӣ тайёр намудан мебошад» [3].

Ҷавонони муосир дар шароити хеле мураккаб ҳаёту фаъолият доранд, Олами имрӯза доимо дар тағйироту дигаргуниҳои умумибашарӣқарор дорад ва ҷавонон мебояд ба ин воқеият мутобиқ шаванд. Барои бартараф намудани мушкилиҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, идеологии ҳаёти воқеӣ доимо тайёр бошанд ва мо аминем, ки донишҳои психологии онҳо дар ин ҷода мададгорашон мегарданд.

АДАБИЁТ

1. Коменский, Я. А. Пампедия / Избранные педагогические сочинения в 2–х томах. / Я.А. Коменский.– М.: Педагогика, 1982. – Т. 2. – 576 с.
2. Раҳимов Х., Нуров А. Педагогика– Душанбе, «Ҳумо», 2007 - 448 с.
3. Қонуни ҶумҳуриитТоҷикистон «Дар бораи маориф» // Ахбори Вазорати маорифи ҶТ – Душанбе, 2003 – 26 с.

ИСПОЛЬЗОВАНИЕ ДИДАКТИЧЕСКИХ ИГР В ПРАКТИЧЕСКИХ КЛАССАХ (НАПРИМЕР, ПРЕПОДАВАЯ ПСИХОЛОГИЮ)

Применение дидактических игр на практических занятиях (на примере обучении психологии)

В данной статье рассматривается влияние изучении психологии в формировании личности студентов. Сделано попытка показать методику применения дидактических игр на практических занятиях и их роль в активизации студентов. Важное место при этом занимает становления личностных качеств будущих специалистов.

Ключевые слова: *психические процессы, ощущение, чувство, индивидуальные особенности, мышление, память, психологический тест, психическое состояние, логическое мышление, самооценка, саморазвития*

USE OF THE DIDACTIC GAMES IN PRACTICAL CLASSES (FOR EXAMPLE, TEACHING OF PSYCHOLOGY)

This article deals with the impact of the study of psychology in formation the personality of students. An attempt was made to show methods of using didactic games in practical classes and their role in activating students. An important place in this process is the development of the personal quality of future specialists.

Keywords: *mental processes, sensation, feelings, individual characteristics, thinking, memory, psychological test, mental states, logical thinking, self-esteem, self-development*

Сведение об авторе:

Бобоева Сайёра Бобораджабовна - *кандидат педагогических наук, доцент кафедры общественных наук Таджикского государственного университета права, бизнес и политики в г. Худжанд. тел: +992927776097, E - mail: kpntevan@mail.ru*

About the author:

Boboeva Sayora Boboradjabovna *– Candidate of Pedagogical Sciences, Associate Professor in the Department of Social Sciences of the Tajik State University of Law, Business and Politics in Khujand City. Tel.: (+992)927776097; E-mail: kpntevan@mail.ru*

ПРОЯВЛЕНИЯ ИНТЕРЕСА К ФИЗИЧЕСКОЙ КУЛЬТУРЕ И СПОРТУ В УСЛОВИЯХ СРЕДНИХ ОБЩЕОБРАЗОВАТЕЛЬНЫХ ШКОЛ ПРИЧИНОЙ ДОМАШНЕЕ ЗАДАНИЕ

Сангинов Б.К.

Худжандский государственный университет им. Б.Гафурова

Игра – любимая сфера деятельности школьников. В этом нетрудно убедиться, наблюдая за их поведением в свободной обстановке. Кажется, что бегать, прыгать, кататься и качаться они готовы бесконечно. В то же время нетрудно заметить, что дети по-разному относятся к тем или иным играм. Одни предпочитают коллективную игру в мяч, другие – лазания по канатам и шестам, третьи – метание предмета в цель, четвертые –бег наперегонки и т. д. Это свидетельствует о сложной структуре потребности в игре. Раскрыть её представляется важным как с точки зрения теории, так и практики. Потребность в подражании особенно ярко выражена в раннем детском возрасте. На ней базируется так называемая сила непосредственного призёра – единственный пока известный способ прямого воздействия на подсознание ребёнка. По словам П.В. Симонова, «если бы ребёнок с раннего детства находил вокруг себя примеры только должного, соответствующего нормам поведения, воспитание социально ценной личности перестало бы быть предметом специальных забот» [7, с.43]. В области физического воспитания в качестве объекта для подражания может выступать сам воспитатель, подготовленный ученик, герои фильмов и т. д.

Удовлетворение потребностей в игре и подражании невозможно без специфической «реакции преодоления», открытой И. П. Павловым и названной им рефлексом свободы. Функционирование у ребёнка этой потребности предполагает наличие разнообразия средств удовлетворения. Их отсутствие, выражающееся в принудительном ограничении двигательной активности, сначала как бы стимулирует побуждение к сопротивлению и способствует развитию воли, однако при длительном и чрезмерном принуждении деформирует психику ребёнка и делает его безвольным и послушным. К сожалению, последнее стало типичным случаем в практике воспитательной работы родителей и учителей (3,46). Ущерб наносится двойной: ухудшается способность к приобретению сложных двигательных навыков и способность к самостоятельному накоплению сведений об окружающем мире. Замедляется и физическое развитие школьников.

Чтобы удовлетворить свои двигательные потребности, ребёнок должен обладать определенными умениями, знаниями и игровыми средствами (предметами, снарядами и т. д.). В свою очередь, потребность в вооружённости удовлетворяется в значительной степени путём подражания и с помощью игры. Налицо взаимосвязь потребностей в вооружённости и саморазвитии.

С двигательной активностью ребёнка связаны его жизненные потребности, среди которых особое место занимает экономия сил. По нашему мнению, она выступает регулятором физической нагрузки в игровой деятельности ребёнка. С помощью этого безусловного рефлекса он, попросту озорничая, предохраняет свой организм от физических перегрузок, и его двигательная деятельность протекает преимущественно в аэробном режиме. Физическое перенапряжение, таким образом, становится возможным только в процессе принудительного воздействия.

Одним из основных факторов интереса школьников к физической культуре и спорту в условиях средних общеобразовательных школ является домашнее задание.

Типичным примером самостоятельной работы учащихся является домашнее задание. Без него невозможно обеспечить единство преподавания и самостоятельного учения школьников. Без выполнения домашнего задания полноценно усвоить и запомнить материал, изложенный на уроке, невозможно. Для воспитания школьников оно имеет не менее важное значение, т.к. способствуют формированию у них прилежания, самостоятельности и организации своего внешкольного времени. Одной из важнейших задач предмета «Физическая культура» является содействие внедрению физической культуры в режим дня учащихся.

На уроках физкультуры у учащихся формируются двигательные навыки и умения, которые нуждаются в дальнейшем совершенствовании в ходе самостоятельной домашней работы, которая способствует разумному использованию свободного времени и сочетанию деятельностиумственной и физической.

Самостоятельная творческая деятельность эффективна лишь тогда, когда учащийся ясно представляет себе цель задания и может выполнить намеченные действия, контролировать и оценивать их самостоятельно.

Опыт показывает, что результаты заметны тогда, когда домашнее задание выполняется активно и систематически.

Занятия школьников физической культурой и спортом самостоятельно позволяют увеличить общее время физическими упражнениями, а также способствуют лучшему усвоению учебного материала и ускоряют процесс физического совершенствования. Они являются одним из путей внедрения физической культуры и спорта в быт и отдых школьников(2,112).

Когда самостоятельные занятия организованы правильно, они в содействии с учебными занятиями обеспечивают оптимальную непрерывность и эффективность физического воспитания. Занятия проводятся вов не учебное время: преподаватели дают задания, консультируют и оказывают учащимся необходимую методическую помощь.

Одной из форм самостоятельной работы является выполнение домашнего задания. Особенностью этой формы работы является то, что помощь и руководство преподавателя отсутствует.

Домашние задания – это верный метод овладения учащимися материалом школьной программы.

Сообщение учащимся необходимых сведений на уроках физкультуры в паузах между упражнениями, в процессе их выполнения очень важно. Темы необходимо делить на части, при этом соединять сообщение с использованием полученных знаний на практике. Уплотнение учебной деятельности на уроке позволяет преподавателю передать учащимся информациюбез особой траты времени.

Домашнее задание помогает учителю осуществлять индивидуальный, дифференцированный подход к каждому ученику.

Домашнее задание должно включать: упражнения или комплекс упражнений, которые воздействуют на весь организм. Одни упражнения осуществляют укрепление основных мышечных групп, другие – укрепление сердечно-сосудистой и дыхательной систем, третьи – развивают общую выносливость.

Необходимо научить школьников самостоятельно упражняться и определять нагрузку, учитывая свои силы и подготовленность.

Учащихся важно обучить закономерностям движений и способам решения двигательных задач. Осуществлять это нужно в организации выполнения определённых действий и упражнений, а не в форме теоретических рассуждений. Необходимо создавать условия, которые обеспечат своевременную подачу информации о алгоритме выполнения заданий. Преподаватель постепенно должен отходить на второй план, а учащиеся должны самостоятельно контролировать и оценивать свои действия.

Домашнее задание по физическому воспитанию направлено на достижение следующих целей:

1) усвоить фактический материал: закрепление знаний и навыков, полученных в процессе занятий. Достижение данной цели осуществляется в ходе выполнения письменных упражнений, решения задач, работы с текстом учебника, наблюдения за явлениями, которые нас окружают;

2) систематически усвоить знания: выполнение заданий, требующих установления причинно-следственных и других связей и отношений между изучаемыми явлениями или процессами. Задача учащихся состоит в выделении в изучаемом материале существенных понятий или закономерностей, в определении последовательности событий, в классифицировании фактических данных;

3) формировать обобщения: осуществление сложной мыслительной работы которая предполагает прочные навыки и умения, которые связаны с применением мыслительных операций: сравнения, анализа, синтеза, обобщения. Ученик самостоятельно изучает материал, выделяет существенное, устанавливает имеющиеся связи между рассматриваемыми явлениями и делает обобщающие выводы;

4) применить знания: выполнение практических работ, которые позволяют установить связь между теоретическим и практическим материалом. Задания такого рода завершают изучение теории и

требуют от школьников применение своих теоретических знаний, умений и навыков на практике в процессе урочной и внеурочной деятельности;

5) контролировать знания учащихся: задания, направленные на проверку знаний, умений и навыков. Учащиеся обязаны знать факты и понятия и осознавать их, уметь применять знания в сложившихся условиях, устанавливать необходимые связи и т. д. ;

6) нравственно воспитывать учащихся: выполнение учащимися заданий, которые формируют их научное мировоззрение и нравственно воспитывают их. При проверке этих заданий учитель делает акцент именно на этом.

При распределении количества домашних заданий учитель должен учитывать нормативные требования, предъявляемые программой к учащимся разного возраста, состояния здоровья, показателей физического развития и двигательной подготовленности.

Прежде чем получить задание на дом, учащиеся должны хорошо усвоить его на уроке. Задания даются в конце урока. Практика показывает, что навыки и умения формируются лишь тогда, когда упражнения выполняются постоянно и многократно. Изучение понятий и приобретение навыков происходит в процессе урока, а домашняя работа предполагает закрепление понятий и навыков.

Активизации двигательной активности школьников, создание непрерывности в процессе занятий, помощь большинству справиться без труда с выполнением нормативов происходит за счёт систематического выполнения домашних заданий.

Собственный опыт показывает, что воспитанию выносливости, силы, ловкости и улучшению осанки школьников способствует ни что иное, как систематическое выполнение домашнего задания по физической культуре. Они оказывают благотворное влияние на восстановление умственной работоспособности учащихся.

Домашнее задание по физкультуре заняло прочное место в образовательном процессе. Проверка домашнего задания проводится не выборочно, а охватывает всех учащихся.

ЛИТЕРАТУРА

1.Андронов О.П.Физическая культура, как средство влияния на формирование личности. М.: Мир, 1992.
2.Аникеева Н.П.Воспитание игрой –М.: Просвещение, 1987. - 334 с.
3.Больсевич В. К. Физическая культура для всех и для каждого: - М: ФиС, 1988 - 232 с.
4.Добровольский В.К.Физическая культура и здоровье. М. Медицина, 1967 - 75 с.
5.Рубинштейн С.Л.Основа общей психологии М. Педагогика 1989г.
6.Селиванов В.И.Психология волевой активности. - Рязань, 1974.
7.Симонов П.В. Мотивационный мозг. М., 1987
8.Физическая культура в семье. 4-е изд., перераб. / Сост. А.А.Светов, Н.В.Школьников. – М. : Физкультура и спорт, 1981. – 398 с., ил.

ПРОЯВЛЕНИЯ ИНТЕРЕСА К ФИЗИЧЕСКОЙ КУЛЬТУРЕ И СПОРТУ В УСЛОВИЯХ СРЕДНИХ ОБЩЕОБРАЗОВАТЕЛЬНЫХ ШКОЛ ПРИЧИНОЙ ДОМАШНЕЕ ЗАДАНИЕ

Активизация двигательной активности школьников, создание непрерывности в процессе занятий, помощь большинству справиться без труда с выполнением нормативов происходит за счёт систематического выполнения домашних заданий.

Собственный опыт показывает, что воспитанию выносливости, силы, ловкости и улучшению осанки школьников способствует ни что иное, как систематическое выполнение домашнего задания по физической культуре. Они оказывают благотворное влияние на восстановление умственной работоспособности учащихся.

Домашнее задание по физкультуре заняло прочное место в образовательном процессе. Проверка домашнего задания проводится не выборочно, а охватывает всех учащихся.

EXPRESSIONS OF INTEREST IN PHYSICAL CULTURE AND SPORT IN CONDITIONS OF SECONDARY SCHOOLS BY CAUSE OF HOMEWORK

Activation of physical activity of schoolchildren, the creation of continuity in the process of employment, assist mostly with the implementation of standards is due to the systematic performance of homework. Own experience shows that the education of endurance, strength, agility and improve the posture of students contributes to nothing more than a systematic homework on physical culture. They have a beneficial effect on the restoration of mental performance of students.

Homework on physical education has taken a strong place in the educational process. The homework check is not selective but covers all students.

Сведение об авторе:

Сангинов Б.К. - *старший преподаватель, заведующий общеуниверситетской кафедрой физического воспитание Худжандского университета имени академика Б.Гафурова, bakhrom3931@gmafil.com*

About the author*:*

Sanginov B.K. - *Senior teacher in the Department of General Pedagogy, Khujand State University named after academician B.Gafurov, E-mail: bakhrom3931@gmafil. com*

НАҚШИ ТЕХНОЛОГИЯИ ИНФОРМАТСИОНӢ ВА ОМӮЗИШИ ОН ДАР РАВАНДИ ТАШАККУЛИ ДОНИШҲОИ ТЕХНИКӢ

Шарипов Қ., Беҳбудов Ш.

Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ

Омӯзиш ва таълими фанни технологияи информатсионӣ барои васеъ намудани ҷаҳонбинӣ, ташаккул ва такмили донишҳои техникӣ, қабул ва интиқоли иттилоъ ба мутахассисони соҳа муҳим мебошад. Аз ҷумла, дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва олии касбӣ мақсади асосии таълими фанни мазкур бо роҳи истифода аз васоити техникӣ ва технологияи муосир ташаккул додани ин навъи донишҳо мебошад. Доираи мақсади муайяншуда амалӣ гардонидани вазифаҳои зерин ба ҳисоб меравад:

- ташаккули шахсияти хонанда, қобилияти дарккунӣ ва коммуникативӣ, тайёрӣ барои мустақилона аз бар намудани донишҳои техникӣ;
- дар онҳо ҳосил кунонидаи малакаҳои асосии истифодаи компютер дар фаъолияи ҳамарӯза;
- омодасозии хонандагон ба ҳаёти фаъоли ҷомеаи информатсионӣ ва дар ҳамин замина баланд бардоштани фарҳанги информатсионии онҳо;
- равшангардонидани моҳияти равандҳои информатсионӣ дар ҷаҳонбинии хонандагон;
- татбиқи васеъи технологияҳои информатсионию коммуникатсионӣ дар ҷараёни таълим ва ҳаёт;
- таъмини фарогирии устувори техника ва технологияи компютерӣ дар ҳама самтҳои ҳаёти ҷомеа ва ғайра.

Технологияҳои ҳозиразамони иттилоотии таълимӣ дар замони омезишёбии арзишҳо ва бархӯрди тамаддунҳо, метавонанд барои хизматрасонии таҳсилотӣ ба хонандагони имконияташон маҳдуд аз ҷумла, нобиноён ё шахсони биноишашон суст нақши муаасир гузоранд[2, с.14].

Қайд кардан ба маврид аст, ки масъалаи истифодаи технологияи иттилоотӣ дар раванди таълим аз охири солҳои 90-уми асри гузашта оғоз ёфтааст. Бахусус, муҳаққиқони рус аҳмияти технологияи информатсиониро дар раванди таълим нисбати ин қишри ҷомеа муҳим арзёбӣ карда, қайд кардаанд, ки дар раванди таълими наврасону чавонони имкониятҳои маҳдуди ҷисмонидошта истифодаи воситаҳои зерин: принтери чопкунӣ бо ҳуруфи брайлӣ, хати брайлӣ, синтезаторҳои нутқи барномавӣ ва дастгоҳӣ (аппаратӣ) муҳим мебошанд. Хусусан, синтезатори нутқии барномавии русии типи SDRV, ки он имконияти баровардани ахбори нутқиро дорад, дар ташаккули донишҳои ин гуна ашхос нақши калидӣ мебозад[1, с.14].

Имрӯз вобаста ба талаботи ҷомеаи техногенӣ барои барномасози нобино хеле мувофиқ аст, ки дар раванди ҷӯркунии барнома ба истифодаи амалҳои минбаъдаи он дар ҳолатҳои зарурии вақт ахбори нутқии зарурӣ садодиҳанда та ташаккули нутқи шифоҳии ӯ бетаъсир наемонад. Муҳим аст, ки воситаҳои ёрирасон ба барномасози нобинои акнун корро оғозкарда тариқи баровардани садо ба ӯ «сухан гуфтан»-ро меомӯзонад, то ин амал ба ӯ ҷиҳати омӯзиш ва азхудкунӣ осон ва бароҳат бошад.

Дар китоби “Омӯзиш ва тарбияи донишомӯзони Испания”, ки аз тарафи муҳаққиқи эронӣба забони форсӣ тарҷума карда шудааст, мавзӯи омӯзиш ва парвариши истисноӣ дар Канада, ба вижа барои нобиноён ва камбиноён,хадамоти роҳнамоӣ ва мушовираи таҳсили шуғл матраҳ карда шуда, барои муқоиса,иштиғол ва ановини шоғин нобиноёни 75 кишвар аз 135 иттиҳодияи нобиноён мавод пешниҳод гардидааст.

Бояд зикр намуд, ки барои одамони имкониятҳои ҷисмонии маҳдуддошта дар шароити пешрафта бо суръати илму техника ва ҷаҳонишавии таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ таваҷҷуҳи хоса зоҳир карда мешавад. Масалан, ин қишри ҷомеа имконият доранд, ки дар мактаб-парваришгоҳҳо (интернат) ба таълиму тарбия фаро гирифта шаванд. Мувофиқи вазъият дар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ маълумот гиранд, дар истеҳсолот аз рӯи касби муайян фаълият варзанд.

Ин масъалаҳо наврасон, ҷавонон ва калонсолонеро, ки гирифтори беморихои камбиноӣ ва тирачашмӣ мебошанд, водор месозад, ки бо воситаҳои муосири технологӣ раванди таълим, аз ҷумла технологияи информатсионӣ ва коммуникатсионӣ дастрасӣ дошта бошад.

Оид ба проблемаи мазкур мутахасисони соҳа дар робита ба таълими чунин гурӯҳои иҷтимоӣ китобҳои дарсӣ ва мақолаҳои илмӣ-методӣ ба табъ расонидаанд. Китоби дарсии “Асосҳои таҳсилоти фарогир”(Маҷидова Б., Юнусова Н. ва Қурбонова Г. (бо забони тоҷики русӣ) аввалин маводи таълимӣ оид ба фаъолияти кӯдакони имконияти маҳдуддошта ба ҳисоб меравад. Аз маводи мазкур хонандагон оид ба талаботи махсуси биноӣ-шунавоӣ, ақлу зеҳн ва увзҳои такиягоҳӣ ҳаракатӣ маълумоти муфассал мегиранд.

Технологияи информатсионӣ дар ин ҳолат на танҳо барои омӯзиши фан ҳамчун воситаи васеъкунии имконияти маъюбон, балки ироаи таълими фаълияти муваффақонаи онҳо дар ҷомеаи кунунӣ, дар назар дошта шудааст.

Ин сифатҳоро утилитаи махсуси сохташуда дорост ва муваффақона аз ҷониби барномасози нобино дар раванди коркарди китоби компютерии фанни информатика, ки аз дастури таълимӣ асос ёфтааст, меомӯзан.

Истифодаи китоби мазкур аз таълимгирандаи нобино дар муомила бо компютер дониши махсусро талаб намекунад. Танҳо ин ҷодонистанимуқаррарот (таъинот)-иклавишҳо дар клавиатура кифояст. Яке аз бартариҳо ин такия накардани барнома ба манбаъҳои мошинӣ мебошад. Китоби электронӣ дар нуқтаи машвратӣ барои кӯдакони нобино дар ш. Налчики Федератсияи Россия аз санҷиш гузашта, самаранокии худро нишондодааст [2,].

- мақсад ва вазифаҳои таълими фанни технологияи информатсионӣ дар мактаб тибқи талаботи асноди, ҳуқуқӣ-меъёри ва дархости ҷомеа;

- нақши фанни технологияи информатсионӣ дар ташаккули ҷаҳонбинӣ ва шахсияти хонандагон;

- нақши фанни технологияи информатсионӣ дар тарбияи маънавии хонандагон.

Технологияи информатсионии [4] мактабӣ яке аз фанҳои муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ ба шумор меравад ва он ба омӯзиши дигар фанҳои мактабӣ мусоидат мекунад, Инкишофи тафаккури мантиқии хонандагон ҳангоми таълими фанни мазкур барои хубтар фарогирифтани фанҳои табиию риёзӣ, иқтисодию гуманитарӣ ёрӣ мерасонад.

Ҳамзамон маҳорат ва малакаҳои зарурие, ки характери амалӣ доранд, барои тайёрии меҳнатӣ ва касбии хонандагон зарур мебошанд. Вобаста ба ин тахассусҳои зиёде мавҷуданд, ки эҳтиёҷоташон ба донишҳои иттилоотӣ хеле зиёданд (математика, физика, химия, биология, техника ва технология, тиб, иқтисодиёт, тиҷорат, молия ва бисёр соҳаҳои дигар) бинобар ин, доираи хонандагоне, ки барояшон фанни мазкур воситаи касб интихобкунӣ мегардад,васеъмешавад.

Дар хонандагон инкишофёфтани тасаввуроти дуруст пайдо намудан дар бораи олам, муносибати байни олами воқеӣ ва тахайюлӣ, характери инъикоси ҳодиса ва равандҳо тавассути, омӯзишифан ба равнақи ҷаҳонбинии илмии онҳо мусоидат мекунад.

Курси информатика ё технологияҳои информатсионӣ, ки муҳассилинро ба ҷомеаи нави иттилоотӣ сафарбар менамояд, имрӯз ҷузъи ҷудонашавандаи таълими мактабӣ қорор гирифтааст. Дониш оид ба компютерҳо, маҳорату малакаи истифодаи онҳо хонандагонро ба талаботи ҷомеаи иттилоотӣ мутобиқ месозад. Ба хонандагон андӯхтани маданияти фаъолияти иттилоотӣ ҳамчун қисми таркибии маданияти инсониро талқин карда, дар ниҳоди омӯзгорон иҷрои вазифаҳои аз нигоҳи методика, педагога ва психология тақозо кунандаро мегузорад.

Яке аз проблемаҳои мактаби ҳозира он аст, ки робитаи байни фаннӣ дар таълими фанҳои гуногун дар сатҳи зарурӣ қарор надорад. Чунин ҳолатро мушоҳида кардан мумкинаст: хонанда дар дарси математика донишҳои математикӣ, дар дарси физика донишҳои физикӣ, дар дарси

география донишҳои чуғрофӣ гирифта, наметавонад, ки донишҳои андӯхтаи худро на танҳо дар ҳаёти воқеӣ балки дар дигар фанни мактабӣ, масалан, информатика истифодабарад.

Имкониятҳои потенсиалии фанни мазкур дар ҳалли муҳимтарин масъалаҳои таълиму тарбия ва рушди зеҳнияти хонандагон бениҳоят зиёдаст. Ҳангоми дар муассисаҳои таълимӣ ба таври васеъ ҷорӣ намудани техника ва технологияҳои компютерӣ ва дар омӯзиши ҳамаи фанҳо татбиқ намудани он, характери умуми таълимӣ касб мекунад.

Технологияҳои информатсионӣ дар як муддати кӯтоҳ ба пояи асосии созандаи ҷомеаи саноатӣ табдил ёфтаст. Дарки технологияҳои информатсионӣ ва аз худ кардани малакаҳои асосии истифодабарии он дар бисёр мамлакатҳои ҷаҳон ҳамчун яке аз воситаҳои асосии таълиму тарбия, дар баробари хондан ва навиштан ба ҳисоб гирифта мешавад.

Бинобар ин, дар ҷомеаи имрӯза мақоми асосиро ишғол кардани технологияҳои компютерӣ ва информатсионӣ, ворид намудани фанни мазкур ба барномаитаълимӣ яке аз масъалаҳоиаввалиндараҷа ба ҳисобмеравад.

АДАБИЁТ

1.Бабанский, Ю.К. Оптимизация процесса образования. – М.: Наука, 1977. – С. 23-24.
2.Батурин Ю. М., Жодзишский А. М. Компьютеризация – путьк хаосу// Интерфейс. – 1991. - № 1. – С. 12-1
3.https: //rep. bntu. by/ bitstream/ handle/ data/33389/ Informacionnye _i_kompyuternye_ tekhnologii_v_ obrazovanii. pdf?sequence
4.Комилов,Ф.С. Информатика ва технологияҳоиитгилоотӣ. –Душанбе: Ирфон, 2003 – 167 с.

РОЛЬ ИФНОРМАЦИОННЫХ ТЕХНОЛОГИИ И ИХ ОБУЧЕНИЕ В ПРОЦЕССЕ ФОРМИРОВАНИЯ ТЕХНИЧЕСКИХ ЗНАНИЙ

В статье речь идёт о некоторых взглядах и роль информационной технологии и его обучение в процессе формирования технических знаний. Изучение и обучение инофрмационной технологии играет огромную роль в становление и развитие технических знаний а также в получение и перевода информации к специалистам того или иного отрасля. Основная цель обучения инофрмационных технологии в средних и высших учебных заведениях заключается в том, что они формируют технические знания у учащихся путем использования технических средств и современной технологии.

Ключевые слова: *технология, информационная технология, технических знаний, формирование, мировозрения,информация, получение информации, перевод информации, средних учебних заведениях, высших учебных заведениях, технических средств, современная технология.*

THE ROLE OF IFNORMATION TECHNOLOGY AND ITS TRAINING IN THE PROCESS OF FORMATION OF TECHNICAL KNOWLEDGE

This article deals with some thoughts on the role of information technology and its training in the process of technical knowledge formation. According to the author, the study and training of information technology plays a huge role in the formation and development of technical knowledge as well as in obtaining and translating information to specialists of a particular industry. The main purpose of training in information technology in secondary and higher education is that they form the technical knowledge of students through the use of technical means and modern technology.

Keywords*: technology, information technology, technical knowledge, formation, worldview, information, receive information, transfer information, secondary schools, higher educational institutions, technical facilities, modern technology.*

Сведения об авторах*:*

Шарипов Кахрамон *- старший преподаватель кафедры основы информационной технологии Таджикского государственного педагогического университета имени С.Айни. Тел.:(+992)935992288; e-mail: Kahramons@mail.ru;*

Бехбудов Шаньобджон *– ассистент кафедрысновы информационной технологии Таджикского государственного педагогического университета имени С. Айни. Тел.:+992 90500-20-50; e-mail: shahob-tigr@mail.ru;*

About the authors*:*

Sharipov Qahramon *-senior teacher in the Departemtn of basis informational technology, Tajik State Pedagogical University named after S.Aini. Tel.:(+992) 93 599-22-88; e-mail: Kahramons@mail.ru.*

BehbudovShahobjon *-assistant in the Departemtn of basis informational technology, Tajik State Pedagogical University named after S.Aini. Tel.:(+992) 90 500-20-50; e-mail: shahob-tigr@mail.ru;*

ТАРБИЯИ ЭКОЛОГИИ КӮДАКОНИ СИННИ ТОМАКТАБӢ МАВРИДИ ШИНОСОӢ БО ТАБИАТИ КИШВАР

Шарипова Н.Д.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ

Кӯдак чун дигар ашхоси ҷомеа дар муҳити инсонӣ зиндагӣ мекунад, таҷрибаи ҳосилкардаи ҷомеаи инсониро қабул мекунад ва бо ҳамин восита пеш меравад. Муҳите ки ӯро иҳота кардааст, аз ашё, ҳодиса ва воқеаҳои гуногун иборат аст, ки он ҳамеша дар шуур дар шакли калимаю таркибҳо инъикос меёбанд.

Дар хусуси тарбияи кӯдакон дар муассисаҳои томактабии Тоҷикистон таҳқиқотҳо ба майдон омадаанд, ки дар ин бобат, пеш аз ҳама, рисолаҳо ва воситаҳои таълимии Насруллоева Н., Маҷидова Б., Недоспасова В.А., Иматова Л., Тоҷибоева Л., Юнусова М., Раҳмонов С., Ғуломова Н., Нарзуллоева М., Каримова А., Қурбонова З., Қурбонова Г., Мирхонова Н. ва дигаронро метавон ном бурд.

Қобили зикр аст, ки баъд аз соҳибистиқлол гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қабули «Консепсияи пешрафти кӯдакистонҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» (1994), бо қарори Ҳукумати ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардидани «Стандарти таҳсилоти томактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» (2009) ва дигар ҳуҷҷатҳои меъёрию ҳуқуқии соҳа зарурати ворид кардани дигаргуниҳо дар низоми тарбияи томактабӣ ба вуҷуд омад. Дар «Консепсияи пешрафти кӯдакистонҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» чунин зикр гаштааст: «Кӯдак дар кӯдакистон бояд ҳамчун ифодакунандаи забон, маданияту санъат, фарҳанг, одату анъанаҳои миллати тоҷик тарбия ёбад ва ҳамаи боигариҳои моддию маънавии халқ дар кӯдакистону оила ба ҳаёти ҳаррӯзаи атфол дохил гардад». [1, с.5]

Шинос намудани кӯдакон бо табиати диёр яке аз вазифаҳои муҳими муассисаҳои томактабӣ мебошад. Дар ҷараёни аз худ намудани дониш дар бораи олами набототу ҳайвонот сифатҳои шахсии кӯдакон ташаккул меёбанд. Дар асоси ба ҳисоб гирифтани донишу тасаввурот ва дараҷаи инкишофи кӯдакон, шароиту имкониятҳои маҳал мурабӣ муносибати дурусти онҳоро нисбати табиат тарбия менамояд. Интихоб намудани усулҳои таълим ба мазмуну мақсади машғулият, ҷои гузаронидани он вобастагӣ дорад.

«Додани дониши экологӣ, яъне маълумот дар бораи муҳофизати табиат, эмин доштани он аз нобудшавӣ ва ифлосшавӣ яке аз вазифаҳои муҳими тарбияи ахлоқии хурдсолон мебошад, - қайд намудааст мутахассиси варзидаи соҳаи таҳсилоти томактабӣ З.Турғунова - Муносибати кӯдак ба табиати кишвар маҳз дар ҳамин давра ташаккул меёбад. Муҳофизати табат, ғамхорӣ дар ҳаҳи оламу набототу ҳайвоноти он вазифаи ҳар як фард мебошад». Дар асоси ин мебояд ҳангоми шинос намудани кӯдакон бо табиат калонсолон дар кӯдакон муҳофизати табиат ва нигоҳдошти тозаи олами атрофро тарбия намоянд. [4, с.34]

Барномаи таълимӣ–тарбиявӣ дар кӯдакистон “Рангинкамон” шиносоӣ бо табиат ва тарбияи экологиро аз гурӯҳи хурдсолон пешбинӣ менамояд. Дар ин кор сайру гашт имконияти калон медиҳад. Дар ҳар як сайру гашт кӯдакон донишҳои гирифтаашонро мустаҳкам намуда, боз бо чизҳои нав шинос мешаванд.

Ба иҷрои вазифаҳои дар пеш гузошташуда дар ҳамон вақт ноил шудан мумкин аст, ки агар кӯдаконро бо сиру асрори табиат ва олами атроф шинос намоем. Чизҳои аҷоибу шавқоварро оиди растанию ҳайвонҳо нишон дода, аз бӯи муаттари гулҳо ва зебогии онҳо ҳаловат бурданро омӯзонем. Дарк намудани табиат ба инкишофи ин гуна сифатҳо: зиндадилӣ, зиракӣ, муносибати бодиқаттона ба ҳамаи мавҷудоти зинда ёрӣ медиҳад.

Кӯдаконро аз рӯзҳои аввали ҳаёт на танҳо одамону ашё, инчунин табиати фусункору нотакрор дар оғӯш мегирад. Табиат ба рӯҳ ва дилу дидаи кӯдак, ба ҳиссиёт ва олами маънавии ӯ таъсир расонида, шавқу завқ ва хурсандиҳои беохир ато менамояд. Кӯдак нурҳои заррини офтоб, садои боридани борон, вазидани шамол, тобиши маҳтобу ситораҳо, олами набототу ҳайвонотро назора намуда, дар бораи онҳо бештар донистанро мехоҳад. Ҳамаи ин ба инкишофи қобилият ва тахайюли эҷодии кӯдак таъсир мерасонад.

Инкишофи қобилият ва тахаюли эҷодӣ имкон медиҳад, ки ӯ на танҳо зебогиҳои тарбиати атрофро эҳсосу идрок намояд, инчунин барои эҷоди зебоӣ, эҳтиёт ва муҳофизат намудани он саъю кӯшиш мекунад. Ин ҷо метавон нуқтаи назари таҳқиқотчӣ Н.Ғуломоваро зикр намоем: «Пурра дарк намудани зебогиҳои табиат, донистани сиру асрори он ба кӯдакон бо мадади калонсолон, падару модарон, мураббиёни кордону табиатдӯсти муассисаҳои томактабӣ муяссар мегардад. Калонсолон шавқу ҳаваси кӯдаконро нисбати зебогиҳои табиат дастгирӣ намуда, онҳоро барои боз ҳам бештар фаҳмидан ҳавасманд менамоянд ва табиатро ҳамчун воситаи муҳими тарбияи зебопарастӣ истифода мебаранд». [5, с.55]

Вазифаи асосии шиносоӣ бо табиат дар барномаи инкишоф, таълимӣ ва тарбиявии «Рангинкамон» – тарбияи инсони комил, мукаммал намудани донишҳо, омузонидани дилсӯз будан, дӯст доштан ва нигоҳубини диёри худ, муҳофизат кардани боигариҳо ва афзун намудани онҳо мебошад. Интиқодан муносибат намудан ба таъсири манфии одамон ба табиат (поймол кардани гулгаштҳо, шикастани шохи дарахтон, буридани дарахтон, нобуд кардани парандагону вайрон кардани лонаи онҳо), кӯшишу ғайрати муҳофизати растаниҳо ва ҳайвонҳои диёри худро тарбия намудан, бо «Китоби сурхи Ҷумҳурии Тоҷикистон» шинос шуданро мураббия таъмин менамояд. [6]

Моҳияти таъсири инсон ба табиатро фаҳмидан, сифатҳои фарқкунандаи табиати зинда ва ғайризиндаро дида тавонистан, ҳаракат, инкишоф, паҳншавӣ, мутобиқшавӣ (лубиё, неш задан, сабзидан, поя пайдо шудан, шох ва баргҳо, гул мекунад, ҳосил медиҳад ва монанди ин). Тамоюли умумигуманистии шахсияти кӯдак тавассути муносибати дуруст ба табиат, яъне омодагии нигоҳубин ва кӯмак расонидан ба растанӣ ва ҳайвонҳо ташаккул дода мешавад.

Барои бачагон низ ҳама мавҷудоти табиат, об манбаи маълумотҳои аниқу илмӣ дар бораи олами атроф мебошад. Ҳодисаҳои табиат, исмҳои ашё, олами набототу ҳайвонот луғату фарҳанги кӯдаконро ғанӣ гардонида, ба нутқи алоқанок ва аз худ намудани сохти грамматикии забони модарӣ кӯмак мерасонад.

Мушоҳидаи табиат, муқоисаи ҳодисаҳо ва воқеаҳои онро хулоса карда тавонистан кӯшишу хоҳиши бисёртар дониста гирифтан ягонагии ҷараёни инкишофи нутқ ва тафаккурро дар давраи томактабӣ ташаккул медиҳад. Калонсолон ба воситаи табиат ба ҳазорҳо саволҳои барои чӣ?, «аз кучо», «чӣ хел?», «чаро?» ҷавоб гардонида метавонанд. Ҳангоми ҷавоб додан ба саволҳои кӯдакон ҳисси кунҷкобӣ, донишдӯстии хурдсолон қонеъ гардонида шуда, онҳо худ ба меҳнати фикрӣ тайҳр мешаванд. Дар мактаб дарачаи дониш, донишдӯстии хурдсолон қонеъ гардонида шуда, онҳо худ ба малака ва маҳорати ҳар як кӯдак за рӯи маҳорат ва аниқу пурра баён карда тавонистани фикр муайян мегардад. Кӯдакон ҳангоми машғулият дар табиати атроф ҷудо карда тавонистани умумият ва фарқият, алоқамандии ҷузъиёт ва бутуни қонуниятҳои табиатро дониста мегиранд. Дар ин ҷараён сабақҳои инкишофи фикр, тахаюл, ҳиссиёт, қобилияту истеъдодро аз худ менамоянд.

Табиат воситаи муҳими муҳофизат ва мустаҳкам намудани ҷисми кӯдакон аст. Дар вақти бозӣ, сайру гашт, мушоҳидаҳо, меҳнат дар оғӯши табиат кӯдакон худро бардам, ба қувват, серҳаракат ҳис намуда, соҳиби таассуротҳои нав мегарданд. Мушоҳидаи алафу буттаҳо, дарахтону боғҳо, паррандаю ҳайвонот, ҳашароту полезҳо, меҳнати одамон дар фаслҳои гуногуни сол ба кӯдакон хурсандиву вақти хуш бахшида, онҳоро ба ҳаракату амалҳо водор менамоянд. Масалан, чидани барги дарахтон, ғамхорӣ дар ҳақи паррандаҳо, ҳайвонҳо (хӯрок додан, муҳофизат намудан, нигоҳубин кардан, ёрӣ расонидан ба калонсолон) барои кӯдакон кори шавқовар буда, онҳо ҷисман обутоб меёбанд.

Дар ҳавои кушод гузаронидани бозиҳои серҳаракат гардиши хун, фаъолияти мушакҳо, нафаскашӣ ва инкишофи ҳаракати кӯдаконро таъмин месозад. Истифодабарии об, ҳаво ва офтоб бошад, воситаи муҳими обутобдиҳӣ, пурқувватгардонӣ ва тобоварии бадан мебошад.

Дар таҷрибаи амалии кӯдакистон воситаи асосии дарк намудани табиат методи мушоҳида аст. Маҳс ба воситаи мушоҳида кӯдакон сабабҳо ва алоқамандии ҳодисаҳои табиатро фаҳмида мегиранд. Табиат ба тарбияи фикрии кӯдакон, тафаккури дурусти мантиқӣ ва нутқи онҳо мусоидат мекунад. Агар мураббия дар кӯдакон нисбат ба табиат ҳавасу рағбат бедор кунад, он гоҳ дар кӯдакон лаззати бадеӣ пайдо мешавад ва онҳо на танҳо зебогиро мебинанд, балки худашон онро меофаранд. Табиат пур аз муҷизот аст. Мураббия ба кӯдакон омӯзонад, ки аз чизҳои дидаашон маълумоти нав гиранд.

Муҳаббат ба табиат, муносибати эҳтиёткорона ба он, ғамхорӣ ба мавҷудоти зинда, шав қу ҳаваси донистагирии кӯдаконро меорад, балки дар дили онҳо эҳсоси ватанпарастӣ, меҳнатдӯстӣ, эҳтироми калонсолон ва ҳифзи олами атрофу сарватҳои онро тарбия менамояд. Аз ин рӯ вазифаи муҳими тарбиятгар тарбия кардани муҳаббат нисбат ба табиати кишвари азиз, хоҳиши муҳофизат намудани сабзонидани растаниҳо, дар дили кӯдакон пайдо кардани меҳру муҳаббат ба ҳамаи мавҷудоти зинда мебошад.

Дар кӯдакистонҳо ба кабудизоркунии қитъаҳо аҳамият дода шавад, зеро сабзаю кабудӣ паррандагони зиёдро ба худ ҷалб мекунад. Дар хоначаҳое, ки кӯдакон бо дастони худ месозанд, паррандагон лона мегузоранд. Зимистон бо ёрии бачаҳо "ошхонаи паррандагон" ташкил кардан лозим ки ба он мусича, чумчуқ, кафтар, майнаю зоғчаҳо парида омада, дон мехуранд.

Ҳаминро бояд, гуфт, ки шиносоӣ бо фаслҳои гуногуни сол, тағиротҳои он дар тарбияи кӯдакон аҳамияти калон дорад. Мисол, баҳорон ба кӯдакон дар бораи аз хоби дуру дароз бедоршавии табиат нақл карда, диққати онҳоро ба тағиротҳое, ки дар фасли баҳор ба вуҷуд меояд, равона карда, фаҳмонидан лозим аст, ки баҳорон ҳаво гармтар мешавад, ранги осмон вобаста ба ҳаво меёбад, рӯзҳо дарозтар шуда, дар кӯҳҳо барф ва яхҳо об мешаванду обхезиро ба вуҷуд меоранд, ҷӯйҳо равон мегарданд, баргҳои дарахтон месабзанд, сабзаю гулҳо меруянд. Паррандагон бо овози баланд месароянд. Марди деҳқон заминро шудгор карда, гандум мекорад.

Бояд қайд кард, мушоҳидаи ҳодисаҳои табиати ғайри зиндаро бо кӯдакон дар фаъолияти махсус ташкилкардашудаи берун аз машғулият, мавриди сайругашт чунин ташкил намудан мумкин аст.

Таъсири гармии офтоб. Дар аввалҳои фасли баҳор ҳаво тағирёбанда аст. Шамоли хунук мевазад. Рӯз то рӯз ҳаво гармтар мешавад. Кӯдаконро ба сайру гашт бароварда мефаҳмонем, ки имрӯз гармии офтоб зиёдтар аст. Барфи ҳозир боридагӣ дар натиҷаи таъсири гармии офтоб тез об шуд. Метавонад дар ду зарф барфро гирифта яктояшро дар ҷои офтобрӯя гузоред ва дигарашро дар ҷои соя, баъд кӯдакон нишон диҳед, ки чӣ тавр барфи дар ҷои офтоб буда тез об шуд, дар ҷои соя буда ҳоло об нашудааст. Бо ин таъсири гармии офтобро ба кӯдакон фаҳмонда медиҳем.

Вазидани шамол: Вазидани шамоли форамро кӯдакон бо тезӣ ҳис мекунанд. Метавонед ба кӯдакон ин шеърро хонда диҳед:

Биё – биё, эй шамол,
Шамоли масти кӯҳсор.
Дар ин ҷо рӯзи дароз,
Туро ҳастем интизор.

Раъду барқ. Дар аввалҳои баҳор калдар –кулдури раъдро шунидан мумкин аст. Чӣ гуна тағир ёфтани табиатро пеш аз саршавии раъду барқ ва борон ҳамроҳи кӯдакон мушоҳида кунед. Аҳамияти борони баҳориро фаҳмонда дода, ин шеърро қироат намоед:

Борон, борон тез-тез,
Қатра, қатра рез-рез.
Бар заминҳо об деҳ,

Ҳамин тариқ, муваффақияти аз худ намудани дониш дар бораи олами набототу ҳайвонот ва ҳифзи олами атроф аз маҳсули кори мураббия вобастагӣ дорад. Дар асоси ба ҳисоб гирифтани дараҷаи инкишофи кӯдакон ва шароиту имконияти маҳал мураббӣ муносибати дурусти онҳоро нисбат ба табиат тарбия ва нигоҳдошти олами атроф ташаккул дода, донишашонро мукаммал менамояд.

АДАБИЁТ

1.Консепсияи пешрафти кӯдакистонҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Душанбе,1994. - 36 с.
2.Лутфуллоев М., Иматова Л. «Лафзи ширин» /Дастури методӣ. –Душанбе. Матбааи Сифат. 2005. – 234 с.
3.Маҷидова Б., Турғунова З. Шинос намудани кӯдакон бо табиати ғайризинда. – Душанбе. Матбааи Сино. 2005. – 68 с.
4.Ғуломова Н. Аҳамияти шинос намудан бо табиат дар тарбияи ахлоқии кӯдакони хурдсол. //Кӯдакистон ва оила. Чӣ тавр кӯдакро ба мактаб омода намуд? – Маҷмӯи мақолаҳо. – Душанбе, 2004. - С. 54-58.
5.Барномаи инкишоф, тарбия ва таълими кӯдакони синни томактабӣ «Рангинкамон», - Душанбе. –Матбааи Фарозманд. 2012. - 112 с.

ЭКОЛОГИЧЕСКОЕ ВОСПИТАНИЕ ДЕТЕЙ В ПРОЦЕССЕ ОЗНАКОМЛЕНИЯ С ПРИРОДОЙ РОДНОГО КРАЯ

В статье рассматривается методика использования методов обучения при ознакомлении детей с природой радного края и усвоение экологических знаний.

Анализируются точки зрения ученых и исследователей по даной проблеме, пути и средства усвоения природы и защита окружающего мира. На основе уровня развития знания и представления детей организована специальная обучающая среда для развития творческого воображения и формирования основ экологических знаний.

Ключевые слова: *методы обучения, экологические знания, метод наблюдения, развитие способности, творческое воображение, специальная организованная деятельност*

ENVIRONMENTAL EDUCATION OF CHILDREN IN THE PROCESS OF ACQUAINTING WITH THE NATURE OF THE NATIVE EDGE

This article deals with the method of using teaching methods when familiarizing children with the nature of the region and assimilating environmental knowledge. The point of view of scientists and researchers about the problem, the ways and means of assimilating nature and the protection of the surrounding world are analyzed as well as in this article. On the basis of the level of development of knowledge and ideas of children, a special learning environment is organized for the development of creative imagination and the formation of the foundations of environmental knowledge.

Keywords: *training methods, environmental knowledge, observation method, ability development, creative imagination, special organized activities*

Сведения об авторе:

Шарипова Наргис Достиевна *– соискатель кафедры общей педагогики Таджикского государственного педагогического университет им.С.Айни*
e-mail: sharipova_n@mail.ru

About the author:

Sharipova Nargis Dostievna *– researcher in the Department of General Pedagogy of the Tajik State Pedagogical University named after S. Aini, e-mail: sharipova_n@mail.ru*

ТАШАККУЛ ВА ИНКИШОФИ ҚОБИЛИЯТҲОИ МАРИФАТИИ ХОНАНДАГОНИ СИНФҲОИ ИБТИДОӢ

Луфов М.Т.;Фозилова М. Ҷ.
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров

Пешравии ҳар як насли солим ва ҳамаҷониба инкишофёфтаи он аз ҷомеъаи солим вобаста аст. Тарбияи насли наврас рӯҳан ва ҷисману зеҳнан инкишофёфта бошад, вазифаи муқаддаси ҳар як шахсияти бомаърифати ҷомеъаи демократӣ маҳсуб меёбад. Пас аз падару модарон ин вазифаи масъулиятнок ва пуршараф ба души муаллим аст. Пас аз оила мактаб маконест, ки шахсияти кӯдакро ташаккул ва инкишоф медиҳад. Мактаби муосир бояд барои рушди қобилиятҳо ва сифатҳои мусбии характери хонандагон мусоидат намояд. Аммо мутаасифона имрӯзҳо он на ҳамеша ин вазифаи муқаддаси худро босамар анҷом дода метавонад.

Дар соҳаи психологияи амалӣ дақиқ муайян карда шудааст, ки қобилияти хонандагон дар заминаи аломатҳои модарзодии истеъдод ва дар зери таъсири шароитҳои муҳити оила, боғча, мактаб, ҷомеа ва дар натиҷаи мувофиқи мақсад ба роҳ мондани таълиму тарбия ташаккул меёбад. Қайд кардан бамаврид аст, ки воситаву роҳҳо ва усулҳои гуногуни дар раванди таълиму тарбияи хонандагони хурдсол ташаккул додани қобилияти эҷодии онҳо дар фаъолияти педагогони барҷастаи ватаниву хориҷӣ, рӯзномаву маҷаллаҳои гуногун, мақолаҳои илмии олимон, маърӯзаҳои муаллимони пешқадами синфҳои ибтидоӣ бисёр мушоҳида шудаанд.

Нишонаҳои аввалини зуҳуроти истеъдод ва қобилияти хонандагон дар синнусолӣ гуногун дар давраи барвақтӣ-бачагӣ пайдо мешаванд, ки минбаъд рушду қобилияту маърифат ва шавқу ҳавас ба тарбия ва муҳити солими руҳии оилаву боғча ва мактаб вобаста аст.

Барои ошкор намудани механизмҳои ташаккул ва инкишофи қобилиятҳо яке аз масоили муҳими илми психологияи амалӣ ва педагогикаи касбӣ маҳсуб меёбад.

Масъалаи қобилиятҳо дар асарҳои С.Л.Рубенштейн, Юркевич В.С., Б.М.Теплов, Н.С.Лейтес, Э.А.Голубева ба таври амиқ омӯхта шуданд.



Аз ин бармеояд, ки хусусиятҳои анатомӣ-физиологиро аломату нишонаҳо меноманд, ки онҳо метавонанд дар якчоягӣ бо майли ба фаъолият пайдошуда ба инкишофёбии қобилият замина гузоранд.

Равоншинос Рубинштейн С.Л., оиди ташаккул инкишофи қобилиятҳои маърифатии хонандагон дар раванди таълиму тарбия амалӣ мегарданд, яъне ҳангоми азхуднамоии мазмун, моҳият ва маданияти модию техникӣ, маънавӣ, илм ва санъат саҳми густурда дорад**[4].**

Сарчашмаи асосии инкишофи қобилиятҳо - ин аломату нишонаҳои модарзодианд, яъне хусусиятҳои анатомӣ-физиологии системаи асаб ва махсусан психологӣ маҳсуб меёбанд. Ҳангоми ҳамкории амалии хонандагон бо олами гирду атроф, дар раванди азхуднамоии дастовардҳои тараққиёти таърихии инсоният аломату нишонаҳои таббиӣ ба қобилиятҳои гуногун мунтазам мубаддал мегарданд.

Равоншиноси муосири рус Юркевич В.С., чунин ақида дорад, ки на ҳама гуна фаъолият қобилиятҳоро инкишоф медиҳад, балки он фаъолияте, ки дар амалаш эмотсияҳои мусбӣ ба вуҷуд меоянд. Агар бо хонандагон бисёр машғулиятҳо гузаронем, метавонем ба ӯ чизе ёд диҳем, ҳатто ба баҳоҳои хубу аъло ноил гардем, аммо барои он, ки имкониятҳо инкишоф ёбанд, муҳим аст, ки ин фаъолият ба худи ӯ писанд бошад, дар ӯ талаботи маърифатиро ба вуҷуд орад **[7].**

Ба андешаи равоншиноси тоҷик Мустафоқулов Т., дар инкишофи қобилиятҳо талаботи маърифатӣ нақши ҳалкунанда доранд. Талаботи маърифатӣ се зинаи инкишоф дорад: кунҷкобӣ, донишдӯстӣ ва худи талаботи маърифатӣ ҳамчун сифати устувори психика. Дар раванди таълиму тарбия муҳимият дар он аст, ки кунҷкобии хонандагон саривақт ба шавқи донишазхудкунӣ ва баъд аз он ба хусусияти муҳими шахсӣ ва талаботи маърифатӣ мубаддал мегардад **[2].**

Агар дар боғчаю мактаб ва оила барои тараққиёти қобилияти умумӣ ва махсуси бачагону наврасон ва хонандагони синфҳои ибтидоӣ шароити мувофиқи корӣ фароҳам оварда шаванд, ки ин барои барвақтар бедор шудани талабот, шавқу ҳавас ва майлу хоҳиши хонандагон ба фаъолиятҳои гуногун мусоидат мекунад. Аз ҷумла дар муҳити оилаҳое, ки волидайну калонсолон ба фаъолияти кулолгарӣ, заргарӣ, нақкошӣ, чакандӯзӣ, рассомӣ, меъморӣ, муҳандисӣ, ва касбҳои гуногунро онҳо пешаи худ қарор мегиранд, муҳити ҳунарии инкишофи ин оилаҳо бемамоният таъсири амиқи худро ба ба хонандагон барои бедор кардани шавқу ҳаваси онҳо ва зоҳир шудани қобилияти хонандагон мерасонанд. Табиист, ки хонандагон дар чунин оила тарбия ёфта ба нозукиҳои касбҳои нақкошӣ, дӯзандагӣ, гулдӯзӣ, чӯбтарошӣ, кандакорӣ, рассомӣ ва дигар соҳаҳои фаъолият дар муҳити оила тавассути мушоҳида ва ё дар ягон фаъолият ширкат варзидан майлу хоҳиш ва шавқу завқи зиёт пайдо мекунанд. Барои он ки истеъдоду қобилияти хонандагон хомӯш нагардад, зарур аст, ки дар муҳити оила барои тараққӣ додани қобилиятҳои гуногуни онҳо шароити зарурӣ муҳайё кардан зарур аст.

Яке аз вазифаҳои асосӣ ва муҳими волидайн, мураббиёни боғчаҳо ва омӯзгорони мактабҳо барои пешрафти рушди ҷомеаи демократӣ тоҷикистони соҳибистиқлол пеш аз

ҳама мувофиқи мақсад ба роҳ мондани фаъолияти хонандагон мебошад, ки дар фаъолияти худ на танҳо истеъдоду қобилияти хонандагон амалан зоҳир мегардад, балки дар навбати худ фаъолияти муҳими ташаккули қувваҳои ақлӣ ва зеҳнии онҳо ба шумор меравад.

Дар фаъолияти ҳаррӯзаи мо мунтазам истеъдоду қобилияти хонандагон аз синни томактабӣ ва давраи мактабӣ ҳам зоҳир намешавад, балкӣ ин ҳолат асоси воқеӣ шуда наметавонад, чунки ин хонандагон ба ягон соҳаи фаъолият қобилият надоранд. Шахсияти инсон, ки ба дунё омад, вай ба ягон соҳаи фаъолият қобилият дорад, аммо танҳо ба олами ботинии ӯ роҳ ёфта имконоти зеҳнию ақлонии ӯро фаҳмидан зарур аст.

Барои инкишоф додани қобилияту истеъдоди хонандагон оилаву мактаб нақши асосӣ мебозад. Маҳз дар оила ва мактаб ба вусъати ҳаматарафаи қобилияти эҷодии хонандагон, ташкили фаъолияти онҳо дар рафти дарсҳо, маҳфилҳои фаннӣ, чорабиниҳои беруназсинфӣ ва беруназмактабӣ шароитҳои боз ҳам зиёдтар фароҳам оварда мешавад. Дар мактаб барои рушди қобилиятҳои умумии хонандагон дарсҳои пурмазмуну эҷодӣ, ки шавқу ҳаваси толибилмонро бедор карда тавонанд ва дар онҳо сифатҳои фаъолӣ, ташаббускорӣ, мустақилӣ, меҳнатдӯстӣ ва қобилияти эҷодиро ташаккул диҳанд, аҳамияти хеле калон доранд.

Ҳар як хонандаи аз ҷиҳати психики саломат ва бардам ба қоби-лияте, ки барои дар мактаб бомуааффақият хондан зарур аст, доро мебошад. Бо ибораи дигар, ҳар кас қобилият дорад, ки маълумоти миёна гирад, материали таълимиро дар доираи барномаи мактаб аз худ кунад.

Қобилияти мактаббачагони хурдсол дар давраи омӯхтани алифбо оғоз меёбад. Дар ин давра барои инкишофи қобилияти умумӣ ва махсуси бачагон таълими савод, омӯхтани алифбо, санъат ва меҳнат, хониш, сурудхонӣ, расмкашӣ, риёзӣ, табиатшиносию забони модарӣ ва русӣ мусоидат мекунад. Масалан, муаллим ҳангоми омӯзонидани фанҳои таълимӣ қобилиятҳои умумӣ: навиштан, хондан, фикр кардан, алоқамандии овозҳо, шумурдан, расм кашидан, ҳикоя карданро инкишоф дода, қобилиятҳои махсус: тезтар ҳал кардани масъалаҳои математикӣ, тасвири расмҳо дар албом, ифоданок хондан, омӯхтани забони модарӣ, русию англисӣ ва амсоли инҳоро ташаккул дода тавонад.

Дар хонандагони синни хурди мактабӣ ва синни наврасӣ қобилияти бачагон дар рафти таълими фанҳои адабиёт, забони модарӣ, риёзӣ, таърих, ҷуғрофия, биология, расмкашӣ, сурудхонӣ, маҳфилҳои фаннӣ, чорабиниҳои синфӣ, беруназсинфӣ ва беруназмактабӣ ташаккул меёбанд. Ба рушди қобилияту истеъдоди хонандагон шабҳои саволу ҷавоб, олимпиадаҳои фаннӣ, викторинаҳо, маҳфилҳои табиатдӯстон, техникони ҷавон, фаъолияти бадеӣ, варзишӣ ва шашкаю шоҳмот, гӯштини тарзи озод, валейболу баскетбол ва ба инҳо монанд аҳамияти калон дорад.

Маълум аст, ки ҳар як хонанда ба ин ё он соҳаи фаъолият қобилият дорад, аммо дар ҳаёт одами беқобилият вуҷуд надорад. Хонандагони рӯҳану ҷисман ва аз ҷиҳати маънавӣ солим талаботи барномаи таълимиро аз бар мекунанд ва дар рафти таълим ба комёбиҳо муваффақ мегарданд.

Яке аз вазифаҳои муҳими муаллимон ва волидайну мураббиён аз он иборат аст, ки қобилияту истеъдоди бачагонро дар асоси методикаҳои илман асоснокшуда муайян кунанд ва баъд барои тараққӣ додани қобилияти бачагону хонандагон чораҳои судбахши амалӣ андешанд, бештар бачагонро ба иҷрои машқҳо ба тафсил ҷалб намоянд, нисбат ба онҳо талаботи қатъӣ ба миён гузоранд, маҳорату малакаҳои онҳоро такмил диҳанд, мунтазам назорат баранд ва ба натиҷаи фаъолияти хонандагон боҳои қатъӣ диҳанд. Мутаассифона на ҳамеша ҷараёни таълим имрӯзҳо бо дар назардошти қонуниятҳои психологии ташаккулу инкишофи қобилиятҳо ва хислатҳои характери хонанда сурат мегирад, ки ин боиси ба вуҷуд омадани монеаҳои гуногун дар ҷараёни таълим мегардад.

Омӯзгори босалоҳият бояд ҳамқадами замон бошад. Ин аст, дар баробари дониши хуби фаннӣ, техника ва технологияи навин ӯ бояд психологияи кӯдакро ба хубӣ омӯзад. Ҳар як кӯдак фардияти нотакрор аст ва танҳо донистани хусусиятҳои фардии эшон ба муаллим имконият медиҳад, ки ба рушди қобилиятҳояшон монеъ нагашта, балки мусоидат намояд, дар ӯ хислстҳои беҳтарини характерро ба монанди ватандӯстӣ, ифтихори миллӣ, ҷасурӣ, мустақилӣ, суботкорӣ, маърифатдӯстӣ, зебопарастӣ ва ғайраҳо ташаккул диҳад.

Дар охир ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки қобилиятҳои шахсияти хонандагони синни хурди мактабӣ низ дар даврaҳои ҳассоси ташаккул доранд, ки ба эътибор гирифтан ва самаранок истифода намудани онҳо метавонад ба инкишофи минбаъдаи ин қобилиятҳо таккони бузург диҳанд.

АДАБИЁТ

1. Давлатов М. Оила ва рушди шахсияти фарзандон. - Душанбе «Ирфон» 2014. - 224 с.
2. Мустафоқулов Т., Нарзуллоева М. Асосҳои психологияи синнусолӣ ва педагогӣ Кулоб-2003 - 360 с.
3. Петровский А. В. Возрастная и педагогическая психология. М.Просв. 1973 - С. 165-229.
4. Рубинштейн С.Л., Очерки, воспоминания, материалы. М., 1989
5. Шарифзода Ф. Актуальные проблемы современной педагогики. Книга в 2-х томах. Душанбе: Ирфон, 2010.-197 с.
6. Юнусова Н.М., Дастури психологияи амалӣ «Собириён» Душанбе-2004. - 334 с.
7. Юркевич В.С. Одаренный ребенок иллюзии и реальность- книга для учителей и родителей М., Просвещание, 2000 - 136 с.

ФОРМИРОВАНИЕ И РАЗВИТИЕ СПОСОБНОСТЕЙ УЧАЩИХСЯ НАЧАЛЬНОЙ ШКОЛЫ

В статье рассматриваются целях поиска путей повышения эффективности образовательного процесса, способности формулировать литературные навыки учащихся, развивать самокритичное мышление, выражать свободно выражения в статье. Развивая творческие способности, учитель развивает не только читателя умения, но и готовит себя к уроку в своих творческих способностях.

Ключевые слова: *психология, педагогика, школа, способность, спрос, образование, развлечения, компетентность педагогических навыков.*

FORMATION AND DEVELOPMENT OF PRIMARY SCHOOL STUDENTS' ABILITIES

The article discusses the goals of finding ways to increase the effectiveness of the educational process, the ability to formulate students' literary skills, develop self-critical thinking, and express free expression in the article. Developing creative abilities, the teacher develops not only the reader's skills, but also prepares himself for a lesson in his creative abilities.

Keywords: *psychology, pedagogy, school, ability, demand, education, entertainment, competence of pedagogical skills.*

Сведения об авторах:

Луфов Мансур Туймуратович *– старший преподаватель кафедры социальной и профессиональной психологии Худжандского государственного университета имени академика Б. Гафуров.* ***E-mail-*** *lufov@mail.ru*

Фозилова Масрура Ҷумановна - *докторант первого курса сспециальность педагогики и психологии Худжандского государственного университета имени академика Б.Гафуров.*

About the authors:

Lufov Mansur Tujmuratovich *- the senior teacher in the Department of Social and Professional Psychology of Khujand State University named after academician B.Ghafurov. E-mail- lufov@mail.ru*

Fozilova Masrura Jumanova *– the 1st year Ph. D. student in speciality of Pedagogy and Psychology of Khujand State University named after academician B.Ghafurov. Tel.:(+992) 92-864-63-90*

ПРОБЛЕМА ПОДГОТОВКИ УЧИТЕЛЯ ИНОСТРАННОГО ЯЗЫКА К ПРОФЕССИОНАЛЬНОМУ ОБЩЕНИЮ В ПЕДАГОГИЧЕСКОМ ВУЗЕ

Халимова З.

Таджикский государственный педагогический университет им.С.Айни

На современном этапе педагогическая наука и практика решают проблему совершенствования методов и форм вузовской подготовки, разработки новых педагогических технологий, направленных на решение задач модернизации образования, повышения качества и эффективности профессиональной подготовки.

Важнейшей задачей высшей профессиональной школы является подготовка студента к самостоятельной профессиональной деятельности. Вопросам профессиональной подготовки учителя, развития готовности будущих педагогов к предстоящей деятельности посвящено немало научных исследований [2,3,4,5,6,7,12, 13, 15].

Подготовка творчески мыслящего специалиста, учителя-исследователя, способного преодолевать сложившиеся стереотипы, и стремящегося к постоянному самосовершенствованию и самообразованию определяется многими исследователями в качестве ведущей цели подготовки специалистов педагогических вузов.

В работе В.А. Сластенина профессиональная компетентность специалиста определяется как единство теоретической и практической готовности личности к осуществлению профессиональной деятельности [16]. Показателем профессиональной и творческой самостоятельности специалиста определяется способность ставить перед собой цели в области профессиональной деятельности, находить способы и средства для их достижения.

В исследовании Т.Е. Климовой были выявлены компоненты готовности студента к профессионально-творческой самообразовательной деятельности, в том числе:

- владение комплексом профессионально-педагогических знаний (синтез и системность методологических, теоретических, методических, и технологических знаний);
- умение выходить в рефлексивную позицию на всех этапах профессиональной деятельности;
- умение творчески использовать полученные знания в профессиональной деятельности [10].

Таким образом, уровень способности человека к самореализации в трудовой деятельности определяется единством теоретических знаний и практических умений.

Ученые отмечают, что для достижения оптимальных результатов необходима тщательная проработка всех составляющих педагогического процесса. В целях подготовки преподавателей, отвечающих высокому уровню требований, предъявляемых к ним современным обществом, педагогическое образование должно активнее использовать инновационные технологии, методы и формы организации занятий и контроля [3].

В теории и практике профессиональной подготовки будущих учителей сделан очевидный перенос акцента с обучающей деятельности преподавателя на познавательную деятельность студента. Педагогическое образование рассматривается не как присвоение новых знаний, а как раскрытие способности обучаемого, его возможностей компетентного и ответственного выполнения профессиональных задач, продуцирования новых идей, решений, создание реальных предпосылок для саморазвития личности [12].

Как отмечает А.А. Вербицкий «основной проблемой профессионального образования является проблема перехода от учения к труду, обусловленная противоречиями между содержанием, формами и условиями познавательной и усваиваемой профессиональной деятельностью: в рамках одного типа деятельности нужно «вырастить» принципиально иной» [7, с.12].

По мнению ученых, обеспечение вовлечения студента в процессы реальной профессиональной активности, познания на уровне профессионального творческого мышления, готовит будущего учителя к непрерывной творческой и исследовательской деятельности в профессиональной области [15].

Необходимость включения профессиональных целей в содержание лингвистических дисциплин в педагогическом вузе рассматривалась многими исследователями [3,5,6,9]. Все авторы говорят о необходимости организации такого процесса обучения, который бы соответствовал практической деятельности будущего специалиста, а не просто служил накоплению знаний.

Так, М.И. Захаренкова подчеркивает, что «в процессе обучения языку студент педагогического вуза должен не только овладеть им как средством коммуникации в устной и письменной формах в рамках программных требований и понять значимость приобретенных знаний, навыков и умений для своей будущей работы, но, вместе с тем, овладеть профессиональными умениями и воспитать в себе качества, необходимые преподавателю иностранного языка» [9: 120].

Однако осознание необходимости подчинения обучения профессиональным целям не привело еще к реализации данных задач в курсе практики языка. Анализ научных исследований выявил недостаточную разработанность проблемы совершенствования профессиональной

подготовки студентов языковых факультетов в рамках лингвистических дисциплин, преподавание которых нередко ограничивается предметным содержанием и не имеет профессиональной направленности. Согласно эмпирическим исследованиям, проведенными нами, предметная (языковая) и профессиональная подготовка существуют в значительной мере изолированно друг от друга, что является основным недостатком профессиональной подготовки будущего учителя иностранного языка на факультетах иностранных языков педагогических вузов республики. Так как, на наш взгляд, только интеграция дисциплин общепрофессиональной и специальной подготовки может обеспечить основу для эффективной, творческой профессиональной деятельности будущего учителя иностранного языка, она должна стать неотъемлемым требованием содержания профессиональной подготовки будущего специалиста.

Руководствуясь тем фактом, что для реализации профессиональной подготовки специалиста надо четко представлять все параметры его будущей профессиональной деятельности и тем, что иноязычное профессиональное общение отражает содержание профессиональной деятельности, необходимо обратиться к анализу содержания и специфики профессиональной деятельности учителя иностранного языка.

Смирнова Е.Э. для описания деятельности специалиста выделяет следующие базовые характеристики:

- проблемы (задачи), которые приходится решать специалисту в профессиональной деятельности;
- функции, то есть обобщенные характеристики основных обязанностей, выполняемых в соответствии с требованиями профессии;
- пути решения выделенных проблем или задач;
- качества (индивидуально-типические параметры) личности, обеспечивающие успешность действий в избранной области;
- ценностные ориентации и установки;
- знания теоретического или прикладного характера, которыми оперирует в своей деятельности специалист;
- умения и навыки, с помощью которых достигаются желаемые результаты [15: 27].

Государственный образовательный стандарт высшего профессионального образования определяет следующие проблемы (задачи), которые приходится решать специалисту в профессиональной деятельности: осуществлять обучение и воспитание обучающихся с учетом специфики преподаваемого предмета; способствовать социализации, формированию общей культуры личности; использовать разнообразные приемы, методы и средства обучения; обеспечивать уровень подготовки обучающихся, соответствующий требованиям государственного образовательного стандарта; систематически повышать свою профессиональную квалификацию [8].

Стандарт также определяет функции, то есть обобщенные характеристики основных обязанностей, выполняемых в соответствии с требованиями профессии (преподавательская, научно-методическая, социально-педагогическая, воспитательная, культурно-просветительская, коррекционно-развивающая, управленческая); пути решения выделенных проблем или задач: познавательная активность, постоянное совершенствование педагогического мастерства, самопознание, самоопределение, самосовершенствование, анализ программ и учебников по иностранному языку, наблюдение за ходом урока и его анализ, знакомство с опытом организации и проведения занятий, участие в «педагогических дискуссиях», участие в деятельности методических объединений и в других формах методической работы [8].

Как известно, что знания теоретического и прикладного характера, которыми оперирует в своей деятельности учитель иностранного языка, представлены главным образом в блоках общепрофессиональных дисциплин и дисциплин предметной подготовки учебного плана.

Объем и характер профессиональных знаний, умений, навыков учителя иностранного языка отражены в профессиограмме учителя иностранного языка. На сегодняшний день нам известны профессиограмма учителя иностранного языка, разработанная под руководством С.Ф. Шатилова [14].

В составе профессиональных умений учителя иностранного языка автор выделяют следующие группы умений: конструктивные или проектировочные - связанные с отбором и организацией учебного материала; организаторские связанные с организацией собственной деятельности и деятельности учащихся; коммуникативные - обеспечивающие процесс педагогического общения на уроке, исследовательские умения - умение анализировать уроки любых видов, деятельность коллег и свою собственную, анализировать учебники и учебные пособия.

Анализ научных исследований позволяет определить качества (индивидуально-типические параметры) личности, обеспечивающие успешность действий в избранной (педагогической) области, к ним относятся: духовность, открытость окружающему миру, самоуважение, уважение к человеку, эмпатия, сопричастность, требовательность к себе и учащимся, сформированность профессионального самосознания будущего учителя, компетентность, безупречное знание предмета, знание методики преподавания, широкий кругозор, общая культура, интерес к исследовательской, профессионально-творческой деятельности, умение творчески использовать полученные знания в профессиональной деятельности, умение выходить в рефлексивную позицию [12, с.124].

Видимо, невозможно говорить об успешной профессиональной деятельности учителя иностранного языка при отсутствии ценностных ориентации и установок, а именно: установки на будущую педагогическую деятельность, осознания значимости знаний, труда, профессионального престижа, долга, ответственности, конкретной профессиональной позиции, устремленности к идеалу, веры в высшие духовные ценности, любви и веры в детей, осознания своей причастности к миру культуры, осознания познавательной активности как ведущей формы творческой активности, самоопределения относительно идеала, норм, правил общения, мышления, волеизъявления.

Знание базовых характеристик профессиональной деятельности учителя иностранного языка играет важную роль, так как ориентирует управление учебно-воспитательным процессом на конечный результат, фиксирует цели и содержание обучения. Знание ее компонентов, также дает студентам представление о высоте требований, формирует понимание необходимости непрестанного самосовершенствования личности, своего профессионализма.

В учебном процессе невозможно обеспечить полную адекватность процесса профессиональной деятельности. В качестве наиболее значимых для нашего исследования элементов мы определили успешность профессионально-методических действий учителя иностранного языка, обеспечивающаяся теоретическими знаниями и профессиональными умениями и навыками. На решение данной задачи направлено наше будущее исследование.

ЛИТЕРАТУРА

1. Азимов Э.Г., Щукин А.Н. Словарь методических терминов (методика и практика преподавания языков).- СПб.: «Златоуст», 1999. - 452 с.
2. Алексашина И.Ю. Решение педагогических задач как средство формирования умственной самостоятельности студентов педвузов. Дис. канд. пед. наук. - Л., 1983. - 215 с.
3. Алиев С.Н. Научно-педагогические основы формирования профессиональной компетенции будущих учителей иностранных языков в педвузах Республики Таджикистан (на материале английского языка). Дис. … док. пед. наук, 13.00.01/ - Душанбе., 2009. – 374 с.
4. Арнаутов В.В. Развитие интереса к профессии учителя у студентов в условиях учебно-научно-педагогического комплекса. Дис. канд. пед. наук. -Волгоград, 1995. - 207с.
5. Ахтариева Л.Г. Особенности педагогической подготовленности студентов к профессионально-педагогической деятельности. Дис. канд. психол.наук. - Л., 1978.- 198 с.
6. Бердичевский А.Л. Оптимизация системы практической языковой подготовки учителя иностранного языка: Автореф. дис. док., пед. наук. -М., 1991.-45 с.
7. Вербицкий А.А. Активное обучение в высшей школе: контекстный подход. Метод, пособие. - М.: Высшая школа, 1991.- 207с.

8. Государственный образовательный стандарт высшего профессионального образования (Специальность 033200. Иностранный язык. Квалификация учитель иностранного языка).- 2000. -120 с.
9. Захаренкова М.Н. Пути повышения эффективности профессиональной подготовки студентов старших курсов на занятиях по практике языка // Вопросы совершенствования процесса обучения иностранному языку в средней школе и вузе. Республиканский сборник. -Горький, 1978. - С. 341-350.
10. Климова Т.Е. Подготовка будущего учителя к профессионально-творческой самообразовательной деятельности: Дис. канд. пед. наук. -М., 1987.-231 с.
11. Концепция высшего профессионального педагогического образования (на примере иноязычного образования) // Под ред. Е.И. Пассова., В.Б. Царьковой. - Липецк, 1998. -86 с.
12. Кузьмина Н.В. Очерки психологии труда учителя // Психологическая структура деятельности учителя и формирование его личности. - Л.: Изд. ЛГУ, 1967.-183 с.
13. Маркова А.К. Психология труда учителя.- М., 1993. -320 с.
14. Профессиограмма учителя иностранного языка: Рекомендации / С.Ф. Шатилов и др. - Л., 1985. -156 с.
15. Смирнова Е.Э., Пути формирования модели специалиста с высшим образованием. -Л.: ЛГУ, 1977. - 180 с.
16. Сластенин В.А., Исаев И.Ф., Мищенко А.И., Шиянов Е.Н. Педагогика: Учебное пособие для студентов педагогических учебных заведений. -М.: Школьная пресса, 2002. - 512 с

ПРОБЛЕМА ПОДГОТОВКИ УЧИТЕЛЯ ИНОСТРАННОГО ЯЗЫКА К ПРОФЕССИОНАЛЬНОМУ ОБЩЕНИЮ В ПЕДАГОГИЧЕСКОМ ВУЗЕ

Статья посвящена понятием проблем подготовки учителя иностранного языка к профессиональному общению в педагогическом вузе.

Знание базовых характеристик профессиональной деятельности учителя иностранного языка играет важную роль, так как ориентирует управление учебно-воспитательным процессом на конечный результат, фиксирует цели и содержание обучения.

Ключевые слова: *понятие проблем; самосовершенствования; профессионально-методический; умения и навыки;*

TEACHING TRAINING PROBLEM OF FOREIGN LANGUAGE TO PROFESSIONAL COMMUNICATION IN PEDAGOGICAL UNIVERSITY

The article is devoted to the concept of the problems of preparing a foreign language teacher for professional communication in a pedagogical university

Knowledge of the basic characteristics of the professional activity of a foreign language teacher plays an important role, since it orients the management of the educational process to the final result, fixes the goals and content of education.

Keywords: *concept of problems; self-improvement; professional and methodical; skills;*

Сведение об авторе:

Халимова З.Р. *- старший преподователь кафедры методики обучение англиского языка Таджикского государственного педагогического университета имени С.Айни тел: (+992)904033309*

About the autor:

Halimova Z.R. *– senior teacher of the department of Methods Teaching English of the Tajik State Pedagogical University named after S.Aini*

ТАШАККУЛИ МАЛАКАИ МУОШИРАТ БО ЗАБОНИ ХОРИҶӢ ВА ИСТИФОДАИ ОН ДАР ТАДҚИҚОТҲОИ ИЛМИИ ПРОФЕССОРИ ДОНИШГОҲИ ГАРВАРДИ ИМА В. РАЙВЕРС ВА СИСТЕМАИ МАШҚҲОИ К.Б.ПАУЛСТОН

Бойматов А., Рашидова Д.А.
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров

Пайдост, ки муҳити забонӣ дар ҷараёни омӯзиши чи забони модарӣ ва чи забони хориҷӣ мавқеи басо муҳимро дорост. Дар ҳолати набудани чунин муҳит, ки хоси азбаркунии забони англисӣ дар кишвари мост, меҳнати мунтазам ва зиёди рӯҳонию зеҳнӣ ва, пеш аз ҳама, гузаронидани машқҳои таълимии мухталифро талаб карда мешавад.

Дар методикаи таълими забони хориҷӣ системаи машқҳоро, ки олимони шӯравӣ коркард намудааанду мо аз он то имрӯз истифода карда меоем, ба забонӣ [1, 18], пешазнутқӣ ва нутқӣ [6, с.136] ё шартан коммуникативию аслан коммуникативи ҷудо кардааанд [2, 34, 175, 4, 33; 3, 235].

Таҷриба ва мушоҳидаҳои чандинсолаи мо собит карданд, ки бо вуҷуди ҳама афзалиятҳои худ системаи машқҳои дар боло зикршударо наметавон комилан мақбул шуморид. Зеро онҳо имконияти ба дараҷаи дилхоҳ аз бар кардани забони хориҷиро фароҳам намеоваранд. Сабаб дар он аст, ки машқҳои забонии зикршуда аксаран ба омӯзонидани воҳидҳои забон нигаронида шудаанд ва онҳо ба мисолҳои сунъию, қолибҳои гуфтори ғайривоқеи асос меёфтанд. Он машқҳо бештар ба азбаркунии қавоиди истифодаи шакл ва маънои ҳодисаи забонӣ маҳдуд мешуд, яъне онҳо хосият ва раванди кофии муоширатӣ надоштанд. Гузашта аз ин, худи истилоҳи «машқҳои забонӣ» моҳияти масъаларо акс намекунад. Машқ чӣ тавр метавонад забонӣ бошад, вақте ки таълими забони хориҷӣ мақсади амалӣ дорад ва таҳти ин мафҳум қудрати бо забони хориҷӣ муошират карда тавонистан дар назар дошта мешавад. Ҳамин аст, ки профессори Донишгоҳи Ҳарварди ИМА Вилга Райверс қайд кардааст: «Дар гузашта фаъолияти таълимии мо нобарор буд, зеро мо бо нутқи хориҷии на табии, балки сохтаву сунъии шогирдон қаноатманд мешудем.» Ин методисти маъруфи садаи ХХ ҷараёни таълими забони хориҷиро ба маҷрои нав ҳидоят кардааст. Аз рӯи ақидаи ӯ, ҷараёни таълими забони хориҷӣ бояд ду амалиётро фарогир бошад:

1. Амалиёти малакаандӯзӣ.
2. Амалиёти истифодаи малака.

Амалиёти якум аз қабули ахбор ва тҳҳияи нақши гуфтори сунъӣ иборат аст. Қабули ахбор, дар навбати худ, ду чизро дар назар дорад: 1) Сарфаҳм рафтан ба ахбор, 2) Таҷрид аз ахбор ё хулосабарорӣ. Таҳияи нақши гуфтор низ ду амалиётро фарогир аст: 1) Таҷвиди (талаффузи дуруст)-ро аз бар кардан, 2) Қолиббандии гуфторро аз худ намудан.

Амалиёти дуюм (истифодаи малака) аз ваҷҳи муоширатӣ оғоз ёфта, он ду амалиётро дар бар мегирад, ки ҳар ду он аз амалиёти муштараки мусоҳибон сарчашма мегирад. Амалиёти якум – ин эътино ба гуфтори мусоҳиб ва амлиёти дуюм – ин изҳори ақида мебошад [9, с.235].

Ҳамаи ин амалиётҳоро, ки барои корбаст намудани мақсади муоширатии таълим хизмат мекунанд, В.Райверс ба таври зайл рӯи раҷҷа овардааст:





Аз қисми дуюми ин рақҷа бармеояд, ки мафҳуми «фаъолияти муоширатӣ» ҳамеша ду шахсро дар назар дорад: гӯянда ва шунаванда. Бинобар он термини «фаъолияти нутқ», ки дар китоби М.Рауфов чун муродифи истилоҳи «речевая деятелҳностҳ»-и руси оварда шудааст, моҳияти ин амалиёти фикриро мунъакис наменамояд [5, с.136], зеро воҷаи «нутқ» ҳамеша як кас – гӯяндаро дар назар дорад, яъне нутқ амалиёти якҷонибаро мефаҳмонад. Ба ҷои ин воҷа истифода бурдани калимаи «муошират» айни муддаост, зеро он амалиёти ду нафар – гӯянда ва шунавандаро дар назар дорад. Аз ин лиҳоз «речевая деятелҳностҳ»-ро чун «фаъолияти муоширатӣ» тарҷума кардан мувофиқи матлаб аст.

Барои соҳиб шудан ва то ба дараҷаи маҳорат расонидани фаъолияти муоширатии шогирд бо забони англисӣ протсессҳои дар ин рақҷа зикршударо таҳлилу таъбир кардан зарур аст, зеро бе сарфаҳмравӣ ба ҳар яке аз амалиётҳои зикршуда роҳ, восита ва усулҳои амалӣ кардани онҳо имконнопазир аст. Бо ибораи дигар танзими системаи машқҳо барои ташаккул ва такомули рукнҳои фаъолияти муоширатӣ бо забони англисӣ бо мафҳумҳои дар рақҷа сабтшуда зич робитаманд мебошад.

Чунон ки рақҷа нишон медиҳад, хонанда бояд аввал малакаҳои зарурии муоширатиро ҳосил намояд ва онҳоро инкишоф диҳад. Азбаски малакаандӯзӣ дар ҷабҳаи фаъолияти муоширатӣ аз дарки ахбор оғоз меёфтааст ва он фарогири ду протсесс (сарфаҳмравӣ ва хулосабарорӣ аз ахбор) будааст, омӯзгор бояд ин ду амалиёти фикриро дар хотира ва зеҳни шогирдон ҷой ва такомул диҳад [7, с.68].

Сарфаҳмравӣ чиро дар назар дорад? Нисбати забономӯзӣ ин амалиёти фикрӣ (сарфаҳмравӣ) тафаҳҳуми шакл ва маънои воҳиди шунидашударо дар назар дорад. Яъне хонанда бояд, пеш аз ҳама, шакл ва маънои воҳиди зарурии забонро сарфаҳм равад. Баъди фаҳмидан доир бо он воҳидҳо тасаввурот ва баъдан мафҳум пайдо кардан талаб карда мешавад, ки он дар натиҷаи хулосабарорӣ амалӣ мегардад.

Сарфаҳмравӣ ва хулосабарорӣ ҳанӯз як тарафи кор аст. Тарафи дигари кор он аст, ки хонанда бояд таҷвидро (дуруст талаффуз кардани чизи сарфаҳмрафташро) ёд гирад, яъне образи аккустикии воҳидҳои забонро аз худ кунад. Талаффуз бо овозҳои нутқ робитаманд аст, ки онҳо ҷанбаи моддии (материалии) забонро ташкил мекунанд. Азбар кардани талаффузи садоҳо, ки дар алоҳидагӣ маъное надоранд, як намуди машқҳоро талаб мекунад (онҳоро поёнтар баррасӣ хоҳем кард). Дар баробари талаффӯз донистани тарзи қолиббандии гуфтор низ аз вазоифи таълим аст. Бар хилофи таҷвиди (таллаффузи) овозҳои нутқ, ки танҳо як нақш (нақши ифода – план вкраҷения) дорад, қолиббандӣ бо истифодаи воҳидҳое робитаманд аст, ки ду нақшро (нақши ифода ва нақши мундариҷа – план вкраҷения и план содерҷания) моликанд. Ин муҳокима чунин маъно дорад, ки ба овозҳои нутқ танҳо шакл хос буда маъно барои онҳо бегона аст. Вале мафҳуми қолиббанди воҷаҳо ва қавоиди васлшавии онҳоро фарогир мебошад. Воҷаҳо ва воситаҳои пайванди онҳо ҳаводиси дуҷонибаанд, яъне ба нақши ҳам ифода ва ҳам маъно моликанд. Аз ҳамин лиҳоз тафаҳҳум (шунида фаҳмидан - аудирование) ҳосил кардани ин ду навъи малакаро дар бар мегирад: шунидан ва фаҳмидан. Инсон метавонад чизеро шунавад, вале онро нафаҳмад. Пас фонемаҳо ва паиҳамии онҳоро дар шакли воҷа, ибора ва гуфтор мешунавад. Бинобар он дар ҷараёни таълими забони хориҷӣ машқҳоеро бояд истифода бурд, ки онҳобарои ташаккул ва такомули малакаҳои шунавоӣ нигаронида шуда бошанд, ки онҳоро метавон

малакаҳои шунидорӣ (аудирование) ё тафаҳҳумӣ номид. Чунин машқҳоро бо истилоҳи машқҳои созмонӣ номгирӣ мекунем, ки онҳоро олими маъруфи амрикоӣ К.Б.Паулстон машқҳои механикӣ номидааст. Ин машқҳо барои азбар кардани ҷанбаи зоҳирии (шакли) воҳидҳои забон хизмат мекунанд. Воҷаҳо, ибораҳо ва гуфтор на танҳо шакл, балки маъно низ доранд, ки омӯхтани онҳо низ зарур аст. Ҷузви маъновии воҳидҳои забон низ бояд тавассути машқҳои хоса азхуд карда шаванд. Чунин машқҳоро мо бо истилоҳи машқҳои маъновӣ ё контенсивӣ истилоҳбандӣ менамоем. Онҳоро ҳамон К.Паулстон бо унвони «meaningful drills» (машқҳои маъновӣ) зикр кардааст [8, с.218].

Ин ду навъ машқ (созмони ва контенсивӣ ё маъновӣ) раванди малакаандӯзӣ доранд. Бинобар он чунин машқҳоро метавон машқҳои ҳосил намудани малакаҳои ретсептивӣ (қабулкунӣ) ҳисобид, зеро онҳо барои азбаркунии амалиёти фикрии шунидан ва фаҳмидан нигаронида мешаванд. Онҳо дар шакли машқҳои хорӣ, тақлидӣ, ҷойивазкунӣ, табодулӣ, ҷобаҷокунӣ, қолиббандӣ [7, с.74] ва амсоли онҳо зуҳур карда метавонанд. Ин навъ машқҳо, албатта, дар як ҳолат раванди псевдокоммуникативӣ (муошират сунъию сохта – pseudocommunication-истилоҳи В.Райверс) дошта метавонанд. Вале омӯзгорро зарур аст, ки дар аксарияти ҳолатҳо ба он кӯшад, то мундариҷаи машқҳо ранги муошират зинда ва табииро гирад. Дар ин сурат истифодаи маводҳои гуногуни айёнӣ, аудиолингвалӣ ва имою ишора, инчунин предметҳову сурати онҳо талаб карда мешавад. Дар робита ба ин масъала бояд зикр кард, ки малакаҳои ретсептивии зикршуда тавассути узви шунавоӣ, имкониятҳои ақливу зеҳнии хонандагон ба даст меояд.

Боз малакаи ретсептивии дигареро ҳосил намудан лозим аст, ки он ба воситаи узви биноии инсон пойдор мегардад. Онро метавон малакаи хондорӣ номид. Ин малака низ тавассути машқҳои созмонӣ ва контенсивӣ (маъновӣ) ҳосил мегардад. Машқҳои сохторӣ барои аз бар кардани таносуби байни образҳои графикию аккустикии забон нигаронида мешаванд. Агар образҳои аккустикӣ тавассути анализаторҳои шунавоӣ азбар карда шаванд, образҳои графикӣ амалиёти анализаторхои биноӣ ва муҳаррикиро талаб мекунад. Дар мактаби миёнаи таҳсилоти умумӣ ба машқҳое, ки амалиёти анализаторҳои муҳаррикии бо навиштор алоқамандро тақозо менамоянд, кам таваҷҷӯҳ зоҳир карда мешавад, зеро ҳосил намудани малакаҳои навишторӣ, ки он ба воситаи анализаторҳои муҳаррики ба даст меояд, мақсади таълим маҳсуб намешавад. Намуд ва таснифоти машқҳои ретсептивӣ, ки барои ташаккул ва такомули малакаҳои хониш хизмат мекунанд, дар шакли машқҳои тақлидӣ, ҷойивазкунӣ, таззодӣ, орфографӣ ва ғайраҳо амалӣ мегарданд.

Бояд зикр кард, ки аз рӯи механизми амалӣ шуданаш малакаандӯзӣ тавассути узви биноӣ аз малакаҳосилкунӣ ба воситаи узви шунавоӣ фарқ кунад ҳам, аз лиҳози мақсади ниҳоии худ онҳо яканд. Ҳар ду заминае мебошанд, ки тавассути онҳо муошират рӯи кор ояд.

Ҳамон чор амалиёте (reception, abstraction, articulation ва construction), ки дар қисми аввали раҷҷаи Вилга Райверс зикрашон рафтааст ва онҳо боиси ҳосилшавии малакаҳои ретсептивӣ мегарданд, имконият фароҳам меоваранд, ки хонанда бо забони англисӣ муошират кунад. Барои муошират, албатта, сабабе ё вачҳе бояд ба миён ояд. Он вачҳ аз қироати ягон маводи хаттӣ ё сухани шифоҳии кассе ба миён меояд, ки онро В.Райверс «Motivation to communication» (вачҳ барои муошират) номидааст. Ба ин вачҳ шунаванда ё хонанда бояд эътиное кунад ва ҷавобан дар шакли хаттӣ ё шифоҳӣ луқма гӯяд. Он луқма дар шакли нақл ё муколама зуҳур карда метавонад, ки онро гуфтори якҷониба ё дуҷониба бояд номид. Ба ин амалиёт дар натиҷаи ба даст овардани малакаҳои ҳарфзанӣ метавон муваффақ шуд. Ҳосилкунии малакаи ҳарфзанӣ бошад, мақсади асосӣ ва ниҳоии таълими забони хориҷӣ маҳсуб мешавад. Ин малака якбора пайдо намегардад. Барои ташаккули он ду-се омили муҳим мавқеъ мебозад. Омили якум – ин ҳарчӣ бештар нутқи хориҷиро шунида, онро фаҳмида тавонистан мебошад. Зеро нутқи шунидашуда вачҳе мешавад барои муошират. Омили дуюм – ин ҳарчӣ бештар адабиёти бо забони хориҷӣ нашршударо хондан аст. Кас чӣ қадар бештар хонад, ҳамон қадар луғаташ бой мегардад ва қолибҳои муоширатиро хуб аз бар менамояд. Донистани луғат ва қолибҳои дурусти муоширатӣ имконият фароҳам меоварад, ки малакаи ҳарфзанӣ инкишоф ёбад. Омили сеюм – ин ҳарчӣ бештар сухан кардан аст. Дар ин ҷо овардани суханони хеле бачои В.Райверс айни муддаост «Дар ҷараёни азбаркунии малака донишҷӯён истифодаи воҳидҳои забонро меомӯзанд: азхудкунӣ тавассути иҷрои машқҳо ба даст меояд. (In the process of acquisition students learn the production of language sequences: They learn through doing, [9, с.57]». Бинобар он хонанда бояд бештар гап занад ва ҳангоми ҳарфзанӣ аз ҳароси он, ки дар нутқаш хато содир мекунад, натарсад, шарм накунад, зеро он хатоҳо муваққатӣ ва даргузар хоҳанд буд.

Аз гуфтаҳои болоӣ бармеояд, ки дар байни рукнҳои фаъолияти муоширатӣ (тафаҳҳум ё шунида фаҳмидан, хондан ва ҳарфзанӣ) робитаи ногусастанӣ мавҷуд аст. Албатта, китобат ҳам чун яке аз рукнҳои фаъолияи муоширатӣ дар ташаккулу такомули малакаи ҳарфзанӣ андаке мавқеъ дорад. Ҳамин андаке мавқеъ доштани китобатаст, ки барномаи таълими забони хориҷӣ дар мактаби миёна навишторро на мақсади таълим, балки воситаи ташаккули дигар ҷанбаҳои фаъолияти муоширатӣ қарор додааст.

Азбаски рукнҳои асосии фаъолияти муоширатӣ барои ҳосил намудани малакаҳои гуфтор хизмат мекардаанд, зарур меояд, ки ҳамаи машқҳои таълимӣ бояд раванди муоширатӣ дошта бошанд. Аз ҳамин лиҳоз ҳаҚ ба ҷониби К.Б.Паулстон аст, ки ӯ машқҳои таълимиро ба механикӣ, маъновӣ ва коммуникативӣ таҚсим кардааст. Мо дар ин кор он системаи машқҳоро бо истилоҳҳои машқҳои созмонӣ ё сохторӣ, маъновӣ ва муоширатӣ номгирӣ мекунем. Он машқҳо низ ба зергурӯҳҳо таҚсим мешаванд, ки дар боло зикрашан рафт.

Машқҳо барои ташаккулу такомули муошират бояд ҳамеша моҳиятан аз гуфторҳои зиндаю табиӣ иборат бошанд. Онҳо аслан дар марҳилаҳои миёнаю болоии таълим бештар рӯи кор меоянд. Дигар намуди машқҳои зикршуда метавонанд гоҳо раванди

псевдомуоширатӣ (гуфторҳои сунъӣ ё сохта) дошта бошанд, ки ин ба зинаи таълим (аксаран зинаи поёнии он) ва хели маводи таълимӣ вобаста аст. Вале боиси ҚайД аст, ки ин машқҳо низ бо ҚадРи имкон бояд хосияти муоширатӣ доштабошанд, ки ин аз устодии омӯзгор вобаста аст.

Дар муҳити ғайрианглисӣ азбаркардани забони англисӣ ба интихоби машқҳо зич алоҚаманд мебошад, зеро малакаҳои зарурии муоширатӣ танҳо дар ҳолати танзим ва истифодаи системаи машқҳои мувофиҚ доир ба ташаккул ва такомули ин ё он рукни фаъолияти муоширатӣ ба даст меояд.

Дар робита ба марҳилаҳои ҳосилкунии малакаҳо машқҳоро дар методикаи шӯравӣ ва имрӯза, ки аз он мо ҳам то ҳол баҳра бардорӣ карда меоем, ба забонӣ, пешазнутҚӣ ва нутҚӣ, ё шартан муоширатӣ ва аслан муоширатӣ таҚсим мекунанд. Ин таҚсимот бо вуҷуди афзалиятҳояш натиҷаҳои дилхоҳ надода меояд.

Системаи машқҳое, ки методистони Амрикову Инглистон коркард намудаанд, афзалтар менамоянд. Онҳо машқҳои созмонӣ (дар таснифи К.Б. Паулстон- «Машқҳои механикӣ»), маъновӣ ва муоширатӣ (бо истилоҳи ҳамон К.Б.Паулстон- «Машқҳои контенсивӣ ва коммуникативӣ») мебошанд [8, с.78]. Ба созмонӣ, маъновӣ ва муоширатӣ ҷудо кардани машқҳо аз табиат ва моҳияти худи забон бармеояд: воҳидҳои забон дорои шакл, маъно ва вазифа мебошанд. Машқҳои созмонӣ баомӯзондани ҷанбаи созмонии забон, машқҳои маъновӣ ба таълими маънои он воҳидҳо ва машқҳои муоширатӣ ба омӯзонидани вазифаи воҳидҳои забон нигаронида мешаванд. Бо вуҷуди маҚбул донистани ин системаи машқҳо дар кори худ мо ҳамзамон баъзе дастовардҳои методистони шӯравӣ, билхоса Е.И. Пассовро низ истифода мебарем [4, с.87].

ЛИТЕРАТУРА

1. Бим И.Л. Подход к проблеме упражнений с позиции иерархии целей и задач. /И.Л. Бим. - В жур. Иностр. языки в школе, 1979, №4. 26 с.
2. Бухбиндер В.А. О системе упражнений. /В.А.Бухбиндер. – В кн.: Общая методика обучения иностранным языкам. Хрестоматия. -М., 1991. - 173 с.
3. Общая методика обучения иностранным языкам. / Под ред. А.А.Миролюбова, И.В.Рахманова, С.В.Цетлин, -М., 1967. - 348 с.
4. Пассов Е.И. Коммуникативные упражнения. /Е.И. Пассов. -М., 1967. - 158 с.
5. Рауфов М.Р. Технологияи таълими забони хорижц. /М.Р. Рауфов. -Хужанд, 2008. - 212 с.
6. Шатилов С.Ф.Некоторые принципы создания системы упражнений для обучения иностранному языку. /С.Ф. Шатилов. – В сб.: Системы упражнений при обучении иностранному языку в школе и вузе. -Л., 1978. - 215 с.
7. Brown G.H.and Fiks A.I.Modern Approachesto Foreign LanguageTraining. A survey of current Practices./G.H.Brown, A.I. Fiks. -The George Washington University, 1967. -326 p.
8. Paulston C.B. Structural Pattern Drills: A Classification. /C.B. Paulston. FLA 4, Mass., 1970. -248 p.
9. Rivers W.M. Communicating Naturally in a Second Language. /W.R. Rivers. – Cambridge University Press, 1989. -276 p.

ФОРМИРОВАНИЕ КОММУНИКАТИВНОГО УМЕНИЯ И ЕГО ИСПОЛЬЗОВАНИЯ В НАУЧНЫХ ИССЛЕДОВАНИЯХ ПРОФЕССОРА ГАРВАРДСКОГО УНИВЕРСИТЕТА США В. РАЙВЕРС И СИСТЕМА УПРАЖНЕНИЙ К.Б.ПАУЛСТОНА

В статье рассматриваются два способа образования и применения речевого умения иностранного языка с научной точки зрения профессора Гарвардского Университета США В. Райверс. Содержание образования способов первого и второго действия, состоящие из приёма информации, осознания, обобщения и воспроизведения- получило подробный анализ в контексте поэтапного формирования иноязычного речевого умения.

В связи с рассмотренной теорией формирования и применения речевого умения, предложенной профессором Гарвардского Университета США В Райверс, освещается система упражнений, разработанной К.Б.Паулстоном. Предлагаются два типа упражнений, формирующие и контенсивные. Система упражнений, разработанной методистами Америки и Англии оказалась эффктивнее по сравнению с традиционной системой упражнений.

Ключевые слова: *языковая среда, формирование умения, применение умения, приём информации, осознание, обобщение, формирующие упражнения, контенсивные, коммуникативные.*

FORMATION OF COMMUNICATIVE SKILLS AND ITS USE IN SCIENTIFIC RESEARCH OF HARVARD UNIVERSITY PROFESSOR, V. RIVERS AND EXERCISE SYSTEM OF K. B. PAULSTON

The article considers the theory of skill getting and skill use in teaching a foreign language, developed by the professor of the Harvard University, V. Rivers. The psychological acts as perception, abstraction, articulation and costruction at the stage of skill getting have been deeply analysed. Skill use acts include reception and expression, which have been thouroughly revealed.

In connection with the stages of mastering a foreign language a new system of exercises in teaching English developed by K.B.Paulston has been profoundly considered. Two types of exercises mechanic and contensive offered by th American and English scientists, have proved to be more effective in comparison with traditional exercises.

Keywords: *language environment, skill-getting, skill use, reception, abstraction, comprehension, reproduction, mechanic exercises, contensive, communicative.*

Сведения об авторах:

Бойматов Алижон *- доцент кафедры методики преподавания иностранных языков ХГУ имени академика Б.Гафурова. Республика Таджикистан, г.Худжанд. E-mail: aboimatov48@mail.ru*

Рашидова Дилафруз Абдукайюмовна, *кандидат филологических наук, заведущой кафедрой китайского и английского языков факультета востоковедениии Худжандского государственного университета имени академика Б.Гафурова, e-mail: dilafruz.kayumzoda@mail.ru*

About the authors:

Boimatov Alijon – *Associate Professor in the Department for methodology of foreign languages teaching in the Khujand state university named after academician B. Ghafurov. Republic of Tajikistan, Khujand city. E-mail. aboimatov48@mail.ru*

Rashidova Dilafruz Abduqayumovna – *candidate of philological sciences, head of department of Chinese and English languages, Oriental Studies Faculty, Khujand State Univeristy named after academician B.Ghafurov, e-mail:dilafruz.kayumzoda@mail.ru*

СОГЛАСОВАНИЕ ВИДО-ВРЕМЕННЫХ ФОРМ ГЛАГОЛОВ-СКАЗУЕМЫХ ЧАСТЕЙ ТЕКСТА

Махмадова Г.

Академии науки Республики Таджикисан

Синтаксисом называется наука, занимающаяся описанием строения, семантики и функций единиц данного языкового уровня. Таким образом, термин «синтаксис» употребляется в двух значениях:

- это высший, коммуникативный уровень языка, так как именно на нем единицы других уровней организуются с целью построения речи:

- фонетически оформленные (фонетический уровень) слова (лексический уровень) с их грамматическими характеристиками морфологический уровень, соединяясь друг с другом, формируют сообщение о действительности, о воле говорящего или о его отношения к миру; это раздел грамматики, описывающий правила, закономерности построения речи.

К вопросу о синтаксическом и аналитическом строе языка можно подходить по-разному. Что это вопрос грамматический, никто не спорит, но одни исследователи в определении этого важного вопроса идут от морфологии, другие – от синтаксиса. Однако есть и третий путь: идти от классификации грамматических способов и их употребления в том или ином языке. При этом соблюдаются интересы и морфологии, и синтаксиса.

Все грамматические способы можно разделить на два принципиально различных типа:

1) способы, выражающие грамматику внутри слова, – это внутренняя флексия, аффиксация, повторы, сложения, ударение и супплетивизм,

2) способы, выражающие грамматику вне слова, – это способы служебных слов, порядка слов и интонации.

Возможности выражения различных отношений в сложном (сложноподчиненном) предложении неизмеримо шире, чем в простом, формы связей придаточных и главных предложений неизмеримо богаче, чем формы связей членов простого предложения.

В зависимости от характера выраженного отношения и формы связи между элементами сложного предложения колеблется и степень целостности сложного предложения или самостоятельности его частей (главного предложения).

Видовременные формы глаголов - сказуемых предикативных единиц в составе текста также являются одним из основных способов организации текста. Такой способ обеспечивает взаимосвязь законченных предложений в составе текста. Он используется для отражения временного плана существования и реализации явлений, событий, действий. Глаголы - сказуемые, компоненты текста (все формы сказуемых: и глагольные, и именные), соотносятся с временным аспектом описываемого явления, обозначающие различные процессы, соотношения событий и действий с моментом произведения речи. Разумеется, такое соответствие видовременных форм не бывает одинаковым.

Действия, явления, события, обозначенные глаголами в разнообразной темпоральной форме, описывают явления и события, относящиеся к конкретному промежутку времени, предшествующему протекающему одновременно с моментом речи, или называют процесс, не приуроченный к определенному промежутку времени, события в его течении, действия, повторяющиеся, совершающиеся во вневременном плане. Глаголы - сказуемые компонентов текста в основном выражаются различными формами прошедшего и настоящего времени, значение их, особенно прошедшего длительного времени, проявляется в широких описательных возможностях каждого предложения, что обеспечивает изобразительные потенции всего текста. По суждениям М. Набиджанова:

«Наиболее интересный, лингвистически значимый материал представляют формы прошедшего времени, обозначающие длительное прошедшее действие, совершившееся одновременно и указывающее на результат действия, а также имеющие широкие художественные изобразительные возможности». (Набиджанова 2004,23).

Параллельный текст в английском языке:

Руф аз ҷой хест ва ба Мартин наздик рафт. Даст ба китфи у ниҳод ва тез-тез ва чуқур нафас гирифта, лаҳзае ба ин ҳол истод. Сипас бо як ҳаракати тез ба сари Мартин хам шуд. (Войнич, Ғурмагас, 379). She came forward out of her and over to him. She rested her hand on his shoulder a moment, breathing quickly, and then slipped into his arm. (Voynich,Gagfly).

Сочетание видовременных форм сказуемых предикативных единиц текста имеют свою особую специфику обозначения и описания событий, действий и явлений действительности.

Например, в следующем тексте именно сочетающиеся (согласующиеся) предикативные единицы в форме прошедшего времени и видовых значениях результативности способствуют живописному и изобразительному описанию известным таджикским писателем С.Улугзода.

Мохи март буд. Ҳавой сахаргоҳон салқин ва фараҳбахш.Табиат аз омад-омади бахор, аз нафаси ҷонбахши вай бедор шуда буд.Дар хама ҷо майсаи сабз дамида, дарахтон ба гунчабандӣ сар карда буданд.Гунҷишкхо, мусичаю кафтару фароштурукхо дар паи обу дона дар ҳаво парвоз доштанд.Баъзеашон дар нулхояшон хасу хошоку лой гирифта, ба ҷойҳои номаълум мекашониданд, онҳо имсол боз ба ташвиши хонасозӣ афтодаанд. (С.У.Н,14).

Приведенные примеры показывают, что употребление во всех компонентов всяких видах сверхфразовых единиц одинаковых временных форм, выраженных глаголами-сказуемыми отдельных предложений текста, способствует тесному сцеплению частей текста между собой. Например: 26 октябри соли 1941 дар ҷанги назди дехаи Лепляево ҳангоми разведка Аркадий Петрович Гайдар ҳалок гардид. Шаб торик буд. Гайдар ба монеае пешпо хурд.

Душман чунон наздик буд, ки Гайдар хатто гранатаро кашида гирифта натавонист. У фарьёд кард: «Ба пеш, барои Ватан!».Тири душман рост ба дил зад. (Л, 57).

But not one of them was ever apprenticed to anyone they learned from watching one another. Then each according to his own talent and industry became more or less specialized. (S.A.,B,77).

В английском языке типичным для такой связи является координация простого прошедшего времени в одном предложении с прошедшим перфектным в другом предложении простого прошедшего времени в одном компоненте текста и с зависимым будущим в другом предложении текста. Итак, в английском языке соотношение времён между предложениями текста служит грамматическим оформлением согласования действий двух или более предложений во времени:

An essayist takes a subject and discusses it. If his subject is new to you, he may tell you something that you didn't know before, but new subject are hard to find and in general he expects to interest you by his own attitude and the characteristic way he regards. That is to say he expects to interest you in himself. (Войнич,Fурмагас, 74).

Таким образом, видовременные формы глагола-сказуемого, выражающие процессы и действия, проходящие в одном временном аспекте, организуют составляющие текста компоненты в одно синтаксическое целое, в семантически и структурно завершённую грамматическую единицу.

ЛИТЕРАТУРА

1. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. Ҷ. 3/ Масъул: Ш. Рустамов, Б. Камолиддинов. - Душанбе: Дониш, 1989. - 222 с.
2. Джаббарова, М. Т. Неспрягаемые формы глагола в русском и таджикском языках: учебное пособие/ М.Т. Джаббарова. –Душанбе: Изд - во РТСУ, 2007. – 105 с.
3. Додихудоев Р.Х., Герценберг Л.Г. Таърихи забони тоҷикӣ. - Душанбе: Маориф, 1988. - 215 с.
4. Забони адабии ҳозираи тоҷик: китоби дарсӣ барои факултетҳои филологияи мактабҳои олӣ: кис. 2: Синтаксис. - Душанбе: Маориф, 1995. - 235 с.
5. Зикриёев, Ф.К. Структурно - семантические особенности сложносочиненных предложений в современном таджикском литературном языке: автореф. дис. док. филол. Наук/ Зикриёев Фарҳод Кобилович. - Душанбе, 1986. - 44 с

СОГЛАСОВАНИЕ ВИДО-ВРЕМЕННЫХ ФОРМ ГЛАГОЛОВ - СКАЗУЕМЫХ ЧАСТЕЙ ТЕКСТА

Употребление во всех компонентов всяких видах сверхфразовых единиц одинаковых временных форм, выраженных глаголами-сказуемыми отдельных предложений текста, способствует тесному сцеплению частей текста между собой. Сочетание видовременных форм сказуемых предикативных единиц текста имеют свою особую специфику обозначения и описания событий, действий и явлений действительности. В английском языке типичным для связи является координация простого прошедшего времени в одном предложении с прошедшим перфектным в другом предложении простого прошедшего времени в одном компоненте текста и с зависимым будущим в другом предложении текста.

Ключевые слова: *исследование, текст, коммуникативный, семантический.*

AGREEMENT OF ASPECT AND TENSE FORMS OF THE VERBS - PREDICATES OF PARTS OF THE TEXT

The use of all components of any kind of super-phrasal units of the same time forms, expressed by verbs-predicates of individual sentences of the text, contributes to the close coupling of parts of the text together. The combination of modern forms of predicate predicate units of the text have their own specific designations and descriptions of events, actions and phenomena of reality. In English, it is typical for communication to coordinate the past tense in one sentence with the past perfect in another sentence of the past tense in one component of the text and with the dependent future in another sentence..

Keywords: *research, text, communicative, semantic.*

Сведения об автора:

Махадова Гулмо *- преподаватель общеобразовательной школы №19 города Вахдата*

About the author:

Mahadova Gulmo *- a teacher in the secondary school №19, Vahdat Town, tel.: (+992)904020278*

УДК 809. 155.0-3 (575.3)

МАВҚЕИ ОВОЗҲОИ АЙН [ع] ВА ҲЕ [ح] ДАР КАЛИМАҲОИ АРАБИИ ШЕВАИ ҶАНУБИИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

Рачабов А.

Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ

Лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ яке аз манбаъҳои муҳимми рушду нумӯи забони адабии тоҷикӣ маҳсуб меёбанд. Зеро забони адабӣ ҷойҳои холии таркиби луғавии худро дар ҳама давру замон маҳз аз ҳисоби унсурҳои умумишавандаи лаҳҷаҳои маҳаллӣ такмил медод, ки ин раванди таърихӣ имрӯз ҳам ногузир идома дорад. Ҳоло мо тасмим гирифтаем, ки роҷеъ ба ҳодисаҳои овоии фонемаҳои **айн** ва **хе** дар шеваҳои ҷанубӣ андешаҳои худро дар доираи ин мақола баён дошта бошем.

Бояд гуфт, ки доир ба шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ корҳои зиёди илмиву таҳқиқотӣ ба анҷом расидаю зимни онҳо дар хусуси баъзе ҷиҳатҳои савтии вожаҳои иқтибосоти арабӣ, махсусан ҳамсадоҳои иқтибосӣ низ маълумот дода шудааст, ки мо ба ҳамин нигоштаҳо такя карда маводи гирд овардаамонро мавриди таҳлил қарор медиҳем.

Асоси ҳамсадоҳои забони тоҷикиро **22** воҳиди савтии ҳамсадоҳои забонҳои қадимаи эронӣ ташкил медиҳанд, ки онҳо дар забони форсии нав ё адабиёти классикӣ мавҷуд буданд. Аз онҳо **19**-тоаш дар ҳамаи лаҳҷаҳои тоҷикӣ истеъмол меёбанд. Аз он ҷумла, ҳамсадоҳои бечаранги зич: **[п], [т], [к];** ҳамсадоҳои ҷарангноки зич: **[б], [д], [г];** ҳамсадоҳои думахраҷа:**[ч], [ҷ];** ҳамсадоҳои бечаранги роғ: **[с], [ш], [х];** ҳамсадоҳои ҷарангноки роғ: **[в], [з], [й], [л], [ғ];** ҳамсадоҳои димоғӣ: **[м], [н];** ҳамсадоҳои ларзанда: **[р].** Тафриқаи шеваҳои тоҷикӣ феъҳлан дар онҳо мавҷуд будан ва ё набудани ҳамсадоҳои **[ж], [ҳ], [ح, ع],** инчунин ба тарзи талаффуз ва корбасти **[ф]** вобаста мебошад. Лаҳҷаҳои тоҷикӣ аз рӯйи истеъмол ёфтан ва ё наёфтани ҳамсадоҳои ҳалқии ح ва ع, ки аз забони арабӣ иқтибос шудаанд, ба ду навъ ҷудо мешаванд:

1) Лаҳҷаҳое, ки дар онҳо овозҳои ҳалқии рӯякии ح ва ع вуҷуд надоранд. Ба ин навъ бештар лаҳҷаҳои шимолӣ (ба истиснои яҳудиёни Самарқанд, Дарбанд) ва баъзе лаҳҷаҳое, ки намояндагони онҳо аз водии Зарафшон ба сӯйи шимол воқеъ гардидаанд, интишор гардидааст. Инчунин ин навъ дар як қатор лаҳҷаҳое, ки онҳо дар водиҳои Зарафшони миёнаю поён, дар самти ғарбию ҷанубӣ-ғарбии қаторкӯҳҳои Ҳисор ва ҷанубии кӯҳи Боботоғ воқеъ гаштаанд, интишор ёфтааст.

2) Лаҳҷаҳое, ки дорои ҳамсадоҳои ҳалқии ح ва ع мебошанд. Ин навъи ҳамсадоҳо дар як идда лаҳҷаҳои водии Зарафшон [ҷараёни миёна ва саргаҳи он], дар Фондарё аз лаҳҷаҳои шимолӣ дар лаҳҷаҳои Фориш, лаҳҷаи ҳардурӣ, Гулбоғи Ургут, Шаҳрисабз ва аз ҷануб дар лаҳҷаҳои Қаротегин, Чилдара, Вахиёи Боло, шимолии Кӯлоб, ғарбии Кӯлоб, Кӯлобии Ҳисор, Қаратоғ интишор гардидааст. Дар лаҳҷаҳои арабҳои тоҷикзабони Шаҳритус ва Қаршӣ ин ҳамсадоҳо нисбатан хеле равшан талаффуз меёбанд. Ин навъи ҳамсадоҳо дар ду намуд истифода мешаванд [ғайр аз арабҳои тоҷикзабони Шаҳритус ва Қаршӣ]:

1.Дар лаҳҷаҳое, ки ҳамсадҳояшон аз **25** воҳиди ҳамсадо иборат аст: *Фалғар, водии Фондарё, Мастчоҳ, Варзоб, Дарбанд, Ҳисор, Ғузор, Қаротегин, шимолӣ ва ғарбии Кӯлоб, Вахиёи Боло, Ёвон, Фориш;*

2.Дар лаҳҷаҳое, ки ҳамсадоҳояшон аз **24** воҳиди ҳамсадо иборат аст, яъне ҳамсадои **[ж]** вуҷуд надорад: *Панҷакант, Қаратоғ;*

Мусаллам аст, ки шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ яке аз серлаҳ- ҷатарин шеваҳо ба шумор меравад, ки муҳаққиқон онро аз рӯйи хусусиятҳои луғавӣ, дастурӣ ва савтӣ ба чор гурӯҳи лаҳҷавӣ ҷудо кардаанд: лаҳҷаҳои қаротегинӣ (бо навъҳои қаротегинӣ ва вахёӣ-қаротегинӣ), кӯлобӣ (шимолӣ, ҷанубӣ, ғарбӣ ва кӯлобии Ҳисор), роғӣ ва бадахшонӣ. Ин лаҳҷаҳо дар навбати худ боз ба шоха ё лаҳҷаҳои хурдтар ҷудо мешаванд.

Фонемаи ɛ низ асосан дар шеваҳои ҷанубӣ ва мобайнӣ (марказӣ), дар калимаҳои арабӣ истифода мешавад. Дар баробари ин истеъмоли онро дар аввали чанд калимаи тоҷикӣ [пеш аз садонок] низ ба қайд гирифтаанд. Ҳамсадои ɛ дар ҳамагуна шароити фонетикӣ [ба истиснои охири калима] ба назар мерасад: **ɛид, ɛолам, ɛъшр, маɛно, дъɛо, мъɛлим, ҷамоɛа, маɛқул, ҷаɛма/ҷумъа**. Аммо ин фонемаи ҳалқӣ дар ҳар гуна ҳолати фонетикӣ ҳатман пеш, баъд ва ё дар байни садонокҳо ба кор бурда мешавад. Овози ɛ дар калимаҳои тоҷикии **ɛасп/асп, ɛъмед/умед**, дар калимаи **ɛадир / адир** низ қайд шудааст. Ҳамчунин дар гӯишҳои мазкур бештар ҳодисаи ба фонемаи **h** иваз шудани фонемаи ҳалқии ɛ ба вуҷуд меояд. Дар шеваи ҷанубӣ вуҷуд доштани гунанокии вожаҳои арабӣ ба ҳамин ҳодиса алоқаманд мебошанд: **маhқъл / маɛқъл, соhат / соɛат, hақл / ɛақл, таhом / таɛом.** Фонемаи ɛ назар ба фонемаи **h** ноустувортар аст ва дар бештари калимаҳои серистеъмол тарк мешавад: **бад/ баɛд, базе / баɛзе** [5,58].

Дар интишори фонемаи ɛманзараи зеринро мушоҳида кардан мумкин аст, яъне ин фонемаи ҳалқии иқтибосӣ аз ҳама бештар дар лаҳҷаҳои вахиёӣ-қаротегинӣ, қаротегинӣ, шимолӣ ва ғарбии Кӯлоб корбурд дорад. Дар лаҳҷаҳои мазкур ин фонемаро аз нутқи одамоне, ки синну соли гуногун доранд, шунидан мумкин аст. Овози ɛ дар ин лаҳҷаҳо пеш аз садоноки аввали он калимаҳое, ки бо овози мазкур сар мешаванд, мушоҳида кардан мумкин аст. Бо ин хусусият фонемаи мазкур пеш аз ҳама дар лаҳҷаҳои вахиёӣ-қаротегинӣ ва қаротегинӣ интишор ёфтааст: **ɛарус** [Кӯш., Пд., Хт.][1, с.946] ɛаруст [Шк.] ɛарӯс, келин: ɛарус овардан бача-шон-да [Ҳақ.]; **ɛадо**~шидан ба охир расидан, тамом шудан: нуно-му адо шудан, ки бътем-ту [Куш.] ♦~шудан беҳолу бемадор шудан: дар ғами падар-ъш ранг-ъш забзади заɛфарун гаштас, адо шидас [Мс.]; **ɛавал**: **ɛавали дов** [Кҳ. Қ.] дафъаи аввал;**ɛавҷ**[1] равнақ, ривоҷ, авҷ: ҷъгори-ра ɛавҷ-ъш хела зур-ай [Лан.];**ɛавҷ**[2] [Қ.] орзу, майл, ҳавас: шу-ра дига чико менъм, товуне ɛавҷи шу-м бъд, ҳишка нагъръфтакъм, акъ ҳева-м шикаст [Каҳ.]; **ɛадо**: **ɛадо шидан** [Вқ.] тамом шудан; анҷом ёфтан;**ɛазал** [Қ., Шк.] азал, аввал, ибтидо, нахуст: андешай хунадоршави-ра ай ɛазал мекарди мешид, воре акъ дер шид [Луғ.]; **ɛазали** [Қ., Шк] аввалӣ аввала, нахустин; аз азал: қисмати ɛазали-и ҳамита бъдаст, мево къгри гулако-ра кънем [Шм.]; **ɛайб** 1. [Вқ., Қ., Шк] айб, ҳаё; шарм; **ɛайбвара** [Вқ.] айбдор, гунаҳгор: бийорзо-т ɛайбвара, и ɛайб надора, нарас-ъш, ки бор мебандъм-ът [Яр.]; **ɛайни**… [Вқ.,Қ.,Шк.] *пеш. номӣ*: вақти, ҳини, ҳангоми, мавриди…: меҳмуно ɛайни таҳтул мийомадийан [Ҳч.]; **ɛақлак** [Қ.,Шк.] ақлак, маҳмадоно; **ɛаламе** [Қ.] орзу, ҳавас: сънҳор-ъш ɛалами маɛлими дора, ҳоле да пединистут ғойибона хундестай [Мх.];**ɛамунат** [Қ.] ғарами ҳезум, шола;**ɛарабӣ** 1. арабӣ, забони арабӣ; 2. як навъи гӯсфанди сергӯшту серавғ аз насли гӯсфанди ҳисорӣ; **арабийа** қавми [мардуми] араб; **ɛаранге** [Кҳ.] базӯр, баазоб;**ɛарасот** [Кҳ.] зиёд, бисёр; беҳисоб; фаровон: ҳами сол ба қъдрати хъдо сев-у беҳи арасоте бастийан, ки.., [Снб.]; **ɛарбада**: **ɛарбада кардан** [Қ] маҳал [манша, ғавғо] бардоштан; таънаву надомат кардан: ай хъдо тарс, ниспати хъсърбърда-т ɛилат-ъ арбада накъ, ба ғазави хъдо гирифтор мешай [Хум.]; **ɛарзи** [Кҳ.] арзкунанда, шикоятгар;**ɛарус** [Вқ.,Қ.] арӯс; **ɛемон** [Кҳ.] имон;**ɛибо** [Кҳ.] ибо, шарм, ҳаё; кардан; 1. шарм [ҳаё] кардан; 2. [Шу.] парҳез [ҳазар] кардан; **ɛид** [Вқ.Кҳ.,Қ.,Шк.] ид, ҷашн; **ɛидаки** [Вқ., Кҳ., Қ.,Шк.] ширкаткунандаи [ҳозирини] ягон ид [ё ҷашн]; **ɛидгардак** идгардак, идгардӣ [барои табрик ё аёдати беморону барҷомондагон, қироати порае аз Қуръон ба ёди рӯҳи гузаштагон]; **ɛиди** [Кҳ.,Шк.] тӯҳфаву дастовезе, ки рӯзҳои ид волидайну акработ домодшаванда ба арӯсшаванда ирсол менамояд: дина ба аруст-а ɛиди ройи кардем [Зир.]; **ɛидона** [Шк.] *ниг.* **ɛиди; ɛизо** [Кҳ.,Шк.] *ниг.* **ибо**: ɛизойи мумин ҳаром [Дах.];**ɛилм**, **илъм** [Қ.] илм, дониш; маълумот: ҳама мъхтоҷ ба ɛилм-ай [Ҳич.];**~и ɛоливара** [Вҳ.,Қ.] илми [маълумоти] олинок [олидор]: ай қъшлоқи мо ɛилми. оливара йа арасот-ай;**~задан** донишманди илми илоҳиёт, ки нисбат ба дониши худ носипосӣ карда, беобрӯй мешавад: у мъло-ра ɛилм задас, чо кънем [Кӯш.]; **♦~ кардан** [Вқ.] ҷоду [сеҳр.] кардан: мъло дъхтар-а ɛилм кардаст-ъ гъръфтаст [Яр.];**ɛилмвара** 1.[Вқ.] илмдор, илмнок, босавод, саводнок: ҳамай Ҷиргатол ɛилмвара-ай [Кӯш.];2. [Вқ.,Қ.] *маҷ.* сеҳргар, ҷодугар: мъло Набот ɛилмвара бъд, одамора ɛилм мекад [Ҳич.]; **ɛилъм** [Қ.] нарм, мулоим: и сев ɛилъм-ай дандоно-т-а мега [Нд.];**ɛиморат** иморат, бино; **ɛисм// ɛисъм** дуои ҷоду;**~хундан** азоии [дуои ҷоду] хондан: йа табена-ра бъровард-ъ ɛисъм хунд, йа чала шид [Ток.]; **ɛишқийа** [Кҳ., Шк.] ошиқ, шефта, шайдо; ҳавасманд: касе, ки ба касе ё чизе дилбастагии зиёд дорад;~шидан ошиқ [шефта] шудан: йаг бачайи ҷура дорем-ъ шъмо-ра дида. ишқийа шидай, ҳич хов надора [Ог.]; **ɛишқманд** [Вқ.,Қ.] *ниг.* ɛ

ишқийа: баҕзе одамой ҕишқманд-ънда ҳаст [Қӯш.]; **ҕолам** 1. олам, дунё: ҳар ка ганда-ай, да ҕолам ханда-ай [Қӯш.]; 2. фаровон, беҳад зиёд: йа фас-да олам дулана чиндъм [Снб.]; ай йа това зъмин ҷави ҕолам ғъндоштай [Ҷс.]; **ҕумр//умр** [Шк.,Ғк.,Ҷк.], **ҕъмр** // **ҕъмър** [Вқ.], **ҳъмър** [Туғ.] умр, ҳаёт;♦**~гъзарундан** [Хм.,Шм.] ҳаёт ба сар бурдан, зиндагӣ кардан: вай ҕъмр гъзарундай да ҳами қишлоқ [Шм.];♦**~-е кардан** дар тамоми умр: ҕъмре кардъм, тоқа хов накардам [Сам.];♦**~киро надора** [Куг., Лш.] умр пойдор нест, умр бақо надорад: ҕумър киро надора, ки ай сарака хундани бърем [Куг.];♦**~хърдан** [Вқ.Қ.] умр дидан; умр гузарони- дан, солҳои зиёде зиндагӣ кардан: сад сол йо ҕумре, ки и хърдайисодас ай ини мън аст [Пв.]; йа кас чор ҳазор сол ҕъмр хърдай, бо [боз] ҳиҷ ҕъмр нахърдъм гъфтай [Ог.]; **ҕмре** [Хум.,Хуф.] аз он рӯзе: умре хъдо халқ-му кардаст, Хъфак-ай [Хуф.]; 2. [Қ.,Шк.] синну сол: ҕъмър-мун шаст-ъ ҳаш шид [Мӯм.]; ҕъмр –ъш ай мън-ам калун-ай-у хъд-ъш йа майдаҳак -ай [Ҳал.];**ҕум-ҕум**[Шк.]*к.тасв.* ғур-ғур, ғиринг-ғиринг, ғурунг-ғурунг; **~кардан** ғур-ғур [ғиринг-ғиринг] кардан: Мирзо-ра мийо- вардем, воре иқа ҕум-ҕум мекад, воре рози нашид [Сур.] [Фар, 939-942].

Овози ҕ ҳамчунин дар ин лаҳҷаҳо пас аз садоноки ҳиҷои аввали калимаҳо мавриди корбурд қарор доранд. Ин фонема дар ин ҳолат дар тамоми лаҳҷаҳои вахиёӣ-қаротегинӣ ва қаротегинӣ ва баъзе маҳалҳои ба ин гурӯҳ наздиканд, интишор ёфтааст: **заҕфарма** [Кх.] *ниг.* **Заррапарвин**; **заҕиф** [Кб., Ток.] 1. *ниг.* **зан** -1,2; **заҕифа** [Кд.] *ниг.* **зан**-1; **заҕфарун** зарди баланд; заъфаргун; ниҳоят зард: ранг-ъш заб-зарди заҕфарун гаштас, адо шъдас [Мс.]; **машҕала** [Дм., Куг., Лш.] машъал; **маҕйус** [Лахш, Мт.] маъюс, маҳзун, ғамгин; **~ шидан** маъюс [маҳзун, ғамгин] шудан; алам [озор] дидан: вара, тоза маҕйус шидем, ай кори кардаги-му [Мт.]; **маҕлесък** [Вқ., Қ.], **малесък** [Ёх., Сх., Хов.] *зоол.* мағлесак, шабушки майда: шъпъши майда-ра маҕлесък мегувем [Вд.]; **маҕлим//малим** муаллим, омӯзгор: маҕлимо омадан, беадаби накънен [Пч.]; акай малим Кулов мерафта бъдай [Мӯм.]; **маҕлими//малими** муаллимӣ, омӯзгорӣ; **~ кардан** муаллимӣ [омӯзгорӣ] кардан: во-м чан сол маҕлими кааги-йай [Дб.]; дъ сол маҕлими кардем, бад [баъд] аскари рафтем [Кб.]; **маҕлимхона//малимхона** 1. [Шк., Ғк.] хонаи муаллимон; 2. [Шк.] *ниг.* **мактаб:** у зъмоно малимхона уруйи дара-да бъдак [Дах.]; **маҕлимча** [Ҳал., Ял.] муаллими навкор, камтаҷриба; **маҕлъмот** 1. хабар; **~ додан** хабар додан; 2. [Қ.] маълумот, дониш: думоди-ш малумот дора [Нд.]; **маҕн** манъ; мунтазир, интизор: дига маҕни ки бестем, бийе мерем [Вд.]; **~ кардан** манъ кардан; боздоштан: мошин-а маҕн кад-ъ сувор шид [Хум.]; **~ шидан** манъ шудан, бозистодан: асп-ъш пеши хуна-ш умад-ъ маҕн шид [Шв.]; **мақҕъл//маҕқул, маҳқул//маҳқъл** [Қ., Лахш] маъқул, писанд, писандида: дъхтари гирум-ът ма-да маҕқъл нест [Кд.]; ~ **кардан** [Сам., Тқ., Шв.] маъқул кардан; исбот намудан: гапойи гъфтаги-ш-а да майлъс маҕқъл кард [Шв.]; дъхтар бача-ра, бача дъхтар-а маҕқул кад [Тқ.]; ~ **шидан** маъқул [мақбул] шудан: мо-да хондан-ъш маҕқъл нашид [Шх.]; ~ **ғалтидан** [Пб., Пп.] муносиб будан, мувофиқ омадан: ҳар дъ-ш маҕқъл ғалтидай [Пб.]; **маҕни//маҕне//маҕно** 1.маънӣ, маъно; мазмун: маҕнейи гапи ҳамуво-ра фаҳмун [Ках.]; байто мадоре дига шава, маҕни шеҕр вайрон мешава [Кпн.];♦ **~ додан** [Вд., Нд., Нз.] шарҳ додан, маънидод кардан: йа хел мусъфедо ҳамин маҕне-ра метийа ай бойиси Қаротегин [Нд.]; 2.[Шк.] таъм, лаззат, маза: уқа маҕне надора гелосо-ш, неке туто-ш маҕне доран [Кх.]; ♦ **~ надоштан** [Вқ.] хуб набудан, ғайриқаноатбахш будан: кори мо ҳоли уқа маҕне надора [Лан.]; ♦ ~ **кардан** [Шк.] ишора [имо] кардан, луқма партофтан: шъмо сини мо маҕне карде, ки ҳаму мусъфед ҳамта дашном кард [Кч.]; 3. [Вд., Нд.] маслиҳат: бо [боз] дига маҕни, ки йаг шав бестем [Вд.]; **мешмаҕак** [Хов.] *бот.* растаниест гулу баргаш сафед; **меҕда, мида//меда** [Вқ.], **маада** [Ск., Қк.] 1. *анат.* меъда: маада-ш дар карас-ъ? [Қк.]; 2. [Дч.] *тиб.* бемории [захми] меъда: меҕда дори, ки хърок-ът намефора [Дч.]; **меҕдаҳак** [Қ.] навъи растанӣ, ки ба захми меъда даво будааст; **мийонаҕумр/мийонаумр** миёнаумр, миёнасол: йа занаки мийонаҕумр бъдай, хела одами хув бъдай [Хов.]; **момаҕлай** [Мс.,Хум.] *тиб.* саръ, масрӯъ [бемории асаб]: момаҕлай йа касале, ки йаке мегира [Мс.]; **моҕриф//мориф** 1.маориф; шуъбаи маорифи халқ: у авал моҕриф-ънда кор мекад, зан-ъш ҷангало-нда [Ёз.]; 2.[Вқ.] мудири шуъбаи маорифи халқ; **мъраҕат** [Нӯш., Қлб., Ҳич., Яр.] муроот, лутфу марҳамат, ҳурмат; **~кардан** муроот, лутфу марҳамат кардан: ҳамиқа мъраҕат-ъш кайем, йа пийола чой нахърд [Ҳич.]; **наҕл** [Лахш, Сх., Хов.] наъл: да пътънка наҕл задак [Хум.]; **~кардан** наъл задан: тъ истойи ойингар-и, мо-ра асп-мун-а наҕл мекайи [Дор.]; **наҕлат, налат** [Вд., Нд., Нз., Сам., Сх., Хов., Шв., Ҳак.] лаънат: бар падари ҳар дъ-т наҕлат [Ёз.]; **~ кардан** лаънат хондан, лаънат гуфтан; **наҕлоҷи** [Дм.,

Лахш, Нӯш., Ҳич., Яр.] фиребгарӣ, ноҳаққорӣ;**~кардан** фиребгарӣ кардан: иқа наɛлоҷи накъ, шум-ът мебинъм [Нӯш.]; **наɛлоҷиранг** [Лахш, Нӯш.,Ҳич., Яр.] фиребгарнамо: у шофир наɛлоҷиранг-ай [Нӯш.]; **наɛно** [Вқ.,Қ.] *бот.* наъно [растании хушбӯй аз ҷинси пудина]; **неɛмат//ниɛмат** неъмат, анвои чизҳои хӯрданӣ: ай неɛмати боғи аво-м қади арзан наɛф набърдъм [Ҳо.]; ай неɛматойи давлат қади арзан наумадаст [Куг.]; **нофалɛат** [Кб.,Кп.] беадолатӣ, беинсофӣ; бедодгарӣ; **~кардан** беадолатӣ [бедодгарӣ] кардан: Николайи оқподъшо да ҳақи мардъм нофаɛлат мекардас [Кб.].

Азбаски муқобилаи фонемаиɛ ва **ḥ,** асосан, аз рӯйи як аломат (дар талаффузи пайвастшавии овоз бошад ҳам, хеле кам аст) иштироки овоз зоҳир мешавад, бештар ҳодисаи ба **ḥ** иваз шудани ɛ ба вуҷуд меояд. Дар лаҳҷаҳои номбурда вуҷуд доштани гунанокии зерин маҳз ба ҳодиса марбутанд:ма**h**қъл/маɛқъл, со**h**ат/соɛат,**h**ақл/ɛақл, тъ**h**ом/таɛом.Фонемаи ɛ назар ба **h** ноустувортар аст ва дар бештари калимаҷои серистеъмол тарк мешавад: бад / баɛд, базе / баɛзе.

Тавре ишора шуд, овози ɛ назар ба **ḥ** ноустувортар буда, дар як қатор калимаҳо аз байн меравад. Вале дар аснои аз байнравӣ ɛ бенишон нопадид намешавад ва бо ягон роҳ ё садонокҳои ҳамсояи худро тағйир медиҳад ва ё бо ягон восита шакли калимаро дигар мекунад. Дар лаҳҷаҳое, ки аҳамияти фонологӣ дорад, комилан ва беасар барҳам намехӯрад: 1)ɛ дар аввали калима бо ҳамсадои ҳалқии дигаре иваз мешавад: **h**ақл/**х**ақл/ɛақл, **h**алаф/ҳалаф/ɛалаф, **h**арус/ҳарус/ɛарус ё садоноки якум оҳанги худро тағйир дода, тобиши иловагии гулғгӣ пайдо мекунад: ɛид /ӣд/ид; 2) дар охири калима мушоҳида намешавад, зеро ба садоноке, ки дар байни калима воқеъ гардидааст, майл мекунад: шаɛм / шамъ; 3) дар мобайни калима дар байни садонокҳо ба h ва х иваз мешавад: ҷамо**ḥ**ат / ҷамоҳат / ҷамоат. Дар калимаҳои ҷудогона дар аснои нест шудани ɛ ҳодисаи дарозтар шудани садонок ба вуҷуд меояд, чунки қонунан садоноки пасоянда нигоҳ дошта мешавад: соɛат/соат/сат-соат, мъɛалим/маɛалим/малим-муаллим.

Овозҳои ɛ ва **ḥ** ба садонокҳои ҳамсояи худ метавонанд таъсиргузор бошанд:1) бо таъсири **ḥ** садоноки **ӯ**, ки дар шеваи ҷанубӣ қонунан ба у (садоноки лабии устувори қатори қафо) мувофиқат мекунад, ба ъ табдил меёбад. Ин ҳодиса одатан дар ҳиҷои пӯшида ба амал меояд: тъhмат /туҳмат, мъ**h**лат / муҳлат, мъhтоҷ/ муҳтоҷ.Ҳодисаи гузаштани фонемаҳои **а** ва **и** ба **ъ (ɛ)** бештар дар ҳиҷоҳои кушодаи безада, яъне дар ҳолати мусоиди ихтисоршавии садонокҳо мушоҳида кардан мумкин аст. Дар ҳиҷоҳои пӯшидаи безада ин ҳодиса асосан дар шафати ҳамсадоҳои беҷаранг ва сонорҳо рӯй медиҳад: тъмба < танба, дъстархун < дастархон, тъшна< ташна, чълбър < чилбур.

Ҳамин тавр, дар шеваҳои ҷанубии забони тоҷикӣ ҳодисаҳои овоии фонемаҳои **айн**-у **хе** дар таркиби вожаҳои иқтибосоти арабӣ чун ҳамсадоҳои иқтибосӣ нақши муайян гузоштааст ва аз рӯйи истеъмол ёфтан ва ё наёфтани ҳамсадоҳои ҳалқии ʒ ва ɛ ҳамсадоҳои лаҳҷаҳои тоҷикӣ ба ду навъ ҷудо мешаванд. Фонемаи ɛ асосан дар гурӯҳи шеваҳои ҷанубӣ, хосатан дар лаҳҷаҳои қаротегинӣ ва кӯлобӣ дар калимаҳои арабӣ истифода мешаванд.

Ихтисораҳо:

Ан.-Анҷироб
Вқ.-вахиёӣ-қаротегинӣ
Дб.-Данғараи боло
Дҷ.-Даштиҷум
Ёз.-Ёзганд
Лан.-Лангар
Қӯш.-Қушағба
Каҳ.-Каҳдара
Лш.-Лангари Шоҳ
Пп.-Поҷеи Поён
Ққ.-Қулқулӣ
Хум.-Хумдон
Шв.-Шашволон
Нр.-Наврӯҳо
Кд.-Кӯлдара
Ош.-Оби Ширин
Мс.-Марғзори Сир
Мум.-Муминобод
Пор.-Порвор
Ск.-Саракенча
Хов.-Ховалинг
Ток.-Токак
Ҳак.-Ҳакимӣ
Шб.-Шаҳри Барбар
Шх.-Шехмизон
Ял.-Ялдамич

АДАБИЁТ

1. Айнӣ С. Дар атрофи забони форсӣ ва тоҷикӣ / С.Айнӣ// Раҳбари дониш, №4-5, 1928. - С.7-8.
2. Ғаффоров Р., Ҷӯраев Ғ. Ҳудуди паҳншавии шеваҳои тоҷикӣ/ Р.Ғаффоров, Ғ. Ҷӯраев. // Мактаби советӣ, 1969, № 5. – С. 24-29.
3. 3.Успенская Л.В. Говоры таджиков Гиссарского района. - Душанбе, 1962.- С. 4-12.
4. Шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ. Ҷ.1. - Душанбе, Дониш,1982. - 420 с.

5. Ҳомидов Д. Шевашиносӣ. - Душанбе, 2015. – 264 с.
6. Ҷӯраев Ғ. Калимаи хоси шева ва баъзе аломатҳои фарқкунандаи он / Ғ. Ҷӯраев. // Забоншиносии тоҷик. – Душанбе: Дониш, 1977.-С.123-139.
7. 7.Ҷӯраев Ғ. Забони ман-ҷаҳони ман/ Ғ.Ҷӯраев.-Душанбе, 2014.–120 с.
8. Эшниёзов М. Диалектологияи тоҷик [Лексикаи шеваҳои тоҷикӣ] / М. Эшниёзов. -Душанбе,1979.-134 с.
9. Эшниёзов М. Лаҳҷашиносии тоҷик / М.Эшниёзов.–Душанбе,1996.–210 с.

МЕСТО ЗВУКОВ ЪАЙН [ع] И ḥ [ح] В АРАБСКИХ ЗАИМСТВОВАНИЯХ В ТАДЖИКСКОМ ЯЗЫКЕ

В настоящей статье автор размышляет об употреблении арабских специфических звуков в заимствованний арабской лексика в южных говорах таджикского языка, которые в разговорной речи до сих пор имеют свойственное арабскому языку произношение. Автор на основе многочисленных примеров показывает адаптацию этих звуков к нормам произношения таджикского языка, особенно в его южных говорах. Проблемы, затронутые в статье, до настоящего времени остаются вне поле зрения иследователей таджикских диалектов.

Ключевые слова: *ъайн, ḥ (гортанный звук), фонема, говор, южный, таджикский язык, фонетика, диалект, классификация, анализ, место, тон, звучание, сокращение, употребление, гласные, согласные.*

THE PLACE OF SOUND Ъ AIN AND H IN ARABIC BORROWING IN TAJIK LANGUAGE

In this article, the author reflects on the use of Arabic specific sounds in borrowed Arabic vocabulary in the southern dialects of the Tajik language, which in colloquial speech still have a characteristic of Arabic pronunciation. The author on the basis of numerous examples shows the adaptation of these sounds to the norms of pronunciation of the Tajik language, especially in its southern dialects. The problems raised in the article, to date, remain outside the field of view of researchers of Tajik dialects.

Keywords: *phoneme, sound of voices, south, tajik language, phonetics, idiom, categorization, analysis, place, tone, reduction, use, vowel, agree, shortening.*

Сведения об авторе:

Рачабов А. *- соискатель кафедры теория и практики языкознании ТГПУ им. С.Айни, тел: (+992)989106837. E-mail: abubakrracabov@gmail.com*

About the author:

Rajabov A.A. *- the researcher in the Department of Theory and Practice of Linguistics of Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini. Phone: (+992)989106837. E-mail: abubakrracabov@gmail.com*

ОБ ОСОБЕННОСТЯХ МНОГОКОМПОНЕНТНЫХ ГЛАГОЛЬНЫХ ФРАЗЕОЛОГИЗМОВ

Гаффарова М.М.

Институт языка и литературы им. А. Рудаки

ҷузъҳои таркиби худ ва дар бар гирифтани мазмунҳои кӯтоҳу мӯъҷаз аз ҳамдигар тафовут доранд. 1. Ибораҳои фразеологии изофӣ (номӣ), ки тавассути вожаи «гап» ташкил шудаанд. Чунин таъбирҳо нисбат ба дигар намуди воҳидҳои фразеологии дар лаҳҷаҳои номбурда корбастшуда камтар бошанд ҳам, дар гӯйиши мардуми ин ҷо хеле зиёд истеъмол мешаванд. Бештарини ибораҳои фразеологии изофӣ аз ду ҷузъ иборатанд. Одатан унсури якум исм буда, маънии аслии худро нигоҳ медорад. Ҷузъи дуюм - сифат маънии аввалаи худро сарфи назар карда, маънои маҷозӣ касб менамояд. Чунончӣ: И мардак бъсё **гапи хъшру** гуфт, бар падаръш ҳазор бор раҳмат (Ҳам). Иҷа бийо, **яг гапи қоғазпеч-ът** доръм, бъгум-ът. (К).

Дар ҷумлаи аввал «гапи хъшрӯ» ба маънои сухани хуб, **сухане, ки шахсро рӯҳбаланд намуда ба роҳи рост** ҳидоят мекунад, омадааст. Ин ҷо вожаи «гап» маънии аслии хешро нигоҳ дошта, унсури луғавии «хъшру» маънои маҷозӣ гирифтааст ва маънии зиёдро дар як қолаби кӯтоҳу мӯҷаз ғунҷоиш додааст. Дар ҷумлаи дуюм бошад ибораи «яг гапи қоғазпеч» **маънии сухани махфӣ ё ниҳоят муҳимро** ифодагар буда, дар қолиби ибораи фразеологии аввал сохта шудааст.

Калимаи «яг» бошад номуайяниро ифода мекунад. Дар воҳидҳои фразеологии изофии **«гапи бугъни»,** (суханҳои таҳдор, сухани дӯруғу иғвоангез, ки кас аз шунидани он нороҳат мешавад.), **гапи беҷо** (сухани пуч, бемаънӣ), **гапи бофта** (сухани дурӯғ, иғвоангез), **гапи сахт** (ҳақорат, дашном), **гапи нешдор** (сухани пуртаъсир, сухани дурушт, дағал, ноҳақ), **қаймоқи гап** (асли сухан, кулминатсияи сӯҳбат), **гапи бепарда** (сухани пуч; сухани фаҳш;), **гапи куча** (сухани бедалел, беасос, ноҷо), **гапи ката** (сухани болохонадор; бо ғурур сухан кардан;), **гапи раи рост** (сухани оддӣ ва оммафаҳм;), **рости гап** (дар ҳақиқат), **гапи мақул** (сухане, ки мувофиқи дили ҳамсӯҳбатон гуфта шудааст.) **гапойи пастъ бъланд** (моҷаро кардан, ҷангу ҷанҷол кардан), **гапи шърин** (муродифи гапи хъшрӯ), **гапи овдор** (муродифи гапи нешдор), **пусткандаи гап** (сухани ошкоро, ру ба рӯ сухан кардан, фош гуфтан.), **хърҷини гап** (ин ибора одами пургӯ ва серҷоғро далолат мекунад) маъниҳои мухталифи тарафҳои гуногуни зиндагии ҳаррӯзаи мардуми ҷануби Кӯлоб бо рангубори тоза инъикос карда шуданд: Инчунин дар ибораҳои фразеологии **«бачаи гапгир»** (бачаи хуб, фармонбардор), **занаки гаправ** (зани хизматгор, зудбовар), **мардаки бугънигап** (марди дағал, бадмуомила) воҳиди луғавии «гап» дар шакли мураккаб омада, то андозае аз маънои аслии худ дур рафтааст: Бобоҷон бачаҳаки гапгирай. (Ш). Мъродбегим занаки гаправай, ама ура санг мезана. (Т). Яг амсояйи бугънигап дорем, ки бо сояи хъдиш ҷанг мекъна. (Й).

Чунин ба назар мерасад, ки ибораҳои фразеологии изофӣ мувофиқи шароити нутқ ва вазъияту ҳолати гӯянда маънои ибораҳои номбурда васеъ шуда, тобиши услубӣ пайдо намуда, нутқро кӯтоҳу мӯъҷаз ва возеҳу равшан мегардонанд.

2. Баъзан дар забони соҳибони лаҳҷа ифодаҳои фразеологӣ (фраземаҳо) бо иштироки воҳиди луғавии «гап» дучор мешаванд.

Ифодаҳои фразеологӣ устувору тағйирнаёбанда буда, дар аксар мавридҳо маънои луғавии худро нигоҳ медоранд. Ифодаҳои фразеологии **«гап якта»,** (сухани охирин ва қатъӣ), **«бе гапъ гъп»** (бе ҳеҷ дудилагӣ), **«калтавъ кутайи гап»** (хулоса ҳамин, ки…), **«ҷойи гап нест»** (мавқеи суханро надонистан), **«гап- гапай, ки**…»(овозаҳо, гапу калоча будан) ва ғайра, ба гуреҳи ифодаҳои фразеологӣ дохил мешаванд:

3.Дар лаҳҷаҳои мазкур воҳидҳои фразеологии феълӣ бо вожаи «гап» нисбатан зиёдтар ба чашм мехӯранд. Маъноҳои касб кардаи онҳо низ васеъ ва гуногунҷабҳаанд. Соҳибони лаҳҷа дар гуфтор ва муоширати худ сари ҳар қадам онҳоро мавриди истифодабарӣ қарор медиҳанд. Дуруст аст, ки мардум беҳтарин эҷодкор аст. Вай муъҷизаҳое меофарад, кас ҳайрон мемонад ва ҳангоми сӯҳбат ва баёни марому мақсади худ кӯшиш ба харҷ медиҳад, ки суханаш образноку таъсирбахш бошад. Ибораҳои мавриди назар дар гӯйишҳои мардум дар ду намуд дучор шудаанд. Ибораҳои фразеологии феълии бепешоянд ва ибораҳои фразеологии феълии пешоянддор. Ибораҳои фразеологии феълии бе пешоянд нисбатан доираи истеъмолии фаррох дорад. Қариб ҳамаи ҳиссаҳои таркиби ин ибораҳо маъно ва мафҳуми маҷозӣ гирифта, аз сабаби устувору рехта буданашон маънои аслии хешро сарфи назар карданд.

Як хусусияти муҳими ибораҳои фразеологие, ки дар таркибашон калимаи «гап» доранд, аз он иборат аст, ки онҳо бо касб намудани маъноҳои маҷозӣ ва зоҳир намудани сермаъноӣ, ба ҳамдигар омоним ва ҳам антоним мешаванд. Чунончи, ибораҳои фразеологии феълии **«гап гъръфтан», «гап пъхтан», «гап пазундан» ва «гап нест»** маънои «сухани касеро рад накардан, ба касе ҳамфикр будан, розӣ будан ба коре ё ба сухане» - ро ифода мекунад. Онҳо дар ҷумлаҳои зерин аз рӯи тобиши маъноӣ аз ҳамдигар андаке фарқ

доранд: Уво кима кай (кайҳо) байни хъдшун гап-а пазундан, дига йагум гап корашун намекъна. (Й). Ака гап нест, доим дар барът рост местем, бо гап дорӣ? (К). Ибройим гапой маъқул мега, ага гап-ша бъгирӣ зарар намекънӣ. (Т).

Ибораҳои **«гап гъръфтан», «гап нест»** тобиши маъноии бе ҳеҷ дудилагӣ розӣ шудан ба сухане ё кореро мефаҳмонад. Ибораҳои **«гап пъхтан», «гап пазундан»** бошад маънои розӣ шудан на бо хоҳиши худ, балки ҳосил шудани якдигарфаҳмӣ дар натиҷаи сӯҳбат ва машваратро мефаҳмонад. Ба замми ин, ҳамаи ибораҳои болоӣ дар забони соҳибони лаҳҷа воҳидҳои фразеологии муқобилмаъно доранд. Инҳо воҳидҳои фразеологии **«гап гардундан», «гап начаспидан», «гап гърехтан», «гап нагъръфтан»** ҳастанд, ки ба ибораҳои дар боло овардашуда маънои муқобил доранд. Маънои умумии ибораҳои мазкур сухани касеро рад кардан, ҳамфикр набудан ба касе, барои гузарондани фикри худ ҷанҷолу хархаша кардан, маҳсуб мешавад ва бо тобишҳои маъноиашон андаке бошад ҳам тафовут доранд. Ибораи фразеологии **«гап гардундан»** ба маънои мустаъқиман ҷавоби манфӣ додан ба сухани касе-ро далолат мекунад. Фразеологизми **«гап начаспидан»** бошад касеро далолат мекунад, ки ба вай сухани хуб таъсир накарда, ҳатман кори ба худаш маъқулшударо ичро мекунад. Таъбири **«гап гърехтан»** ба касоне нигаронида мешавад, ки онҳо суханони якдигарро қабул надоранд, ҳамфикр нестанд ва байни худ ҷанҷолу хархаша мебардоранд.

Одатан ибораи фразеологии **«гап нагъръфтан»,** ки маънои рад кардани сухани касеро дорад, ҳангоми хостгорӣ бисёртар истеъмол мешавад. Ин дар ҳолатест, ки шахси духтардор ба қудошавӣ розигӣ намедиҳад: Дина шав ба хунайи Алимардона гапзанӣ (хостгорӣ) рафтемъ гап- муна нагъръфтан. (Анҷ). Гапа мегъръфтан бъсё хуб мешъд, неки чъко кънем. (Анҷ). Инчунин ибораҳои фразеологии синонимии **«гап кадан», «гап кофтан»,** маъноҳои айби касеро ҷустуҷӯ кардан, аз пашша фил сохтан-ро дорад, ба ибораи **«гапа къштан»(**ба суханони айбҷӯёна хотима додан) антоним мешавад: Ами ҳамсояи мо - Зъмрат бъсйо занаки гапкънай, дар гап кадан астоғун надора, дойим одамора ҷанг медоза (П). Неки ҳамсойаи бологи-мун-Салима мебина, ки гапо гърехтан, сар-ша дар санг мезанавъ гап-а мекъша, ки бо ҷангъ ҷанҷол нашава (П). Ибораҳои **«гап додан»** ва **«гап партофтан»** аз рӯи ифодаи маъно ҳаммаъно, буда айни як маъно, яъне кӯшиши бо духтаре ҳамгап шудан, гуфтани суханҳои болохонадори ба табъи духтар мувофиқро далолат мекунад. Фразеологизмҳои **«гап доштан»** (дар дили худ рози ниҳоне пинҳон доштан), **«гап расидан»** (боиси сарзаниши касе шудан), **«гап гъзаштан»** (сухани баде сар задан) дар лаҳҷаҳои номбурда дар гардиш фаъол буда, мардум онҳоро бо ниятҳои гуногуни услубӣ мавриди истифода қарор медиҳанд: Гълнорара гап-ъш бъте ишоло ром мешава. (Х-ҷо). Ами ҷоҳора хъшру тоза бъкъ, ки бо гап-му нараса (К). Намедунъм, байни уво чи гап гъзаштаст, ки дъ мо-ай қаҳрийан, гап намезанан (Ф). Чи гап дошти, изо накаш, гап-та гуфтан бъгӣ, и ҷа амашун одамой хъдийан (Ҳам.)

Як гурӯҳи муайяни воҳидҳои фразеологии феълӣ дар лаҳҷа гардиш мехӯранд, ки калимаи «гап» дар шакли мураккаб омада, бо туфайли гирифтани маъноҳои маҷозӣ суханро пуробуранг ва таъсирнок мегардонанд. Ибораҳои фразеологии **«гапгардунӣ кардан»** (ҷангу ҷанҷол, хархаша кардан**), «гапфурушӣ кардан» (**дурӯғ гуфтан, найрангбозӣ кардан), «гаправ бъдан» (зудбовару итоаткор бъдан) аз ҳамин қабиланд. Як чанд мисол: Бачам, яг насият-ът мекънъм, ки иҷ мал (ҳеҷ гоҳ) ба одамой ай хъдит калун гапгардунӣ накъ. (П). Яг ъмр и занак мийоявъ гапфърушӣ мекънавъ сари мора гаранг мекънавъ бо мерава. (Ҳам). Қисмати дигари фразеологизмҳо бо вожаи «гап» дар гӯйиши мардум арзи вуҷуд карданд, ки таркиби онҳо аз се ва зиёда ҳиссаҳо ташкил шуда, дар мӯъҷазу таъсирбахш шудани сухан нақши муҳим доранд. Чунончӣ: **ай гап гаштан** (пушаймон шудан аз қавли додашуда, вафо накардан ба аҳди басташуда), **асли гапа гуфтан** (ҳаққи гапа задан, ба гуноҳи худ иқрор шудан), **гапи ката задан** (аз ҳад зиёд худро таърифу тавсиф намудан), **гапи авои гуфтан** (сухани дурӯғу бофта гуфтан), **гапи раи рост задан** (сухани оддию оммафаҳм гуфтан), **бъгу- бъгу кадан** (ҷангу ҷанҷол кардан), **бепарда гап задан** (сухани даҳал бечо, фаҳш гуфтан), **гап дъ шидан** (муродифи бъгӯ-бъгӯ кадан), **гапа ишъ гуш кадан** (ба сухани касе диққат додан), **ба гапи шайтун дърума**н (андеша накарда кори бадеро ба сомон расондан): ва ҳоказо. Пӯшида нест, ки фикру ақида ва марому мақсад, тамоми эҳтиёҷоти мардум ба воситаи гап-сухан воқеъ мегардад, аз ин ҷост, ки вожаи номбурда ин қадар мавқеи истеъмолии зиёд дорад. Ибораҳои фразеологӣ бо калимаи «гап», ҳарчанд ки маънои маҷозӣ касб кунанд ҳам, бо маънои аслиаш иртибот доранд ва

маъноҳои зиёде дар як қолаби кӯтоҳу мӯҷаз ҷамъбаст шуда, рӯзгори ҳаррӯза, рӯҳияи мардум, расму оин, анъана ва урфу одати эшонро дар худ инъикос намуданд.

Ихтисорахо

Р-Роғ	С.М- Саримаҳзор
Й-Йол	С.Н.-Саринамак
Н-Новачун	Ҳам.-Ҳамадонӣ
Ф- Фархор	Ч-К-ҷануби Кӯлоб
Ш-Шурообод.	П-Порвор
Д-Ҷ - Даштиҷум	Паш.- Пашадара

АДАБИЁТ

1. Абаев В.И. Очерки по фразеологии осетинского языка .1964, 104 с.
2. Бачаев М.Фразеологияи забони тоҷикӣ дар асарҳои тарҷумавӣ// Тарҷума - балоғати сухан. Ҷ. 2. Душанбе, 2005. С.184-190.
3. В.В.Виноградов. Избранные труди (лексикология и лексикография) Москва.1977, С.140-162.
4. Жуков В.П.Семантика фразеологических оборотов. Москва. Просвещение. 1978. 160 с.
5. Қодиров Д.С. Структурно – грамматическая характеристика диалектной фразеологии. (на материале дарвозного говора таджикского языка) АКД. Душанбе.2007. 21 с.
6. Маъсумӣ. Н. Очеркҳо оид ба инкишофи забони адабии тоҷик. Душанбе.2011. 385.с
7. Маджидов Х. Лексико-семантических особенности глоголных фразеологических единиц современного таджикского литературного языка. Автореф. диссерт . канд.фил. наук. Душанбе, 1998-27 с.
8. Маҷидов. Ҳ. Фразеологияи тоҷик.- Душанбе. 1982-102 с.
9. Мақсудов.Т. Лексика ва фразеологияи лаҳҷаи тоҷикони Исфара.-Душанбе, Ирфон, 1977 С.50-56.
10. Норматов М. Муқаддимаи забоншиносӣ. Душанбе, Матбуот, 2007. С.55-76
11. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ», х.1 Душанбе: 2010- 996 с.
12. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ»,х.2 Душанбе: 2010- 1095 с.
13. Фозилов М. Фарҳанги ибораҳои рехтаи забони адабии ҳозираи тоҷик. (фарҳанги фразеологӣ)., х.1. Душанбе: Нашр.дав.тоҷ, 1963-952 с.
14. Фозилов М. Фарҳанги ибораҳои рехтаи забони адабии ҳозираи тоҷик. (фарҳанги фразеологӣ)., х.2. Душанбе: Ирфон, 1964-802 с.

ФРАЗЕОЛОГИЧЕСКИЕ ЕДИНИЦЫ С ЛЕКСЕМОЙ «ГАП» (СЛОВО) В ЮЖНОМ ДИАЛЕКТЕ КУЛЯБА

*В статье говорится о том, что слово **«гап»** (слово) занимает особое место в общении и отношениях людей в обществе. Мысли и суждения о лицах, предметах и различных важных событиях окружающей среды появляются в нашем сознании, трансформируясь в **«гап»** (слово), упорядочиваются в языке и члены общества общаются друг с другом. В своей статье автор классифицирует фразеологические выражения со словом **«гап»** «разговор, речь» по их значению, подтверждая свои мысли и суждения об упомянутых фразеологических единицах примерами и фактами из данного говора.*

Ключевые слова: *«гап» (слово), диалект, фразеологические выражения, образность, разговор, речь.*

PHRASEOLOGICAL UNITS WITH LEXEME OF “ГАП” (WORD) IN SOUTH DIALECT OF KULOB

*There is given in the article that the word “**гап”** (word) takes an important place in communication and relation of people in society. Ideas and judgments aūout persons, things and different important occasions of environment appear in our mind than transform into “**гап”** (word) and regularize in language and the memūers of society speak to each other. The author in his article classify phraseological expressions with the word “**гап”** “conversation, speech” according to their meanings and confirm his opinion and judgments aūout mentioned phraseological units with examples and facts from this dialect.*

Keywords: *“гап” (word), dialect, phraseological expressions, picturesqueness, communication, speech*

Сведение об автор:

Гадоев Нурхон - *кандидант филологических наук, дотцент кафедры теории и лингвистическая практика ТГПУ им. С.Айни*

About the autor:

Gadoev Nurkhon *- Candidate of Philology, the Department of theatrical theory and the linguistic practice of the Tajik TSPU named affter S.Ayni*

ББК 81.2Т
УДК4Т
Б74

МАВҚЕИ ИСТИФОДАИ РАҚАМИ «ҲАФТ» ДАР «ХАМСА»-И НИЗОМИ ГАНҶАВӢ ВА ХУСУСИЯТҲОИ КАЛИМАСОЗИИ ОН

Бобоҷонова Д.А.
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров

Тазаккур бояд дод, ки дар яке аз мақолаҳои хеш,ки бо унвони «Вожаҳои ифодакунандаи ҷирмҳои осмонӣ дар «Ҳафт пайкар»-и Низомии Ганҷавӣ (2) ба чоп расида буд,баъзе мулоҳизаҳои иҷмолии хешро дар бораи ҳасаноти рақами «ҳафт» баён намуда будем. Дар мақолаи феълӣ дар атрофи масъалаи вожаи «ҳафт», мавқеи он дар «Хамса»-и Низомӣ, хусусиятҳои маъноию сохтории вожаҳои дартаркибашон рақами «ҳафт»-дошта ба таври муфассал истода гузашта, мақоми онро дар сохтани калима, таркиб ва ибораҳо нишон хоҳем дод.

Бо эътирофи аҳли тадқиқ ва қалам шумораи «ҳафт», ки як ҷузъи унвонияке аз манзумаҳои «Хамса»-и ҳакими сухан Низомии Ганҷавӣ – «Ҳафт пайкар»-ро ташкил намудааст, бисёр ҷолиб ва асрорангез мебошад. Суханварибузург Низомӣ бесабаб манзумаашро бо истифода аз шумораи «ҳафт» номгузорӣ накардааст ва ин сабабҳои айнӣ дошта, дар умқи хеш заминаҳои тавоно ва ба боварҳои мардуми Шарқ, дар мадди аввал тоҷикон робитаи ногусастанӣ дорадва мо мекӯшем, ки дар ин мақола дар атрофи онҳо андеша ронем.

Муаллифону муҳаққиқон, аз ҷумла олими луғатнигори эронӣ Муҳаммад Муин дар аснои таҳияи «Бурҳони қотеъ»-и Муҳаммад Ҳусайн Халафи Табрезӣ мутахаллис ба Бурҳон дар атрофи рақам ё шумораи «ҳафт» таваққуф намуда, дар поварақ таърихи ташаккули онро ба таври зайл нишон медиҳад, ки ба назари аҳли қалам ҷолиб ва тасбит аст. Ба фикри луғатнигор ва решашиноси машҳур ин шумора аз ҷумлаи вожаҳои асили қадимаи эронӣ буда, дар давраҳои гуногуни инкишофи забонҳои эронӣ тағйири шакл намудааст (дар «Авесто» - ҳапта – hapta; паҳлавӣ – ҳафт –haft; форсӣ, тоҷикӣ, дарӣ – ҳафт – haft). Ин рақам дар забонҳои дигари оилаи ҳиндуаврупоӣ, аз ҷумла ҳиндии бостон, ба гунаи “сапта”(sapta), арманӣ “эвлн” (evln'n), афғонӣ (пашту)(obg, aba (ôwd, awa)),астӣ ё осетӣ(aft, awd), вахонӣ“хуб”(hüb, hub, ub), сариколӣ“ӯвд”(ūwd), шуғнонӣ“вувд”(wuwd), мунҷӣ“эдх”(êdh), яғнобӣ“ау”(au), курдӣ“хефт”(heft, ahft, haft, hav) ва ғайраҳо доштааст (6,2341). Имрӯз низ шумораи “ҳафт дар радаи рақамҳои дигари муқаддас ва маъруфи забони тоҷикӣ, аз ҷумла “ҳазор”, ба гурӯҳи вожаҳои серистеъмоли аслии забони тоҷикӣ маҳсуб меёбад. Мувофиқи маънидоди “Бурҳони қотеъ” ва баъдан луғатнигорони дигар ҳини ташреҳи ин вожа такя ба “Бурҳон” ин ададро аз ҷумлаи ададҳои маъруф ба қалам додаанд. Масалан, дар “Бурҳони қотеъ” дар моддаи луғавии “ҳафт” омадааст: هفت (“бо фатҳи аввал ва сукуни сонӣ ва фавқонӣ, ададе аст маъруф…”)” [6,2341].

Мувофиқи бардошти Алиакбари Деҳхудо дар “Луғатнома”-и хеш [3,49] аз тадқиқоти пуразиши Муҳаммад Муин (4) шумораи “ҳафт” дар байни мардуми ҷаҳон як навъ хосияти асрорангез ва муқаддасро касб намудааст. Ба фикри Деҳхудо “аз миёни адад шумораи “ҳафт” аз дер боз мавриди таваҷҷуҳи аквоми мухталифи ҷаҳон буда, аглаб дар умури эзидӣ ва нек ва гоҳ дар умури аҳриманӣ ва шарр ба кор мерафтааст. Вуҷуди баъзе авомили табиӣ, монанди теъдоди сайёраҳои макшуфи ҷаҳони бостон ва ҳамчунин рангҳои аслии муайяди руҷаъон (موید رجعان) ва ҷанбаи мовари табиӣ ин адад гардидааст. Қадимтарин қавме, ки ба адади “ҳафт” таваҷҷуҳ карда, қавми сумар (سومر) аст. Зеро онон мутаваҷҷеҳи муборот шуданд ва онҳоро ба сурати арбоби анвоъ парастиданд” [3,49,1257]. Ба қавли муҳаққиқон, аз ҷумла М.Муин, А.Деҳхудо, А.Афсаҳзод, ки дар осори таҳқиқиашон зикр гардидааст, адади “ҳафт” дар мазҳабу динҳо, таърихи ҷаҳон, дар тасаввуф, одоб ва амсоли он аҳамияти бузург дошта, инчунин шумораи аглабе аз умур ва мавзеъҳо “ҳафт” будааст [4,224; 3,49,1257; 1,115-116]. Аз ҷумла, ҳафт табақаи замин, ҳафт табақаи осмон, айёми ҳафта, ҳафт фариштаи муқаддас дар Каъба дар давраи ҷоҳилият, ҳафт парвардигори ориёӣ назди ҳиндувони қадим, ҳафт амшосипанд дар назди мазҳаби Зардушт, тақсими ҷаҳон ба ҳафт кишвар ё ҳафт иқлим, эътиқод ба ҳафт мақом ва дараҷаи муқаддас дар

мехрпарастӣ, ҳафт Эзид дар мазҳаби монӣ, ҳафт дар ва ҳафт табақаи дӯзах дар “Қуръон”, ҳафт шаборӯзи болои қавми Од, ҳафт гови фарбеҳ ва ҳафт гови лоғар, ки Фиръавн ба хоб дид, ҳафт узве, ки дар сачда бояд дар замин бошад, ҳафт бор татҳир дар қавонини таҳорат, маротиби ҳафтгона дар мазҳаби исмоилия, ҳафт шаҳри ишқ ва ҳафт мардон дар тасаввуф ва инчунин бисёр маводи дигар, ки дар афсонаҳои гузаштагон ва соири боварҳои инсонӣ дида мешавад, нишонаи аҳамияти бузурги ададии “ҳафт” дар назари аҳвоми мухталифаи ҷаҳон мансуб аст, ки дар асари пураҳамияти Муҳаммад Муин шумораи “ҳафт” дар “Таҳлили “Ҳафт пайкар”-и ӯ оварда шудааст.

Қобил ба ёдоварӣ аст, ки дар осори абармарди назми форсу тоҷик Низомии Ганҷавӣ, махсусан “Хамса” ададии “ҳафт” дар вожа, таркибу ибораҳо ба таври васеъ истифода шуда, бо маъниҳои гуногуни мазҳабию қудсӣ ба манзумаҳои Низомӣ рангу таровати тоза ворид намудаю аз дониши амиқи забондонию суннатҳои мардумӣ ва боварҳои он гувоҳӣ медиҳад. Қобили зикр аст, ки дар манзумаҳои “Хамса” истифодаи вожаҳои дар таркибашон ададии “ҳафт” мавҷудбуда якгун ва якхел набуда, миқдорашон муфаррақ аст. Дар зер панҷ манзумаро аз лиҳози корбурди вожаи қудсии “ҳафт” мавриди баррасӣ қарор медиҳем.

1. Дар “Лайлӣ ва Маҷнун”. Аз рӯи маводи ин манзума калима, таркиб ва ибораҳои зерин ба вожаи “ҳафт” ба назар расид: *ҳафт фалак, ҳафт фарас, ҳафт хиргоҳ, ҳафт сақф, ҳафт хазона, ҳафт боми олам, ҳафтфаршӣ, ҳафт ҳисори баркашида, ҳафт паранди парниёранг, ҳафт мавҷ, ҳафт кишвар, ҳафт чархи гардон, ҳафт мардон, ҳафт қавораи шаш ангушт, ҳафт базму нуҳ меҳр, ҳафт паргор, ҳафт субъ, ҳафт сар, ҳафт ҳазор, ҳафтсола, ҳафт фалак, ҳафт хаданги чорбехӣ, ҳафтсар, ҳафт арӯзи нуҳаморӣ, ҳафт гирех* ва ғайра. Яъне, ҳамагӣ 26 адад. Муаллиф таркиб ва ибораҳои фавкро ба маъниҳои зер истифода бурдааст:

ҳафт фалак – нуҷ. ҳафт табақаи осмон, ки ҳар кадоми он мадори яке аз ҳафт сайёра будааст: фалаки Қамар (Моҳ), фалаки Уторид (Тир), фалаки Зуҳра (Ноҳид), фалаки Шамс (Офтоб), фалаки Миррих (Баҳром), фалаки Муштарӣ (Бирҷис) ва фалаки Зуҳал (Кайвон) [9,2,739]. Дар “Луғатнома”-и Деҳхудо шарҳи зайли “ҳафт фалак” пешниҳод шудааст: “ҳафт чарх, ҳафт тоқ” (3,49,237).

Дар “Лайлӣ ва Маҷнун” таркиби “ҳафт фалак” ба мазмуни боло омадааст: Эй *ҳафт фалак* фикандаи ту, Эй ҳар кӣ ба ҷуз ту, бандаи ту[8,143].

Ҳафт хиргоҳ – ҳафт фалак, ҳафт осмон, ҳафт харос[3,49,233]. Ва байте аз Низомӣ омада: Эй шоҳи муқаррабони даргоҳ, Базми ту варои *ҳафт хиргоҳ* [3,49,233; 8,12]. Дар анҷоми шарҳи таркиби “ҳафт харос” омадааст, ки “Бурҳон” онро ба таври зайл маънидод мекунад: *ҳафт харос* – киноя аз ҳафт осмон аст, ки самавоти сабъ аст [6,2346].

Ҳафт фарас. Дар манзумаи “Лайлӣ ва Маҷнун” омадааст: “Даврон, ки фарасниҳодаи туст, Бо *ҳафт фарас* пиёдаи туст [8, с.12]. Дар “Луғатнома” “ҳафт фарас” маънии *ҳафт фалак*ро ифода мекунад ва тазаккур бояд дод, ки ба ин маънӣ чандин таркибҳо маънии синонимиро гирифтаанд. Масалан, *ҳафт сақф*: В-ин хонаи *ҳафтсақф* карда, Бар чор халифа васф карда [8, с.12], *ҳафт паргор* – ба фатҳа ё-и форсӣ, киноя аз ҳафт осмон [6,2344]: Феҳристи ҷамоли *ҳафт паргор*, Аз ҳафт халифа ҷомагихор [8,74], ҳафт пардаи Азрақ, яъне охири ҳафт парда аст, ки киноя аз ҳафт осмон аст (6,2344) ва ғайраҳо.

Ҳафт субъ – мурод аз ҳафт ҳиссаи “Қуръони маҷид”...[3,49,236]. Дар “Ғиёс-ул-луғот” омадааст: *ҳафт субъ* бар вазни рубъ; онро ҳафт манзил гӯянд ва ҷиҳати он ки қориёни солор дар як ҳафта хатми “Қуръони маҷид” муқаррар намудаанд. Чунончи, таъйини сураҳо ба ҳуруфи “фами бишавқин” кардаанд ва тартибаш ин аст: аввали рӯз аз сураи Фотеҳа шурӯъ кунанд, дувум рӯз аз сураи Моида, савум рӯз аз сураи Юнус, чаҳорум рӯз аз сураи Бани Исроил, панҷум рӯз аз сураи Шуаро, шашум рӯз аз сураи Вассофот, ҳафтум рӯз аз сураи Қоф. Ва назди баъзе бо лиҳози маънӣ Каломуллоҳ ҳафт қисм аст: аввал ваъда, дувум ваъид, савум ваъз, чаҳорум қисас, панҷум амр, шашум наҳй, ҳафтум адъия (аз шурӯҳи сақот[1], 5,2,388). Байт аз “Лайлӣ ва Маҷнун”: Нигар, ки *ҳафт субъ* хондӣ, Ё ҳафт ҳазор сол мондӣ [8,42].

Ҳафтсар – Ин *ҳафтсар* аждаҳои хунхор, Дар гирди ту ҳалқаест чун мор [8,137]. Шарҳи он дар “Луғатнома”-и Деҳхудо омадааст: *ҳафтсар* мавҷуде, ки ҳафт сар бошад. Ба кинояти ғайриоддӣ ва тарснок [3,49,236]. Дар боварҳои мардумӣ ва афсонаҳо *ҳафтсар*аждаҳоест, ки ҳафт сар дошта, ҳайбатаи ваҳмнок дорад ва ҳамеша амалаш шарр аст. Дар бисёр афсонаҳо бо

шамшери сеҳрноки родмардону паҳлавонон ҳафт сари он бурида шуда, ба ҳалокат расонида мешавад. Умуман, ҳафтсар ё аждаҳо эҷоди ақлонии мардум ба ҳисоб рафта, ҷанбаи воқеӣ надорад. Ва Низомӣ низ дар ҷойи зарурӣ онро корбурд намуда, тасвири хешро воҳим ва мутантан ба қалам додааст.

Дар ҳамин ҷо мо ба таҳлили калимот, таркибот ва ибороти ададии "ҳафт" дар "Лайлӣ ва Маҷнун" хотима бахшида, истифодаи онро дар манзумаҳои дигар танҳо ба овардани мисолҳо ва миқдори онҳо, таҳлили онҳоро ба вақти дигар вомегузорем, ки тадқиқоти мукаммалро тақозо мекунад.

2. Мавод аз "Хусрав ва Ширин": *ҳафт фағфур, ҳафт кишвар, ҳафт ахтар, ҳафт майдон, ҳафт авранг, ҳафт андоми ӯ, ҳафт парда, ҳафт хайл, ҳафт оҳанин* (9 адад). Тавре ки мисолҳои бо рақами "ҳафт" нишон медиҳанд, дар манзумаи "Хусрав ва Ширин" теъдоди онҳо хеле кам ба назар расид. Агар дар заминаи тафсири луғату фарҳангҳо ин маводро ба таҳлил кашем, ба чунин натиҷа мерасем:

ҳафт фағфур – Зи давлатхонаи ин *ҳафт фағфур*, Суханро тозатар карданд маншур [7,143]. Дар "Фарҳанги забони тоҷикӣ" ин таркиб ба таври киноя маънидод шудааст ва омадааст, ки "ҳафт фағфур" ин ҳафт сайёра маҳсуб меёбад (9,2,428). Маънои номвожаи "фағфур" дар "Бурҳони қотеъ" ифодагари шоҳони чинӣ мебошад: *Фағфур* бар вазни махмур, подшоҳи Чинро гӯянд, ҳар кӣ бошад. Инчунин, подшоҳе аз Оли Ашкон, ки баъд аз Сикандар подшоҳ шуд ва шасту ду сол мулк ронд [6,1494]. Дар "Фарҳанги забони тоҷикӣ" (9,2,427) "фағфур" лақаби шоҳони қадими Чин тафсир гаштааст.

Ҳафт кишвар – иборат аз ҳафт мулк, ки маҳалли салтанати калон ҳастанд. Маъмулан ин кишварҳо дар "Ғиёс-ул-луғот" ба таври зер номгузорӣ шудаанд: Чин, Туркистон, Ҳинд, Тӯрон, Эрон, Рум ва Шом. Баъзе муаллифон бар ивази Туркистон Фарангро ном бурдаанд [5,2,387]. Қобили зикр аст, ки "ҳафт кишвар" *ҳафт иқлим* низ мавсум гардидааст ва ҳафт ҳиссаи рубъи маскунро низ дар назар дошта шудааст [5,2,487].

Таркиби "ҳафт кишвар" дар поварақи "Бурҳони қотеъ", ки ба қалами Муҳаммад Муин ба таври васеъ баррасӣ шудааст, ҷолиб мебошад: *ҳафт кишвар* – هفت کشور ба фатҳи аввал ва касри чаҳорум ва фатҳи шашум, дар паҳлавӣ *haft kishvar* "342 اونوالا ", дар "Готҳо" Ясно 32, банди 3 аз *hapta bûmi*, яъне *ҳафт бум* ва сарзамин сухан рафтааст. Дар дигар бахшҳои "Авасто" ба ҷои "ҳафт бум" ғолибан *hapto karshvare*, яъне "ҳафт кишвар" ёд шуда (руҷӯъ кунед: Тир Яшт, банди 40, Ясно 65, банди 5 ва ғайра). Дар "Готҳо"-идинии браҳманони Ҳинд низ замин дорои ҳафт кишвар аст ба номи *sapta dvîpa*. Дар кутуби исломӣҳам замин ба "ҳафт иқлим" тақсим шудааст. Номҳои ин ҳафт кишвар аз ин қарор аст: 1) *Arezahi*, ё Арза кишварест, ки дар Мағриб воқеъ аст;

2) *Savahi*, ё Сава (Сова), кишварест, ки дар Машриқ воқеъ аст; 3) *Fradadhafshu*, ё Фраззафаш (فرددفش), кишвари ҷануби шарқӣ аст; 4) *Vidadhafshu*, ё Видазфаш (ویددفش), кишвари ҷануби шарқӣ аст; 5) *Vôuru-barəshtirė* Варубаршат, кишвари шимоли ғарбӣ аст; 6) *Vôuru-jarəshti,* ё Варучрашт, кишвари шимолӣ-шарқӣ аст; 7)*Xvanirutha,* ё Хвенирас (خوانیرس), ки кишвари марказӣ аст (ручӯъ кунед: Пури Довуд, Яштҳо ج ا, с.33-43ҳ.) [6,2349-2350]. Аз рӯи маълумоти Муҳаммад Муин дар поварақи "Бурҳони қотеъ" дар "Муқаддимаи "Шоҳнома"-и Абӯмансурӣ" омада: "Ҳар оромгоҳи мардумон бувад ба чаҳор сӯи ҷаҳон, аз карон то карон ин заминро бибахшиданд ва ба ҳафт баҳр (ҳисса – Д.Б.) карданд ва ҳар баҳреро яке кишвар хонданд: Нахустинро "Арза" хонданд, дувумро "Сум" хонданд, савумро "Фардадфаш" хонданд, панҷумро "Дурбараст" хонданд, шашумро "Ваврҷараст" хонданд, ҳафтумро, ки миёни ҷаҳон аст "Ханрасбомӣ" хонданд. Ва "Хандрасбомӣ" ин аст, ки мо бад-ӯ андарем ва шоҳон ӯро "Эроншаҳр" хонданд... [6,2350].

Ҳафт авранг – Ҷаҳон ба мавкибаш роҳ танг дорад, Адам болои *ҳафт авранг* дорад [7,186]. *Ҳафт авранг, ҳафт тахт*, зеро авранг тахтро гӯянд. Киноя аз *ҳафт ситора*аст, ки арабҳо онро банотулнаъш мехонанд, *ҳафт ситора* шабеҳ аст ба сурати хирс ва ба арабӣ хирсро дуб хонанд. Ва аз ҷумла, чиҳил ваҳшат сурати фалакулбурҷ бошад, Дубби акбар ҳамон аст (6,2343). **Ҳафт авранг** ба маънии Дубби акбар дар осори гузаштагонамон ба таври фаровон ба назар мерасад: То бад-ин ҳафт фалак сайр кунад ҳафт ахтар, Ҳамчунин ҳафт ба дидор бувад *ҳафт авранг* (Фаррухии Сиистонӣ); Ба *ҳафт авранг*и равшан хӯрад савганд, Ба равшанномак гетии Худованд (Низомӣ). *Ҳафт авранг*и кеҳин, Дубби асғар ё банотулнаъши саґирӣ [3,49,230].

Ҳафт андом – Зи гармӣ бурда ишқ ороми ӯро, Ба ҷӯш оварда *ҳафт андом*и ӯро [7,287]. Мувофиқи шарҳи "Ғиёс-ул-луґот" (5,2,388-389). *Ҳафт андом* ба ҳасби зоҳир аввал сар, дувум сина, савум пушт, чаҳорум ва панҷум ҳар ду даст, шашум ва ҳафтум ҳар ду по. Ва ба ҳасби ботин димоґ, дил, ҷигар, сипурз, шуш, заҳра ва меъда. Баъзе муфассирон ба ҷои меъда гурда навиштаанд (аз "Латоиф"). Дар "Тафсири Ҳусайнӣ" ин узвҳо (ҳафтгона) ба таври зер аст: чашм, гӯш, забон, батн, фарҷ, дасту по. Ва номи рагест ва онро ба ҳамин сабаб *ҳафт андом* гӯянд, ки ба фасди он хуни сар ва сина ва пушт, дасту по хориҷ мешавад [5,2,388-389]. "Бурҳон" ташреҳ медиҳад, ки "*ҳафт андом* номи раге ҳам ҳаст, ки чун онро бикшоянд аз ҷамиъи андом хун кашида шавад ва он рагро ба арабӣ наҳрулбадан хонанд" [6,2343].

Дар "Фарҳанги забони тоҷикӣ""ҳафт иқлим" чун муродифи *ҳафт кишвар* чунин шарҳ ёфтааст: *ҳафт иқлим* киноя аз тамоми дунё, рубъи маскун, аз рӯи ақидаи олимони ҷуґрофияшиноси қадимзамин ба ҳафт минтақа тақсим шуда, ҳар кадом ба яке аз ҳафт ситора мансуб шуморида мешуд. Масалан, Ҳиндустон ба Зуҳал, Чин ба Муштарӣ, Туркистон ба Миррих, Хуросон ба Шамс, Мовароуннаҳр ба Зуҳра, Рум ба Аторуд, Балх ба Қамар [9,2,738].

Дар "Луґатнома"-и Деҳхудо *ҳафт иқлим* ва шарҳи он аз қисмати "Готҳо"-и "Авесто" оґоз ёфтааст. Луґатнигори варзида Деҳхудо менависад, ки "дар "Готҳо" аз ҳабта бумӣ (haptu bumi), яъне ҳафт бум сухан рафтааст, Зардушт аз девпарастон шикоят кунад ва гӯяд, ки онон ба воситаи дурӯґ худситойӣ дар рӯи ҳафт бум – шаҳр тай ёфтаанд... [3,49,229]. Чунин байтро аз Низомӣ манзур менамоем: Ба фатҳи *ҳафт кишвар* сар барорад, Сари кӯҳ чарҳро дар чанбар орад (7,153). Дар "Луґатнома"-и Деҳхудо "ҳафт ахтар" номи сайёраҳо шарҳ ёфтааст – Қамар, Аторид, Зуҳра, Шамс, Миррих, Муштарӣ ва Зуҳал. Номи форсии ин ҳафт сайёра инҳоанд: Моҳ, Тир, Ноҳид, Хуршед ё Меҳр, Баҳром, Бурҷис ва Кайвон [3,49,219]. Тартиби ин ҳафт сайёра дар ҳафт фалак ё ҳафт осмон аз рӯи маълумоти "Ғиёс-ул-луґот" чунин аст: Моҳ дар фалаки аввал, Тир дар фалаки дувум, Ноҳид дар фалаки савум, Меҳр дар фалаки чаҳорум, Баҳром дар фалаки панҷум, Бурҷинис дар фалаки шашум, Кайвон дар фалаки ҳафтум [5,2,387].

Ҳафт майдон – Самандаш дар шитобоҳанги бешӣ, Фалакро *ҳафт майдон* дода пешӣ (7,148). Дар "Луґатнома"-и Деҳхудо киноя аз *ҳафт кавкаб* шарҳ ёфтааст [3,49,240].

3. Аз "Искандарнома": *ҳафтчашма, ҳафт чархи кабуд,ҳафт султон, ҳафтум фалак, ҳафт чархи баланд, ҳафт оби хокӣ, ҳафт паргори тез, чархи хафтум, ҳафт кишвар, ҳафтпӯӣ, ҳафтранг, ҳафтсар, ҳафт пирӯза кох, ҳафтхум, ҳафт мандал, ҳафт офариниш, ҳафт куҳли тироз, ҳафтҷӯш, ҳафтшох, ҳафт осмони баланд, ҳафт ахтари арҷманд, ҳафтрӯд, ҳафт ҳиндуи куҳли ҷарас, ҳафт ҳайкал, ҳафт сол, ҳафтрӯё, ҳафт чашма харос.*

4. Аз “Махзан-ул-асрор”. Қобили зикр аст, ки дар “Махзан-ул-асрор” бо калимаи “ҳафт” воҳидҳои зерини забонӣ (вожа, таркиб, ибораҳо) истифода шудаанд, ки онҳоро зикр ва интихобан шарҳ медиҳем: *ҳафт хат, ҳафт фалак, ҳафт осмон, ҳафт пари мурғи Сурайё, ҳафт мард, ҳафт хон, ҳафт кон, ҳафт обу хок, ҳафт халифа.*

Ҳафт хат – Кард раҳо дар ҳарами коинот, *Ҳафт хат*у чор ҳаду шаш ҷиҳот [7,с.25]. Дар “Луғатнома”-и Деҳхудо такя ба луғати Онандроҷ ин таркиб киноя аз “иқлими сабъа” (ҳафт – Мо, ки ҷузъе зи *сабъи гардунем*, Бо ту берун зи ҳафт берунем (Низомӣ) – Д.Б.). Тибқи шарҳи “ҳафт хат” ба маънии хутути ҷоми ҷам аст, ки он хати ҷавр ва хати Бағдод ва хати Азрақ ва хати Ашк ва хати косагар ва хати фурудина (فرودینه) бошад [6,2346]. Аз ҷониби дигар киноя аз *ҳафт иқлим* ҳам ҳаст.

Ҳафт пари Сурайё – Мурғи тараб нома ба пар боз баст, *Ҳафт пари мурғи Сурайё* шикаст [7,55]. Шарҳи ин таркиб чунин аст: киноя аз кӯчактарин ситораест, ки дар Парвин ҷой дорад [3,49,231].

Ҳафт хон – Хуни падар падар дида дар ин *ҳафт хон*, Об марез аз пайи ин ҳафт кон (7,88). Мувофиқи шарҳи луғатнигорон, аз ҷумла Деҳхудо “хон” ба маънии *суфра* аст. Баъзе вачҳи тасмия ин калимаро он донистаанд, ки Рустам ва Исфандиёр баъд аз ҳар комёбӣ хоне аз ғизои лазиз мегустурданд, вале ин вачҳ саҳеҳ наменамояд. Вачҳи дигар калимаи мусҳафи *ҳафтхон* мураккаб аст (аз ҳошияи “Бурҳон” бо тасҳеҳи дуктур Муин), номи ҳафт манзилест, ки Рустам барои раҳоии Ковус аз банди шоҳи Мозандарон паймуд: дар хони аввал Рахш шерро кушт, дар дувум чашмаи об ба раҳнамоии Ғурм – бародари Рустам қайд гашт, дар савум Рустам аждаҳоро кушт, чорум зани ҷодугарро ҳалок кард, дар хони панҷум ду гӯши даштбонро барканд, дар шашум Аржангдевро бикушт, дар ҳафтум Деви Сапедро ба қатл расонид. Вақте ки Кайковус дар Мозандарон ба банд афтода буд ва Рустам барои халосии ӯ мерафт, дар аснои роҳ чанд ҷодудевон ва ҷодувонро кушт ва ба ҳафт рӯз ба Мозандарон рафт ва Кайковусро ноҷот дод ва онро *ҳафт хони Аҷам*низ гӯянд ба сабаби он ки аз ҳар манзиле, ки мегузашт, шукронаи он меҳмонӣ ва зиёфате мекард [6,2346; 3,49,234].

5. Намуна аз манзумаи “Ҳафт пайкар”: *ҳафт ҳазор, ҳафт афзор, ҳафт бек, ҳафт иқлим, ҳафт гунбад, ҳафт шоҳзода, ҳафт арӯс, ҳафт чашма, ҳафт поя, ҳафт пора, ҳафт пайкар, ҳафт кишвар, ҳафтҷӯш, ҳафт лубат, ҳафт ҳисор, ҳафт нозанин, ҳафт сипеҳр, ҳафт сайёра, ҳафт ахтар, ҳафт кишвар, ҳафт шоҳ, ҳафт ранг, ҳафт сар, ҳафт андом, ҳафт мӯбад, ҳафт лавҳ, ҳафт чарх, ҳафт хат, ҳафт арӯс* ва ғайраҳо.

Азбаски доира ва ҳаҷми як мақола ғунҷоиш намедиҳад, ки дар атрофи рақами “ҳафт” дар вожаҳои мураккаб, таркибҳо ва ибораҳо мавриди таҳлили густурда қарор диҳем, зарур мешуморем, ки ин мақсади начиб дар мақола ва ё асари баъдӣ мавриди баҳси васеъ ва доманадор қарор диҳем.

Дар интиҳои сухан чун хулоса ҳаминро бояд таъкид сохт, ки рақам ва вожаи “ҳафт” дар сохтану ташаккули калимоти нав аз сербортарин ҷузъи калимасоз, таркиборо ва иборасоз маҳсуб меёбад. Олими фарехта Муҳаммад Муин танҳо оид ба саҳми ин вожа дар “Ҳафт пайкар” як тадқиқоти вижаеро ба чоп расонидааст. Барилова, луғатнигори маъруфи Эрон Деҳхудо дар “Луғатнома”-и хеш, ҷилди 49 садҳо калимот, таркибот ва иборотро манзур гардонидааст ва имкон дорад, ки дар мисоли ин мавод як тадқиқоти мукаммал ба анҷом расонида шавад.

АДАБИЁТ

1. Афсаҳзод А. Низомии Ганҷавӣ/А.Афсаҳзод. – Душанбе: Маориф, 1995. – 210 с.
2. Бобоҷонова Д. Вожаҳои ифодакунандаи ҷирмҳои осмонӣ дар “Ҳафт пайкар”-и Низомии Ганҷавӣ/Д.Бобоҷонова//Ахбори ДДҲБСТ. – Хуҷанд, 2016, №4. – С.144-153.
3. Деҳхудо, Алиакбар. Луғатнома. Х.1-50/Алиакбар Деҳхудо. -Теҳрон, 1325-1345.
4. Муин Муҳаммад. Таҳлили “Ҳафт пайкар”-и Низомӣ/Муҳаммад Муин. - Теҳрон, 1338. – 334 с.
5. Муҳаммад Ғиёсуддин. Ғиёс-ул-луғот (таҳияи матн бо пешгуфтор, тавзеҳот ва фехристи А.Нуров)/ Ғиёсуддин Муҳаммад. – Душанбе: Адиб, ҷ.1, 1987.- 480 с.; ҷ.2, 1988. - 416 с.; ҷ.3, 1989. - 304 с.
6. Муҳаммадҳусайн, Бурҳон. Бурҳони ғотеъ. Дар панҷҷилд/Бурҳон Муҳаммадҳусайн.Бо эҳтимоми Муҳаммад Муин. –Теҳрон: Амири Кабир, 1391. – 2470 с.
7. Низомии Ганҷавӣ. Хамса. Махзан-ул-асрор. Хусрав ва Ширин/Ганҷавӣ Н. – Душанбе: Адиб, 2012. – 480 с.
8. Низомии Ганҷавӣ. Хамса. Лайлию Маҷнун. Ҳафтпайкар/Ганҷавӣ Н. – Душанбе: Адиб, 2012. – 480 с.
9. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Дар ду ҷилд (дар зери таҳрири М.Шукуров, В.А. Капранов, Р. Ҳошим, Н.А. Маъсумӣ). – М.: Советская энциклопедия, 1969, ҷ.1. – 951с.; ҷ.2. – 952 с.

ПОЗИЦИИ УПОТРЕБЛЕНИЯ ЦИФРЫ «ҲАФТ» («СЕМЬ») В «ХАМСА»НИЗАМИ ГЯНДЖАВИ И ЕЁ СЛОВООБОРАЗОВАТЕЛЬНЫЕ ОСОБЕННОСТИ

В лексическом составе языков мира существуют слова, имеюцие значения священности и злополучия. Это свойственно и таджикскому языку, в лексическом составе которого можно обнаружить слова с подобными зачениями. Такие слова в основном, обозначают и выражают идем которым к доверяют и понимают носители языка, которые существовали в течении нескольких веков, и до сих употребляются в речи. В таджикском языке таким словам относятся цифры ҳафт, нуҳ, ҳазор и другие. Среди них слово "ҳафт" занимает особое место. В творчестве Низомии Ганчави (особенно в "Хамсе") встречается его употребление в сочетании с другими словами. Ни один литератор так много не употреблял такие сочетание со словом "хафт" (семь). Можно составить словарь с начальным словом "ҳафт не примере произведения Низоми.

Ключевые слова: *цифра "ҳафт", "Хамса" Низомии Ганчави, словари, "Гиёс-ул-лугот","Бурхони котеъ","Словарь Деххудо", словообразовательные и семантические особенности, толкование, словообразование и др.*

POSITION AND USE OF THE NUMBER "HAFT" ("SEVEN") IN "KHAMSA" NIZOMI GANJAVI AND ITS WORD- FORMATION FEATURES

In the lexical composition of the languages of the world there are words that have the meaning of the sacredness and misfortune. And this is peculiar to the Tajik language, in the lexical composition of which you can find words with these sentences. Such words mainly denote and express the meanings related to the trust and understanding of native speakers who have existed for several centuries and are still used in speech. In the Tajik language, such words include numbers ҳафт, нуҳ, ҳазор and others. Among them the word "ҳафт" takes a special place. In NizomiGanjavi'screation (especially in "Khamsa") this word used in combination with other words. No writer has used such a combination with the word "ҳафт" (seven) so many times. It is possible to make a dictionary with the initial word "ҳафт" from NizomiGanjavi"s creation.

Keywords*: number "Seven", "Khamsa" of Nizomi Ganjavi, dictionaries, "Ghiyos-ul-lughot","Burhani Qote","Dehkhuda Dictionary", word-formation and semantic features, explanation, derivation, and others.*

Сведения об авторе:

Бободжанова Дилбарджон Абдумуминовна - *кандидат филологических наук, заведующая кафедрой общеуниверситетского таджикского языка, Худжандского государственного университета имени академика Б.Гафурова, E-mail: bobojonova1977@mail.ru*

About the author*:*

Bobojonova Dilbarjon Abdumuminovna *- candidate of philological Sciences, head of General University Department of the Tajik language, Khujand state University named after academician B.Ghafurov, E-mail: bobojonova1977@mail.ru*

КАЛИМАЮ ТАРКИБҲОИ ШОИРОНА ДАР АШЪОРИ ЛОИҚ ШЕРАЛӢ (ДАР АСОСИ МАВОДИ МАҶМӮАИ «ВАРАҚИ САНГ»)

Нуъмонзода М.Ш.

Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ

Лоиқ шоирест тавоно ва нуктадону ширинбаён. Забони ашъораш шево ва оммафаҳм, саршор аз воситаҳои нотакрори тасвироти бадеӣ, ки мо онҳоро дар мақола "калима ва таркибҳои шоирона" номидем. Ва хаёл мекунам, иштибоҳе накардаем. Ашъори Лоиқ бемуҳобот аз забони назми классикии тоҷик сарчашма мегирад, мисли ҳама шоирони гузашта ибораву таркибҳои маҷозӣ месозад, дар бой ва ғанӣ гардидани таркиби луғавии забон ҳиссагузор аст.

Мо, ки аз боби маҳорати калима ва таркибсозии Лоиқ сухане чанд гуфтанӣ ҳастем, аз овардани калима ва таркибҳои **«ёри норпистон»** [1, с.**143], «соқи симин», «чеҳраи бечин»** [1, с.**139], «майхора», «ғамхора»** [1, с.**25], «қомати сиҳӣ»** [1, с. **239], «шафақ»** [1, с. **207], «накҳат»** [1, с.**47], «мехрангез»**(1, с.**38), «гуландом»** [1, с.**102], «анбарбӯй»** [1, с.**47], «рух»** [1, с.**248], «бӯсагоҳ»** [1, с.**168], «нилфом «(219), «атри гесувон» (139), «бедиранг» (191), «гулрез»** [1, с.**226], «арғувон»** [1, с.**151],

«қади шамшод» [1, с **151], «баршавад» (баромадан) [**1, с.**141], «марғуладор» [**1, с **128], «моломол» [**1, с **168], «размоварӣ», «сафдарӣ» [**1, с **19], «обшорон» [**1, с.**23], «бемоягон» [**1, с.**60], «гаронмоя» (**1, с. **133), «барфистон»[**1, с. **49], ибораҳои маҷозии «духтари раз» [**1, с.**22], «ҳусни гулафшон» [**1, с. **133], «модари даҳр» [**1, с.**260], «баёзи гардан» (**1, с.**33), «гулоби талх» [**1, с.**49), «шоми сияҳгилем» [**1, с.**170), «гардуни дун» [**1, с.**174], «раҳмат кардан» [**1, с.**106], «рахти умр бастан» [**1, с.**201]** ва монанди инҳо сарфи назар карда наметавонем.

Калима ва таркибу ибороти шоирона аслан аз исм ва сифат иборат буда, дар ашъори Лоиқ ҳамчун воситаи ба вуҷуд овардани образҳои бадеии барҷаста кор фармуда шудаанд.

Дар ашъори Лоиқ калимаю таркиб ва ибороте дучор меояд, ки ба таври анъана истифода шудаанд, чанд намунаи фишурдае ба тариқи назм:

*Бо **ёри норпистон** хуфтам, гофил аз он,*
Ҳамчун анори ширин дасте фишурда маро…[1, с.143]

*Ман бода хӯрам, пеши **рухи сода** хӯрам,*
*Бо **дилбари симсоқи озода** хӯрам… [1, с 248]*

*Ба қадри **соқи симин**у ба қадри **чеҳраи бечин**,*
*Ба қадри **ёри гулрухсор** мебояд расид имрӯз… [1, с 139]*

Хонед ба базми ошиқӣ номаи ман,
*Пӯшед ба **қомати сиҳӣ** ҷомаи ман…[1, с 239]*

*Шеваи мо, лаҳни **меҳрангез**и мо,*
Баҳри ҳар миллат пазиро мерасад.[1, с 38]

Аз фазои лоҷварди мулки Ховар,
*То фазои **нилфоми** Бохтар.[1, с 219]*

***Аргувонпӯш** қади шамшодат,*
Давра ороставу дил месӯхт.[1, с 151]
Аз хурӯши шавқи бозиҳои ту,
***Баршавад** аз синаҳо фавворахо.[1, с 141]*

*Шаҳр гардад зи ишқ **моломол,***
Ишқ борад зи кӯчаву барзан.[1, с 168]

*Шумо ҳам аскаре будед, бас **размоварӣ** кардел,*
Шумо ҳам сафдаре будед, алҳақ сафдарӣ кардед.[1, с 19]

Дар «Вараҳи санг» як қатор калимаҳое, ки мафҳуми моддӣ ва маънои тамоман бадеӣ доранд ва дар адабиёти классикӣ роиҷ буданд, фаровон истифода шудаанд: «1, с **ахтар» (**1, с.**138), «ҷош» [**1, с.**237] «қадаҳ» [**1, с.**236] «сатор» [**1, с **236] «паймона» [**1, с.**261] «дур» ([**1, с.**138] «кутуб» (**1, с.**99) «кошона» (**1, с.**204) «хуршед» (**1, с.**30) «бода» (**1, с.**64) «гавҳар» (**1, с.**19)** ва амсоли инҳо:

*Кунун саррофҳо – **гавҳар**шиносони сухан ҳар дам,*
Шуморо аз хазону аз баҳори даҳр меҷӯянд. [1, с.19]

Ба дастам ҷоми хайёмӣ,
Лаболаб ҷоми гулфоме.
Дар ӯ ёди ниёгон аст, ҳам ашки бузургон аст,
Дар ӯ шаҳди замину шӯълаи хуршеди тобон аст.
*Дар ӯ ҳам **ахтари** афтода аз гардун,*
*Дар ҳам **ахтари** хомӯши ёрон аст… [1, с 30]*

Тавре ки дар боло мебинем, шоир тавонистааст, дар як порчаи шеърӣ якчанд калимаҳои шоиронадоштаро истифода намояд. Калимаю ифодаҳои хушобуранг, суханони мавзуни шоирона дар таъсирбахш ва образнокии тасвир ёрӣ мерасонанд. Масалан, ибораи ***зарҳали уфуқ*** ва калимаи ***гуруб*** дар шеъри поён боиси пайдоиши образи нав гардидаанд, ки ин гуна тасвирҳо, албатта дар адабиёти классикӣ низ мавҷуд буданд:

*Дар **уфуқ** хуршед гарқ шуд,*
Дар тегаҳои кӯҳ нури амонат аст.

*Ай офтоби ман, маштоб бар **гуруб,***
Ман ошиқи туам, ошиқ ганимат аст! [1, с.120]

Воҳиди фразеологии **«рахти умр бастан»** (1, с.**208**) муродифи калимаҳои **«фавтидан», «вафот кардан»** буда, Лоиқ онро дар шеъри «**Муноҷот ба модар**» ба кор бурдааст, ки ин эҳтироми шоирро нисбат ба модар инъикос намуда, ба шеър як навъ нозукиву дилчаспӣ зам намудааст:

Ин мабодо, ки **бубандӣ рахти умр,**
Шаҳсутуни рӯзгорам, модарам… [1, с.208]

Ҳамин тариқ, Лоиқ Шералӣ барои образноку пурмазмун баромадани афкораш аз ганҷинаи забони классикӣ ва имконоти калимасозии забон моҳирона истифода бурдааст. Шоир бо истифодаи чунин калимаю ифодаҳои образнок, аз як тараф, образи нав сохта, дар рушду низоми эстетикии забони тоҷикӣ саҳм гузоштааст ва аз тарафи дигар, калимаҳои нофаъолро бо калимаҳои фаъол дар як ҷо ба ҳам овардааст, ки барои фаъол ва умумӣ шудани онҳо кӯмак мерасонад. Чунончӣ, ифодаҳои фразеологии **«ҷоми хирад» [**1, с.**234], «пайраҳаи ҳаёт» [**1, с.**235], «инҳисори умр» [**1, с.**67], «ҷанги музмар» [**1, с.**46], «ҳамосаи чашму чароғ» [**1, с.**194], «талиаи имон» (**1, с **186)** ва ғ. аз ҳамин қабиланд:

Ҳайём, суханҳои ту нотакрор аст,
***Ҷоми хирад**и ту ҷовидон саршор аст.[1, с.234]*

Ҳайф аст агар умр шикоре бошад,
Озод зи дарду догу оре бошад.
*Дар **пайраҳаи ҳаёт** по мондани мо*
Айб аст агар қадамшуморӣ бошад.[1, с.235]

*Дар чеҳраҳои **талиаи** имону эътиқод,*
Дар бозувон матонату нерӯи беназир... [1, с.186]

Калимаи **талиа** дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» зикр наёфтааст, аммо он дар китоби «Арабско-русский словарь»[2, с.607] зоҳиршавӣ, намоёншавӣ маънидод шудааст.

Як вижагии шеърҳои Лоиқ дар он аст, ки ӯ дар баробари чунин калимаҳои шоирона миқдори зиёди калимаю ибора ва таркибҳоеро офаридааст, ки маҳсули тафаккуру тахайюли худи шоир буда, хоси услуби ӯ мебошанд. Бояд гуфт, ки дар адабиёти нави ҳозираи тоҷик мисли Лоиқ шоири эҷозкору калимаофар кам ва ангуштшуморанд. Маҳз ҳамин ҷиҳати калимаофарии шоир диққати олимонро, хусусан, забоншиносон ва аҳли илму адабро ба худ кашидааст. Шоир аз рӯи зарурияти вазну қофия, вобаста ба талаботи вазни шеър, яъне вазни «Арӯз» дар қолаби маъмули забон, калимаҳои нави шоирона эҷод намудааст, ки басо дилчаспу пурмазмун, содаю равон ва ҳамсангу ҳамвазни чунин калимаҳоянд. Ба мисли ҳамин калимаҳои маъмул баъзан ба қолаби шеър намеғунҷанд, ё тавассути онҳо нияти шоир ҳосил намегардад, дар ин сурат устоди сухан калимаи нав меофарад, ё қолаби калимаи маъмулро тағйир медиҳад.

Шоир бо пасвандҳои **-зод(-а), -гоҳ(-гаҳ), -сон, -тар, -истон, -монд, -зор** ва пешвандҳои **ҳам-** ва **но-**, ки дар тӯли асрҳои зиёд ҳамчун воситаи калимасозӣ дар адабиёти классикӣ маъмул буданд, калимаҳои **кӯҳзода [**1, с.**37], тӯфонзода [**1, с **60], табиатзода [**1, с.**144], Шарқзода [**1, с.**31], тоҷгаҳ [**1, с.**12], холигоҳ [**1, с.**30], кишттоҳ [**1, с.**55], лонагоҳ [**1, с **127], хуфтагоҳ [**1, с.**127], тапишгоҳ [**1, с.**135], поягоҳ [**1, с.**188], пуршӯртар [**1, с.**16], маглубтар [**1, с **34], номитар [**1, с.**64], минбарсон [**1, с.**23], кӯҳсон [**1, с.**25], ҳамсон [**1, с **62], лахчасон [**1, с.**50], мазористон [**1, с.**11], нуристон ([**1, с.**189], шукуфазор [**1, с.**149], шукӯҳманд [**1, с.**186], ҳампаймон [**1, с.**47] ҳамбол [**1, с.**129] нохайрхоҳ [**1, с.**75]** ва монанди инро сохтааст.

*Мо **кӯҳзода**, аммо дилҳои нарм дорем,*
Дар тангнои кӯҳи дилбекарона ҳастем… [1, с.31]
*Бунёдгоҳи **Кохи нур** он сон танишгоҳест,*
То ҳар буни сутуни он аз достон пур аст [1, с.185]

Дар байти зикршуда ибораи ***Кохи нур*** низ маҳсули хаёли шоир буда, маънои рамзии калимаи кӯтоҳшудаи ГЭС-ро ифода кардааст.

Калимаи **холигоҳ**ро (1, с 30) шоир ҳамчун муродифи калимаи **тиҳигоҳ** мувофиқи бардошти вазни шеър эҷод кардааст:

*Ва донистам, ки **холигоҳ**и мобайни замину осмон бар мо*
Барои сарфарозиҳост… [1, с.30]
*Шукр гӯям хилқати худро, ки **тӯфонзода** аст,*
Ҳеҷ написандад ҳуҷуми нокасу ночизҳо. [1, с.60]
Ба мисли хандаҳои обшорон хандаҳои ту,
***Табиатзода** зебоист он ҳусни расои ту.[1, с.144]*

*Дар **тапишгоҳ**и бандагӣ одам,*
Ҳеҷ гоҳе намемурад осон.[1, с.135]

То зи ҳар кӯҳ рӯҳи нав ёбем,
*Раҳ кушоем сӯи н**уристон**.[1, с.189],*

Дар баробари истифода кардан аз тарзу воситаҳои калимасозии забони адабиёти классикӣ ва забони адабии кунунӣ, устод Лоиқ тарзу усулҳои калимасозиеро офарида, ки ин танҳо хоси услуби ӯ буда, аз қолабҳои маъмули калимасозии забони тоҷикӣ фарқ доранд. Масалан тарзи истифодабарии суффикси «**тар**»-ро мегирем, ки шоир бо ёрии он калимаҳои **номитар, маглубтар, пирӯзтар ва бадрӯзтар**ро сохтааст, ки ин тарзи истифодаи суффикси мазкур танҳо дар эҷодиёти ӯ ба назар мерасад ва хоси шеваи нигориши ӯ мебошад:

Ҳама зурӯ ҳама доност, аммо,
*Касе аз зиндагӣ **пирӯзтар** нест.*
Касе аз зиндагӣ пирӯзӣ хоҳад,
*Аз ӯ мглубтар, **бадрӯзтар** нест. [1, с.33]*

*Маргаш аз зиндагиш **номитар***
Мурданаш низ чун худаш зебост [1, с.64]

Шоир дар офаридани калимаҳои мураккаб низ маҳорати баланд дорад, бо яке аз ҷузъҳои калимаҳои мураккаб ва ба ҳам пайвастани онҳо даҳҳо калимаҳои нави мураккаб сохтааст, ки ин калимаҳо дар ашъори адибон ва шоирони гузашта кам баназар мерасанд**: пурфарёд [**1, с.**10], фаромӯшхона (**1, с.**11), худбаҳоён [**1, с.**20], ҳайкалзеб [**1, с.**23], дӯшбар [**1, с.**28], нурполо [**1, с **23], ризқпаймо (**1, с **29), рангбозӣ (**1, с **32), шафакрез (**1, с.**49), кайфаровар (**1, с **58), ҳунарнома (64), даҳалбозӣ (86), некӯфарҷом (101), навдилбохта (120), гаҳворабон [**1, с.**122], гумбахт [**1, с.**124], некубадпарвар [**1, с.**127], кӯҳидухтар [**1, с.**132], кӯрбахт [**1, с.**137], парешонбозӣ [**1, с.**141], ғамомӯз [**1, с.**146], мавҷгир (антена) (167), ғалатбоз (**1, с **172), гумнишон [**1, с.**177], нурҷӯ [**1, с.**185], тамомдаст [**1, с.**187], покрафтор [**1, с.**191], камбин [**1, с.**196], навдилдода [**1, с.**199], хандаомӯз [**1, с.**204), бахшбедор [**1, с.**260], ширдӯша [**1, с.**215], гулнигоҳ [**1, с.**239],** ва ҳамсони инҳо. Қисме аз калимаҳои мураккаб ба воситаи миёнвандҳои **у,- о,** сурат гирифтаанд**: асроаср [**1, с.**16], хандоханд [**1, с.**26] ҳарфоҳарф [**1, с.**203]**

Зи ҳар кунҷи диёри мо
*Зи ҳар як **резасанг**и кӯҳсори мо*
Чу маъданҳову махзанҳо бадор омад. [1, с.36]

Калимаи ***резасанг*** дар шакли ***сангреза*** дар забон истифода мешавад. Шоир бо пешу қафогузории калима, ки хоси сабки нигориши ӯст ва бо таҳозои вазни шеър ба ҳамин монанд якчанд калимаҳои нав сохтааст.

Бештари калимаҳои мураккаби сохтаи шоир ифодакунандаи мафҳумҳои амалу ҳолат мебошанд. Калимаи **тамомдаст -** ро [1, с.187] шоир ҳамчун муродифи сифатҳои мураккаби ***кордида, батачриба, бомаҳорат, ҳунарманд*** ва ғ. истифода бурдааст:

*Марди **тамомдаст**е-меъмори кордида*
Бинҳод хишти аввал бо санъату маҳорат. [1, с.187]

Ва дар ҳамин шеър боз муродифи дигари калимаҳои мазкур **покбунёд**ро офаридааст, ки хеле бомаврид омадааст:

Бинҳода дар ниҳодаш ҷузъе ниҳоди худро,
*Дидам ки мегузорад меъмори **покбунёд**. [1, с.187]*

Маҳорати шоирро бинед, ки дар як шеър чандин калимаҳои сохтаи худро ҳамчун муродиф хело нуқтасанҷона ба кор бурдааст.Шоир гоҳо бо решаи калимаҳои номаълум вожаҳои нав сохта, ба ин восита онҳоро аз нав зинда карда ба онҳо умри дубора бахшидааст. Масалан, аз исми **кайфар[3]** шоир сифати ***кайфаровар***- ро сохтааст:

Нахустин панди қадру эътибори дӯст донистан,
*Нахустин панди **кайфаровари** бар фитнаи душман [1, с.58]*

Лоиқ онро дар таркиби ***«панди кайфаровари»*** бо маънои якум истифода бурдааст.

Таркибҳои ҷуфт ва ибораҳои офаридаи шоир низ басо шеваю рангин баромадаанд**: санг бастан (**1, с **3), шеваҳои шево [**1, с.**27], нофармону саркаш [**1, с.**15], нимпайдову нимпинҳон [**1, с.**141],**

парешонбозиҳои кокулони тобдор [1, с.**141], гиряҳои хандаолуд, хандаҳои гиряолуд [**1, с.**30], намоз овардан, мурғи симинбол (самолёт) [**1, с.**204], муждаҳои мехргонӣ [**1, с.**106]** ва монанди инҳо.

Дар забон таркиби **ях бастан**, ки аз шиддати сармо ба вуҷуд меояд, маъмул аст, Лоиқ дар шеъри «Хоки Ватан» ба ҳамин монанд таркиби ***санг бастан*** - ро офаридааст:

Ҷумла дар кӯи гарибӣ хок гаштанд, эй дарег,
Орзуҳошон дар он ҷо ***санг баст****у кӯҳ шуд [1, с.3].*

Феъли таркибии ***«намоз овардан»***-ро шоир ҳамчун муродифоти сачда овардан, намоз хондан ё намоз гузоридан муфофиқи талаби вазни шеър ва хушоҳангии он эҷод кардааст:

Намоз орам *ба тоби оташи дил,*
Ба табъи оташину шеъри сӯзон [1, с.98]

Шоир як гурӯҳ калимаҳоро чун оварандаи сухан бо ҷузъҳои ***ним (а)*** ва ***«олуд»*** сохтааст, ки маҳсули эҷоди худи шоир маҳсуб мегарданд. Чунончи: **ниматору нимравшан [**1, с.**128], нимпайдову нимпинҳон [**1, с.**141] хандаҳои гиряолуд, гиряҳои хандаолуд [**1, с **30]:**

Дар ӯ ҳам гиряҳои ***хандаолуд*** *аст,*
Дар ӯ ҳам хандаҳои ***гиряолуд*** *аст.[1, с.30]*
Дар ҷаҳони ниматору ***нимаравшан.***
Ҳар қадар бадбахт бошам, он қадар хушбахт ҳастам [1, с.128]
Гоҳ чун олиҳаи шеъру ҳунар,
Нимпайдо, нимпинҳон *бигзарӣ [1, с 141].*

Ҳамин тавр офаридаҳои Лоиқ Шералӣ боиси хушобуранг ва равону салисии шеърҳояш гардида, онҳо хазинаи забони тоҷикиро боз ҳам бою сарватманд гардонидаанд.

АДАБИЁТ

1.Шералӣ Л. «Вараки санг». -Душанбе: Ирфон, 1980, 269 с .
2.Арабско-русский словарь. –М., 1957. 607 с .
3.Фарҳанги забони тоҷикӣ. М., 1969, 2 Ҷ.
4.Забони адабии ҳозираи тоҷик. Қ . 1. –Душанбе,1980.

ПОЭТИЧЕСКИЕ СЛОВА И ВЫРАЖЕНИЯ В ТВОРЧЕСТВЕ ЛОИКА ШЕРАЛИ (на материале сборника «Вараки санг»)

В статье исследуется лексика поэзии Лоика Шерали, которая являются одной из основных пластов таджикской лексики. Эти лексические единицы в основном происходят от слов и выражений таджикской классической поэзии, и они относятся к существительным и прилагательным согласно их лексико-грамматическим особенностям.

Автор статьи, с целью подтверждении своей мысли, привёл много примеров из творчества Лоика Шерали.

Ключевые слова: *поэмы, выражение, поэтично, существительное, прилагательное, словообразование, префикс, суффикс, сложный, современный литературный язык, художественные образы, классическая поэзия, стиль.*

POETIC WORDS AND EXPRESSIONS IN CREATIVE WORKS OF LOIQ SHERALI (based on the materials of the collected poems entitled “Varaqi sang”)

The article explores poetic words of Loiq Sherali that can be considered one of the main layers of Tajik vocabulary. These lexical units mainly appear from words and expressions of Tajik classical poetry and they refer to nouns and adjectives according to their lexical and semantic peculiarities.

Keywords: *poems, expression (phrase), poetically, noun, adjective, word building, compound, modern literary language, images, classic poetry, style.*

Сведения об авторе:

Нуъмонзода Марями Шодмон*, ассистент общеуниверситетской кафедры таджикского языка, Таджикского государственного педагогического университета имени С. Айни*

About the author:

Nu'monzoda Maryam Shodmon, *assistant in the University-wide Department of Tajik Language, Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Ayni.*

СУФФИКСАЛЬНЫЕ СЛОВООБРАЗОВАТЕЛЬНЫЕ ТИПЫ В СИСТЕМЕ ТЕРМИНОЛОГИИ ЭКОЛОГИИ ТАДЖИКСКОГО И АНГЛИЙСКОГО ЯЗЫКОВ

Каримов Ш. Б.
Таджикский государственны аедагогический университет им. С.Айни

Суффиксальный способ образования (R+suf) в сопоставляемых языках продуктивно используется для всех частей речи. Данный способ является характерной чертой словообразования имен существительных в таджикском и английском языках.

В сопоставляемых языках выделяются продуктивные и малопродуктивные, исконные или заимствованные суффиксальные словообразовательные типы, что характеризует суффиксы как продуктивное словообразовательное средство в сопоставляемых языках.

В литературе по словообразованию выделяют также суффиксальные словообразовательные типы с суффиксами, засвидетельствованными или только как морфема, или суффиксы, происходившие из знаменательных слов, т.е. суффиксоиды.

При суффиксальном словообразовании, суффикс может присоединиться либо

а) непосредственно к корневой морфеме: *нам - намӣ, рег – регзор* и др.;

б) либо образовывать определенную последовательность двух или более суффиксов: - *ишқор - ишқорнок – ишқорнокӣ (-и замин)* и др.

Основную часть терминов экологии, образованных по суффиксальным моделям, в сопоставляемых языках, составляют односуффиксальные слова, которые представлены в различных словообразовательных типах.

Классификация словообразования существительных суффиксальным способом в таджикском и английском языках рассматривается с точки зрения сравнения с аналогичными по семантике и грамматическим особенностями в обоих языках.

По количественному признаку в сопоставляемых языках выделяются два подтипа суффиксального словообразовательного типа: а) подтип моносуффиксальеый, т.е. с одним суффиксом и б) полисуффиксальный с двумя и более суффиксальным словообразовательным формантом. Односуффиксальный подтип R-suf в сопоставляемых языках представляет собой наиболее продуктивный способ словообразования существительных. К данному подтипу в сопоставляемых языках относятся лексемы нижеперечисляемых словообразовательных моделей существительных.

Как в таджикском, так и в соотносимом с ним английском выделяются модели суффиксального словообразования, специализированные для образования имен существительных от конкретных лексико-грамматических разрядов слов.

В сфере данной пласти терминологии в таджикском языке широко используются все известные суффиксальные словообразовательные типы (модели). В создании терминов «экологии почвы» в современном таджикском языке участвует множество различных словообразовательных суффиксов, но не все они обладают одинаковой продуктивностью.

При сопоставительном анализе моделей мы попытаемся выявить многообразие типов соответствий между языками, устанавливая соответствия таджикских суффиксальных словообразовательных типов таджикского языка в английском.

Модель R+-зор: *киштзор, дарахтзор, сабзазор, алафзор, қамишзор, регзор, маргзор, торфзор и др.*

Как отмечает Саймиддинов Д., суффикс – зор описывает постоянное и временное место в соответствие с именной части и используется в образование существительных обозначающие место [4, 126-127].

Даная модель проявлят многообразия соответствий в английском языке.

R+-зор=R: *маргзор – meadow (луг); дарахтзор – grove (роща, дубрава); регзор - sand (пески), торфзор – moor (торфяник)* и др.

R+-зор=R+ R: *қамишзор – reedsbed (тростниковые заросли);* и др.

Модель R+-ӣ: *(маъданҳо) - и заминӣ, менералӣ, маъданӣ, (рустаниҳо) –и зироатӣ, кишоварзӣ, (парда) –и гумусӣ, (фарсоиш)- и шамолӣ, (фарсоиш)- и чангӣ, (фарсоиш)- и туфонӣ, (фарсоиш)- и сунъӣ, (фарсоиш)- и бодӣ, рустанӣ, сойӣ, агротехникӣ, намӣ* и др.

Термины данного ряда обозначают признак и свойства материалов, конструкций.

Модель R+*ӣ* является наиболее продуктивной в сфере словообразования терминологии экологии в таджикском языке и образует существительные:

а) от прилагательных (Adj+*ӣ*): *нишебӣ* (уклон), *кишоварзӣ, рустанӣ*;

б) от существительных (N+*ӣ*): *(маъданҳо) - и заминӣ, менералӣ, маъданӣ, (парда) –и гумусӣ, (фарсоиш)- и шамолӣ* и др.;

Модель R+-*ӣ* также проявляет многообразие соответствий в английском языке:

1) R+-*ӣ*=R*: нишебӣ - slope* (уклон); *рустанӣ – plant (растение)и др.*

2) R+-ӣ =R+-*ic: гумусӣ – humic (гумусовый)* и др.

3) R+-ӣ=R+-*al: агротехникӣ – agrotechnical; биологӣ –biological (биологический), экологӣ - ecological (экологический)* и др.;

4) R+-ӣ=R+-*ness: намӣ – dampness (сырость)* и др.;

Многообразие соответствий модели R+-ӣ в английском языке подчеркивает большой объем и многообразие семантического круга охватываемых словами данной структурной схемы значений в таджикском языке. С другой стороны, все слова, образованные по данной структурной схеме, объединяются вокруг семантического ядра абстрактного существительного, которое реализуется в различных частных семантических признаков, что связано с семантикой эквивалентных моделей соответствий английского языка.

Модель R+-*иш*: *фарсоиш, таркиш - blowout и др.,* образует существительные от основ глагола или путем сложения основ существительных и местоимений и глагола

В английском языке в пределах данной модели выявлены следующие соответствия:

R+-иш = R***+-ion***: *фарсоиш – erosion* и др;

R+-иш = R + R: *таркиш - blowout* и др;

Модель R+*гар* образует имена существительные от основ имен существительных, глагола и прилагательных др.

Эквивалентными в английском языке могут быть:

R+-гар=R+-er: *барзгар – tiller (землепашец, пахарь); даравгар reaper/mower (жнец, косар)* и др.;

R+-гар=R+ *man*: *барзгар - ploughman (землепашец, пахарь)* и др.

Модель N+-*гоҳ* образует термины от основ существительных, настоящего и прощедшего времени глагола, *прилагательных и др.*: *чарогоҳ* (пастбище), *киштгоҳ* (засеянное поле) и др.

Модель R+-гоҳ *имеет следующие соответствия в аглийском языке:*

R+-гоҳ=R+ - ture: *чарогоҳ* - pasture (пастбище) и др.;

R+-гоҳ=RR: киштгоҳ - fields sowing (засеянное поле) [2, 25] и др.;

В английском языке в целом в системе данной пласти терминологии выделяются нижеприведенные словообразовательные типы (модели) суффиксальных образований.

Модель N+-*нок:* *намнок - wet, damp (влажный, сырой); регнок – sandy (песчаный; песочный); фоиданок – useful (полезный).*

В английском языке в пределах данной модели выявлены следующие соответствия:

R+-гоҳ=R: *намнок - wet, damp (влажный, сырой)* и др.;

R+-гоҳ=R+ -*y: регнок – sandy (песчаный; песочный)* и др.;

R+-гоҳ=R+ -*ful: фоиданок – useful (полезный)* и др.

Суффиксальные словообразования в английском языке представлены в следующих моделях:

Модель N+ - *er (- or)*: soil-factor – *омилҳои хок (почвенный фактор);* (soil) conserver – *мустаҳкамкунанда (-и замин) - (закрепитель почвы);* soil-former - *омилҳои ҳосилшавии хок (почвообразователь, почвообразующий фактор);* (soil) indicator – нишондиҳанда (-и хок) - *(почвенный показатель); cultivator – зироаткор, кишоварз, деҳқон, барзгар (земледелец) [2, 28]; мошини заминнармкунӣ.*

В таджикском языке в пределах данной модели выявлены следующие соответствия:

V + - *er* = A+V+ анда: (soil) conserver – *мустаҳкамкунанда (-и замин) - (закрепитель почвы);* (soil) indicator – нишондиҳанда (-и хок) - *(почвенный показатель)* и др.;

V + - *or* = N+гар: *cultivator –барзгар* и др.;

V + - *or* = N+ V: *cultivator – зироаткор, кишоварз; tiller – заминдор (земледелец)* и др.;

V + - *or* = N: *cultivator – деҳқон (пахарь)* и др.;

Модель N+ - *ing*: *grubbing – нармкунӣ (-и замин) (культивация почвы); handling – коркарди замин (обработка почвы); piping – шусташавии хок (вымывание грунта, суффозия); pudding – фурунишинӣ (-и хок)- (осадка почвы); mellowing – нармкунӣ (-и замин) (рыхление почвы); leveling – ҳамворкунии сатҳи замин (выравнивание поверхности земли); liming – оҳакдор кардани замин (известкование); gypsiming – гачбандӣ (-и замин)- (гипсование почвы); sowing- кишт (посев); pluoghing – шудгоркунӣ (вспахивание), arresting - закрепление почвы;* soiling - *лойқанокшавӣ* (*заиление) и мн. др.*

Эквивалентными в таджикском языке могут быть:

N+-***ing*** **=**N***:*** *sowing- кишт (посев);*

N+-***ing*** = N+V+ӣ: *pluoghing – шудгоркунӣ (вспахивание); pudding – фурунишинӣ (-и хок)- (осадка почвы); mellowing – нармкунӣ (-и замин) - (рыхление почвы)* и др.

N+-***ing*** = N+нок +V+ӣ: *soiling - лойқанокшавӣ (заиление)* и др.

Продуктивный способ словообразования существительтных с семантикой названия предметов, деятельности, отвлеченных понятий и др. от основ глагола и существительных:

Модель N+-*ation:* *truncation - (удаление поверхностного слоя почвы); consolidation – сахтшавии хоки замин (уплотнение земли); stabilization –мустаҳкамкунии замин (закрепление грунта); percolation – шустани хок (промывание почвы); amelioration - хубтаркунӣ (мелиорация); acidification - туршонии хок (кислование почв); excavation - кофта бвровардани хок (экскавация, выемка грунта); cultivation – замин нармкунӣ.; contamination – ифлосшавӣ (загрязнение); pollution - ифлосшавӣ (загрязнение)* и др.

В английском языке в пределах данной модели выявлены следующие соответствия:

R +- ation = A+V+ӣ: *contamination – ифлосшавӣ (загрязнение); stabilization – мустаҳкамкунии замин (закрепление грунта); acidification – туршонӣ (туршонии хок)- кислование почв* и др.

Модель N+-*ment:* *(soil) improvement - беҳтаркунӣ (мелиорация); development – бакордарории заминҳо (освоение земель)* и др.

Модель R+-*age*: *pasturage – чарогоҳ (пастбище), tillage - мазраа (пашня), drainage - заҳбуркани (дренаж), acreage – киштгоҳ (посевная площадь)* и др. Суффикс -age, как правило, присоединяется к основе существительных: *pasturage* < *pasture; acreage* < *acre*.

В таджкском языке модель R+-*age* имеет соответствия:

R +- age **=**N***:*** *tillage - мазраа (пашня)* и др.

R +- age **=** R +*гоҳ: pasturage – чарогоҳ (пастбище); acreage – киштгоҳ (посевная площадь)* и др.

R +- age = N+V+ӣ: *drainage - заҳбуркани (дренаж)* и др.

Модель R+-*ness*: *humusness – гумуснок (гумусность)***;** *rankness - ҳосилхезӣ (ҳосилхезии замин)* - плодородие (почвы)*;* и др.

Модель R+-*ables* *cultivable –корам; irrigable – обёришаванда; old arable – замини корам (старопахотная земля); unstable ground - неустойчивая почва; tillable - корам.*

Модель R+-*man* - продуктивный способ образования существительных в современном английском языке, однако в системе терминологии «экологии почвы» представлено всего несколько терминов - терминов **- названий лица*:*** *ploughman - заминрон, барзгар (пахарь); socman - лицо, владеющее землёй на условиях оказания услуг собственнику по её обработке; landman -заминдор (1. арендатор, 2. землевладелец)* и др.

Модель R+ -y: *loamy, flinty, muddy, marshy* rocky

По мнению В.Д.Аракина лексемы существительных по семантике распределяются со значениями на следующие группы: лиц, предметов, отвлеченных понятие, имен эмоциональной окраски. [1, с.212]

Лексемы, образующие модели со значением лица мужского пола в английском языке специально не выделяются, но модели, образующие лицо женского рода, представлены достаточно продуктивно.

Следует отметить, что в анализируемой терминологии были выявлены термины, обозначающие лицо без указания на пол в следующих терминах:

1) с суффиксом – er: *cultivator – зироаткор, кишоварз, деҳқон, барзгар (земледелец); tiller – заминдор, (земледелец)*; farmer – фермер. В данном случае существительное обозначает носителя действия;

2) с суффиксом –ist: agriculturalist – мутахассиси хоҷагии қишлоқ (специалист сельского хозяйства);

3) с суффиксом – ee: absentee - зироаткоре, ки ҳамеша дар замини шахсии худ зиндагӣ мекунад (земледелец, проживающий постоянно вне своего землевладения);

4) с суффиксом – an: agrarian – заминдорӣ калон (крупный землевладелец).

В таджикском языке также как в английском лексемы, образующие модели со значением лицо мужского или женского пола, не обнаружены. Выявлены следующие термины, обозначающие лицо без указания на пол лица, который представлены в словообразовательной модели N+гар: *барзгар – cultivator*, *даравгар reaper/mower (жнец, косар)*.

Существительные со значением предметов в английском языке образованы по модели R+ -er/-or. Например: soil-factor – *омилҳои хок (почвенный фактор);* (soil) conserver – *мустаҳкамкунанда (-и замин) - (закрепитель почвы);* soil-former - *омилҳои ҳосилшавии хок (почвообразователь, почвообразующий фактор);* (soil) indicator – нишондиҳанда (-и хок) - *(почвенный показатель)и др.* – в данной случи обозначает предметов характеризующим каким либо процессом.

В английском языке среди терминов анализируемой пласты встречаются лексемы со значением отвлечённых понятий, такие как: *fertility– ҳосилхезӣ – плодородие; land management – заминсозӣ (мачмӯи тадбирҳо барои аз замин истифодакуниро ба тартиб андохтан) - землеустройство; rehabilitation – азнавбарқароркунӣ - восстановление (нарушенных земель)* и др. В таджикском языке таких терминов в данной пласти терминологии немного.

Таким образом, проведенный анализ свидетельствует о том, что в образовании терминологии «экологии» в таджикском языке активно используются словообразовательные структуры R+-*ӣ*, R+-*а(-я),* R+-*иш*, R+-*от (-ёт)*, R+-*онӣ, R+-ият,* R+-*гӣ и др. При этом модели* R+-*ӣ*, R+-*а(-я),* R+-*иш*, R+-*от (-ёт)*, R+-*онӣ* образуют специальные термины экологической терминологии, *модели* R+-*от(-ёт)*, R+-*онӣ, R+-ият в целом образуют термины общенаучного характера, употребляющиеся в* терминологии экологии почвы.

ЛИТЕРАТУРА

1. Аракин, В.Д. Сравнительная типология английского и русского языков. Учебное пособие / В.Д. Аракин. – М.: Просвещение, 1989. - 256 с.
2. Баротов, Ф. К. Земледельческая терминология в таджикском и английском языках. Монография / Ф.К.Баротов. – Душанбе: Ирфон, 2011. -130 с.
3. Кобрина, Н.А. и др. Грамматика английского языка: морфология, синтакис. Учебное пособие / Н.А. Кобрина, Е.А. Корнеева, М. И.Оссовская, К.А.Гузеева.-СПб.: Союз, 1999. - 496 с.
4. Саймиддинов, Д. Словообразование среднеперсидского языка. Монография / Д.Саймиддинов." Душанбе: Пайванд, 2001. - 310 с.
5. Смирницкий, А.И. Синтаксис английского языка. Учебник / А.И. Смирницкий. - М.: Изд-во литературы на иностранных языках, 1957. - 286 с.

СУФФИКСАЛЬНЫЕ СЛОВООБРАЗОВАТЕЛЬНЫЕ ТИПЫ В СИСТЕМЕ ТЕРМИНОЛОГИИ ЭКОЛОГИИ ТАДЖИКСКОГО И АНГЛИЙСКОГО ЯЗЫКОВ

В данном статье рассматривается суффиксальные словообразовательные типы в системе терминологии экологии таджикского и английского языков. Проводится сопоставительный анализ моделей в таджикском и английском языках, и выявляются многообразие типов соответствий между языками, также устанавливаются

соответствия таджикских суффиксальных словообразовательных типов таджикского языка в английском.

Ключевые слова: *словообразование, суффиксальный способ словообразование, модель, термин, лексема, продуктивный, малопродуктивный*

SUFFIXIONAL WORD-BUILDING TYPES IN THE TERMINOLOGICAL SYSTEM OF ECOLOGY OF THE TAJIK AND ENGLISH LANGUAGES

The suffixal word-forming types in the terminological system of ecology of the Tajik and English languages are reviewed in this article. A comparative analysis of models in Tajik and English languages is conducted, and a variety of types of correspondences between languages are revealed, as well the correspondences of Tajik suffixal word-building types of the Tajik language with English are determined.

Keywords: *word formation, suffixal way of word formation, model, term, lexeme, productive, unproductive*

Сведения об авторе:

Каримов Ш.Б.- *кандидат филологических наук, заведующая кафедрой стилистики и теории перевода английского факультета Таджикского государственного педагогического Университета имени Садриддина Айни. Телефон: (+992) 985112475, email; shuhrat-karimov2@mail.ru*

About the autor:

Karimov Sh.B.- *Candidate of Philology, Head of the Department of Stylistics and Theory of Translation of the English Faculty of the Sadriddin Aini Tajik State Pedagogical University Phone: (+992) 985112475, email; shuhrat-karimov2@mail.ru*

ИСТИЛОҲОТИ АДАБИЁТШИНОСӢ АЗ ДИДГОҲИ ЗАБОНШИНОСОНИ АСРИМИЁНАГӢ

Ҷӯраев Х.А.

Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ

Нақши шоирон, файласуфон ва мутафаккирони асрҳои миёна дар шинохти истилоҳоти адабиётшиносӣ ва корбурди онҳо дар нигоштаҳои худ басо бузург буда, ин аз он гувоҳӣ медиҳад, ки илми адабиётшиносӣ ҳамвора бо забоншиносӣ дар гузашта ҷойгоҳи вижае доштааст.

Шайхурраис Абӯалӣ ибни Сино бошад, дар «Фанни шеър аз мантиқи Китобушшифо» ном асараш перомуни ҷойгоҳи шеър дар адабиёт ва равобити он бо мантиқ назару андешаҳояшро баён намудааст.

Ба андешаи адабиётшинос Р. Мусулмониён, перомуни таърифи истилоҳи «шеър» Шайхурраис дар «Шифо» мегӯяд: «Шеър сухане аст хаёлангез, ки аз суханони мавзуну баробар сохта шуда; ва назди арабҳо дорои қофия ҳам бошад» [8, 21].

Ба масъалаи қонунияти образнокии адабиёти бадеӣ ҳанӯз Абӯнасри Форобӣ ишораи сареҳ карда, аз ҷумла чунин гуфта буд: «Тамсил бештар истеъмол мешавад ва истеъмоли он дар шеър аст. Пас маълум шуд, ки қавли шеърӣ тамсил аст» [8, 21].

Яке аз асарҳое, ки асосан ба «илми бадеъ», яъне ба шаклу навъҳои мухталифи санъатҳои бадеӣ бахшида шудааст, ин «Тарҷумон-ул-балоға» ном дошта, ба қалами Умари Родуёнӣ мансуб аст. Таълифи он ба қарни XI рост меояд.

Ба андешаи адабиётшинос Ю. Бобоев асари номбурда дар бораи “аҷнос (ҷинсҳо) ва аксоми (қисмҳои) саноати (санъатҳои) шеърӣ буда, аз 73 фасл иборат аст [5, 20].

Дар асари мазкур **санъатҳои лафзӣ**: *тарсеъ, мақлуб, акс, акси махраҷ, махраҷи мутаҳодӣ, махраҷи маҷро, мусаммат, муқаттаъ, мудаввар* [6, 18-95]; **санъатҳои маънавӣ:** *ташбеҳи муканно, ташбеҳи марҷӯъ, анҳу, ташбеҳи машрут, ташбеҳи маъкус, ташбеҳи муздаваҷ, киноя, мутазод, фӣ ҳусни суол ва талаби муҷоварат, фӣ тақрибиламсол билабёт, ҷамъу тафриқу тақсим, мурооту нназир, тансиқи сифот, таҷоҳули ориф, сиёқатулаъдод, ҳусни матлаъ, ҳашв, мадҳи шабеҳ ба замм, мадҳи муваҷҷаҳ, ҳусни талаб, тафсир, ҳусни таълил, илтифот, тааҷҷуб* [6, 95-207]*;* **истилоҳоти шеърӣ***: тазмин, мувашшаҳ, алғоз вал муҳоҷот – луғаз, муаммо, ҳусни тахлис, каломи ҷомеъ, мураддаф, фи таловум, ибдоъ* [6, 209-312] муфассал шарҳу тавзеҳ ёфтаанд.

Яке аз уламои маъруфи қарни XI Унсурулмаолии Кайковус дар асари худ «Насиҳатнома» маъруф бо номи «Қобуснома» боби сию панҷумашро ба масъалаҳои ахлоқию тарбиявӣ бахшидааст. Боби мазкур «Дар оину расми шоирӣ» унвон дошта, моро бо муаммоҳои назму насри адабиёти форсу тоҷик ошно месозад ва маҳз ҳамин боб дар намуди панду ҳикмат ва насиҳат моро водор месозад, ки бо истилоҳоти адабиётшиносии он аз наздик ошноӣ пайдо кунем. Муаллиф дар намуди насиҳат ба писари худ чунин қайд мекунад: «Бо санъату ҳаракат бояд, ки бувад ва ғулғулае бояд, ки бувад андар шеър ва андар захма ва андар савт, то мардумро ояд ва саноате ба расми шуаро чун: муҷонис ва мутобиқ ва мутазод ва муташокил ва муташобеҳ ва мустаор ва мукаррар ва мураддаф ва муздавач ва мувозана ва музмар ва мусаллас ва мусаҷҷаҳ ва мулавван ва муставӣ ва мувашшаҳ ва мувассал ва муқаттаъ ва мухаллаъ ва мусаммат ва мустаҳил ва зулқофиятайн ва рачаз ва мақлуб ва монанди ин» [5, 155]. Аз шарҳи порчаи мазкур бармеояд, ки истилоҳоти зикршуда ба санъатҳои лафзӣ *(муҷонис, мукаррар, мутобиқ,, зулқофиятайн)* ва санъатҳои маънавӣ *(мусаллас, мусаҷҷаҳ, мулавван, муставӣ мустаор, мутазод, мураддаф, муташокил, мувашшаҳ, мувассал, муташобеҳ, мақлуб*) ва ба айбҳои шеърӣ (*рачаз*) марбутанд.

Муаллиф дар асари мазкур андар боби баёни сухани олӣ ба писараш насиҳат карда, мегӯяд: «Агар хоҳӣ, ки сухани ту олӣ намояд, бештар мустаор гӯй ва истиорат бар мушкилот гӯй ва андар мадҳ истиорат ба кор дор. Ва агар ғазалу тарона гӯйӣ, саҳлу латиф ва тар гӯй ва бар қавофии маъруф гӯй, тозиҳои сард ва ғариб магӯй, хасби ҳолҳои ошиқона ва суханҳои латифу амсолҳои хуш ба кор дор, чунон ки хосу омро хуш ояд, то шеъри ту маъруф гардад» [5,155]. Чуноне ки аз порчаи мазкур пай бурдем, дар он истилоҳоти марбути санъатҳои маънавӣ *(истиора, мустаор)*, истилоҳоти шеърӣ *(ғазал, тарона, мадҳ)* ба кор рафтааст.

Дар порчаҳои баъдии боби мазкур истилоҳоти марбути шеър ва вазнҳои он, ба монанди: *арӯз, мунозара, баҳр, ҳазаҷ, рачаз, рамал, ҳазаҷи макфуф, ҳазаҷи ахраб, рачази матвӣ, рамали махбун, мунсареҳ, хафиф, музореъ, музореъи ахраб, муқтазаб, муҷтасс, мутақориб, сареъ, қариб, қариби ахраб, вазни тозиён, басит, мадид, комил, вофир, тавил, қасида, тавҳид, тақсир, марсия, ҳичо, мадҳ,* [5, 155-156] ва ғайраро метавон дарёфт намуд.

«Ҳадоиқ-ус-сеҳр» яке аз қадимтарин рисола оид ба бадеъ маҳсуб ёфта, ба қалами донишманд ва адабиётшиноси асри XII Рашидуддини Ватвот марбут аст ва дар он масъалаҳои санъатҳои бадеии лафзӣ ва санъатҳои бадеии маънавӣ хеле фарох баррасӣ шудаанд.

Ба андешаи адабиётшинос А. Сатторзода, муаллифи «Ҳадоиқ-ус-сеҳр» аз он ки «ашъори маснӯъ ва мурассаъ» гуфтааст, ба худ меболад ва гуфтааст: «Ва маро чанд қасида ҳаст, ки дар ҳама ин санъат нигоҳ доштаам» [6, 360]. Зери мафҳуми санъат А. Сатторзода истилоҳоти раддулачуз алласадр ва зулқофиятайнро дар назар дорад.

Дар асари мазкур истилоҳоти сершумори марбут ба санъатҳои лафзӣ ва шеър корбурд гардидаанд ва маъмултаринашон инҳо ба шумор мераванд: мусаммат, муламмаъ, мураббаъ, ташбеҳ, истиорат, суолу ҷавоб, ирсоли масал, ҷамъ бо тафриқу тақсим, мурооттунназир, сиёқатулаъдод, ҳусни матлаъ, ҳашв, муҳтамалуззиддин, истидрок, тафсир, ҳусни таълил, ғазал [6, 18-216] ва ғ.

Ба андешаи адабиётшинос Ю. Бобоев Ватвот дар ҷустуҷӯи шаклҳои нави истилоҳоти санъатҳо кӯшиши зиёде нишон додааст. Ӯ аз ҷумла санъати таҷнисотро ба ҳафт қисмат муайян намудааст: таҷнис, таҷниси ноқис, таҷниси зоид, таҷниси мураккаб, таҷниси муқаррар, таҷниси мутарраф, таҷниси хат [5, 21].

Ҳамин тариқ, истилоҳоти адабиётшиносӣ дар рисолаи таълифнамудаи Рашиди Ватвот ҷойгоҳи махсусро касб намудааст ва мисолҳое, ки зикрашон рафт, гуфтаҳои моро тасдиқ мекунанд.

Асари дигаре, ки моро бевосита ба истилоҳоти адабиётшиноси садаи XII ошно месозад, «Чаҳор мақола» ё «Маҷмаъ-ун-наводир» ном дошта, ба қалами Низомии Арӯзии Самарқандӣ муталлиқ аст. Рисолаи мазкур аз чаҳор мақолаи асосӣ, муқаддима, панҷ фасл ва як ҳикоят иборат аст. Мақолаи дуюми асари мазкур, ки аз як фасл ва 9 ҳикоят иборат аст, «Дар моҳияти илми шеър ва салоҳияти шеър» ном дошта, перомуни илми шеър ва салоҳияти он баҳс мекунад.

Дар мисоли қасидаи Рӯдакӣ «Бӯи ҷӯи Мӯлиён ояд ҳаме» муаллифи «Чаҳор мақола» ҳафт санъати бадеиро тавсиф мекунад: *мутобиқ, мутазод, мураддаф, баёни мусовот, узубат, фасоҳат* ва *ҷазолат* [5, 23]. Ҳамин тавр, мо шоҳиди он гаштем, ки доираи истеъмоли истилоҳоти адабиётшиносӣ дар ашъори шоирони садаи XII хеле назаррас будааст.

Рушди адабиёт ва таҳаввулу такомули истилоҳоти адабиётшиносии форсӣ-тоҷикии садаи XIII-ро бе асари «Меъёрулашъор»-и Хоҷа Насируддини Тӯсӣ наметавон тасаввур кард, зеро ӯ таҳти унвони бадеъ илми «маҳосин ва бадоеъи сухан» ё «илми санъат»-ро дар назар доштасст номидааст ва он то ҷое, ки ба мо маълум аст, таърифи қадимтарини ин илм дар таърихи назариёти адабии форсии тоҷикӣ мебошад [6, 5].

Насируддини Тӯсӣ дар бораи истилоҳи «радиф» андешаи ҷолибе баён кардааст, ки қобили қабул ҳам ҳаст. Вай навиштааст, ки эътибор дар радиф «такрори алфоз аст» ва ба маънӣ эътиборе нест. Чи агар радиф дар ҳамаи қасида ба як маънӣ бувад ё ба маонии мухталиф ё баъзеро маънӣ набошад. Ба сабаби он ки баъзе ба инфирод лафзе бошад ва баъзе ҷуз вай бошад аз лафзе, раво бувад [6, 293].

Асари дигари ин мутафаккир, ки «Асосулиқтибос» ном дорад, аз шарҳи муфассали санъатҳои бадеӣ моро огоҳ месозад.

Яке аз асарҳои нодире, ки дар асри XIII таълиф шудааст, «Ал-муъҷам фӣ маойири ашъорил Аҷам» ном дошта, ба қалами Шамсиддин Муҳаммад бинни Қайси Розӣ тааллуқ дорад. Истилоҳоти адабиётшиносии он давра дар асари фавқуззикр, ки аз 2 қисм (қисми аввалаш шаш боб ва қисми дуюми он низ аз 6 боб) иборат аст, истилоҳоти марбут ба арӯз, кофия ва бадеъ муфассал шарҳ ёфтаанд.

Ба андешаи Т. Зеҳнӣ «Ал-муъҷам фӣ маоирӣ ашъорил Аҷам» дар асри XIII дар адабиётшиносии форс-тоҷик асаре ба майдон омад, ки дар асоси муваффақиятҳои пештараи назарӣ навишта шуда, гуфтан мумкин аст, ки ҷои ҳамаи он асарҳоро гирифт» [4, 10-11].

Бояд гуфт, ки қисми аввал ба илми арӯз, қисми дуюм ба илми қофия ва нақди (танқиди) шеър бахшида шудааст. Боби аввали қисми якум дар маънии арӯз ва шарҳи аркони (рукнҳои) он ва зикри мусталаҳотӣ (истилоҳоти) ин илм буда, соҳиби боз ду фасл аст. Боби дуюм дар афоили арӯз мебошад. Боби сеюм оид ба тағйирот ва зиҳофот буда, аз ду фасл иборат аст. Дар ин фаслҳо тафсили вазну баҳрҳои арӯз муҳокима ёфтаанд. Боби чаҳорум дар зикри буҳури (баҳрҳои) понздаҳгона ва давоири (доираҳо, даврҳои) хамса ва тақтеи абёт (байтҳо) мебошад. Ин боб аз нуҳ фасл иборат буда, дар фаслҳо доир ба абёти таввил (дароз), абёти мадид (кашида), абёти басит (васеъ, кушод), абёти комил ва ғайра, сонӣ аз вазни рубоӣ ва дар бораи баҳрҳои сареъ (тез, босуръат), ғариб (танҳо), хафиф (сабук), мушокил (шакл, ҳамшаклӣ, шакли мураккаб) ва дигарҳо муҳокима меравад [5, 24-25].

Қисми дуюм, ки дар илми қофия ва нақди шеър мебошад, аз шаш боб иборат аст. Боби аввал дар маънии шеър ва қофия: боби дуюм дар ҳуруфи қофия ва он нуҳ аст: боби сеюм дар ҳаракати ҳуруфи қофият ва он шаш аст: боби чаҳорум дар ҳудуди қавофӣ (қофияҳо) ва он панҷ аст; боби панҷум дар уюби (айбҳои) қофияҳо ва авсофи (сифатҳои) нописандида, ки дар каломи мавзун афтад: боби шашум дар зикри маҳосини (ҳуснҳои) шеър ва турфа (аҷоиботе) аз саноои мустаҳсан (санъатҳои зебо), ки дар назму наср ба кор баранд [5, 24-25].

Ҳамин тавр, истилоҳоти марбути санъатҳои маънавӣ (*тарсеъ, таҷнис, мутобиқа, ҷамъу тафриқ, иҳом, такмил, иғроқ, истиорот, тамсил, ирдоф, табиину тафсир, тақсим, тавсим, талмеҳ, иҷоз, мусобот, баст, эътироз, ҳашви малеҳ, ҳашви мутавассит, ҳашви қабеҳ, илтифот, тадорук, тақобул, муроот-ун-назир, эънот, тарҷеҳ, ҳусни матлаъ ва мақтаъ, лутфи тахаллус ва адаби талаб)* низ дар асари «Алмуъҷам фӣ маойири ашъорил Аҷам» хеле фарох истифода шуда, имрӯз ҳам дар таркиби луғавии забони тоҷикӣ дар ҳамон шаклу маънӣ боқӣ мондаанд.

Таснифоти шеър ва истилоҳоти марбути он дар афкори назарии адабии асримиёнагии тоҷику форс аз рӯйи ду меъёр сурат гирифтааст: онро аз рӯйи мавзӯъ ва мундариҷа ба навъҳо тақсим кардаанд, суханшиносон чунин таснифро аз рӯйи қонунияти унсурҳои шакли адабиёти бадеӣ ба амал овардаанд. Чунончи, Форобӣ мегӯяд, ки «уламои шеършиноси формулаи адабии замони мо дар ин маънӣ китобҳои бисёр таълиф карда, ашъорро бо ба навъҳои ҳаҷв, мадҳ, мухофирот, луғз, мазҳака, ғазалиёт, васфиёт тақсим кардаанд» [8, 27]. Суханшиносоне ҳамчун Рашидуддини Ватвот, Шамси Қайси Розӣ, Ҳусайн Воизи Кошифӣ, Атоулло Маҳмуди Ҳусайнӣ анвои зерини шеърро нишон додаанд: қасида, рубоӣ, дубайтӣ, қитъа, маснавӣ, тарҷеот, мусаммат, мустазод, муфрадот [8, 27].

Ҳамин тариқ, аз суханони Абунасри Форобиву ҳамасронаш ва суханшиносоне, ки зикрашон рафт, аён мегардад, ки доираи истифодаи истилоҳоти “адабиёшиносӣ”, ба монанди: *ҳаҷв, мадҳ, мухофирот, луғз, мазҳака, ғазалиёт, васфиёт, қасида, рубоӣ, дубайтӣ, қитъа, маснавӣ, тарҷеот, мусаммат, мустазод* ва *муфрадот* дар ашъори донишмандони асрҳои миёна хеле густурда будааст.

Дар охир ҳаминро метавон баён намуд, ки нақши рисолаҳои пуарзиши донишмандони асримиёнагӣ, ба монанди: Шарафуддини Ромӣ «Ҳақоиқ-ул-ҳадоиқ» (асри XIV), Ҳусайн Воизи Кошифӣ «Бадоеъулафкор» (асри XV), Атоуллоҳ Маҳмуди Ҳусайнӣ «Бадоеъуссаноеъ» (асри XV), Воҳиди Табрезӣ «Ҷамъи мухтасар» (асри XV), Низомуддини Аҳмад «Маҷмаъуссаноеъ» (асри XVII), Воҷидалии Муҷмалӣ «Матлаъулулум фи маҷмаъилфунун» (асри XVII) назаррас буда, аз он гувоҳӣ медиҳад, истилоҳоти адабиётшиносӣ дар давраи зикршуда хеле рушду такомул ҳам ёфта будааст ва асарҳои эшон барои такмили минбаъдаи бахши истилоҳоти соҳа заминаи калидӣ гузоштаанд.

Дар раванди таҳқиқи масъалаҳои мубрам аён гардид, ки истилоҳ ин калимаест, ки дар ин ё он соҳаи муайяни илму техника нақши мушаххаси худро доштааст. Фикру андешаҳои чи забоншиносони тоҷик ва чи забоншиносони русу Аврупо қариб якранг буда, боз ба истимоъи истилоҳ дар ҳавзаи як соҳаи мушаххас ишора мекунанд. Истилоҳи адабиётшиносӣ ҳамвора бо истилоҳоти дигар соҳаҳо дар таркиби луғавии забонҳои таҳқиқшаванда ҷойгоҳи вижаеро соҳибанд.

АДАБИЁТ

1. Атахонов, Т. Фарҳанги истилоҳоти адабиётшиносӣ / Т. Атахонов. – Д.: Шарқи озод, 2002. – 453 с.
2. Бобев, Ю. Назарияи адабиёт. Қ. 1. Муқаддимаи адабиётшиносӣ. Китоби дарсӣ. / Ю. Бобоев. – Д.: Маориф, 1987 – 320 с.
3. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. – Д.: Дониш, 1985. – 473 с.
4. Зеҳнӣ, Т. Санъати сухан / Т. Зеҳнӣ. – Д.: Ирфон, 1979. – 328 с.
5. Кайковус У. Қобуснома / У. Кайковус. – Д.: Маориф, 2016. – 240 с.
6. Мирзозода, Х. Луғати мухтасари адабиётшиносӣ / Х. Мирзозода. – Д.: Маориф, 1992. – 240 саҳ.
7. Мусулмониён, Р. Назарияи адабиёт / Р. Мусулмониён. – Д.: Маориф, 1990. – 334 с.
8. Сатторзода, А. Такмилаи бадеъи форси тоҷикӣ (дар заминаи навиштаҳои пешиниён ва имрӯзиён) / А. Сатторзода. – Д.: Адиб, 2011. – 380 с.
9. Тимофеев, Л. И. Основы теории литературы / Л. И. Тимофеев. – М.: Просвещение, 1976. – 190 с.
10. Ҷоматов, С. Фарҳанги истилоҳоти забоншиносӣ (англисӣ-русӣ-тоҷикӣ). Нашри дуюм бо тағйиру иловаҳо / С. Ҷоматов. – Д.: Нашриёти «Бухоро», 2016. – 208 с.
11. Ҳодизода, Р. ва диг. Фарҳанги истилоҳоти адабиётшиносӣ /Р. Ҳодизода, М. Шукуров, Т. Абдуҷабборов. – Д.: Ирфон, 1966. – 188 с.
12. J. A. Cuddon, A dictionary of literary terms and literary theory. Fifth edition, published in UK. (USA) 2013.- 801pp.
13. Pohand Abdul Jalil Kahdistani. Elements of literature. For juniors 5th semester, Published Navisa, Kabul: - 2017. – 199 pp.

LITERARY TERMS OF THE THOUGHTS IN MIDDLE LINGUISTICS

This article deals with literary terms of the thoughts in middle linguistics. Having emphasized his point of views regarding the borrowed literary terms from Arab, Greek, and English, an author indicated some these terms as an example. In addition to it, an author stresses that majority of these terms have taken a stable position in the vocabulary system of Tajik and English languages, and they are not less than the basic terms of the language in usage. From the point of view of the author, the role of Russian languages in comparison to other languages is too great for the formation and development of Tajik literary terms as well, and basically through this language other terms could penetrate into lexical system of the Tajik language.

***Keywords**: verse, ruboi, borrowing, term, literature, literary terms, language, correspondent, children's literature, classical literature, Persian, Greek, science of literature, English, puzzle, formation, development, lexical system, usage, point of views.*

ВЗГЛЯД К ЛИТЕРАТУРОВЕДЕЧЕСКИХ ТЕРМИНОВ В СРЕДНЕГО ЛИНГВИСТИКЫ

В статье рассматривается взгляд к литературоведению терминов в среднего лингвистике. Подчеркнув свою точку зрения относительно заимствованных литературных терминов из арабского, греческого и английского языков, автор привел некоторые из этих терминов в качестве примера. Кроме того, автор подчеркивает, что большинство этих терминов заняли устойчивые позиции в лексической системе таджикского и английского языков, и они не уступают основным терминам языка в употреблении. С точки зрения автора, роль русского языка по сравнению с другими языками слишком велика для формирования и развития таджикских литературных терминов, и в основном через этот язык другие термины смогли проникнуть в лексический состав таджикского языка.

***Ключевые слова:** стих, двустишие, заимствований, терминов, литературы, литературоведческих терминов, языка, корреспондент, детская литература, классическая литература, персидский, греческий, наука, литература, английский, головоломка, образования, развития, лексическая система, использование, точки зрения.*

***Сведения об авторе**:*

***Джураев Хайём**, старший преподаватель кафедры языкознания и сопоставительной типологии ТГПУ им. С.Айни, тел: +992931158195. juraevkh.-89@email.ru.*

***About the author**:*

***Juraev Khayom**, a senior teacher in the Department of Linguistics and Comparative Typology, TSPU named after S. Aini. Tel.: +992931158195. juraevkh.-89mail.ru.*

ОСИМӢ ВА АЙНӢ

Салимӣ Н.Ю., Солеҳов Ш.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ

Устод Муҳаммад Осимӣ аз ҷумлаи шахсиятҳои илмию фарҳангии тоҷикон дар садаи XX аст, ки бо фаъолияти камназири илмию фарҳангӣ ва иҷтимоию сиёсиаш дар таърихи навини халқи мо номи худро абадӣ сабт кард. Эшон дар тӯли фаъолияти беш аз бистсолаи худ ба ҳайси сарвари Академияи илмҳои ҷумҳурӣ на танҳо мақому мартабаи ин боргоҳи маърифату дониши Тоҷикистонро дар сатҳи Итиҳоди Шӯравӣ ба дараҷаи баланд бардоштанд, балки беҳтарин суннатҳои маорифпарварию фарҳангсолории нахустин Президенти Академияи илмҳои Тоҷикистон устод С.Айниро идома доданд. Чунки устод М.Осимӣ ба шахсият ва кору пайкорҳои миллатдӯстона ва фарҳангпарваронаи устод С.Айнӣ иродат ва садоқати хос доштанд. Ин нуктаро мо дар ҳама даврахои фаъолияти ҷамъиятӣ ва сарвари Академияи илмҳо будани эшон ба хубӣ эҳсос мекардем.

Вақте ки навиштаҳои М.Осимиро дар бораи устод С.Айнӣ мутолиа менамоед, иртиботи маънавӣ, шахсӣ ва илмию фарҳангии байни ин ду абармарди илму адабро ба хубӣ дарк менамоед. Чунки устод М.Осимӣ аз овони ҷавонӣ устод Айниро мешинохтанд ва тибқи иттилое, ки эшон дар мақолаи «Фурӯғи ситорахои дур»[1] меоранд, равшан мегардад, ки устод М.Осимӣ бо С.Айнӣ ҳанӯз соли 1936, зимни ҳамон сафари маъруфи устод С.Айнӣ, ки Тоҷӣ Усмон дар очерки маъруфаш бо номи «Як моҳ бо Садриддин Айнӣ» тасвир мекунад, шиносоӣ пайдо намуда буданд. [2,с.84]

Устод М.Осимӣ хотироти худро нақл карда менависанд, ки як рӯзи моҳи сентябри соли 1936, замоне, ки ман факултети коргарӣ, ки дар он солҳо вазифаи мактаби миёнаро иҷро мекард, мехондам директорамон ман ва чанд нафар хонандагони аълохонро даъват намуда гуфт, ки пагоҳ дар мактаби ба номи С.Айнӣ бо худи устод мулоқот мешавад ва Шумо бояд ба ин вохӯрӣ равед. [3, с.8] Дар идомаи нақли хотироти худ аз ин мулоқоти таърихӣ устод М.Осимӣ ёдовар мешаванд, ки мо дар ҳамон рӯзҳо бо супориши директорамон дар васфи устод Айнӣ шеърҳои шогирдонае навишта омода шудем, ки ҳангоми мулоқот дар ҳузури устод қироат менамоем. Ниҳоят лаҳзаи мулоқот фаро расид ва устод ҳамроҳи М.Аминзода ва Т.Усмон ба мактаб омаданд.[4,10] Устод М.Осимӣ ҷараёни ин вохуриро нақл карда менависанд: “Мудири мактаб устодро хайрамақдам гуфта ба вакилони мактабҳои шаҳр ба навбат сухан дод. Вақте навбат ба мо расид, ман ба болои сандалӣ баромада шеърамро хондам. Намедонам ба устод чӣ маъқул шуд: шеър ё тарзи хониши ман, ки маро ба оғуш гирифта аз пешониам бӯсиданд ва гуфтанд, ки пагоҳ ба наздашон ба меҳмонхонаи шаҳрӣ равам.”[5, с.10-11]

Тибқи иттилои Т.Усмон устод С.Айнӣ рӯзи 20-уми сентябри соли 1936 ба Хуҷанд меоянд ва ин мулоқоти таърихие, ки устод М.Осимӣ нақл мекунанд, рӯзи 21 сентябри ҳамон сол сурат мегирад. Т.Усмон ин воқеаи дар ҳаёти устодону шогирдони мактабҳои шаҳри Хуҷанд хотирмонро дар очерки маъруфаш, зери унвони «Вохӯрӣ дар мактаби ба номи Айнӣ» тасвир мекунад. Ба қавли Т.Усмон ин мулоқот он қадар гарму самимӣ ва ҳаяҷонбахш буд, ки устод Айнӣ аз ҳаяҷони зиёд “механдид ва мисли кудакон аз дидаҳояш ашк мебаромад”.[6,86] Устод Осимӣ ҳам шоҳиди ин лаҳзаҳо буданд ва дар паҳлӯи С.Айнӣ меистоданд. Устод С.Айнӣ баъди анҷоми суханронӣ “ду кудаки ҳафт – ҳаштсоларо, ки дар ду тарафи ӯ истода буданд, бо ду дасти худ ба оғуш гирифта, онҳоро рост бардош ва гуфт: Шумо одамони хушбахтарини замонед… хонед, хонед ва боз хонед”.[6,84]

Лаҳзаи дигаре, ки устод М.Осимӣ дар навиштаи худ зикр менамояд, Т.Усмон ба таври зайл тасвир мекунад: “Котиби комитети шаҳрии партия Карамиян,…аз раиси савети шаҳрӣ илтимос карданд, ки ба фойтунаш савор шуда ба назди мудири мактаб равад. Чор-панҷ нафар бачаҳои зирак ва гапдонро нагз пушонда ба меҳмонхона, ба назди нависанда фиристонад”.[6, с.90] Яке аз ин бачаҳо устод М.Осимӣ буданд, ки бо устод С.Айнӣ дар бораи ҳаваси шеърнависӣ ё насрнависӣ доштанашон суҳбат менамоянд. Устод М.Осимӣ дар бораи худашон вазъи хонаводаашон ва ҳавасӣ нависандагӣ доштанашон ба устод С.Айнӣ нақл мекунанд. Дар ҳамин

мулоқотҳо устод С.Айнӣ барои фаҳмидани истеъдоди нависандагӣ доштани Осимии ҷавон аз ӯ хоҳиш менамоянд, ки манзараи зодгоҳашон, деҳаи Шайхони лаби оби Хоҷабоқирғонро муфассал тасвир намояд. Вақте ки устод нақли ин ҷавонро гӯш мекунанд, ба ӯ мефармоянд, ки бори дигар тасвири Дараи Ниҳонро аз романи «Дохунда» бихонад ва ҳамин гуна манзара аз зодгоҳаш тасвир намуда ба устод, ба Самарқанд фиристад.

Ин мулоқоту суҳбатҳо бо устоди бузурги адабиёти тоҷик ба Осимии ҷавон чунон таъсири зиёд мегузоранд, ки ӯ бо рафиқоне, ки дар мулоқот ҳамроҳи вай буданд, аз мағоза як дафтареро харида дар рӯяш чунин менависанд: «Фоҷеа дар қишлоқи ман». Роман иборат аз ду қисм. Нависанда Муҳаммад Осимӣ. [3, с.14] Устод М.Осимӣ дар идомаи хотироташон менависанд, ки номи интихобкардаашон барои «роман» навиштан тасодуфӣ набуд. Ман дар айёми кудакӣ дар деҳаамон шоҳиди воқеаю ҳодисаҳои мудҳиш будам. Тохтутозҳои ғоратгарон, сухтору кушторҳо, гуруснагӣ ва қашшоқӣ, бемориҳои пайдарҳам ва бедаво. Фоҷеаҳои кушта шудани «ҷавони баруманд», «духтарчаи мактабрав», ва «худсӯзии духтарони калон» ҳеҷ аз ёдам намеравад ва инҳо воқеаҳою хотироте буданд, ки ман мехостам дар «роман»-и хаёлиам дарҷ намоям. Устод М.Осимӣ сабаби аз орзуи нависанда шудан даст кашидани худро ба таъқибу озор ва дар он солҳо бо гуноҳҳои сохтаю бофта ба маҳбасу бадарға кашидани аҳли адаб ва аҳли қалам алоқаманд менамоянд.

Агар давраи мактабхонии устод Осимиро марҳилаи якуми шиносоии эшон бо устод С.Айнӣ ва осору пайкори ӯ ҳисобем марҳиллаи дигари ин ошноӣ аз замони донишҷуии устод Осимӣ оғоз мегардад. Устод Осимӣ таъкид менамоянд, ки ҳамон ҳодисаи ба истилоҳ «реппресия»-и солҳои сиюму чилум натанҳо дили маро аз орзуи нависандашудан хунук кард, балки ман аз нияти дар факултети забон ва адабиёт таҳсил намудан ҳам даст кашидам. Дар ин солҳо шахсияти дигаре, ки бо ҳузураш ва дастовардҳои илмиаш ба сарнавишти ояндаи Осимии ҷавон нақши нек гузоштааст, физикдони маъруф Султон Умаров мебошад. Эшон менигоранд, ки дар ҳамон солҳо С. Умарӣ баъди хатми факултети физикаи донишгоҳи Самарқанд, нав дар Ленинград дар ихтисоси физикаи назарӣ рисолаи номзадиро дифоъ карда, омада буданд. С.Умарӣ ба Хуҷанд омада бо мо хатмкунандагони мактаби миёна мулоқот намуда, дар бораи донишгоҳи Самарқанд ва шарту шароитҳои таҳсил дар ин донишгоҳ суҳбат карданд. Баъди ин мулоқот дар дили Осимии ҷавон орзӯи ба Самарқанд рафта дар факултаи физика хондан пайдо мешавад. Ин орзу ва нияти содиқонаи илмомузӣ устод Осимиро ба донишгоҳи Самарқанд мебарад.

Дар Самарқанд марҳилаи дуюми шиносоӣ ва ҳамнишинию ҳамсуҳбатии Осимии ҷавон бо устод С.Айнӣ оғоз мешавад, ки дар сарнавишти ояндаи ин ҷавони ҷӯёи илм нақши муҳим мегузорад. Устод М.Осимӣ дар ин бахши хотироташон аз амакбобояшон Олимхон Махсуми Хуҷандӣ, ки шарикдарси устод С.Айнӣ дар мадрасаҳои Бухоро буда, ҳоло дар Самарқанд зиндагӣ мекардааст, ёдовар мешаванд. Устод сафари Самарқандро накл карда менависанд: «… тобистони 1937 ҳамроҳи бародари калониам ба Самарқанд рафтам. Бобоям маро дида хурсанд шуданд ва хостанд, ки фавран ба назди устод Айнӣ баранд». [9, с.14] Мулоқоти дуюми устод Осимӣ бо устод С. Айнӣ худи ҳамонсол баъди имтиҳонҳои қабулро супорида донишҷӯи факултаи физикаи донишгоҳи Самарқанд шуданашон иттифоқ меафтад.

Устод Осимӣ менависанд, ки ҳавлии бобоям дар охири кӯчае, ки устод Айнӣ зиндагӣ мекарданд воқеъ буд. Як рӯз бобоям маро назди устод Айнӣ бурданд. Маро устод дар саҳни ҳавлиашон пешвоз гирифтанд. Бобоям хостанд маро шинос кунанд, вале устод сухани ӯро бурида гуфтанд, ки «ман бо набераатон шинос ҳастам. Порсол дар Хуҷанд ваъда дода буд, ки ман як чиз навишта мефиристам ва ман ҳанӯз интизор ҳастам, ки кай ба ваъдаи худ вафо мекунад». [9,14] Устод Осимӣ ба устод С.Айнӣ арз мекунанд, ки ман аз нияти нависандашудан даст кашидам ва ҳоло ба факултаи физика дохил шудам, дар оянда физик шудан мехоҳам. Ин нияти Осимиро устод хуш истиқбол мекунад ва таъкид менамоянд, ки имрӯз барои Тоҷикистон чунин мутахасисон чун обу ҳаво зарур аст.

Бояд қайд кард, ки таърихи дустию бародарии амакбобои устод Осимӣ, Олимхон Махсуми Хуҷандӣ бо устод С.Айнӣ достони ҷолибу омузандаи дигарест, ки муаллим шаммае аз онро дар хотироти худ зикр менамоянд. Ин марди фозил тибқи навиштаи устод Осимӣ соли 1936 ба Самарқанд меояд. Устод Айнӣ аз ин огоҳӣ ёфта Махсумро ба наздаш даъват мекунад ва аз ҳолу аҳволи ӯ воқиф мегардад. Манзараи ин мулоқотро Олимхон Махсуми Хуҷандӣ дар шакли манзум тасвир менамоянд:

Ба дорулфазли Айнӣ чун расидам,
Маро ӯ диду ман ӯро чу дидам.
Канору бӯсаву ашки чакида,
Ба тарзи ошиқи маъшуқдида.

Баъдан ҳолати шарики худро ба фарзандон шинос кардани Айниро тасвир мекунад:

Ҳамегуфт ӯ ба фарзандони ширин,
Маро ин кас садиқи сидқи дерин.
Шумоёнро амак, бар мост додар,
Зи лутфи ҳақ шуда бехонаву дар.

Устод Айнӣ дар ин мулоқот аз саргузашти шарикаш огоҳ гардида шахси масъул ва обруманди маҳалла ва атрофии хешро даъват намуда, ин марди фозил ва донишмандро ба онҳо шинос мекунад. Баъдан бо кумаки ин одамон вай дар ҳамон маҳаллае, ки С.Айнӣ зиндагӣ мекард, манзил пайдо менамоянд ва як мудат дар ҳамонҷо мемонад. Вакте ки Академияи илмҳо таъсис меёбад (соли 1951) ва устод С.Айниро Президенти он таъин намуда, ӯро аз Самарқанд ба Душанбе меоранд, устод шарикдарс ва дусти худ, амакбобои устод Осимӣ, Олимхон Махсуми Хуҷандиро низ ба Сталинобод оварда, дар шуъбаи дастхатҳои Академияи илмҳо ба кор мемонад. Тибқи ишораи устод Осимӣ Олимхон Махсум ҳамроҳи Б.Сирус китоби «Канз–ул–улум вал–луғат»-ро аз арабӣ ба забони тоҷикӣ баргардон менамоянд, вале бо кадом сабабе ин китоб ба нашр намерасад. Устод Осимӣ муносибати бародаронаи устод С.Айнӣ ва амакбобяшон Олимхон Махсуми Хуҷандиро муфассал шарҳ дода менависанд, ки Айнӣ бо ҳама бузургиаш шахси хоксор буд. Вай бо хурду калон, шиносу ношинос муносибати якхела дошт. Ҳангоми мулоқот бо устод Айнӣ, касе эҳсос намекард, ки бо як бузургвор ва шахсияти донишманду хирадманд суҳбат мекунад.

Бояд гуфт, ки устод Осимӣ ва адибону олимони ҳамсол ва калонтар аз ӯ хушбахтанд, ки аз мактаби устод Айнӣ гузаштанд. Онҳо дар ин мактаб ҳам дарси адибию олимӣ ва ҳам дарси одаму одамгарӣ, хоксорию фурутанӣ ва шикастанафсиро омухтанд. Ҳар касе, ки бо устод М.Турсунзода, М.Миршакар, Ҷ.Икромӣ, С.Улуғзода, Р.Ҷалил, С.Умаров, М.Осимӣ, М.Шакурӣ, С.Табаров, Н.Маъсумӣ ва дигар хамсолони онҳо ошноию ҳамкорӣ дошта бошад, хуб медонад, ки онҳо чи андоза ашхоси фурутан, хоксор ва ба қавли устод Осимӣ «дур аз даъвоҳои бузургӣ буданд». Ба ин маънӣ нависандаи бузурги узбек К.Яшен дуруст таъқид менамояд, ки ҳамаи адибони маъруфи тоҷик мисли М.Турсунзода, М.Миршакар, Ҷ.Икромӣ, С.Улуғзода, Ф.Ниёзӣ, М.Қаноат парвардагони мактаби Айнӣ ҳастанд ва дар навбати худ ин адибон суннатҳои устодӣ ва адабии Айниро идома дода истодаанд. [22, с.14] Донишманди маъруфи чех Иржи Бечка шуҳрати ҷаҳонии устод Айниро баррасӣ намуда, ӯро давомдиҳандаи муҳимтарин анъана, суннат ва фазилатҳои адабию иҷтимоӣ ва фарҳангии Рудакӣ, Фирдавсӣ, Ҷомӣ, Восифӣ, Дониш ва дигар бузргони гузашта меҳисобад. [13, с.26]

Дар робита ба ин ҷиҳатҳои муҳими шахсияти Айнӣ ва мақому ҷойгоҳи ӯ дар фарҳангу маънавиёти муосири тоҷикон суханронда, устод Осимӣ як лаҳзаи хотирмонро қисса мекунанд, ки он воқеан ибратомуз мебошад. Устод Осимӣ менависанд, ки як рӯз ҳамроҳи М.Турсунзода ва Н.Маъсумӣ дар хонаи А.Сайфуллоев меҳмон будем. А.Сайфуллоев ба ҳозирин устодгуён муроҷиат мекард, М.Турсунзода сухани А.Сайфуллоевро бурида, гуфтанд, ки Атахон минбаъд калимаи устодро дар ҷояш кор фармоед. Мо дар адабиёт ду устод дорем, устод Айнӣ ва устод Лоҳутӣ, дигарон ҳама шогирди инҳо ҳастем. Ин хислати фурутанӣ ва хоксориро худи устодони номбурда аз устод Айнӣ омухта буданд. Ин сифатҳо ва фазилатҳои неки инсониро дар симои устод Осимӣ ҳам мушоҳида мекардем ва метавон эшонро аз шогирдони сазовор ва рашиди мактаби устод С.Айнӣ ҳисобид. Эшон тимсоли зиёии асил, олими воқеӣ, инсони ҳалиму хоксор ва сарвари донову тавоно буданд. Перомуни чунин фазилатҳои устод Осимӣ сухан ронда, устоди зиндаёд З.Аҳрорӣ менависанд: «Бо вуҷуди серкорӣ, камии вақт ва меҳмондориҳо агар зарур мешуд рузе чанд дафъа ӯро мулоқот мекардам, ҳар дафъа устод аз дафъаи дигар гармтар ва самимитар мулоқот мекарданд. Ин нишонаи камоли одамият ва маърифату фазилат аст. Дар ҳар суҳбат ва мулоқот насиҳат мекарданд, ки бо ҳамнавъон бояд бо забони нарму ширин гуфтугӯй кард, аз роҳи нармӣ ва сулҳу оштӣ бояд пеш омад. …дурушти ва бадзабониро нишони заъфи маънавӣ, хомӣ ва кутоҳандешӣ медонистанд». [14, с.35] Ҳамаи ин гуфтаҳо ба он ишорат

менамоянд, ки устод Осимӣ на танҳо пайкараи зиндаи илму фарҳанг ва таммадуни гузашатю муосири мо буданд, балки як мактаби комили одамият ҳам маҳсуб мешуданд. Ва ин мактаб як навъ идомаи бевоситаи мактаби устод С.Айнӣ ба ҳамин маъно буд. [15, с.4]

Устод Осимиро тақдири аҷибе насиб гардид, вай ҳангоми таҳсил дар мактаб бо устод С.Айнӣ вохӯрда дар зеҳни бачагонаи худ ин устоди бузургро дар зиндагӣ шахсияти ормонӣ ва барои ояндаи хеш улгӯ ҳисобида буд. Баъдан ҳангоми таҳсил дар донишгоҳи Самарқанд бо Айнӣ тавассути амакбобояш наздиктар ошно шуда, шарики суҳбатҳои онҳо мегардад. Баъдан, устод Айнӣ Президенти Академияи илмҳои Тоҷикистон интихоб мешаванд ва бо гузашти айём устод Осимӣ дар ин вазифа ифтихори масъулияти идома додани суннатҳои сарварии устод Айниро ба илми тоҷик, ба душ мегиранд. Устод Осимӣ ҳам мисли устод Айнӣ дар солҳои сарвари Академияи илмҳо буданашон барои равнақи илми тоҷик, ташкили мактабҳои миллии илмӣ, пажуҳишгоҳҳои нав, тарбияи олимони соҳаҳои гуногуни илм, мустаҳкам намудани робитаҳои илмӣ ва фарҳангии ҷумҳурӣ саҳми бениҳоят бузург мегузоранд.

Ба таври куллӣ рӯзгору пайкори устод Осимӣ мисли устод С.Айнӣ намунаи возеҳи хидмат кардан ба ватан ба халку миллат мебошад. Корномаи дар зиндагӣ анҷомдодаи ин қабил ашхоси бузург, воқеан мактаби омузиш ва тарбият аст, ки ба наслҳои оянда дарси одамият, садоқат ба халқу ватан ва хидмат кардан ба инсониятро меомузонад.

АДАБИЁТ

1. Ёдномаи устод Осимӣ [Матн]: ба муносибати 85- солагии зодрӯз. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2005. – С. 8-51.
2. Усмон, Т. Як моҳ бо Садриддин Айнӣ [Матн]: Хотирот / Т.Усмон // Садои Шарқ. – 2016. – №9. – С. 84-107.
3. Осимӣ, М. Фурӯғи ситораҳои дурр [Матн] / М.Осимӣ// Ёдномаи Осимӣ: ба муносибати 85-солагии зодрӯз. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2005. – С. 8.
4. Ҳамонҷо, с. 10.
5. Ҳамонҷо, с. 10-11.
6. Усмон, Т. Як моҳ бо Садриддин Айнӣ [Матн]: Хотирот / Т.Усмон // Садои Шарқ. – 2016. – №9. – С. 88-90.
7. Ҳамонҷо, с. 89.
8. Ҳамонҷо, с. 90.
9. Ёдномаи устод Осимӣ [Матн]: ба муносибати 85-солагии зодрӯз. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2005. – 12 с.
10. Ҳамонҷо, с.14.
11. Ҳамонҷо, с.15.
12. Яшен, К. Айни и народ неразрывны [Матн] / К.Яшен // Ҷашнномаи Айнӣ. – Душанбе: Дониш, 1991. – 27 с.
13. Бечко, И. Далели азамати устод [Матн] / И.Бечко // Ҷашнномаи Айнӣ. – Душанбе: Дониш, 1991. – 80 с.
14. Аҳрорӣ, З. Бо бузурге аз табори бузургон [Матн] /З. Аҳрорӣ // Ёдномаи устод Осимӣ. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2005. – 62 с.
15. Осимӣ, М. Авроқи нотамом [Матн] / М.Осимӣ. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2005. – 235 с.

АСИМИ И АЙНИ

Садриддин Айни действительно был учителем, устодом и великим наставником нескольких поколенийтаджикской интеллигенции XX века. Онвнес огромный вклад в развитии таджикской литературы и науки нетолько своими произведениями, но ипринимал непосредственное участие в деле воспитания таджикских писателей, поэтов иученных первого половины XX века.Одним из достойных учеников Садриддина Айни является академик М.С.Асими. В своих воспоминаниях М.С.Асими особо подчеркивает роль С.Айни в его становлении как ученого и общественного деятеля.

***Ключевые слова**: учитель, Асими, Айни, интеллигенция, XX век, литература, наука, поэт, исследования, академик.*

ASIMI AND AINI

Sadriddin Aini was a really teacher, master and great instructor of some generation of Tajik intelligence of XX century. He made great contribution in the development the Tajik literature and science not only by his works, but also took direct participation in the training of Tajik writers, poet and scientists of the first half of XX century. An academician M.S.Asimi is one of the distinguished student of Sadriddin Aini.In his memories M.S.Asimi indicated the role of S. Aini as a scientist and social researcher.

***Keywords**: teacher, Asimi, Aini, intelligence, XX century, literature, science, poet, research, academic.*

Сведение об авторах:

***Салими Н.Ю. -** Постоянный участник Академи науки Республики Таджикистан ректор Таджикского государственного педагогического университета имени С.Айни*

Солехов Шамсиддин *– доктор филологический наук зав кафедрой теория и история летература Таджикского государственного педагогического университета С.Айни*

About the authors:

Salimi N.U. *- permanent participant of the Academy of Science of the Republic of Tajikistan, rector of the Tajik State Pedagogical University named after S.Aini*

Solehov Shamsiddin *– doctor philology sciences, the head of Theory and History of Literature Department, Tajik State Pedagogical University named after S.Aini*

НАСРУЛЛОҲ МУБАШШИР ТИРОЗӢ ВА ФЕҲРИСТНАВИСИИ ОСОРИ ХАТТӢ

Насриддинов Ф.

Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров

Дар садаи XIX амри тасҳеҳ ва нашри илмӣ-интиқодии дастхатҳо масъалаи шинохти дақиқи осори хаттиро ба миён гузошт. Касе ки ба тасҳеҳи матне мепардохт, бояд ба нусхаҳои мухталифи он дастрасӣ пайдо мекард ва дарунмояи онҳоро меомӯхт. Ин масъала танҳо бо роҳи нусхашиносии тавсифиву таърихӣ ва ҷамъи ин навъ гузоришҳо дар феҳристҳои муайян ҳалли худро меёфт. Бо ин зарурат, гурӯҳе аз муҳаққиқон даст бар тадвини феҳристҳои равишманди илмӣ заданд. Дар ин замина хидмати феҳристнависон Х.Д.Френ, Б.А.Дорн, Ҷ. Зенгер, В.Шпрингер, Ч.Рё ва иддае дигар басо дурахшон аст.

Дар садаи XX ин наҳзати илмӣ ҷараёни пурсамартарро касб намуд. Дар ибтидои ин аҳд Ч.Стори, Исмоилпошшои БаҒдодӣ, Оқобузурги Теҳронӣ, Е.Блоше, А.Ҷ.Арберри, А.Семёнов, Юсуф Илион Саркис ва баъдтар Аҳмад Мунзавӣ, Фуод Сезгин, Хонбобо Мушор, О.П.Шеглова, Ю.Е.Боршевский, Умар Ризо Каҳҳола, Маҳмуд Сайид Дуғейм, Рамазон Шишен, А.Мирзоев ва дигарон ба нусхашиносӣ ҳиммат гумоштанд ва феҳристҳои арзишманд тадвин намуданд.

Бояд дар сафи ин устодон аз Сайид Насруллоҳ Мубашшир Тирозӣ низ ёд намуд. Мавсуф аз дурахшонтарин чеҳраҳои нусхашиноси Шарқ ба ҳисоб меравад. Ӯ 15-уми марти соли 1922 дар Тироз, дар хонадоне, ки сарварии илму маорифи Туркистони ғарбиро бар уҳда дошт, ба дунё омад. Соли 1930 бо падари бузургвори хеш Аллома Мубашшир Тирозӣ ба хоки Афғонистон ҳиҷрат намуд. Он ҷо назди падар ва мактабҳои ибтидоӣ ба донишомӯзӣ оғоз кард. Чун бар синни рушд расид, дар литсейи истиқлоли фаронсавии воқеъ дар Кобул ва факултаи улуми адабии Донишгоҳи Кобул таҳсили илм намуд. Соли 1948 дар забони фаронсавӣ дараҷаи доктори илмро касб кард. Соли 1949 ҳамроҳи хонадони хеш ба Миср кӯчид. Соли 1951 бо раҳнамоии падар дар Қоҳира дар Дор-ул-кутуб ва-л-васоиқ ал-қавмия, дар шуъбаи феҳристи осори шарқӣ ба фаъолият оғоз намуд. Насруллоҳ Мубашшир Тирозӣ аз нубуғ ва истеъдоди фитрӣ бархурдор буд. Нӯҳ забонро медонист. Чунин муҳассанот сабаб гардид, то зуд дар ҷомеаи илмӣ шинохта шавад. Мақоми баланди илмии ӯ сабаб гардид, то марказҳои бонуфузи илмию фарҳангии ҷаҳон бо ӯ ҳамкорӣ варзанд ва бо узвияти ӯ ифтихор намоянд. Метавон иддае аз онҳоро чунин баршуморид:

– узви ифтихории Академияи илмҳои Қазоқистон;
– узви Com Lils (Малайзия);
– узви муассисаи Фурқон (Лондон);
– узви Робитат-ул-адаби-л-ҳадис (Миср);
– узви Иттиҳодияи ҷаҳонии китобхонаҳо;
– профессори ифтихории Донишгоҳи Мармара (дар забон ва адабиёти туркӣ);
– профессори ифтихории Институти шарқшиносии Тошканд;
– узви Маркази таҳқиқоти таърих, фунун ва фарҳанги исломии Истамбул;
– узви анҷуманҳои дӯстии Миср бо Қазоқистон, Туркия, Афғонистон, Ӯзбекистон ва Эрон.

Таҳқиқоти бунёдии ӯ дар таърих ва мероси хаттӣ мӯҷиб гардид, то ба ӯ соли 1962 аз ҷониби сарвари онвақтаи Миср Ҷамол Абдунносир ба таври истисноӣ шаҳрвандии мисрӣ дода шавад. Ҳамчунин, аз ҷониби ЮНЕСКО устоди ҷаҳонии таҳқиқоти таърихӣ эълон ёбад ва шаҳрванди ифтихории Ҷамбул (Тироз) хонда шавад.

Насруллоҳ Мубашшир Тирозӣ то поёни умр дар донишгоҳҳои Миср ҳамчун муршиди устодони забон ва адабиёти Шарқ хидмат намуд. 20-уми апрели соли 2002 дар Қоҳира аз олам

чашм пӯшид ва дар канори даргузаштагони хонадони хеш дар мазори Ибни Фориз ба хок супорида шуд.

Агарчи вуҷуди ӯ аз дидаҳо мафқуд гардид, ёди ӯ ҳеҷ гоҳ аз хотираҳо мадрус нахоҳад шуд. Корҳои мондагор ва осори арзишмандаш номи ӯро ҳамеша зинда нигоҳ хоҳанд дошт. Таълифоти ӯ дар ҷомеаи илмӣ истиқболи гарм ёфтааст ва ҳамеша чун сарчашмаи маънавӣ хидмат хоҳанд кард. Метавон таълифоти Насруллоҳ Мубашшир Тирозиро ба чунин мавзӯъҳои меҳварӣ дастбандӣ намуд:

а) Осори адабӣ. Бахше аз таълифоти мавсуф ба улуми адабӣ пайванд мегирад, ки дар қолаби назму наср ва осори бадеиву пажӯҳишӣ арзи ҳастӣ намудаанд. Умдатарини онҳо аз ин қабил аст: «Қавоид-ул-луғат ал-форсийя» (Дастури забони форсӣ – Қоҳира, 1978), «Асолиб-ул-форсийя ал-ҳадиса ва-л-муосира» (Шеваҳои нигориши форсии нав ва муосир – Қоҳира, 1981), «Адаби девон – шарҳ, таҳлил ва нақд», «Девони ашъор» (ба се забон – форсӣ, туркӣ ва арабӣ), «Паёми ҳичрон» (хотирот ва ёддоштҳо аз ватан), «Як қатра хун» (қисса), «Ман ҳам гиристам» (қисса), «Дилдода ва Дилором» (қисса, ҳар се қисса дар матбуоти Афғонистон чоп шудааст, тарҷумаи арабӣ дар Қоҳира), «Диросот фи-л-балоғати-т-туркийяти-л-усмонийя ва-л-арузи ва-л-қофия» (Пажӯҳишҳо дар балоғати туркии усмонӣ ва арӯзу қофия – Қоҳира, 1976).

б) Осори таърихӣ. Насруллоҳ Мубашшир Тирозӣ агарчи дур аз ватан зист, аммо ҳамеша дар муаррифии таъриху тамаддуни меҳани хеш кӯшид ва дар ин замина китобу рисола ва мақолаҳои зиёд мунташир сохт. Тарҷумаи «Таърихи Бухоро»-и Наршахӣ бо таҳқиқу таълиқ ва изофот (Қоҳира: Дор-ул- маориф, 1967, нашри дувум 1976 ва нашри савум 1994), тарҷумаи китоби «Азвоъ ъало таърихи Турон»-и Абдулмуъмини Бухорӣ бо танқеҳу истидрокот (Қоҳира: Мактабат-ул-адаб, 1421), таълифи китоби «Туркистон – мозиҳо ва ҳозируҳо» (Туркистон – гузашта ва имрӯзи он – Қоҳира: Мактабат-ул-адаб, 2010), «Набзатун таърихийя ъан мадинатий Бухоро ва Хоразм ва маолимаҳумо ал-асарийя» (Гузориши таърихӣ аз шаҳрҳои Бухорову Хоразм ва маолими бостонии онҳо – Қоҳира, 1997, тарҷумаи ӯзбекӣ Тошканд, 1997) аз ҷумлаи муҳимтарини онҳо мебошад.

в) Омӯзиши мероси хаттӣ. Табаҳҳури Тирозӣ дар донишҳои нусхашиносӣ – хатшиносӣ, қоғазшиносӣ, рангшиносӣ ва ғ. барояш заминаи нерӯманди илмиро фароҳам сохт, то дар назария ва амалияи шинохти мероси хаттӣ китобу дастурҳои арзишманд ба қалам оварад. Таълифоти зерин аз ҷумлаи боризтарини онҳо мебошад: «Диросот фи-л-махтутот ал-форсийя» (Пажӯҳишҳо дар дастхатҳои форсӣ – Теҳрон, 1996), «Фанн-ул-хатти-л-арабӣ ва мудорисатиҳи» (Фанни хатти арабӣ ва омӯзиши он), «Диблумотиқо – илму диросати-л-васоиқи ва нақдиҳо» (Дипломотиқо – илми таҳқиқи васоиқ ва нақди он – Қоҳира, 1986, нашри дувум 1989).

г) Феҳристнависии осори хаттӣ. Устод Насруллоҳ Мубашшир Тирозӣ аз ҳама бештар бо феҳристҳои худ дар ҷомеаи илмӣ шинохта шудааст. Аз ҷониби эшон чандин феҳрист тадвин гардидааст. Мавсуф бештар аз сӣ сол дар яке аз бузургтарин ганҷинаҳои мероси хаттӣ ва китобдорӣ – Дор-ул-кутуби Миср, дар шӯъбаи мероси Шарқ фаъолият доштанд. Дар ин муддат бештар аз 23000 осори фозилони Шарқро, ки ба забони форсӣ ва туркӣ навишта шуда буданд, нусхашиносии тавсифӣ намуданд. Кӯшишҳои эшон дар самти феҳристнависии осори хаттӣ, ки дар 16 муҷаллад фароҳам омадааст, таҷассумгари корномаи мондагори эшон дар ҷомеаи илмии ҷаҳон мебошад.

Бояд зикр намуд, ки табаҳҳури мавсуф дар дастхатшиносӣ мӯҷиб гардид, то дигар марказҳои мероси хаттӣ низ бо назорат ва роҳбарии эшон осори хешро феҳристнависӣ намоянд. Аз ҷумла, китобхонаи Маркази таҳқиқоти таърих, фунун ва фарҳанги исломӣ (Туркия), Маркази диросоти шарқийя (Қоҳира), ки дар он феҳристи 19000 асар таҳия гардид.

Номгӯи феҳристҳое, ки аз ҷониби Насруллоҳ Мубашшир Тирозӣ тадвин гардидаанд, чунин аст:

1) Феҳристи асарҳои хаттӣ ва чопии Нуриддин Абдурраҳмони Ҷомӣ, ки дар Дор-ул-кутуб маҳфуз аст (Қоҳира, 1964).

2) Феҳристи дастхатҳои форсӣ, ки ба Дор -ул-кутуб то соли 1963 ворид шудаанд (Қоҳира, 1967, дар ду муҷаллад).

3) Феҳристи тавсифии дастхатҳои форсии музайян бо тасвир, ки дар Дор-ул-кутуб маҳфуз аст (Қоҳира, 1967).

4) Феҳристи матбуоти туркии усмонӣ, ки дар Дор-ул-кутуб то соли 1969 ворид шудаанд (Қоҳира, 1982-1983, дар се ҷилд).

5) Феҳристи тарҷумаҳои аҳодиси набавӣ ва арбаинот ба забони шарқӣ (нусхаҳои хаттии маҳфуз дар Дор-ул-кутуб) (Қоҳира, 1988).

6) Мулҳақи «Феҳристи матбуоти туркии усмонӣ», ки дар Дор-ул-кутуб аз соли 1970 то 1980 ворид шудаанд (Қоҳира, 1992).

7) Феҳристи махтутоти туркии усмонӣ, ки дар Дор-ул-кутуб қарор дорад (Қоҳира, 1987-1992, дар 5 муҷаллад).

8) Феҳристи масодир ва мароҷеи Амир Темур ва Темуриён (Қоҳира, 1996).

9) Феҳристи дастхатҳои тароҷими таҳорир ва маонии Қуръони карим, ки дар Дор-ул-кутуб маҳфуз аст (Қоҳира, 1999).

Бояд таъкид намуд, ки дар байни феҳристҳои ёдшуда, «Феҳристи дастхатҳои форсӣ» мақоми хоса дорад ва барои илми тоҷик аз аҳамияти бештар бархурдор аст. Ба ин мӯҷиб, шоистагии муаррифии алоҳидаро дорад.

«Феҳристи дастхатҳои форсӣ» шомили тамоми дастхатҳои форсист, ки дар махзани умумии «Дор-ул-кутуб» ва китобхонаҳои тобеъ ба он (Китобхонаи Мустафо Фозил, Китобхонаи Талъат, Китобхонаи темурия, Китобхонаи Закия, Китобхонаи Халил-оғо) то соли 1963 (моҳи рамазони 1383) қарор доштанд.

Дар феҳрист дастхатҳо тибқи ҳуруфи алифбо мураттаб гардида, бо шеваи илмӣ нусхашиносӣ шудаанд. Нусхашиносӣ бештар тавсифӣ буда, ҷой-ҷой аз шеваи таърихӣ низ истифода ба амал омадааст. Мусанниф барои он ки тасвири комили дастхат ва авсофи фаннию моддии онро ба маърази хонанда гузорад, меъёрҳои зеринро риоят намудааст:

– Зикри номи китоб ва асомии дигари он;

– Зикри исм, куня, тахаллус, нисба ва лақаби муаллиф бо қайди таърихи вафот, дар ҳоли равшан набудан, ёди асри зиндагӣ;

– Гузорише аз таърихи китоб, сабаби таълиф ва замони анҷом ё ҳар навъ маълумоти дигар, ки мундариҷаву таркиби китобро тавзеҳ медиҳад;

– Овардани айни иборате, ки дастхат бо он оғоз мешавад;

– Тавсифи моддии дастхат бо зикри навъи хат, исми хаттот, носих, таърихи насх, адади авроқу сатрҳо ва андозаи тӯлу арзи нусха;

– Ишора ба баъзе мулоҳизот, ки огоҳӣ аз он барои муҳаққиқ муҳим аст, мисли ноқису комил будан, тақдиму таъхири матн, вуҷуди тасвиру тазҳиб, таълиқоту шурӯҳ, тамлик ва ғ.

– Зикри тарҷумаи китоб бо забонҳои арабӣ ва туркӣ, ба шарте, ки нусхае аз он дар «Дор-ул-кутуб» маҳфуз бошад.

Ба хотири суҳулати истифодаи муҳаққиқон дар поёни китоб феҳристҳои раҳнамо оварда шудааст. Феҳристҳои мазкур аз чунин бахшҳо иборатанд:

– Феҳристи асмои муаллифон (бо фарогирии шореҳону мутарҷимон);

– Феҳристи хаттотон, носихон, мусаввирону музаҳҳибон;

– Феҳристи касоне, ки осорашон бо хати худи онон мавҷуд аст;

– Феҳристи мавзӯии дастхатҳо;

– Феҳристи таърихии дастхатҳо (аз асри чаҳоруми ҳичрӣ то чаҳордаҳум/даҳуми мелодӣ то бистум).

Дар маҷмӯъ, ин феҳристи Тирозӣ ҷиҳати шинохти осори адабӣ, таърихӣ ва илмии донишмандони тоҷик манбаи муҳим мебошад. Метавон тавассути он асарҳои ноомӯхтаи фозилони тоҷик ва нусхаҳои нодири меросии илмии эшонро бишинохт ва бо ҳунармандони ноошнои миллат ошноӣ ба даст овард.

Ҳосили баррасӣ ба ин назар мерасонад, ки Насруллоҳ Мубашшир Тирозӣ аз дурахшонтарин чеҳраҳои илмии Шарқ буда, дар муаррифии илму фарҳанги меҳани хеш хидматҳои мондагор анҷом додааст. Усули таҳқиқ ва шеваҳои баррасии мавсуф шоистаи пайравист. Баҳрабарӣ аз осори ӯ суханшиносии тоҷикро борвартар хоҳад сохт. Таваҷҷуҳ ба феҳристҳои ӯ ва ба муомилоти илмӣ ворид сохтани гузоришҳои онҳо бар умқи таҳқиқоти марбут ба илмҳои ҷомеашиносӣ хоҳад афзуд.

АДАБИЁТ

1.Аллома дуктур Насруллоҳ Тирозӣ (Маҷмӯаи мақолот).-Қоҳира: Маркази луғот ва тарҷумаи Донишгоҳи Қоҳира, 2016.
2.Сайид Муборак Насруллоҳ Мубашшир Тирозӣ. ал-Усрат-ут-тирозия фӣ Миср.-Қоҳира:Мактабат-ул-одоб, 2016.
3.Насруллоҳ Мубашшир Тирозӣ. Дастури забони форсӣ. – Қоҳира: Мактабат-ул-саодат, 1978.
4.Насруллоҳ Мубашшир Тирозӣ. Феҳрис ал-масодир ва-л-мароҷеъ ъан Амир ат-Темур ва-т-темурийин. – Қоҳира, нашри Сафорати Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар Қоҳира, 1996.
5.Насруллоҳ Мубашшир Тирозӣ. Туркистон – мозиҳо ва ҳозируҳо. – Қоҳира: Мактабат-ул-адаб, 2010.

НАСРУЛЛАХ МУБАШШИР ТИРАЗИ И СОСТАВЛЕНИЕ КАТАЛОГОВ ПИСЬМЕННОГО НАСЛЕДИЯ

Статья посвящена вкладу Насруллаха Мубашшира Тирази в представлении письменного наследия. В статье рассмотрены научная деятельность и произведения Насруллаха Мубашшира Тирази. Статья исследует вопрос структуры и состава его каталогов и их роль в области научного исследования.

Ключевые слова: *Каталоговедение, Насруллах Мубашшир Тирази, письменное наследие, Тираз, кодикология, Египет, каталог.*

NASRULLAH MUBASHSHIR TIRAZI AND COMPOSITION OF WRITTEN HERITAGE CATALOGS

The article is devoted to contribution of Nasrullah Mubassir Terasi in the submission of the written heritage. The article considers the scientific activity and works of Nasrullah Mubassir Terasi. The article examines the structure and composition of its catalogues and their role in the field of scientific research.

Keywords: *cataloging, Nasrullah Mubashshir Tirazi, written heritage, Tiraz, codicology, Egypt, catalogue.*

Сведение об авторе:

Насриддинов Фахриддин *– доктор филологических наук преподователь Худжандского государственного университета им академик Б.Гафуров*

About the author:

Nasriddinov Fakhriddin *– doctor of Philology sciences, the teache of Khujand State University named after academician B.Ghafurov*

АБДУЛҲУСАЙНИ ЗАРРИНКӮБ ДАР БОРАИ МОҲИЯТ ВА ТАЪРИФИ ШЕЪР

Элбоев В.Ҷ.

Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ

Чун номи Абдулҳусайни Зарринкӯбро ба забон мегирем, дар пешоруйи мо чеҳраи донишманде зуҳур мекунад, ки бо тавону дониши амиқи худ сайре дар зовияҳои адабиёту фарҳанги форсии тоҷикӣ ва олам карда, дар натиҷаи ҷустуҷуйҳои мӯшикофона тадқиқоти судманде бар равиши хосаи илмӣ ба ёдгор гузоштааст. Абдулҳусайни Зарринкӯб мунаққид, адабиётшинос, муаррих, мутарҷим ва шоир аст. Ҳамчун устоди Донишгоҳи Теҳрон бештар ба масъалаҳои назарияи назм таваҷҷӯҳ карда, китобхои « Фалсафаи шеър» (1944), «Нақди адабӣ» (1959), « Бо корвони ҳулла» (1964), «Шеъри бедурӯғ, шеъри бениқоб» (1967), «На шарқӣ, на ғарбӣ, инсонӣ» (1964) – ро роҷеъ ба шеършиносӣ ва баҳои воқии илмӣ додан ба шеъри шоирони классику муосири форсии тоҷикӣ ва олам иншо кардаст.

Бо баррасии осори зиёди назарӣ оид ба шеъри форсии тоҷикӣ ва андешаҳои адабию эстетикии мунаққидон ва адибони Аврупо ва Руссия, аз ҷумлаи Гегел, Ломартин, Мармонтел, Волтер, Шекспир, Белиниский, Чернишевский, Горкий ва дигарон Абдулҳусайни Зарринкӯб дар бораи моҳият ва таърифи шеър андешаҳои хеле ҷолиб баён намудааст. Ин андешхо аз баррасии ҷиддии муҳаққиқ оид ба таърифи шеър, ки шеършиносони давраи классикии адабиёти форсии тоҷикӣ, аз ҷумлаи Ибни Сино, Саккокии Хоразмӣ, Шамси Қайси Розӣ, араб - Қудома ибни

ҷаъфар, донишмандони назариядони Аврупо ба мисли Гегел, Ломартин, Мармонтел, Волтер ва дигарон баён доштанд, падид омадаанд.

Андешаҳои А. Зарринкӯб дар бораи моҳияти шеър аз як иқтибоси овардаи ӯ аз китоби Гегел «Фанни шеър» оғоз мегирад: «Таърифи шеър ва баёни авсофи аслии он мушкилест, ки тақрибан тамоми касоне, ки дар ин боб сухан рондаанд, аз ҳалли он фурӯ мондаанд» ва баён медорад, ки ин нукта то андозае саҳеҳ аст. Каме поёнтар андешаи Ларомигирро, ки мисли гуфтаи Гегел аст, меорад: « Агар таърифи шеър мутлақан мумтанеъ набошад, ин қадар ҳаст, ки таърифи дақиқ ва саҳеҳу ҷомеъи он душвор мебошад» [1, с.121]

Андешҳои ин ду донишманд аз он ҷо сарчашма мегирад, ки касоне ки ба шеър таърифҳо додаанд, аз ибораҳои зебои зиёде истифода кардаанд ва то дараҷае онро мубҳам ва душвор гардонидаанд, ки ин суханҳо хеле зиёд аст. Аз ҷумла, Волтер шеърро «Мусиқии рӯҳҳои бузург ва ҳассос» мехонад. Мармонтел мегӯяд: «Шеър як нақкошиест, ки забон дорад ва як забон аст, ки нақш меангорад». Ломартин онро «Нағмаи дарунӣ» ва «Забони фароғату эҳлом» медонад ва Шекспир менависад: «Шеър он мусиқиест, ки ҳар кас дар даруни худ дорад» [2, с.45]. Ин гуна мисолҳо дар адабиёти Шарқу ғарб зиёданд ва А. Зарринкӯб баъд аз овардани ин мисолҳо чунин мегӯяд, ки: «Ба хубӣ метавон дарёфт, ки эроди таърифи шеър то чи андоза соҳибназаронро дар тангнои андеша дошта ва шоирро маҷбур кардааст, ки ба ин гуна «суханони мубҳам» ва «идрокнопазир» худро қонеъ ва хурсанд намоянд» [2, с.47- 48].

Зимни баррасии мӯшикифона донишманди тавоно А.Зарринкӯб заминаи ин мушкилотро ҷуста, онро пайдо кардааст, ки ин печидабаёнҳо аз он ҷост, ки: «Шеър гузашта аз ҷанбаи зоҳирӣ ва лафзӣ, ки аз он ба назм таъбир мекунанд, латифаи ниҳонӣ низ дар бар дорад, ки баёни он ҷуз ба мадади шеър муяссар натавонад буд». Ва айби ин таърифҳоро дар ҳамоҳанг намудани ду нуктаи муҳим: 1. «модда» ва 2. «сурат» дидааст: «Айби бузурге, ки дар ин гуна таърифҳо вуҷуд дорад, он аст, ки ҳамоҳангии лозимро байни модда ва сурати шеър риоя накардаанд». Яъне баъзеҳо фақат мутаваҷҷеҳи модда ва латифаи маънавии он будаанд ва баъзе сурат ва ҷанбаи зоҳирии онро дар назар гирифтаанд, ки ин ҷо як берабтие ба назар мерасад ва дар баёни ин гуфта ҳақ бар ҷониби А. Зарринкӯб аст.

Вале он зебоии маънавӣ, ки моддаи шеър ва ҷавҳари аслии он аст, чизи тавсифнопазирест, ки донишмандон онро «тахайюл» ва «тақлид» мегӯянд. Дар шеъри форсии тоҷикӣ ва олам шоирон аз ин ду мафҳум яъне «тахайюл» ва «тақлид» дониставу тавониста истифода кардаанд, ки ин нукта як навъ муайянкунии донишмандони улуми назарӣ аст ва ба таърифи шеър дахл дорад, вале ин нукта аз ҷониби А. Зарринкӯб ба таври зарурӣ баррасӣ гардида, андешаҳои ҷолибе арздошт кардааст: «Бо ин ҳама ихтилофи назар, ки дар байни моҳияти шеър байни нақкодон ва ҳунармандон вуҷуд дорад, то андозае метавонад тасаввури рӯшане аз шеър дар зеҳни пажӯҳанда эҷод кунад» [3, с.60] .

Баъд, А. Зарринкӯб дар гуфтори худ таърифҳои ба шеър додаи қудома ибни ҷаъфар дар «Нақдушшеър», Саккокии Хоразмӣ дар «Мафотеҳулулум» ва Шамси қайси Розӣ дар «Алмӯъҷам» - ро оварда, таърифи қудомаро кӯтоҳтарин ва расотарин таърифи шеър меҳисобад:

«Шеър сухане мавзун ва муқаффо, ки бар маъние далолат кунад» [7, с.28]. А. Зарринкӯб аз таърифи Саккокии Хоразмӣ ва Шамси Қайси Розӣ чунин хулоса мекунад, ки: «Ин гуна таърифҳо шеърро дар ҳисори вазн ва қофия маҳдуд мекунад ва онро то дараҷаи «назм» ва «саҷъ» поин меоварад» [3, с.94].

Аз донишмандони марҳилаи классикӣ оид ба назарияи шеър таърифи Синоро дар «Ашшифо» ва Низомии Арӯзии Самарқандӣ дар « Чаҳор мақола» - ро А. Зарринкӯб, ки дар баробари сурат ба моддаи шеър таваҷҷӯҳ кардаанд, махсус қайд менамояд ва таъкид мекунад, ки ин самараи сухани эшон аз ошноӣ бо фалсафа ва илми юнонист: «Бад – ин гуна касоне, ки дар таърифи шеър бештар мутаваҷҷеҳи модда ва мазмуни он гаштаанд, монанди Ибни Сино ва Низомии Арӯзӣ ғолибан бар асари ошноӣ ба фалсафа ва улум аз тафаккури юнонӣ илҳом гирифтаанд» [4, с.34].

Вале А. Зарринкӯб ҳамин таърифҳои Ибни Сино ва Низомии Арӯзиро низ комил намеҳисобад, зеро онҳо, ки «шеърро каломи мавзуни муқаффо» ва «сухани хаёлангез ва мавзун» донистаанд, зебоиву латофати ниҳоии шеърро, ки асоси шеър ва моддаи вуҷуди он аст, аз назар

дур доштаанд ва вазифаи асосие, ки шеър дорад: «на аз вазифаи шигарфе, ки шеър дар тазкияи нуфуз ва таҳзиби авотиф дорад, зинда кардаанд ва на ба ҳақиқатгӯии арзандае, ки шеърро аз рӯъёҳои кӯдакона ва хаёлбофиҳои ҷунуномез ҷудо мекунад, ишорае намудаанд».

Ба андешаи А. Зарринкӯб шеър дар воқеъ дорои модда ва сурат аст. Моддаи он маънии мазмунест, ки асоси шеър маҳсуб аст ва сурат он вазну оҳанге, ки шеърро аз суратҳои дигари сухан ҷудо мекунад, таркиби ин модда ва сурат аст, ки шеърро месозад.

Баъдтар, А.Зарринкуб дар бораи моддаи шеър таваккуф карда, андешаҳои Афлотун ва Арастуро бо муқоисаи ҷиддӣ баррасӣ карда, роҷеъ ба андешаи Афлотун, ки «шеърро таклиди табиат» медонист, интиқод мекунад ва мегӯяд: «Таклиде, ки шеър аз олами табиат мекунад, ҳаргиз онро то дараҷаи як тасвир фуруд намеорад. Он чӣ аз лутфу зебоӣ дар ҷаҳони ҳастӣ падид наёмадааст, хаёли шоир онро меофаринад ва ба вуҷуд меоварад» [4, с.72-73]. Бардошти А.Зарринкӯб аз ин гуфтор он аст, ки шоир аз табиат бардошт мекунад ва ҳеҷ вакт фармонбардори табиат нест ва ҳамкору дастёри он аст.

А.Зарринкӯб дар охиртари андешаҳои худ таърифи дигаре аз шеърро, меоварад, вале ишорае намекунад, ки ин нуктаро кӣ баён кардааст: «Тавсифи ҳунармандонаест, (яъне шеър: В.Э) ки бо забони мавзун ва ҳаяҷонангез аз «ҷамоли матлуб» ба амал ояд». Яъне «илҳоми ғайбӣ», ё «лутфи Худовандӣ», ки ин нуктаро низ А.Зарринкӯб интиқод мекунад ва қабул надорад: «Дарвоқеъ, ҳеҷ тавсиф ва таъбире, ки аз «ҷамоли матлуб» ба амал меояд, ҳар қадар мавзун ва ҳунармандона бошад, дар сурате, ки натавонад шуморо ба ҳаяҷон оварад, шеър маҳсуб намешавад» [3, с.26].

Абдулҳусайни Зарринкӯб бо баррасии андешаву ороъи зиёди донишмандони Шарқу Ғарб оид ба таърифи шеър, ки бо баёноти зиёди вожаҳои зебову ғарро ироа гардидаанд, дар бораи моҳияти шеър ба натиҷае мерасад, ки: «Аммо шеър, ки худ мавлуд ва махлуқи тахайюли шоир аст, бояд дар хонанда ва шунаванда низ муваҷҷиди тахайюл бошад. Ин нуктаест, ки аз замони Арасту ҳамвора соҳибназарон бад-он таваҷҷӯҳ доштаанд» [4, с.64].

АДАБИЁТ

1.Абдулҳусайни Зарринкӯб.Ҷустуҷӯ дар тасаввуфи Эрон.-Душанбе:Ирфон, 1992. -396 с.
2.Абдулҳусайни Зарринкӯб.Нақди адабӣ.Таҳияи Кароматуллоҳи Шукруллоҳӣ. -Душанбе:Ирфон, 2017.-712 саҳ.
3.Абдулҳусайни Зарринкӯб. Фалсафаи шеър.-Теҳрон, 1944м. -212 с.
4.Абдулҳусайни Зарринкӯб. Шеъри бедурӯғ, шеъри беникоб.-Теҳрон, 1967м. 164 с.
5.Абдулҳусайни Зарринкӯб. На шарқӣ, на ғарбӣ, инсонӣ.-Теҳрон, 1964м. -200 с.
6.Шарифов Худоӣ. Каломи бадеъ.-Душанбе:Маориф, 1991.-160 с.
7.Сатторзода Абдунабӣ. Таърихчаи назариёти адабии форсу тоҷик. -Душанбе: Адиб, 2001.-144 с.

АБДУЛХУСАЙН ЗАРРИНКУБ ОБ МЕСТА И ЗНАЧЕНИЕ ПОЭЗИИ

Абдулхусайн Зарринкуб является одним из крупных ученых современности в области истории персидско-таджикской литературы, теории литературы и текстологии.

Данная статя посвящена изучением взгяды Абдулхусайна Зарринкуба по значению и места персидско-таджикской поэзии. Научные взгляды Абдулхусайна Зарринкуба изучены в сопоставительном варианте с другими ученимы.

Ключевые слова: *Абдулхусайн Зарринкуб, стих, поэт, поэзии, эстетический, знаток стихотворение, культура, идея, период, отражение.*

ABOUT THE PLACE AND MEANING OF POETRY OF ABDULKHUSAIN ZARINKUB

Abdulkhusain Zarinkub is one of the main contemporary scholars in the field of the history of Persian-Tajik literature, and the theory of literature and textual as well as.

This article deals with the study of the views of Abdulkhusain Zarinkub regarding the meaning and place of Persian-Tajik poetry. Scientific views of Abdulkhusain Zarinkub are studied in a comparative version with other scientists.

Keywords*: Abdulkhusain Zarinkub, verse, poet, poetry, aesthetic, connoisseur poem, culture, idea, period, reflection.*

Сведения об авторе:

Элбоев Вафо *- д.ф.н., профессор кафедры теории и истории литературы ТГПУ им.Садриддина Айни: тел:(+992) 935314408; эл.почта: Vafo_1965@mail.ru*

About the author*:*

Elboev Vafo *- Doctor of Philology, Professor of the Department of Theory and History of Literature of the TSPU named after Sadriddin Aini: tel: 935314408; e-mail: Vafo_1965@mail.ru*

ИНЪИКОСИ РӮЗГОРУ ОСОРИ С.АЙНӢ ДАР ФАЗОИ ИНТЕРНЕТ

Тоҷибоев Ш.Ғ.
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров

Дар остонаи ҳазорсолаи сеюм интернет ба зиндагии маънавию зеҳнии бани башар ба шиддат ворид шуд. Дар замони муосир мардум, хоса насли замони истиқлол, бидуни истифода аз ин махзани бузурги иттилоот, ки метавонад дар як они воҳид барои дастрас намудани маълумот ва пурра гардонидани ниёзҳои аввалияи маърифатию маънавии шахс бисёр муфид бошад, дарёфту такмили сареи донишу таълимро ғайриимкон медонанд. Шабакаи ҷаҳонии интернет дар айни замон ҷойест, ки дар он шумо метавонед ба ҳамаи саволоти худ посух пайдо кунед, барои такмили донишу маърифати худ, бидуни дур шудан аз манзилу ҷои кори хеш, тадорук намоед. Гузашта аз ин, бо ёрии ин шабакаи ҷаҳонии иттилоотӣ ҳар як муҳаққиқ метавонад маводи илмӣ ҷамъоварӣ созад, тадқиқоти оморӣ анҷом диҳад, фаровардаҳои илмии хешро манзури аҳли илми ҷаҳон намояд, мақолаҳои илмии худро барои доварӣ пахш кунад ва ғ.

Қобили зикр аст, ки дар замони муосир фазои интернет барои муаррифии шахсиятҳои бузурги адабию фарҳангӣ, рӯзгор, осор ва корномаҳои онҳо василаи хубе маҳсуб меёбад. Зеро дар олами маҷоз фазо маҳдуд набуда, маводи дар ин шабакаи ҷаҳонӣ кошташударо бо осонӣ метавон дар тамоми манотиқи ҷаҳон дарёфт ва мутолиа намуд. Хоса, дар ин замони фановариҳои нав ва ҷаҳонишавии босуръат аз ин василаи корсоз кишварҳои мутамаддин пурсамар истифода мекунанд.

Дар ин навиштаи мухтасар хостем, ки бозтоби корномаи дурахшон ва пурбаргу бори абарустоди адабиёти тоҷик Садриддин Айниро дар фазои маҷоз ба таҳлил гирем ва дар пояи натоиҷи аз баррасиҳои ин мазӯъ ба дастомада, дурнамои корҳои минбаъдаро дар ин замина матраҳ намоем.

Дар замони муосир, вақте ки мо мехоҳем дунболи ҷустуҷӯи маводе ё матлабе биравем, ҳатман ба имдоди мо шабакаи иттилооти умумиҷаҳонии интернет мерасад.Тавассути ҷустуҷӯгарҳо метавон дар як тарфатулайн ба суҳулат маълумоти дилхоҳро пайдо намуд. Масалан, бо навиштани исми “Садриддин Айни” дар ҷустуҷӯгари ҷомеи Google

дар ҳамагӣ 29 сония 51 300 маводе, ки вожаи матлубро фарогир аст, намоён гардид(ниг. ба расми № 1), ки чунин суръати тамом ва филфавр воқеъан ҳосили фановариҳои ҷадид аст.

Расми № 1.Натиҷаи пурсуҷӯи вожаи “Садриддин Айни” тавассути ҷустуҷӯгари Google



Албатта, аз ин 51 300 мавод ҳамагӣ пурра дар бораи устод Айнӣ нест, аммо фисади муайяни он фарогири матлаби кофтукоб аст.

Аҳволу осори устод Айнӣ дар фазои маҷоз бештар дар вебгоҳи Википедия – донишномаи озод ба мушоҳида расид. Маълум аст, ки Википедия -энсиклопедияи (донишномаи) зудкори онлайнии ройгон ва таҳрираш озод аст ва ба бештар аз 298 забони дунё мақола пахш менамояд(9). Википедия аз ҷониби ҳамаи хоҳишмандон ривоҷ меёбад. Аз ибтидои ташкилёбӣ, соли 2001, Википедия ба донишномаи машҳуртарин табдил ёфта, рӯз то рӯз пурратар мегардад. Википедияи тоҷикӣ 27 январи соли 2004 таъсис ёфтааст ва айни ҳол 93 668 мақола дорад(8).

Дар мақолаи Википедиаи тоҷикӣ, ки ба аҳволу осори С.Айнӣ ихтисос ёфтааст, устод Айнӣ чун бунёдгузори адабиёти шӯравии тоҷик, нависанда, олим, академик ва нахустин Президенти Академияи илмҳои Тоҷикистон, Ходими хизматнишондодаи илми ҶШС Тоҷикистон, академики фахрии Академияи илмҳои ҶШС Ӯзбекистон ва Қаҳрамони Тоҷикистон муаррифӣ гашта, оид ба зиндагинома, фаъолияти омӯзгорӣ, мероси адабию илмӣ, саҳми илмӣ, накӯдошти суханвар, мукофоту ҷоизаҳои устод Садриддин Айнӣ ва ғайра маълумоти муфид фароҳам оварда шудааст. Аксари маълумоти овардашуда ҷанбаи иттилоотӣ дошта, барои муштариёни Википедиаи тоҷикӣ судманд аст. Ҳамчунин афкору мулоҳизаҳои академик Бобоҷон Ғафуров дар бораи устод Айнӣ [1] ба ин мақола илова шуда, аксҳои ҷолибе дар қисмати “Нигористон”аз фаъолиятҳои гуногунҷабҳаи устод С.Айнӣ гузошта шудаанд. Муқоисаҳо нишон доданд, ки Википедиаи тоҷикӣ дар заминаи муаррифии аҳволу осори устод С.Айнӣ назар ба ҳамтои русиву англисиву форсии он як қадам пештар гузоштааст. Маводи донишномаи озоди маҷозии Википедиаи тоҷикӣ дар бораи устод С.Айнӣ аз ҳамтои русии он комилтар аст.

Бо як дид метавон ба мушоҳида гирифт, ки маводи саҳифаи русии Википедиа дар бораи устод Айнӣ назар ба гунаи тоҷикии он фишурда аст. Агар маводи дар ин замина фарогири Википедиаи тоҷикӣ дар ҳаҷми бештар аз чаҳор ҳазор аломатро ташкил диҳад, ҷасомати гунаи русии он дар ҳудуди бештар аз ҳазор аломат аст[2]. Гунҷоиши сафҳаи англисии Википедиа дар ин мавзӯъ аз инҳо ба маротиб кам аст, яъне қариб 400 аломатро фаро мегирад[3]. Мутассифона, маводи саҳифаи англисии Википедиа хеле мухтасар буда, танҳо ба тавсифи умумии ҳаёти устод Айнӣ бахшида шудааст. Ин вазъ моро водор менамояд, ки дар вироишу такмили мақолаи англисии мавҷуда бештар саҳмдор бошем, зеро Википедиа- ин энсиклопедияи (донишномаи) зудкори онлайнии ройгон ва таҳрираш озод аст ва ҳар кас метавонад дар вироишу пурра намудани мавод ширкат варзад.

Маводи сафҳаи форсии Википедия низ гарчанде мухтасар аст, аммо баъзе баррасиҳои он ҷолиб ба назар мерасад. Хоса, иттилоот дар бораи шеъри нави устод Айнӣ ва пеш аз шоири муосири Эрон Нимо Юшиҷ ба гуфтани шеъри нав пардохтани ӯ қобили таваҷҷӯҳ аст: ”Айнӣ яке аз нахустин сарояндагони шеъри нави форсӣ аст. Панҷ сол пеш аз он ки Нимо “Афсона”-ро бисарояд, Айнӣ дар ҳамон вазн шеъре суруда ба номи “Марши ҳуррият” [4].

Ҳамчунин дар баҳси аҳволу осори устод С.Айнӣ дар вебгоҳҳои зерини олами маҷоз метавон матолиби фаровонеро пайдо намуд.

№ б/т	Вебгоҳ	Сафҳаи марбути аҳволу осори Айнӣ
1.	tajikam.com	http://tajikam.com/fa/index.php?option=com_content&task=view&id=595&Itemid=37
2.	ravshanfikr.tj	http://www.ravshanfikr.tj/kitob-oi-badei/muallif/10-sadriddin-ajni.html
3.	bbc.co.uk	http://www.bbc.co.uk/tajik/news/2009/04/090415_ea_ayni_nima
4.	misol.tj	http://misol.tj/2017/03/29/адабиёти-муосири-тоҷик-садриддин-айн/
5.	cit.tj	http://www.cit.tj/istiqlol/sadridin.php
6.	lib.infopage.tj	http://lib.infopage.tj/tjl/767-eddoshto-i-sadriddin-ayni.html
7.	anrt.tj	http://www.anrt.tj/tj/khabar-o/994-sadriddin-ajn-mu-ofizi-zaboni-to-ik
8.	cultin.ru	cultin.ru/writers-ajjni-sadriddin
9.	navisandagan.tj	navisandagan.tj/ru/index.php/2017-08-18-10-05-26/pisateli/260-sadriddin-ajn
10.	zarowadk.ru	http://zarowadk.ru/merosi-guzashtagon/s-ayni-yoddoshtho.html

Таҳлил ва баррасии маводи ин вебгоҳҳо собит намуд, ки дар баҳси аҳволу осори С.Айнӣ аксари онҳо такрори ҳамдигар буда, шомили маълумоти тоза ва диди ҷолиби илмӣ нестанд. Аз ин миён мақолаи “Айнӣ ва сабки нав дар шеъри форсӣ”-ро, ки Исфандиёри Одина дар вебгоҳи bbc.co.uk гузоштааст, истисно намудан мумкин аст.. Нависандаи мақолаи мавриди назар бо истифода аз назару дидгоҳҳои муҳаққиқони гуногун ба баёни навпардозиҳои устод Садриддин Айнӣ пардохта, тавонистааст вежагиҳои навпардозиҳои шоирро ба гунаи лозим нишон бидиҳад.

Ошкор аст, ки мақола ҷанбаи таҳқиқотӣ надорад, вале аз назари овардани иқтибосу таҳлилҳои мурурӣ ба мақолаи илмии оммавӣ наздиктар аст.

Ба эҳтимоли қавӣ шумораи вебгоҳҳои марбут ба баҳси аҳволу рӯзгор ва осори устод С.Айнӣ аз он теъдоде, ки дар ҷадвали болоӣ оварда шуд, зиёд аст.Дар ин замина низ метавон тадқиқу таҳлили батафсил анҷом дод.

Бо густариши рӯзафзуни фановариҳои интернетӣ дар фазои маҷоз торномаҳо(блог - интернетмаҷалла)-и ҷадид ба майдон меоянд, ки онҳо дар инъикоси аҳволу рӯзгори устод С.Айнӣ низ фаъол ҳастанд. Тавсиф ва ташреҳи зиндагиву осори устод С.Айнӣ дар торнамои яке аз блогнависони тоҷик Ҳабиб Саид қобили зикр аст[10].Торнамои Ҳабиб Саид дар мавриди бозтоби аҳволу осори устод Айнӣ хусусияти иттилоотию коммуникативӣ ва фарҳангӣ дорад. Он қариб тамоми навъи мултимедияро, аз қабили матн, акс, мусиқӣ, видео ва ғайра дар бар гирифтааст. Торнигор(блогер) дар торнамои хеш оид ба зиндагинома, мероси илмиву адабӣ, бузургӣ ва қувваи эҷодии устод С.Айнӣ маълумоти зиёди муфидро фароҳам оварда, ҳамчунин мақолаву қайдҳо ва ёддоштҳои адибону рӯзноманигорон А.Лоҳутӣ, А.Деҳотӣ, С.Улуғзода, Ю.Акобиров, Ш.Ҳорисов, О.Шакурзода, Д.Маҳмудов, олимон К.Айнӣ, М.Шукуров ва баъзе аз мактубҳои устод ба писарашон Камолиддин, мукотибаҳои Айнӣ ва Лоҳутӣ дар он ҷой додааст. Мултимедиа - аксҳо, намунаи дастхат, соядаст ва сабти овози устод С.Айнӣ дар ин торнамо чун воситаи аёнии ҳаёту фаъолияти нависанда хидмат намуда, мӯҳтавову фазои ин торнаморо таҷаммулу шукӯҳ мебахшанд. Албатта, ин ин навъи мултимедиа дар торнамои Ҳабиб Саид ҷанбаи маълумотдиҳӣ ва вақтхушӣ доранд, ки ба вижагии фарҳангии торнамо далолат мекунанд.Ҷиҳати хуби ин маводи торнамо дар он аст, ки аз он метавонанд муаллимону донишҷӯён ба мақсадҳои худ ройгон истифода намоянд.

Таъкиди муҷаддади ин нуктаро зарур медонам, ки насли нав аз олами китоб ба олами маҷоз бештар рӯй овардаанд ва китобҳои электрониро ба кутуби коғазӣ зиёдтар тарҷеҳ медиҳанд.Вазъи ба амал омада моро водор менамояд, ки беш аз пеш китобҳои электронӣ тадвин кунем.Дар ин бахш низ мо аз устод С.Айнӣ камтар китоби электронӣ дорем.Дар фазои маҷоз танҳо “Намунаи адабиёти тоҷик”[11], “Таърихи инқилоби Бухоро”[12] ва“Ёддоштҳо”-и С.Айниро дар шакли электронӣ ба мушоҳида гирифтем.

Гуфтанӣ аст, ки ҷои аудиокитобҳои тоҷикӣ, хоса ҷои аудиокитобҳои шоҳасарҳои устод С.Айнӣ дар ҷомеаи мо холист. Аудикитобҳо на танҳо барои ашхоси имконияти биноиашон маҳдуд, балки барои тамоми қишрҳои ҷомеа дар ҳолатҳои гуногуни ҳаёту зиндагиашон зарур аст. Дар ин замина низ лоиҳаву барномаҳои зиёдеро метавон роҳандозӣ намуд ва дар олами маҷоз ё тариқи СД пахш намуд.Ҳар як повесту романҳои устод С.Айнӣ шоистаи сабти савтианд.Китобҳои савтӣ афзалиятҳои зиёде доранд:

1.Хониш бидуни фишор ба чашм.

2.Имкони ошноӣ бо китоб бидуни кӯмаки атрофиён(барои касоне, хонда наметавонанд)

3.Имкони гӯш кардан ҳангоми иҷрои кори дигар ва ё ҳолате, ки хондан имконнопазир нест(дар торикӣ, нақлиёт, хобгоҳ)

4.Имкони бозёбии таҷрибаи ҳирфаии хониши бадеӣ.

Дар фазои шабакаи умумиҷаҳонии интернет ба забонҳои гуногуни ҷаҳон китобҳои савтиро дарёфтан мумкин аст.Масалан дар сомонаҳои audio-knigki.ru, listen-books.ru, Bibe.ru, audiobook24.ru, ayguo.com, mds-fm.ru, booktorrent.ru ва ғайра метавон китобҳои гуногуни савтиро ба забони русӣ пайдо кардан мумкин аст.Ҳатто ба забони ӯзбекӣ тариқи сомонаи audio.ziyonet.uz метавон китобҳои зиёди савтиро пайдо кард.Аммо дар фазои интернет ба ҷуз аудиокитоби “Масалҳои Сулаймон” [14] ягон китоби савтиро ба забони тоҷикӣ дарёфт накардем.Ҳол он ки бозори китобҳои савтӣ дар кишварҳои ҷаҳон хеле гарм аст. Имрӯз гардиши молии бозори ҷаҳонии китобҳои савтӣ (аудиокитоб) тибқи тибқи агентии иттилоотии «Piper Jaffray» 800-850 миллион доллар аст. Ин нишондиҳанда дар бозори китобҳои савтии Русия назар ба таҳлилҳои нашриёти “Ардис” 7-8 миллион доллар аст[13].

Бо истифода аз фазои интернет шиносонидани чеҳраҳои бузурги адабиёту фарҳанги миллӣ, мисли устод С.Айнӣ ва рӯзгору осору корномаҳои эшон истифодаи пурсамар аз шабакаҳои иҷтимоии дар байни насли нав зудинкишофёбанда, мисли Facebook, Twitter, Instagram,Tagged, ВКонтакте, Одноклассники ва ғ. низ судманд хоҳанд буд.

Мушоҳидаи маводи шабакаи иҷтимоии Facebook ва гурӯҳҳои марбут ба он, аз қабили “Адибони тоҷик ва дӯстдорони адаб”, “Китобхонаи электронӣ”, “Tajik Wikipedia-Википедияи Тоҷикӣ”, “Вожаҷӯ”, ”Шоҳбайт” ва саҳифаҳои хусусии корбарони Facebook моро ба он бовар мекунонад, ки ин фазо барои баланд бардоштани саводнокии ҷомеа, дарёфти иттилоот ва тарғиби адабиёту дастовардҳои адабӣ созгор аст.Чунончӣ, дар гурӯҳи “Адибони тоҷик ва дӯстдорони адаб”-и шабакаи иҷтимоии Facebook, ки бештар аз шонздаҳ ҳазор аъзо дорад, доир ба аҳволу осори устод С.Айнӣ маводи зиёдеро ба мушоҳида гирифтем, ки аксар ҷанбаи иттилоотиву маърифатӣ доранд.

Аз мушоҳида, нигоҳи гузаро ба фазои интернет ва фикрҳои дар боло гуфташуда, метавон натиҷа гирифт, ки дар замони пешрафти фановариҳои тозаи мухобиравӣ фазои интернет барои дар сатҳи ҷаҳон шиносонидани чеҳраҳои бузурги адабиёту фарҳанги миллӣ, мисли устод С.Айнӣ ва рӯзгору осору корномаҳои эшон хеле василасоз аст. Зеро дар олами маҷоз фазо ҳадду ниҳоят надорад ва барои сари вақт расидан ба ҳадафи ниҳоӣ мусоидат менамояд. Барои тарғибу ташвиқи рӯзгор ва корномаҳои нависанда метавон дар олами маҷоз корҳои зиёдеро анҷом дод Дар ваҳлаи аввал лозим аст, ки вебгоҳ(сомона)-и вижаи нависанда таҳия ва дар шабакаи умумиҷаҳонии интернет пахш карда шавад, шакли электронии тамоми китобҳои устод С.Айнӣ омода гарданд, аудиокитобҳои нависанда тайёр карда шаванд, шабакаҳои иҷтимоииро на танҳо чун воситаи коммуникативӣ ва иртиботи шабакавӣ, балки чун василаи маърифатноккунӣ ва шиносонидани чеҳраҳои тобноки таърихӣ истифода намуд.

ПАЙНАВИШТ

1.https://tg.wikipedia.org/wiki/%D0%A1%D0%B0%D0%B4%D1%80%D0%B8%D0%B4%D0%B4%D0%B8%D0%BD_%D0%90%D0%B9%D0%BD%D3%A3- охирин бознигарӣ 17.02.2018
2.https://ru.wikipedia.org/wiki/%D0%90%D0%B9%D0%BD%D0%B8,_%D0%A1%D0%B0%D0%B4%D1%80%D0%B8%D0%B4%D0%B4%D0%B8%D0%BD- охирин бознигарӣ 17.02.2018
3.https://en.wikipedia.org/wiki/Sadriddin_Ayni - охирин бознигарӣ 17.02.2018
4.https://fa.wikipedia.org/wiki/%D8%B5%D8%AF%D8%B1%D8%A7%D9%84%D8%AF%DB%8C%D9%86_%D8%B9%DB%8C%D9%86%DB%8C- охирин бознигарӣ 17.02.2018
5.http://www.termcom.tj/index.php?menu=about&page=art_about_1&lang=toj - охирин бознигарӣ 17.02.2018
6.http://www.termcom.tj/?menu=bases&page=index3&lang=toj - охирин бознигарӣ 19.02.2018
7.http://sadriddinaini.blogspot.ru/- охирин бознигарӣ 27.02.2018
8.https://tg.wikipedia.org/wiki/Википедияи_Тоҷикӣ- охирин бознигари 26.03.18
9.https://ru.wikipedia.org/wiki/Википедия:Список_Википедий- охирин бознигарӣ 19.02.2018
10. http://sadriddinaini.blogspot.ru- охирин бознигарӣ 12.03.2018
11. http://www.ravshanfikr.tj/kitob-oi-badei/mavodho/273-namunai-adabijoti-to-ik.html#.WtSRZNRuYdU- охирин бознигарӣ 27.03.2018
12. https://www.facebook.com/groups/kitobxona/search/?query=айни- охирин бознигарӣ 27.03.2018
13. https://ru.wikipedia.org/wiki/Аудиокнига-охирин бознигарӣ 27.03.2018
14. https://donish.pw/portfolio/3423434 - охирин бознигарӣ 20.03.2018

ОТОБРАЖЕНИЕ ЖИЗНИ И ТВОРЧЕСТВА АЙНИ В ПРОСТРАНСТВЕ ИНТЕРНЕТА

Статья посвящена теме отображения жизни и творчества Садриддина Айни в виртуальном мире. Отмечается, что в эпоху прогресса новых информационных знаний пространство интернета представляет собой чрезвычайно эффективное средство представления на мировом уровне биографии и творческого наследия великих деятелей национальной литературы и культуры, таких как устод Садриддин Айни, ибо виртуальный мир, являясь бескрайним и бесконечным, способствует достижению конечной цели.

Автор статьи, на основе рассмотрения и анализа материалов о жизни Айни, существующих в пространстве интернета, приходит к выводу, что, используя эти данные можно осуществить множество работ в деле пропаганды и распространения информации о биографии и деятельности писателя. Автор предлагает создать специальный сайт писателя и распространить его в виртуальном мире, осуществить подготовку всех книг Айни в электронном формате, составить аудиокниги писателя, и наконец, использовать интенсивно развивающиеся социальные сети нового поколения, такие как Facebook, Twitter, Instagram, Tagged, ВКонтакте, Одноклассники, что также является эффективным для достижения намеченных целей.

Ключевые слова: *интернет, сайт, ссылка, Айни, виртуальный мир, социальные сети*

REFLECTION OF AYNI`S LIFE AND CREATION IN THE E INTERNET SPACE

This article is dedicated to the theme of reflection of the life and work of Sadriddin Aini in the virtual world. It is noted that in the era of the progress of new information knowledge, the Internet space is an extremely effective means of presenting at the world level the biography and creative heritage of great figures of national literature and culture, such as ustod Sadriddin Aini, because the virtual world, being boundless and endless, contributes to the achievement of the ultimate goal.

The author of the article, on the basis of consideration and analysis of materials about the life of Aini, existing in the Internet space, comes to the conclusion that using these data it is possible to carry out a lot of work in the promotion and dissemination of information about the biography and activities of the writer. The author proposes to create a special website of the writer and distribute it in the virtual world, to prepare all the books of Aini in electronic format, to make audiobooks of the writer, and finally, to use intensively developing social networks of a new generation, such as Facebook, Twitter, Instagram, Tagged, Vkontakte, Odnoklassniki, which is also effective for achieving the goals..

Keywords: *the Internet, site, citation, Ayni, inner world, social networks*

Сведение об авторе:

Тоджибоев Ш.Г. - *кандидат филологических наук, Доцент кафедры классической литературы Худжандского государственного университета имени академика Б.Гафурова*

About the author:

Tojiboev Sh.G. - *Candidate of Philology scinces, Associate Professor in the Department of Classical literature of the Khujand state university named after academician B.Ghafurov*

УДК 070 (575.3)

СМИ КАК ИНСТРУМЕНТ РЕАЛИЗАЦИИ ИНФОРМАЦИОННОЙ ПОЛИТИКИ ТАДЖИКИСТАНА НА СОВРЕМЕННОМ ЭТАПЕ (НА ПРИМЕРЕ ГАЗЕТЫ «МИНБАРИ ХАЛК»)

Муллоев Ш.Б., Божко И.Г.

Российско – Таджикский (Славянский) университет

В условиях глобализации современному государству требуются определенные ресурсы для поддержки своих решений, действий, реформ, которые обеспечивали бы наиболее адекватное и желаемое их сопровождение и принятие со стороны граждан этой страны. Если раньше, в советский период, это не составляло особого труда в силу определенной в этом плане простоты государственного функционирования: «решения, по сути, просто декларировались населению» [7, с.133], то на современном этапе участие граждан их мнения, суждения о готовящихся в государстве изменениях, тех или иных шагах во внутренней или внешней политике стали приобретать определенный вес. Правящие круги, чины государства постепенно стали приходить в некую зависимость от общественного мнения – это влияло на их личную популярность и возможность дальнейшей работы на своих государственных постах.

Одновременно с этим стало очевидно, что в общественно - политической жизни государства (наряду с повседневной жизнью каждого человека) все большее значение стала приобретать информация как таковая, а следовательно и средства, этой информацией обладающие и транслирующие ее. Как отметил Президент Республики Таджикистан Эмомали Рахмон в Послании Парламенту страны от 15 апреля 2009 года, «нынешний век называют веком информации, которая информация неразрывно связана с экономикой, научно-техническим прогрессом, охраной окружающей среды, производством и политикой, оказывая глубокое воздействие на их развитие» [8]. В современном же обществе степень информатизации, развития различных каналов подготовки, получения, передачи тех или иных сведений, новостей достигла, можно сказать, своеобразного пика в плане зависимости от них даже простого ежедневного быта людей. По мнению одного из американских социологов Д. Маккуэйла, «в современном обществе информация – самый ценный продукт» [12, с.41].

Информация превратилась «в глобальный, в принципе неистощимый ресурс человечества, вступившего в новую эпоху развития цивилизации – эпоху интенсивного освоения информационного ресурса» [7, с.136].

Однако важным представляется тот факт, что обладание той или иной информацией меняет не только представление людей о каких- то обыденных вещах. Определенным образом преподнесенная информация влияет на мнение общественности в гораздо более важном и масштабном измерении – в сфере общественных, экономических и политических отношений. С развитием информатизации общества СМИ начинают оказывать все более ощутимое воздействие на различные сферы жизни общества, в частности на политическое сознание и поведение граждан страны. Из этого следует заключить, что особое значение приобретает то, откуда та или иная информация поступает, как она формируется и преподносится, распространяется в обществе и доходит до своих адресатов – конкретной социальной или электоральной группы или, к примеру, граждан других государств. Речь идет, безусловно, о средствах массовой информации, выступающих не только как инструмент объективной передачи новостей, но и как основной их создатель.

СМИ в современном мире играют в политической жизни общества весьма значительную роль, имея самое непосредственное отношение к его жизнедеятельности и выполняя репродуктивную (отображают политику через радио, телевидение и прессу) и креативную (творящую) функции [1, с.146].

На наш взгляд, основной причиной завоевания СМИ столь высокого места в политической жизни современных обществ является то, что с их помощью государство и другие политические субъекты могут не только информировать население о целях и ценностях своей политики, но и моделировать отношения с общественностью, касающейся формирования представительных органов власти и правящих элит, поддержания авторитета соответствующих целей, традиций и стереотипов. Другими словами, средства массовой информации стали мощнейшим инструментом целенаправленного конструирования политических порядков, средством выстраивания необходимых власти связей и отношений с общественностью.

Несомненно, в условиях глобализации государство выступает как основной субъект информационной политики, формирующий свой сегмент информационной картины мира посредством государственных СМИ, которые призваны отражать официальную точку зрения на события в соответствии с государственными интересами. Деятельность государственных СМИ всегда осуществляется исключительно в интересах страны, и, находясь под пристальным вниманием государственных структур, особенно жестко регулируется законодательством. Поэтому национальные государственные СМИ Таджикистана нацелены на реализацию информационной политики своей страны. Также их задачей является оперативное предоставление всей необходимой информации обществу, реагирование на повестку дня, разъяснение внутренней и внешней политики, формирование имиджа или медиа-образа Таджикистана.

По мнению Е. Прохорова, «СМИ играют ключевую роль в формировании отношения общественности к тому или иному событию: «Массово-информационная деятельность своим результатом имеет управленческое воздействие на систему взглядов и представлений, направленность поведения адресата. Благодаря информации у ее «потребителя» создается такая картина мира, которая, будучи структурно развернутым образом действительности (внутренней моделью внешнего мира, включая представления о «желаемом будущем» и путях его достижения), реагирует отношения носителей этой модели с реальной действительностью. Журналистика, информируя, руководит «потребителем» информации» [9, с.48].

На наш взгляд, информационная политика представляет собой сложную систему отношений в рамках отдельно взятого государства и определяется активностью граждан, органов государственной власти и институтов гражданского обществ. При этом она ориентирована на преобразование и защиту, прежде всего информационной сферы, формирование и развитие демократических институтов информационного общества, повышение качества жизни конкретного гражданина в целях укрепления и процветания

государства и общества в целом. С учетом изложенного государственная информационная политика «не может быть понята только лишь как курс или программа действий по совершенствованию информационной сферы» [6, с.29].

Роль и место СМИ в реализации информационной политики государства закреплены в законодательных актах. Одним из таких актов является Концепция государственной информационной политики Республики Таджикистан, утвержденная Указом Президента Республики Таджикистан от 30 апреля 2008 года № 451. В частности, в ней говорится, что «периодическая печать, радио, телевидение, ресурсы веб-пространства в совокупности, составляющие важнейший социальный институт, в силу своей массовости, тиражируемое, периодичности и пополняемости, обладают широкими возможностями и силой воздействия и формирования общественного мнения и сознания, и поэтому этот институт должен служить главным инструментом реализации информационной политики государства» [11]. Надо сказать, что реализация информационной политики Таджикистана происходит в сложной ситуации, противоречивость которой заключается в том, что близость государственных интересов стран-участников СНГ сопровождается расхождением официальных точек зрения по ряду вопросов, что неизбежно отражается в информационной политике и в освещении событий национальными государственными средствами массовой информации. По мнению отечественного исследователя Д.Б.Хомидова, «во внешнеполитической сфере наблюдаются попытки отдельных стран вытеснить Таджикистан из мирового информационного пространства, ограничить национальные интересы в информационной сфере, в том числе используя информационные ресурсы для дискредитации внешней и внутренней политики страны» [13, с.3]. При этом информационное пространство СНГ определяется как совокупность национальных информационных пространств государств - участников СНГ, взаимодействующих на основе соответствующих межгосударственных договоров по согласованным сферам деятельности. Таким образом, не только государство, но и его внешняя политика становится субъектом информационной политики, а ее разработка и реализация в отечественных СМИ требуют особых подходов. На сегодняшний день Республика Таджикистан располагает достаточным количеством серьезных заслуживающих доверие аудитории трансляторов информации, которые являются важным инструментом реализации информационной политики. Они включают в себя государственное информационное агентство, телерадиовещание, издательства, газеты и журналы.

Ведущими национальными учреждениями в этом направлении являются Таджикское информационное агентство «Ховар», государственный телевизионный канал «Шабакаи Точикистон», информационный телевизионный канал «Джахоннамо», радиостанции «Ховар», «Садои Душанбе», «Точикистон», государственные печатные издания «Чумхурият», «Садои Мардум», «Народная газета», печатный орган Народной Демократической Партии «Минбари халқ».

Для реализации информационной политики нашего государства важнейшим инструментом отечественных СМИ является создание медиареальности, отображающей как политические значимые события, такие как подписания международных соглашений по борьбе с терроризмом и экстремизмом, экономическом сотрудничестве, научно-практические конференции, круглые столы, встречи глав государств, так и общественно значимые события из мира культуры, спорта и т.п.

В качестве примера можно привести материал под названием «Донишҷӯен - сафирони сулҳ ва дӯстӣ» («Студенты послы мира и дружбы»), где говорится о подобном мероприятии. «*Обучаясь за пределами страны, представители студенческой молодежи несут высокую ответственность за продвижение ценностей своей родины. Эта работа выражается в освещении цивилизации, культуры и истории, что благоприятно отражается на формировании положительного общественного мнения и продвижения имиджа таджикского народа…Хорошо понимая свою общественную миссию, таджикские студенты в Пензенском Государственном Университете Российской Федерации 21 марта 2018 года на высоком организационном уровне отметили Международный праздник Навруз. На организованном*

мероприятии приняли участие и другие студенты стран Центральной Азии, в том числе Кыргызстан, Туркменистан, Казахстан, Узбекистан, а также студенты из Ирана и Турции»[5]. Реализация информационной политики, защита национальных интересов Таджикистана, а также достижения страны находится под пристальным наблюдением политиков и международных экспертов. Так, директор Делового центра экономического развития СНГ Владимир Савченко в материале под названием «Роҳбари Маркази тиҷоратии ИДМ дар бораи муваффақиятҳои Тоҷикистон суханронӣ намуд» («Глава Делового центра СНГ рассказал об успехах Таджикистана») отметил, что «*в короткие сроки Республика Таджикистан сумела преодолеть тяжкие последствия гражданской войны, политического и экономического кризиса. Статистика показывает: за последние 17 лет доходы населения Таджикистана выросли почти в 30 раз, сбережения увеличились более чем в 90 раз, а уровень бедности снизился с 83% до 30%. Благодаря верной национальной стратегии и реализации государственных программ, за последние годы экономический рост в республике в среднем достиг 7,7%*» [10].

В другом аналогичном по содержанию материале приводится высказывание Валентины Матвиенко, председателя Совета Федерации Федерального Собрания Российской Федерации, которая в частности отмечает, что «*история современного таджикского государства недооценивается. В Таджикистане сейчас происходят позитивные изменения. Таджикистан – страна, мечтающая о желаниях своих людей. Парламент Таджикистана принимает законы, ориентированные только на интересы народа страны. В то же время парламент Таджикистана всегда защищает позицию страны. В России ценят усилия Инициатора мира и национального единства, Лидера нации, Президента Республики Таджикистан Эмомали Рахмона, направленные на создании прочного мира и стабильности в стране*» [2].

О достижениях страны в плане борьбы с терроризмом говорится в материале под названием «Дар Тоҷикистон стратегияи нави мубориза бо терроризм қабул мешавад» (« Принимается новая стратегия борьбы с терроризмом в Таджикистане»): «*Таджикистан добился значительного прогресса в выполнении своих международных обязательств по предотвращению насилия и терроризма. Он призвал правительство продолжать насилие и экстремизм в стране. Мы являемся одной из немногих стран, которые сталкиваются с безопасностью и стабильностью перед лицом всех этих рисков*» [4].

Как показывает практика, на фоне развивающихся глобализационных процессов одним из важнейших элементов реализации информационной политики является обеспечение духовного обновления республики, сохранение и укрепление нравственных ценностей общества, традиций патриотизма и гуманизма, культурного потенциала страны. Как отметил Президент Республики Таджикистан Э. Рахмон на своем выступлении по случаю Дня национального единства, «*таджики поистине являются созидательным, патриотичным, цивилизованным, культурообразующим и миролюбивым народом, и способны своим единством и сплоченностью построить действительно современное демократическое, правовое и светское общество*» [3].

О важности развития в молодежной среде высокого уровня культуры, национального, патриотического самосознания свидетельствуют такие публикации, как «Посдорони сулху суботи кишвар» («Мир и стабильность в стране») («Минбари халқ», 5 июля 2018); «Миллати бофарҳанг» (« Культурная нация») («Минбари халқ», 10 мая 2018); «Ҷавонон – пайрави Эмомалӣ Раҳмон» («Молодежь – последователи Эмомали Рахмона») («Минбари халқ», 8 ноября 2017) и т.п. О таких жизненоважных сферах, как энергетика, промышленное и пищевое производство, строительство, достижения, в которых также соответствует реализации информационной политики говорится в материалах «Тоҷикистон дар ҷодаи рушди устувор» («Таджикистан придерживается устойчивого развития») («Минбари халқ», 6 ноября 2017); «Боздид аз корхонаи навбунёд» («Посещение новых предприятий») («Минбари халқ», 26 октября 2017); «Соҳибкорон дар таъмири роҳҳо саҳм доранд» («Предприниматели вносят свой вклад в ремонт дорог») («Минбари халқ», 4 августа 2016) и т.п. На основе анализа публикаций в газете Народной Демократической Партии Таджикистана «Минбари халқ» («Народная трибуна») можно сделать вывод, что целостность государства, правильное понятие и

строительство государственности, стремление к энергетической независимости, развитие экономики, промышленности, высокого уровня образования всецело находится в объективе информационной политики, проводимой правительством Таджикистана. Главной целью информационной политики является наработка и формирование позитивного имиджа или медиа-образа Таджикистана. С этой целью используется деятельность государственных СМИ, которые не только выполняют свои прямые обязанности, но и пропагандируют таджикские национальные традиции и культурные ценности, а также позиционируют страну как светское, правовое государство, придерживающееся демократических принципов. Тем самым существенно возрастает роль государственных СМИ в защите и поддержании национальных интересов, поскольку тем самым обеспечивается защита информационных границ, национальной культуры, государственного языка, а также собственных информационных ресурсов. В этом смысле привлечение СМИ в качестве основного инструмента реализация информационной политики является задачей государственного уровня.

ЛИТЕРАТУРА

1. Бритков, В.Б., Дубовской, С.В. Информационные технологии в национальном и мировом развитии // Общественные науки и современность. – 2000. – №1. – С. 142-148.
2. Валентина Матвиенко: «Тоҷикистон кишварест, ки тавонистааст орзую ормонҳои мардумашро ҷомаи амал пӯшонад»// Минбари халқ. – 2017. – №40.14 октябр.
3. Выступление Э.Рахмона по случаю Дня национального единства// https://news.tj/ru/news/tajikistan/power/20150626/210685
4. Дар Тоҷикистон стратегияи нави мубориза бо терроризм қабул мешавад// Минбари халқ. – 2018. – №27. 4 июл.
5. Кодиров, М. Донишҷӯен-сафирони сулҳ ва дӯстӣ// Минбари халқ. – 2018. – №12. 21 март.
6. 6.Малуев, П. А. Источники и функции государственной информационной политики в условиях демократии//Вестник Поволжского института управления. – 2008. – №4. – С. 25-30. 7.Панарин, И.Н. Информационная война, PR и мировая политика: Учебное пособие для вузов. – М.: Горячая линия. Телеком, 2006. – 352 с.
7. Послание Президента Таджикистана Эмомали Рахмона Парламенту страны от 15 апреля 2009 года.// http://www.president.tj/ru/node/866 9.Прохоров, Е. Л. Введение в теорию журналистики : учеб. для студентов вузов, обучающихся по направлению и специальности «Журналистика» Е.П. Прохоров. 6-е изд. – М. Изд-во МГУ, 2005. – 99 с.
8. Роҳбари Маркази тиҷоратии ИДМ дар бораи муваффақиятҳои Тоҷикистон суханронӣ намуд // Минбари халқ . – 2018. – №11. 14 март.
9. Указ президента республики Таджикистан от 30 апреля 2008 года № 451 «О Концепции государственной информационной политики Республики Таджикистан»// http://base.spinform.ru/show_doc.fwx/show_doc.fwx?rgn=22957 12.Харламова, Ю.О. СМИ как инструмент реализации государственной политики//Власть. – 2012. – №8. – С. 41-47. 13.Хомидов, Д. Б. СМИ в контексте информационной политики и информационной безопасности Республики Таджикистан://дис. канд. филолог. наук. – Душанбе, 2012. – 163 с.

СМИ КАК ИНСТРУМЕНТ РЕАЛИЗАЦИИ ИНФОРМАЦИОННОЙ ПОЛИТИКИ ТАДЖИКИСТАНА НА СОВРЕМЕННОМ ЭТАПЕ (НА ПРИМЕРЕ ГАЗЕТЫ «МИНБАРИ ХАЛК»)

Авторы статьи анализируют роль СМИ в реализации информационной политики Таджикистана на современном этапе (на примере газеты «Минбари Халк»). В статье приведены примеры практического характера из названной газеты. Показана роль информационной политики в поднятии имиджа государства.

Ключевые слова: *инструмент, реализация, глобализация, политика, информация, СМИ, газета, роль, медиа, закон, имидж.*

MASS MEDIA AS AN INSTRUMENT FOR IMPLEMENTING THE INFORMATION POLICY OF TAJIKISTAN AT THE CURRENT STAGE (ON THE EXAMPLE OF THE NEWSPAPER "MINBARI KHALK")

The authors of the article analyze the role of the media in the implementation of the information policy of Tajikistan at the present stage (on the example of the newspaper Minbari Khalk). The article presents examples of practical nature of the newspaper. The role of information policy in raising the image of the state is shown.

***Keywords**: instrument, globalization, politics, information, media, newspaper, role, media, law, image.*

Сведение об авторе:

***Муллоев Шариф Бокиевич** - доктор филологических наук, доцент, заведующий кафедрой печатных СМИ и PR Российско – Таджикского (Славянского) университета Тел.: (+992) 620 42 06 mulloev_sharif@mail.ru*

***Божко Ирина Георгиевна** - Аспирант кафедры печатных СМИ и PR Российско – Таджикский (Славянский) университет. Тел.: (+992 44) 620 42.02*

About the authors:

***Mulloyev Sharif Bokievich** - Doctor of Philology, Associate Professor, Head of the Department of Print Media and PR RTSU. tel.: + (+992 44) 620 42 06; E-mail: mulloev_sharif@mail.ru*

***Bozhko Irina Georgievna** - Postgraduate Student of the Department of Print Media and PR Russian-Tajik (Slavonic) University; Tel.: (+992 44) 620 42.06*

МУНДАРИҶАИ РУБОИЁТИ ҶАЛОЛИДДИНИ БАЛХӢ

Норова Г.

Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ

Дар адабиёти форсии тоҷикӣ жанри рубоӣ мақом ва ҷойгоҳи хосса дорад ва дар маҷмӯъ намунаҳои зиёди он то замони мо расидаанд, ки дар мавзӯву масъалаҳои гуногуни зиндагӣ эҷод шудаанд ва дар девону куллиёти ҳамаи шоирон ба рубоӣ дучор меоем. Дар назари аввал эҷоди рубоӣ ба назар осон менамояд, аммо дар ин чаҳор мисраъ ғунҷонидан ва ҷой додани як маънии том ё як нуктаи муҳим аз шоир маҳорату малакаи зиёдро тақозо дорад. Ҳунари шоир дар баёни масъала ё мавзӯи муҳим дар ҳамин чаҳор мисраъ ҳувайдо мегардад.

Яке аз жанрҳои маъмул ва хеле серистифодаи шифоҳиву хаттии адабиёти форсии тоҷикӣ рубоӣ мебошад. Нахустин намунаҳои дастраси рубоиро дар осори боқимондаи шоирони ҳамасри Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ – Шаҳиди Балхӣ, Абӯшакури Балхӣ, Аммораи Марвазӣ, Сонеи Балхӣ ва дигарон дучор меоем, ки аз таърихи куҳан доштани ин жанри паҳншудаи адабиёти мо гувоҳӣ медиҳад. Рубоӣ дар мавзӯъҳои мухталифи зиндагӣ бо як назокати баланди шоирона ва рӯҳияи некбинона эҷод мешавад. Аз нуқтаи назари ҷузъиёти шаклӣ ва мундариҷаи ғоявӣ рубоӣ аз жанрҳои нодири лирикӣ маҳсуб мешавад, ки шакл ба мундариҷа дар мутобиқати баланд баён мегардад.

Аз рубоиёти баландмазмуни ҳикамии Рӯдакӣ сар карда, то рубоиёти фалсафии Абӯсаиди Абулхайру Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ, Умари Хайём ва орифонаи Абдураҳмони Ҷомиву Абдулқодири Бедил ин жанри ҷолиби лирикӣ дар куллиёту девони шоирони мухталиф ва дар сафаҳоти баёзу чунгу сафинаҳои мухталиф ҷойгоҳи хос дорад, ки «ба қонунияти эҷодии ин жанри дилписанди лирикӣ комилан мувофиқат дорад ва вежагиҳои хоси худро дорост» [1, с.12]. Рубоиёти халқӣ ва таълифӣ асосан дар як баҳр – баҳри ҳазаҷ ва шохаҳои мухталифи он эҷод шуда, ду тарзи қофиябандӣ – ААБА ва АААА дорад, ки рубоиҳои ба тарзи қофиябандии ААБА эҷодшударо маъмулан рубоии хасӣ ва ба тарзи қофиябандии АААА навишташударо рубоии тарона меноманд, ки ин ҳар ду тарзи қофиябандӣ дар эҷодиёти шоирони классик ва муосир ба назар мерасад. Шакли дигар – рубоии мустазод низ ба назар мерасад, ки намунаҳои онро дар адабиёти хаттии асрҳои XVII ба баъд ба мушоҳида мегирем ва чунин рубоиҳои таълифӣ ва фолклорӣ низ зиёданд.

Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ [1207-1273] яке аз «бузургтарин шоирони ғазалсаро, эҷодгари маснавӣ ва рубоигӯй аст, ки дар маҷмӯъ аз ӯ то рӯзгори мо 1659 рубоӣ расидааст» [2, с.21]. Ин рубоиҳо дар мавридҳо ва мавзӯъҳои гуногун эҷод шуда, як навъ баёнгари эҳсосоти ботинии шоир аст. Аз таҳлили рубоиҳои Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ ба назар мерасад, ки ӯ ба ин жанри хеле густарда ва серистеъмоли адабиёти форсии тоҷикӣ як муҳаббат ва дилбастагии зиёд дорад.

Рубоиёти Ҷалолиддини Балхӣ дар мавзӯъҳои мухталиф гуфта шудаанд, ки метавон онҳоро чунин дастабандӣ кард:

Ишқ. Рубоиёти Мавлоно фарогири ишқи илоҳӣ (ирфонӣ) ва ишқи

заминӣ ё инсонист, ки дар намунаи мисолҳои зиёд метавонем онҳоро таҳлилу бозгӯӣ кунем, мисол:

Эй хоҷа туро ғами ҷамолу ҷоҳ аст,
В-андешаи боғу роғу хирмангоҳ аст.
Мо сӯхтагони олами тавҳидем,
Моро сари ло илоҳа илаллоҳ аст. [4,23]
Ё: Эй толиб агар туро сари ин роҳ аст,
В-андар сари ту ҳавои ин даргоҳ аст.
Мифтоҳу футӯҳи аҳли ҳақ донӣ чист?

Хуш гуфтани ло илоҳа илаллоҳ аст. [4,26], ки ин ҷо ифодаи арабии «ло илоҳа илаллоҳ», маънои «нест Худое барҳақ» мебошад, ки назди орифоне мисли Мавлоно баёнгари муҳаббати ӯ ба Холиқи худ аст. Мавлоно ин ҷо чунин андеша дорад, ки дигарон дар ғами ҷамолу ҷоҳу боғу роғанд ва мо дар ғами холиқи хешем ва муҳаббати мо танҳо ба маъбуди барҳақ аст. Ин ҳар ду рубоии навъи хасӣ аст, ки ба тарзи қофиябандии АААБА сохта шудаанд ва қофияҳои солим доранд.

Мавлоно дар рубоии дигар вобаста ба баёни ишқи илоҳӣ масъалаи фалсафии ҷони инсонро, ки аз олами улвӣ (боло) ба замин омадаву боз баъди фавт кардан рӯҳи одамӣ ба осмонҳо меравад, баён доштааст:

Аз ишқ дило, на бар зиён хоҳӣ шуд,
Беҷон зи куҷо шавӣ, ки ҷон хоҳӣ шуд.
Аввал ба замин аз осмон омадаӣ,

Охир зи замин бар осмон хоҳӣ шуд. [4,45], ки ин намуна рубоии тарона буда, қофиябандияш АААА мебошад.

Намунаҳои дигар, ки ишқи маҷозиро ифода мекунанд:
Бе ишқ нишоту ишрат афзун нашавад,
Бе ишқ вуҷуд хубу мавзун нашавад.
Сад қатра зи абр агар ба дарё борад,

Бе ҷунбиши ишқ дурри макнун нашавад. [4,39]. Ин рубоӣ баёнгари маънӣ ва қудрату қувваи бузурги ишқ аст, ки маҳз аз ишқу муҳаббат нишоту ишрати воқеӣ ба даст меояд ва оламу одам тавассути ишқ бино ёфтааст. Ба гуфтаи Мавлоно агар сад қатра ва ҳазор қатра абр ба дарё борад, ҳеҷ гоҳ дурри макнун ё марворид нахоҳад шуд.

Ва:

Он зулфи сиёҳу қади раънош нигар,
Ширинии он лаъли шакархош нигар.
Гуфтам, ки: - «Зи кӯҳи ҳусн як бӯса бидеҳ»,

Баргашту ба ханда гуфт:- «Савдош нигар». [4,65]. Дар ин рубоӣ қадди раънову зулфи сиёҳу ширинии гуфтори маъшуқа дар тасвири ҷолиб омада, байти дуюм, ки тариқи пурсишу посух ҷараён гирифтааст, як навъ нозу истиғнои маъшуқаро ифода мекунад ва маъшуқа бо нозу карашма бӯсахоҳии ошиқро «савдо», яъне сухан ва хоҳиши беҳуда хондааст. Дар маҷмӯъ, зулфи сиёҳу қадди раънову ширинии гуфтори маъшуқа кӯҳи ҳуснро ташкил додаанд ва шоир маъшуқаро зебо тасвир кардааст.

2.Некӣ кардан. Вобаста ба ин масъала мо ду рубоии Мавлоноро ба таҳлил мегирем.

Рав, некӣ кун, ки даҳр некӣ донад,
Ӯ некиро зи некувон настонад.
Мол аз ҳама монду аз ту ҳам хоҳад монд,
Он беҳ, ки ба ҷои мол некӣ монад. [4, с.70]

Мавлоно дар ин рубоӣ хонандаро ба некӣ кардан, ки аз фазилатҳои беҳтарини инсонӣ мебошад, даъват мекунад ва мегӯяд, ки дар дунё амали нек ҳаргиз фаромӯш намешавад ва

амали неки ту ҳаргиз аз ту бозпас гирифта намешавад. Молу ҷоҳу чизи дунё аз сари ҳама мемонад ва беҳтар он аст, ки ба ҷои молу дорӣ аз ту некӣ бимонад. Мавлоно дар рубоии дигар барои некӣ кардан чунин гуфтааст:

Бад мекуниву нек тамаъ медорӣ,
Ҳам бад бошад сазои бадкирдорӣ.
Бо ин ки Худованд карим асту раҳим,
Гандум надиҳад бор, чу ҷав мекорӣ. [4,82]

Дар ин рубоӣ шоир бадкирдориро мазаммат мекунад ва таъкид менамояд, ки ту амали бад кардаӣ ва умеди некӣ дорӣ ва подоши ин кирдор албатта бадӣ аст. Дар ин рубоӣ дар мисраи чаҳорум шоир мақоли машҳури «Гандум корӣ, гандум бардорӣ, ҷав корӣ ҷав»-ро истифода бурдааст, ки ба рубоӣ маъно афзудааст.

3.Илм омӯхтан.

Дар рубоии дигар шоир хонандагонро ба илмомӯзӣ ва ифтихори наслу аҷдод будан даъват мекунад ва мегӯяд, ки дар ҳар ҷо агар хоҳӣ, ки соҳибэҳтиром бошӣ ва азизу маҳрам, бояд ки росту дуруст зиндагӣ бикунӣ ва илм омӯзӣ, то тоҷи наберагони Одам гардӣ:

Хоҳӣ, ки ҳамеша шоду хуррам бошӣ,
Ҳар ҷо, ки равӣ, азизу маҳрам бошӣ,
Покиза шаву рост бизӣ, илм омӯз,
То тоҷи наберагони Одам бошӣ. [4,74]

4.Панду ахлоқӣ. Мавлоно дар ин мавзӯъ рубоиёти хеле зиёд дорад ва мо баҳри ба дарозо накашидан дар ин ҷо чанд намунаро вобаста ба масъалаҳои гуногун меорем:

Аз ҳодисаи ҷаҳони зоянда матарс,
В-аз ҳар чи расад чу нест поянда матарс.
Ин як дами умрро ғанимат медон,

Аз рафта маяндешу зи оянда матарс. [4,93], ки ин ҷо шоир масъалаи ғанимат донистани ҳар лаҳзаи зиндагӣ ва аз пешомад натарсиданро талқин мекунад ва дар мисраи чаҳорум мақолаи «Аз рафта наяндешидан ва аз оянда натарсидан»-ро бамаврид ба кор бурдааст.

Бе тоати дин биҳишти раҳмон маталаб,
Бе хотими ҳақ мулки Сулаймон маталаб.
Чун оқибати кор аҷал хоҳад буд,

Озори дили ҳеҷ мусулмон маталаб. [4,121] Шоир дар ин рубоӣ дилозорӣ накарданро талаб дорад, ки дили касеро озурдан аз амалҳои хеле бади инсонист.

Мавлоно дар рубоии зер ҳимматбаландиро талқин мекунад ва мегӯяд, ки дар ҳиммат ба мисли боз бош ва ҳамчун паланг бовиқор:

Бо ҳиммат боз бошу бо кибр паланг,
Зебо ба гаҳи шикору пирӯз ба ҷанг.
Кам кун бари андалебу товус диранг,

К-он ҷо ҳама гуфт бошад, ин ҷо ҳама ранг. [4,112], яъне ба андешаи шоир на мисли андалебу товус, балки мисли бозу паланг бояд буд, ки инҳо рамзи далерӣ ва шуҷоатанд.

Ҳамин тавр, рубоиёти Мавлоно дар мавзӯъҳои гуногуни зиндагӣ гуфта шудаанд, ки бо овардани ҳамин мисолҳо кифоят мекунем.

Забони рубоиёти Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ мисли дигар ашъори лирикӣ ва насраш хеле равону салис аст ва аз нигоҳи бадеият дар рубоиҳо қофияҳои сареҳи яктаркиба ва дутаркиба ва радифҳои содаву мураккаб корбаст гардидаанд. Тавре баён намудем, аз Мавлоно то замони мо 1659 рубоӣ расидаанд ва шояд миқдори рубоиёти ӯ аз ин бештар бошад, ки тадқиқоти матншиносӣ нашудаанд ва дар саҳифаҳои осори дигар маҳфуз мондаанд. Мавлоно тавонистааст, ки дар ин чаҳор мисраъҳо як чаҳон андешаи баланди худро дар мавзӯъҳои мухталиф бозгӯӣ кунад.

АДАБИЁТ

1.Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ. Девони Кабир. Ҷилди 1.-Душанбе:Ирфон, 1989.-430 с.

2.Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ. Девони Кабир.Ҷилди 2.-Душанбе:Ирфон, 1991.-510 с.
3.Гузидаи ғазалиёти Шамс. (маҷмӯи ғазалҳои Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ). Таҳияи Муҳаммадризо Шафеии Кадканӣ.-Техрон, 1367 х.324 с.
4.Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ. Рубоиёт.-Душанбе:Маориф, 1990.-160 с.

СОДЕРЖАНИЕ ЧЕТВЕРОСТИШИЯ ДЖАЛОЛИДДИНА БАЛХИ

Джалолиддин Балхи является одним из великих поэтов персидско-таджикской классической литературы, который оставил после себя громадное литературное наследие в виде газель, маснави и рубаи. Мавлоно Джалолиддин Балхи написал более 1659 рубаи, которые охватывают различные темы в том числе любви, социальные темы, назидания и др. Статья посвящена изучению литературной специфики рубаи Мавлоно Джалолиддин Балхи. Поэт в своих рубаи использовал очень много народных пословицы и поговорк, которые при давали стихам красоту и изящность.

Ключевые слова: *Джалолиддин Балхи, жанр, газель, маснави, рубаи, любви, назидание, классической литературы, пословицы, язык, наука, строка, мистицизм.*

CONTENT OF THE QUATRAIN OF JALOLIDDIN BALKHI

Jaloliddin Balkhi is one of the great poets of the Persian-Tajik classical literature, which left behind a huge literary heritage in the form of gazelles, masnavas and rubai. Mavlono Jaloliddin Balkhi wrote more than 1659 rubai, which covers various topics including love, social topics, edification, etc. The article is devoted to the study of the specifics of rubab Mavlono Jaloliddin Balkhi. The poet in his rubai used a lot of folk proverbs and sayings that gave poetry beauty and elegance.

Keywords*: Jaloliddin Balkhi, genre, gazelle, Masnavi, rubai, love, edification, classical literature, proverbs, language, science, line, mysticism.*

Сведения об авторе:

Норова Гулчехра *- старший преподаватель кафедры теории и истории литературы ТГПУ им.Садриддина Айни: тел: (+992)935314731.*

About the author:

Norova Gulchehra *- senior teacher in the Department of Theory and History of Literature of the TSPU named after Sadriddin Aini; tel.: (+992)935314731.*

ҚАЙДҲОИ ЛУҒАВИИ ФАРҲАНГИ «АНҶУМАНОРОИ НОСИРӢ»-И РИЗОҚУЛИХОН ҲИДОЯТ (ДАР АСОСИ МАҚОЛАИ СЕЮМ ВА ЧАҲОРУМИ ФАРҲАНГ)

Одинаева Ш.Н.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Яке аз унсурҳои муҳими пайдоиши илми фарҳангнигорӣ дар забоншиносии форсу тоҷик ин робитаҳои густурдаи ниёгони мо бо миллатҳои гуногун мебошад, ки дар натиҷаи он ба забони форсӣ-тоҷикӣ вожаҳо ва истилоҳоти зиёде аз забонҳои ғайр дохил шудаанд. Зарурияти ба миён омадани илми луғатнигорӣ ё фарҳангнигорӣ низ дар он аст, ки дарки мафҳуми ин гуна вожаҳои иқтибосӣ ё айнан қабулшуда барои мардуми табақаҳои гуногун душвор гардида буд.

Дар ин замина аввалин фарҳангномаҳо таълиф гардидаанд, ки баъзе аз онҳо то ба замони мо нарасидаанд. Давраи пешрафти илми фарҳангнигории форсу тоҷик аз асрҳои миёна оғоз шуда, то даврони муосир ба тадриҷ ташаккулу таҳаввул карда, дар ин замина осори зиёде таълиф гардидааст. Аммо фарҳангномаҳое, ки дар давраҳои гузашта таълиф шудаанд, дар замони кунунӣ наметавонанд ба талабот ҷавобгӯ бошанд. Зеро, аксар калимоте, ки дар фарҳангҳои то асри XX таълиф гардида корбаст шудаанд, имрӯзҳо ҳамчун калимаҳои кӯҳна ва аз истеъмол беруншуда маҳсуб меёбанд. Вале дар маҷмӯъ, асарҳои фарҳангнигорони гузашта барои ганӣ сохтани таркиби луғавии забони муосири илмиву адабии тоҷик ҳанӯз ҳам арзишу аҳамияти баланд доранд.

Фарҳанги «Анҷуманорои Носирӣ», ки дар даврони муосир ва дар пайравии фарҳангҳои пешин таълиф гардидааст, гунае аз «Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ», «Фарҳанги Рашидӣ» ва «Бурҳони қотеъ» мебошад. Муаллиф бархе аз вожаҳоро аз луғати «Бурҳони қотеъ» айнан, бе ягон таҳқиқи илмӣ овардааст, ки дар натиҷа ба фарҳангномаи ӯ баъзе костагию нуқсон роҳ ёфтааст. Фарҳанги «Анҷуманорои Носирӣ» дар се бахш таълиф гардида, қисмати аввал муқаддимаи китоб аст, ки он аз мақолаҳои лексикӣ-грамматикӣ таркиб ёфтааст. Қисмати дуюм бахши асосии китоб буда, муаллиф ба таҳқиқи вожагони форсӣ-тоҷикӣ пардохтааст. Қисмати сеюм шомили киноёт ва истиороти забони форсӣ-тоҷикӣ ва арабист, ки бо мисолҳо аз ашъори бузургони адабиёти тоҷику форс шарҳу тавзеҳ дода шудаанд.

Тавре ки зикр карда шуд, дар ҳамаи мақолаҳои фарҳанг қайдҳои луғавӣ ба назар мерасанд, ки таҳқиқи муфассали ҳамаи онҳо дар як мақолда ғайри имкон мебошад. Бинобар ин, мо дар ин мақола кӯшиш кардем аз тариқи таҳлили мақолаи сеюм ва чоруми фарҳанги «Анҷуманорои Носирӣ» бархе аз хусусиятҳои луғавии ин фарҳангномаро ошкор намоем.

Қабл аз пардохтан ба таҳқиқи ин масъала, таъкид менамоем, ки услуби забони муаллиф ва равиши пешгирифтаи ӯ сода буда, ҳадафи асосии ӯ навиштани фарҳангномаи форсӣ-тоҷикӣ ва таҳқиқи вожагони ин забон аст.

Дар мақолаи сеюми фарҳанг муаллиф мегӯяд: «Бар арбоби инсоф равшан аст, ки саҳв ва хато аз хасоиси навъи башар аст ва манзур аз сабт ва исботи он тахфиф ва таҳҷини мусаннифон кутуби гузашта нест, балки таҳқиқи луғоти порсӣ аст» [4; 21,]. Дар ин қисмат ба таҳлили бархе аз луғот мепардозад, ки соҳибони фарҳангҳо дар он иштибоҳ ва саҳв кардаанд, аз ҷумла:

Вожаи **ҳан (هن)** дар «Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ», «Фарҳанги Рашидӣ» ва «Бурҳони қотеъ» бо аввали мафтуҳ, ба маънии «миннат» омада ва мустанад ба шеъри Рудакӣ шудааст, яъне:

Гар ҳама неъмат як рӯз ба мо бахшад,
Наниҳад минат бар мову пазирад ***ҳан*** *[10;с.1913].*

Ҳол он ки Ризоқулихони Ҳидоят ин калимаро ғалат дониста, мегӯяд: «дар ин луғат се саҳву хато дида мешавад, аввал ин ки **ҳан** (هن) нест, **мин** (من) аст, дуввум ин ки шеър аз Рӯдакӣ нест, аз Фаррухӣ аст ва саввум ин ки ин луғат порсӣ нест, балки арабӣ аст».

Гар ҳама неъмат як рӯз ба мо бахшад,
Наниҳад минат бар мову пазирад ***мин*** *[4,12].*

Вожаи дигаре, ки дар ин мақола Ҳидоят зикр кардааст, **обискун** (آبسکون) мебошад, ки дар «Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ» номи ҷазираест дар Астаробод, ки рӯдхонаи Обгӯн аз ҷониби Хоразм ба дарёи Хазар мерехтааст ва маҳали пайвастани рӯди Обгӯнро ба дарёи Хазар Обискун мегуфтаанд, чун ҳангоми оби рӯд ба дарё наздик мешуд, бо оҳанг ва сукун мерехт ва ҷазира, ки дар он ҷо воқеъ буд, онро Об-сукун мегуфтаанд [9; 79-80]. Вале дар фарҳанги «Анҷуманорои Носирӣ» ва «Сафоратномаи Хоразм» Ризоқулихон Ҳидоят мафҳуми ин вожаро номи рӯде дар се фарсахи Астаробод, ки аз сӯи Хоразм меояд ва ба дарёи Хазар мерезад ва маҳали рехтани онро Об-сукун мегӯянд, донистааст. Инчунин таъкид кардааст, ки ҳокими Мозандарон хост бар канори дарё биное бисозад, осоре зоҳир мешавад ва он осор бақоёи Обсукуни куҳан будааст, аммо аз он осор ё бандаргоҳи Обискун чизе барҷо намондааст [4;12]. Вожаи **бистом** (بستام) дар «Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ» ва луғати «Бурҳони қотеъ» ба маънии **марҷон** омадааст ва соҳиби «Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ» байтеро аз Хусравӣ Деҳлавӣ овардааст.

Ҷаҳон ки пеши хирадманд дафтари заҳак аст,
Ба нимханда наярзад аз он лаби ***бистом*** *[9;1272].*

Вале дар фарҳанги «Анҷуманорои Носирӣ» ба маънии **бисёр хандон** зикр гардидааст [4; 12]. **Парвез** (پرویز) дар «Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ» ва «Бурҳони қотеъ» ба маънии моҳӣ омадааст ва чун Хусрав писари Анушервон моҳиро бисёр дӯст медошт, лақаби ӯро Парвез мегуфтаанд. Ин вожа мухаффафи **парвезан** аст, ки ба маънии **олати безандаи орду шакар** мебошад. Инчунин онро **парвин** низ мегӯянд, ки ситораи кӯҳони Савр бошад [2; 235]. Нуктаи таъкидии Ҳидоят дар таҳлили маънии ин вожа дар он аст, ки **парвез** ба ба маънии **парвин** омадан дуруст аст ва барои мисол байтеро аз Назори Қаҳистонӣ овардааст.

Замона хоки ту ҳам оқибат ба парвезан,
Фурӯ гузорад агар моварои парвизӣ [4; с.13].

Пашон (پشان) дар «Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ» бар вазни чашон ва онро пашон ё фашон низ мегӯянд ва ба маънии гузр дониста шудааст, дар луғати «Бурҳони қотеъ» бар вазн ва маънии чашон аст ва маънии чашонро дар як фарҳанг лафзи гузр (گذر) бо «зол»-и нуқтадор навишта ва дар фарҳанги дигар гузр (گزر) ба «зо»-и нуқтадор омадааст. Вале ба назари Ҳидоят ин вожа бо навишатни ин ду ҳарф хатост, зеро чашон ба маънии гурз (گرز) аст, ки он олоти машҳури ҷанг аст, на гузр (گذر) ба «зол»-и муъҷам аст ва на гузр (گرز) ба «зо»-и муъҷам [4; 13] **Чоч** (چاچ) шаҳрест дар Мовароуннаҳр ва **чочӣ** низ мансуб ба ҳамин вожа аст. Дар «Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ» ба маънии **хирмани ғалла** омада, чочкадо, яъне **кадои хирман** донистааст. Ба назари Ризоқулихон Ҳидоят чошкадонро чочкадот гуфтан ва **кадои хирман** маънидод кардан хатост, зеро чошакадон бо фатҳаи «шин» бар вазни шодравон ба маънии **зарф** ва **суфра** аст, ки таоми рӯзро чошт мегӯянд ва он таоми шом аст, ки рӯи суфра мегузоранд ва вақти чошт ба кор мебаранд, инчунин чошдон ва чоштдон низ мегӯянд [4; 14]. Дар луғати «Бурҳони қотеъ» ҳам ба маънии номи шаҳр дар Мовароуннаҳр, ки ба Тошканд машҳур аст ва ҳам ба маънии **ғаллаи поккарда** омадааст [2; 333]. Дар ин қисмат бештар вожаҳое ба назар мерасанд, ки ба назари Ризоқулихон Ҳидоят соҳибони «Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ» ва «Бурҳони қотеъ» дар шарҳи мафҳум, талаффуз ва тағйири баъзе аз ҳуруфи вожаҳо хато кардаанд.

Мақолаи чоруми фарҳанг дар воқеъ идомаи ҳамон мақолаи сеюм аст, бо ин тафовут, ки дар ин ҷо таъкиди муҳаққиқ бар иштибоҳоти луғати «Бурҳони қотеъ» аст. Ризоқулихон Ҳидоят дар ин мақола ба таҳлили вожаҳо даст зада, маънии якояки онҳоро зикр намудааст. Масалан, муаллиф дар аввали ин мақола мегӯяд: «**Искандария** (اسکندریه) шаҳрест аз тавобеи Миср бар канори дарёи Рум» [4; 16]. Соҳиби «Бурҳони қотеъ» менависад, номи шаҳри бинокардаи Искандар дар канори дарё ба сарҳадди Фаранг аст [2; 96]. **Истахр** (استخر) (ба «син» ва «то»-и порсӣ ва ба «сод» ва «то»-и муарраби (اصطخر)) номи қалъаест машҳур дар Форс, вале тавре ки аз таҳлили соҳиби «Бурҳони қотеъ» бар меояд, «اسطخر» (истахр) муарраби «استخر» буда ва он қалъаест дар мулки Форс. Чун дар он қалъа толоби бузурге будааст, бинобар он ба ин ном иштиҳор ёфтааст. Ва обгир ва толобро низ гуфтаанд [2; 92]. **Андалус** (اندلوس) ба фатҳи аввалу солис ва заммаи чаҳорум мулкест аз музофоти мамлакати Испониё, ки дар замони Абдулмалик ибни Марвон ба дасти сипоҳи Ислом фатҳ шуда, муаррихини араб ҳамаи он вилоятро Андалус мегуфтаанд. Аммо дар луғати «Бурҳони қотеъ» ба заммаи аввалу солис ва «лом»-у сукуни сонӣ, яъне **Ундулус** номи шаҳрест дар ҳудуди Мағриб, номи ҷазирае ҳам ҳаст дар болои кӯҳе ва ба ҳар ду маънӣ ба фатҳи аввалу солис ва робеъ, яъне **Андалас** ҳам омадааст [4; 16]. **Чаҳорпояк** (چهارپايك) номи марзест, ки онро ба арабӣ **қамқом** (قمقام) гӯянд [4; 16]. Мусаннифи «Бурҳони қотеъ» ин вожаро **чаҳорбомак** навишта, «ё»-ро «мим» донистааст [2; 361]. **Чахӣ (چخي)**, яъне **ситезакунӣ** ва **дамзанӣ**. Маънии ин вожа ҳам дар луғати «Бурҳони қотеъ» ва ҳам дар фарҳанги «Анҷуманорои Носирӣ» як аст, тафовут танҳо дар ҳаракоти калима дида мешавад, ки дар «Бурҳони қотеъ» ба касраи аввалу сукуни сонӣ, яъне **чихӣ** омадааст [2; 340]. Вале дар фарҳанги «Анҷуманорои Носирӣ» ба фатҳи аввал ва касраи сонӣ, яъне **чахӣ** зикр гардидааст [4; 16]. **Чакок** (چكاك) дар луғати «Бурҳони қотеъ» бар вазни ҳалок омадааст, ки ба маънии **пешонӣ** бошад, арабҳо **носия** гӯянд, **қаболанавис** ва **маншурнависро** низ мегӯянд ва инчунин маънии **дурру гавҳар сурох карданро** дорад [2; 351]. Ба назари Ҳидоят ин маънӣ хатост ва мегӯяд: «**чакод** ва **чакода** ба маънии **торак**, яъне **миёни сар** аст, ки он пешонӣ нест, ба маънии **қаболанавис** низ омаданаш хатост, **чакок** набуда, балки **сакок** аст, зеро **сак** муарраби **чак** буда, арабӣ аст. Ба маънии сеюм, яъне касеро гӯянд дурру гавҳар сурох мекунад ин ҳам хатост, чунки он аз калимаи арабии **ҳакок** аст» [4; 16]. **Зурроқин** (ذراقن) ба маънии **шафтолу**, ки арабон онро **хавх** мегӯянд омадааст ва аз луғати аҳли Шом аст [4; 16]. Дар луғати «Бурҳони қотеъ» **дарофис** (درافس) бар вазни **ҳаводис** омадааст ва ба луғати аҳли Шом шафтолу бошад, меваест машҳур, ки ба арабӣ онро **хавх** (خوخ) гӯянд [3; 13]. **Демос** (ديماس) ба маънии **пушидагӣ** ва **хонаи ҳайвонот**, ки дар зери замин пинҳон аст, зикр шудааст [4; 16]. Вале дар «Бурҳони қотеъ»

демос бар вазни **ревос** тарҷумаи тавзеҳ бошад, ки аз возеҳ шудан ва зоҳир гардидан аст [3; 53]. **Дуфус** (دوفص) ба луғати аҳолии Мағриб пиёз аст, ки арабон онро **басал** (بصل) гӯянд [4; 16]. Дар «Бурҳони қотеъ» **дуқус** ба ҳамон маънӣ, ки дар фарҳанги «Анҷуманорои Носирӣ» омадааст, вале тафовут танҳо дар бадалшавии «фо» ба «қоф» дида мешавад [3; 46]. Вожае, ки ба назари Ҳидоят мусаннифи «Бурҳони қотеъ» ғалати маҳз кардааст, вожаи **рашк** (رشك) аст, ки ба маънии **ғайрат** ва **ҳасад** омадааст. Инчунин ба маънии **ғуюр, уҷуб** ва **такаббур** низ зикр шудааст. Маънии дигараш **кирме** бошад, ки арабон онро **суввоб** гӯянд, яъне **ақраб** ва **каждум,** дар маънии чорум **тухми сипиш** гуфтааст [3; 69]. Ризоқулихони Ҳидоят баёни маънии рашкро дар фарҳанги худ чунин овардааст: «аввал он ки **рашк** ба маънии **кирм** нест, зеро ки дар фарҳангҳо **рашк** ба маънии **тухми сипиш** аст ва он ғайри кирм аст, дуввум он ки кирми мазкурро арабон **суввоб** гӯянд, ин низ хатост, чунки дар арабӣ суввоба бар вазни азоба ҳамон **тухми сипиш** аст на ба маънии кирм, саввум он ки **рашк** ба маънии **уҷуб** ва **такаббур** дар ҳеҷ як китоби луғот дида намешавад» [4; 16]. **Зибарқон** (زبرقان) дар фарҳанги «Анҷуманорои Носирӣ» (бо «бо»-и абҷад ва аввали кусур) ба маънии **моҳ** омадааст [4; 16]. Соҳиби «Бурҳони қотеъ» мегӯяд: «**зирқон** (زیرقان) бар вазни шерхон номи моҳест аз моҳҳои маликӣ» [3; 114]. Ба назари Ризоқулихони Ҳидоят дар ин ҷо ду хато шудааст, яке он ки ҳарфи «бо»-ро «ё» дониста ва дигар он ки қамарро моҳи маликшоҳӣ гуфтааст. Дар «Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ» низ дар ин калима хато карда, ҳарфи «қоф»-ро «фо» дониста, **зибарфон** (زبرفان) гуфтааст [4; 17]. Вожаи **сақин** (سقین) дар фарҳанги «Анҷуманорои Носирӣ» ба фатҳи «син» ва касраи «қоф» омада, муаллиф онро номи вилояте дар Туркистон донистааст. Соҳиби «Бурҳони қотеъ» мегӯяд вилоятест ғайри маълум [4;17]. Вожаи **ширбахт** (شیربخت)-ро Ризоқулихони Ҳидоят **кунҷид** мегӯяд. Муаллифи «Бурҳони қотеъ» «бо»-и тозиро «бо»-и порсӣ дониста, онро **ширпахт** (شیرپخت) гуфтааст [4;17]. **Узро** (عزرا) дар «Фарҳанги Рашидӣ» ва фарҳангҳои дигар ба фатҳи аввал, яъне **Азро** омада, онро номи маъшуқаи Вомиқ донистаанд [4; 17]. Мусаннифи «Бурҳони қотеъ» ин калимаро ба замма навишта, чанд маънои онро баён кардааст, ки яке аз он маънӣ номи маъшуқаи Вомиқ аст [3; 263]. Вожаи **ғотфар** (غاتفر) дар «Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ» ва «Фарҳанги Рашидӣ» бо ҳарфи «фо» омада, вале дар «Бурҳони қотеъ» бо «қоф», яъне **ғотқар** (غاتقر) бар вазни **кошғар** зикр шуда, муаллиф онро номи шаҳре аз шаҳрҳои Туркистон дониста, инчунин номи маҳаллае аз маҳаллаҳои Самарқанд низ гуфтааст. Дар фарҳанги «Анҷуманорои Носирӣ» вожаи **ғарнота** (غرناطه) ба маънои номи шаҳре аз музофоти Андалус омадааст [4; 17]. Аммо соҳиби «Бурҳони қотеъ» онро номи вилояте аз вилоятҳои Ҳиндустон дониста, ба забони аҳли он сарзамин Карнотак гӯянд [4; 277]. **Қумс** (قومس) ба маънои номи шаҳре аз вилояти Дамғон омадааст, ки ба замми «қоф» ва сукуни «вов» хонда мешавад, ин калимаро аз назари Ризоқулихони Ҳидоят **кумс** (کومس) ва **кумш** (کومش) низ мехондаанд [4; 17]. Аммо дар «Бурҳони қотеъ» **фармус** (فرمس) бо аввали фатҳа, сукуни сонӣ ва заммаи солис омадааст, ки ба забони форсии қадим номи шаҳри Домғон будааст [3; 304]. Ба назари Ризоқулихон Ҳидоят хатое, ки мусаннифи «Бурҳони қотеъ» дар ин калима даст додааст, ин аст, ки «қоф»-ро «фо» ва «вов»-ро «ро» донистааст. Инчунин Ҳидоят вожаи **фаг** ва **фуғситон** (فغ و فغستان)-ро бар вазни маг (مغ) ба маънии **бут** донистааст, ки онро арабон **санам** хонанд ва **фуғситон** занони подшоҳ ва гоҳе бар муфрад низ истеъмол кардаанд [4; 17]. Дар «Бурҳони қотеъ» вожаи **фаг**ро аз луғати Фарғона ва Мовароуннаҳр ба маънии **бут** овардааст, маънии дигараш бошад **маъшуқ, ёр, дӯст** ва **мусоҳиб** омадааст, инчунин киноя аз ҷавонони хубсурат ва соҳибҳусн ҳам кардааст ва вожаи **фуғситонро** бар вазни гулистон ба маънии **бутхона** ва **буткада** овардааст, ба назари Муҳаммад Ҳусайни Бурҳон ҳамсарони подшоҳонро низ гӯянд, инчунин киноя аз **хубсуратон** ва **соҳибҳуснон** низ кардааст. «Ва агар, мегӯяд ӯ, ба замми аввал ва солис, яъне **фуғсутон** бошад, маънии сурати салотин ва умароро дорад» [3; 313]. Вожаи **каргадан** (کرگدن) дар фарҳанги «Анҷуманорои Носирӣ» ба маънои номи ҷонвари машҳур омадааст, ки филро ҳалок кунад ва як шох дар пешонӣ дорад. Дар луғати «Бурҳони қотеъ» ба маънии ҷонваре омадааст, ки шабеҳи гов бошад ва дар сари бинӣ шохе дорад ва хорҳо бар пушти ӯ монанди сутун аст. Баъзеҳо онро фили обӣ донистаанд ва муарраби **курказзан**

(کرکزن) ба замми кофи аввал ва фатҳаи кофи дуввум ва зои нуқтадори мушаддад гуфтаанд [3; 368]. Вожаи **курух** (کروخ) дар фарҳанги «Анҷуманорои Носирӣ» ба замми «коф» ва ба маънии номи қаряе аз музофоти Ҳирот омадааст. Баъзеҳо **карух**, яъне бо фатҳи «коф» донистаанд [4; 17]. Дар луғати «Бурҳони қотеъ» **курух** (کروخ) ба маънии номи қаряе аз қурои олам дониста мешавад [3; 371].

Аз омӯзишу баррасии мақолаи чоруми фарҳанги «Анҷуманорои Носирӣ» маълум мегардад, ки дар ин қисмат муаллиф бештар ба шарҳу таҳлили луғавии вожаҳои луғати «Бурҳони қотеъ» пардохтааст.

Тавре ки зикр карда шуд, Ризоқулихон Ҳидоят дар таълифи фарҳанг шеваи тақлидиро пеш гирифтааст. Аз ин рӯ, шеваи тақлидии ӯ боиси дар фарҳанг роҳ ёфтани бархе аз калимаҳои арабӣ, туркӣ, ҳиндӣ ва юнонӣ гаштааст.

Вожаҳои арабие, ки дар фарҳанги «Анҷуманорои Носирӣ» роҳ ёфтаанд:

Базла (بذله) [bazle] – вожаи арабӣ буда, дар фарҳангҳои тафсирӣ ба маънои ҳазлу шӯхӣ, латифагӯӣ омадааст [8; 877]. **Барот** (برات) [barāt] – аз вожаи арабии براءة, яъне бонкдорӣ, ба маънои санаде, ки барои баротгир лозим аст, маънои дигараш расиде аст, ки дар ивази дарёфти пул ва ё колое ба оваранда дода мешавад [8; 885]. **Боҳур** (باحور) [bāhur] – ба маънои «сахтии гармо» ё «рӯзҳои гарм дар тирамоҳ» низ омадааст [8; 711]. **Ғамза** (غمزه) [qamze] – имову ишора ба чашму абрӯ, ноз, карашма. **Ғоратидан** (غارتیدن) [qārat-id-an] – ба маънои ғорат кардан аст [8; 5139]. **Луғз** (لغز) [loqaz] – ба маънои чистон ва ё навъи шеъри ба чистон монанд [8; 6415]. **Маккос** (مکاس) [mekās] – ба маънои чона задан дар амре, ба вижа дар муомила, исрор кардан [8; 7282,]. **Меҳрос** (مهراس) – [mehrās] ба маънои «ҳован», зарфест аз санг ё филиз, ки дар он чизеро андохта кӯфта майда мекунанд, «уғӯрак» [8;7521]. **Рубоб** (رباب) [robāb] – олати мусиқии торӣ, ки бо мизроб навохта мешавад [8; 3579]. **Сухра** (سخره) [soxre] – ба ду маъно истифода мешавад: 1) масхара кардан; 2) кори маҷбурии бемузд.

Вожаҳои туркӣ:

Аёғ (ایاغ) [ayāq] – ҷоми шароб, коса ё пиёла, зарфи равған [8; 673]. **Вушоқ ё вишоқ** (وشاق) [vo(e)šāq] – ба маънои ғуломи навҷавон, ки дар даргоҳи шоҳон ва хонаи бузургон ба хидматкорӣ, ба вижа ба соқигарӣ мепардохт [8; 8231]. **Пойиза** (پایزه، پایژه) [pāyeze] – вожаи муғулӣ буда, маъноияш мулке, ки мулук ба касе диҳанд аст [1; 6]. Дар давраи муғул ба маънои лавҳае аз тилло, нуқра ё чӯб, ки дар он номи хон нақш шуда буд, истифода мешуд [8; 1267]. **Санҷақ** (سنجق) [sanjaq] – алам, байрақ, ҳоким ва ё амири вилояте, ки алами (байрақ) махсус дорад [8; 4260]. **Тобуғ** (تابوغ) [tābuq] – расму одате дар Мовароуннаҳр, ки муҷрим назди султон хам шуда ва гӯши худро ба даст гирад [1; 6]. **Туман** (تومن) [toman] – воҳиди пулии Эрон, ки ба даҳ риёл баробар аст [8; 1982]. **Чакин/чикин** (چکن/چکین) [ča(e)ken] – порчаи зардузишуда [8; 2369]. **Чурук** (چروک) [čoruk] – навъе аз нон [1; 6, 8; 2325]. **Яроғ** (یراغ) [yarāq] – аз вожаи туркии яроқ ба маънои риштаҳои бофташуда аз торҳои фулузи сафед ё зард, ки барои зебогии либос, парда ба кор меравад. Маънои дигараш васоиле мебошад, ки асп бо он муҷаҳҳаз мешавад, монанди зин, рикоб ва афсор. [8; 8524].

Вожаҳои ҳиндӣ:

Кучарӣ (کچری) [kočari] – хӯришест, ки ҳиндиён онро аз биринҷ, мош ва равған тайёр мекунанд [1; 6,]. **Пон** (پان) [pān] – барге, ки дар Ҳинд онро бо оҳак ва фуфил (донаи гиёҳи дурушт ва талх таъм) хӯранд [8; 5413, 1; 6].

Вожаҳои юнонӣ:

Дарманин (درمنین) [de(a)rmanin] – анори даштӣ [1; 6,]. **Тудриюн** (تودریون) [tudariun] – бехи гиёҳест, ки тухми онро шукарон гӯянд [1; 6,]. **Усимун** (اوسیمون) [usimun] – давое, ки онро тудар (гиёҳ) мегӯянд [1; 6,].

Зимни баррасӣ ва таҳлили чанде аз вожаҳои мақолаи сеюму чоруми фарҳанги «Анҷуманорои Носирӣ» ёдовар шудан ба маврид аст, ки муаллифи фарҳанг дар шарҳу тавзеҳи вожаҳо назари худро ҷиҳати тағйир ёфтани ҳаракот, тағйир ёфтани баъзе аз ҳуруфот ва инчунин муарраб ва мухаффаф будани он вожаҳо равона карда, ислоҳ ва баёни мафҳуми асосии онҳоро барои рушду нумӯи забоншиносии форсӣ-тоҷикӣ амри зарурӣ ҳисобидааст.

АДАБИЁТ

1. Абулқосим Родифар, Баҳман Афшонӣ Оқоҷарӣ. Нақде бар фарҳанги «Анҷуманорои Носирӣ» // Кӯҳанномаи адаби порсӣ. Шумораи I. Теҳрон, 1393қ. – С.1-30.

2. Муҳаммад Ҳусайни Бурҳон. Бурҳони қотеъ / Муҳаммадҳусайни Бурҳон. Ҷ.I. Душанбе: «Адиб», 2004.- 416 с.
3. Муҳаммад Ҳусайни Бурҳон. Бурҳони қотеъ / Муҳаммадҳусайни Бурҳон. Ҷ.II. Душанбе: «Адиб», 2004.- 424 с.
4. Ризоқулихон Ҳидоят. Фарҳанги «Анҷуманорои Носирӣ» / Ризоқулихон Ҳидоят. Теҳрон, . - 720с.
5. Фотима Виқорӣ. Тасҳеҳ ва вироиши фарҳанги «Анҷуманорои Носирӣ» (то поёни анҷумани дуюм) / Фотима Виқорӣ. Теҳрон: Донишгоҳи адаб ва улуми инсонӣ. - 265 с.
6. Хоҷаев Д. Гуфтори накӯ куҳан нагардад / Д.Хоҷаев. -Душанбе: «Шуҷоиён»,- 2011.-230 с.
7. Хоҷаев Д. Хоҷа Ҳасани Нисорӣ ва афкори забоншиносии ӯ /Д. Хоҷаев. -Душанбе, 2004.-109 с.
8. Ҳасан Анварӣ. Фарҳанги бузурги сухан (иборат аз 8 ҷилд) / Ҳасан Анварӣ. – Теҳрон, 1381қ.
9. Ҳусайни Инҷу. «Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ» / Ҳусайни Инҷу. Ҷ.I. Теҳрон, - 1980. -1334 с.
10. Ҳусайни Инҷу. «Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ» / Ҳусайни Инҷу. Ҷ.II. Теҳрон, - 1980. -2657 с.

ЛЕКСИЧЕСКИЕ ЗАМЕТКИ СЛОВАРЯ «АНДЖУМАНОРОИ НАСИРИ» РИЗОКУЛИХАНА ХИДАЯТА (на основе третьей и четвёртой статьи словаря)

Словарь «Анджуманорои Насири», хотя составлен в недалёком прошлом, однако по своей структуре и содержанию, а также лексико-грамматическим особенностям подобен таким раннесредневековым словарям, как «Фарханги Джахангири», «Фарханги Рашиди» и «Бурхани кате'». В составление этого словаря автор использовал традиционный метод подражания, по этой причине в его словарь проникли ряд серьёзных погрешностей. Как показывает анализ результатов исследования лексических заметок словаря «Анджуманори Насири», автор при условии отказа от подражательного метода, имел бы возможность включить в свой словарь слова, которые отсутствовали в прежних словарях, и тем самым увеличить значимость данного словаря. Автор статьи при изучении данной темы больше всего опирается на лексико-грамматические статьи словаря и анализирует те слова, которые, по мнению автора словаря, являются неправильными в словарях «Фарханги Джахангири» и «Бурхани кате'».

Следует отметить, что предисловие словаря «Анджуманорои Насири» состоит из лексико-грамматических статей, посвященные персидско-таджикскому языку, и почти во всех его частях наблюдаются лексические заметки. Исходя из этого, автор счел необходимым более подробно анализировать некоторые лексические особенности указанного словаря.

Ключавые слова: *словарь, метод, лексика, слово, статья, лексические заметки, лексические особенности*

VOCABULARY NOTES OF THE DICTIONARY OF «ANJUMANOROI NASIRY» OF RIZOQULIKHON HIDOYAT (BASED ON THE THIRD AND FOURTH PARAGRAPHS OF DICTIONARY)

The «Anjumanoroi Nasiry»'s dictionary, however compiled in the recent past, is similar with its structure and content, as well as lexical and grammatical features, to such early medieval dictionaries such as «Farhangi Jahangiry», «Farhangi Rashidy» and «Burhani Kate'». The author used the traditional method of imitation to compile this dictionary, for this reason a number of serious errors have penetrated into his dictionary. As the analysis of the results of the study of lexical notes of the «Anjumanori Nasiry» dictionary shows that author, under the condition of abandoning the imitative method would have had the opportunity to include in his vocabulary words that were not in the previous dictionaries, and thereby increase the significance of this vocabulary. The author of the article, when studying this topic, most of all relies on vocabulary and grammar articles of the dictionary and analyzes those words which, in the opinion of the dictionary author, are incorrect in the dictionaries «Farhangi Jahangiry» and «Burkhani Kate'».

It should be noted that the preface of the «Anjumanoroi Nasiry» dictionary consists of lexical and grammatical articles devoted to the Persian-Tajik language, and in almost all its parts lexical notes are observed. Based on this, the author found it necessary to analyze in more detail some lexical features of the specified dictionary.

Keywords: *dictionary, method, vocabulary, word, article, lexical notes, lexical features*

Сведения об авторе:

Одинаева Шарифамо Назримадовна *– Таджикский национальный Университет, аспирант кафедры арабской филологии. E-mail: odinaeva1989@inbox.ru. Тел.: (+992) 987315413.*

About the author:

Odinaeva Sharifamo Nazirmadovna *- Tajik National University, post-graduate student of the department of arabic philology. E-mail: odinaeva1989@inbox.ru. Tel.: (+992) 987315413.*

УДК 8Т1
ББК 83.3 (0)4
Ҡ 25

НАЗАРЕ БА ТАРҶУМА ВА ШАРҲИ ҶОМӢ БА ҚАСИДАИ “ХАМРИЯ”-И ИБНИ ФОРИЗ

Қаландарова Р.Э.

Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров

Мусаллам аст, ки тӯли қарнҳои зиёд фарҳанги арабию форсӣ дар пайванди амиқ ба ҳамдигар таҳаввул пазируфта, таъсир ва таҷассуми онҳо дар ашъори шоирону нависандагон ҷилваи равшан касб намудааст. Ин ду фарҳанг ганҷинаи бебаҳое ба шумор мераванд, ки дар тафаккури беназири афроди боистеъдод зуҳур намуда, дар такомули афкору пайкори ин ду халқият нақши муассир дорад. Шоирони арабу Аҷам дар офаридаҳои беназири хеш, ки сарвати гаронмояи адабиёти ҷаҳонӣ маҳсуб мешаванд, тавонистаанд, нидои замонаи хешро моҳирона дар қолаби мухталифи шеърӣ шабеҳи оинаи шаффофу мусаффо мунъакис созанд. Бобаробари ин ҳама пайвастагиву табодулот ва таомулоти фарҳангӣ раванди тарҷумаи осори арзишманд аз арабӣ ба форсӣ аз ҷониби уламову шуарои соҳибзавқи форсигӯ ба вуҷуд омада, густариш ёфтааст, ки ин сабаби дар адабиёти форсизабон арзи ҳастӣ намудани таълифоти пурбору гаронмояе гардид. Тарҷума ва таҳрири Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ бар «Хамрия»- и Ибни Форизи Мисрӣ, ки яке аз сурудаҳои бемисоли адаби арабӣ маҳсуб меёбад, намунаи барҷастаи таъйиди нуктаи фавқуззикр ба шумор меравад.

Ибни Фориз орифи барҷаста, шоири маъруф ва бузургтарин сарояндаи шеъри сӯфиёна дар адабиёти араб маҳсуб ёфта, шурби бодаи муҳаббати илоҳӣва мастӣдар роҳи ишқи Ҳақро дар сар то сари ашъори баргузидаи хеш тараннум кардааст. Бешак, ӯ дар ин ҷода мақоми барҷастаеро соҳиб асту шоиреро наметавон дарёфт, ки аз ин ҷиҳат бо ӯ дар як мақом қарор гирифта бошад. Маҳз, бо назардошти ин нукта ва таобири ошиқонаи дилпазиру ҷаззобе, ки дар ашъори Ибни Фориз ба мушоҳида мерасанд, боис гардидаанд, ки ӯро басо одилона «Султони ошиқон» лақаб диҳанд. Осори Ибни Фориз дар адаби араб шоҳкориҳои бемисле мебошанд, ки шабеҳи марворидиро нафисе аз ҷинси шеър ҷило дошта, онро ғаниву тавонгар намудааст ва шӯҳрати беназиру интишори густурдаро соҳиб гаштааст. Бешубҳа, девони ин шоири бузург яке аз таъсиргузортарин осори ирфонӣдар Шарқу Ғарб ба шумор меравад, ки ба пасовандони хеш таъсироти пурфайзе гузошта, мавриди истиҚболи шоистае қарор доштааст. Дар васфи ашъори нотакрори Ибни Фориз, бахусус қасидаи“Назм-ус-сулук”, ки бо номи“Тоият-ул-кубро” бештар маълум аст, шарқшиноси маъруфи англис Рейнолд Николсон чунин ақидаро иброз доштааст: “Ҳамчунон, ки пеш аз он назире барои он вуҷуд надошт, пас аз он низ шабеҳи он ба вуҷуд наомадааст (12, 186).

Аз сӯи дигар, сурудаҳои дилфиреби Ибни Фориз баробари мавриди таввваҷуҳи бисёре аз пажӯҳишгарони Арабу Аҷам қарор гирифтан, боис омада, ки шарҳҳои зиёд ба он нигошта шавад. Бисёре аз шореҳон ба тавзеҳи куллии маонии луғавию ирфонӣё қисме аз девони шоир, бахусус, қасидаи“Тоият-ул-кубро”ва қасидаи“Хамрия”-пардохтааанд.

Чунончӣ ривояте овардаанд, ки яке аз машоихи маъруфи замонаш назди шоир омад ва иҷозати шарҳи қасидаи“Тоият-ул-кубро”-ро хостор шуд. Ибни Фориз пурсид: “Шарҳе, ки

мехоҳӣ нависӣ дар чанд муҷаллад хоҳад буд?” Он Шайх ҷавоб дод: “Дар ду муҷаллад”. Шоир лабханд зад ва баён дошт, ки ҳар гоҳ бихоҳам, метавонам як байти онро дар ду ҷилд шарҳ диҳам [2, с.15]. Лозим ба ёд оварист, ки сурудаҳои Ибни Фориз, ки таҷассумгари мусаффои забонии тобишҳои ирфонии ӯст, дар замоне арзи ҳастӣ карданд, ки дабистони афкори орифонаи Муҳйиддин Ибни Арабӣ дар ҳоли шаклгирӣ буд ва пайвандони дабистони мазкур, ҳатто худи Муҳийиддин Ибни Арабӣ ба шеъри Ибни Фориз рағбати хоса дошта, тавваҷҷӯҳ зоҳир менамуданд. Ҳамчунин,овардаанд, ки Ибни Арабӣ аз Ибни Фориз дархости шарҳи қасидаи “Тоият-ул-кубро”-ро мекунад, шоир посух медиҳад, “Футуҳоти Маккия”-и ту шарҳи он аст [2, с.15]. Аз ин ду қисса бармеояд, ки вуҷуди тамоюл ва зарурати шарҳи қасидаи “Тоият-ул-кубро” ҳанӯз аз замони суруда шудани он ба миён омадааст.

Садриддини Қунавӣ ҷонишин ва муҳимтарин нигорандаи андешаҳои Ибни Арабӣ“Тоия”-ро барои шогирдони худ шарҳ мекард, ки дар натиҷа “Машориқ-уд-дурорӣва мунтаҳия-л-мадорик” мансуб ба қалами Саиддудини Фарғонӣ- шогирди Қунавӣ падид омад, ки бар асоси таҳрироти Қунавӣ бунёд ёфтааст [15,12]. Маҳз, ҳамин пайвастагии дабистони Ибни Арабӣбо ашъори Ибни Фориз боис гардид, ки номи шоир бо номоварони ин дабистон ҳамроҳшавад ва ашъори ӯ мувофиқи афкору ақоиди пайвандони мактаби мазкур, бахусус, Ибни Арабӣ ташреҳу тавзеҳёбад.

Оштиёнӣ зимни таҳрири баҳси пайванди Ҷомӣ бо Ибни Арабӣ навиштааст: “Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ дар тасаввуфи назарӣ яке аз шореҳон ва мураввиҷони номии марому маслаки Шайхи Акбар Муҳийиддин ибни Арабии Андалусӣ аст. Ҷомӣ он чӣ дар ирфони назарӣ навиштааст,таҳрир ва таҳрири мабонии ирфонии Шайхи акбар аст”[19,25]. Яке аз аввалин нигоштаҳои ирфонии Ҷомӣ шарҳи форсии ӯ бар “Нақш-ул-фусус”-и Муҳийиддини Арабӣ аст, ки “Нақд-ун-нусус” номгузорӣ шудааст. Ҳамчунин, дар“Лавоеҳ” Ҷомӣ мавзӯоти аслии дабистони Шайх Ибни Арабиро мавриди тавзеҳу таҳрир қарор додааст [19,23].

Ҷомӣ ба асари муҳимтарини Ибни Арабӣ “Фусус-ул-ҳикам” низ дар забони арабӣ шарҳе нигоштааст, ки дар таърихи адабиёти форсу тоҷик аз аҳамияти муҳиме бархурдор мебошад. Дар канори ин, шарҳе ба “Мифтоҳ-ул-ғайб”-и Садриддини Қунавӣ, ки беҳтарин фарзанди маънавии Муҳийиддин Арабӣ маҳсуб меёбад, иншо кардааст. Ин нукот ҳама ишорат бар он мекунанд, ки Абдурраҳмони Ҷомӣ аз афкори Ибни Арабӣ ва андешаҳои он огоҳии комил дошт ва ошноии ӯ бо сурудаҳои Ибни Фориз маҳз бо ҳамин васила сурат пазируфтааст. Мавлоно Ҷомӣ 75 байт аз қасидаи баланд мазмуну овозадори Ибни Фориз - “Тоият-ул-кубро”-ро тарҷума ва шарҳ намудааст. Дар шарҳи анҷом пазируфтаи Ҷомӣ ба назар мерасад, ки ӯ бештар аз шарҳи Фарғонӣ мавсум бо“Машориқ-уд-дурорӣ”- бештар истиқбол намудааст. Баъдан аз ҷониби Ҷомӣ тарҷумаи комили “Тоият-ул-кубро”ба сурати назманҷом мепазирад, ки матни мазкур бо тасҳеҳу таҳқиқи доктор Содиқи Ҳувваршоҳ дар Теҳрон соли 1376 интишор ёфтааст. Ҳамчун намуна байти аввали қасидаро бо тарҷумаи манзуми Ҷомӣ меорем:

سقتني حُميَّاالحبِّ راحة مقلتي، وكأسي محيَّامَنعنِالحُسنِ جلتِ

Хӯрдам шароби ишқ ба чашмам зи талъате,
Ки ҳусни ӯ баён нашавад бо иборате. (21, 65).

Таъсири осори Ибни Фориз ба баъзе аз ашъори парокандаи Ҷомӣ низ басо возеҳба назар мерасад. Масалан, дар байти зерин:

Будам он рӯз дар ин майкада аз дурдкашон,
Ки на аз ток нишон буду на аз токнишон.

Байти фавқуззикр ифодагари маънии байти якум аз“Хамрия”- Ибни Фориз аст:

شَرِبْنا ، علىذِكرِ الحَبيبِمُدامَةً ،سَكِرْنا بها مِنْقبلِ أنيُخْلَقالكَرْمُ

[19, 14]

Шарҳи форсии Абдурраҳмони Ҷомӣба “Хамрия”-и Ибни Фориз мавсум бо “Лавомеу-анвор-ил-кашфва-ш-шуҳуд алақулуби арбоб-из-завқва-л-ҷуд” маъруф бо “Лавомеъ” яке аз

шарҳҳои машҳуртарин маҳсуб меёбад. Роҷеъ ба ин масъала гуфтаи худи Мавлоно Ҷомиро иқтибос меорем, ки асари мазкурро ба гунаи зайл муаррифӣмекунад:“Ин варақе чанд астдар шарҳи алфозу иборот, кашфу румуз ва ишороти қасидаи“Мимия-Хамрия- и Форизия- қаддасаллоҳу сирраҳу, ки дар васфи роҳи муҳаббат, ки шарифтарин матлубест бо латифтарин услубе сурати интизом ёфта ва дар миёни арбоби ирфону асҳоби завқва виҷдон шуюъи комил ва шӯҳрати тамом гирифтааст. [٢٠, 105]

Ҷомӣ дар ин шарҳ дар таълифи муқаддимот ва ҳам тавзеҳи абёт аз шарҳи Мирсаид Алии Ҳамадонӣ бо номи “Машориб-ул-азвоқ” бисёр истифода кардаааст. (15,12). Ҳамзамон, пас аз нигоштани муқаддимот ва тамҳидот бо ибороти зайл ИбниФоризро муаррифӣ мекунад:

"قال الشيخ الامام العالم العامل و السيار العارف الفاضل شرف الدين ابو خفص عمرابن على السعيد المعروف بابن الفارض المصرى- قدس الله تعالى سره و أعلى فى الملأ الأعلى ذكره ."

(20, 130).

Сипас, Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ ба тавзеҳи қасидаи Ибни Фориз мепардозад ва гоҳ байте ё ду байт аз онро мавриди тарҷума, таҳрир ва шарҳ қарор медиҳад. Шеваи кори Ҷомӣ он гуна сурат гирифтааст, дар ибтидо вожагону таъбироти ҳар байтро ҷудо мекунад ва баъдан аз байт тарҷумаи шоирона анҷом медиҳад. Баъдан, бо овардани унвони “Ломеаҳу” ё бе дарҷи он ба зикри тафсир ва таъвили сӯфиёнаи шеър даст мезанад.

Бешубҳа, тарҷумаи анҷом додаи Ҷомӣбар “ Хамрия”-и Ибни Фориз аз лиҳози нигориш ва шевоӣдорои арзиши бузурги адабӣбуда, аз ҳамон рӯзи таълиф миёни адибону орифон истиқболи тамом касб намуда, таваҷҷӯҳи хосаи онҳоро ба худ ҷалб сохта буд. Вуҷуди ишороти аҳли сухан ва ирфон дар кутуби мухталиф ба ин асар ва ҳамзамон нуфузи дастнависҳои худи асари Ҷомӣ дар китобхонаҳои ҷаҳон ба ин манзалат ва шинохти олии ҷойгоҳи шарҳи Мавлоно таъкид меварзад..

Ба хотири шинохти арзиш ва мақоми шарҳи Ҷомӣ ба тафсири чанде аз абёти ӯ бо зикри тарҷумаҳое тоҷикӣ аз муаллиф руҷӯъ мешавад:

شَرِبْنا ، علىذِكرِ الحَبيبِ مُدامَةً ،**تَذَكِرْنا بها مِنْ قبلِ أنْ يُخْلَقَ الكَرْمُ (байти1)

Нӯш кардем ва бо якдигар ба дӯсткомӣхӯрдем бар ёди ҳазрати Дӯст, ки рӯи муҳаббат,ҳама бад-ӯст, шаробе, ки ҳама бад-он маст шудем, балки ба бӯе аз он аз даст шудем ва ин пеш аз офаридани карам буд, ки дарахти ангурист ва модаи шароби машҳури пур шару шӯр.

لهاالبَدرُ كأسٌ وهيَ شمسٌ ،يُديرُها***هِلالٌ ،وكمْ يَبدو إذا زِجَتْ نَجمُ (байти 2)

Мар он шаробро ъала-д-давоми моҳи тамомаст, ҷом ва ҳол он ки худаш офтобест дар фаязон ва барроқӣ, мегардонад ашан гушти ҳилол мисоли соқӣ ва бисёр пайдо меояд вақти омехтанаш бо об ситораҳои рахшанда аз шаклҳои ҳубоб.

ولولا شَذاها ماهتَدَيتُ لِحَانِها،***ولولا سَناها ماتَصَوَّرَ هاالوَهْمُ (байти3)

Агар на бӯи хушу шамими дилкаши май фоеҳ шуда, роҳи савоб ба савби хумхонаи ӯ надонистам бурдан ваагарна ламъаи нуру партави зуҳури вай лоеҳ гашта ба қадами ваҳми тариқ тасаввури ҳақиқати ӯ натавонистам супурд.

Муҳимтарин вижагии ҳунарии тарҷумаи Ҷомӣ дар партави шеърият ва шоиронагӣ равиши кори ӯ ба шумор меравад. Ҳамоно дар назари аввал корбурди саҷъи дар тарҷума нигоштаашро ба шеър пайванд бахшидааст. Аз ҷумла, дар ин байти тарҷумашуда вожаҳои “тариқ” ва “ҳақиқ” ба унвони саҷъ дар оростагии каломи суханвар таъсиргузор омадаанд.

ولمْ يُبْقِ مِنهاالدَّهرُ غيرَ حُشاشَةٍ،***كأنَّ خَفاها ، فيصُدورِ النُّهَى كَتْمُ (байти4)

Боқӣнагузошт мусаррифи рӯзгор ва меҳвари лайлу наҳор аз он май, ки ҷонҳоро ба манзили ҷон аст ва ҷонҳо мар ӯро бамасобаи абдон, ҷуз бақияи ҷоне, ки гӯё пинҳонии вай дар синаҳои хирадмандон пӯшида гаштаасту пинҳон.

Дар тарҷумаи ин байт бошад чанд вожаҳои “рӯзгор”, “лайлу наҳор”, “ҷон”, “абдон”, “пинҳон”, “хирадмандон”, “пинҳон” ба ҳамдигар саҷъ шуда, шеърияти сухани Ҷомиро таъмин намудааند, ки ин ҳам аз баракоти ҳунари шоирии ӯ ба вуҷуд омадааст.

فإنْ ذُكِرَتْ في الحَيِّ أصْبَحَ أهْلُهُ***نَشاوى ،ولاعَارٌ عليهمْ ولاإثْمُ (байти5)

Агар ёд карда шавад он май дар навоҳии ҳай, ки қабилаи муқобилон ва қабилаи зиндадилон аст, ҳар оина аҳли он ҳаймаст шаванд ва аз ғояти мастӣ аз дастраванд, ҳол он ки бар эшон на аз мастӣ оребуд, на аз он гуноҳи майпарастӣ ғуборе.

Чунин шеваи шарҳу тафсир, ки борвар аз падидаҳои ҳунарӣ ба шумор мераванд, дар идомаи шарҳи мазкур ҷараён пазируфтаанд, ки мурур ба чанд байти дигар ин андешаро собит месозад.

ومِنْ بينِ أحشاءِ الدِّنانِ تَصاعدَتْ ،***ولمْ يَبْقَ منها ، في الحقيقةِ ،إلاّ اسْمُ (байти6)

Он май аз миёни дарунҳои хумҳо мутасоид шуд ва ба майли мақомоти улвӣаз мақарри сифлӣмутабоид ва мутасоид гашт ва аз вай байна-л-аном ҳеҷбоқӣнамонд ба ҷуз ном.

وإنْ خَطَرَتْ يوماً على خاطرِ امرِئٍ ***أقامَتْ بهِ الأفراحُ وارْتَحَلَ الهَمُّ (байти7)

Агар хутур кунад рӯзе ёди он бода бар соҳати хотири ҷавонмарди озоде, мусофирони он соҳат, яъне шодӣва роҳат, қасди иқомат кунанд ва муҷовирони он ҳарам, яъне андӯҳу алам, реҳлат зананд.

ولوْ نَظَرَ الدُّرمانُ خَتمَ إنائِها،***لأسكَرَ هُمْ منْ دونِها ذلكَ الخَتمُ (байти8)

Агар бубинанд надимони анҷумани муҳаббат ва муқимони нишемани ишқу муваддат, хатми иною муҳри виои он шаробро, ҳар оина маст гардонадашон, бешароб нӯшидан, муҳри инои он дидан.

ولوْ نَضَحوا منها ثَرَى قَبرِ مَيِّتٍ،***لعادتْ إليهِ الرُّوحُ،وانتَعشَ الجِسْم (байти9)

Агар бипошанд надимон рашҳаҳое аз он бода бар хоки намноки гӯр яке ҷон дода, ҳароина ҷон муфориқат карда, ба танаш боз гардад ва тани аз пои дар афтодааш бо сабаби муовидати ҷон дар интиош ва эҳтизоз ояд.

ولوطَرَحوا في فَيءِ حائطِ كَرْمِها،***قَليلاً ،وقدْ أشفى لفَارَقَهُ السُّقمُ (байти10)

Агар бияндозанд дар сояи деворе, ки муҳит аст ба карами он бода, бемореро ва ҳол он ки бар бистари ҳалок бувад афтода, ҳароина муфориқат кунад дар сояи он девор заъфи суқм ва беморӣаз тани он ранҷур.

Бояд тазаккур дод, ки қасидаи“Хамрия”- иИбниФоризасланфарогири 41 байт аст, вале аз матни тарҷума ва таҳрири анҷомдодаи Ҷомӣбар ин қасида равшан мегардад, кибаъзе аз абёти аслии ин Қасида зимни тарҷума ҳазфшуда, бар ин асос аз мадди назари шорехдурмондааст. Мувофиқиматниасилпеш аз байти 23-юм дар матниҶомӣ 8 байти ҳазф шудааст, ки ин ҷо барои риояти матни комили қасида ин абёти афтодаро бо ҳамон шеваи Ҷомӣ бо тарҷумаи анҷомдодаи хеш тазаккур хоҳем дод:

تَقَدَّمَ كُلَّ الكائِناتِ حَديثُها، ***قَديماً ، ولا شكلٌ هناكَ ، ولا رَسْمُ (байти 23)

وقامَتْ بها الأشياءُ ثَمَّ ، لحكمَةٍ، ***بها احتَجَبَتْ عنْ كلِّمَنْ لا لهُ فَهْمُ (байти 24)

وهامَتْ بها روحي ، بحيثُ تمازَجا ، اتّ ***حاداً ، ولا جِرمٌ تخلَّلهُ جِرْمُ (байти 25)

فخَمْرٌ ، ولا كَرْمٌ ، وآدَمُ لي أبٌ ، ***وكَرْمٌ ، ولا خَمْرٌ ، ولي أُمُّها أمُّ (байти 26)

ولَطْفُ الأواني ، في الحقيقةِ ، تابِعٌ ***لَطافَةِ المَعاني ، والمَعاني بها تَنْمُو (байти 27)

وقدْ وَقَعَ التَّفريقُ ، والكلُّ واحدٌ، ***وأرْواحُنا خَمْرٌ ، وأشباحُنا كَرْمُ (байти 28)

ولا قَبْلَها قَبلٌ ، ولا بَعدَ بَعدَها، ***وقَبْلِيَّةُ الأبْعادِ ، فهيَ لها حَتْمُ (байти 29)

وعَصرُ المَدى منْ بلقِ كانَ عصرَها، ***وعَهْدُ أبينا بَعدَها ، ولها اليُتمُ (байти30)

23.Ҳикоёти ин бода аз қадим барҳамаи мавҷудоти ҳастӣ бовуҷуди қадимӣ будан мутақаддим буд ва дар онҷо нашакле, нарасме ва на асаребуд (Р.Қ.).

24.Ва ашё аз маълуқоту маҳсусоту мавҳумот ба хотиру василаи он бодабар пошуданд он ҷо, ки барои ҳикмате ба хотири он май аз диди ҳар касе пинҳон буданд (Р.Қ.).

25.Руҳам шефтаи он бодагашт ба тавре ки бо он омехт ва як шуд, аммо намонанд иҷ урме, ки дарҷ урмиди гар фуру рафта бошад(Р.Қ.).

26.Ин бода пеш аз ток ва одам мавҷудбудва модари май модари неке барои ман буд (Р.Қ.).

27.Латофати зуруфи май дар ҳақиқат то беилат офати он май аст ва маонӣ ба воситаи он зиёд мегарданд (Р.Қ.).

28.Ҷому май як ҳастанд ва ҷудоию дугонагӣ байни он ду воқеъ шуда, пас арвоҳи мо бода ва хаёли моток аст (Р.Қ.).

29.Қабл ва баъд аз май замонему тасаввир нест ва зоти он май дарҷаҳон соҳиби кару фару шукӯҳ аст (Р.Қ.).

30. Пеш аз рӯзгор ғояти фишурдани он бода будааст ва даврони падарамон Ҳазрати Одам (а) баъд аз он будааст дар ҳоле, кихуди он майятим аст (яъне пеш аз он чизе ё касе набудааст, ки май аз он ҳосилшавад (Р.Қ.).

Қобили тазаккур аст, Мир Сайид Алии Ҳамадонӣниздар“Машориб-ул-азвоқ”, ки аз аввалин шуруҳифорсӣбарқасидаи“Хамрия”- иИбниФоризбашумормеравад ва барои арзи ҳастӣнамудани шарҳҳои баъдӣ ба унвони сарчашмаи муҳим хидмат кардааст, абёти фавқуззикрронаовардааст. Ба назар мерасад, ки шояд ҳар ду шореҳ ҳам аз матне ё нусхае дар кори шарҳи он истифода намуда бошанд, ки ин ҳашт байт ҳазф шудаанд.ҷолиб он аст, ки танҳо дар ҳамин ду шарҳи форсӣ ин абёт ба назар намерасанд. Ин дар ҳолест, ки дар ағлаби шарҳҳои арабии қасида ва матни он ҳашт байти мавриди назар мавҷуд мебошад.

Новобаста аз ин, Мавлоно АбдурраҳмониҶомӣдар шарҳи мазкур талош кардааст, ки масоили ғомиз ва пӯшидаи ирфониро бо услуби равшан ва дур аз ибҳом тафсир намояд. Аз ҷумлаи матолиби ирфонии муҳиме, ки Ҷомӣдар ин шарҳ ба сурати муназзам мавриди баррасӣқарор додааст,маротибивуҷудаст, ки онро ба панҷтақсим намуда, ба гунаи зайл унвонгузорӣ мекунад:камол, ҷамол, ишқ, маъшуқон, ошиқон ва баъдан ҳар яке аз ин истилоҳро бо ибороти гӯё баён мекунад ва ниҳоятан ба шарҳу тафсили «муҳаббатиосорӣ» пардохта, маротиби дигари онро «муҳаббати шуҳуд» меномад ва ин муҳаббати хайрро дар иртибот бо аҳли кашфу шуҳуд яке аз таҷаллиёти исми «зоҳир» медонад.

Ҷомӣ дар тақсимоти дигар мушоҳидони сифати ҷамоли инсониро ба чаҳор табақа тақсим мекунад: равшандилон, покбозон, гирифторон ва олудагон. Ӯ ҳамчунин, асбоби муҳаббатро дар панҷчиз хулоса мекунад:

1.Муҳаббати нафсу вуҷуд ва бақои хуш;

2.Муҳаббати муҳсину мунъим;

3.Муҳаббати соҳиби камол;

4.Муҳаббати ҷамил;

5.Муҳаббате, ки натиҷаи муҳаббати таоруф аст.

Ҳамин тавр, аз баррасии вежагиҳои сабкӣ ва шеваи нигориши Ҷомӣ дар шаҳри қасидаи “Хамрия”-и Ибни Фориз метавон ба ин натиҷа расид, ки Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ баробари эҷоди достону қасида ва мақоми хосае касб намудан дар маснависаройӣ ба кори шарҳу тавзеҳи осори ирфонии пешиниён ва тарҷумаи намунаҳои адабиёти арабизабон низ иқдоми шоистае аз худ зоҳир намуда, бад ин васила дар раванди тарҷума ҳамчун донандаи хуби забони арабӣ ва истилоҳоти хосаи ирфониву фалсафӣ дар шарҳу тафсири онҳо ва бад-ин сурат роҳ кушодан ба хонанда дар кашфи рамзу осори ин қабил осор маҳорати баланди ҳунарӣ ва фикрӣ нишон додааст. Аз сӯи дигар, бо таълифи ин асар мо метавонем симои Ҷомиро ҳамчун шореҳи мутабаҳҳири осори адабиву ирфонӣ муаррифӣ намоем, ки минбаъд дар ин замина пайравони вай аз корномаҳояш ба шоистагӣ истиқбол намуда, ин роҳро бо ҳамон шеваи ҳунармандона идома додаанд. Фузун бар ин, худи тарҷумаи Ҷомӣ аз вежагиҳои шоистаи ҳунарӣ, шеърият ва фазилатҳои мавзӯиву адабӣ бархурдор буда, симои адибро ҳамоно чун нависандаи чирадаст ва шоири мутафаккиру хаёлпардоз ва тасвирсоз бозтоб мебахшад.

ПАЙНАВИШТ

1. Айнӣ С. Куллиёт. Ҷ.11, китоби дуюм.- Душанбе: Нашр. давл. Тоҷ., 1963.
2. Алӣ навводаи Ибни Фориз. Дебочаи девон таҳқиқиАбдулхолиқМаҳмуд Абдулхолиқ (Девони Ибни Фориз)-Қоҳира, 1984, саҳ. 9-44.
3. Афсаҳзод А.Абдураҳмони Ҷомӣ- Душанбе: Маориф,1978.
4. АфсаҳзодА. Ҷомӣ – адиб ва мутафаккир.- Душанбе, Ирфон, 1989.
5. Бартольд В. В. Сочинение.(т.II.ч.2). Москва,1964.

6. Бертельс Е. Э. Навои и Джами.-Москва, 1965.
7. Гулиев А. Абдурахмон Ҷомӣ.-Бакы,1964.
8. Доират-ул-маорифи бузурги исломӣ,1367, ҷилди 4, саҳ. 374.
9. Девони Ибни Фориз. Миср, Фаҷр-ул-ҷадид, саҳ.85-87
10. МирзозодаХ. Таърихи адабиёти тоҷик. (китоби 2) -Душанбе: Маориф, 1977:
11. Нафисӣ,Саид. Таърихи назму наср дар Эрон ва дар забони форсӣ, ҷ. 1.-Теҳрон,1344
12. Николсон Р.А. "Ibn al-Farid in E 12", III(англ.) саҳ. 186. - Лондон. 1923.
13. Сафо З. Таърихи адабиёт дар Эрон. - Ҷ. IV.-Теҳрон,1336ҳ. (1977).
14. Фарҳангитафсириизабонитоҷикӣ, ҷ.1-2. – Душанбе, 2010.
15. Ҳамадонӣ, Машориб-ул-азвоқ (Шарҳи қасидаи хамрияи Ибни Форизи Мисрӣдар баёни шагроби муҳаббат) тасҳеҳва танзими ХоҷавӣМуҳаммад, Ношири Мавлавӣ–Теҳрон, 1362
16. Ҷомӣ Абдураҳмон, Осори мунтахаб дар панҷҷилд, ҷ.1.-Душанбе: Ирфон,1964.
17. Ҷомӣ, Абдурраҳмон. Маҷмӯаи материалҳои ҷашни 550-солагӣ.-Душанбе: Дониш, 1973.
18. Ҷомӣ, Абдурраҳмон. Осор,Ҷ.8. - Душанбе: Адиб,1990.-С. 267-296.
19. Ҷомӣ Абдураҳмон, Нақд-ун-нусус, муассисаи мутолиот ва таҳқиқоти фарҳангӣ, Теҳрон, 1370, саҳ.18
20. Ҷомӣ, Абдураҳмон.Се рисола дар тасаввуф бо муқаддимаи Эраҷи Афшор, китобхонаи Манучеҳрӣ, саҳ. 105, 1360
21. Ҷомӣ, Абдурраҳмон. Тоияи Абдураҳмони Ҷомӣ: (тарҷумаи тоияи Ибни Фориз бо инзимоми шарҳи Маҳмуди Қайсарӣбар Тоияи Ибни Фориз), мусаҳҳеҳСодиқХуррамшоҳ, 1377 саҳ. 65.

ВЗГЛЯД НА ПЕРОВОД И КОММЕНТАРИИ АБДУРАХМАНА ДЖАМИ К КАСЫДЕ «ХАМРИЯ» ИБН АЛЬ ФАРИДА

Статья посвящена анализу художественных и стилистических особенностей персидского перевода комментарев Абдурахмана Джами к касыде «Хамрия» великого арабского поэта Ибн аль Фарида.

Ключевые слова:*хамрия, поэт-суфий, касида, перевод, тоият- ул- кубро, арабско-персидские литературные связи.*

SOME VIEWS ON ABURAHMAN JAMI`S TRANSLATION AND COMMENTARY TO KASYDA ENTITLED "IBN –AL –FARID" BY IBN AL FARIDA

The article deals with on the analysis dealing with imaginative and stylistic peculiarities of persian translation of Aburahman Jami`s commentary to kasyda referred as "Khamriya" by the greatest Arabic poet being Ibn –al –Farid.

Keywords: *poet, translate, "Toiyat-al-kubra", Persian and Arabic literature, panegeric.*

Сведение об авторе:

Каландарова Рухшона Эраджовна *– старший преподователь кафедри арабского филологии Худжандского государственного университета имени академик Б.Гафуров E-mail: Rukhshonai-mirzoiraj@mail.ru Тел: (+992)92 7210031*

About the author:

Qalandarova Rukhshona Erajovna *– senior teacher in the department of arabic philology of Khujand state Univtrsity named academician B.Gafurov; e-mail: rukhshonai-mirzoiraj@mail.ru; phone: (+992)92 7210031*

ШЕВАҲОИ ОФАРИНИШИ ИБОРАҲОИ ШОИРОНА ДАР ДЕВОНИ САЛИМИ ТЕҲРОНӢ

Қурбонзода Н.
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров

Дар лафзи андак маънии зиёдро ҷой додан, ба қавли Ҳофиз «ба лафзи андаку маънии бисёр» ҳадафи шоирони сабки ҳиндӣ буд. Бинобарин аз таркибот, иборот ба касрат истифода мебуданд. Зеро қолаби таркиб ва ибора барои маънии биёрро дар андак лафз ҷой додан мувофиқ мебошад. Хусусан истифодаи ибораҳои маъмулӣ ва шоирона, ибораҳои халқӣ, ибораҳои ташбеҳӣ, ибораҳои тасвирӣ мақоми махсус дорад. Чуноне Алиасғари Шеърдӯст мегӯяд: «Эҷоз ва фишурдагии лафз ҳам аз ихтисосҳои муҳими ин сабк ба шумор меравад.

Таваҷҷӯҳи шоирон ба мазомин ва маънии дақиқ ва низ кӯшиши ӯ барои маонии бузург бо лафзи андак боиси пайдоиши эҷоз дар калом мешавад» [11, с.29].

Аз ин сабаб фарҳангҳое ба вуҷуд омаданд, ки асосан шарҳу эзоҳи таркибҳо ва ибораҳои шоирона дар онҳо ба мшоҳида мегиранд.

«Мусталаҳот-уш-шуаро» - и Вораста яке аз чунин фарҳангҳо мебошад. Шоирони сабки ҳиндӣ кӯшидаанд, ки ибораҳо ва таркибҳои гуногунро ба кор бурда, маънии навро ба даст оваранд. Шафеии Кадканӣ дар бораи Бедил сухан карда менависад: «Агар касе девони садҳазорбайтаи ин шоирро баррасӣ кунад ва таркиботи зебое, ки дар дар шеъри ӯ ба кор рафта ҷудогона ё дар зимни абёт ёддошт кунад, аглаб дастандаркорони шеъри нави форсиро мояи ҳайрат хоҳад шуд» [1, с.32].

Ҷолиби қайд аст, ки натанҳо таркиб, балки дар бораи ибораҳои Бедил сухани болоро гуфтан мумкин аст. Дар ин бора рисолаҳои ҷудогонае ба мисли Моҳҷабини Умар «Таркиботи хоси Бедил дар «Чаҳор унсур», [8], Ҳамид Ризо Қаличхонӣ «Истилоҳоти нусхапардозӣ дар девони Бедил» (4) навишта шудаанд.

Фарҳангнависоне амсоли Муҳаммадҳусайни Бурҳон «Бурҳони қотеъ», Сироҷиддин Алихони Орзӯ «Чароғи ҳидоят», Рой Так Чанд Баҳор «Баҳори Ачам» Ғиёсуддин Ромпурӣ «Ғиёс-ул-луғот» ва амсоли ин ҳангоми шарҳи калимот чун шоҳиди маънӣ аз шеъри Салим фаровон ба кор бурдаанд. Дар он ибораҳое, ки Салим истифода намудааст, шарҳу эзоҳ ёфтаанд

Ибораҳои гуногун дар осори ӯ вомехӯрад. Салим, ки худ шоири сабки ҳиндист, ва аз ин шева зиёд истифода намудааст.

Онро метавон шартан ба се қисм ҷудо сохт:

1. Ибораҳои халқӣ
2. Ибораҳои сода
3. Ибораҳои сохтаи худи шоир

Маълум аст, ки истифодаи ибораҳои халқӣ як навъи қувват гирифтани шеър ба шумор меравад. Инчунин шеър ба зеҳни мардум наздик мешавад. Зеро ба қавли Усмон Каримов «шоирон аксар дар ифодаи матлабу мақсад калимаю ибора ва таркибҳои халқиро ки ба сатҳи завқ ва идроки умум наздик аст кор мефармоянд [2, с.118].

Салим гуфтааст:

Шӯъла гардад ошёнҳоро гули рӯи сабад,
Чун зи шавқат андалебон баркашанд овозҳо[7, с.22].

Таъбири «гули рӯи сабад» истифода шудааст, ки маънии соҳибэҳтиромро дорад. Ин ҷо шӯъларо гули рӯи сабад мешуморад, дар он вақте, ки булбулон бар рӯи он овоз баркашанд. Ин таркиби шоир сарчашма дар фарҳанги мардум дорад. Дар таъбироти халқӣ аксаран ба маънии маҷозӣ меоянд, ба мисли «хокистари касеро бод додан – ба маънии касеро несту нобуд кардан» (9, 287), «хок хӯрдани тир» – ба хато рафтани тир» [9, с.287]. Аммо қобили зикр аст, ки таъбироте, ки дар байни мардум ба маънии маҷозӣ омадааст, дар назми Салими Теҳронӣ низ ба маънои аслӣ дучор мешавем.

Дар байни мардум таъбироти «гурги борондида» маълуму машҳур аст, ки ба маънии инсони таҷрибадор меояд. Салим аз ин истифода намудаву чунин менависад:

Гуфтам аз ашкам магар гардун бипарҳезад, вале,
Нест бим аз гиряам ин гурги борондидаро [7, 32] .

Ин ҷо шоир маънии «бим надоштани дунё аз гиря» боз гиряро ба борон таносуб намудааст ва чуноне ки гурги борондида аз борон парвое надорад, дунё низ аз гиряи касон биме надорад. Ин таъбири халқӣ дар сурудаи боло маънии дигаре ба худ касб кардааст ва аз сарҳади маънии худ берун рафтааст. Ӯ дунёро низ гурги борондида хондааст. Шоир тавонистаст, ки на ба маъниии маҷозӣ, балки ба маънии асл ҳам ба кор барад. Салим ҳамчун бисёре аз шоирони сабки ҳиндӣ аз забони расмӣ таҷовуз карда, луғот, истилоҳот ваа таъбироти рӯзмарра, мутадовил ва ҷадидро вориди шеър намудааст. Таъбироте чун: чирки дунё, косаи зону, коғази бодӣ, фоли шона… истифода намудааст [5, с.126 – 127].

Навъи дуввум ибораҳое мебошанд, ки бештар дар фарҳангҳо омадааст ва шарҳу эзоҳ ёфтааст. Онҳо ибороте мебошанд, ки бештар хоси он давр буда имрӯз қариб истифода намешаванд.

Барои мисол аз «Чароғи Ҳидоят»:

«Асби магасӣ – асбе маъруфул – лавн; ва дар Ҳиндустон низ ба ҳамин маънӣ шӯҳрат дорад. Салим гӯяд, байт:

Пайдост бар арбоби фиросат, ки надорад,
Афшонандани дум фоида асби магасиро [3, 22].

Хоки домангир – гиле, ки пои мардум дар он банд шавад ва чун хушк шавад сахт гардад… Салим гӯяд, байт:

Аз тилисми даҳр озодӣ таҷарруд медиҳад,
Чодари урёнии мо хоки домангирро [3, 87].

Ҳар ҷуъиёти зиндагӣ аз назари шоирони сабки ҳиндӣ канор намемонад. Урфу одат, олами атроф ҳамеша зери назари шоронаи онон қарор мегирифт. Дар шарҳу маънидод кардани онон нақши фарҳангҳо назаррас аст. Сироҷиддин Алихони Орзӯ дар «Чароғи ҳидоят» менависад:

«Чӯби гул – шохи гул, ки барои таъбид ба ҷавонони ошуфтамизоҷ зананд; ва гӯянд барои дафъи савдо нофеъ аст. Салим гӯяд, байт:

Он, ки бар ман гул ҳамезад пеш аз ин аз дӯстӣ,
Мезанад акнун ба чӯби гул мани девонаро [3, 80].

Ҳунари шоирии Муҳаммадқулии Салим дар он зоҳир мешавад, ки аз «гул задан» баҳра бардоштааст ва онро ба ду маънӣ дар девон ҷо додааст.

Ибораҳои тоза дар сурудаҳои Салими Теҳронӣ фаровон ба чашм мехӯрад. Чуноне дуктур Асадуллоҳ Ҳабиб қайд мекунад: «Шеъри навро барои баёни хаёлҳо ва нуктаҳои нав, таркибҳо ибораҳои нав мебоист бисозанд, барои ин кор дастгоҳи таркибпазирии забонро пуркортар сохтааанд ва ин ҷунбиш низ ба сӯи боландагӣ рафт» [10. 11].

Ибораҳои зиёди нодиреро метавон дар шеъри ин ё он шоире дарёфт, ки дар осори дигар шоир, ё дар забон ва фарҳангҳои имрӯза наметавон вохӯрд. Инчунин ба он мазмуне, ки дар девон омадааст имрӯз ба кор намеравад. Забеҳулло Сафо аз ин нукта истифода намуда менависад, ки таъбирот дар шеъри гузашта кам истифода мешуд, дар шеъри сабки ҳиндӣ зиёд ба назар мерасад, маънии тозае касб кардааанд [6, 555].

Аз девони Салим мехонем:

Аз кас мапурс он чӣ зи мо рафта з – ин чаман,
Аз сатрҳои мавҷ бихон сарнавишти мо [7, с.41].

Таъбири «сатрҳои мавҷ» ҳомили тасвири дилнишин аст. Мавҷи дарёро ба сатр монанд мекунад. Зеро мавҷ дар ҳақиқат ба мисраъ монанд аст. Ин ибораро дар девони дигаре дучори мо нашуд.

Ё дар мисоле зер:

Кунанд аҳли муҳаббат зи файзи ишқ, Салим,
Китоби хеш ба собуни офтоб сафед [7, 175].

Аҳли муҳаббат зи файзи ишқ – мегӯяд – китоби худро бо собуни офтоб сафед месозем. Таъбири шоиронаи «собуни моҳтоб» ибораи нав ва тоза буда, хоси эҷоди ин адиб мебошад.

Девонро варақ мезанему мехонем:

Мотами ташналабон гар нагирифтаст ҳубоб,
Аз барои чӣ ба тан ҷомаи обӣ дорад? [7, 215].

Ӯ ҳубобро мотами ташналабон хонда, ҷома аммо «ҳубобӣ» хондааст, ки бисёр дилнишин ва зебост.

Ё ин, ки:

Дар боғ бе ту хотири сунбул шикастааст,
Оинаи гулу дили булбул шикастааст [7, 105].

Тозагӣ ва варақи гулро ба таври оина дидааст ва ибораи «оинаи гул» дар шеър ворид кардааст, ки шоирона воқеъ шудааст.

Аз қиссаи Ширину Фарҳод шоиреро наметавон пайдо кард, ки суд начуста бошад ва ақалан боре ба он ишора накарда. Аммо агар ба шеъри шуарои сабки хуросонӣ ва ироқӣ назар афканем онон дигаргуна дар офаридаҳои хештан даровардааанд, вале дар шеъри сабки ҳиндӣ суд ҷустан аз қисса ё достоне дигаргуна аст. Масалан истифодаи Ҳофиз аз қиссаи Ширин ва Хусрав бо талмеҳоти Соиб ё дигар шоири сабки ҳиндӣ муқоиса шавад ба хубӣ пай мебарем, ки бардоштҳои шоирон дигаргуна аст.

Салим гуфта аст::

Садои санг кунад рахна дар дили Фарҳод,
Ба Бесутуни вафо кори теша баракс аст [7, 75].

«Бесутуни вафо» ибораи сохтаи шоир аст. Бесутунро макони вафодорон номидааст. Теша агар дар кӯҳ дили сангро рахна созад, дар Бесутун баръакс, дили Фарҳодро рахна месозад.

Дар бораи ишқ суруда:

Гар баҳои ҷовидон хоҳӣ, Салим, аз ишқ ҷӯй,
З – он, ки оби зиндагӣ дар ҷӯйбори ошиқист [7, 85].

«Ҷӯйбори ошиқӣ» аз ихтирооти Салим аст, ки шеърро намакин кардааст.

Корбурди зиёди ибораҳои шоирона ва аз онон маъниҳои фаровон бардоштан, инчунин ибораҳои навсохта ва нодир нуфӯзи сабки ҳиндиро дар осори Салими Теҳронӣ нишон медиҳад. Маҳз ҳамин ҷозибаи шеъри Салим сабаб шудааст, ки фарҳангнависон ҳамчун шоҳиди маъноӣ аз Салим мисол овардаанд.

Дар ашъори сабки ҳиндӣ ибора мавқеи назаррас дорад ва он нақши калидие дар офаридани мазмуниро дорад.

Ибороти халқӣ аз фарҳанги мардум сарчашма мегирад, Яке аз сабабҳои рӯй овардани шуарои сабки ҳиндӣ ба фарҳанги мардум гуҳарбор сохтани каломи хешро аз ин дурдонаҳо медонанд.

Ибора, ки тавоноии сухани зиёдро дар лафзи андак дорад, бар он сабаб шудааст, ки шоирони сабки хидӣ ба кор баранд.

Ҳини ба кор гирифтани ибораҳо аз санъатҳои бадеӣ зиёд баҳра гирифтааст ва муваффақ ҳам шудааст. Ин ҳама ба суханвар даст додааст то дар радифи шуарои соҳибном қарор бигирад.

АДАБИЁТ

1. Кадканӣ, Шафеӣ Муҳаммадризо. Шоири оинаҳо (баррасии сабки ҳиндӣ ва шеъри Бедил). Теҳрон: Огоҳ, 1379. – 337 с.
2. Каримов У. Адабиёти тоҷик дар нимаи дуввуми асри XVIII ва аввали асри XIX. Нашриёти «Дониш»: Душанбе, 1974. – 189 с.
3. Орзӯ, Сироҷиддин Алихон. Чароғи ҳидоят. Душанбе: Ирфон, 1992. – 288 с.
4. Ризо Қаличхонӣ, Ҳамид. Истилоҳоти нусхапардозӣ дар девони Бедили Деҳлавӣ. Деҳлии нав. Исфандмоҳи 1389. – 336 с.
5. Ризоӣ, Эҳтиром. Муаррифии Муҳаммадқулӣ Салими Теҳронӣ ва хасоиси сабки девони вай. Фаслномаи тахассусии назму насри форсӣ (Баҳори адаб). Илмӣ – пажӯҳишӣ. Соли ҳафтум – шумораи чаҳорум – зимистони 1393 – шумораи паёпаи 26.
6. Сафо Забеҳуллоҳ. Таърихи адабиёт дар Эрон (ҷилди панҷум – бахши аввал). Теҳрон: 1388. – 634 саҳ.
7. Теҳронӣ Салим Муҳаммадқулӣ. Девони Салими Теҳронӣ. Бо муқаддима ва тасҳеҳи Муҳаммад Қаҳрамон. Муассисаи интишороти «Нигоҳ». Теҳрон: 1389. – 624 с.
8. Умар Моҳҷабин. Таркиботи хоси Бедил дар «Чаҳор унсур». Деҳлии нав – Баҳмани 1387. – 152 с.
9. Фозилов М. Фарҳанги ибораҳои рехта. Ҷилди 2. Нашриёти «Ирфон», 1964. – 804 с.
10. Ҳабиб. Асадуллоҳ. Сабки ҳиндӣ дар шеъри форсӣ (аз Соиб то Бедил). http://www.h-obaidi.com/ausgabe%204/sabk%20hendi.htm
11. Шеърдӯст Алиасғар. Дар мактаби шоирони Озарбойҷон аз Қатрон то Шаҳриёр. Теҳрон: Нашри Шаҳриёрон, 1389. – 400 с.

СПОСОБЫ СОЗДАНИЯ ПОЭТИЧЕСКИХ ВЫРАЖЕНИЙ В ДЕВОНЕ САЛИМИ ТЕХРОНИ

Мухаммадкулу Салиму Техрони (год смерти: 1647 г. н.э.) - выдающийся поэт и один из основателей индийского стиля, чьи творческие работы не были тщательно исследованы исследователями. Чтобы исследовать способы создания поэтических фраз, их развития и выражения, в этой статье составлен описательный и анализирующий метод.

Салим следовал за Хофизом среди классических поэтов и использовал в своих изображениях Девона Хизра и Оби Хайота, Лейли и Маджнуна, Юсуфа и Зулайхо, Якуба и Искандара.

***Ключевые слова**: Хофиз, Бедил, Индийский стиль, Салими Техрони.*

WAYS OF CREATING POETIC EXPRESSIONS IN DEVON OF SALIMI TEHRONI

Muhammadquli Salimi Tehroni (year of death: 1647 A.D.) is an outstanding poet and one of the founders of Indian style whose creative works were not thoroughly investigated by the researchers. In order to explore ways of creating poetic phrases and their developing and expression a descriptive and analyzing method is compiled in this article.

Salim followed much Hofiz among classic poets and he used in his Devon images from Khizr and Obi Hayot, Layli and Majnun, Yusuf and Zulaykho and Yaqub and Iskandar.

***Keywords:** Hofiz, Bedil, Indian style, Salimi Tehroni.*

Сведение об авторе:

***Насимбек Курбонзода** – докторант (PhD) – и кафедри классического летература Худжандского государственного университета имени академик Б.Гафуров тел: +992927133107, E-mail: nasimi.91@mail.ru*

About the author:

***Nasimbek Qurbonzoda** – doctor (PhD) student in the department of classical literature of the Khujand State University named after academician B.Ghafurov Phone: +992927133107, E-mail: nasimi.91@mail.ru*

ХУСУСИЯТҲОИ ЗОВИЯИ ДИД ДАР РОМАНИ “ҲАЙҶО”-И ӮРУН КӮҲЗОД

Аҳмадзода Ф.Ф.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Истилоҳи “зовияи дид” тарҷумаи калимаи фаронсавии “focalisation” [1, с.206] ё истилоҳи англисии aspect / point of view [10, с.31-32] буда, ҳамчун яке аз мафоҳими калидии нарратология шинохта мешавад ва баҳсу баррасиҳо пиромуни он даҳсолаҳост, ки идома дорад. Аҳамийяти ин мафҳум дар он аст, ки ҳеч гуфтумони ривоӣ бидуни зовияи дид вуҷуд дошта наметавонад, чун ин дидгоҳест, ки нависанда аз мавқеи он ҳангоми навиштан истифода мекунад. Аввалин бор дар авохири асри XIX ба мабҳаси мазкур ишора шуда буд [9, с.13], вале то имрӯз масъалаи таърифу дастабандии анвои он комилан муайян нашудааст. Ба ҳамин хотир, дар нақди адабии муосир равишҳои мухталифи таъбиру тафсири зовияи дид ба миён омадааст, ки ҳар як ҳамчун назарияи мустақили зовияи дид ё дидгоҳ қабул карда мешавад. Мусалламан, ҳар кадом аз равишҳои мазкур истилоҳоти мухталифро ба кор гирифта, дастабандиҳои мутафовитро ироа медиҳанд. Аз ин рӯ, ҳангоми таҳлил бояд асосҳои як назарияи муайянро дунбол кард, то гирехе дар кор ношӣ аз вуфури мафоҳиму истилоҳот иттифоқ наафтад. Барои таҳлили маводи кори ҳозир ман назарияи зовияи диди Волф Шмидро интихоб кардаам, ки дорои хусусияти корбурдӣ буда, аз ҷиҳати танзим мураттаб ҳам ҳаст.

Мувофиқи таърифе, ки Шмид ироа додааст, “зовияи дид иборат аст аз шароите, ки тавассути омилҳои дохиливу берунӣ ба миён меояд ва ба раванди дарки ҳаводис ва интиқоли онҳо таъсир мегузорад” [5, с.122]. Истилоҳи “ҳодиса” дар тафаккури Шмид ба маънии “ҳодисае, ки аз он дар асари бадеӣ нақл шудааст” фаҳмида мешавад, яъне асоси ҳар гуфтумони ривоиро ҳодиса ташкил медиҳад. Раванди “дарк” ва “интиқол” тавассути нарратор анҷом мепазирад; ӯ ҳодисаро ба гунае дарк мекунад, қабул мекунад, сипас бардошти худро аз ҳодиса тавассути вожагон ё аломатҳои дигари иртиботӣ ба мухотаб “интиқол” медиҳад. Дар бештари маворид нарратор ҳодисаро на мутобиқи бардошти худаш, балки муносиби бардошти яке аз персонажҳои асари бадеӣ нақл менамояд. Сабаби асосии чунин қарор қабул кардани нарратор ҳамон шароити муассир бар раванди дарку интиқол аст, ки ҳамчун “зовияи дид” унвон ёфтааст ва омилҳои дохиливу берунӣ бошанд, ҳавзаҳои мухталифи зовияи дид маҳсуб мешаванд. Шмид дар назарияи худ панҷ ҳавзаи зовияи дидро ҷудо мекунад, ки дар доираи онҳо тақобули дидгоҳҳои дугонаи нарратормадор ва персонажмадор сурат мегирад. Тибқи маъмул, нарратор метавонад аз ду роҳ матлабро ба мухотаб расонад: 1. Барои интиқоли матлаб аз дидгоҳи худ истифода мекунад, ки ин дидгоҳи нарратормадор аст; 2.Аз дидгоҳи як ё якчанд персонажҳо истифода мебарад, ки дар ин ҳолат дидгоҳ персонажмадор мешавад.

Бояд қайд кард, ки наздик ба мафҳуми нарратор ва зовияи диди нарратормадор муҳаққиқи тоҷик С. Саидов низ андешаҳое иброз доштааст, ки дар фурсати муносиб метавон бо омӯзиши татбиқӣ аз он баҳра ҷуст. Эшон аз ҷумла мефармояд: “Симои муаллиф нерӯест, ки банду басти асар ва услуб онро ба як низоми муайяне медарорад” [3, с.210].

Бо такя бар ин муқаддимот тибқи назарияи ҳозир ба баррасии фаросохтори романи “Ҳайҷо”-и Ӯрун Кӯҳзод мепардозем.

Кӯҳзод дар иншои романи худ аз дидгоҳи нарратормадор истифода кардааст, яъне дар “Ҳайҷо” нақли матолиб аз тарафи шахси сеюми танҳо – нарратори “ҳамаҷобин” сурат мегирад, ки вуҷуди хоричӣ дошта, аз ҷумлаи персонажҳои асар нест. Нарратори ҳамаҷобин як инстансияи фиристонандаи маълумот аст, ки аз ҷараёни ташаккули ҳаводиси асари мавриди назар пурра огоҳ мебошад. Ин навъи нарратор аз қабл медонад, ки кадом ҳодиса чи гуна анҷом хоҳад пазируфт ва тақдири ҳар як аз персонажҳо чӣ навъ хоҳад буд.

Аммо дар “Ҳайҷо” мавориде низ ҳаст, ки нақл аз дидгоҳи персонажмадор сурат пазируфтааст. Чунин ҳолат маъмулан дар порчаҳои иқтибосии роман, ё зимни нақли

матлаб аз ҷониби персонаж иттифоқ меафтад. Масалан, дар “Ҳайҷо” хитоба ё ақидаи Иван Маленкий роҷеъ ба Осиёи Миёна ҳаст, ки дар он дидгоҳ персонажмадор аст. Ҳамчунин, дарди дили Бибисоҷида ва маворидии мушобеҳ, ки асосан дар шакли монологи дохилии персонаж ва ё нутқи айнан нақлшуда оварда мешавад.

Фарқияти ин ду инстансия дар он ифода меёбад, ки дар дидгоҳи нарратормадор нарратор ҳангоми интихоби сабку услуб, равиши ироаи матлаб ва боварҳои идеологӣ комилан озод аст, аммо дар дидгоҳи персонажмадор нарратор бояд ҳамеша дар чаҳорчӯби огоҳии он персонаже бошад, ки нақли матлаб аз дидгоҳи ӯ сурат мегирад. Шмид мутмаин аст, ки ҳеч матни ривоӣ бидуни зовияи дид вуҷуд дошта наметавонад; дар ҳар гуфтумони ривоӣ дидгоҳ ё нарратормадор аст ё персонажмадор [5, с.129]. Ин тақобули дугонаро метавон дар панҷ ҳавзаи зовияи дид дунбол кард ва вижагиҳои дидгоҳро дар ҳар асари бадеӣ муайян намуд.

Ҳавзаи персептивӣ – “Қувваи мудрикае, ки ба воситаи он ҳодисае маърифат карда мешавад” [6, с.214] “Вақте олами мутасаввир аз огоҳии персонаж убур дода шуда, сипас аз дидгоҳи персонаж қабул карда ва ё дарк карда мешавад, сухан аз дидгоҳи персонажмадори персептивӣ меравад. Вақте аломатҳои убур аз огоҳии персонаж дар матн вуҷуд надорад, он гоҳ дидгоҳ нарратормадори персептивист.” [5, с.133-134].

Ҳангоми мутолиаи “Ҳайҷо” аз ин ҷиҳат бо вазъияти дуқутбӣ дучор омадем. Дидгоҳи ҳоким бар асар нарратормадори персептивист, яъне тамоми роман натиҷаи биниш ва ҷаҳоннигарии нарратор аст. Ӯ матлабро ба гунае интиқол медиҳад, ки худаш мебинад ва дарёфт мекунад ва мусалламан мувофиқи ақоиди худ таъбиреро ироа медиҳад. Масалан: “Дар аморати Бухоро ду гавҳари ноёб қадру қимат надошт – Одам ва Китоб” [2, с.105]. Қобили мушоҳида аст, ки ин ақидаи нависанда куллист ва бидуни ишора ба мисолҳои муайян оварда шудааст. Ҳамзамон муносибати нарраторро нисбати дидгоҳҳои маърифативу фарҳангии ҷомеа бозгӯй мекунад. Аз як тараф, одам ва китобро гавҳари ноёб меномад, ки дар назари аввал ғайримантиқист, чун одам ақаллан дар Бухоро ноёб набуд. Аз ҷониби дигар, бо ҳарфи калон навишта шудани калимаҳои одам ва китоб ишора ба он аст, ки манзур одаму китобҳои маъмулӣ нест. Ҳамчунин, Одам ва Китобро дар охири ҷумла, баъди аломати тире гузошта, аз аҷзои дигар ҷудо ва ба навъе дар мавқеи назаррастар қарор доданаш низ таъкиди дигарест бар аҳамияти ин мафоҳим дар тафаккури нависанда. Барои мисол, агар асарро шахси дигаре менавишт, ки ба илму фарҳангу китоб таваҷҷуҳи хоссе надошт, табиатан бардошти мутафовитеро аз ҳамон як ҳолат ироа медод. Шахсе, ки диққаташ ба тиҷорату касби мол аст, яқинан метавонист чунин нависад: Бухоро шаҳри ниҳоят хуб аст, чун ба хотири бемаърифатии аксари аҳолиаш метавон ба роҳатӣ пули зиёде кор кард. Аҳамияти ҳавзаи персептивӣ дар он аст, ки наҳваи муносибати хонанда нисбати асар ба ҳамин ҳавза вобаста аст.

Дар қисматҳои ҷудогонаи роман дидгоҳи персонажмадори персептивӣ низ ба мушоҳида мерасад, ки ақоиду бардошти персонажҳои мухталиф дар он баён карда мешавад, аммо аз тарафи нарратор. Яъне ҳодисаро нарратор баён менамояд, вале на ба гунае, ки худаш дарк кардаву дарёфтааст, балки ба навъе ки персонаж дарку дарёфт намудааст. Мисол: “Мо ин хел табибҳо надорем. Табиби мо амри тақдиру хости Худост” [2, с.60]. Дар ҷараёни ошноӣ бо мавқеи нарратор маълум мешавад, ки чунин ақидаи персонаж комилан муқобили дидгоҳи нарратор аст. Ҳолатҳое ҳам ҳаст, ки дидгоҳи персонажмадор аз дидгоҳи нарратор фарқи зиёд намекунад ва маъмулан барои устувортар кардани мавқеи ақидатии нарратор дар ҳавзаи персептивӣ оварда мешавад. Дар “Ҳайҷо” муҳандис Дӯстмурод ҳамин тавр персонажи ёридиҳандаи нарратор дар ин ҳавзаи зовияи дид аст.

Ҳавзаи идеологӣ – “матни ривоӣ дар ҳавзаи идеологӣ (ё арзишгузор) метавонад мавқеи маънавии персонаж ё нарраторро инъикос намояд” [5, с.134-135].

Дар робита бо ҳавзаи мазкур, дидгоҳи афзалиятнок дар “Ҳайҷо” нарратормадори идеологист. Ҳангоми ошноӣ бо муҳтавои роман ба зудӣ маълум мешавад, ки нарратор аз як мавқеи хосси идеологӣ дифоъ карда, дар доираи он изҳори назар менамояд. Албатта дар роман дидгоҳҳои персонажмадори идеологӣ ҳам, ки бар муқобили дидгоҳи нарратор баромад мекунад, вуҷуд дорад, аммо чунин ба назар мерасад, ки ин гуна мавридҳо барои

эҷоди тақобул ва барҷастатар нишон додани дидгоҳи нарратор ба миён оварда шудаанд. Барои нависанда дидгоҳи нарратормадори идеологӣ ба дараҷае муҳим аст, ки ҳар як ҳодиса, тамоми персонажҳои аслӣ ва гузаро, ки дар “Ҳайҷо” шуморашон кам нест, сабки навиштор ва хусусиятҳои синтаксисии матн ҳама барои баёни комилу тамомиёри дидгоҳи идеологӣ ба хидмат гирифта шудаанд. Барои ҳавзаи идеологӣ наметавон дар доираи як ё якчанд ҷумла мисол овард, ба ҳамин хотир наметавонем иқтибоси 1-2 сафҳагӣ аз роман нақл намоем, вале ба вижагиҳои роиҷ мешавад ишора кард.

Ҳавзаи маконӣ – “дидгоҳи персонажмадор дар ин ҳавза тавассути вобаста шудани ривоят ба мавқеи маконии муайяне, ки яке аз персонажҳо ишғол намудааст, шакл мегирад. Дидгоҳи нарратормадор бошад, бо таваҷҷуҳ ба масъулияти маконии нарратор метавонад дар бастагӣ бо мавқеи маҳдуд ва ё ҳамаҷогарди ӯ шакл гирад” [5, с.138].

Чун “Ҳайҷо” аз дидгоҳи нарратормадор навишта шудааст ва ба хусус, дар он таърих, гузаштаи халқи тоҷик баррасӣ мешавад, барои нарратор мавқеи “ҳамаҷогард” мувофиқ аст. Яъне нарратор тамоми ҳаводиси барои нигориши роман даркории халқи худро аллакай медонад, чунки қабл аз шуруи навиштани асар бидуни шак, манобеъро омӯхта ва мавод ҷамъоварӣ кардааст. Барои ҳамин, новобаста аз шумори ҳавзаҳои маконӣ ҳузури нарратор дар ҳамаи онҳо имконпазир мебошад. Дар кадоме аз ҳавзаҳои маконӣ ҳузур дошта бошад, боз аз ҳаводиси ҳавзаҳои маконии дигар огоҳ аст. Масалан, агар мавқеи нарратор дар роман дар Бухоро буда, ҳаводиси рӯзи ин шаҳрро нақл карда истода бошад ҳам, метавонад бидуни мушкилӣ ҳаводиси онрӯзаи Самарқандро низ нақл карда, вазъияти ду шаҳрро муқоиса намояд, ба гунае ки гӯё шахсан дар Самарқанд низ ҳузур доштааст. Чунин хусусияти нарраторро ҳамчун “донои кулл” низ муаррифӣ кардаанд, вале ин истилоҳ маънии густардатар дорад аз он ки мавриди назари мост.

Ҳавзаи замонӣ – “дар ин ҳавза дидгоҳи персонажмадор дар он ифода меёбад, ки ривоят ба лаҳзаи амал кардан ё аз сар гузаронидани эҳсосоте тавассути яке аз персонажҳои тасвирёфта маътуф карда мешавад” [5, с.139 ва 8, с.202].

Дидгоҳи нарратормадор дар ин ҳавза бо замони амали ривояткунӣ мутаносиб карда шудааст. Барои нишон додани замони ривоят ин ҷо аз зарфҳои замони анафорӣ ҳамонанди “дар ин лаҳза”, “дар ин рӯз” истифода мешавад. Масалан: “*Дар ҳамин рӯзҳо* дар лаби Сирдарё русҳо истеҳком месохтанд”[2, с.6]. Дар ҷумлаи мазкур мисоли зарфи замони анафорӣ бо ҳуруфи кач навишта шудааст. Бояд қайд кард, ки дидгоҳи нарратормадори замонӣ дорои имкониятҳои номаҳдуд аст ва нарратор метавонад озодона ҳавзаи замониеро интихоб карда, дар доираи он матлабро баён намояд. Ӯ метавонад мувофиқи табъ ва интихоби худ байни ҳавзаҳои замониии гуногун рафтуо дошта бошад ва метавонад аз ҳаводисе, ки марбут ба ҳавзаи замонии оянда буда, барои персонажҳо ҳанӯз маълум нестанд, огоҳ бошад. Дар “Ҳайҷо” дидгоҳи персонажмадори замонӣ ба мушоҳида намерасад, чунки қисматҳое, ки аз дидгоҳи персонажмадори персептивӣ навишта шудаанд, асосан мухтасар буда, ҳаводиси матраҳшаванда дар доираи онҳо аз чаҳорчӯби ҳавзаи замонии куллии роман берун намераванд.

Ҳавзаи забонӣ – ҳавзаи ниҳоят муҳим аст, чун масъалаи “narrative competence”, яъне тавоноии танзими ривоят пурра бар дӯши ҳамин мабҳас мебошад [7, с.73]. Дар робита бо таҳқиқи мо “дар мутуни бадеӣ нарратор метавонад ҳаводисро бо забони худ баён кунад (дидгоҳи нарратормадори забонӣ) ё метавонад аз забони яке аз персонажҳо адои матлаб намояд (дидгоҳи персонажмадори забонӣ)” [5, с.141].

Дар ин ҳавза низ бар роман вазъияти дуқутбӣ ҳоким аст. Дар матни асар аҳёнан дидгоҳҳои забонии нарратормадор ва персонажмадор ҳамдигарро иваз мекунанд. Интихоби чунин равиши нигориш пеш аз ҳама бастагӣ дорад ба навъи асар. Чун “Ҳайҷо” романи таърихист, тамоми воқеаҳои он дар гузашта сурат мегирад. Мутаносибан, қисмати аъзами матн аз гуфтумони тасвирӣ иборат аст, ки аз дидгоҳи нарратормадори забонӣ навишта шудааст, зеро ироаи тасвир аз саҳнаҳои гузашта бевосита тавассути нарратор ба амал оварда мешавад. Он ҷо ки гуфтумони тасвирӣ ба охир расида, хатти сюжет пӯё ва дорои ҳодисаҳои ҷолиб мегардад, дар қисматҳое аз асар дидгоҳи персонажмадори забонӣ фаъол мегардад, чун нарратор риштаи ривоятро ба ягон персонаж ҳавола мекунад. Дидгоҳи персонажмадори забонӣ аз нарратормадор пеш аз

ҳама бо хусусиятҳои сабкӣ фарқ мекунад, ва он гоҳ ҳамчун нишондиҳандаи хусусиятҳои ҷисмониву равонии персонаж хидмат менамояд. Масалан, нутқи персонаж метавонад ба сатҳи дониш, ба вижагиҳои хислат ва хусусиятҳои дигари шахсият мисли наҳваи ибрози афкор, лаҳҷа, оҳанги гуфтор ва боварҳои идеологии ӯ ишора дошта бошад. Бо таваҷҷуҳ ба ҳамин вазъият, дидгоҳҳои забонӣ ва идеологӣ робитаи мустаҳками дуҷониба доранд ва дидгоҳи забонӣ бештар ҳамчун дастгоҳи ёридиҳандае барои дидгоҳи идеологӣ дар назар гирифта мешавад. Гузашта аз ин, забон аз аносири муҳимтарини сабк аст, ба қавле: “асоси услуб, ҷони онро забон ташкил медиҳад” [4, с.166], аз ин рӯ таваҷҷуҳи махсус бар он барои дарёфти маълумоти изофӣ ҳатмист.

Аз ин қарор аст вазъияти зовияи дид дар романи “Ҳайҷо”. Дар ин таҳлили мухтасар, вале ҷомеъ бар асоси мушоҳидаҳои марбут ба зовияи дид мавридҳои вижае дар гуфтумони ривоии нависанда дида шуд, ки равиши офариниши ӯро аз муосиронаш фарқ мекунонад.

Аввалан, дар гуфтумони ривоии Кӯҳзод ҳамаи панҷ ҳавзаи зовияи дид, ки Волф Шмид пешниҳод намудааст, вуҷуд дорад. Азбаски назарияи фокализатсияи Шмид яке аз назарияҳои муосири муфассал ва фарогир аст, татбиқи он бар асари бадеӣ ва ба даст омадани чунин натиҷа нишонаи тавоноии нависанда маҳсуб мешавад. Ҳангоме ки асари бадеӣ ба талаботи ин назария ҷавобгӯст, пас бо ҳамаи назарияҳои мавҷуди зовияи дид низ мутобиқат дорад.

Дувум ин ки дар ҳар панҷ ҳавзаи зовияи дид дидгоҳи нарратормадор нисбати дидгоҳи персонажмадор хеле фаъолтар аст. Ин ҳолат нишонаи қотеияти хоҳиши нависанда барои расонидани паёмест, ки бар асараш ҳамл намудааст. Чун ҳангоми мутолиаи роман дидгоҳи нарратормадор пайваста пеши рӯй аст ва дар муқоиса бо дидгоҳҳои персонажмадор ниҳоят ҷонибгирона ҳам ҳаст, эътиқод бар дурустии он хоҳу нохоҳ меафзояд, бахусус, вақте шоибаи ҳақиқат дар он дидгоҳ вуҷуд дошта бошад. Пас метавон гуфт, нависанда дар интиқоли паёмаш ба мухотаби асар муваффақ будааст.

Севум, бидуни таваҷҷуҳ ба адами ҷаҳишҳои замонӣ, махсусан дар се дафтари охири роман, ки мутаносибан бояд хатти сюжети исто ба бор меовард, як муҳтавои бисёр ҷолиб ва пӯё ироа дода шудааст.

Чаҳорум, дар робита бо ҳавзаи забонии зовияи дид бояд қайд кард, ки сохтмони ҷумлаҳои кӯтоҳ ва ё ҷумлаҳои мураккаби пайваст камбуди муколимаро дар асар пурра ҷуброн кардааст. Ба ин маънӣ, ки ҳар қадар дар матн ҷумлаи кӯтоҳ зиёд бошад, дарсади истифодаи феъл боло меравад ва бори иттилоотии матн сангинтар шудан мегирад. Дар натиҷа, ба хотири ироаи пайвастаи иттилооти нав хонанда барои дилгир шудан фурсат намеёбад ва бо вуҷуди нақли якмароми нарратор асар зудхон аст.

Бо таваҷҷуҳ ба мавориди мазкур, бояд иқрор шуд, ки инъикоси тамоми талаботи чунин назарияи мукаммали зовияи дид дар гуфтумони ривоии романи “Ҳайҷо” аз истеъдод ва ҳунари волои нависандагии Кӯҳзод хабар медиҳад.

АДАБИЁТ

1. Женетт Ж. Фигуры. Монография / Ж.Женетт. – М.: издательство имени Сабашниковых, 1998. – 944 с.
2. Кӯњзод Ӯ. Њайљо. Роман / Ӯ. Кӯњзод. – Душанбе: Адиб, 2015. – 414 с.
3. Саидов С. Сабкшиносї. Монография / С. Саидов. – Душанбе: Адиб, 2012. – 255 с.
4. Федин К. Слова о книге. Монография / К. Федин. – М.: Наука, 1981. – 216 с.
5. Шмид В. Нарратология. Монография / В. Шмид. –М.: Языки славянской культуры, 2003. – 312 с.
6. Chatman S. Story and Discourse: Narrative structure in Fiction and Film. Monograph / S. Chatman. – Ithaca: Cornell University Press, 1978. – 311 pp.
7. Hamon Ph. Introduction a l’analyse du descriptif. Monographie / Ph. Hamon. – Paris: Hachette, 1981. – 158 pp.
8. Herman D. Story Logic: Probltms and Possibilities of Narrative. Monograph / D. Herman. – Lincoln: University of Nebraska Press, -2002. – 279 pp.
9. James H. The Art of Fiction / H. James // Longman’s Magazine. – 1884. - №4. pp. 13-27.
10. Prince G. A Dictionary of Narratology. Monograph / G. Prince. – Lincoln & London: University of Nebraska Press, 2003. – 126 pp.

ОСОБЕННОСТИ ФОКАЛИЗАЦИИ В РОМАНЕ «ХАЙДЖО» У. КУХЗОД

Данная статья рассматривает проблемы фокализации - одну из ключевых категорий теории нарратива. В статье приведено терминологическое значение слова «фокализация» и вкратце сказано об истории возникновения и особенностях этого термина. Затем следует короткий обзор

пяти планов точки зрения согласно теории фокализации немецкого ученого – Вольфа Шмида. Также в процессе анализа произведения в целях всестороннего изучения темы рассматриваются и другие теории в этой области. В ходе подробного анализа каждого из пяти планов точки зрения были приведены соответствующие примеры из «Хайджо» и соответствие повествовательного дискурса с положениями теории поэтапно было доказано. Также в статье рассказывается о нарраториальной и персональной точках зрения и определяется их различие. В результате анализа выяснилось, что в «Хайджо» преобладает нарраториальная точка зрения, а персональная точка зрения встречается только во вставных фрагментах и внутренних монологах персонажей. В перцептивном и языковых планах функционирует двуполюсная точка зрения, т.е. и нарраториальная и персональная. В идеологическом, пространственном и временном плане точка зрения является только нарраториальной. В результате анализа были выявлены следующие особенности точки зрения в «Хайджо»: умение и талант автора в написании художественного текста; успех писателя в донесении идеи произведения до читателей; независимо от малого количества временных сдвигов, сюжет произведения динамичен; роман легко читаемый, так как простые короткие предложения компенсируют малое количество диалогов в нем.

Ключевые слова: *«Хайджо», Кухзод, теория точки зрения, Вольф Шмид, перспектива, персональная точка зрения, нарраториальная точка зрения, повествовательный дискурс, нарратология.*

FEATURES OF FOCALIZATION IN THE NOVEL "HAIJO" BY U. KUHZOD

This article deals with the problems of focalization - one of the key categories of the theory of narrative. This problem has not been raised before by Tajik literary critics, so this article is the first experience of such study. The article gives terminological meaning of the word "focalization" and briefly talks about the history of origin and features of this term. Then follows a short survey of the five points of view plans according to the theory of focalization of the German scientist Wolf Schmid. Also, to form the divers analyses of a subject, the major theories of the point of view have been used in present article. In the course of a detailed analysis of each of the five plan views, the relevant examples from the "Haijo" were given and the correspondence of the narrative discourse with the basis of the theory was proved systematically. In addition, the article tells about the narratorial and personal points of view and determines their difference. As a result of the analysis, it turned out that the "Haijo" is dominated by the narratorial point of view, and the personal point of view is found only in plug-in fragments and internal monologues of the characters. In perceptual and linguistic plans, a bipolar viewpoint functions, i.e. both narratorial and personal. This case is interesting, because bipolar viewpoints are rare in fiction literature. In the ideological, spatial and temporal plans, the point of view is only narratorial. As a result of the analysis, the following features of the point of view in "Haijo" were revealed: the author's ability and talent in writing an artistic text; the success of the writer in conveying the idea of the work to readers; regardless of the small number of time shifts, the plot of the work is dynamic; the novel is easily readable, since simple short sentences compensate for the small number of dialogues in it.

Key words: *"Haijo", Kuhzod, point of view theory, Wolf Schmid, perspective, personal point of view, narratorial point of view, narrative discourse, narratology.*

Сведения об авторе:

Ахмадзода Фаррухаи Фурузонфар *– докторант PhD кафедры теории и новейшей персидско-таджикской литературы Таджикского национального университета. E–mail: ahmadzade.ff@gmail.com Телефон: (+992) 98597 79 88.*

About the author:

Ahmadzoda Farrukhai Furuzonfar *– PhD student in the department of Theory and modern Persian and Tajik literature of Tajik National University. E–mail: ahmadzade.ff@gmail.com; phone: (+992) 98597 79 88.*

МАҶАЛЛАИ «САДОИ ШАРҚ» ВА БАЪЗЕ МАСЪАЛАҲОИ НАҚДИ АДАБӢ

Қодирова Д. Л.

Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ

Дигаргуниҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангие, ки дар солҳои ҳафтоду ҳаштод ва навадуми садаи бист дар ҷомеаи Шӯравӣ, аз ҷумла Тоҷикистон рух дод, ба ҳаёти адабӣ низ бетаъсир набуд. Бахусус баъди нашри қарори ҳизби коммунист «Дар бораи танқиди адабӣ-бадеӣ» дурнамои инкишофи афкори адабиву зебоишиносӣ ба мушоҳида мерасид, ки ба ҷараёни ташаккул ва таҳаввули нақди адабӣ бетаъсир набуд. Баъди нашри қарори зикршуда ва баҳсу мунозираҳои матбуотӣ дар атрофи он таваҷҷӯҳи аҳли адаб, аз ҷумла мунаққидон ба арзёбии масъалаҳои

назарӣ, амалӣ ва зебоишиносии адабиёт бештар гардид. Ин ҷараён то ҷое барои дарки тозаи ҳодисаҳои ҷараёни адабӣ ва арзёбии воқеъбинонаи эҷодиёти шоиру нависандагон ва мунаққидон шароит ба вуҷуд овард, ки як андоза ба пешрафти нақду нақдӣ мусоидат ҳам кард. Дар ташаккул ва таҳаввули нақди адабӣ дар ин давра, бешак нақши маҷаллаи «Садои Шарқ» чашмрас аст. Таҳқиқ ва арзёбии ин масъала имкон медихад, ки дар заминаи маводи мушаххаси адабию танқидӣ, равишҳои асосии назарӣ ва амалии нақди адабии он давра, ҳусну кубҳи он муайян карда мешавад.

Ҳамчунон ки профессор Сатторов А. (А.Сатторзода) муътақид аст, «То як андоза ба ҳам мувофиқат накардани давраҳои авҷи инкишофи адабиёти бадеии тоҷик ва танқиди адабии он анъанаи қадимӣ буда, ба қонуниятҳои дохилии тараққиёти он соҳаҳои эҷодӣ вобаста мебошад» [1, с. 127]. Омӯзиш ва арзёбии маводе, ки дар ин замина дар маҷаллаи «Садои Шарқ» чоп шудаанд имкон фароҳам меоварад, ки равишҳо ва ҷараёнҳои инкишофи нақди адабӣ дар давраи мавриди назар муайян карда шавад.

Зимнан бояд гуфт, ки маводи интиқодие, ки дар маҷаллаи «Садои Шарқ» чоп шудааст, аҳён-аҳён мавриди таваҷҷӯҳи аҳли таҳқиқ қарор доштааст. Дар ин замина метавон аз мақолаҳои Сатторов. А «Нуқсу камоли танқид», «Дархостҳои танқидӣ». Шукуров. М «Илми танқид ва санъати мунаққид», «Танқид қувваи фаъол аст», «Гавҳариёни сухан бошем» «Барои танқиди объективӣ», «Аз паси дарёфти фаҳмиши нав», Шарифов Худоӣ «Танқиди адабӣ ва баъзе ҷиҳатҳои инкишофи он», Сайфуллоев А. «Танқиди адабӣ дар муборизаи барои идеалҳои коммунизм», «Танқид ва адабиёти имрӯз», Ҳодизода Р. «Танқиди адабӣ ва масъалаҳои бадеияти адабиёт », Акбаров Ю. «Вазифаи мақаддаси танқид»

Ҳакимов А. »Танқид ва ҷараёни адабӣ», «Масъалаҳои адабиёт масъалаҳои танқиданд», Бақозода,Ҷ. «Танқид ва масъалаҳои адабиёт», Набиев «А. Андешаҳои моҳиятҷӯ», Муллоҷонов М. «хонанда, китоб, нависанда, Отахонова Х. «Мавқеи танқиди адабӣ дар инкишофи адабиёт» ва ғайра ёд кард, ки дар онҳо вобаста ба мавзӯъ баъзе маводи дар маҷаллаи «Садои Шарқ» чоп шуда, нақд ва арзёбӣ шудаанд.

Ҳамчунин, дар сӯҳбати гирди миз, ки таҳти унвони «Масъалаҳои насри муосир», маҷаллаи «Садои Шарқ» доир карда буд, баъзе иштирокдорон доир ба саҳми маҷалла дар муҳокимаи масъалаҳои нақди наср ва равишҳои он сухан карда мурур ба таърихи омӯзиши мавзӯъ собит месозад, ки мавзӯи нақди адабӣ ба таври лозим тадқиқ ва арзёбӣ нашудааст. Он чӣ анҷом гирифтааст таҷрибаи аввал ва маҳдуд буда, баъзеи он фақат ҳамчун таҷрибаи тадқиқ аҳамият дорад.

Аз ин нуқтаи назар мо хостем дар ин мақола ба таври мухтасар доир ба нақши маҷаллаи «Садои Шарқ» дар инкишофи нақди он давра баъзе мулоҳизаҳоро баён кунем.

Вазъи сиёсӣ ва адабиву иҷтимоии солҳои ҳафтод ва навадум хусусиятҳои асосии раванди инкишоф ва бурду бохти нақди адабиро дар ин давра муайян мекунад. Дар асоси воқеиятҳои сиёсиву иҷтимоӣ ва адабии ин давра ва маводи дар маҷалла нашр шуда хусусиятҳои нақди адабии ин давраро мушаххас намудан мумкин аст.

Маҷаллаи «Садои Шарқ» дар ин давраи мавриди назар барои ташаккул ва таҳаввули нақди адабӣ, равишҳои солиму судманди он саҳми арзишманд гузошта, як силсила чорабиниҳоеро анҷом додаст, ки то ҷое шароитро барои рушди афкори солим ва холисонаи ҳунариву зебоишиносӣ фароҳам аварда, ба пешрафти ин соҳа мусоидат намудааст. Интихоб ва нашри маводи танқидӣ мавқеи маҷалларо дар ҳифзи арзишҳои касбии нақди адабӣ собит мекунад. Дар ин замина мавқеияти зебоишиносии маҷалла дар ҷойи аввал буда, ҷараёни дарки махсусиятҳо ва навҷӯиҳои нақди адабӣ дар шинохт ва арзёбии осори бадеӣ муҳим ба назар мерасад.

Масъалаҳои ба таври ҷомеъ таҳқиқ нашудаи таърихи нақди адабӣ, аз ҷумла дар солҳои 70-90 зиёданд, ки дар ин радиф метавон аз сиёсати давлатии вақт дар тарҳрезиҳои сиёсати адабӣ ёд кард. Дар бисёр ҳолатҳо маҳз ҳамин сиёсат равишҳои инкишофи нақдро муайян мекунад, ки доираҳои расмии илмиву адабӣ тарафдор ва амаликунандаи он буданд. Ин тамоюл, мутаассифона барои нақди адабии ин солҳо зиёнбор ҳам будааст. Ҳамин тамоюл гоҳо сабабгори бархӯрди ғайримунсифона ба эҷодиёти адибони ҳунарманд шуда, монеи инкишофи адабиёти асил гардидааст.

Бовуҷуди монеаҳои мавҷуд нақди адабӣ дар ин давра пеш рафт, бо шохаҳои мустақил нақди шеър, нақди наср, нақди нақд (худогоҳии нақд), нақди махсуси тарҷума ва адабиёти наврасону ҷавонон (бачагона) ҷудо шуд. Дар ин равиш савияи илмии мунаққидон низ боло рафта, доираи жанрҳои нақди адабӣ тавсиа ёфт. Таваҷҷӯҳи мунаққидон ба ҷанбаҳои мавзӯи, ғоявӣ, шахсиятпардозӣ ва зебоишиносии – осори бадеӣ афзуд. Нақди жанрҳову сабки нигориши шоиру нависандагон низ аз хусусиятҳои касбии нақди адабии ин давра дар саҳифаҳои маҷалла мебошад.

Сиёсати адабиро дар замони Шӯравӣ қарорҳои Кумитаи марказии ҳизби коммунист ва нишондодҳои анҷуманҳо (съездҳо) - и ҳизб муайян мекард. Ҳамин гуна қароре, ки сиёсати адабии Ҳукумати Шӯравиро дар соҳаи адабиёт то октябри соли 1988 қотеъона ва пайгирона ҳимоят ва амалӣ кардааст ва дар муҳити адабии Тоҷикистон низ таъсиргузор будааст, қарори ҳизби коммунист «Дар бораи журналҳои «Звезда» ва «Ленинград» мебошад. Ин қарор моҳи октябри соли 1988 бекор шуда бошад ҳам таъсири зиёнбори он ба адабиёти Шӯравии собиқ, аз ҷумла адабиёт ва нақди адабии тоҷик муддатҳои тӯлонӣ бар ҷо буд. Ин таъсирро фақат нашри қарори КМ ҳизби коммунист «Дар бораи танқиди адабию бадеӣ» андаке коста бошад ҳам вале сиёсати адабию фарҳангӣ дар даст ва зери ҳукми ҳизб ва давлати Шӯравӣ буд [8, с. 112].

Бинобар ин маҷаллаи «Садои Шарқ» дар нашри маводи интиқодӣ аз мавқеи қарорҳои анҷуманҳои ҳизб ва дигар амру нишондодҳо ба осори адибон баҳо додааст. Дар анҷоми даҳаи шаст ва оғози солҳои ҳафтодуми садаи гузашта сармақолаи маҷаллаи «Садои Шарқ» бо номи «Танқид ва ҷараёни адабӣ»[5, с. 101] ҳамин гуна рисолатро анҷом медод. Ҳадаф ва хости идораи маҷалла дар пораи зер равшан баён шудааст: «Дар таҳлили ҷараёни ҳаёти адабӣ ва нақди асарҳои навини адабиёти мо маҳаки асосии танқид, меъёри асосии таҳқиқи танқидӣ бояд принсипи партиявияти адабиёт, принсипи марксистӣ –ленинӣ бошад. Мо дар ин роҳ набояд ба субъективизми маҳдуд ва дар зоҳир илмӣ роҳ диҳем» [2, с. 3] .

Сипас дар сармақола омадааст, ки мунаққид дар баёни андешаву оро озод аст. Агар амри болоро бо ин назар дар тарозу андозем натиҷа ин аст, ки маҳдудият дар баёни андеша ҳамчунон барҷост. Дар мақола қавӣ сохтани бунёди назарии нақди адабӣ, эҷоди мақолаҳои таҳлилӣ, барпо кардани мубоҳисаҳои танқидӣ таъкид шуда, маҳорати илмӣ ва ҳунарии мунаққид омили аслии пешрафти соҳа эътироф шудааст. Мақола хусусияти дастурӣ дошта, сиёсати адабии ҳизб ва давлатро дунбол кардааст.

Нашри қарори Кумитаи марказии ҳизби коммунист «Дар бораи танқиди адабию бадеӣ» низ асосан дунболагирӣ аз ҳамин гуна сиёсати адабӣ буда, мақолаи Сайфуллоев А. «Танқид ва адабиёти имрӯз» як навъ ҳамовозӣ ба қарор аст. Ин мақола матни суханронии муаллиф дар пленуми дуюми Иттифоқи нависандагон буд, ки баъди нашри қарори дар боло зикр шуда баргузор шуд ва сиёсати адабии ҳизбро дастгирӣ ва таблиғ мекард. Аз ҷумла муаллиф «танқиди адабиро аз ҷумлаи масъалаҳои аввалиндараҷаи ҳаёти ғоявию сиёсӣ ва эстетикӣ» донистани ҳизбро таъкид карда, ин ҳуҷҷатро ҳамчун василаи раҳнамои адибон бо эътибор медонад.

Дар он замон азбаски таҳлили ҳодисаҳо, тамоюл ва қонуниятҳои ҷараёни адабӣ танҳо аз мавқеи идеологияи ҳукмрон имкон дошт, муаллиф дар сари таҳлили тезисҳои қарор андешаи мустақил надорад ва ин амали ӯ ифодагари хусусияти тобеии нақд ва дастандаркорони он ба идеологияи ҳоким мебошад. Худшиносии нақд танҳо аз мавқеияти идеологияи ҳоким имконпазир ва амалишаванда буд, ки маҷалла ва муаллифони он ҷонибдор ва таблиғгари он буданд.

Дар соли 1973 маҷалла дар атрофии масъалаҳои насри муосир мубоҳисае доир кард, ки як навъ посух ба қарори ҳизб оид ба нақди адабии бадеӣ мебошад. Ин гуфтугӯ бо мақолаи Шукуров М. «Қаҳрамони ҳаёт- қаҳрамони адабиёт» шурӯъ шуда бо навиштаҳои Амонов Р. «Ҳақиқати бадеӣ ва ҳақиқати зиндагӣ», Набиев А. «Дар роҳи ҷустуҷӯ», Акбаров Ю. «Таҳқиқи бадеии рӯзгори шӯрангез», Сайфуллоев А. «Мавзӯи таърихӣ ва ақидаҳои интернатсионалии нависанда», Маҳкамова Ш. «Қаҳрамони мусбат ва тасвири замон», Бақозода Ҷ. «Тасвири инсон дар ҳикоя» ва Усмонов А. «Образи ҳаҷвӣ дар насри бадеӣ» идома ёфтааст. Идораи маҷалла ин баҳсро дар сармақолаи шумораи якуми соли 1974 ҷамъбаст карда дар бораи ҳадаф ва вазифаҳои чунин баҳсу мунозира навиштааст: «Мубоҳиса дар атрофи масъалаи тасвири симои одами муосир дар наср ва конференсияе, ки дар шаҳри Ленинобод [Хӯҷанд] дар хусуси «Мавзӯи Таърихию револютсонӣ дар насри тоҷик» шуда гузашт, мисол шуда метавонад. Ин мубоҳисаву конференсия нишон доданд, ки мунаққидон ва адабиётшиносон аз қарори КМ КПСС «Оид ба танқиди адабии бадеӣ» хулосаҳои лозима бароварда истодаанд». [8, с.112]

Ин хулоса ба он ишора мекунад, ки қарорҳои роҳбарияти ҳизбӣ ва давлатиро аҳли адаб иҷро мекунанд. Вале оё ин иҷро карданҳо навҷӯиҳоро ҳадаф қарор додаанд?! Ҳадаф тасдиқ ва таъкиди тобеият асту бас.

Ҳакимов А. дар мақолаи «Танқид ва ҷараёни адабӣ» ба қарори зикршуда ишора карда менависад: «Моҳияти танқиди адабии бадеӣ, чунон ки дар қарори КМ КПСС оид ба танқиди адабии бадеӣ хотирнишон шудааст, дар он аст, ки вай натанҳо вазифаи «шорехи» адабиётро ба зима дорад, зиёда аз ин вай барои ташаккули завқи эстетикӣ ва такомули тафаккури бадеии хонандагон хизмат мекунад». Дар ин замина муаллиф ба хулоса меояд, ки танқид як ҳиссаи адабиёт ва илм буда, ба ташаккул ва такомули ҷараёнҳои адабӣ ва назарияи худшиносии онҳо мусоидат менамояд»[6, с.121]

Ду мақолаҳои дигар, ки аслан матни суханронии муаллифон дар пленуми дуюми садорати Иттифоқи нависандагон мебошад, дурнамои сиёсати адабӣ дар заминаи нишондодҳои ҳизби коммунист муайян карда шудааст. Инҳо мақолаҳои Сайфуллоев А. «Танқид ва адабиёти имрӯз» [3, с. 111] ва Ҳодизода Р. «Танқиди адабӣ ва масъалаҳои бадеияти адабиёт» мебошанд. Ҳакимов А. ин ду мақоларо нақд карда, дар ин замина мунаққидони фаъол, аз қабили Шукуров, М. Ҳодизода Р, Амонов, А. Сайфуллоев, С. Табаров ва ҷавонони он рӯзгор Шарифов Х, Бақозода Ҷ, А. Сатторов, Ҳ, Шодиқулов ва Ю Акбаровро зикр мекунад. Дар хотима ӯ аз қарори КМ ҳизби коммунист иқтибоси тӯлонӣ оварда, ба раҳнамоии бебадали ҳизбӣ дар соҳаи адабиёту фарҳанг таъкид мекунад. Мақола ситиоишномаи қарори мазкур буда, масъалаҳои бунёдии адабиёт ва инкишофи онро ба миён нагузоштааст.

Мақолаи Отахонова Х. «Мавқеи танқиди адабӣ дар инкишофи адабиёт» низ дар ситоиши қарорҳои анҷумани бисту панҷуми ҳизби коммунист буда, тамоми муваффақиятҳои адабиёти тоҷикро маҳсули «дар амал тадбиқ намудани нишондодҳои программавии партияи коммунистӣ» медонад. [7, с.105]

Унвони бисёре аз мақолаҳои чопшуда худ ифодагари сиёсати ҳизби коммунист ва давлати Шӯравӣ дар соҳаи адабиёт мебошанд. Масалан Табаров С. мақолаашро «Қарорҳои партия ва инкишофи танқиди адабӣ» унвон карда, қарори маълуми «Дар бораи танқиди адабии бадеӣ»-ро раҳнамои адабиёт ва ҳунари асил медонад ва таъкид ҳам мекунад, ки қарори КМ КПСС «Дар бораи танқиди адабии бадеӣ»-ро барномаи эстетикӣ, платформаи адабию бадеии санъати сотсиалистӣ ва муайянкунандаи роҳу равиши инкишофи танқиди адабиёту санъати сермиллати советӣ номидан мумкин аст». [9, с.124]

Аз ин ва бисёре аз мақолаҳои дигар бар меояд, ки сиёсати адабӣ дар он давра пеши роҳи ҳама гуна дигарандеширо гирифта, адабиётро дар қолаб нигоҳ медоштааст. Ин ҳамон равиш буд, ки қарори КМ ҳизби коммунист «Дар бораи журналҳои «Звезда» ва «Ленинград» нисбат ба адабиёт раво дида буд ва дар вақташ нависандаи рус Зощенко ба дастури зер ба он эътироз карду ситезаш ба ҷое нарасид ва ҳизбу давлат чопи осорашро мамнӯъ эълон карда буданд. Ӯ навишта буд, ки «Намешавад адабиётро мутамарказ сохт. Ин корро дар истеҳсолот метавон кард, вале дар адабиёт не. Ин низоми нодуруст аст ва ба он меоварад, ки мо бе адабиёти асил мемонем». [4, с.109]

Воқеан қарорҳои пешинаи ҳизб ва қароре, ки Табаров С. онро ҳамчун далели «роҳбарии партия ба кори танқиду адабиёт» тавсиф мекунад, ҳадафи адабиётро ба аслиҳа табдилдиҳӣ дошт. Табаров С. таърихи роҳбарии ҳизб ба адабиёт ва танқиди адабиро зикр карда, миёни ин қарорҳо ҳеҷ фарқе намебинад. Ҳамаи он қарорҳо хуб будаанд ва ба адабиёту ахли адаб раҳнамоии содиқона доштаанд. Ҳадафи аслии муаллифи мақола ҳамчун аслиҳаи идеологӣ нигоҳ доштани танқиди адабӣ мебошад.

Аз дидгоҳи Табаров С. танқиде, ки ба эҷодиёти аҳли ҳунар дахолат карда метавонад, танҳо танқиди идеологии коммунистӣ аст. Танқид бояд ҳақиқати бадеиро ба ҳақиқати воқеӣ муқоиса кунад ва дар маърифати ҳарду ширкат варзад. Табаров С. аз ҳимоячиёни ҷаррори равияи коммунистии танқиди адабӣ буд. Аз ҳамин мавқеъ ӯ мунаққидонро «таълимдиҳанда ва муаллимони ҳақиқии нависандагон » ва «мураббии ҷараёни адабиёти муосир» ба назари ӯ осори адабӣ бояд «аз нуқтаи назари талаботи эстетикаи марксистӣ-ленинӣ ва нишондодҳои КМ КПСС таҳлилу тасдиқ гарданд» [9, 124]. Шубҳае нест, ки ин мунаққид бисёр хостааст адабиёт ва нависандагон куллан итоатгари ҳизб ва сиёсати он дар соҳаи адабиёт бошанд. Меъёри арзёбии осори ҳунарӣ барои мунаққид танҳо ҳуҷҷатҳои ҳизби коммунистӣ асту бас. Танқид барои ӯ аслиҳаи тарбия буда, муқобили ҳама гуна мустақилият ва дигарандешӣ равона карда шудааст, ки маҷалла низ бо мунаққид ҳамфикр мебошад.

Ҳамин тариқ, хулосаи назари муаллифон ин аст, ки танқиди адабӣ, кори идеологӣ «аслиҳаи муҳими пропаганда», василаи «тарбияи коммунистӣ», мададгори ҳизб ва давлат ба шумор омада, танҳо бо ба эътибор гирифтани сиёсати ҳизб дар роҳи инкишофу равнақи адабиёт ёрӣ расонад.

Сиёсати адабӣ бо расидани замони бозсозӣ моҳиятан дигар нашуд, вале ҷустуҷӯҳое дар ин замина аз ҷониби маҷалла роҳандозӣ гардид. Нахустин коре, ки анҷом гирифт ва то солҳои аввали даҳаи навад идома ёфт, раҳнамоии мунаққидон дар шинохти моҳияти адабиёти асил, фурӯ гузоштани хулосабарориҳои қолабӣ, иқтибоси афкори идеологӣ, таҳлили паҳлӯҳои зоҳирии эҷодиёт, мухолифат ба иҷтимоигароии маҳз ва ғайра буд, ки бо ин амал маҷалла, кам бошад ҳам, барои пешрафти нақди асил талош варзид. Аз нашри бисёр мақолаҳо метавон чунин натиҷа гирифт, ки маҷалла дар ин давра тарафдор ва таблиғгари нақди воқеан адабӣ ва ҳунарӣ буда, барои барҷоии усулҳои нақди мушаххаси адабӣ, нақде, ки метавонад осори бадеиро аз мавқеи таърихият таҳлил карда, арзишҳои бадеӣ ва зебоишинохтии онро муайян намояд, талош варзидааст.

Дар ин замина мақолаҳои Шукуров М. «Аз пайи дарёфти фаҳмиши нав» [10, 114]ва Шарифов Х. «Марзи адабиёт» чоп шуд, ки моҳияти сиёсати нави адабиро равшан карда, асосҳои назарии равиши тозаеро дар нақди адабии тоҷик эҷод карданд. Муаллифон роҳи бозгашт бар шинохт ва арзёбии адабиёти асилро роҳи халосии нақд ва адабиёт аз «иҷтимогароии дурушт ва сиёсатфурӯшии маҳз» таъбир карда, дар ин равиш сиёсати воқеии адабиро василаи қадршиносии адабиёти асил дониста буданд.

Шукуров М. бо мақолаи дар боло зикршуда аз равиши тозаи нақд мужда дод, ки дигар тобеияти идеологӣ ва табақотиро намепазируфт. Муаллиф таъкид карда буд, ки «замони мо навназарӣ, биниши тозаи танқидӣ талаб дорад». Ин биниш айбчӯии маҳзро бояд истисно кунад, зеро дар ривоҷи тамоюлҳои манфии адабӣ, аз ҷумла нақди адабӣ «низоми пурнуқси иҷтимоию сиёсии «сотсиализми казармагӣ» (сарбозхонагӣ) гунаҳгор буд». Муаллиф зуҳур ва ривоҷи нақдеро зарур ва саривақтӣ медонад, ки «манзараи воқеии ҳаёту адабиёт»-ро намоён созад. Ин андешаҳо ва баъзе мақолаҳое, ки ин донишманд дар ибтидои солҳои навад нашр кард, аз равиши тозаи нақд мужда медод, ки муттаассифона бо саршавии нооромиҳои кишвар бо сабабҳои муайян ташаккул наёфт. Дар ҳар сурат, охири солҳои ҳаштод ва ибтидои навад замони зуҳури равиши тозаи нақд аст, ки назари ҷомеи иҷтимоиву ҳунарӣ ва зебоишиносӣ меъёри ҳунаршиносии он буд.

Равиши ин гуна нақдро чунон ки Шарифов Х. мефармояд, «Эътибори сухан ва бадеият - обу гили хишти иморати адабиёт» муайян мекунад, ки на ҳама пайраваш буду ҳаст.

АДАБИЁТ

1.Сатторов А. Нуқсу камоли танқид [Абдунабӣ Сатторов] Садои Шарқ. -1969. -№4. С. 127
2.Танқид ва ҷараёни адабӣ: Садои Шарқ. -1969. -№5. С. 3.
3.А. Сайфуллоев. Танқид ва адабиёти имрӯз. Садои Шарқ. -1972. -№6. С. 111
4.Масъалахои насри муосир. Садои Шарқ. -1973. №7. С. 109
5.Ҳакимов А. Танқид ва ҷараёни адабӣ (Аскар Ҳакимов) Садои Шарқ. -1975. №1. С. 101
6.Ҳакимов А. Танқид ва ҷараёни адабӣ [Аскар Ҳакимов] Садои Шарқ. -1975. №1. С. 121
7.Отахонова Х. Мавқеи танқиди адабӣ дар инкишофи адабиёт. Садои Шарқ. -1976. №3. – 105 с.
8.Табаров С. Қарорҳои партия ва инкишофи танқиди адабӣ. Садои Шарқ. 1983. №1. 112 с.
9.Табаров С. Қарорҳои партия ва инкишофи танқиди адабӣ. Садои Шарқ. 1983. №1. - 124 с.
10. Шукуров М. Аз паи дарёфти фаҳмиши нав. Садои Шарқ. 1990. №7. – 114 с.

ЖУРНАЛ «САДОИ ШАРК» И НЕКОТОРЫЕ ВОПРОСЫ ЛИТЕРАТУРНОЙ КРИТИКИ

В статье рассматривается профессиональный и идеологический метод деятельности журнала "Садои Шарк" относительно выбору и публикации критических материалов, в нем также показывается ценность публикации критических литературных работ. В результате сопостовительного анализа статей, и литературных текстов автор приходит к выводу о том, что внутренние законы литературного развития и доминирующая политика литературы являются основными факторами несоответвия в процессе развития литературы и литературной критики. Таким образом, государтсвенная политика является основоположником современной литературной политики и определяет ценности и стили литературной критики.

***Ключевые слова**: журнал, литературная политика, критика, литературное направление, идеология, литературная истина.*

JOURNAL OF "SADOI SHARQ" AND SOME ISSUES OF THE LITERARY CRITICISM

The article explores professional and idealogical style of "Sadoi Sharq" journal activities on choosing and publication of critical materials as well as, values of the published literary criticism works are shown in the article. As a resulf of comparative analysis of the different articles and literary texts, the author of the article made a conclusion that the internal laws of the literature development and dominating literary politics are the main factors of contradiction in the process of literature and literary criticism development. Consequently, governmental politics is the founder of modern literary politics and, values and styles of literary criticism development are determined by means of it.

***Keywords**: journal, literature politics, criticism, literary trend, ideology, literary truth.*

Сведения об авторе:

***Кодирова Дилноза Лутфуллоевна** – аспирант кафедры теория и история таджикской литературы Таджикского государственного педагогического университета имени С. Айни*

About the author:

***Kodirova Dilnoza Lutfulloevna** - post-graduate in the Department of Theory and History of Tajik Literature of the Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni.*

ОПИСАНИЕ ПРИРОДЫ В ЛЮБОВНОЙ ЛИРИКЕ ЛОИКА ШЕРАЛИ

Шарофова Б.Дж.
Таджикский государственный педагогический университет им.С.Айни

В художественную палитру Лоика Шерали входят все времена года со всеми своими неповторимыми красками и особенностями. В любовной лирике Лоика природа играет очень большую роль и занимает особое место. Описывая прекрасные картины родного края, поэт усиливает воздействующую силу своих стихов. Лоик, создавая неповторимые образы и красочные пейзажи, проявляет неординарность истинного художника. Он может расширить палитру красок описываемых пейзажей полетом своей фантазии и в собственном неповторимом стиле запечатлеть их в сознании читателя. Все природные изменения, добавив поэтичные черты, превращают свои стихи в художественные шедевры. Исследователь А.Абдуманнонов считает, что «…времена года в любовных стихотворениях Лоика создают радостные и печальные, обнадеживающие и болезненные чувства, становятся поводом для возникновения определенного рода соединения чувств и мыслей» [1, 92].

Лоик, с самого начала своей творческой деятельности, с особым осмыслением начал писать эмоциональные лирические стихи о природе. По стихотворению «Весна в горах» («Бањори кўњистон»), написанном в 1966 году, видно, что поэт глубоко проникает в описываемый материал, его фантазия работает буйно, стих полон ощущений, мыслей, чувствуются широта кругозора и неожиданные поэтические интерпретации. Каждую деталь природы Лоик видит живым и подвижным. Для Лоика красота природы олицетворяет человеческую душу:

Лола – рақҳосаи машъалдоре,
Бойчечак – шафақи субҳона.
Сабзаҳо – кокули нобофтае,
Мезанад бод ба нармї шона… (2, 59).

***

Тюльпан – танцовщица с факелом,
Подснежник – утренняя заря.
Зелень – незаплетенные волосы,
Ветерок их нежно расчесывает.

В своих стихотворениях поэт из весенних пейзажей создает изящные олицетворения. Так, во фрагменте одного стиха он уподобляет буйное молодое сердце быстротечной и бурной весенней речке:

Ба мисли рўдҳои навбаҳорон
Дили мо якраву гапнодаро буд.
Сари мо масту пурсавдову ҳайрон,
Дили мо дар муҳаббат худнамо буд [2, с.74].

***

Подобно рекам ранней весны,
Наши сердца были упрямы и несговорчивы.
Головы наши хмельные, полные страсти и удивления,
Наши сердца были в любви показушными.

В этом стихотворении поэтом переданы возбужденность и волнения молодости, вызванные весной. Так как весна – это пора любви, то возлюбленную поэт сравнивает с бурной, непокорной рекой, она не может скрывать свое внутреннее, восторженное, возбужденное состояние.

Как большой мастер слова, Лоик выбирает такие размеры, метры, рифмы и рефрены для своих стихов, что стих становится более благозвучным, мелодичным, плавным и изящным.

В лирике Лоика много поэтических находок и открытий. Он постоянно старается изложить на бумаге, насколько возможно, содержание, смысл, описания и картины природы в новых формах и этим путем повышает совершенство, утонченность, изящество и красоту стихов, повышает, получаемое читателем, удовольствие от их чтения.

В поэзии Лоика весна и любовь это смысловые синонимы. Для Лоика весна является олицетворением возлюбленной. Он в своих стихах много раз вместо возлюбленной употребляет слово весна. Для него нет весны без любви, этой поры цветения и возрождения природы, поэтому весна и любовь для поэта являются синонимами.

Для поэта весна – это пора воспоминаний, особенно молодых лет, поры любви, жажды славы, времени надежд и исполнения желаний и всё это в воспоминаниях перелистывается, как страницы интересной и волнительной книги:

Баҳор мешавад...
Баҳори пурнигор мешавад.
Замини хотироти ман
Бунафшазор мешавад…
Туро чу ёд оварам,
Дилам фигор мешавад (2, с.144).
***
Наступит весна …
Наступит многокрасочная весна.
Поле моих воспоминаний
Станет полем расцветших фиалок.
Как только вспоминаю тебя
Сердце разрывается моё.

Лоик – певец природы и ценитель весны, и он воспринимает весну, как пищу для души влюбленного, являясь причиной пробуждения у него любовных грез и делая его молодость более одухотворенной, содержательной и яркой. Поэт благодарит судьбу за такую весну, которая делает его молодость более красивой и пленительной.

Лоик немало стихотворений посвятил осени. Он считает, что это пора испытаний, раздумий, принятия важных решений. Приведем примеры:

Ману ту тирамоҳ гулчинї рафтем,
Хазонҳо зери по афтода буданд.
Ба зери осмони сарду бемеҳр
Дарахтон урён истода буданд…
Ману ту тирамоҳ гулчинї рафтем,
Ҳама гулбутаҳо бебарг буданд.
Кї медонад, ки андар ќисмати мо
Чї гулҳое, ки ѓофилмарг буданд (3,618).
***
Я и ты, осенью пошли собирать цветы,
Под ногами лежали упавшие листья.
Под холодным и равнодушным небом,
Деревья оголённые стояли...
Я и ты, осенью пошли собирать цветы,
Все кусты были без листьев,
Кто знает, что в нашей судьбе
Сколько цветов увяло преждевременно.

Как видно из приведенных примеров, большей частью в стихах Лоика лирический герой – это юноша. Через этот образ поэт передает свои раздумья, душевные волнения, свое понимание надежд и мечтаний, задач и желаний молодежи. Естественно, раз герой молод, то и его думы и мечты чистые. Если стих посвящен весне, то чувства лирического героя соответствуют этому времени года, если речь идет об осени, то и чувства героя приобретают другой оттенок.

Необходимо отметить, что поэзию и взгляды Лоика, особенно, в начале его поэтической деятельности, некоторые критики не поняли и в своих статьях и выступлениях негативно критиковали поэта.

Знакомство и крепкая связь с природой дают возможность поэту изображать судьбу человека в разных аспектах, в том числе показать её связь с природой, с красотой, указать место человека в непрерывном круговороте природы.

Для Лоика осень, как символ заката, пора испытаний, и поэт посвятил осени, как уже выше упоминалось, много стихов. Поэт образом осени, как бы, не дает забыть, что человеческая жизнь не бесконечна. Что осень – это пора подведения итогов пройденного жизненного пути. Поэт мечтает, чтобы каждый индивидуум прожил плодотворную и полезную жизнь.

Тирамоҳ асту барг мерезад
Дар лабонаш таронаи падруд.
Нигаҳи офтоб ҳам кунд аст,
Меравад хастаҳон ба хонаи худ…(3, 118).
***

Осень настала падает листва,
На устах её прощальная песня.
И взгляд солнца холодный,
Уходит уставшая душа в свой дом…

Лоик сопоставляет осень с путником, обращаясь к которому он советует вспомнить прошедшую весну и радоваться всему, что с ним произошло на этом пути. Лоик мастерски и поэтично подчеркивает связь всех времен года между собой. В частности, осень с ее желтыми листьями олицетворяет не нашедшее ответную любовь сердце лирического героя, а ее листопад указывает на конец страданий.

В сезон осени печаль и грусть охватывают не только природу, но и человека, ибо в эту пору увядает красота природы. Хотя шелест капель льющего дождя по стволам деревьев и на упавшие желтые листы, или аромат, исходящий с убранных полей, сена и трав, своеобразно приятны, тем не менее человека печалит нагота природы. Содержания стихотворения «Осенний дождь» («Борони тирамоњ») (1975) говорит об этом. На наш взгляд, это стихотворение Лоика построено очень интересно. При чтении его рождается ощущение, что с наступлением осени природа, с вершин красоты, постепенно спускается вниз, как бы прижимается к земле, листья, упавшие плоды деревьев, семена трав, злаковых, цветов осыпаются на землю.

В стихотворении «Осень» («Тирамоњ») (1965) поэт красивыми словами рисует также широкие осенние пейзажи. Поэт пишет, что чистое лицо неба стало хмурым, виноградники закопаны, сухие стебли хлопка остались без цветов и листьев, холмы обнажились от бархатистой зелени, заброшенные гнезда птиц среди ветвей остались беспомощными и удивленными. Далее поэт доводит до читателя мысль, что, к сожалению, человеческая жизнь имеет одно рождение, т.е. одну весну, и один конец, т.е. одну осень и её необходимо очень ценить.

Большинство поэтов зиме посвящают мало стихов. В творчестве Лоика зима также занимает не малое место. Зима для поэта средство, отображающее человеческие характеры и взаимоотношения людей. Например, в стихотворении «Слепой дождь» («Офтобборон»), которое, по-видимому, посвящено какой-то женщине, возможно, супруге поэта, времена года, в том числе зима, использованы с целью показать изменчивость её характера:

Гаҳ љўши баҳоронї,
Гаҳ тирамаҳи гирён.
Гаҳ қаҳри зимистонї,
Гаҳ чиллаи тобистон [3, 317].

***

Иногда ты весеннее кипение,
Иногда ты плачущая осень.
Иногда ты гнев зимы,
Иногда ты зной лета.

Поэт использует, образ зимы, чтобы напомнить радующейся жизни молодежи о бренности мира и о кратковременности жизни. При посредстве образа зимы поэт создает содержательные, изящные лирические стихи.

Лирический герой стихотворений Лоика сетует на неверность любимой, и говорит: «когда ты оценишь меня, моя жизнь подойдет к концу…». При этом Лоик сравнивает лед в сердце любимой женщины с зимними холодами. В его поэзии зима символизирует такие качества возлюбленной, как невнимательность, беспечность, своенравие и неприступность, чванливость и самовлюбленность:

Ҳадя овардам дили пуроташе,
Сардрў ў чун зимистонам макун…[3, с.378].

***

Принес в дар сердце, полное огня,
Не будь холодной, как моя зима.

Анализ стихов Лоика Шерали показал, что он использовал времена года для отображения человеческих отношений, при этом создал свежие образы, а в стихи вдохнул новый смысл. Времена года для Лоика служат средством для описания душевного мира людей, в жизни которых есть место любви и надежде, мечте и намерениям, могуществу и силе, гордости и храбрости, одновременно в мире людей существуют лишения и неудачи, печали и беды, беспомощность и бессилие, провалы и поражения, а также неизбежное окончание жизни.

Таким образом, можно констатировать, что у Лоика изображение природы неотделимо от судьбы человека. Всё творчество Лоика направлено на пробуждение в таджикском народе чувства гордости за свой народ, за свою богатую историю, за самосознание и самопознание, пробуждение и укрепление любви к своей прекрасной Родине, к её несравненно прекрасной, разнообразной природе.

Для Лоика природа является местом блага и необходимости, она охватывает человека и его бытиё. Человек в объятиях природы достигает зрелости с пониманием ее красот. Природа для поэта - место проявления его бытия и небытия, вчерашних, сегодняшних и завтрашних дней, чувств, мыслей и взглядов. Мир мыслей и воспоминаний поэта полон цветами и запахом природы, ибо он вырос в ее объятиях, испытывает на природе свои находки и ищет утерянное в ее зеркале. Природа для поэта не является только основой наглядного изображения чувств и впечатлений, а зеркалом, отражающим его повседневное бытие. Такое сосуществование с природой дало поэту сначала чувство самосознания, затем мысли мирового масштаба. Поэтому, в стихах поэта природа, общество и он сам неразрывно связаны.

В стихотворении «Высохшая река» («Хушкрӯд») Лоик, если, с одной стороны, описывает пустой, иссохший, безжизненный пейзаж, с другой стороны, он очень изящно и выразительно вспоминает прежний вид реки, когда ее берега были полноводными, поцелуи ее волн давали ее устам воду, звезды освещали ее ночи, а влюбленные катались на лодках. В общем, поэт уподобляет жизнь реки жизни человека.

Худои Шарипов, проанализировав стих «Высохшая река» («Хушкрӯд»), пришел к такому важному выводу: «При первом взгляде возникает вопрос: Что такого поэтического есть в высохшей реке или там, где остался след от неё? Но, заинтересованный взгляд и воображение поэта увидели интересные вещи, и поэт создал красивый стих. Увидев след от высохшей реки, воображение поэта заставило вспомнить: её полные воды; до краев заполнившие берега; звезды в окружении лунного света; сочные поцелуи волн её берегов; влюбленных, катающихся на лодках и вновь возвратившихся к реальному состоянию бессилия, подобные «пустым объятиям». Целью этого олицетворения высохшей реки является показ неустойчивости благополучия в жизни, по словам поэта, превращение цветущего сада в «безжизненную степь» и наоборот. Поэтическая натура автора одарила сухой, бесцветный след реки красотой и создала стих. Антагонизм между сухостью, бесцветностью, красотой и жизненностью - есть антагонизм жизни и смерти.

Хушкрӯди зормонда зери гардун,
Соҳилонаш як замон пуроб буданд.
Дар дили ту чун фурӯғи зиндагонї,
Ахтарон дар ҳалқаи маҳтоб буданд.
Бӯсаҳои обдори мавҷҳо,
Об медоданд амволи туро.
Ахтарон дар шишаи оби зулол
Нур медоданд шабҳои туро.
Рӯи обат обрӯе доштанд,
Ошиқон бо дилбарон завраксавор
Қаҳ-қаҳи гулдухтарон чун қаҳ-қаҳи амволи ту,
Мерасид аз ҳар канор…

***

Высохшая жалкая река под небом,
Берега её когда-то были полны вод.
В твоем сердце, как свет жизни,
Звезды были в окружении лунного света.
Сочные поцелуи волн
Орошали твои волнения.
Звезды в бутылках с прозрачной водой
Озаряли твои ночи.
На твоей поверхности авторитет имели
Влюбленные с возлюбленными, катаясь на лодках.
Смех цветущих девушек, как смех твоих волн,
Был слышен со всех сторон.

Когда поэт каменистую, безжизненную землю бывшей реки видит такой поэтичной и красивой, он пишет, что сердце читателя приходит в движение, ибо поэт приносит ему весть о вечной загадке жизни и смерти. Такого поэта надо считать великим поэтом…[114, 55].

Описание природы с участием человека в событиях - одна из основных особенностей поэзии Лоика. Поэт изображал, описывал и представлял человека в объятии природы, проверял суть его чувств и мыслей в состоянии неразрывной взаимосвязи и соединении этих двух миров.

В сочинении таких стихов Лоик имеет с природой объективную и субъективную связь. Его ум подготавливал объективное понимание вещей, событий для нахождения привлекательных описаний.

Такое объективное извлечение пользы и субъективное описание можно встретить во многих стихах Лоика, посвященных природе.

В мыслях поэт постоянно в связи с природой, окружающими предметами и социумом, готовый всегда найти применение своим мыслям и чувствам. Посредством мыслей и ощущений он раскрывает тайну бытия и его взаимосвязи с социумом. В этом ракурсе Лоик говорит от имени и устами камней и горных вершин, родников и источников, речушек и больших рек, растений и деревьев, цветов и кустарников. Иными словами, посвященные природе стихотворения Лоика свидетельствуют о той неразрывной связи, о которой мы говорили. Эта связь заставляет поэта олицетворять природу и предметы.

В целом, Лоик использовал элементы природы в любовной лирике для изложения высоких человеческих отношений, таких наилучших качеств человека, как: преданность, вера, патриотизм, любовь к Родине, семье, детям, мужество и отвага, правдивость и честность и т.п. Понимая духовное состояние влюбленного человека, поэт описывает его во взаимосвязи с явлениями общества и бытия. Природа и ее элементы с применением поэтических приемов, соблюдением пропорции речи, использованием народных словосочетаний и выражений, а также пониманием мудрости жизни, осознанием закономерностей жизни, противоречий философских явлений сумели придать любовным стихам поэта изящество и плавность.

ЛИТЕРАТУРА

1.Абдуманнонов А. Рассуждения из героической лирики / А. Абдуманнонов.-Душанбе: Садои Шарқ. – Душанбе, 1975, №11. -С. 100-107.

2.Лоик Шерали. Куллиёт. Произведение из 2-х частей. Ч. 1. Ашъор /Лоик Шерали. - Душанбе: Адиб, 2008.-560 с.

3.Лоик Шерали . Куллиёт. Ч. I. Книга 1-ая и 2-ая. - Худжанд: Изд. им.Рахима Джалила. – Душанбе, 2001. - 722 + 710 с.

4.Шарифов Х. Балоғат ва суханварї. - Душанбе: Ирфон, 2002. - 278 с.

ОПИСАНИЕ ПРИРОДЫ В ЛЮБОВНОЙ ЛИРИКЕ ЛОИКА ШЕРАЛИ

В художественную палитру Лоика Шерали входят все времена года со всеми своими неповторимыми красками и особенностями. В любовной лирике Лоика огромная роль отводится природе. Описывая прекрасные картины родного края, поэт усиливает воздействующую силу своих стихов. Лоик, создавая неповторимые образы и красочные пейзажи, проявляет неординарность истинного художника. Он может расширить палитру красок описываемых пейзажей полётом своей фантазии и в собственном неповторимом стиле запечатлеть их в сознании читателя. Все природные изменения, добавив поэтичные черты, в своих стихах он превращает в художественные шедевры.

Лоик с самого начала своей творческой деятельности начал писать эмоциональные лирические стихи о природе и с особым осмыслением.

Поэт глубоко проникается в описываемый материал, его фантазия работает буйно, стих полон ощущений, мыслей, чувствуется широта кругозора и неожиданные поэтические интерпретации.

Ключевые слова: *Лоик Шерали, неповторимые образы, описание природы, прекрасные изображения, художник слова.*

DESCRIPTION OF NATURE IN THE LOVE LYRICS OF LOIQ SHERALI

The artistic palette of Loik Sherali includes all seasons with all its unique colors and features. In love lyrics Loika a huge role is given to nature. Describing the beautiful pictures of his native land, the poet enhances the influencing power of his poems. Loic, creating unique images and colorful landscapes, shows the originality of a true artist. He can expand the palette of colors described landscapes flight of his imagination and in his own unique style to capture them in the mind of the reader. All natural changes, adding poetic features, in his poems he turns into artistic masterpieces.

From the very beginning of his creative activity Loiq began to write emotional lyrical poems about nature with special comprehension.

The poet deeply penetrates into the material described, his fantasy runs wildly, the verse is full of sensations, thoughts, the breadth of horizons and unexpected poetic interpretations are felt.

Keywords: *Loiq Sherali, unique images, description of nature, beautiful images, artist of the word.*

Сведения об авторе:

Шарофова Бубихаво *- соискатель кафедры таджикской литературы и методики её преподавания ТГПУ им.Садриддина Айни. E-mail.: eva-21-27@mail.ru.; тел.(+992) 907580048*

About the author:

Sharofova Bubihavo – *researcher in the Department of Tajik literature and methods of its teaching of TSPU named after Sadriddin Ayni; e-mail: eva21-27@mail.ru; tel.: (+ 992) 907580048*

НИГОҲЕ БА АНЪАНАИ «ЛАЙЛИЮ МАҶНУН»-НАВИСӢ ДАР АДАБИЁТИ ФОРСИИ ТОҶИКӢ ВА «ЛАЙЛИЮ МАҶНУН»-И ШОҲИН

Нурова К.
Донишгоҳи технологии Тоҷикистон

Дар адабиёти форсии тоҷикӣ анъанаи навиштани достонҳои «Лайлию Маҷнун» таърихи тӯлонӣ дошта, сароғози он аз адабиёти шифоҳӣ, шурӯъ аз асри VII, ба адабиёти хаттӣ ворид шудани баъзе лаҳзаҳои ишқи афсонамонанди Лайлӣ ва Маҷнун мебошад. Асли ин достонҳои шӯрангези ишқи Лайлӣ ва Маҷнун аз ривоёти мардуми араб ба вуҷуд омадааст. Тавре адабиётшинос А.Афсаҳзод менависад: « Ба пайдоиши ривояту афсонаҳои арабӣ саргузашту зиндагӣ ва ишқи пуршӯри Қайси Омирӣ…, ки Маҷнун ном гирифта, бо ин тахаллус шеър менавиштааст, сабаб шудааст» [1, 86] . Дар назари аввал номи Маҷнун чун суханвар асоси воқеӣ дошта бошад ҳам, он дар асрҳои IX-X ва ба баъд ранги афсонаро гирифта, баъзе сужетҳои он ба адабиёти форсии тоҷикӣ ҳанӯз аз асри X ворид гардида буд, ки онро дар шеъри шоирони ҳамзамони Рӯдакӣ ва Рӯдакӣ дармеёбем. Аз ҷумла, дар ин намунаи ба устод Рӯдакӣ нисбатдодашуда таваҷҷуҳ намоед:

Мушавваш аст дилам аз карашмаи Салмо,
Чунон ки хотири Маҷнун зи турраи Лайло.[3, 16]

Дар адабиёти мо баъзе лаҳзаҳои ин ривоятро дар асарҳои манзуму мансури Бобокӯҳӣ, Носири Хисрав, Абдуллоҳи Ансорӣ, Заҳирии Форёбӣ, Абулҳасани Ҷуллобӣ, Саноии Ғазнавӣ ва дигарон метавон дарёфт. Ба ҳар роҳу равише шуҳрати достонҳои «Лайлию Маҷнун» дар охирҳои асри XII бештари мамолики Шарқро фаро гирифта буд.

Аввалин суханваре, ки пора - пора сужетҳои қиссаи ошиқонаи Лайлӣ ва Маҷнунро ба ҳам оварда, парокандаҳоро ба ҳам ҷамъ оварда, достони пурраву мукаммали ин афсонаи арабиро эҷод намуд, Ҳаким Низомии Ганҷавӣ мебошад. Ба қавли адабиётшиноси зиндаёд Холиқ Мирзозода: «Низомӣ ин сужетро пурра кард ва ба вай баъзе лаҳзаҳои нави композитсионӣ-сужетиро аз материалҳои араб илова намуда, достони пурраи аз ҳама ҷиҳат коркардашудаи «Лайлию Маҷнун»-ро дар соли 1188 ба вуҷуд овард» [2,85]. Бояд гуфт, ки бо ба вуҷуд омадани ин достон дар адабиёти форсии тоҷикӣ мавқеъ ва мақоми достонҳои ишқии романтикӣ баланд гардида, ҳатто он ба осори тасаввуф таъсири амиқи худро расонидааст. Минбаъд, ин достони Ҳаким Низомӣ ба адибони достонсарои мо бетаъсир намонд ва аввалин касе, ки ба ин анъана ҳусни оғоз бахшид Амир Хусрави Деҳлавӣ дар асри XIII буд. Ва шоироне, ки минбаъд дар асрҳои XIV - XX анъанаи «Лайлию Маҷнун»-нависиро идома додаанд, гоҳе ба Ҳаким Низомӣ ва гоҳе ба Хусрави Деҳлавӣ пайравӣ намудаанд.

Аз баландии адабиёти форсии тоҷикӣ агар ба достонҳои зиёди «Лайлию Маҷнун»- и дар ин адабиёт эҷодгардида назар афканем, метавон беҳтаринҳояшонро ба номи Мавлоно Ҷомӣ, Суҳайлӣ, Ҳотифӣ, Мактабии Шерозӣ, Бадриддин Ҳилолӣ, Масоили Кошонӣ, Замирӣ, Кавкабӣ, Абдибеки Шерозӣ, Мулҳами Бухороӣ навишт, ки дар ин миён Шамсиддин Шоҳини Кӯлобӣ (1858-1894)- ро наметавон истисно намуд.

Пеш аз он ки ба асли мақсад гузарем, бояд ёдовар шуд, ки дар пайравӣ ба достони форсии тоҷикии «Лайлию Маҷнун» дар адабиёти ӯзбек, адабиёти озарӣ, адабиёти туркманӣ, адабиёти арманӣ, адабиёти урду, адабиёти пушту, адабиёти уйғурӣ ба қалами Алишери Навоӣ, Фузулӣ, Андалеб, Таймураз, Аветик, Шоҳидӣ, Ҷалолӣ, Оҷиз, Таҷалло, Исом, Низорӣ ва дигарон як идда достонҳои «Лайлию Маҷнун» рӯи қоғаз омадаанд, ки дар бораи ҳар кадоме метавон ҳарф зад.

Тавре ишора рафт, анъанаи «Лайлию Маҷнун»-нависӣ дар Шарқ диққати суханварони зиёдеро ба худ ҷалб намуда омадааст, ки яке аз онҳо Шамсиддини Шоҳин мебошад ва ӯро Холиқ Мирзозода «Дар адабиёти намояндаи охирини назиранависон ба «Лайлию Маҷнун»-и Шоҳин аст» [2, 86] мегӯяд, бо он ки баъди ӯ Нақибхон Туғрали Аҳрорӣ (1865-1919) низ достоне бо номи «Лайлиб Маҷнун» навишта, ки нотамомо мондааст [4].

Шамсиддин Махдуми Шоҳин ҳамчун суханвари мумтози тоҷик шинохта шуда, дар умри кӯтоҳ, вале бобаракати худ ба мо «Девони ашъор», рисолаи «Бадоеъу-с-саноеъ» ва маснавиҳои «Туҳфаи дӯстон» ва «Лайлию Маҷнун»-ро ба мерос гузоштааст ва калонҳаҷмтарини онҳо ҳамоно «Лайлию Маҷнун»-и ӯ мебошад, ки дар нусхаҳои гуногун аз 2480 то 2500 байтро дорад. Ва дар ҳамин ҷо ҷои таъкид аст, ки дар адабиёти форсии тоҷикӣ Шамсиддин Шоҳин, ки соли 1858 таваллуд шудаасту соли 1888 достони «Лайлию Маҷнун»-и худро навиштааст, бешак аз ҷавонтарин адибони ба ин асар пайравинамуда мебошад, яъне дар 30-солагӣ.

Пеш аз ҳама агар ба сохтони достони Шоҳин таваҷҷуҳ равад, он дар вазни анъанавии достонҳои «Лайлию Маҷнун» навишта шуда, он вазни ҳазаҷи мусаддаси акзафи мақбузи макфуф мебошад, бад-ин зайл ду бор дар як байт:

Мафъӯлу мафоилан фаӯлан
Мафъӯлу мафоилан фаӯлан
- - v v - v - v - -
- - v v - v - v - -

Достон аз 9 боби анъанавии сабки достоннависии адабиёти форсии тоҷикӣ, ки ба ситоиши Офаридгор, муноҷот бо Худо, наъти Ҳаق таолло, ситоиши Пайғамбар (с), Мадҳи шоҳи замон Амир Абдулаҳад, мазаммати дунёи бебаҳо ва насиҳати фарзанди дилбанд бахш шуда фароҳам овардааст, 35 боби дорандаи сужети асосии асар ва ё боби хотимаи китоб, ҷамъ 45 боб иборат мебошад.

Достони «Лайлию Маҷнун»-и Шоҳин ҳамчунон сабабҳои воқеии навиштани худро дорад. Аввалан ба навиштани ин достон шоҳи вақт Амир Абдулаҳад мусоидан намуда бошад, сониян баҳона марги завҷаи шоир Ҳалила мебошад, ки дар вақти таваллуди фарзандаш Нуриддин эшонро гузошта, худ ин дунёи бевафоро падруд мегӯяд.

Ҳамин тавр, Шамсиддин Шоҳин бо навиштани достони «Лайлию Маҷнун» хостааст ғаму андӯҳи худро аз дил бадар кунад. Шоир мегӯяд:

Он гусса, ки кардамаш ба дил хун,
Додам ба ҳамин баҳона берун.[5, 337]
Ба ҳамин маънӣ дар боби хотимаи китоб омадааст:
Ин нома ба номи ғам кашидам,
Бар номи тараб қалам кашидам.
Як-як ба суруди шеъри мавзун,
Додам ғами дил зи сина берун.[5, 461]

Мухтавои мухтасари достони Шамсиддин Шоҳин ин аст, ки Сайиди Омирӣ - аз сардорони як қабилаи араб бо талаб аз Худо хеле бевақт соҳиби писар мешаваду Қайс ном гузошта, ба мактаб медиҳад. Аз қабилаи Начд духтаре бо номи Лайлӣ низ ба он мактаб меомад. Қайсу Лайлӣ бо ҳам ошиқ мешаванд. Падари Лайлӣ инро фаҳмида, духтарашро аз мактаб мегирад. Қайс дигар тоқати тадрисро накарда, баромада девонавор ба ёди Лайлӣ дашту сахронишин мешавад ва лақаби Маҷнун-девонаро мегирад. Падари Маҷнун ба хостгорӣ рафта, аз падари Лайлӣ ҷавоби инкорро мегирад. Падар барои паст кардани оташи ишқи писар ӯро ба тавофи Каъба мебарад, вале мурод ҳосил намешавад. Пандҳои падару модар ба ӯ корае намекунанд.

Маҷнуни дар саҳро бо Навфал, ки шикори оҳу мекард дучор омада, бо зорию тавалло оҳуи ба дом афтодаро мераҳонад. Дили Навфал ба ҳоли Маҷнуни ошиқ сӯхта, мехоҳад ба ӯ ёрӣ расонад ва ба Маҷнун ваъда медиҳад, ки :

К-эй кӯҳнаварди даштпаймо,
Ҷодусухани фаришташимо.
Чун нукта ҳамезанӣ зи Лайлӣ,
Донам зи чӣ хайлу дар чӣ майлӣ…
Маълуми ту нест, к-аз нишонам,
Онам, ки ба Лайлият расонам .[5, 365]

Хостгории Навфал ва боз ҷавоби инкор. Навфал ба зидди қабилаи Начд лашкар кашида, чун ба ғолибият наздик мешавад, падари Лайлӣ духтарашро куштанӣ мешавад. Маҷнун аз Навфал қатъи ҷангро металабаду аз мурдагони шамшери сарбозони Навфал пӯзиш мехоҳад, ки ӯ гунаҳгор аст ба ин куштанҳо.

Навфал духтари худро бо маслиҳати падари Маҷнун ба Маҷнун пешкаш менамояд, ки дар ҳусну ҷамол на камтар аз Лайлист:

Он аст, ки гавҳари насуфта,
Дорам ба ҳарамсаро нуҳуфта.
Дар ҳусн зиёдтар зи Лайлист,
З-он гуна, ки ин маҳ он суҳайлест. [5, 381]

Падару модар Маҷнунро розӣ мекунанд, ки бо духтари Навфал издивоҷ намояд. Маҷнун ризоият медиҳад, тӯйи арӯсӣ барпо мешавад. Вай бо дидани духтари Навфал хушҳол мешавад:

Гӯянд, ки он ду моҳу ахтар,
Гаштанд ба ҳам чу ширу шаккар.
Овозаи он ду дар ҷаҳон рафт,
Лайлӣ бишуниду аз миён рафт.[5, с.392]

Ҷои таъкид аст, ки ин сужет дар ягон достони «Лайлию Маҷнун» навиштаи то Шоҳин дида намешавад ва ин тахайюли шоиронаи худи Шоҳин аст.

Лайлӣ аз ин издивоҷ огоҳ шуда, ба Маҷнун нома менависад ва вайро дар булҳавасӣ мазамат менамояд ва мегӯяд:

Ҳарчанд бад - он нигор ёрӣ,
Гаҳ - гаҳ зи камина ёд дорӣ ![5, 397]

Маҷнун дар ҷавоб бо ҳамон оҳанги номаи Лайлӣ ҷавоб мегардонад ва ишора менамояд, ки агар ӯ дар ҳамон аҳди пешинаӣ сари ман фидои ту бод! Номаи дувуми Лайлӣ во медорад, ки боз ӯ ба дашту саҳро рӯ орад ва аз ишқи духтари Навфал даргузарад, ки ин ҳама дар достон хеле пурсӯз тасвир ёфтааст.

Маҷнунро бори дигар тағояш Салими Омирӣ ба хона орад ҳам, муроде ҳосил намешавад. Вай духтари Навфилро дӯст дорад, аммо аз ишқи Лайлӣ гузашта наметавонад ва мегӯяд:

К- эй ҷони ману зи ман зиёда,
Ҳар чизи азиз, аз он зиёда,
Чун бадрақаи раҳ аст тақдир,
Дар пӯя - дар аст, нест тақсир. [5, с.426]

Дар ин миён падару модари Маҷнун аз дунё мегузаранд ва ошиқи дилхун дилхунтар мегардад.

Ошиқи дигаре бо номи Зайди араб, ки аз ғами ишқи духтари амм месӯхт бо Маҷнун ҳамнишин мегардад. Онҳо рози ҳамдигарро мегуфтанду мешуниданду месӯхтанд.

Ба зиндагии пуршӯри Лайлӣ Ибни Салом ворид шавад ҳам, вай ишқи поки ба Маҷнун доштаашро нигоҳ медорад. Ибни Салом ба висол нарасида дунёро тарк мегӯяд. Лайлӣ баъди муддате азодорӣ Маҷнунро ба хаймаи худ даъват менамояд. Ин охирин дидори онҳо буд. Чун Лайлӣ аз дунё мегузарад, Зайди арабӣ ин хабари нохушро ба Маҷнун мерасонад. Маҷнун давон ба сари қабри Лайлӣ омада, худро бо зорӣ ба рӯйи қабр мепартояду он ҷо ҷон медиҳад ва бо ҳамин достон анҷом меёбад.

Дар достон як силсила симоҳо фаъолият намудаанд, ки дар ҷойи аввал Маҷнун (Қайс) ва Лайлӣ меистанд. Симоҳои дигар, монанди падару модари Маҷнун, падару модари Лайлӣ, Нафвал, духтари Навфал, Ибни Салом, Саломи БаҒдодӣ, ки ашъори Маҷнунро ҷамъоварӣ менамуд, Салими Омирӣ, Зайди араб, солори Ибни Салом ва ҷавони пайғомрасон симоҳои фаръӣ буда, барои барҷаста тасвир ёфтани симоҳои асосии достон бамаврид ва ҳадафмандона истифода гардидаанд, ки то ҷое дар баёни муҳтавои мухтасари асар гуфта гузаштем.

Ҳамаҷониба кушода додани симоҳои достони «Лайлию Маҷнун»-и Шоҳинро, ки дар ин бора ҳаддалимкон Холиқ Мирзозода таваққуф намудааст [2, 93-119], дар мавриди дигар гузашта, гуфтанием, ки шоир дар навиштани ин асар аз пешиниёни суханвари худ, ҳам аз ҷиҳати сохт ва ҳам аз ҷиҳати муҳтаво фаровон истифода намудааст. Инро, пеш аз ҳама, гуфтаҳои худи Шамсиддини Шоҳин таъйид менамоянд.

Шоир дар боби «Гуфтор дар сабаби назм ва таълифи китоби мустаҷоб» дар эҷоди «Лайлию Маҷнун»-и худ аз Ҳаким Низомии Ганҷавӣ, нахустин эҷодкори достони мукаммали «Лайлию Маҷнун» дар адабиёти форсии тоҷикӣ ва Амир Хусрави Деҳлавӣ пайравӣ намуданашро ин тавр ба риштаи назм кашидааст:

Дидам, ки маро намуд гардун,
Аз мотами Лайлие чу Маҷнун.
Афсонаи он ду дархурам шуд,
Садди раҳу расми дигарам шуд.
Бастам ба ҳазор пухтахомӣ,
Пирояи Хусраву Низомӣ.
Дебочаи ишқ боз кардам,
Поёни сухан дароз кардам. [5, 337]

Шамсиддин Шоҳин дар боби хотимавии достони худ бо камоли хушнудӣ эътироф менамояд, ки ӯ аз сужети офаридаи он ду шоир дар навиштани асараш чизеро ихтисор накардааст:

Ба кас, ки ба назми ин фасона,
Андохт хаданг дар нишона.
Рафтанд ду - се ба сустгомӣ,
Дунболаи Хусраву Низомӣ.
Ҳарчанд, ки роҳ баркушоданд,
Аз роҳ фаротар уфтоданд.
Шоҳин чу қадам ниҳод дар байн,
Гардид ба он ду сонӣ иснайн.
Аз гуфтаи он ду хеч нагзошт,
Илло, ки дар ин саҳифа бардошт. [5, 459]

Ин ҷо мақсади шоир равшану маълум аст. Яъне, ӯ гуфтанист, ки пайравони Низомӣ ва Хусрав хеле зиёд буда, дар навиштани ин достон кӯшиш намуда бошанд ҳам, аз роҳи эшон берун рафтаанд. Ва зиёда аз ин Шоҳин худро дар пайравӣ намудан аз ин ду суханвари асил баробар надонад ҳам, кам намешуморад ва бо фахр мегӯяд:

Гирам, ки зиёда з-он ду ҳам нест,
Гар нест зиёда, низ кам нест.
Гар гум шавад он ду нусха аз даҳр,
Ин нусха бас аст шуҳраи шаҳр. [5, 459]

Вақте мо ба пайравии Шамсиддин Шоҳин аз Ҳаким Низомӣ ва Амир Хусрав сухан мегӯем, бояд як чизи дигарро ба назар гирифт, ки Шоҳин кӯшиш намудааст аз сужети ҳар ду шоири пешин бамаврид истифода намояд. Масалан, дар достони Ҳаким Низомӣ саҳнаи издивоҷи Маҷнун бо духтари Навфал ва коми дил ситондани Маҷнун аз вай мавҷуд нест. Дар Амир Хусрав чӣ ? Дар Амир Хусрав бошад гӯё хонадоршавии Маҷнун тасвир шуда бошад ҳам, вале ӯ бо арӯсаш рӯбарӯ наомадааст. Ин саҳна дар Шоҳин бошад бо коми дил ситонидани Маҷнун аз духтари Навфал ба тасвир кашида шудааст, ки симои ошиқи шайдо ва покниҳодро як дараҷа костааст. Аз назди духтари Навфал дубора бо таънаи Лайлӣ ба дашту биёбон рӯ ниҳодани Маҷнун маънои онро дорад, ки вай аз карда дар роҳи ишқ пушаймон гардида, хостааст гуноҳони худро шӯяд. Ин саҳна маънои онро дорад, ки дар достони «Лайлӣ ва Маҷнун»-и Шамсиддини Шоҳин симои Маҷнун сусттару заиф гардидааст ва ғ. Чунин фарқиятҳо дар муқоисаи достонҳои мавриди назар дар чанд мавриди дигар дида мешавад ва ҳатто Шоҳин баъзе сужетҳои Ҳаким Низомӣ ва Амир Хусравро ҳафз намудаасту бо ишорае иктифо варзидааст, монанди издивоҷи Лайлӣ бо Ибни Салом.

Шамсиддини Шоҳин дар навиштани достони «Лайлию Маҷнун», ки асосан ҳолномаи ишқи нокоми худи ӯст, таъкид менамояд, ки эҷоди чунин як асар барояш хеле душвор буд, зеро:

Шеър арчи ба хондан аст осон,
Он кас, ки бигуфт, меканад ҷон ! [5, 460]

Чизи дигаре, ки дар ин достони Шоҳин диққати моро ба худ ҷалб намуд, ин забон, сабк ва ҳусни баёни шоир дар гуфтани он мебошад. Шамсиддин Шоҳин ҳанӯз пеш аз эҷоди достони «Лайлию Маҷнун» забони адабию адабиётро дар эҷоди осори бадеӣ, новобаста ҳанӯз як ҷавони 30- сола будан, хеле хуб фаро гирифта буд. Дар инр маврид вақте сухан аз маҳорати шоирии Шоҳин меравад, метавон гуфт, ки ӯ дар баёни достони «Лайлию Маҷнун» забони шевою гувороро бо назокатҳояш ба ҳисоб гирифта будааст. Вақте достони «Лайлию Маҷнун»-и Шамсуддини Шоҳинро ботаҳаммул мутолиа менамоем, дар он пеш аз ҳама халқияти забонро, ки дар офаридани достон равону оммафаҳм истифода шудааст. Шоир пеш аз ҳама аз мақолу зарбулмасалҳои халқӣ истифода кардааст. Вай мақоли «Поёни шаби сияҳ сафед аст»-ро ин тавр корбаст менамояд:

Ҳар ҷо, ки сияҳ сапед дорад,
Ҳар навмедӣ умед дорад. [5, 339]

Ё

Имрӯз, ки мавсими тавоф аст,
Поёни шаби умед соф аст. [5, 362]

Шоир ҷои дигар имолаи « ё тан расад ба ҷонон, ё ҷон зи тан барояд»-ро ин тавр овардааст:

Ё тан расидам ба васли ҷонон,
Ё аз тани ман бурун равад ҷон. [5, 356]

Шамсиддини Шоҳин зарбулмасали « ба кордон кор осон»-ро хеле ҷолиб ва ба таври ифодаи худ ин тавр меоварад:

Паймудани дур зи баҳр ҷаҳл аст,
Ғаввос, ки ҳаст, кор саҳл аст. [5, 353]
Боз:
Гар ганҷ намуд, мор пиндор,
Аз мор битарс, ганҷ бигзор. [5, 345]

Тавре аз пешиниёни суханвар мондааст, эҷодкорон барои ҳар чӣ хушоянду гӯшнавоз гардидани осори бадеияшон аз санъатҳои бадеии лафзию маънавӣ фаровон истифода менамуданд, ки Шоҳин ҳам аз пайравони тавоно ва соҳибқадами онҳо, дар эҷоди достони «Лайлию Маҷнун», дониста мешавад. Шоири достонсаро, бахусус эҷодкори достони ғиноӣ, ташбеҳ, истиора, киноя, тазод, таҷнис, саволу ҷавоб, такрор, таҷнис, талмеҳ, сифатчинӣ, муқобалагузорӣ, лаффу нашр ва ғайра, ки мисолашон дар достони «Лайлию Маҷнун» хеле ва хеле зиёд аст, мақсаднок, вобаста ба мухтаво ва сужети асараш кор гирад ва гӯшнавозию хонданибобии асарашро таъмин намояд. Ин ҷо бо чанд мисол, ки «хӯша намунаи хирвор» аст, иктифо меварзем:

Ташбеҳ:

Маҷнун чу ба сад хурӯшу андӯҳ,
Чун сел ба хона омад аз кӯҳ. [5, 354]
Боз:
Фармуд ба доя, к-аз гулобаш,
Шӯяд тани ҳамчу офтобаш. [5, 340]
Истиора:
Маҳе, ки туро даруна кардааст,
Хуршеди маро фасона кардааст. [5, 357]
Дар ин мисол « моҳ» Лайлӣ ва «хуршед» Маҷнун дар назар аст.
Таҷнис:
Сар ба сари лавҳи сим бар кард,
Рӯ сӯи бустони симбар кард. [5, 342]
Талмеҳ:
К-эй нӯши лабат ба ҳарф ширин,
Фарҳодкуни ҳазор Ширин. [5, 378]
Тазод ё муқобилагузорӣ:
Порам ҳама айшу комронӣ,
Имсол шикасту хастаҷонӣ.
Порам ҳама доман аз шакар пур,
Имсол зи хун чашми тар пур.
Порам ҳама сар ба зонуи моҳ,
Имсол сари ману буни чоҳ.
Порам ҳама гӯш бар тарона,
Имсол ба навҳаву фасона.
Порам ҳама дасти ёр бар дӯш,
Имсол тапонча дар баногӯш [5, 388]
Муболиға:
Ҷӯе шуда ашкаш аз шиканҷа,
Мӯе шуда пайкараш зи ранҷа! [5, 383]

ва ғайра.

Аз мисолҳои оварда пай бурдан мумкин аст, ки Шамсиддини Шоҳин тавонистааст достони «Лайлию Маҷнун»-ро бо табъи саршору баланди шоирона ва дили нозуки ошиқона суруда, аз худ як асари мукаммали бадеиро ба мерос гузорад. Дар ин асар дар баробари ҳамаи гуфтаҳои болоӣ андешаҳои ҳакимона, андарзу ҳикмат ва мулоҳизаҳои тарбиявӣ- ахлоқӣ мавқеи вижа доранду нигарони таҳқиқи алоҳидаанд.

Масалан:

Дарвеш чу шамъи хона ёбад,
Гӯ, маҳ ба фалак дигар натобад. [5, 391]

Ё:

Он кун, ки бузургаҳд гардӣ,
Фарзонаи ҳафт маҳд гардӣ ! [5, 335]

Ниҳоят, Шамсиддин Махдуми Шоҳин бо гуфтани достони «Лайлию Маҷнун» анъанаи «Лайлию Маҷнун»-сароиро сарбаландона идома дода, ҳам дар баёни мазмуну муҳтавои тоза, ҳам дар давом додани анъанаҳои суханварони мумтози пешин, ҳам дар навоварӣ ва ҳам дар забону сабки баён шоистаи таҳсин дониста мешавад. Маҳорати баланди шоирии Шоҳин дар ин достон ҳамаҷониба равшан ва тобон аст ва нақши ӯ дар адабиёти форсии тоҷикӣ бо ин достон ногусастанист.

АДАБИЁТ

1. Афсаҳзод А. Лайлӣ ва Маҷнун / А.Афсаҳзод// Энсиклопедияи адабиёт ва санъат. Ҷилди 2. - Душанбе, 1989. - 560 с.
2. Мирзозода Х.М. Шамсиддин Шоҳин / Х.М.Мирзозода. - Сталинобод: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1956. - 258 с.
3. Рӯдакӣ, А. Шеърҳо / Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ. Бо муқаддима, тартиб ва тавзеҳи Усмон Каримов ва Садрӣ Саъдиев. - Душанбе: Ирфон, 1973 . - 224 с.
4. Туғрал, Нақибхон. Гиёҳи меҳр / Нақибхон Туғрал. Муаллифони дебоча ва мураттибони матну луғот Абдулҳамид Пӯлодов ва Асрор Раҳмонов. - Душанбе: Ирфон, 1986. - 352 с.
5. Шоҳин, Шамсиддин. Куллиёт / Шамсиддин Шоҳин. Таҳия ва тавзеҳоти Музаффар Муҳаммадӣ. - Душанбе: Адиб, 2006. - 640 с.

ВЗГЛЯД НА ТРАДИЦИЮ НАПИСАНИЯ ПОЭМ О ЛЕЙЛИ И МЕДЖНУНЕ В ПЕРСИДСКО-ТАДЖИКСКОЙ ЛИТЕРАТУРЕ И «ЛЕЙЛИ И МЕДЖНУН» ШАМСИДДИНИ ШОХИНА

Ин хулосаро боз таҳқиқоти чанде аз олимон тақвият бахшидааст. Соли 1928 яке аз аъзоёни экспедитсияи Помир (зери рохбарии Н.П.Корженевский), Н.П.Горбунов дар Рӯшон намуди гандуми қадимаи ба табиати Помир мувофиқро пайдо намуд [ниг. 31, с.93-126; 3, с.79]. Бостоншиноси тоҷики ин минтақаи кӯҳӣ А.Ҷ. Бобоев (1932-2001), ба бозёфтҳои дар натиҷаи ковишҳои археологии беш аз 20 солаи хеш такя карда, ба хулосае омадааст, ки дар Помир зироаткорӣ аз замонҳои хеле қадим арзи ҳастӣ доштааст. “Эҳтимолан, - таъкид намудааст ӯ, - дар охири ҳазорсолаи II пеш аз милод шароити табиӣ барои зисти шумораи зиёди одамони машғулияти асосии зироаткорӣ ва чорвопарварӣ дошта, мусоидат мекард... Ҳангоми ковишҳои Ҷавшанғоз дар қатори дигар бозёфтҳо устухони гӯсфанд ва каланди сангинро пайдо кардем, ки аз фаъолияти зироаткорӣ ва нигаҳдошти чорво дар охири ҳазорсолаҳои II ва ибтидои I гувоҳӣ медиҳад”[2, с. 222]. Муаллифи номбурда, ҷонибдори ақидаест, ки дар ҳазорсолаи II қабл аз милод, шароити табии барои зисти одамон ва шуғли зироату чорводории онҳо нисбатан мувофиқтар буда, аҳолии зиёде дар ин минтақа сукунат доштааст[2, с. 222].

Дигар бостоншиноси ватанӣ М.А. Бубнова, ки ӯ низ солҳои зиёде дар Помир шуғли ковишҳои бостоншиносӣ дошт, доир ба аз замонҳои қадим дар минтақа вуҷуд доштани зироаткорӣ чунин ибрози назар намудааст: “... зироаткории қадим, дар ҳар сурат барои давраи охири асри биринҷ (охири ҳазорсолаи II пеш аз милод), касро ба шубҳа оварда наметавонад”[5, с. 122]. Аз мантиқи гуфтаҳои муҳаққиқ хулосае мебарояд, ки зироаткориву чорводорӣ дар ин минтақа ҳанӯз хеле пеш аз ин давраи ишораёфта, шуғли асосии сокинони бумӣ будааст.

Ёдгориҳои аз тариқи ҳафриёти бостоншиносон ба даст омада, аз рушди ҳунармандӣ низ дар асри биринҷ гувоҳӣ медиҳанд. Гарчӣ бозёфтҳои давраи гузариш аз асри санг ба биринҷ ё энеолит, ҳам дар Помири Шарқӣ ва ҳам дар Помири Ғарбӣ, хеле кам дастрас шудаанд, вале гумони ғолиб меравад, ки фулузоти аввал – биринҷ ба ин ҷо аз берун дар ҳазорсолаи дуюм оварда шудааст. Ба ақидаи олимон эҳтимолияти ба ин ҷо ворид гардидани олоти биринҷӣ аз Фарғона қад-қади дарёи Гулча ба воситаи Саритош бештар аст, чунки Фарғона яке аз марказҳои қавии коркарди биринҷ ҳисоб меёфт [24, с. 353].

Омӯзиши бозёфтҳои асри биринҷ дар 12 мадфангоҳҳои (қабристони) мутааллиқи ин давраи Калтатур (байни теппаҳои наздикӯҳии 2 км аз қисмати шарқии деҳаи Кудара ҷой дошта),

Баландкийк (0,5 км қисмати ғарбии Кудара), Южбок (водии дарёчаи Южбок – дар байни Аличуру Вахон), чандин адад марҷона, гӯшвораю чалла, корд, пайкони (барои нӯги найза) биринҷӣ ва ғайра пайдо намудаи А.Ҷ. Бобоев [ниг. 2, с.13-24], аз санъати баланди коркарди ин маснуот гувоҳӣ медиҳад. Аз муқоисаи онҳо бо чунин ашёҳои дигари дар мавзеъҳои Осиё Марказӣ ва манотиқи ҳамҷавор пайдошуда, таъсири тарафайни санъати коркарду истеҳсоли онҳо эҳсос мешавад[ниг. 2, с.22-38].

Гарчӣ алоқаи тиҷоратии Бадахшон бо мамолики наздику дури замони бостон хеле қадимиву аз таърихи машҳури Роҳи абрешим ҷудо буда наметавонист, вале истихроҷ, коркард ва содироти лаъли ин диёр – балахш, аз замонҳои хеле қадим шӯҳрати минтақаро то Мисру Бобулистон бурдааст[30, с.266; 1, с.69-70; [12, с.355-356]. Ашёҳои аз лаълу лоҷуварди ҳанӯз дар ҳазорсолаи сеюми то милод дар Бадахшон сохта шуда, дар мамолики Шарқи Наздик дарёфт гардидаанд[17, с.31].

Табиатшиноси машҳури рус, академик А.Е.Ферсман, ки ба таърихи дури сангҳои қиматбаҳо ва мавқеи онҳо дар ҳаёти одамони замони бостон таҳқиқоти комил бурдааст, доир ба паҳншавии лаъли Бадахшон ақидаи ҷолибу асосноке пеш овардааст. Ба маълумоти аз маъхазҳои барояш дастрас такя карда, олим бидуни шубҳа таъкид намудааст, ки лаъли Бадахшон бо роҳҳои гуногун ва мушкилгузари корвонӣ ба Миср, Чин, Рим ва Рум (Византия) ворид гардида, чун рамзи зебоӣ ва эътиқоди соҳибашро аз ҳаргуна қувваҳои аҳримани (бадӣ) ҳифзкунанда, ҳисоб меёфт[29, с. 102; 30, с.267-268].

Конҳои ин маъдани арзишманд дар ҳудуди Бадахшон чанд ҳазор сол қабл аз милод мавриди коркард қарор ёфта буданд. Аз маълумият доштани лаъли Бадахшон чун маъдани ниҳоят арзишманди зиннатӣ дар замони қадим, пайдо кардани маводи аз он истеҳсолшуда дар оромгоҳи маликаи Байнаннаҳрайн (Месопотамия) Шубот (ҳазорсолаи сеюми пеш аз милод) дар шакли пояи ҷомҳои тиллоӣ, резамӯҳра ва шадда гувоҳӣ медиҳад. Намунаҳои ашёи зинатии лаъли Бадахшон дар Моҳенҷодаро (Шимоли Ҳиндустон), пайдо шудаанд, ки санадашон 5 ҳазор сол муайян шудааст[22, с. 16]. Дар байни ашёҳои зиннатии фиръавнҳои сулолаи XII (ҳазорсолаи II пеш аз милод), замони салтанати Тутанхамон (асри XIV пеш аз милод), марҷонаҳои дар либосҳои фиръавн васлшуда[28, с. 154] мавҷуд аст. Намунаи ашёҳои бо лоҷуварди Бадахшон ороёфта дар қӯрғонҳои Майкопу станитсаи Новосвободнийи Қафқози Шимолӣ, ки санадашон ба ҳазорсолаҳои III- II пеш аз милод рост меояд, пайдо шудаанд[15, с.94; 1, с.68-69]. Ҳамчунин да рӯйхати ашёҳои зинатдиҳандае, ки аз қасри пойтахти давлати Ҳахоманишҳо пайдо шудааст, аз лаъли Бадахшон ишора меравад. Чунин мисолҳоеро, ки аз истихроҷ, коркард ва интиқоли тиҷратии ин маъдани қиматноки Бадахшон дарак медиҳад, метавон идома дод.

Муҳаққиқ Румон Гришман ба дастовардҳои замони қадими Эрон марок зоҳир намуда, қайд кадааст, ки Пешовар яке аз марказҳои ҳунармандӣ ҳисоб ёфта, дар истеҳсоли лавозимоти ороишӣ шӯҳрат пайдо карда буд. Аз ҳисоби ашёи лозимии барои коркард ба ин ҷо аз дигар минтақаҳо ворид гардида, “шаҳр аз ҳайси мавод ғанитар шуд: илова бар садаф, ва ақиқ ва фирӯза, мӯҳраҳо ва ҳалқаҳои аз сангбулӯр, санги лоҷувард, ки аз Помир меоварданд ва яшми сабз, ки аз нуқоти дуртар ҳамл мешуд, мавриди дастаъмолӣ қарор гирифт”[25, с.51].

Чунин далелҳо ва дигар бозёфтҳои бостоншиносию маъхазҳои хаттӣ, аз истеҳсоли лоҷуварду дигар сангҳои зебу зинатию ороишӣ даракдиҳанда гувоҳи равшанест алоқамандии тиҷоратии байни Бадахшону манотиқи дуру наздик дар замонҳои қадим ва асримиёнагӣ [ниг. 1, с.67-84].

Ҳудуди салтанати империяи Ҳахоманишиҳоро бо тамоми ҷузъиёташ амиқан муайян намудан ниҳоят душвор бошад ҳам (чунки тобеъияти баъзе мулкҳои канорӣ рамзӣ буд), дар маҷмӯъ аз тарафи муҳаққиқон муайян шудааст. Ба доираи қаламрави ин давлат мансубият доштани Помиру Бадахшон ишораҳои маъхазӣ мавҷуданд. Аз ҷумла дар яке аз матнҳои хаттии дарёфтшудаи замони салтанати Доро (521-485 то милод) ба “Санги кабуди лоҷувард” (“касака капаутака”) ишора рафтааст. Аз мазмуни матн бармеояд, ки ин санг ба пойтахти давлати Ҳахоманишиҳо аз сатрапии Бохтари дар тобеъияти онҳо қарордошта ворид мегардад[17, с. 46]. Ин далел аз тобеъияти Бохтар аз ҷумла Бадахшон (гарчӣ шояд рамзӣ бошад) ба ин давлати абаркудрати замон гувоҳӣ медиҳад.

Ба ин тобеъият муаррихи Юнони бостон, Геродот (асри V пеш аз милод), ки чун “падари таърих” шинохта мешавад, ишора намудааст. Дар китоби сеюми асари дар тамоми башар маълумият пайдокардаи ӯ “Таърих” (иборат аз 9 китоб) доир ба фаъолияти шоҳи Форс писари Гиштосп - Дорои I (522-486 пеш аз милод), ки ҳудуди зердасташро ба 20 ҷузъи маъмурӣ – сатрапҳо ҷудо кардаву аз ҳар кадоме миқдори муайяни андоз ё хироҷ меситонд ва ин маҷбурияти расмиро шоҳони ояндаи Форс низ қабул карда буданд, маълумот оварда, аз ҷумла қайд кардааст: “Андоз аз округи (сатрапии) дувоздаҳум (ҳудуди имрӯзаи Афғонистони шимолӣ ва болооби Амударё – Ҳ.П.), ки ба он заминҳои аз бохтариҳо то эглҳо шомиланд, сесаду шаст талант

гирифта мешуд... Сакойҳо ва каспиҳо, ки ҳавзаи (сатрапии) понздаҳумро ташкил мекарданд дусаду панҷоҳ талант андоз месупориданд. Парфиягиҳо, хорасмиҳо, суғдҳо ва ориён, ки ҳавзаи (сатрапии) шонздаҳумро (тахмин, поёноби Сирдарё то водии Ҳарирӯди Афғонистон – Ҳ.П.) дар бар мегирифтанд, сесад талант пардохт мекарданд”[10, с. 295-296]. Бояд тазаккур дод, ки Геродот гарчанде далели амиқи ҷуғрофие надошта бошад ҳам, ба маълумоти барояш дастрас такя карда, ҳудуди сатрапҳои дар тобеъияти давлати Ҳахоманишиҳо бударо муайян намудааст. Аз он хулосае бармеояд, ки нуфузи сиёсии он Помиру Бадахшонро низ фарогир будааст.

Аз тарафи дигар, табиист, ки нишондиҳандаҳои умумияти нажодӣ, оини зардуштӣ ва маданияти моддӣ ин ҳамбастагии таърихии моро тасдиқ мекунад. Мавриди қайд аст, ки аз рӯи мантиқи маъхазҳо он замон фурӯши ин маъдани қиматбаҳо пурра дар дасти ҳокими Бадахшон қарор доштааст[17, с.31]. Ин худ нишондиҳандаест, ки анъанаҳои давлатдорӣ барои тоҷикони ин минтақаи кӯҳистон ҳанӯз аз замони бостон оғоз ёфтааст.

Мантиқи раванди суратгирии воқеаҳо, дарёфти маъхазҳои моддӣ аз тарафи бостоншиносон бар он далеланд, ки ҳуҷуми Искандари Мақдунӣ ба Осиёи Миёна гарчӣ бевосита аз ин минтақаи кӯҳӣ мавҷи он нагузашта бошад ҳам, барои Помиру Бадахшон бетаъсир буда наметавонист. Ҳамчунин мулкҳои ин кишвар аз мақоми сиёсии Юнону Бохтар ва давлати пурқудрати Кушон дар канор буда наметавонистанд.

“Ёгориҳои археологӣ ва бозёфти дигар тангаҳо, – таъкид менамояд Б.Ғафуров, - имкон медиҳанд бо камоли итминон гӯем, ки ноҳияҳои ҷанубии Тоҷикистони ҳозира (аз ҷумла, Помир) ваЎзбекистон, инчунин водии Зарафшон, бешак, дар ҳайати давлати Канишка буданд”[9, с. 203].

Тибқи маълумоти муаррихи Юнони қадим Ктесий (охири асри V – нимаи аввали асри IV то милод) дар Бохтар коркарди нуқра хеле васеъ ба роҳ монда шуда буд. Баъзе аз мутахассисон бар ақидаеанд, ки Бадахшон дар он вақт яке аз марказҳои муҳими истихроҷ, коркард ва тиҷорати он будааст[23, с. 101]. «Аз рӯи бозёфтҳои нукрагини ороишии занона, – менависад Б.А.Литвинский, – дар Бохтар ва умуман Осиёи Миёна, коркарди ин маъдан ҳанӯз 3,3 – 3 ҳазор сол пеш ба роҳ монда шудааст»[20, с.8].

Дар ҳадди асрҳои II ва I пеш аз милод, ҳангоми то андозае суст шудани фаъолияти самти даштии Роҳи абрешим, ташаккул ва рушти хати тиҷорат ба воситаи Помир вусъат пайдо кард. Дар натиҷа роҳҳои Вахон ё роҳи Буддоии бузург ва Шуғнон ба шабакаи роҳҳои байналхалқӣ пайвастанд. Ин роҳҳо ҳаракати роҳибони буддоӣ, корвонҳои савдоӣ, алоқамандии сафоратии байни давлатҳоро таъмин мекарданд. Бештар аз панҷ садсола хатсайри аз тариқи Помир фаъолият дошта, яке аз муҳимтарин қитъаҳои Роҳи абрешим, ки Ғарбро бо Шарқ мепайваст ҳисоб меёфт.

Аз ин манзар, мавриди қайд намудани чунин далел низ пеш меояд, ки Помир пайвандгари муҳими роҳҳои қадимаи Осиёи Миёна ва Шаншун, мулкҳои Шимолӣ ва Шимолӣ-Ғарбии Тибет ҳисоб меёфт. Баъзе анъанаҳои дар Тибет ҷой дошта, ба хулосае меоранд, ки маҳз тавассути ҳамин роҳ таъсири фарҳангии Эрон дар ин минтақа паҳн мешуд[19, с.298-300].

Чунин рушди тиҷоратӣ дар замони Кушониён низ идома дошт. Тибқи ақидаи Р.Гришман молҳои тиҷоратӣ аз ҳавзаи дар итоати Византия (Рум) қарор дошта, ба воситаи бандари Баҳору Аҳмар то Пешовари кунунӣ расонда, аз он ҷо “бо василаи корвонҳо аз Ҳиндукуш ва Помир убур дода, пас аз гузаронидан аз Туркистони Чин ба Чин ҳамл мекарданд. Аз инҷо кушонҳо аз оғози қуруни дуввум се хитъа омада, ҷодаи Роҳи Бузурги абрешимро дар қабзаи худ гирифтанд: аввал ҷодаи байни ду дарё, дуввум ҷодае, ки аз роҳи Марв ба сӯи шаҳри Саддарвоза ва Хатматона (Ҳамрон) мерафт ва пас аз убур аз Фурот” ба дигар манотиқ мол интиқол медоданд[25, с. 295-296].

Баъди заволи империяи Кушониён дар асри IV маркази алоқаи фаъоли роҳҳои савдоӣ тағйир ёфта, бештар берун аз ҳудуди Помир, аз навоҳии ҳамҷавори дар шимол ва шимолу шарқии ин минтақаи кӯҳии Осиёи Марказӣ мегузаштанд[14, с.112-118; 16, с.166].

Аз маъхазҳои мавҷуда ва хулосаҳои дар таҳқиқоти олимон ҷой дошта, бармеояд, ки рушди кишоварзӣ ва ҳунармандӣ дар Помиру Бадахшон бевосита ба пайдоиш ва ташаккули давлатдорӣ робитаи ногусастанӣ дорад. Далелҳои ниҳоят зиёди дар таҳқиқоти таърихӣ, бостоншиносӣ, мардумшиносӣ, антропологӣ, забоншиносӣ ва ғайра шаҳодат бар онанд, ки пайдоиш ва ташакули давлату давлатдорӣ дар ин минтақаи баландкӯҳ ҳанӯз аз замонҳои хеле қадим сурат гирифтааст.

Тибқи маълумоти мавҷуда, шаҳри Бадиян – пойтахти давлати Ҳайтолиён буд, ки ин ҳамон Бадахшон аст. Аз соли 445 сар карда Ҳайтолиён ба дарбори ҳокимони Чин тӯҳфаҳо мефиристоданд[4, с.268-269]. Инро набояд чун нишондиҳандаи дар доираи тобеияти Чин будани мулкҳои минтақа маънидод намуд. Пешкаши тӯҳфаҳо амали тарафайн буд, ки аз мустақилияти мулкҳо дарак медиҳад. Чунин алоқамандии тарафайн то давраи торумор шудани Ҳайтолиён аз

тарафи туркҳо (солҳои 560-562), ки онҳоро Сосониён дастгирӣ мекарданд, идома доштааст[ниг. 11, с.104-111].

Маъхазҳои бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба мутахассисон дастрас шуда, аз рушди ҳунармандӣ дар давраи охири асри биринҷ ва ибтидои истифодаи оҳан дарак медиҳанд. Зарурати тақсимоти меҳнат ва вобаста ба он рӯшди мубодилаи маҳсулоти ҳунармандӣ ва кишоварзӣ ба равнақи ҳунармандӣ такони ҷиддӣ бахшид. Помир ба хусусиятҳои ҷуғрофии худ чун маркази ба ҳам омадани бузургтарин системаи кӯҳии Осиё – Тян-Шан, Кунлун, Қароқурум ва Ҳиндукуш, нигоҳ накарда, чи тавре ишора рафт, дар замонҳои қадиму ибтидои асримиёнагӣ чун пайвандгари хати ниҳоят муҳими сафоратию тиҷоратӣ байни Шарқу Ғарб – Роҳи абрешим ҳисоб меёфт. Аз ин минтақаи кӯҳӣ хати алоқаи тиҷоратии Ҳиндустону Чин дар шарқ бо Эрону Тохаристон ва мамолики ҳамҷавори онҳо дар ғарб мегузашт.

Маълум аст, ки системаи пулии давлати Кушониён ниҳоят қавӣ буда, дар минтақаи Осиёи Миёна, ки қисми зиёди ҳудуди он чун қаламрави Империяи Кушониён шинохта мешуд, гардиши тангаҳои (сиккаҳо) кушониён хеле зиёд ба назар мерасид. Аз ин Помир дар канор буда наметавонист. Бозёфти тангаҳои кушонӣ дар Хоруғ, Ишкошим нишондиҳандаи эътимодбахши муносибатҳои тиҷоратӣ дар минтақа ё ба воситаи он ҳисоб меёбанд[2, с.229-230; 13, с. 187.].

Ҳамчунин аз тарафи бостоншиносон пайдо намудани шумораи зиёди маҳсулоти ҳунармандӣ аз ҷумла марҷона ё шаддаҳои шишагӣ, садафӣ, ақақӣ, биринҷӣ ва ғайра, ки базе аз онҳо (садаф, ақиқ) ба воситаи ин шоҳроҳ аз дигар минтақаҳо интиқол меёфтанд. Аз тарафи дигар, ҳанӯз аз замонҳои хеле қадим дар Помир ба роҳ мондани коркарди лаъл, лоҷвард, тилло ва ғайра, ки аз ин ҷо ба дигар мамолик интиқол меёфтанд, далелели равшанест аз нақши Помир дар Роҳи Бузурги абрешим[ниг. 14, с. 112-118; 21, с. 132-140].

Албатта дар ин раванд, бояд аз таркиби ҷамъиятии минтақа ёдовар шуд. Пӯшида нест, ки ин давра авҷи баланди муносибатҳои ғуломдорӣ дар мамолики нисбатан тараққикарда ҳисоб меёфт. Вале он аз рӯи хулосаи олимон дар минтақаҳои гуногуни Осиёи Миёна дар як сатҳ набуд. Дар Суғд, Хоразм, Бохтар (Тахористон), Фарғона ва Хуросон, муносибатҳои ғуломдорӣ нисбатан қавитар буда, дар минтақаи кӯҳистон, аз ҷумла Помиру Бадахшон дар сатҳи нисбатан сусттар қарор доштанд[9, с.253].

Далелҳои дар боло ишораёфта, дар маҷмӯъ ба хулосае меоранд, ки шуғли кишоварзиву ҳунарманди ва дар ин замина пешбурди тиҷорат минтақаи Помиру бешубҳа нишондиҳандаи боэътимоди ҳамбастагии беолоиши ирқиву этникӣ ва анъаноти бисёрҳазорсолаи таърихии онҳост бо тамоми сокинони тамаддунофару ориёинажоди Осиёи Марказӣ – тоҷикон Бадахшон аз замонҳои хеле қадим оғоз ёфтану қарнҳои оянда суръат гирифтааст. Ин бешубҳа нишондиҳандаи боэътимоди ҳамбастагии беолоиши ирқиву этникӣ ва анъноти биёрҳазорсолаи таърихии онҳост бо тамоми сокинони тамаддунофару ориёинажоди Осиёи Марказӣ-тоҷикон.

АДАБИЁТ

1. Абаева Т.Г. Очерки истории Бадахшана. – Ташкент: “Наука”, 1964.
2. Бабаев А.Д. Древние земледелцы “Крыши мира”. – Худжанд: “Нури маърифат, 2006.
3. Баранов П.А., Гурский А.В., Остапович Л.Ф. Земледелие и сельско-хозяйственные культуры Горно-Бадахшанской автономной области Таджикской ССР. – Т.II. – Душанбе, 1964.
4. Бичурин Н.Я. Собрание сведений о народах, обитавших в Средней Азии в древние времена. Изд. второе. – Т.II. – М.-Л.,1950.
5. Бубнова М.А. Эпоха бронзы // История Горно-Бадахшанской автономной области. – Т.1. – Душанбе, 2005.
6. Вавилов Н.И. Происхождение и география культурных растений. – Л.,1989.
7. Вавилов Н.И. Культурная флора Таджикистана в ее прошлом и будущем // проблемы Таджикистана. Труды I конференции по изучению производительных сил Таджикской ССР. – Л.,1934. – Т.2. – С.13-24.
8. Вавилов Н.И. Проблема происхождения культурных растений в современном понимании // Природа. – 1987. - № 2.
9. Ғафуров Б. Ғ. Тоҷикон. Таърихи қадимтарин, қадим ва асри миёна. – Душанбе: «Ирфон»,1998. – 253с.
10. Геродот. История. Книга третья. Талия. 93. Перевод с древнегреческого Ф.Г. Мищенко. – М.: Академический проект, 2014.
11. Ғоибов Ғ. Таърихи Хатлон аз оғоз то имрӯз (Таърихи сиёсӣ ва ҷуғрофиёи таърихӣ). – Душанбе: «Дониш», 2006.
12. Дьяконов И.М. Ассуро-Вавилонские источники по истории Урарту. Приложение // Вестник древней истории.–М.-Л.: Изд-во АН СССР, 1951.- № 2.
13. Зеймаль Е.В. Древние монеты Таджикистана. – Душанбе, 1983.
14. Зелинский А.Н. Памир и Великий шелковый путь //Народы Азии и Африки. – 1976. - № 5. – С.112-118;
15. Иессен А.А. Древнейшая металлургия Кавказа и ее роль в ПЕредней Азии // Доклады III Международного конгресса по иранскому искусству и археологии. Ленинград,1935. – М.-Л.: Изд-во АН СССР, 1939.

16. История Горно-Бадахшанской автономной области. – Т.I. С древнейших времен до новейшего периода. – Душанбе:Пайванд, 2005.
17. История Узбекской ССР. – Т. I. – Кн. первая. – Ташкент: Изд-во АН УзССР,1955.
18. Коржинский С. Очерки Рошана и Шугнана с сальскохозяйственной точки зрения // Сельское хозяйство и лесоводство. – 1898. – Т.189. - № 4.
19. Кузнецов Б.И. Культурные связи Памира с Тибетом // Страны и народы Востока. – Вып.XVI. Памир. – М.: Наука, 1975. – С.298-300.
20. Литвинский Б.А. От редактора. Вступительная статья к кн.: Бубнова М.А. Древние рудознатцы Памира. – Душанбе: Дониш, 1993.
21. Мамадазимов А. Великий шелковый путь. (История становления, расцвета и распада). – Душанбе: Сино, 2014.
22. Массон М.Е. Из истории горной промышленности Таджикистана. Былая разработка полезных ископаемых. – Л.: Изд-во АН СССР, 1934.
23. Пьянков И.В. Средняя Азия в известиях античного историка Ктесия. – Душанбе,1975.
24. Ранов В.А. Археологическое изучение Памира // Очерки по истории Советского Бадахшана.
25. Румон Гришман. Ирон аз оғоз то ислом. Тарҷумаи доктор Муҳаммад Маҳин. – Теҳрон: Муассисаи интишороти “Нигоҳ”, 1387.
26. Синская Е.Н. Учение Н.И.Вавилова об историко-географических очагах развития культурной флоры // Вопросы географии культурных растений и Н.И.Вавилов. – М.- Л.,1966. – С.22-31;
27. Синская Е.Н. Историческая география культурной флоры (на заре земледелия). – Л.,1969.
28. Струве В.В. Новые открытия в царском некрополе Фив // Восток (журн.) – М., 1923. - № 3. – С.154.
29. Ферсман А.Е. Воспоминания о камне. - М.,1958.
30. Ферсман А.Е. Очерки истории камня. – М.,1954.
31. Фляксбергер К. Безлигульные карликовые пшеницы из Рушана и пшеницы Памира // Труды по прикладной ботанике, генетике и селекции. – 1929. – Т.20. – С.93-126.

ЗЕМЛЕДЕЛИЕ, РЕМЕСЛО И ТОРГОВЛЯ В ДРЕВНЕМ ПАМИРЕ И БАДАХШАНЕ

Несмотрна трудности климатических условий для земледелия и скотоводства, да и казалось бы, изолированности от крупных центров ремесленного производства, на Памире и Бадахшане эти жизненно важные виды человеческой деятельности берут начало еще за долго до III-II тысячелетия до нашей эры. В статье приведены достоверные аргументы о довольно высоком развитии земледелия и скотоводства, а также ремесел и торговли в этом горном крае в древности.

Ключевые слова: *Памир, Бадахшан, Рушан, Шугнан, Вахан, каменный век, бронзовый век, земледелие, скотоводство, ремесло, торговля, Велики шелковый путь, ляпис-лазурь.*

AGRICULTURE, CRAFT AND TRADE IN THE ANCIENT PAMIR AND BADAKHSHAN

In spite of difficulties of climate conditions for agriculture and cattle breeding, and also it seems the isolation of big centers of crafts in the Pamir and Badakhshan, these vital important kinds of mankind activities originate before the IIIrd - IInd millennium B.C. In the article there are some valid arguments about high level of development of agriculture and cattle breeding and also crafts and trade in these mountainous regions in the ancient time.

Keywors: *Pamir, Badakhshan, Rushan, Shugnan, Vakhan, stone age, bronze age, agriculture, cattle breeding, craft, trade, Great Silk Road, lapis lazuli.*

Сведения об авторе:

Пирумшоев Хайдаршо*, зав. отделом древней, средневековой и новой истории Института истории, археологии и этнографии им. А. Дониша Академии наук Республики Таджикистан, профессор кафедры история таджикского народа ТГПУ им. С. Айни, доктор исторических наук, член-корреспондент АН РТ,e-mail: pirumshoev.44@mail.ru*

About the author:

PirumshoevHaidarsho*, Head of Department of Ancient, Medieval and Modern History of Institute of History, Archaeology and Ethnography named after A. Donish of the Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan, Doctor of historical sciences, professor, Corresponding memberof the Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan. –e-mail: pirumshoev. 44@mail.ru*

МАЪЛУМОТ ДАР БОРАИ НУСХАҲОИ ДАСТНАВИСИ «НАВОДИР-УЛ-ВАҚОЕЪ»-И АҲМАДИ ДОНИШ

Саидов А.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ

«Наводир ул-вақоеъ», яке аз асарҳои муҳими Аҳмади Дониш ба шумор меравад. Дар китобхонаҳои шаҳрҳои мухталифи собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ дастхатҳои ин асар маҳфузанд. Доир ба ин мавзӯъ адабиётшиноси маъруфи шӯравӣ Евгений Эдуардович Бертелс соли 1933 гузорише омода намуда буд, ки онро соли 1936 зери унвони «Дастнависҳои асарҳои Аҳмади Калла» дар маҷмӯаи «Таълифҳои муссисаи тоҷикистонӣ» [4, 11-12]. ба табъ расонид. Е.Э.Бертелс он замон дар бораи ду нусхаи дастнависи «Наводир ул-вақоеъ» иттилоъ доштааст. Соли 1930 ҳангоми дар Самарқанд будани Е.Э. Бертелс ба ӯ муяссар гаштааст, ки бо нусхаи дастхати «Наводир ул-вақоеъ» шинос шавад. Пас аз таҳқиқи он маълум гаштааст, ки ин дастнавис рақами инвентарӣ надошта, таҳти рақами собиқаи китобхонаи марказии Зарафшонии шуъбаи маорифи вилояти Зарафшон зери рақами 1410 маҳфуз будааст. Аз рӯи намуди зоҳирӣ ин дастхат тақрибан 20-25 сол пештар бо хатти настаълиқи осиёимиёнагӣ нусхабардорӣ шудааст.

Нусхаи дуюме, ки Е.А. Бертелс дар бораи он маълумот додааст, ба Пажӯҳишгоҳи шарқшиносии Академияи улуми Иттиҳоди Шӯравӣ (ҳоло Пажӯҳишгоҳи шарқшиносии Академияи улуми Федератсияи Россия) тааллуқ дошта таҳти рақами инвентари В 716 маҳфуз будааст. Он бо хатти хурд ва возеҳи настаълиқ навишта шуда, дар баъзе ҳолатҳо ба хатти шикаста табдил гардидааст. Дастхат дар авроқи албомшакл нусхабардорӣ шудааст.

Нисбати нусхаҳои дастнависи «Наводир ул-вақоеъ»-и Аҳмади Дониш академик Абдулғанӣ Мирзоев низ таҳқиқот гузаронидааст. Ӯ соли 1953 дар «Маҷмӯаи мақолаҳо доир ба таърих ва филологияи халқҳои Осиёи Миёна» бахшида ба 80-солагии мавлуди академик А.А. Семенов» мақолаеро зери унвони «Таҳрири нахусти «Наводир ул-вақоеъ» ва замони таълифи он» [3, 151-161] ба табъ расона дар бораи нусхаҳои дастнависи «Наводир ул-вақоеъ»-и Аҳмади Дониш таваққуф намудааст.

Тибқи таҳқиқи А. Мирзоев дар китобхонаҳои Иттиҳоди Шӯравӣ 8 нусхаи дастнависи «Наводир ул-вақоеъ» маҳфуз буда дар китобхонаҳои давлатҳои хориҷӣ ягон нусхаи асарҳои Амади Дониш вуҷуд надоштааст. Тибқи гуфтаи А. Мирзоев аз эҳтимол дур нест, ки дар Осиёи Миёна дар дасти баъзе ашхос нусхаҳои дигари «Наводир ул-вақоеъ» вуҷуд дошта бошанд [3, 154].

Аз он ҳашт нусхае, ки А. Мирзоев зикр намудааст, 2 нусха дар китобхонаи оммавии давлатии Тоҷикистон ба номи А. Фирдавсӣ (ҳоло Китобхонаи миллии Тоҷикистон), 1 нусха дар китобхонаи Донишгоҳи Давлатии Тоҷикистон (ҳоло Донишгоҳи миллии Тоҷикистон), 1нусха дар хазинаи китобхонаи Пажӯҳишгоҳи забон ва адабиёти Академияи улуми Тоҷикистон (Маркази мероси хаттии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон), 3 нусха дар Пажӯҳишгоҳи шарқшиносии Академияи улуми Узбакистон дар шаҳри Тошканд ва 1 нусха дар Пажӯҳишгоҳи шарқшиносии Академияи улуми Иттиҳоди Шӯравӣ дар шаҳри Ленинград (ҳоло Пажӯҳишгоҳи дастнависҳои Санкт-Петербурги АИ Федератсияи Россия) маҳфузанд.

А. Мирзоев тавсифи мухтасари ин нусхаҳоро ба таври зерин овардааст: Нусхаи рақами 1635. Он дар китобхонаи оммавии давлатии Тоҷикистон ба номи А. Фирдавсӣ (ҳоло Китобхонаи миллии Тоҷикистон) маҳфуз буда, аз 350 авроқ иборат буда он бо хатти зебои настаълиқ навишта шудааст. Дар охири дастхат навишта шудааст ки «ин нусха аз рӯи нусхаи аслии муаллиф рӯзи ҷумъаи моҳи рачаби соли 1355 ҳиҷрӣ мутобиқ ба соли 1936-37 милодӣ аз ҷониби Субҳӣ нусхабардорӣ шудааст». Ин нусха дар байни нусхаҳои то ба мо расида яе аз нусхаҳои беҳтарини «Наводир ул-вақоеъ» ба шумор меравад.

Нусхаи зери рақами 1400 дар китобхонаи оммавии давлатии Тоҷикистон ба номи А. Фирдавсӣ (Китобхонаи миллии Тоҷикистон) маҳфуз аст. Он аз 390 авроқ иборат буда, бо хатти настаълиқ навишта шудааст. Тарзи навишти қисмати аввали он то саҳифаи 176 нисбат ба қисматҳои дигар зеботар аст. Ановин бо ранги сурх навишта шуда матни саҳифаҳо аз аввал то охири дастхат бо хатти сурхранг ҳошиябандӣ шудааст. Ин нусха аз ҷониби ду нафар нусхабардорони бухороӣ – Мирзо Қамар ва Ҳабибулло Махдум нусхабардорӣ шудааст. Ҷобаҷогузорӣ ва пайдарҳамии фусули ин нусха аз нусхаи қаблӣ ягон фарқияте надорад.

Нусхаи бе рақами инвентарӣ, ки дар китобхонаи Донишгоҳи Давлатии Тоҷикистон (Донишгоҳи миллии Тоҷикистон) маҳфуз аст, аз 376 авроқ иборат буда, матни дар ҳар варақ навишташуда 38 сатриро ташкил менамояд. Бо хатти настаълиқ навишта шудааст. Тамоми авроқи он бо хатҳои лоҷвардӣ ва сурх ҳошиябандӣ гардидааст. Ин нусха дар таърихи 15

рабеъуссонии соли 1304 ҳичрӣ мутобиқ ба соли 1887 милодӣ аз ҷониби нафаре бо номи Афзал нусхабардорӣ шудааст. Яке аз хусусияти хоси ин нусха аз он иборат аст ки аз варақи 320 шурӯъ карда дар ҳошияҳо тавзеҳоте оид ба матни асар оварда шудааст. Гумон меравад ки ин кор дар ин қисмати асар аз ҷониби нусхабардор дар асоси ягон нусхаи нисбат ба ин нусха саҳеҳтар амалӣ гаштааст. Пайдарҳамии фусул аз нусҳаҳои пешина фарқ надорад.

Нусхаи китобхонаи Пажӯҳишгоҳи забон ва адабиёти Академияи улуми Тоҷикистон таҳти рақами 702 аз 358 аврақ иборат буда ҳар варақ 34 сатрро дар бар мегирад. Бо хатти зебои настаълиқ навишта шудааст. Ановини фусул ва қисматҳои дастхат бо ранги сурх навишта шуда, матни дастхат бо хатҳои зарҳалӣ ва лоҷувардӣ ҳошиябандӣ гардидааст. Ин нусха бо пешниҳоди қозӣ Шарифҷон дар соли 1316 ҳичрӣ мутобиқ ба соли 1898 милодӣ аз ҷониби нусхабардор Мирзо Абдулвоҳид ибни Бурҳонбек мавриди нусхабардорӣ қарор гирифтааст.

Нусхаи рақами 2095 дар Пажӯҳишгоҳи шарқшиносии Академияи улуми Узбакистон маҳфуз буда 368 аврокро дар бар гирифта, ҳар варақ аз 34 сатр иборат аст. Бо хатти настаълиқ навишта шудааст. Ин дастхат дар моҳи сафари соли 1328 ҳичрӣ мутобиқи соли 1910 милодӣ дар Бухоро бо талаби садр Мирзо Бурҳониддин аз ҷониби хаттот Мулло Аҳмад мулаққаб ба Мулло Нишон ибни Муҳаммад Юсуфи Хӯқандӣ нусхабардорӣ гардидааст. Аз ҷиҳати пайдарҳамии фусул ин нусха бештар ба нусха рақами 702 қаробат дорад.

Нусхаи рақами 814, ки дар Пажӯҳишгоҳи шарқшиносии Академияи улуми Узбакистон маҳфуз аст, аз 313 аврақ иборат буда, ҳар варақ 32 сатрро дар бар мегирад. Ин нусха соли 1321 ҳичрӣ мутобиқ ба соли 1903-1904 милодӣ аз ҷониби шахсе бо номи Қорӣ Муҳаммадшариф мавриди нусхабардорӣ қарор гирифтааст. Пайдарҳамии фусули ин нусха мушобеҳи нусхаҳои рақами 702 ва 2095 аст, аммо дар муқоиса бо нусхаи рақами 2095 хело мухтасар карда шудааст.

Нусхаи рақами 4466, ки дар Пажӯҳишгоҳи шарқшиносии Академияи улуми Узбакистон маҳфуз аст, аз 484 аврақ ва ҳар варақ аз 30 сатр иборат аст. Ин нусха соли 1352 ҳичрӣ мутобиқ ба соли 1933 милодӣ бо амри раиси ҳамонвақтаи китобхонаи Бухоро бо хатти настаълиқ аз рӯи нусхаи мусаввадаи худи Аҳмади Дониш нусхабардорӣ гардидааст. Дар мавриди пайдарҳамии фусул мушобеҳи нусхаи рақами 1635 аст.

Нусхаи рақами В-716 дар китобхонаи Пажӯҳишгоҳи шарқшиносии Академияи улуми Иттиҳоди Шӯравӣ дар шаҳри Ленинград (Пажӯҳишгоҳи шарқшиносии Санкт-Петербург АИ ФР) маҳфуз аст. Он дар соли 1936 харидорӣ гардидааст. Ин ҳамон нусхаест, ки аз тарафи профессор Е.Э. Бертелс истифода шуда, дар соли 1936 мавриди тавсиф қарор гирифта буд ва ӯ дар бораи ин нусха мақола навишт [3, 154-156].

Тибқи тадқиқоти А. Мирзоев нусхае, ки дар китобхонаи Пажуҳишгоҳи шарқшиносии Академияи улуми Иттиҳоди Шӯравӣ дар шаҳри Ленинград зери рақами В-716 маҳфуз аст, ин нусхаест, ки на танҳо бо дасти худи Аҳмади Дониш навишта шудааст, балки он таҳрири нахустини ин асар аст [3, 156].

Соли 1960 дар шаҳри Сталинобод (ҳоло Душанбе) аз ҷониби профессорон А. Мирзоев ва А.М. Болдирев феҳристи дастхатҳои шарқии Академияи илмҳои РСС Тоҷикистон нашр гардид, ки дар ҷилди авали он тавсифи се нусхаи дастнависи «Наводир ул-вақоеъ»-и Аҳмади Дониш, ки зери рақамҳои 2012, 761, 862 дар ганҷинаи Маркази мероси хаттии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳфузанд, оварда шудааст [2, 180-185].

Таҳлили ин нусхаҳо гувоҳӣ медиҳанд, ки нусхаи № 2012 ҳамон нусхаест, ки дар китобхонаи ин Пажӯҳишгоҳ зери рақами 702 маҳфуз буд. Ин нусха аз муқаддима ва бист фасл (боб) иборат буда, 368 варақро дар бар мегирад. Дар муқаддима дар бораи сабаби таълифи ин асар маълумот дода, мундариҷаи асар оварда шудааст. Бояд қайд кард, ки пайдарҳамии қисматҳо дар матни асар дар баъзе ҳолатҳо ба мундариҷа мувофиқат намекунад. Номи баъзе бобҳо ки дар матн вуҷуд доранд, дар мундариҷа оварда нашудааст.

Дар қисмати хулосавии асар рисолаи сиёсии Аҳмади Дониш бо номи «Рисола дар назми тамаддун ва таъовун» ҷой дода шудааст. Матн бо хатти настаълиқ ва дар баъзе ҳолатҳо бо хатти шикаста дар коғази оддии қуқандӣ навишта шудааст. Боби матн бо хутути сурх, тиллоӣ ва лоҷвард ва ановин дар шангарф навишта шудааст. Оятҳои Қуръон, ҳадисҳо ва порчаҳои шеърие, ки дар матн оварда шудаанд, дар баъзе ҳолатҳо дар ҳошияҳо такрор гардидаанд.

Ба қавли Садриддин Айнӣ Аҳмади Дониш дар замони ҳаёти худ як нусхаи бо дасти худаш навишташудаи «Наводир ул-вақоеъ»-ро ба Сиддиқхони Ҳашмат - бародари хурди амири Бухоро Абдулаҳад маҷонан ва бе ҳеҷ манфиати моддӣ ва маънавӣ додаст. Пас Латифҷони Махдум, ки бо тахаллуси Садри Зиё маъруф аст (дар «Феҳристи дастнависҳои хаттии Акдемияи улуми Ҷумҳурии Советии Сотсиалистии Тоҷиистон» номи ӯ Шарифҷони Махдум Садр оварда шудааст) [2, 180] ва ошиқи асарҳои Аҳмади Дониш будааст, бо Сиддиқхони Ҳашмат робита баста, барои нусха бардоштан он китобро аз ӯ ба тарзи орият гирифтааст ва нусхабардориро ба Мирзо Абдулвоҳид ибни Бурҳонбек, ки бо тахаллуси Мунзим маъруф аст, супоридааст. Пас аз

тамомияти китобат Садриддин Айнӣ бо хоҳиши Мунзим дар тасҳеҳ ва муқоисаи нусхаи руйнавискардаи Мунзим бо нусхаи аслии дастнависи муаллиф иштирок намудааст [1, 213-214].

Ҳамин тариқ, нусхаи № 2012 бо хоҳиши Садри Зиё аз ҷониби Мунзим дар таърихи 1316 ҳиҷрӣ мутобиқ ба соли 1898 милодӣ дар Бухоро нусхабардорӣ карда шудааст.

Дар варақи охирини ин нусха мӯҳри қозӣ Шарифҷон гузошта шудааст ва ин шаҳодати он аст, ки ин нусха моли китобхонаи ӯст [2, 180-185].

Нусхаи № 761. Ин нусхаест, ки дар китобхонаи оммавии давлатии Тоҷикистон ба номи А. Фирдавсӣ (Китобхонаи миллии Тоҷикистон) зери рақами 1400 маҳфуз буд. Тибқи ҷобаҷогузории мавод мушобеҳи нусхаи № 2012 аст. Ин нусха аз ҷониби нусхабардорони бухороӣ Мирзо Қамар ва Ҳабибуллоҳ Махдум бо хатти настаълиқ бо ду намуди хат нусхабардорӣ шудааст. То саҳифаи 355 бо хатти настаълиқи нисбатан зебои мушобеҳ ба хатти насх навишта шудаат. Аз саҳифаи 356 то охир бо хатти настаълиқи на он қадар зебо ва беэҳтиётона сабт гардидааст.

Ин нусха дар таърихи 1355 ҳиҷрӣ мутобиқ ба 1936 милодӣ дар коғази оддии қуқандӣ навишта шудааст ва аз 390 варақ иборат аст. Дар варақи 175 тавзеҳоте оварда шудааст, ки он бо дасти Садриддин Айнӣ навишта шудааст. Дар ин тавзеҳот Айнӣ ба хатогие, ки аз ҷониби нусхабардор ҳангоми навиштани байте аз «Гулистон»-и Саъдӣ содир намудааст, ишора гардидааст [2, 186].

Нусхаи № 862. Ин нусхаест, ки дар китобхонаи оммавии давлатии Тоҷикистон ба номи А. Фирдавсӣ (Китобхонаи миллии Тоҷикистон) зери рақами 1635 маҳфуз буд. Дар ин нусха пас аз муқаддима рисолаи сиёсӣ ҷойгир шудааст. Пайдарҳамии фаслҳо нисбат ба нусхаи № 761 фарқ дорад. Фасли «Дар баёни сафорати Абдулқодирбек….» ба ду қисмат ҷудо шудааст ва қисмати дувум «Дар баёни маҷлиси суронийаи рус » номгузорӣ шудааст.

Ин дастхат аз ҷониби Субҳӣ бо хатти настаълиқ нусхабардӣ шудааст ва дар таърихи 22 рачаби соли 1355 ҳиҷрӣ мутобиқ ба 10 ноябри соли 1936 нусхабардорӣ ба охир расидааст. Ин нусха аз рӯи нусхаи аслии муаллиф дар коғази оддии қуқандӣ нусхабардорӣ шудааст ва аз 770 варақ иборат аст [1, с.214].

Дар мавриди нусхае, ки ба қавли А.Мирзоев дар китобхонаи Донишгоҳи Давлатии Тоҷикистон, бе рақами инвентарӣ маҳфуз буд, қайд кардан лозим аст, ки дар ҳақиқат ин нусхаи бераҳам дар он ҷо вуҷуд доштааст, вале мутаассифона каси номаълуме онро гирфтааст ва дар куҷо будани он то ҳол маълум нест.

Хамин тариқ, дар Тоҷикистон то ҳол чаҳор нусхаи дастхати «Наводир-ул-вақоеъ» мавҷуд аст, ки се нусхаи он дар Маркази мероси хаттии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон зери рақамҳои 862, 2012 ва 761 маҳфузанд. Дар дасти кӣ мавҷуд будани нусхаи чаҳорум номаълум аст.

Тибқи маълумоти А. Мирзоев, ки он саҳеҳ аст, дар ҷумҳуриҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ ҳамагӣ 8 нусхаи «Наводир-ул-вақоеъ» мавҷуд будааст, ки аз он 4 нусха дар Тоҷикистон, 3 нусха дар Узбакистон ва 1 нусха дар Санкт-Петербург маҳфузанд. Нусхаи дар Санкт-Петербург маҳфузбуда нусхаест, ки бо дасти худи Аҳмади Дониш навишта шудааст ва онро муаллиф таҳрир намудааст. Дар Китобхонаи миллии Тоҷикистон ягон нусхае аз «Наводир-ул-вақоеъ» вуҷуд надорад.

АДАБИЁТ

1. Айнӣ С. Ёддоштҳо. Қисми 4. Сталинобод, 1954.
2. Каталог восточных рукописей Академии наук Таджикской ССР. Том 1. Под редакцией и при участии профессора А.М.Мирзоева и профессора А.М.Болдырева. Сталинабад,1960.
3. Мирзоев А. Таҳрири нахусти «Наводир ул-вақоеъ» ва замони таълифи он // Маҷмӯаи мақолаҳо доир ба таърих ва филологияи халқҳои Осиёи Миёна» бахшида ба 80-солагии мавлуди академик А.А. Семенов. Сталинобод, 1953.
4. Рукописи произведений Ахмада Каллэ // Труды Таджикистанской базы. Том 3. Москва-Ленинград, 1936.

СВЕДЕНИЯ О СПИСКАХ РУКОПИСЕЙ «НАВОДИР УЛ-ВАКОЕ» АХМАДА ДОНИША

Сочинение Ахмада Дониша «Наводир ул-вакое» является одним из важнейших трудов великого учёного. Списки рукописей «Наводир ул-вакое» давно привлекали внимания учёных, и они написали отдельные статьи, посвященные этому вопросу. Анализ данныех каталогов показал, что до настоящего времени до нас дошли восемь списков рукописи этого сочинения, из которых четыре находятся в Таджикистане. Один из них считается пропавшим, три списка хранятся в Узбекистане и один в книгохранилище города Санкт-Петербурга. Список находившийся в Санкт-Петербурге написан самим автором и отредактирован им.

Ключевые слова: *Ахмади Дониш, Наводир ул-вакое, рукопись, список, Бертельс, Мирзоев, книгохранилище, инвентарный номер, Душанбе, Ташкент, Санкт-Петербург.*

INFORMATION ABOUT THE LIST OF MANUSCRIPTS OF "NAVODIR UL-VAKOE" OF AHMADA DONISHA

The composition of Ahmad Donish''s "Navodir ul-vakoe" is one of the most important works of the great scientist. Lists of manuscripts "Navodir ul-vakoe" attracted the attention of scientists and they wrote separate articles devoted to this issue. Analyzing the data of the catalogs, it became clear that up to now eight manuscript lists of this work have reached us, four of which were in Tajikistan, one of which is considered to be missing, three are kept in Uzbekistan and one in the book depository of the city of St. Petersburg. The list that was in St. Petersburg was written by the author himself and edited by him.

Keywords: *Ahmadi Donish, Navodir ul-vakoe, manuscript, list, Bertels, Mirzoyev, book depository, inventory number, Dushanbe, Tashkent, St. Petersburg.*

Сведения об авторе:

Саидов Абдукахор*, - доктор исторических наук, профессор Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни, e-mail: saidov.45@mail.ru*

About the author:

Saidov Abdukahor *- Doctor of historical sciences, professor of the Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini, e-mail: saidov.45@mail.ru*

ЗАКЛЮЧИТЕЛЬНЫЙ ЭТАП МИРНОГО УРЕГУЛИРОВАНИЯ В МЕМУАРНОЙ ЛИТЕРАТУРЕ

Ганджакова М.Г.

Таджикский государственный педагогический университет им. С.Айни

На протяжении всей нашей многотысячелетней истории, наше миролюбие является признаком разума, мудрости и терпимости нашего народа, что является ярким свидетельством древней культуры и созидательных традиций. Несмотря на трудности и препятствия, с которыми постоянно сталкивалась эта мудрая нация за всё своё долгое существование, она сохранила свою созидательную самобытность и исконную мудрость. Именно эти исконные добрые качества и национальная гордость, направившие наш народ к взаимопониманию, взаимному прощению, миру и примирению, сегодня освещают наш путь к созиданию, обустройству Родины, защите достижений независимости и их упрочению.

Процесс достижения мира в Таджикистане явился сложным, но важным политическим событием, решившим судьбу таджикского народа, создавшим предпосылки для его единства, согласия и спасения его государственности от гибели.

27 июня 1997 года в истории новой государственности и государственного строительства таджиков, благодаря твердой воле и исконной мудрости нашего древнего народа произошло грандиозное событие, ставшее поворотным моментом в дальнейшей судьбе таджикского народа и точкой отсчета для дальнейших созидательных преобразований. В этот благодатный исторический день осуществилась многолетняя мечта многострадального таджикского народа, а именно, в городе Москве было подписано Общее Соглашение о становлении мира и национального согласия, и тем самым положен конец братоубийственной войне между сыновьями одной нации.

Заключительный раунд переговоров состоялся 24-27 июня 1997 года в Георгиевском зале Кремля в город Москве, где было подписано Общее соглашение об установлении мира и национального согласия в Таджикистане Президентом Таджикистана Э. Рахмоновым и лидером ОТО С.Нури. Именно благодаря миру, спокойствию и мудрости нашего народа мы смогли предотвратить гибель нашей любимой Родины - молодого независимого Таджикистана и распад нашей древней нации. И именно благодаря миру, спокойствию и национальному единству мы смогли заложить простую основу для выведения страны из острого экономического и социального кризиса.[2, с.429] Подписанное Всеобщее Соглашение, считается наивысшей и окончательной точкой в межтаджикских переговорах и первой ступенью к реальному миру на нашей земле. В документах перечисляются все протоколы и соглашения, подписанные между властями Таджикистана и оппозицией, а также отмечается необходимость их выполнения. Президент РТ и Руководители ОТО договорились, что с подписанием настоящего Общего соглашения начинается этап выполнения достигнутых договоренностей в их полном объеме и взаимосвязи, что навсегда положит конец братоубийственному конфликту в

Таджикистане, обеспечит взаимопрощение и амнистию, вернет беженцев к родным очагам, создаст условия для демократического развития общества, проведения свободных выборов и восстановления экономики страны, разрушенной многолетним конфликтом.

Президент Республики Таджикистан Э.Рахмон и руководитель Объединенной таджикской оппозиции С.А.Нури, руководствуясь высшими интересами народов Таджикистана, в целях достижения прочного мира и национального согласия в стране, приняли политическое решение о создании Комиссии по национальному примирению подписав 23 декабря 1996 года в Москве Соглашение и Протокол.[3, с. 35]

Общее соглашение включает в себя следующие документы:

- Протокол об основных принципах установления мира и национального согласия в Таджикистане от 17 августа 1995 г.;
- Протокол по политическим вопросам от 19 мая 1997 года относящиеся к нему Соглашение президента РТ Э.Рахмонова и руководителя ОТО А.Нури по итогам встречи в Москве от 23 декабря 1996 г;
- Протокол «Об основных функциях и полномочиях Комиссии по национальному примирению» от 23 декабря 1996 г;
- Положение о Комиссии по национальному примирению от 21 февраля 1997 г;
- Дополнительный протокол к Протоколу «Об основных функциях и полномочиях Комиссии по национальному примирению» от 21 февраля 1997г;
- Протокол по военным проблемам от 8 марта 1997 г;
- Протокол по вопросам беженцев от 13 января 1997 г;
- Протокол о гарантиях осуществления Общего соглашения от 28 мая 1997 г.[4, с.77]

В целом, подписание Всеобщего Соглашения, это официальный итоговый акт и никто не мог подумать, что и он сможет попасть в тупиковую ситуацию и затянуться. И хотя все документы с противоречиями были разрешены, все непонятные вещи разъяснены и ничто уже казалось не может стать предлогом спора, однако такая проблема возникла, да не одна, а две. Первый вопрос, это тот самый вопрос, касающийся террористического события февраля месяца. Стремление Президента разрешить этот вопрос обычным способом в рамках указа об амнистии, результата не принес. Второй вопрос, этот тот, который был решен за час до завершающей встречи в Кремле. Он был очень болезненным и затяжным.[5, с.101-102] Для Президента пути назад не было и оппозиция не желала ничего проигрывать.

Тем не менее мы смогли доказать, что являемся цивилизованной нацией и как страна, пережившая ужасные и тяжёлые дни, желаем мира и всегда выступаем за то, что во всех горячих точка мира, проблемы решались только миротворческим путём. С подписанием документа о мире мы, прежде всего, спасли своё государство и свою нацию.[6]

Руководитель ОТО в свою очередь заявил: «Мы считаем, что наш мир должен быть всеобъемлющим, он должен привлечь все слои нашего общества. Ни одна политическая или региональная группа не должна быть оставлена вне реализации этого благородного дела. В переходный период все они должны быть привлечены к управлению государством: только так можно достичь всеобъемлющего и стабильного мира».[7, с.227-229]

Таким образом, завершился длительный этап переговорного процесса и начался период выполнения достигнутых договоренностей, что обеспечивало взаимопрощение и амнистию, возвращение беженцев, что создало необходимые условия для демократического развития общества. Данный документ создал правовую базу для перевода политической ситуации в Таджикистане в плоскость мирного развития.

На переходный период, Президент и Комиссия по национальному примирению осуществляет нижеследующие функции и полномочия:

- внесение на всенародный референдум предложений по изменениям и дополнениям к действующей Конституции;
- подготовка и внесение на утверждение Парламента, а если потребуется и всенародного референдума нового закона о выборах в Парламент и местные представительные органы;

- формирование на переходный период Центральной Комиссии по выборам и проведению референдума;
- реформирование Правительства, введение представителей ОТО в структуры власти;
- руководство и контроль за реформированием, разоружением и реинтеграцией вооруженных формирований оппозиции, проведение работы по реформированию силовых структур, органов прокуратуры;
- контроль за осуществлением полного обмена военнопленными, заключенными и освобождением насильственно удерживаемых лиц;
- принятие Акта о взаимном прощении, разработка Закона об амнистии, который должен принять Парламент и Комиссия по национальному примирению и другие.[8, с.91-92]

Было бы нереально ожидать, что проблемы которые привели к конфликту в Таджикистане будут решены в течении нескольких месяцев или, что после подписания Общего Соглашения Таджикистан более не будет нуждаться в международной помощи для преодоления стоящих перед ним трудностей.[9, с.92] Также, в это благое дело достижения мира, ценный вклад внесли бывший руководитель Объединенной таджикской оппозиции С. Нури. В реализации документа о мире важную роль сыграла Комиссия по национальному примирению, в состав которой входили представители обеих сторон и председателем был назначен С. Нури. Комиссия по национальному примирению, как механизм реализации Общего Соглашении об установлении мира и национального согласия, за период более чем 998 дней существования, которая была создана 7 июля 1997 года и 1 апреля 2000 гг. по приказу Президента, прекратила свою деятельность.[10, с.156] Тем не менее, она проделала очень трудную и значительную работу. Задачи, стоящие перед подкомиссией по политическим вопросам вытекают из Положение КНП, Протокол по политическим вопросам, Соглашение Президента РТ Э.Рахмонова и руководителя ОТО С. А. Нури, по итогам встречи в Москве 23 декабря 1996 года. Мерой доверия исполнения обязательств сторон по названным соглашениям, является Протокол об основных принципах установлении мира и национального согласия в Таджикистане. На основании этих документов, перед подкомиссией по политическим вопросам было поставлено решение следующих вопросов, в том числе:

Принятие акта о взаимопрощении в качестве первого политического шага в мирном направлении. Такой документ был подготовлен и подписан ещё 10 июля 1997 года КНП в город Москве. На этот период было освобождено 149 военнопленных в сентябре 1997г., 26 человек, в октябре 1997 г - 79 человек, в феврале 1998 г - 44 человека.[11, с. 490]

В процессе реализации мер, предусмотренных Соглашением о мире, стало очевидно, что для укрепления национального единства и осуществления надежд на мир и стабильность все патриотические силы, политические партии, общественные объединения и неправительственные организации должны объединиться. В связи с этим, возникла необходимость создать, наряду с Общественным советом, общенародную организацию, охватывающую как можно более широкие круги населения. Эта работа была выполнена путём создания общенародного Движения национального единства и возрождения Таджикистана.[12] Главная цель создания подобной организации заключается в том, чтобы в сознании всех слоев общества прочно укрепились идеи единства и единения нации, чтобы таким образом была создана прочная основа для сплочения народа всей страны. Власти Таджикистана посчитали себя победителями, лидеры же оппозиции, войдя во власть, согласно 30-процентной квоте, занялись бизнесом и не стали настаивать на выполнении всех положений.

Безусловно мы горды тем, что исключительное явление национального примирения стало предметом изучения и воплощения в жизнь. Однако для нас, гораздо важнее показать нынешнему и будущим поколениям, насколько важно обладать Родиной и в то же время постичь, какое это бесценное благо и великая ответственность - Родина и её независимость. Поэтому, человеческий и духовный долг каждого честного, здравомыслящего и достойного гражданина Таджикистана заключается в том, чтобы беречь, как зеницу ока, мир, стабильность и национальное единство, достигнутые очень дорогой ценой.

Единство для нас-это не просто термин или обычное слово, напротив это знамение нашей судьбы, условие продвижения нашей страны к процветающему и мирному будущему и, что важнее всего, это гарантия сплоченности и счастья нашего народа сегодня и в будущем. Разумеется,

полностью национальное единство будет достигнуто только тогда, когда мы всенародным упорным, повседневным, честным и преданным трудом завершим начатые нами созидательные дела, то есть устраним трудности, связанные с круглогодичной миграцией нашего населения из страны, выведем нашу любимую страну из коммуникационной изоляции, обеспечим ей энергетическую независимость и продовольственную стабильность, ведь в условиях мира это вполне выполнимо.

ЛИТЕРАТУРА

1. Рахмонов Э. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эхёи миллат (Независимости Таджикистана и возрождение нации). Ч.4. – Душанбе: Ирфон, 2002. –429 с.
2. Общее соглашение об установлении мира и национального согласия в Таджикистане. Что оно собой представляет? -Душанбе. Сентябрь 1997. – 35 с.
3. Белов Е.В. Исторический опыт переговорного процесса по урегулированию межтаджикского конфликта (1993-1997гг.).-77 с.
4. Усмонов И. Лахзахои сулхи ботадбир (Моменты из созидательного мира). – Душанбе: Ирфон, 1999. - С. 101-102.
5. Бигузор сулҳу вахдати миллӣ побарҷо ва ҷовидона бошад.. Муроҷиатномаи Э.Раҳмонов ба муносибати ба имзо расидани созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва оштии миллӣ дар Тоҷикистон 27 июни соли 1997 дар шаҳри Москва (Пусть мир и национальное согласие будет всегда крепким. Обращение Президента республики Э.Рахмонова в честь подписания общего соглашение и национального примирения в Таджикистане, 27 июня 1997 года в город Москве).//Чумҳурият, 2 июли 1997.
6. Общее соглашение об установлении мира и национального согласия в таджикистанеот 27 июня 1997г.в кн. «Дорога мира…»- Душанбе.,1997.-С.227-229.
7. Лафизов.Ф. Роль международных организации в урегулировании внутренних вооруженных конфликтов (на примере Таджикистана). - С. 91-92.
8. Там же. – 92с.
9. Нури С.А. Оштинома (Книга о примирении).-Душанбе: Матбуот. 2001, - С. 156.
10. Усмонов И. Сулхнома (Примирение). – С. 490.
11. Барои вахдати миллат ва эхёи ватан (Для национального единства и возрождения родины). МИТ Ховар. Чумхурият, 23 июл 1997 гг.

ЗАКЛЮЧИТЕЛЬНЫЙ ЭТАП МИРНОГО УРЕГУЛИРОВАНИЯ В МЕМУАРНОЙ ЛИТЕРАТУРЕ

Эта статья посвящена заключительному этапу мирных переговоров таджикского народа, который был подписан 27 июня 1997 года в городе Москве. Окончательный результат переговоров - день памяти таджикского народа, и в нем было избрано несколько исторических документов для нормализации политической ситуации в стране. Благодаря этим переговорам таджикский народ достиг национального единства и мира, а затем наша новая независимая республика достигла успехов в экономической, социальной и культурной сферах.

На Памире Буддизм был распространён только в Вахане, об этом свидетельствуют многочисленные исторические источники, в частности буддийские монахи и надпись на камне в кишлаке Даршай, буддийский ступа в кишлаке Вранг. При археологических раскопках в могильниках Канкор, Путуп, ЗумудгI и ЗумудгII относящихся к периоду буддизма в Вахане отдельные захоронение черепа не было найдено, и это свидетельствует о том, культ черепа на Памире не связанно с буддизмом.

Возможно и то что, на Памире не было культа черепа и эти захоронение черепов связано с другой верой.

На наш взгляд, некоторые отголоски данного явления можно найти в традициях ваханцев Памира. Исходя, из этого нам необходимо обратиться к древним преданиям ваханцев, а также к другим историческим источникам, в частности к Зороастризму. Однако следует подчеркнуть, что в зороастризме не было единого обряда захоронение и этой религии были присуще многообразия, особенно в Туране (Восточные арии.)

Зороастризм как религия не возникла на пустом месте, а является синтезом различных первобытных верований арийских племён. Особое место в зороастризме занимала магия. А сам Зардушт (Заратустра) считался главой магов. Когда и где впервые возникла магия, неизвестна. Возможны, что оно зародилась с первым проблеском сознания, когда человек начал осмыслить своё существование. По причине ограниченности власти над природой, человек оказался во власти надежд и страха перед природой. И этот страх и надежда на выживание, стала основой мистического мышления первобытных людей. Древний человек верил в сверхъестественные силы. Всякое явление, которое происходили, в его жизни был разделен на две группы. Первое это явление, которые приносят добро человеку, а другие приносят зло. Между добром и злом идёт вечная борьба. Древний человек оказался в центре этой борьбы, и он был вынужден, поклонятся добрым явлениям, а зло задабривать или вести борьбу с ним. Силы добра в жизни человека начали отождествлять с различными культами и фетишами, а всё зло с дэвами чудовищами (на ваханском языке бргуш и пери). В Ваханской мифологии бргуш и пери отождествляют силу зла, но они всемогущие и обладают определёнными знаниями. Также они олицетворяют женское и мужское начало силы зла. Главным врагом этих сил был человек-маг.

Именно противопоставление силам бргуша и пери появились различные ритуалы, которые проводили вожди рода и племени. Так появились Маг{Mag} человек, который проводил различные ритуалы, начиная от врачевания и кончая различным колдовством.

Древние люди верили в то, эти две явление непобедимы и они вечно будут бороться между собой. Маг, который проводит различные ритуалы против злых сил после смерти, может сам стать жертвой этих сил. Древние люди верили в то, что обладая черепом мага злые силы, могли навредить другим людям. Возможно, страх перед злыми силами стала главной причинной полного расчленения трупа, и захоронение черепа в отдельности. Череп, как сакральная часть человека, могла стать добычей злых сил. После захоронение черепа над могилой в течение трёх суток горел огонь, так как огонь имел очистительную силу, и злые силы не могли, навредить покойному. Вот отсюда и берёт начало выражение в Вахане «над могилой трое суток горел огонь» и оно относилось к людям, которые обладали определённые оккультные знание. С приходом Зардушта эти явление получили дальнейшие интерпретации, а имена обожествление добрых и злых духов. В частности в Ясна говорится о том, что «во истину есть два первичных духа, близнецы славившиеся своей противоположностью. В мысли, в науке слове и в действии они оба, добрый и злой…»[Ясна, 30, 3-5.]. Во главе добрых духов и сил света и творца все сущего стоял Ахура-Мазда, а главой духов зла стал, Ангро-Майнью, то есть Ариман.

С приходом Зороастризма изменилась не только религия, но и отношение к захоронениям, ритуалы стали более сложными, но вместе с тем они перетерпели существенные изменения. Маги стали во главе религии зороастризма началась борьба с поклонением девам и злым духам. Так как именно вера в могуществе злых сил привело человека в обожествление этих сил. Здесь можно вспомнить антидевовские законы Ксеркса Ахеменидского царя.

Главным в ритуале захоронения стал очищение умирающего до и после смерти. Этим занимались специально обученные люди. В дом умершего вводили собаку с двумя клоками шерсти на лбу (саги чорчашм) для изгнания дьявола и злых сил, которые могли бы навредить умершему человеку. Люди верили в то, что собаки с такими признаками способны уничтожать нечистые силы. В течение трёх дней в доме покойника горел огонь, в доме не разрешалось готовить пищу. Считалось, что на третий день душа покойного полностью отделяется от земной сферы, и оно станет недосягаемой для нечистых сил.[3.]

В Вахане среди людей, которые занимают экзорцизмом (муллоги) есть такие рекомендации, всегда при себе держать собаку (саги чорчашм) так как собака может видеть злые силы. А эти силы при виде

собаки теряют свои силы и не могут причинять зло. Во время похорон экзорциста собаку водили впереди процессии для защиты от нечистых сил. А над могилой поддерживали огонь в течение трёх суток. Данная традиция не сохранилась сейчас, однако в начале XX века в кишлаке Рын Ишкашимского района этнографу М.С.Андрееву удалось сфотографировать процесс похорон, впереди который шёл человек с собакой на поводке.[1.] Исходя, из этого можно констатировать, что человека, которого похоронили, в кишлаке Рын был связан с экзорцизмом (мулло).

Таким образом, исходя, из выше изложенного можно прийти, к выводу, что на Памире и в частности в Вахане культ черепа, как таковой не было, ни в виде культа предков, никак фарн и фетиш. Оно было связанно с зарождением магии, а в дальнейшем претерпели значительное изменение с приходом зороастризма.

С приходом зороастризма, изменилась отношение к захоронение усопших, но отношения и поверий в «злых силах» таки остались и оно сохранилась до наших дней в похоронно-поминальных обрядов. Более подробно об этом можно найти в книге Н.С. Бабаева: Древние верование горных таджиков южного Таджикистана в похоронно- поминальной обрядности . Душанбе 1993г.

ЛИТЕРАТУРА

1. Андреев М.С. Материалы по этнографии Иранских племён Средней Азии. Ишкашим и Вахан./М.С. Андреев. Санкт Петербург. 1911г. – 40 с.
2. Бабаев А.Д. Древние земледельцы « Крыши Мира»./А.Д.Бабаев.- Ходжент. 2000 г – 340 с.
3. Культ предков- Величайшая загадки и тайны магии .https://www.e-reading.club/chapter.php/1023287/33/Smirnova_-_Velichayshie_zagadki_i_tayny_magii.html
4. Литвинский Б.А. Седов А.В. Тепаи-Шах культура и связи кушанскойБактрии./Б.А.Литвинский. А.В Седов. Москва 1983г. 244 с.
5. Мандельштам А.М. Памятники эпохи бронзы в Южном Таджикистане. /А.М.Манделштам. Труды Таджикской археологической экспедиции. 1968г. Т.6.№145. 341 с.
6. Неподкосов С.Н. Символ «Мёртвая голова». https://litlife.club/br/?b=235383&p=1
7. Штутина.Ю. Что нам при жизни голова. https://nplus1.ru/material/2017/07/03/GbekliTepecrania-
8. Файзулина А.А. Культ черепа в погребальной практике ямной культуры, Вольго-уральского междуречья./А.А.Фаизулина. Изв.Самарского научного центра Рос.ак. наук. Т.16.№3(2).2014г.630 с.

КУЛЬТ ЧЕРЕПА В ДРЕВНЕМ ПАМИРЕ

В статье даётся анализ одной из загадочных явлений в археологии Памира, захоронение черепа в отдельности от тела. Автор при рассмотрении данной традиции приводит материалы из истории других народов. А также опровергает связь захоронения черепа с буддизмом. Данную традицию автор связывает с магией и зороастризмом.

Ключевые слова: *Череп. Культ огня. Погребальные практики. Заратустра . Фрешагирда. Вахан.*

THE CULT OF THE SKULL IN ANCIENT PAMIR

The article gives an analysis of one of the mysterious phenomena in the archaeology of the Pamirs, the burial of the skull separately from the body. The author, while considering this tradition, cites materials from the history of other peoples. The authors also refutes the connection of burial of the skull with Buddhism and associates this tradition with magic and Zoroastrianism.

Keywords: *skull, the cult of fire, funeral practices, Zarathustra, freshagirda, wakhan.*

Сведения об авторе:

Гулмирзоев Душанбе Курбоналиевич *- учитель истории и права общеобразовательного учреждения № 63 района Рудаки, Электронная почта :gulmirzoewdk@ ya.ru; тел..+(992) 501517465.*

Рахимов Фаррух Рахматуллоевич - *Магистрант 1-Года Исторического направления факультета ИМО РТСУ,*

About the authors;

Gulmirzoyew Dushanbe Kurbonalievich *- teacher of history and law of general educational institution № 63 of Rudaki district. e-mail: gulmirzoevdk@ ya.ru; tel + (992)501517465.*

Rakhimov Farrukh Rakhmatulloyevich *– 1st year of Master Student in the Historical direction of faculty IMO RTSU*

УДК: 323 (575.3)

МУШКИЛОТИ ТАҲКИМИ ИСТИҚЛОЛИЯТИ ДАВЛАТӢ ВА ОМИЛҲОИ БАРТАРАФ КАРДАНИ ОНҲО

Давлатова Ҳ.Р.

Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон

Аз таърихи инсоният мо медонем, ки дар марҳалаҳои гуногуни зиндагӣ бинобар сабабҳо ва омилҳои айёнӣ ва зеҳнӣ унсурҳои таъминкунандаи сулҳ ва истиқлолият халалдор шуда, боиси парокандагӣ ва ҳатто нобудшавии қавмҳо, миллатҳо ва давлатҳо шудаанд. Чунин як воқеаи нангин ва даҳшатовар солҳои 90-уми қарни гузашта аз сари кишвар ва миллати мо низ гузаштааст. Воқеаҳои фоҷиабори аввали солҳои 90-уми ҷумҳурӣ ҳамчун саҳифаи сиёҳ ба таърихи халқи тоҷик дохил гардиданд. Ин воқеаҳо дар матбуоти даврӣ, китобу мақолаҳо бо чунин номҳо «ҷанги бародаркуш», «ҷанги минтақавӣ» ва ғайра баён ёфтаанд. Ҷанги шаҳрвандӣ аз моҳи майи соли 1992 то июни соли 1997 фазои Тоҷикистонро ғубололуда намуда буд. Оқибати харобиҳои ин ҷангро то имрӯз омма дарк менамояду ҳукумати кишвар аз паи рафъи ин мушкилиҳост. Сабабҳо ва омилҳои ин ҷанг чӣ дар матбуоти давлатӣ, чӣ дар китобҳои соҳавӣ ва чӣ дар гуфтаҳои мардум гуногун шарҳ дода шудааст. Аммо, чун табиати инсонӣ, ки ба хатои худ иқрор намешавад ҳамеша гунаҳгорро мекобаду мушкилиро ба сари дигарон бор мекунанд. Ин албатта осонтар аз он аст, ки каме андеша намуда камбудӣ ё гуноҳро дар худ ҷӯст. Чуноне ки Назари Олимпур мегӯяд: «Дафъае аз дасти ҷаҳолати худу фиреби дигарон гиребони ҳам гирифтему даҳсолаҳо аз дигарон ақиб мондем ва ҳамеша эҳсосаш мекунем».[5, саҳ.5]. Бале, замоне мо аз беаҳамиятии худ ё дигар сабабҳои аёну ноайён натавонистем пойдории сулҳе, ки доштем таъмин намоем. Муддате гиребони ҳамдигар гирифта ба хотири манфиатҳои шахсиямон якдигарамонро қурбони теғи бегонагон намудем. Миллате, ки дар гузашта бо раҳмдилию шафқат ва дӯстӣю фарҳанги волояш таърихи қадима дошт муддате гирифтори даҳшат гардид. «Ҷанги бародаркуш ва ё шаҳрвандӣ хоси миллати ноаҳлу ноитифоқ ва бефарҳангу бетамаддун аст. Аз ин нуқтаи назар, ҷангӣ байни тоҷикон, миллате дорои фарҳанги кӯҳансолу ғанӣ, ки басе шоҳкориҳои илмиву бадеӣ дар доман дорад ва нобиғаҳояш дар рушди тамаддуни умумибашарӣ саҳми босазое гузоштаанд, ҳайратомез аст ва ақлро бечора месозад», гуфтааст Воҳид Ғафор. [2,саҳ.6]. Мутаассифона ин ҳама нобасомонӣ замоне фазои ин кишвари офтобӣ ва ин миллати моил ба дӯстӣ ва сулҳро фаро гирифта буд. Пас ин ҷо суоле ба миён меояд, ки чаро чунин шуд? Сабаби ин ҳама низову бесарусомониҳо киҳо ва чиҳо буданд? Аз ин ҳодисаҳои даҳшатбор, киҳо фоида мегирифтанду онро хомӯш кардан намегузоштанд? Оё омма ба ин бесарусомонӣ тан дода ҳамчун ҳодисаи муқарарӣ онро қабул намуд ё бар зидди ислоҳи мушкилиҳо муборизе бурд? Чӣ гуна сулҳ ва ваҳдат барпо шуд ва дастандаркорони он киҳо буданд? Ин ва дигар масъалаҳо дар мақола баррасӣ гардида пешкаши омма мегардад.

Дар дунёи пуртазоди муосир танҳо миллате соҳиби ному иззат шуда метавонад, ки истиқлоли воқеӣ ва давлати озоду мустақили хешро дошта бошад. Таърихи куҳандиёри тоҷикон саршор аз воқеаҳои бузурги сиёсӣ ва иҷтимоиест, ки дар тамаддуни халқи мо нақши тақдирсоз

бозидаанд. Воқеаи сиёсии нисбатан муҳимтарине, ки дар даврони навини таърихи тоҷикон ба вуқуъ пайваст, дастёби ба Истиқлолияти давлатӣ мебошад, ки 9 –уми сентябри соли 1991 ба даст омад. Мутаассифона, равандҳои давлатсозӣ, бунёдкорӣ ва ҷаҳонишавии Тоҷикистони тозаистиқлол дере нагузашта бо сабабҳои паст будани сатҳи зиндагии мардум, омода набудани рохбарони сиёсӣ, дахолати ғаразноки қувваҳои беруна, маҳалгарой ва экстремизми динӣ ва амсоли ин ба бухрони сиёсиву иқтисодӣ дучор гардид. Ин омилҳо боиси сар задании ҷанги шаҳрвандӣ гардид, ки баҳор ва тирамоҳи соли 1992 давраи авҷи он маҳсуб меёфт.

Ҷанги ба вуқӯъомада сабабҳои объективӣ ва субъективии худро дошт. Аввалан, дар рафти бозсозӣ чӣ дар миқёси Иттиҳоди Шӯравӣ ва чӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мушкилиҳои иқтисодӣ ба амал омаданд. Аз кор мондани баъзе корхонаҳо, ба фурӯш нарафтани маҳсулот, сари вақт нагирифтани моҳона, зиёд шудани миқдори бекорон торафт норозигиро бештар мекард. Сониян дар ибтидои солҳои 90-ум норозигии иҷтимоӣ шиддат гирифта, мардуми баъзе ноҳияҳо аз хӯрок, либос, пойафзол мӯҳтоҷӣ мекашиданд. Танқисӣ кашидани мардум аз хӯрока барои ҳамаи омма рӯшан буд, зеро тариқи оинаи нилгун ашхосе, ки дар баъзе минтақаҳои кишвар аз сабаби надоштани маводи ғизои тухми ҷорӯбро орд намуда нон пухта хӯрда буданд, ки дар натиҷа ба бемориҳои марговар гирифтор гардиданд. «Охир ин балоро ноаён мо сари худ эҷод кардем, хонаи ободро сӯхтем, гулгулкафанони зиёдеро ба хок супурдем……».[8,Саҳ.3]. Дар воқеъ ба дасти худ мо ин ҳама бесомониҳоро ба сари давлату миллати хеш овардем. Хонаҳои ободи якдигарро сӯзонда якдигарро ба қатл расонидем.

Сабаби дигаре, ки бавуҷудоварандаи ҷанги шаҳрвандӣ ё ҷанги бародаркуш гардид ин раванди демократикунонии ҳаёти ҷамъиятӣ, ки дар охири солхои 80-уми асри ХХ дар Иттиҳоди Шӯравӣ сар шуд, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ буд ва ба пайдошавии ҳизбу ҳаракатҳои исломию демократии Тоҷикистон –Ҳизби наҳзати исломии Тоҷикистон, Ҳизби демократии Тоҷикистон, Ҷамъияти мардумии «Растохез», Ҷамъияти «Лаъли Бадахшон» ва дигар ҷамъиятҳои маҳаллӣ овард. Зиддияти ҳизбу ҳаракатҳои исломию демократи муқобили ҳизбу ҳаракатҳои дигар ба хотири ба даст овардани ҳокимият оқибат ба ҷанги шаҳрвандӣ мубаддал гашт. Дар робита ба ин А.Ҷалилов, профессор аз чунин мушкилиҳое, ки дар давраи давлатдории Сомониён арзи вуҷуд доштанду боиси барҳам хурдани ин давлати бузург гардидааст, чунин мегӯяд: «Мо бояд аз таърихи давлатдории аҷдодии худ дарси ибрат гирем. Давлати абарқудрати Сомониён маҳз дар натиҷаи кашмакашиҳои дохилӣ, муборизаи байни гурӯҳҳо барои ҳокимият аз байн рафт. Ҳоло барои давлати навбунёди мо ваҳдат ва якдигарфаҳмӣ лозим аст. Аз дигар тараф, мо бояд анъанаҳои хубу ҳазорсолаи гузаштагони хешро омӯзем ва онҳоро барои пуриқтидор намудани давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон истифода барем» [7,саҳ.7]. Бояд барои оммаи имрӯз хатое, ки гузаштагони мо дар таърихи давлатдории Сомониён ва солҳои 90-уми асри ХХ намуданд намунаи ибрат бошад. Зеро давлате, ки вазъияти дохилиаш ором набошаду гурӯҳҳои дохилӣ ба хотири ҳокимият муборизо баранд дер намепояд. Дар умум сабабҳо ва омилҳои сар задани ҷанги шаҳрвандӣ ё худ ҷанги бародаркуш дар Тоҷикистон хело зиёданд, ки мо якчандтои онро ёдовар шудем.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади хотима додани ин фоҷиаҳо, ҳукумати эътилофӣ 14 майи соли 1992 ташкил ёфт. Вале ин ҳукумат аз ӯҳдаи хомӯш кардани воқеаҳои сиёсӣ баромада натавонист ва моҳи июли соли 1992 амалиёти ҷангӣ дар вилояти Қурғонтеппа сар шуд. Ҳамин тавр, оташи ҷанги дохилӣ, ё худ шаҳрвандӣ аланга зад. Ҳазорон шаҳрвандони ҷумҳурӣ ҷойи зисти худро тарк карда ба давлатҳои Афғонистон, Ӯзбекистон, Туркманистон, Русия ва дигар кишварҳои хориҷ фирор карданд. Ҷанг ба ҷомеа ҳам аз ҷиҳати маънавӣ ва ҳам аз ҷиҳати моддӣ зарар расонда, одамони зиёде ба ҳалокат расиданд. Доир ба зарари ба ҷумҳурӣ расонидаи ин ҷанг Эмомалӣ Раҳмон чунин гуфтааст: «Бешубҳа, оқибатҳои иқтисодиву иҷтимоии онро бо забони омор ҳисоб кардан мумкин аст: ҳазорон шаҳрвандон, ки ҷони худро аз даст доданд ва бо ҳар рӯзи идомаи даргириҳо дар ноҳияҳои сарҳадӣ ин шумораи хунолуд рӯ ба афзоиш аст. Ҳазорҳо ҳамватанони мо аз хонаву манзили обод бенасиб гардида, ҷоми талхи ғарибӣ нӯшиданд. Ҳарчанд, ки аксари кулли онҳо бо талошу кӯшишҳои Ҳукумат ба Ватан баргардонида, бо хонаву ҷой таъмин шудаанд, вале талхии заҳри ғарибӣ дергоҳ аз коми онҳо нахоҳад рафт» [1,саҳ.23-24].

Мухолифин ТВ ҷумҳуриро ғасб намуда ба воситаи он ташвиқоти зидди ҳукуматиашонро сар карданд. Дастаҳои мухолифин бинои аэропорт ва вокзалро низ зери назорат гирифтанд, ки дар натиҷа дигар рафтуо миёни ҳамсоякишвархо қатъ гардид. Профессор Карим Абдулов дар ин хусус чунин мегӯяд: «Тоҷик ифтихор дошт, ки ҳаргиз ба сари халқе лашкар накашидаасту дасте наёзидааст ва дар тӯли таърих ҳама ифтихораш қоғазу қалам будааст, акнун бародари худро қатл кард, зинда дар оташ афканд, ҳикмати бузургони худро фаромӯш намуд». [8,сах.3]. Дар воқеъ замоне мо ҳикмати бузургони худро аз ёд бурда бар зидди якдигар шамшер кашидем. Фаромӯшамон гардида буд, ки мо ҳама аз як нажодему гузаштагони мо ба хотири зиндагии ороми якдигар муборизаи дастаҷамъона мебурданд, на ба муқобили якдигар.

Ҷанги шаҳрвандӣ (1992 -1997) боиси харобии иқтисод ва баста шудани корхонаву муассисаҳои давлатӣ гардид. Корхонаҳои саноатии истеҳсолӣ ва дигар ширкатҳои хурду миёнаи хизматрасонӣ асосан 10-15% қувваи кории ҷумҳуриро бо кор таъмин мекарданду халос. Бинобар ин, шумораи мардуми қобили кор ба сафи муҳоҷирони меҳнатӣ рӯз то рӯз меафзуд. Тавре Эмомалӣ Раҳмон мегӯяд: «Вале он бори гаронеро, ки ин фоҷиа ба сари мардуму кишвари мо овард, бо ҳеҷ ченаке андоза кардан имкон надорад»[1,сах.23].

Ин ҳолатҳо зарурати даъвати иҷлосияи 16-уми Шӯрои Олиро ба миён овард. Азбаски шаҳри Душанбе макони даргириҳои сиёсӣ гардида буду моҳияти сиёсии худро ҳамчун пойтахти кишвар ва хонаи умеди тамоми мардуми Тоҷикистон аз даст дода буд, макони баргузории он Қасри Арбоби колхози ба номи Урунхӯҷаеви ноҳияи Хуҷанд, муқаррар гардид. Ҳамин тавр, Иҷлосияи 16-уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати дувоздаҳум рӯзи 16 ноябри соли 1992 дар Қасри Арбоби колхози ба номи Урунхӯҷаеви ноҳияи Хуҷанд, ки минтақаи нисбатан ороми кишвар буд, баргузор гардид ва то 2-юми декабри ҳамон сол ҷараён гирифт. Дар кори он аз 230 депутат 197 нафар иштирок намуданд. Ҳамчунинрохбарони обшинаҳои миллии сокини Тоҷикистон, намояндагони Русия, Қазоқистон, Қирғизистон, Ӯзбекистон ва қумондонҳои гурӯҳҳои даргир иштирок намуданд. Ин Иҷлосия ҳидоятгари таърих, раҳнамои сулҳу ваҳдати миллӣ ва поягузори бунёди ҷомеаи демократӣ дар кишвари мо гардид. Дар он 23 масъалаи ҳаётан муҳими сиёсӣ ва иҷтимоӣ мавриди баррасӣ қарор гирифт, ки миёни онҳо қазияи ба эътидол овардани вазъи сиёсии ҷумҳурӣ аз ҳама асосӣ маҳсуб меёфт. Ҳалли ин масъала, пеш аз ҳама, интихоби роҳбари нави сиёсиро талаб мекард. Аммо интихоби чунин роҳбар ба осонӣ даст надод, зеро аксари намояндагони халқ, кори ин ҷаласаро нишастанҳои навбатӣ пиндошта, худро бетараф гирифта, интизори ғалабаи тарафе буданд. Барои бархи дигар на эътидоли вазъият, балки ҳифзи манфиатҳои шахсиву гурӯҳӣ авлотар буд. Ҳамин тавр, баъди муҳокимаҳои бардавом 19 ноябри соли 1992 ба мақоми олии роҳбарии давлат - Раиси Шӯрои Олӣ раиси вилояти Кӯлоб, вакили халқӣ Эмомалӣ Раҳмонов интихоб гардид. Ба тарафдории ӯ аз 197 депутат 186 нафар овоз доданд.

Раиси тозаинтихоби Шӯрои Олӣ кори худро бо баёни изҳороти мушаххаси воқеъбинонаву дурандешона, ки мақсад ва қавлу қасами ӯро ифода мекард, шурӯъ намуд. Аз ҷумла, таъкид намуд: «Ман ба шумо сулҳ меоварам……», ин нахустин сухане буд, ки Ӯ ба ҳайси Раиси Шӯрои Олӣ гуфта буд, ки имрӯз мо ичроиши онро бо чашми сар мебинему бо чашми дил эҳсосаш мекунем. Ин суханони ҷонбахш ва рӯҳафзои Эмомалӣ Раҳмонов ба дили мардум, ки ба фардои кишвару давлат ва зиндагии оромона ноумед гашта буданд, аз нав шуълаи умед пошид.

Воқеан, ҷараёни зиндагии баъдӣ нишон дод, ки ин суханони Раиси тозаинтихоби Шӯрои Олӣ ба хотири шукӯҳи лаҳзаинаи минбар набуда, балки баёнгари марди матин, қавиирода, якруву якмаром будани гӯяндаи он аст, ки дар суханаш устувор монд, аз мушкилот наҳаросид, ҷони худро ба гарав монд ва ба мақсад расид. Дарвоқеъ, Эмомалӣ Раҳмонов фаъолияти худро аз ҷустуҷӯву дарёфти роҳҳои пешгирии хунрезиҳои беасоси бародаркӯшӣ, баргардонидани гурезаҳо, таъмини ҳаёти осоишта дар кишвар оғоз намуд. Сулҳу ризоияти иҷтимоиву миллӣ ба осонӣ ноил нагардид, монеаҳои зиёде, ки аз ҷониби қуввaҳои худиву бегона эҷод мешуданд, раванди онро мураккабу пурпечутоб ва душвор мегардонид. Аммо ба ин ҳама нигоҳ накарда Ӯ кушиш намуд то ба сухани хеш устувор бимонад. Профессор, И.Усмонов доир ба сулҳхоҳӣ ва сулҳдӯстии Пешвои миллат бисёр як сухани хуб ва баҷое аз саргузашти гуфтушунидҳо дар рафти ба даст овардани Ваҳдати миллӣ, ки дар онҳо ҳузур дошааст мегӯяд: «Воқеан, рӯи масъалаи миллат ва сарнавишти он меандешид, вагарна ҳеҷ зарурате набуд, ки ба кишвари Афғонистон,

ки ҷангзада шудааст,-барои калонсолонаш ҷанг шуғл ва барои кӯдаконаш бозӣ ва барои наврасонаш мактаб шудааст, таваккал кард. Аммо чӣ илоҷ? Ӯ сулҳ мехоҳад, сулҳ меҷӯяд ва имрӯз маҳз аз он ҷо ба мамлакаташ бӯи сулҳ, бӯи оштӣ меояд. Бояд рафт».[3,сах.25]. Маҳз дар натиҷаи талошҳои роҳбари давлат, музокираву муколамаҳои зиёди тарафҳо, хурӯши нангу номуси ватандорӣ, ҳисси баланди меҳанпарастӣ ва анҷоми музокираҳо дар марҳилаҳои гуногун сулҳи тоҷикон аз худ дарак дод. Ҳамин тавр, 27 июни соли 1997 музокироти ниҳоӣ ба ин раванд нуқта гузошт, ки баъдтар «Рӯзи ваҳдати миллӣ»-ро ба худ касб кард.

Пас аз анҷоми Иҷлосия ба иборае оши оштӣ дода шуд ва тарафҳо ба ифоқа омаданд, ки якҷо баҳри барқарории сулҳу ваҳдат иқдом хоҳанд кард. Аммо рафти ҳаёт нишон дод, ки ҳоло ҳам нафарони бадхоҳ зиёданд ва намехоҳанд оромӣ дар кишвар ҳукмрон гардад. Ин ҳолат кори ҳукумати навтаъсисро душвор мекард, иҷрои қарор ва дастуроти дар Иҷлосия қабулгардида ғайриимкон мегардид. Бо вучуди ин, аз рӯзи аввали интихоб ба мақоми олӣ сарвари давлат Э. Раҳмон ҳалли масъалаҳои ҳаётан муҳим: гирифтани пеши роҳи чанги шаҳрвандӣ, ба эътидол овардани вазъият, таъмини фазои боэътимоду ҳамзистӣ дар ҷомеа, баргардонидани гурезаҳои иҷборӣ, азнавсозии низоми давлатдорӣ ва амсоли инро маромии асосии ҳукумати нав эълон намуд.

Қарорҳои дар ин Иҷлосияи сарнавиштсоз қабулгардида дар мафкураи ҳар як сокини Тоҷикистон нақши муҳим гузошта, мардуми кишварро ба корҳои созандагӣ ҳидоят намудаанд, умеди мардумро ба зиндагии осоишта қавӣ ва эътимодашонро ба бунёди ҷомеаи демократӣ фузун гардониданд.

Иҷлосияи 16-уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун падидаи тақдирсоз, на танҳо дар дили сокинони кишвар ба зиндагии оромонаву осоишта нур бахшид, балки самтҳои асосии фаъолияти ҷамъият, ниҳодҳои иҷтимоӣ, ҳукумат ва давлатро муайян намуд. Маҳз бо шарофати Иҷлосия дар як муҳлати кутоҳ дар кишвар ҳукумати конституцсионӣ барқарор гардид ва фаъолияти ниҳодҳои пурра фалаҷшудаи давлатӣ аз нав ба фаъолият шурӯъ намуданд. Дар ин муддат Тоҷикистони соҳибистиқлол дорои Ҳукумати фаъол, Артиши миллӣ, ҳокимияти судӣ, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, рамзҳои давлатӣ - Нишону Парчам ва дигар рукнҳо гардид.

Хуллас, зери роҳбарии ин марди худодод ва мардуми бофарҳанг ва сулҳҳои тоҷик тавонист вазифаи мукаддаси худро дар азнав барқарор намудани ҳаёти хоҷагӣ ва фарҳангӣ пеш аз муҳлат иҷро намояд. Гарчанде ҷанг ба маънавиёт ва ҳаёти иқтисодию-иҷтимоӣ зарари калон расонда бошад, ҳам шаҳрвандони ҷумҳурӣ мушкили ва камбудиҳои солҳои ҷангро паси сар карда, бо рӯҳияи баланди ҳамдигарфаҳмӣ, дустӣ зиндагонӣ намуда, садоқатмандона барои барпо кардани ҷомеаи соҳибистиқлол меҳнат мекарданд.

Боиси қайд аст, ки ин миллати фарҳангдӯст даст ба дасти ҳамдигар монда бо кумаки дӯстон тавонистанд сояи ин ҷангу хунрезиҳоро аз ҳудуди кишварашон дур созанд. Табиати сулҳҷӯёна ва характери миллии тоҷикон, ки ҳамеша ба гузашт ва созиш моил аст, ба ин воқеаи даҳшатвор дар мудати кутоҳ хотима бахшид. Вале боварии касе ба ин намеомад, ки замоне фаро мерасаду ин кишвар боз ба сулҳ боз ба истиқлолият мушараф мегардад. «Дар он замон бовар кардан муҳол буд, ки касе метавонад дар ин хонадони бузург, ки бародар бо бародар ва писар бар падар ангехтааст ва қисмате аз бедодӣ ҷилои ватан кардаву қисмате дигар рӯи хокистари хонаҳои як замон ободи худ дар ниҳояти фақириву бенавои басар мебарад назму тартибе дароварад. Касеро бовараш намеомад, ки шахсе метавонад оташи шадидтарин эҳсос-эҳсоси интиқоми хуниро, ки аз хусусияти ғаризии башар аст, фуру нишонад», иброз доштааст, Воҳид Ғаффорӣ [2,сах.6]. Вале ин миллати кӯҳантамадун ва дорои хислатҳои наҷиби инсонӣ тавонист оташи ҷангро хомӯш созад. Бо ба сари ҳокимият омадани фарзонафарзанди миллат Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо гурӯҳҳои мухолифин гуфтушунид сурат гирифту ин ҳама имконпазир гардид. Ӯ тавонист гурӯҳҳои мухолифинро сари мизи гуфтушунид ҷамъ намуда нофаҳмиҳоро дар натиҷаи суҳбатҳои тарафайн ҳаллу фасл намудаву вазъияти минтақаро ором созад. Таърихи инсоният ёд надорад, ки гурӯҳи мухолиф сари мизи музокирот нишаста бошад вале ин кишвар ва фарзонафарзандони сулҳдӯсташ тавонистанд, ки бо гурӯҳи мухолиф созиш намоянд.

Ба гуфтаи олимону мутафаккирон ва сиёсатмадорони дунё таърих ёд надорад, ки гурӯҳи мухолиф сари мизи музокирот нишаста бошад. Инчунин, нофаҳмӣ ва ноамнии дохилиро

тавонанд бе кумаки касе ҳал намоянд, аммо миллати тоҷик тавонист. Чихеле, ки Кофи Аннан-Дабири кулли СММ, гуфтааст. «Таджикистан переподнёс уникальный пример многим другим странам, как разрешить внутрение конфликты. Думаю, что это явилось вкладом Таджикистана в историю миротворчества» [5,саҳ.79]. Бале, Тоҷикистон бо ба ором сохтани вазъияти минтақавӣ ва барқарории сулҳаш барои бисёре аз кишварҳои вазъияти дохилиаашон ноором намуна аст, буд ва мемонад. Чизи дигар ин аст, ки имрӯз Тоҷикистон бо дастовардҳои хеш дар тамоми соҳаҳои кишвар намуна барои давлатҳои пешрафта гардидааст.

Мо дар тӯли солҳои соҳибистиқлолӣ бо вуҷуди мушкилоту монеаҳои сахту сангини зиёд дар симои Давлат ва ҳукумат Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таҳкурсии давлати соҳибихтиёрамонро гузоштем ва дар соҳаҳои сиёсиву иқтисодӣ, иҷтимоиву фарҳангӣ ва муҳимтар аз ҳама, дар самти баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии мардуми кишварамон ба дастовардҳои назаррас ноил гардидем. Комилан ин гуфтаҳо ҳақиқат дорад, зеро имрӯз дастовардҳо ва пешравиҳои Истиқлолият ва Ваҳдати миллӣ дар ҷумҳурии мо назаррас мебошанд. Ин ҳама натиҷаи сулҳе аст, ки мо имрӯз онро дорему ба хотири побарҷо монданаш муборизa мебарем. Сулҳ аслан дастоварди дилхоҳ кишвар бо ба ғолиб омадан дар ҷанг, чӣ ҷанги минтақавӣ ва чӣ ҳудудӣ мебошад.

Халқи шарифу қаҳрамони тоҷик аз нахустин рӯзҳои ба даст овардани сулҳу созиш онро гиромӣ медоранд. Дар солҳои созишу сулҳ ва соҳибистиқлолӣ мардуми кишвар дар раванди барқарорсозӣ ва ташаккули пояҳои давлату давлатдории навин, таъмини амнияту оромии ҷомеа, суботи сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоии кишвар саъю талоши бесобиқа анҷом дода, ба хотири ободии Ватан раванди созандагӣ, яъне бунёди неругоҳу нақбҳо, корхонаву муассисаҳо ва роҳҳои мошингарди ҷавобгӯ ба меъёрҳои байналмилалиро пеш гирифтанд. Дар натиҷа, имрӯз бисёр мушкилоти мо ҳаллу фасл гардида, мардуми заҳматқаринамон барои ҳалли вазифаҳои боз ҳам бузурги ободгарона камари ҳиммат бастааст. «Мардуми мо ки бо бурдбори, бо рӯҳи матин ва ҳусни ният дар печидатарин ва буғранҷтарин рӯзҳо ба ояндаи нек бовар доштанд. Имрӯзҳо бештар аз ҳарвақта ба фардои дурахшони Ватани азизамон бовар доранд» [2,саҳ.22], ин матолиби Воҳид Ғаффорӣ аст, ки дар воқеъ дуруст аст.

Воқеъан ҳам неъмате беҳтар аз сулҳу соҳибистиқлолӣ нест ва буда наметавонад. Имрӯзҳо дастовардҳои ин неъмати бебаҳо дар кишвари офтобии мо бараъло эҳсос мешавад. Соли 2012 дар Душанбе бузургтарин дар Осиёи Маркази Китобхонаи миллии Тоҷикистон бунёд ва ба истифода дода шудааст. Теъдоди хазинаи Китобхонаи миллии Тоҷикистон зиёда аз 6 миллион нусха китобро ташкил медиҳад, ки дар он ганҷинаҳои зиёди бебаҳо маҳфуз асту аз тамоми мамолики дунё барои мутолеъаи ин ганҷинаҳо ба кишвари мо ташриф меоранд. 20 марти соли 2013 дар Душанбе расми кушодашавии бинои нави Осорхонаи миллии Тоҷикистон баргузор гардид. Ифтитохи осорхонаи миллӣ аз ҷумлаи рӯйдодҳои таърихӣ ва дастовардхои муҳими фарҳангии даврони Истиқлолияти Тоҷикистон мебошад. Сохта ба истифода додани муассисаҳои таълимӣ, беморхонаҳои замонавӣ, роҳҳу пулҳо ва неругоҳҳои обӣ ва дигар пешравиҳои илмию техникӣ низ дар тӯли солҳои соҳибистиқлолӣ ба назар мерасид. Яке аз дастоварди охарини он ин Неругоҳи барқи обии Роғун мебошад, ки дар ҳоли сохтан ва ба истифода додан аст. «Роғун ин давои бисёре аз дардҳои минтақа аст. Барои мисол, барқи арзон барои коҳиши мизони камбизоатӣ дар минтақа ва барқи аз лиҳози экологӣ тоза тавлидшуда метавонад мавқеи неругоҳҳи ҳароратӣ дар минтақаро камранг карда, фазоро олуда накунад», гуфтааст Сайфулло Сафаров [4,саҳ.52]. Тоҷикистон дорои захираҳои ғании гидроэнергетикӣ мебошад. Аз рӯйи ҳаҷми умумии захираҳои гидроэнергетикӣ Тоҷикистон дар ҷаҳон ҷойи ҳаштумро ишғол мекунад. Имрӯз дар Тоҷикистон сохтмони НБО Роғун – бо маром давом дорад, ки он умеду орзу ва ояндаи дурахшони Тоҷиткистон аст. Ба истифода супоридани неругоҳи барқӣ оби Роғун норасоии неруи барқро дар Тоҷикистон бартараф хоҳанд кард.

«Ин давлати миллӣ аст, ки ҳазорсолаҳо миллати ташаккулёбандаи мо онро дар рӯйи дастонаш чун фарзанди азиз аз боду борону барфу тӯфони таърих ҳифз намуда, оқибат ба рӯйи по монда ва ҳоло мо хушбахтарин насле ҳастем, ки лазати ин неъмати бебаҳоро мечашем», мегӯяд С.Сафаров [4,саҳ.13]. Пас мо ҷавонон ва аҳли оммаи имрӯзаро мебояд онро ҳифз намуда, ба ояндагон орӣ аз нуқсонҳои замон боқӣ гузорем. То ояндагон дар фазои ободу озодии он зиндагӣ намуда, ба мо сипос гӯянд чуноне, ки мо имрӯз ба гузаштагонамон мегӯем. Аслан сулҳ ва соҳибистиқлолӣ гаронбаҳотарин арзиш дар рӯйи дунёст, ки насиби на ҳар миллат мегардад. Он

дар натиҷаи заҳматҳои шабонарӯзӣ ба даст омада бо кӯшишҳои ҳамешагӣ побарҷо мемонад. Мо насли замони муосир инро хуб дарк намуда, бо фаъолияти дастаҷамъонаи хеш дар тамоми соҳаҳо аз паи ободонии кишвари хеш мебошем.

АДАБИЁТ

1.Эмомалӣ Раҳмон. Тоҷикистон: даҳ соли Истиқлолият, Ваҳдати миллӣ ва бунёдкори, ҷилди 2, Душанбе: «Ирфон», 2001,-512 саҳ

2.2.Ғаффорӣ Воҳид. Эмомалӣ Раҳмон: Ман ба шумо сулҳ меоварам!, Душанбе «Аваста»,1998,-80 саҳ.

3.Усмонов И. Лаҳзаҳои сулҳи ботадбир. Душанбе:Ирфон,1999,- 25 саҳ.

4.Сафар Сайфулло С. Ҳифзи манфиатҳои миллӣ ва истиқлолияти давлатӣ дар воситаҳои ахбори омма. Душанбе: «Ирфон», 2017.-284 саҳ.

5.Сухомлинов В., Шалаев Г.Дорога к согласию. Издательский дом "Собеседник" Москва 2002- 159.с.

6.Олимпур Назар. Оё мо ба эҳёи «Бухорои Шариф» ниёз дорем?. «Тоҷикистон», №9 (947)1-уми марти с.2012,.

7.Ҷалилов А., Сабақи рӯзгор-мусоҳиба бо Мирзо Боқӣ. Ҳафтаномаи "Омӯзгор", 20-уми сентябри с. 1996, №5(11188), 7 с

8.Карим Абдулов. Кӯш то халқро ба кор ойӣ. Ҳафтаномаи "Омӯзгор", 4-июни с.1999№11 (11241, С.3-8.

ПРОБЛЕМЫ УКРЕПЛЕНИЯ ГОСУДАРСТВЕННОЙ НЕЗАВИСИМОСТИ И ФАКТОРЫ, ВЛИЯЮШИЕ НА ИХ ПРЕОДОЛЕНИЯ

В статье автор старается написать коротко и ясно о решении труднейших вопросов укрепления независимости государства. Фактически, после некоторые времени приобретения государственной о независимости начались внутренни конфликты и государственная независимость нуждалась в подержку востоновления. Потому что некоторые внутренни группы воевали между сабой для получение власти страна. И это стало причиной начала гражданской войны в Республики Таджикистана. К счастью, силы и мир народа восстановили внутреннее состояние страны и возобновили независимость страны.

Ключавые слова: *государственная независимость, гражданская война, внутренние расстройства, проблемы с восстановлением, расширение возможностей независимости, мир, свобода, единство, патриотизм, устойчивое развитие.*

PROBLEMS OF STRENGTHENING STATE INDEPENDENCE AND FACTORS AFFECTING THEIR OVERCOMING

In the article the author tries to write briefly and clearly about the solution of the most difficult issues of strengthening the independence of the state. In fact, after some time the acquisition of state of independence began internal conflicts and independence needed in support of data recovery tools. Because some of the inner group fought between Saba for getting power the country. And this was the cause of the civil war in the Republic of Tajikistan. Fortunately, the strength and peace of the people restored the internal state of the country and renewed the independence of the country.

Key words: *state independence, civil war, internal disorders, problems with reconstruction, expansion of independence, peace, freedom, unity, patriotism, sustainable development.*

Сведение об авторе:

Давлатова Хангома Рустамовна *- 734025, г. Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки 33, аспирантка Института философии, политологии и права им. А.М. Баховаддинова Академии наук Республика Таджикистан, телефон: (+992) (+992)915034689, e-mail: hangom94@mail.ru*

About the author:

Davlatova Hangoma Rustamovna *- 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue 33, aspirant Institute of Philosophy, Political Science and Law named after A.M Bahovaddinova, Tajik Academy of Sciences, phone: (+992)915034689, e-mail: hangom94@mail.ru*

ХАРАКТЕРИСТИКА ПИЩЕВОЙ ПРОМЫШЛЕННОСТИ В ТРЕТЬЕМ ПЯТИЛЕТНЕМ ПЛАНЕ

Шарипов З.З.
Таджикский государственный педагогический университет им. С.Айни

Особенности пищевой промышленности в 40-50 годы XX века были сопряжены с серьёзными трудностями. Неизученность природных ресурсов, бездорожье, отсутствие кадров-специалистов, скудность бюджета и другие причины осложняли процесс индустриализации. Исходя из исторического прошлого и конкретных условий развития республики, поведение индустриализации имело здесь специфические особенности. Они заключались в следующем: во-первых, из-за затянувшейся войны начало индустриализации произошло здесь позже, чем в других регионах страны. Во-вторых, на первый план было поставлено создание «легкой индустрии», т.е. строительство главным образом легкой и перерабатывающей промышленности, базирующейся на местном сырье. В годы новой пятилетки развития народного хозяйства было построено 20 промышленных предприятий и цехов. Как пишет **Озиранский С.Л.** «К концу пятилетки на государственных предприятиях пищевой промышленности необходимо обеспечить не менее, чем удвоение выработки мяса, значительным увеличением удельного веса наиболее ценных видов мяса как свинина и птичье мясо, утиное куриное и гусиное, выработка которых должна быть увеличена в три раза. Производство колбас, сосисок и копченостей, вместе взятых, должно быть увлечена более, чем в два раза, в том числе выработка копченостей и бекона должно быть увлечено в три раза»[3, с.87].

Наряду с выпуском колбас из говяжьего и свиного мяса, широко развернули новое производство по массовой фабричной выработки готовых котлет сырых бифштексов и стеков ,отбивных котлет в замороженном и охлажденном виде и пельменем.

Надо было вдвое увеличить производство массовых сортов мясных и деликатесных консервов, как в жестяных, так и в стеклянных банках, сосиски, свиные ножки и др. Предусмотреть организацию производство вяленого мяса в стеклянных банках.

Основные виды продукции до 1942 года			
	1932 г.	1937 г.	1942 г.
Мясо тонн.	434,9	800,0	1600,0
В.т.ч свинина	32,6	207,9	645,0
Колбаса	59,2	265,0	500,0
В.т.ч. сосиски		50,7	120,0
Копчености и бэкон	7.9	55,0	170,0
Консервы млн.усл. бан. В.т.ч.по Главмясо. Главконсерву.	154,4	80.0	70,0

В эти годы в целях улучшения обслуживания потребителя, в первую очередь – в крупных городах, следует перейти к выпуску мясо по американскому разрубу, и главным образом, о предварительной расфасовке на комбинатах, в специальной бумаге целлофан, подпергамент, вощеная бумага и другие. В связи со значительными преимуществами охлажденного мяса, по сравнению с мороженым, должно быть увеличена доля выпускаемого на рынок охлажденного мяса, в первую очередь – в крупнейших города страны. Значительно развернули производство замороженной яичной массы \меланж\ ,яичного пищевого порошка к сухого яичного и молочного омлета. [5,л. 29].

Залимов М.Х. отметил: «В третьей пятилетки должно получить значительное развитие производство мясных концентратов мясо в порошке, разного рода концентрированные блюда и производство широкого ассортимента лечебных продуктов из эндокринного и ферментного сырья экстракт из печени, холестерин, инсулин, гематоген и др. [2, с.66].

Широкое применение получили такие упаковочные материалы как целлофан, подпергамент, вощенная бумага гофрированный картон ,в особенности для колбас и использование искусственной оболочки для производство вареных и полукопченых колбас.

Предусмотрели повсеместную организацию в городах продажи горячим виде котлет фабричного производство и сосисок, превратив их в массовое народные блюда.

В эти годы особенное место занимает развитие сырьевое блюдо. В развитии сырьевой базы мясной промышленности главную роль сыграли:

а) развитие специального мясного скотоводства – выращивание скороспелых быков для убоя их в возрасте от полутора до трех лет, после специального откорма, для снабжения населения первоклассной говядиной и овцами кожевенной промышленности высококачественной подошвенной кожи;

б) развитие свиноводства до размеров, обеспечивающих доведение доли свинины в общем балансе мяса не менее 40 -50%;

в) значительный рост поголевьй птицы, в особенности уток, с тем, чтобы повысить удельный вес птичьего, в особенности утиного мяса,- в общем выпуске мяса;

д) широкое развитие нагула и откорма скота перед убоем, как в совхозах, колхозах, так и широкая организация специального откорма скота на кормовых отходов пищевой промышленности, с тем чтобы, как правило, на убой скот шел бы не ниже средней упитанности ;

е) организация на путях подгона и подвоза скота к мясокомбинатам заготовительных и сортировочных баз для приемки, сортировки скота и для обеспечения более равномерной отгрузки скота на мясокомбинаты для убоя;

ж) переход к перевозке скота по железным дорогам в специальных скотоперевозочных вагонах ; развитие перевозки мелкого скота, в особенности свиней и птицы, автотранспортом, а в отдельных районах и водным транспортом; [6, л. 34]

з) одной из серьёзных задач третьей пятилетки является полной ликвидация сезонности убоя свиней, серьезное сокращение сезонности убоя крупного рогатого скота и организация более равномерного поступления овец на комбинаты.

Дододжанов М. писал: «Важнейшей задачей в области технической политики мясной промышленности в третьей пятилетки было техническое вооружение вновь построенных и реконструируемых предприятий всеми новейшими механизмами и устройствами, о тем, чтобы они не уступали по уровню технического развитию лучшим американским мясокомбинатам и механизированным птицебоиням, не говоря уже о европейских предприятиях» [1, с.187].

В этих целях по предприятиям, которые были построены во второй пятилетке и подлежащим стройке в третьей пятилетки необходимо предусмотрели:

а)оснащение мясокомбинатов новейшее техником в области автоматизации производства; автоматические контрольно измерительные и регулирующие приборы, автоматы по производству сосисок, автоматы по обжарке колбас, автоматы по производству котлет, дозировочные автоматы для выпуска продукции стандартных размеров, по упаковке и расфасовке продукции, автоматы для передвижения жиров и шквары сжатым воздухом, применение непрерывно действующих шприцов и другие;

б) механизацию ручных и полумеханическому работ по очистке кишок путем вооружения предприятий новыми машинами американского типа ; механизацию съемки и мездрения шкур, механическую очистку субпродуктов (мясные барабаны) гузлукование шкур, применение гильотины для резки брикетированного мяса, переход на американскую конвейерную систему убоя птицы, восковую общипку, а в отношение туалетных машин по обработке птичьих тушек.

в) оснащение, в первую очередь новых предприятий аппаратурой и инвентарем из нержавеющий отели, в особенности конвейеров обескровливания скота, линии для транспортировки продуктов, конвейерные столы и инвентарь в колбасных цехах, конвейеры по убою птицы на птицыбойних. [6,л. 31].

Г) переход на переработке крови в животные корма по мере удовлетворения потребности страны растительным альбумином.

Д) переход в деле замораживания и хранения мясо к более низким температурам для сохранения высокого качества продукции; широкое внедрение скороморозилок для замораживания мясных брикетов, отбивных котлет и бифштексов, субпродуктов и птичьих тушек;

е) в деле переработки яйца и выработки меланжа внедрение яйце сортировочных и яйцеразбивальных машин, конвейеризацию производство меланжа, сушку яиц распылительным

способом и внедрение двухвальцовых сушилок американского типа; пневматическая подача сушеной массы для упаковки и автоматизация упаковки;

ж) переход в предубойном откорме птицы на металлические подвижные клетки, с механизацией подачи воды, раздачи кормов, очистки от помета;

з) рационализация энергетического хозяйства мясокомбинатов в направлении максимальной экономии топлива и энергии \ введение установок завихривающих вставок в жаровые трубы, экранирование гопак, возврат конденсата, улучшение коэффициента использования электромоторов, электроустановок и т.д.

Главными задачами на старых предприятиях, не подлежащих коренной реконструкции в третьей пятилетке были:

а) проведение полностью комплекса мероприятий санитарно – гигиенического характера \ водопровод, канализация, замощения двора \ ;

б) устройство простейших установок по утилизации отходов и, по возможности мелких холодильных установок;

в) вооружение их несложным механизмами, в частности машинами по очистке кишке, по измельчению мяса колбасных цехах.

Особое место в эти годы получило новое строительство и реконструкция в предприятии мясной промышленности. Установили следующие основные типы строительства новых предприятий в мясной промышленности:

А) мясокомбинаты (крупные – мощностью за две смены 38 тыс. тонн мяса в год, средние – 17 тыс.тонн мяса в год, малые – 8,5тыс.тонн мяса в год) ;

Б) убойные заводы (средние и малые), т. е. скотоперерабатывающие предприятия в районах незначительного местного потребления, но значительного поступления скота. Убойные заводы основную массу мяса должны выпускать в виде нераздельных мясных туш, с последующей отправкой этих туш в потребительские центры для дальнейшей переработки их в мясные полуфабрикаты и колбасные изделии, либо продажи в виде мясо;

В) мясоперерабатывающие заводы ,т.е. предприятия в районах значительного потребление мяса и колбасных изделий, но незначительного потребление мяса и колбасных изделий, но незначительного убоя местного скота; рассчитанные, главным образом на хранение и переработку завозимых мясных туш в колбасные изделия и мясные полуфабрикаты. При мясоперерабатывающих заводах должен быть предусмотрен небольшой забой и переработки только местного скота. [6,л. 32].

Таким образом, в эти годы районные скотобойни, имеющие в виде переработку местного скота, мощностью 500-1000 тонн мяса в год, о небольшом колбасным цехом на 200-500 кг. В смену, с тем, чтобы большинство из них было оборудовано мелкими холодильными машинными или ледосоляными установками.

ЛИТЕРАТУРА

1. Дододжанов М. Особенности мясной промышленной .//Энергетика ва саноат. -2008.- № 12.- 28с.
2. Залимов М.Х. Ресурсы и перспективы развития мясной промышленности.- Душанбе: Ирфон, 1999.- 287 с.
3. Озиранский С.Л. Промышленные комплексы в годы СССР. - М.: Энергия, 1974.-180 с.
4. Шелест В.А.Региональные экономические проблемы СССР. - М.: Наука, 1975.- 276 с.
5. Центральный Государственный архив Республики Таджикистан, далее ЦГА РТ, ф.509, оп.1, д, 1 Л. 29, 1942.
6. Центральный Государственный архив Республики Таджикистан, далее ЦГА РТ, ф.509, оп. 1, д 2. Л. 32,33,34, 1933.

ХАРАКТЕРИСТИКА ПИЩЕВОЙ ПРОМЫШЛЕННОСТИ В ТРЕТЬЕМ ПЯТИЛЕТНЕМ ПЛАНЕ

В данной статье автор исследует вопросы развития пищевой промышленности в третьем пятилетнем плане в послевоенные годы. На основе многочисленного архивного материала автор статьи дает характеристику пищевой промышленности в третьем пятилетнем плане.

Автор статьи показывает, что характеристика пищевая промышленность в третьем пятилетнем плане развернулась в большом объеме и в свиязи были открыты заводы и фабрик по производству мясной продукции.

Вдвое увеличилось производство массовых сортов мясных и деликатесных консервов, как в жестяных, так и в стеклянных банках, сосиски, свинные ножки и др. Предусмотрели организацию по производству вяленого мяса в стеклянных банках.

Ключевые слова: *пищевая промышленность, план, мяса, сорт, организация, третий, пятилетний, производство.*

CHARACTERISTICS OF THE FOOD INDUSTRY IN THE THIRD FIVE-YEAR PLAN

In this article, the author examines the development of the food industry in the third five-year plan in the postwar years. Based on numerous materials, the author of the article shows the characteristics of the food industry in the third five-year plan.

The author of the article shows that the characteristics of the food industry in the third five-year plan were developed in large volumes and, therefore,

factories and factories for the production of meat products.

It should be noted, twice increased the production of mass varieties of meat and delicatessen canned food, both in tin cans and in glass jars, sausages, pork legs, etc. Provided for the organization for the production of jerky in glass jars.

Keywords: *food industry, plan, meat, variety, organization, third, five-year, production.*

Сведение об авторе:

Шарипов З.З. *- Аспирант 3 курса Таджикского государственного университета имени Садриддина Айни* тел. (+992) 985045606

About the author:

Sharipov Z.Z. *– the 3rd year post-graduate student of the Tajik State University named after Sadriddin Ayni. Phone:* (+992) 985045606

СИМОИ ИСКАНДАР ДАР ТАЪРИХНИГОРОНИ АСРИМИЁНАГИИ АРАБ

Восиева Р., Курбон В.

Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи С.Улуғзода

Чунонки маълум аст, дар муҳити адаби арабӣ дар асрҳои миёна роман дар бораи Искандар маъруфияти зиёде касб карда, ба таври пароканда, дар шакли порчаҳо хеле паҳн гардид. Лаҳзаҳои ҷудогонаи онро муаррихон ҳангоми таълифи асарҳои таърихи умумӣ, ҷуғрофӣ, тасвири шаҳрҳо ва кишварҳое, ки ному таърихи онҳо бо номи Искандар алоқаманд мебошанд, тарҷума кардаанд. Дар чунин ахбори овардашуда ду равия ба назар мерасад: яке баёни илмии шарҳи ҳоли Искандар, ки ҳатто дар таълифи худи Плутарх ҳам аз фаҳмиш ва миқёси кунунӣ аз таҳқиқи илмӣ хеле дур аст ва дигаре баёни бадеӣ, ки дар лаҳзаҳои хеле кам ба дараҷаи бадеият расидааст. Вале ривоёти ҷудогона, новобаста аз он ки мо онҳоро порчаҳои ин роман меҳисобем ва ё тавсеа ёфтани лаҳзаҳои ҷудогонаи он дар заминаи эҷодиёти халқ, дорои арзиши бадеӣ буда, метавонанд маҷмӯи ҳикояҳоеро ташкил намоянд. Ҳамаи он аз ҷиҳати сохтор бисёртаркиба буда, аз ҷиҳати баромад мухталиф ва аз нигоҳи мукаммалӣ на камтар аз ҳамагуна «зиндагинома»-ҳо дар забони арабиро фарогир мебошанд.

Дар таълифи Абӯҳанифа ад-Диноварӣ Филипп - шоҳи Мақдуния, дар ҷанг бо Дороб, писари Баҳман, мағлуб мешавад. Филипп бояд ҳамасола ба миқдорӣ 100 000 тухми тиллоӣ ба Форс хироҷ месупорид ва духтари худро ба занӣ ба Дороб дод, ки 12 сол дар ин кишвар ҳукмронӣ мекард. Баъд аз марги ӯ писараш Дороб, ҳамсоли Искандар, ба тахт менишинад. Олимон дар масъалаи баромади Искандар ақидаҳои мухталиф доранд, -менависад ад-Диноварӣ. Форсҳо ӯро писари Дороб ибни Баҳман ва аз духтари Филипп медонанд. Гӯё Дороб дарёфтааст, ки аз даҳони занаш - духтари Филипп, бӯи баде меомадааст ва ӯро бо гиёҳи ас-сандар табобат кардаанд. Сипас, сарфи назар аз он ки ӯ ҳомиладор буд, Дороб ӯро ба Юнон ба назди падараш мефиристонад ва дар он ҷо ӯ писареро таваллуд мекунад, ки ӯро мувофиқи номи он гиёҳе, ки бо он вайро табобат карда буданд, Искандар ном мениҳанд. Искандар ҷавони боақл ба воя расид ва бобояш Филипп ӯро вориси худ эълон кард. Вақте ки Искандар ба тахти шоҳӣ нишаст, тасмим гирифт, ки шоҳигарии падараш Дороб ибни Баҳманро аз бародари худ Дороб гирад (4, 298).

Дороб, ки шахси худписанд буд, ба Искандар мактуб навишта, аз ӯ талаби додани хироҷе кард, ки бобояш Филипп ба ӯ медод. Дар ҷавобаш Искандар чунин менависад: мурге, ки тухмҳои тиллоӣ мекард, мурд.

Худи Искандар ҳокими золим буд, то замоне ки ба наздаш файласуф Арастуи ба Худо эътиқоддошта омаду ӯро таъкид кард, ки Худо золимонро ҷазо медиҳад. Аз ин сухани Арасту Искандар ғамгин шуда, Арастуро ба зиндон андохт. Баъдтар аз кардааш пушаймон гардида барояш кас фиристоду ба маслиҳатҳои ӯ гӯш дод. Арасту ба ӯ маслиҳат дод, ки ҳамаи аскарону раияташро ҷамъ намуда, дар ҳузури онҳо бутпарастиро манъ кунад ва ҳамаро ба сӯи Худо даъват кунад, ки султони ягона аст. Искандар ин ҳамаро амалӣ намуд.

Дар ҷанги миёни Дороб ва Искандар шоҳи Эрон аз ҷониби ду нафар раияти худ кушта шуд. Искандар сари Дороби дар дами марг бударо ба рӯи зонуяш монда, эътироф кард, ки вай бародараш аст. Дороб аз Искандар хоҳиш кард, ки духтари ӯ Рушанакро ба занӣ гирад. Искандар ваъда дод, ки ин хоҳиши ӯро ичро мекунад ва дар навбати худ аз ӯ пурсид, ки номҳои қотилони худро гӯяд, вале Дороб номҳояшонро нагуфта аз олам чашм пӯшид. Искандар онҳоро ҷустуҷӯ карда ёфт ва ба қатл расонд. Вай ба модараш мактуб навишта, Рушанакро ба занӣ гирифт.

Тибқи маълумоти Абӯҳанифа ад-Диноварӣ сипас Искандар ба Ҳиндустон ҳуҷум мекунад ва дар ҷанги тан ба тан шоҳи Ҳинд Фурро мекушад. Баъд аз ҳуҷум ба Судон ва Яман Искандар ба нимҷазираи Арабистон меравад. Дар он замон дар Макка қабилаи Хузай зиндагӣ мекард. Искандар онҳоро аз Макка ронда, Каъбаро ба Назир ибни Канан медиҳад. Дар он ҷо суннати ҳаҷро ба ҷо оварда, Искандар рӯ ба сӯи Мағриб меорад. Вай ба маликаи Эфиопия Кандак, ки бо оқилӣ ва адолатпешагии худ шуҳрат ёфта буд, мактуб менависад. Искандар маликаро зиёрат мекунад, ки дар робита ба он ривоёти зиёде мавҷуданд. Искандар бо ӯ сулҳ баста ба кишвари Зулмот, ки дар шимол воқеъ гардида буд раҳсипор мешавад. Сипас ӯ ба Юнон бармегардад ва дар раҳи худ ду шаҳр бино мекунад.

Аз сафари Искандар ба кишвари тулӯи Офтоб огоҳӣ пайдо карда, вазирони асосӣ ба ӯ хабар медиҳанд, ки ин мавзеъ дар наздикии баҳри Сабзи (Баҳр ал-ахзар) дорои оби вайроншуда ҷойгир аст ва касе наметавонад ба он наздик шавад. Искандар изҳор мекунад, ки ӯ ҳатман ба он ҷо меравад, ҳатто агар лозим ояд ба танҳоӣ ҳам. Вай аз Юнон баромада ба самти тулӯи Офтоб ҳаракат менамояд ва дар ин роҳ аз сарзамини славянҳо, хазарҳо ва туркҳо мегузарад. Дар Чин ба ҳайси сафир Финарус ба ҳузури императори Чин меравад. Ӯ аз дидани Искандар хавотир шуда, ба вай инъоми бисёре медиҳад.

Сипас ӯ ба кишваре меравад, ки мардону занони он соле се рӯз ҳамдигарро мебинанд. Агар онҳо оила барпо кардан хоҳанд, танҳо дар ҳамин се рӯз метавонанд издивоҷ кунанд. Агар зан писар таваллуд кунад, ӯро ба назди падараш мефиристонад ва агар духтар таваллуд шавад, ӯро дар пеши худ мемонад [4, с. 300].

Искандар ба Эрони шарқӣ меравад ва дар он ҷо бисёр шаҳрҳоро бунёд мегузорад. Ӯ ҳамчунин мехост ба Йерусалим ва Сурия равад, вале аз ин нияташ бармегардад, зеро ба сабаби он, ки ҳокимони онҳоро ба қатл расонд ва сарвати онҳоро ғорат кард, аз имконияти шӯриш бардоштани ин халқҳо хавотир буд. Бо маслиҳати Арасту ӯ Эронро дар байни пешвоёни қабилаҳо тақсим кард.

Искандар дар Йерусалим аз дунё чашм пӯшид ва ҷасади ӯро дар тобути миллӣ ҷой доданд. Дар маҷмӯъ вай барои мардумони дунё бист шаҳрро бунёд ниҳод.

Ҳамин тавр, ад-Диноварӣ нусхаҳои фосрию ямании «Роман дар бораи Искандар»-ро медонист ва дар нақли озодонаи худ онҳоро муттаҳид карда, баъзе аз лаҳзаҳои алоҳидаи онҳоро ихтисор ва таҷдиди назар кардааст. Эҳтимол ад-Диноварӣ вақте ки кӯшиши баромади эронӣ доштани Искандарро рад мекунад, Беруниро дар мадди назар доштааст. [2, с. 127].

Дар робита ба он, ки дар асари ад-Диноварӣ порчаҳои романтикӣ ҷой доранд, ҳеҷ ҷои шакку шубҳа нест, аз ҷумла, ба сабаби он ки ақидаи баромади эронӣ доштани Искандар дар ривоёти форсӣ ҷой доштааст. Танҳо дар ин сурат тақлид ба нусхаи мисрӣ (баромади Искандар аз Нектаниб) тобиши илмии ба худ хос пайдо кардааст, ба мисли «форсҳо мегӯянд». Ба ин тарз гӯё такя кардан ба ривоёти боэътимоди халқӣ риоя шудааст. Муҳтавои мисрии роман пурра истисно шудааст, ки инро метавон ҳамчун дигаргунсозии мақсадноки қисмати аввали роман фаҳмид, ки

он ба мақсади ба завқи хонандаи эронӣ мувофиқ сохтани он ва ё барои гумроҳ кардани арабҳо анҷом дода шудааст.

Ад-Диноварӣ аз мактуби Арасту ба Искандар дар бораи сиёсати нисбати шаҳрҳо бохабар буд, вале ё дар шакли таҳрифшуда ва ё худаш қасдан қоидаҳо дар бораи зарурати муҳоҷир кардани форсҳоро ба Либия ва ё Аврупо тағйир медиҳад. Ӯ Искандарро нисбати ҳокимони Форс хайрхоҳ тасвир кардааст, ки ба пешвоёни форсҳо дар идора намудани Эрон мустақилият дода буд. Ин нукта дар «Шоҳнома»-и Фирдасӣ ҳам омадааст. Дар «Шоҳнома» низ ашрофони эронӣ ҳуқуқи худидоракуниро дар даст доштаанд.

Дар тасвири Абӯҷафар Муҳаммад ибни Ҷарири ат-Табарӣ (6, 839-923), муаррихи бузурги асримиёнагии араб, Искандар то андозае дигар хел ба назар мерасад. Ӯ дар асари калонҳаҷми худ «Таърихи пайғамбарон ва шоҳон («Таърих ар-русул ва-л-мулук»), ба мисли китоби «Тафсири Қуръон»-и худ, усули нигориши дақиқ ва муфассалро ба кор бурдааст» [6].

«Тафсири Қуръон»-и ин муаллиф то ба замони мо омада нарасидааст, аммо маълум аст, ки ат-Табарӣ ҳамаи адабиёти тафсирии то замони худро омӯхтааст ва аз ин рӯ тамоми муфассирони баъдии Қуръон ба ӯ истинод мекарданд. Доир ба китоби «Таърих» метавон гуфт, ки он барои тамоми асарҳои таърихии баъдӣ - асарҳои Мисковейҳ, Ибн ал-Асир, Абулфидо ҳамчун манбаъ хизмат кардааст. Китоби мазкур аз рӯи усули иснод таълиф ёфтааст ва аз офариниши олам то соли 915-ро фаро мегирад. Ф.Хитти чунин мешуморад, ки дар таълифи нахустинаш он асари калонҳаҷму бисёрҷилда буд, ки дар он, бешубҳа, манбаъҳо нисбатан пурратар инъикос ёфта буданд. Маълум аст, ки ӯ аз асарҳои Ибни Исҳоқ, ал-Калбӣ, ал-Вақидӣ, Ибни Саъд, Ибн ал-Муқаффа ва тарҷумаҳои мухталифи асарҳои таърихии форсӣ ва ривоёти шифоҳӣ истифода бурдааст, ки ҳангоми сафарҳои шахсии худ, инчунин аз шайхоне, ки аз онҳо дар Бағдод сабақ омӯхта буд, ҷамъоварӣ кардааст [9, с. 391].

Дар китоби «Таърих» ат-Табарӣ силсилаи ҳикояҳоеро дар бораи Искандар овардааст, ки дар асоси онҳо имкон дорад қазоват намоем, ки муаллиф дар ин маврид аз манбаъҳои мухталиф истифода бурда бошад. [6, 841].

Тибқи яке аз онҳо Доро ҳокими одил набуда, бисёре аз атрофиёни худро ба қатл расонидааст. Нисбати мардуми оддӣ ҳам зулмро бештар раво медид. Аз ин рӯ, дар мавриде ки Искандар ба қаламраваш ҳуҷум меорад, бисёре аз ашрофони эронӣ ба ӯ мепайванданд ва Доро аз ҷониби ду нафар аз атрофиёнаш кушта мешавад. Онҳо каллаи шоҳи худро бо умеди он, ки дар ивазаш аз ӯ мукофот гиранд, назди Искандар меоранд вале ӯ амр мекунад, ки онҳоро ба қатл расонанд. Искандар бо духтари Доро издивоҷ мекунад ва баъд аз он ба Ҳинд ва Шарқ раҳсипор мешавад. Баъд аз ин сафар вай ният дошт, ки ба Искандарияи Миср равад, вале дар раҳ бемор гардида вафот мекунад. Ҷасади ӯро дар тобути тиллоӣ ҷой карданд.

Аз манбаи дуюме, ки ат-Табарӣ истифода кардааст, ҳикояе меорад, ки дар он сухан дар бораи баста шудани шартнома миёни Доро ва Файлақус, ки тибқи он ба форсҳо додани хироҷ аз ҷониби Юнон нақл карда мешавад. Искандар пардохти хироҷро барои эрониҳо рад кард ва он гоҳ Доро ба ӯ тӯб, чавгон, ва халтаи пур аз донаҳои кунҷид мефиристонад, ки маънои ин ҳама рамзҳо аз он иборат буд, ки ҳоло Искандар кӯдак асту вақти бозӣ бо тӯбу чавгонро дорад, халтаи кунҷид рамзи лашкари бешумори ӯ аст. Искандар маънои ин рамзҳоро мефаҳмад ва ҷавоб медиҳад, ки тӯб маънои тамоми дунёро дорад ва чавгон бошад, маънои онро дорад, ки вай тамоми ҷаҳонро мегирад. Дар ҷавоб Искандар ба Доро каме тухми нахӯд мефиристонад, ки бо он мехост гӯяд, ки сипоҳи ӯ кам аст, вале аскаронашон пурқувватанд. Баъд аз ин тасвири ҷанг оварда мешавад, ки қариб бо тасвири Абӯҳанифа ад-Диноварӣ мувофиқат мекунад.

Аз манбаъҳои дигар ат-Табарӣ нусхаи ривоят дар бораи баромади эронӣ доштани Искандарро меоварад. Ин лаҳза дар асари ад-Диноварӣ ҳам ҷой дорад ва ат-Табарӣ метавонист онро ҳамчун манбаи фосилавӣ истифода барад, вале эҳтимол меравад, ки вай онро аз асараш «Сийар ал-мулук ал-аҷам»-и Ибн ал-Муқаффа иқтибос гирифтааст. Ад-Диноварӣ ҳам имкон дорад онро аз асари мазкур гирифта бошад.

Дар ин ҷо низ ҳикоят дар бораи он ки Искандар пеш аз марги Доро дар наздаш бародари ӯ будани худро эътироф мекунад ва қотилонашро қатл менамояд, овардааст. Ин лаҳзаро Берунӣ ҳам дар асараш таъкид мекунад, вале ӯ назар ба Табарӣ онро на қобили эътимод, балки маҳсули тахайюл мешуморад (2, 49-50).

Азбаски Берунӣ ин лаҳзаро нақл карда, дар нақлаш ибораи «форсҳо чунин мегӯянд» ба кор мебарад, ба ин манзур аз эҳтимол дур нест, ки ӯ дар ин маврид ат-Табарӣ ва ад-Диновариро дар назар надоштааст, зеро онҳо асарҳояшонро ба забони арабӣ навишта, ба манбаъҳои форсӣ такя кардаанд. Андешаи қобили эътимод ин аст, ки лаҳзаи мазкур дар китоби «Сийар ал-мулук ал-аҷам»-и Ибн ал-Муқаффа ҷой доштааст.

Тибқи нусхаи дигари ривоят, Искандар амр медиҳад, ки китобҳои форсиро доир ба имлҳои нуҷум ва фалсафа ба забони юнонӣ тарҷума кунанд. Вай шаҳрҳои Эронро вайрон карда, ҳокимони вилоятҳоро аз ҷумлаи одамони худ таъин кардааст. Баъди сафар ба Ҳиндустон, Чин ва Кишвари Зулмот вай ба Бобул бозмегардад ва дар он ҷо дар синни 36- солагӣ вафот мекунад. Писари ӯ Искандарус тахти шоҳиро рад мекунад ва тамоми ҳастияшро барои ибодат ба Худо мебахшад.

Тавре ки маълум мегардад, ат-Табарӣ бо сюжети «Роман» шинос будааст ва аз он порчаҳоро ё аз забони халқ ва ё аз ягон манбаи нисбатан наздики давраи гузашта нақл кардааст. Вай ба масъалаи Зулқарнайн дахл намекунад ва ба тасвири Искандар, пеш аз ҳама ҳамчун шахсияти таърихӣ машғул мешавад. Агар хусусиятҳои ҷудогонаи симои Искандарро дар тасвири ат-Табарӣ ҷамъбаст намоем, метавон чунин хулоса кард, ки Искандари ӯ золим, истилогаре мебошад, ки ба фарҳанги форсиён зарар овардааст, вале дар баробари ин ба илм таваҷҷӯҳ дорад. Дар мавриди ин ки оё ат-Табарӣ таваҷҷӯҳи хонандагони олимартабаи арабии худро ба зарурати тарҷума аз забони форсӣ ҷалб кардааст ва ё танҳо далелҳои шунидаашро сабт карда бошад, дар ҳоли ҳозир қазоват кардан душвор аст. Имкон дорад, баръакс, сухан дар бораи тарҷума аз забони юнонӣ ба забони форсӣ меравад. Дар бораи баромади эронӣ доштани Искандар ат-Табарӣ бо эҳтиёт сухан меронад, вале худи ҳикоят дар бораи ин қазияро ӯ овардааст.

Абулҳасан Алӣ ал-Масъудӣ, ки ӯро Геродоти араб ном мебаранд, шахсиятест, ки ба усули вобаста ба таърихи хонадон баён намудани маводи таърих асос гузоштааст ва баъдтар таърихшиноси бузург Ибни Халдун ин усулро пайравӣ карда, ба ҳикоёти мухталифи таърихӣ таваҷҷӯҳи хосса зоҳир намудааст. Ҳангоми саёҳатҳояш ал-Масъудӣ (ӯ қариб ба ҳамаи кишварҳои Осиё сафар кардааст) латифаҳои гуногуни таърихӣ ва адабиро ҷамъ овардааст. Дар натиҷаи заҳмати сисола дар Сурия ва Миср ӯ асари сиҷилдае ба номи «Муруҷ аз-заҳаб ва-л мадаин ал-ҷавҳар»-ро навиштааст [7]. Асари мазкур дар шакли мухтасар то замони мо расидааст, вале ҳамон қадар ҳам, ки ҳифз шудааст, аз фазлу дониши васеи муаллиф гувоҳӣ медиҳад. Баробари таваҷҷӯҳ ба таърихи арабҳо, ӯ доир ба таърихи Ҳинду Форс ва Риму Аврупо далелҳои зиёд ҷамъ овардааст.

Ал-Масъудӣ нусхаи форсии ривоят дар бораи таваллуди Искандарро наовардааст ва асосан дар бораи сафарҳои ӯ ба Ҳинд, Чин, Тибет ва Осиёи Марказӣ нақл мекунад. Дар фаҳмиши ӯ Искандару Зулқарнайн ҳар ду як шахс мебошанд.

Муаррих ва адиби хушсаликаи охири асри X ва аввали садаи XI Абумансур Абдумалик ибни Муҳаммади Саолибии Нишопурӣ дар таърихномаи худ «Ғурар ус-сияр ал-мулук ва ахбориҳим» маъруф ба «Шоҳнома»-и Саолибӣ ба таърихи Эронзамини тоисломӣ таваҷҷӯҳи хоса дорад, ки он мазҳари тадовуми суннатҳои таърихнигории тоисломии форсу тоҷикро фарогир аст. Саолибӣ дар нигориши таърихи тоисломии қавмҳои эронӣ ба сарчашмаҳои боэътимод такя менамояд. Аз 16 мавриди истиноди Саолибӣ ба муаррихи барҷастаи арабизабони форсу тоҷик Абуҷаъфар Муҳаммад ибни Ҷарири Табарӣ пайдост, ки китоби «Таърихи расул ва –л-мулук»-и ӯ аз муҳимтарин маъхазҳои Саолибӣ будааст. Ӯ дар гузориши воқеияти замони Қаюмарс, Манучеҳр, Нузар, Мулукут-тавоиф бевосита ба таърихномаи Табарӣ ручӯъ кардааст, ки ин амр далели истиқболи Саолибӣ қарор гирифтани шеваи таърихнигории Табарӣ маҳсуб мешавад. Дар миёни маъхазҳои таърихномаи Саолибӣ Абулқосим Убайдуллоҳ ибни Абдуллоҳ ибни Хурдодбеҳ (820-913) - адиб, муаррих ва ҷуғрофидони бузурги арабизабони форсу тоҷикро ном бурдан мумкин аст, ки дар 13 маврид ба ӯ истинод кардааст. «Китаб ал-кабир фит-таърих»-и ибни Хурдодбеҳ мавриди истифодаи Саолибӣ қарор гирифта, ӯ дар гузориши таърихи Зардушт, подшоҳии Гуштосп, Баҳман, Искандар, мулукут-тавоиф, Ардашер, Баҳроми Гӯр ва дигарон аз ин асари гаронкадр баҳра гирифтааст. Гузашта аз ин, Саолибӣ дар таърихномаи худ ба китоби муаррих ва адиби арабизабон Ҳамзаи Исфаҳонӣ (883-961) бо номи «Синий мулук ал-арз ва л-анбиё» ва «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ такя кардааст» [3, с. 215].

Дар ин манбаъҳои арабизабон дар давраҳои аввал симои аслии Искандар ба ҳар ҳол озод аз таъсири афсонаҳо ва тахайюл акс ёфтаанд. Симои ӯ аз доираи маълумоти боэътимод берун намебарояд. Дар давраҳои нисбатан дертар симои Искандар ва зиндагии ӯ ба таври баробар ҳам мавзӯи асарҳои таърихӣ ва ҳам асарҳои ахлоқии давраи антиқа ва ҳам асарҳои фолклорӣ мегардад, ки ба зиндагиномаи воқеии Искандар унсурҳои тахайюлӣ, бозтобиҳои мухталифи мазҳабӣ низ ворид мегарданд. Аз ин нигоҳ Л.А. Фрейберг ба чунин ақида меояд, ки маводи мазкур, новобаста аз тафовутҳои равшани жанрӣ, дорои хусусияти умдаи умумӣ мебошанд- «Қонуни хайрхоҳон», ки хоси зиндагиномаи Искандар буд, ба насри таърихӣ, дар бораи кирдорҳои ӯ бошад, ба адабиёти ахлоқӣ ворид шудааст [1, с. 94] .

Ҳамин тавр, дар манбаъҳои асримиёнагии арабӣ ташаккули симои бадеие оғоз мегардад, ки дар он хусусиятҳои нерӯи ҷисмонӣ, мардонагӣ ва шуҷоат бо проблемаи **мақоми инсон** дар ҷомеа ва рисолати ӯ бо ҳам алоқаманд мегарданд ва ин симо чеҳраи «сиёсӣ» пайдо карда, намуна барои пайравӣ ва фарогирандаи хислатҳое мегардад, ки сарвар бояд онҳоро дошта бошад.

АДАБИЕТ

1.Античность и Византия /под ред. Л.А. Фрейберг – М.: Наука, 1975.-416с.

2.Бируни, Абу Рейхан. Памятники минувших поколений /Абу Рейхан Бируни // Избранные произведения. Т.1 . – Ташкент, 1957. – С. 49-118.

3.Саолибї, Абўмансур. Таърихи ѓурар ус-сияр / Абўмансур Саолибї; таҳияи Н. Зоҳидов. – Душанбе: Бухоро, 2014. – 444 с.

٤.الدینوری، ابو حنیفه. الاخبار الطوال، دارالاحیاء الکتب العربیه/ ابو حنیفه الدینوری. - القاهرة، ۱۹۶۰ . – ۴۶۷ ص..

٥.الندیم، محمد ابن اسحاق. کتاب الفهرست/ محمد ابن اسحاق الندیم. به تصحیح محمدرضا تجدد.- تهران، ۱۳۹۳. – ۴۲۵ ص.

٦.طبری، محمد جریر. تاریخ الرسل والملک/ محمد جریر طبری. ج ۱ -۱۵ ترجمهٔ ابوالقاسم پاینده. -تهران: انتشارات بنیاد فرهنگ ایران، ۱۳۸۲. – ۴۷۸۵ ص.

٧.مسعودی علی بن حسین. مروج الذهب و معادن الجوهر/ علی بن حسین مسعودی. ج. ۱ ترجمهٔ ابوالقاسم پاینده.- تهران: شرکت انتشارات علمی و فرهنگی، ۱۳۷۷ . – ۹۲۳ ص.

8.Hitti, PH. K. History of the Arabs from the earliest times to the present / PH. K. Hitti. – London, 1958. – 882 p.

ОТРАЖЕНИЕ ОБРАЗА АЛЕКСАНДРА В ТВОРЧЕСТВЕ СРЕДНЕВЕКОВЫХ АРАБСКИХ ИСТОРИКАХ

Роман об Александре, появившийся на арабской почве, не имел большой популярности, и был известен в фрагментарной, раздробленной форме. Со стороны историков отдельные события и эпизоды из романа были заимствованы для изложения общей истории, а со стороны некоторых географов - при описании стран и городов, которые своими названиями или историей были связаны с именем великого греческого полководца. В подобных сведениях мы сталкиваемся с двумя течениями: научное и литературное изложение биографии. Научное изложение, к сожалению, очень далеко от научного исследования по современным понятиям, и даже не доходит до масштабов научных изысканий античного историка Плутарха. Литературное изложение также редко доходит до уровня приличной художественности.

***Ключевые слова**: образ, источник, роман, сведение, Александр, течение, научная литература, арабские историографы, исследование, средние века.*

THE IMAGE OF THE ALEXANDER THE GREAT IN ARABIC SOURCES OF MIDDLE AGES

The novel on Alexander the Great which appeared on Arabic basis was not so popular and was known fragmentarily. Individual events and episodes were borrowed by some historians to talk about general history. Some geographers used it to describe countries and cities which were associated with the name of the Great Greek Commander through their names or history. In such data, we face with two processes: scientific and literary description of the biography. Unfortunately, the scientific description is far from researches in terms of understanding in our days, and even is not close to the scope of the researches of ancient historian Plutarkh. The literary description often does not reach the level of proper artistic merit.

***Keywords:** image, source, novel, Alexander the Great, data, process, scientific literature, Arabic historiographers, research, Middle Ages*

Сведение об авторе:

***Восиева Рухшона -** профессори кафедри теории и исторического летературы тоджик Таджикского государственного институт языков имени С.Улугзода*

Курбон Восеъ - *доктор филологических наук, профессор кафедры государственного языка и гуманитарных дисциплин Технологического университета Таджикистана Адрес: 734019, г. Душанбе, Республика Таджикистан, ул.Ф. Мухаммадиева, 17/6 Тел: (+992 37) 2329565. E-mail:v.rukhshona@mail.ru*

About the author:

Vosieva Rukhshona *– Professor in the Department of the Theory and Historical literature of Tajik State Institute of Languages named after S.Ulugzoda.*

Qurbon Vose - *Doctor of Philology, professor of Humanities department of Technological University of Tajikistan. Adress 734019, Republic of Tajikistan, Dushanbe Adress: 734019, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Mukhammadiev st. 17/6 Tel: (+992 37) 2329565. E-mail:v.rukhshona@mail.ru*

ҲИСОР ДАР СОЛҲОИ ҶАНГИ БУЗУРГИ ВАТАНӢ

Ҳайдарова Г.Ё.

Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ

Солҳои Ҷанги бузурги ватанӣ (1941-1945) қариб ҳамаи мардон ба размгоҳҳо сафарбар гаштанд ва корҳои саҳроию чорводориро асосан занону кӯдакон ва мӯйсафедон пеш мебурданд. Ба ҳамаи душвори – танқисии хӯрокворӣ, азоби гуруснагию камхобӣ кашидан нигоҳ накарда чун ба зиммаашон масъулияти калон – таъминоти ақибгоҳ, ҳамзамон фиристодани маводи хӯрокворию либос ба фронт меистод, дучанду сечанд кор карда, мекӯшиданд, низоми қатъию сахти кори лаҳзае халалдор нагардад ва нишондиҳандаҳои хуби истеҳсоли ба даст оянд.

Солҳои мудҳиши Ҷанги бузурги ватанӣ чун тамоми халқҳои кишвари шӯроҳо халқи тоҷик ва дар қатори он ҷавонони Ҳисор ба мубориза ба муқобили фашизм сафарбар карда шуданд. То охири ҷанги шадид 7421 нафар ҳисориҳо дар набардҳо иштирок карда, 4132 нафарашон дар ин роҳ ҷон нисор карданд.

23 декабри соли 1941 дар ҷаласаи депутатҳои шӯрои деҳоти Чиргинак котиби якуми ҳизби коммунистии ноҳияи Ҳисор Шергин аз рӯйи муроҷиатномаи Раиси Шӯрои мудофиаи Иттиҳоди Шӯрави баромад кард. Депутатҳои Шӯрои қишлоқ таҳти роҳбарии Норов бо як овоз қарор қабул намуданд, ки корро бо усули ҳарбӣ ба роҳ монда, иҷрои нақшаҳои истеҳсолиро оид ба супориши гӯшт, шир, пашм, пӯст, равған барзиёд таъмин месозанд. Роҷеъ ба ҷамъоварӣ ва ба фронт фиристодани либосҳои гарм, маҳсулоти хӯрокворӣ ва дар мӯҳлати кӯтоҳ ба охир расонидани киштукори тирамоҳи ба раисони хоҷагиҳо ва депутатҳои халқ супориш дода шуд.

Меҳнати босуботи шабонарӯзи меҳнаткашони Ҳисор натиҷаҳои дилхоҳ дод. Соли 1941 нақшаи истеҳсоли пахта 100 фоиз, маҳсулоти зироати 100 фоиз, хӯроки чорво 100 фоиз, пашм 104 фоиз, шолӣ 94 фоиз иҷро карда шуд.

Маорифчиён ягон лаҳза корро суст накарда, ҷавононро дар рӯҳияи ватанпарварию меҳнатдӯсти тарбия менамуданд.

Соли 1943 дар ноҳия «Хонаи кӯдакон» барои кӯдакони аз Ҷумҳурии Лаҳистон (Полша) муҳоҷиркардашуда барои 75 нафар ташкил дода шуд.

Сарпарастии «Хонаи кӯдакон» -ро ду хоҷагии ҷамоати Хонақоҳ ба ӯҳда гирифтанд. Колхози ба номи Сталин (раисаш Абдуқидиров) ва колхози ба номи Жданов (раисаш Яъқуб Юсуфов) мунтазам ба кӯдакони муҳоҷир аз фонди хоҷагӣ 30 кг карам, 300 кг лаблабу, 50 литр шир, 50 кг биринҷ, 400 кг турб, 20 кг ҷуворимакка ва 50 сӯм пули нақд медоданд.

Сокинони ноҳияи Хисор соли 1943 барои эҳтиёҷоти фронт ва сохтмони колонаи танки «Колхозчии Тоҷикистон» 200 миллион сӯм маблаг ҷамъовари намуда фиристоданд.

Шумораи ташкилоту муассисаҳо дар солҳои 1944-1945 дар ноҳияи Ҳисор чунин буд:

№	Номгӯи ташкилоту муассисаҳо	адад
1.	Шӯрои деҳот	6
2.	Колхозҳо	86
3.	Истеҳсоли барқӣ	150 кв/ соат
4.	Нуқтаи алоқа	1
5.	Нуқтаи савдо	37

6.	Ҳаммом	1
7.	Кинотеатр	150 ҷойи нишаст
8.	Матбаа	1
9.	Беморхона	25
10.	Боғчаи бачагона	3
11.	Дорухона	1
12.	Ошхона	1
13.	Мактаб аз он: миёна миёнаи нопурра ибтидоӣ	45 1 22 22

Меҳрубони дар ҳаққи иштирокчиёни Ҷанги бузурги ватанӣ, ки аз фронт маъюб шуда баргашта буданд, дар маркази диққати роҳбарияти ноҳия меистод. Танҳо дар соли 1944 ба ҳамин гурӯҳ одамон ба маблағи 1715025 сӯм ёрдампулӣ, 607 сар чорвои калони ширдеҳ дода, хонаҳои онҳо таъмир карда шуданд.

То соли 1946 аҳолии маркази ноҳия ба 5094 нафар расид. Шумораи коргарон ва хизматчиён 2040 нафарро ташкил дод. Дар марказ якчанд корхонаҳои саноатӣ ва ташкилотҳои давлатӣ сохта шуданд. Аз ҷумла уомбинати саноати (заводи масолеҳи сохтмонӣ), артели «Қизил қушун», «Заря Восточка», шӯъбаи «Главхлеб», 2- МТС, маҳаллаи роҳи оҳанчиён, «садвинсовхоз», заводи хачирпарварии «Мулзавод», «ИТК - №6», корхонаи маҳсулоттайёпкунӣ, заготзерно, Хлоппуект, Уполнинзаг, Заготпуектовощей, Загопункти РАЙПО ва ғайра. Аз ин рӯ маркази ноҳия ба гурӯҳи маҳаллаи тапии шаҳрӣ дохил шуд ва дар марказ шӯрои посёлкавӣ ташкил ёфт.

Дар асоси Укази Президуми Совети Олии СССР аз 29 марти соли 1947 оиди додани унвони Қаҳрамони меҳнати сотсиалистӣ ва мукофотонидан бо орден, ки ба гирифтани мукофоти давлати Асоев Исломро пешниҳод намояд[1, С. 133]

Дар маркази бекигарии Ҳисори Шодмон – шаҳри Ҳисор 5 мадраса – Кӯҳна, Нав, Зарирон, Чашмаи Моҳиён, Арки Ҳисор амал мекарданд, ки донишварони зиёде дар онҳо таҳсил мекарданд. Ба гуфти бобои 87 солаам Шоҳимардонов Алимардон [2] падарашон Шоҳимардон дар мадрасаи Арки Ҳисор 8 моҳ таҳсил намуда буданд.

Соли 1924 дар Тоҷикистон 3 мактаби ибтидои, 4 интернат бо 152 хонанда ва 31 омӯзгор мавҷуд буд, аз ҷумла дар Ҳисор 1 мактаби ибтидоӣ, 1 интернат амал мекард.

Ибтидои ташкилёбии ноҳияи Ҳисор дар марзаш 41 мактабҳои ибтидоию ҳафтсола амал мекарданд, ки дар онҳо 327 муаллимон фаъолият ва 4584 хонандагон таҳсил менамуданд.. Соли 1940 теъдоди мактабҳо дар ноҳия ба 65 адад расид, омӯзгорон ба 624 ва таълимгирандагон ба 7311 нафар расид [3, С.100], ки шаҳодат торафт рушд ёфтани соҳаи маориф мебошад.

Солҳои Ҷанги бузурги ватанӣ кори тарбияи насли наврасро басо мушкил гардони. Бисёр муаллимон ба ҷабҳаҳои ҷанг рафтанд. Карим Рашид, Аҳмад Шокиров, Ҳасан Собиров (аз ҷамоати Алмосӣ), Очилди Раҳмонов (аз деҳаи Дурбат, муҳофизи Қалъаи таърихию номвари Брест), Шукур Собиров (аз Хоҷачилдиёри Боло), Қосимбек Олимов (деҳаи Ҳисор, Маъдӣ Ҳусейнов (деҳаи Қулмунда), Қосимбек Олимов (деҳаи Қарапичоқ), Азиз Файзуллоев (деҳаи Белайдуз) ва бисёр дигарон аз ҳамин қабил муаллимон буданд. Таълимгоҳҳо бе омӯзгор монданд. Баъди ҷанг дар муддати кӯтоҳтарин чораҳои мушаххас андешида, кори мактабу маориф хеле беҳ гардонида шуд.

Соли 1953 дар ноҳия аллакай 76 мактаб амал мекард, ки дар онҳо1037 муаллимонфаъолият доштанд, 9383 хонандагон таълим мегирифтанд.

АДАБИЁТ

1.Неъматова Ш, Асроров М. Маҳфузгарони таърих. – Душанбе: «Ирфон», 2010 – 256 с.
2.Неъматов Н. Культура Гиссара, - Душанбе, 1989. – 120 с.
3.Ҳоҷи Абдураҳмон, «Мардуми деҳаи Туда» Ҷилди аввал. Очерки таърихӣ. Душанбе 2007 саҳ. 333
4.Шоҳимардонов Алимардон зодаи деҳаи Саховати (собиқ Аскари Сурх) – и шаҳри Хисор буда, собиқдори меҳнат, пири хирад (шеъргӯю наклгӯй ва ғазалсарои деҳа(, 87 сола, кишоварз (картошка, сабзӣ ва дигар сабзавоткориҳоро карда дар деҳа тахаллуси «Бобои деҳқони Алимардон» - ро дорост).
5.Неъматов Н.Культура Гиссара, - Душанбе, 1989. – 100 саҳ

ГИСАР В ВЕЛИКОЙ ОТЕЧЕСТВЕННОЙ ВОЙНЕ

В статье рассматривается история Гиссарского района в годы Великой Отечественной войны. По словам автора, при исследовании биографии участников Великой Отечественной войны выясняется, что они отличаются друг от друга своей точкой зрения и целями.

Кроме того, их можно считать ценным источником информации по данной теме исследования.

Ключевые слова: *источники, местные, русские, война, участники войны, торговый оборот, участник войны, дипломаты, путешественники, агенты, территория.*

HISOR IN GREAT PATRIOTIC WAR YEARS

The article deals with the history of Hisor district in Great Patriotic War time. According to the author while investigating the biography of participants of the Great Patriotic War it is revealed that they differ from each other by their point of view and purposes.

In addition, they can be considered a valuable source of information about this topic of research.

Keywords: sources, local, Russian, war, war participants, trade circulation, war participant, diplomats, travelers, agents, area.

Сведение об авторе:

Хайдарова Гулрухсор Ёдгоровна *– аспиранти кафедры история таджикского народа Таджикского государственного университета им.С.Айни тел.:(+992) 918977693*

About the author:

Haidarova Gulrukhsor Yodgorovna *– post-graduate students in the Department of the History of the Tajik people of the Tajik State Pedagogical University named after. Sadriddin Aini, Phone: (+992) 918977693*

АФГАНСКАЯ АРМИЯ В ПЕРИОД ПРАВЛЕНИЯ МУХАММАД ДАУДА-ХАНА И ЕГО ВЛИЯНИЕ НА ПОЛИТИЧЕСКОЙ СИТУАЦИИ СТРАНЫ 1973-1978 гг.

Олимов С.М.

Таджикский государственный педагогический университет им. С.Айни

Внутри Афганистана и за ее пределами отношение к перевороту было разное. Несмотря на явно просветительской ориентации М. Дауда за рубежом к перевороту относились как к внутреннему делу Афганистана. Основная масса населения страны далекая от политики восприняла это известие как внутрисемейное дело, как к замене одного монарха другим внутри семьи и не ждали больших изменений от этого.

Участие двух фракций Народный Демократический Партия Таджикистана (НДПТ) в правительстве было неодинаково. Только один сочувствующий фракции «Хальк» П. Г. Вафадар вошел в правительство. Фракция «Парчам» с одобрением встретила переворот, и назвала его «революцией».

В числе преобразований М.Дауда можно назвать создание Национального банка, переименование королевского дворца на Дворец Республики, королевскую гвардию в Республиканскую гвардию. Были выпущены новые банкноты с изображением М. Дауда. День 17 июля объявлялся праздничным днем, правительственная газета «Нелах» была переименована в «Джумхурият» («Республика») [1, 86].

Был изменен цвет государственного флага и текст национального гимна, наложен запрету на использование родовых титулов, в том числе выведен с обихода титул «сердар». Стали употребляться новые слова и термины, которые не были до сих пор распространены в Афганистане. Например: «рахбар» («руководитель»), «энкелаб» («революция»), «кумита («комитет»), («марказе») («центральный») и т.д.

Раздавались громкие лозунги о борьбе против коррупции, и правительство предприняло определенные меры в этом направлении. М. Дауд установил для членов семьи свергнутого короля ежемесячное жалование в размере 5 тысяч американских долларов, что вызвало недовольство среди членов кабинета.

Захир-шах, находившийся за рубежом, как получил известие о перевороте, первым делом поспешил получить деньги, предназначавшие на расходы его визита в Европу. Эти деньги были перечислены на счет посольства Афганистана в Париже.

Но афганский посол Абдул Гафур Раван Фархади из-за боязни попасть в немилость новым властям Афганистана отказался выдать ему деньги.Таким образом, слух о том, что король был обладателем большого состояния сильно преувеличены. Король в Италии на первых порах получал помощь от короля Саудовской Аравии, и его положение отличалось от положения других бывших монархов, проживавших в Европе. Почему королевская семья Саудовской Аравии назначила ему жалование, это другой вопрос.

После отставки Захир-шаха Дауд-хан вздохнул свободно и занялся государственными делами. Он решил покончить с военным режимом и укрепить государственную власть на конституционной основе. В 1976 в соответствии с указом М. Дауда была образована комиссия по подготовке новой Конституции, а в следующем году на Лойя Джирге она была принята. На основе Конституции М. Дауд-хан был избран президентом Афганистана.

В целях укрепления своей власти М. Дауд объявил о введение в стране однопартийной системы, и оно нашло закрепление в ст. 40 Конституции. Началось формирование правящей Партии национальной революции (ПНР).Таким образом, второй этап политической эволюции республиканского режима характеризуется усилением личной власти М. Дауда. Он теперь жалел о своих близких отношениях с парчамистами, чувствует посредственное и прямое давление русских[2, 154].

М. Дауд постепенно отстранил от всех постов парчамистов. В ответ Москва приняла срочные меры по объединение двух фракций НДПА.

Уже не была прежней искренности в отношениях между Афганистаном и СССР. Дауд это понимал и начал осуществлять новую политику.

В 1978 он посетил Югославию и встретился с Иосифом Броз Тито, одним из основателей Движения неприсоединения, которого знал еще раньше.

В самом Афганистане Дауд предпринял меры по чистке Вооруженных сил от сторонников Захир-шаха и Абдул Вали. Некоторые генералы и высокопоставленные офицеры были сняты со своих должностей или понижены по службе. Однако в высшем командовании армии, в котором входили М. Дауд, Мустагни и Х. Расули вскоре произошли разногласия из-за личного соперничества между двумя последними. Мустагни подал Дауду прошение об отставке и был направлен послом Афганистана в Турцию.М. Дауд, возглавлявший министерство обороны, несмог дальше брать на себя эту ношу и в 1977 оставил все дела Х. Расули и издал указ о назначении его министром национальной обороны.

Х. Расули, в свою очередь назначает генерала армии Абдул Азиза начальником Генерального штаба. Но при этом Расули существенно, ограничив полномочия Абдул Азиза, сам стал истинным хозяином армии - министром обороны, начальником Генерального штаба и командующим армейским корпусом. Конечно, его окружали профессиональные военные. Более того, министр внутренних дел Абдул Кадир Нуристани, министр финансов Абдулилло были его близкими друзьями и по многим вопросам советовались между собой[3, 140].

Но словам генерала Н. Азими в селение Тоджикон Джабалу-с-Сираджа Х. Расули нашел себе духовного наставника - Гулам Али Шаха, который был известен по имени Ого Сохиб Рустак. В последнее время все его знали как духовный наставник (пир) Х. Расули. Министр уважал этого старца в такой степени, что часто, особенно по вечерам в четверг оставлял все государственные дела, вместе с начальником генштаба приезжали к нему и в его суннитском обителе слушали музыку, смотрели суфийские танцы, рыдая.

Благодаря Х. Расули этот пир стал очень известным в Кабуле, многие государственные деятели, чтобы льстить Расули, шли к нему, целовали его руки, преподносили подарки. Одно указание пира было достаточно для Х. Расули, чтобы он исполнял любые желание человека. Духовный наставник Расули имел дело со всеми вопросами, даже с отправкой афганцев на учебу за рубежом.Когда он лежал в Кабульской больнице «Садри» Расул и с утра до вечера проводил у его постели, делал ему массаж и плакал.

Вообще министр обороны ездил не только к своему пиру в Таджикам, но неоднократно посещал святые места Газни. Он бил голову о камнях, молил, плакал и просил прошения. Его друзья и близкие

вместе того, чтобы образумить его, обратить его внимание на государственные обязанности, напротив, еще больше стимулировали его на эти поступки. Отсутствие министра открывало им путь для грабежа и свершение беззакония в армии.«Этот старый худой и вспыльчивый генерал, пишет Н. Азими, - очень быстро стал орудием в руках Кадира и Абдулила, которые создали антипарчамовскую группировку в правительстве»[4, 204].Газета «Парчам» 5-января 1967 г.писала;

«Среднегодовой доход на душу насиления в Афганистане находится на самом низком уровне..уровень жизни кочевых племен становится все ниже.Такое слабое командование в армии, в условиях, когда армия переживала бурный процесс политизации, привела к тому, что многие легальные и полулегальные политические партии и течения стремились привлечь на свою сторону молодых офицеров.

Вошли на авансцену политической борьбы парчамисты, халькисты, маоисты («Шола-йе джавид»), радикальные исламистские группировки.

Военные и гражданские агитаторы этих партий, практически свободно посещали воинские части, распространяли листовки, книги и газеты пропагандистского характера. Никто даже не спрашивал, кто они такие и к кому они идут.

На первом этапе деятельности республиканского правительства, пока М. Дауд еще не начал чистку армии от парчамистов, они имели большей возможности для привлечения офицеров и солдат в свою партию, так как офицеры считали их участниками переворота и членами правительства. Однако после отстранения парчамистов от власти наиболее активными в армии были халькисты, гак как фракции Хальк меньше пострадала от чистки М. Дауда. Ониусиленно работали, но привлечению на свою сторону молодых офицеров, особенно в военно-воздушных сил и бронетанковых войсках.В декабре 1976 г. был раскрыт антиправительственный заговор, возглавляемый генералом Мир Мухаммад-ханом, командующим артиллерийскими войсками Минобороны. Число заговорщиков тогда было ограниченным.

Х. Амин, который был ответственным от «Хальк» за работу в армии с учетом опыта антимонархического переворота 17 июля 1973 г. усилил работу в военно-воздушных силах, в 4-я и 15-я танковых бригадах. По мнению Дж. Арни хотя «Парчам»-мисти были первой политической группой, которая начала работу в армии, но в середины 1977 г. влияние халькистов стала больше. Успех переворота 1973 г. убедил халькистов и исламских радикалов в том, что приходк власти возможен только через использования армии[5, 177].

Х. Амин работал с особой настойчивостью, смело и с усердием. Он сумел использовать некоторых участников переворота 1973 г., которых Дауд успел оттолкнуть от себя. Х.Амин обращал особое внимание на этно-национальные, племенные и языковые проблемы афганского общества.

Теперь афганская армия, в которой недавно чтение газет, даже официальных газет «Анис» и «Ислах» считалось грехом, стала ареной соперничества различных политических групп. Вольно и невольно она подвергалась политизации. В армейских частях пропагандировались самые различные идеи и идеологии, которые проникали как с Афганистана, так из-за его пределов.

В политизации Вооруженных сил самое активное участие принимали афганцы, обучившие в военные учебные заведения Советского Союза, США. Индии, Великобритании, Египта, Западного Берлина и другие страны. Немалый вклад вносили и советские советники.

Молодые офицеры, вооруженные новыми идеями не могли вслепую подчинятся приказам военного командования. Если учесть, что армией командовали такие недалекие, бездарные и неграмотные генералы, как Г. Х. Расули. Верховное главнокомандование с таким интеллектуальным потенциалом не могла объективно анализировать создавшуюся ситуацию, которая с каждым днем ухудшалась во вред режиму.

Руководитель аппарата армии во главе которого стоял не менее бездарный человек Хан Нисар-хан был так полон неграмотными и непрофессионалам и взяточниками, что переворот застал их врасплох. Они много времени позже, когда танки начали двигаться в сторону дворца, узнали что творится на самом деле. Так что о выявлении членов подпольных организации в армии, число которых превышало тысячи человек, не могло быть и речи.

С начала 1976 г., как внутри страны, так за ее пределами прилагалисьусилия по объединению двух фракций НДПА. Москва пожелала их вновьобъединить, хотя именно КГБ СССР исходя из своих

интересов, в свое время,способствовал расколу партию. На этот раз интересы Москвы заключались в объединении НДПА против М. Дауда, и эта ей удалось.Фракция «Парчам» была за объединение, из-за того, что М. Дауд отстранил от всех постов ее сторонников. Но когда парчамисты были в составе правительства, даже на уровне областей и уездов, они не делили эту власть с халькистами, и это правильно, так как обе фракции тогда действовали отдельно.

План парчамистов, которые набрали определенный опыт государственного управления в правительстве М. Дауда, заключалась в том, чтобы свергнуть режим и захватить власть. Б. Кармаль и его окружение планировали использовать силы халькистов, а затем по опыту М. Дауда устранить их. Но ситуация изменилась и Х. Амин лучше всех осознал это. Н. Тараки, возглавлявший партию, со своим простодушием верил в единство партии и нехотел обидеть Б. Кармаля и парчамистов, гак как простые члены «Парчам» не были виноваты[6, 45].

По указанию Москвы коммунистические партии Индии. Ирака. Австралии, а также их партийная печать призвали лидеров «Хальк» и «Парчам» устранить разногласия и объединится. Встреча лидеров двух фракций подготовила почву для созыва конференции НДПА в июле 1977 г., на котором произошло ее объединение.

Н. Тараки был избран Генеральным секретарем, а Б. Кармаль его заместителем.

Таким образом, обе стороны подписали документ об объединении, который с первых дней имел искусственный характер, Так как каждая фракция имела отдельные партийные ячейки. Более того, руководители военных организаций «Хальк» и «Парчам» скрывали друг от друга данные о своих организациях в армии, так как Х. Амин чувствовал себя уверенно. Тем не менее, на уровне гражданских первичных организаций происходило слияние членов обоих фракций в единую партию.

Они начинали чувствовать атмосферу искренности и доверия, но амбиция руководящего состава 10-20 чел., их властолюбие оказали негативное влияние на всю партию. Поэтому фракционная борьба продолжалась очень долго, даже после прихода НДПА к власти[7, 156].

Однако вернемся к Дауд-хану. Он обманул ожидание народа. Даже его браг М. Наим и сын М. Умар выразили ему свое недовольство. Правящая партия превратилась в арену соперничества между участниками переворота, таких как Х. Расул и, С. Абдулилла, Кадир Нуристани, с одной стороны и технократов Вахидулла, Вафеулла Самой, Абдулла Умар, М. Джалала с другой.

Соперничество и противостояние в правящей партии усилилась, что привело к ухудшению правопорядка и безопасности в Кабуле. Полиция во главе с Пси, один из близких друзей Абдул Кадира, была везде, но она была таккоррумпирована, что никак не могла предотвратить растушую волну преступлений и обеспечить безопасность граждан и их личного имущества.

В нарушении безопасности внес свой вклад и один из видных политических деятелей того времени Маджид Калакани, который придерживался левых взглядов. После ареста лидеров маоистской организации «Шола-йе джавид» Рахима Махмуди, Османа Ланди и других М. Калакани примыкал к маоистам. Он намеревался вооруженным путем свергнуть республиканский режим М. Дауда. Для этой цели сформировал вооруженный отряд в селение Кухдоман, и небезуспешно нападал на военные посты в различных районах.

Среди народа Калакани и его сторонники были известны как «саман», от названия их организации СОМО («Созмане азодибахш-е мардоме Афгонистон»).

В августе 1977 г. возле своего дома в Кабульском микрорайоне был убит пилот афганской авиакомпании И. Гарон. Еще не была найдена убийца И. Тарана, как в ноябре того же дома произошло еще одно убийство[8, 85].

Али Ахмад Хуррам, который в своем рабочем кабинете в Министерстве планирования беседовал с делегацией из Японии, был насильно выведен неизвестными на улицу и расстрелян возле здания Министерства на виду у всех. Личность убийцы и мотив убийства так и не были определены. Тогда же неизвестными был убить возле своего дома директор цементного завода Джабал-ус-Сироджа Шер Ого Мухандис, близкий друг М. Дауда.

Вот в такой ситуации серьезно осложнились отношения М. Дауда с Москвой. Вот что пишет автор книги «Дауд под лапой КГБ»[1] А. Хорун. «Дауд на пути следования из Югославии на родину остановился в Москве и встретился с Л. И. Брежневым - Генеральным секретарем ЦК КПСС. Во время беседы Л. И. Брежнев сказал ему: «Что было,если перед зарубежной поездкой информировали вашего

северного соседа?» До Дауда здесь дошло, чтоХорун А. Дауд-хан дар чангол-е КГБ. Пешавар: Майванд. 1376 (1977), какие провокации хотят русские устроить ему.

Он очень обиделся и занервничал, была задета его национальная гордость. М. Дауд в недружественном тоне ответил Брежневу, «что афганцы кого хотят, пригласят в страну, и вольны кого угодно, выдворить из страны».

Это означало, что М. Дауд в то время был озабочен присутствием военных советников СССР в Афганистане. Л. И. Брежнев старался придать словам шуточный характер. Он несколько раз, обращаясь к Дауду, сказал: «Президент», «президент», но Дауд не мог успокоиться и встал с места. Он распорядился готовить ею самолет к вылету и взял курс на Кабул. По прибытию в Афганистан решил срочно встретиться с Президентом Египта А. Садатом.

Два раза отправил заместителя министра иностранных дел Вахидуллу в Каир, но оба раза А. Садат из-за своей занятости не даль согласие на визит Дауда в Египет. Тем не менее, он поспешил к А.Садату. Затем в том же году посетил Кувейт и Саудовскую Аравию, Эти страны обещали ему экономическую помощь. От всех этих визитах ивстречах супруга Мухаммад-хан Джалапар сообщала русским[9, 132].

Дауд-хан выразил свое несогласие решению о созыве заседания Движения за неприсоединение в Гаване под председательством Ф. Кастро, отверг также инициативу Советского Союза о создании системы безопасности в Азии, которая предусматривала недопущение влияний США в регионе. Позже Н. М. Тараки в ходе своего официального визита в Москву в 1979 г. подписать этот документ.

Русские, конечно, не хотели потерять Афганистан. Они твердо решили помочь Дауда, но для Дауда было уже поздно.

Афганцы, меньше вовлеченные в политику рассказывают, что после этого началась борьба против Дауда. В некоторых провинциях по инициативе губернаторов были повешены портреты М. Дауда. Так, вот в последнее время (Сиясат ва аснад-с низаме. № 45.-С. 13-14,Хорум А. Дауд-хан дар чангол-е КГ Б. —С. 128-12) лицо Дауда на этих портретах постоянно раскрашивалось, или краской, или глиной. Ответработники провинциальных администраций все чистили, но на следующий день это вновь повторялась.Распространялись антидаудовские листовки, велась открытая антиправительственная пропаганда[10, 86].

М. Дауд-хан на пути возвращения из Ливии и Саудовской Аравии остановился в Кандагаре, чтобы встретится с народом. Ему организовали ужинна территории Кандагарского военного корпуса. Во время ужина отключилась электричества, городок погрузилась во мраке.

Все были перепуганы, в темноте могло произойти все, что угодно. В этих условиях Дауд-хан прервал программу и той же ночью вылетел в Кабул.

Весной 1977 г. президент поехал в Нангархар, а оттуда в Метерлам, административный центр провинции Лагман. Он хотел выступить перед жителями Матерлама, но из-за возможной провокации противников режима и отсутствия порядка в городке ему пришлось отказаться от этой мысли[11, 67].

Однако 27 апреля 1978 года он был свергнут в результате военного переворота, организованного рядом леворадикальных бывших сторонников Мухаммеда Дауда, обеспечивших его приход к власти в 1973 году. Активную роль в перевороте играли деятели НДПА. По официальной версии, распространённой противниками Дауда, ранним утром 28 апреля в президентский дворец прибыли представители восставших, которые потребовали от него сдаться. Дауд ответил отказом и начал стрелять в парламентёров, открывших ответный огонь[12, 234].

В результате погибли сам Дауд и 18 членов его семьи, включая пятерых детей и его брата Мухаммеда Наима (по другим данным, погибли около 30 членов семьи Дауда). Подобный итог трудно «списать» на результаты перестрелки –более вероятно, что речь шла о физическом уничтожении правящей элиты. Тем более, что как во время «перестрелки», так и в последующие дни были убиты многие сторонники президента, в том числе видные члены правительства и военачальники.

ЛИТЕРАТУРА

1.Хорун А. Дауд-хан дар чангол-е КГБ. Пешавар: Майванд. 1376 (1977).
2.Азими Н. Урлу ва сиёсат дар се дахаи ахир.-С. 101.
3.Арии Дж. Афғонистон гузаргоҳи кишваркушоянд.-С. 74.
4.Хорун А. Дауд-хан дар чангол-е КГБ.Пешавар: Майванд. 1376 (1977).
5.Акимбеков С. М. Афганский узел и проблемы безопасности Центральной Азии. –Алматы, 2003. –402 с.

6.Баутин А. А. Процессы политической фрагментации в Афганистане: проблемы и противоречия: Автореф. канд. полит. наук. –Воронеж, 2010. –24 с.
7.Ежов Г. П. Сардар Мохаммад Дауд, государственный деятель и человек // Уральский вестник международных исследований, 2013. –Вып. 6. –С. 162-175.
8.Коргун В. Г. История Афганистана. XX век. –М.: ИВ РАН, 2004. –508 с.
9.Пойя С. Основные аспекты новой экономической политики премьер-министра Афганистана Мухаммад Дауд-хана 1953 – 1963 гг.. // Политика и Общество, 2012. –№ 1. –С. 16-26.
10. Слинкин М. Ф. Либеральная и левоэкстремистская оппозиция в Афганистане в 60-х – начале 70-х гг. // Культура народов Причерноморья, 2001. –№22. –С. 125-132.
11. Топорков В. М. Советско-афганские отношения в системе международных связей СССР до Апрельской революции (1978 г.) в Афганистане // Вестник Пермского университета. История, 2012. –Вып. 1 (18). –С. 221-227.
12. Шахаб Абдул Габи. Антимонархический переворот в Афганистане и политика режима Дауда. Автореф…канд. ист. наук. –Москва, 1994. –21с.
13. Мир Гулам Мухаммад Губар.Афганистан на пути истории-Москва 1978гг.—58 с

АФГАНСКАЯ АРМИЯ В ПЕРИОД ПРАВЛЕНИЯ МУХАММАД ДАУДА-ХАНА И ЕГО ВЛИЯНИЕ НА ПОЛИТИЧЕСКОЙ СИТУАЦИИ СТРАНЫ 1973-1978 гг.

Статья посвящена роли Афганской армии в период правления Мухаммад Дауда-хана и его влияния на политическую ситуацию страны 1973-1978 гг. В данной статье мы проанализировали *реформы и* ***роль Армии,*** подготовленные режимом Дауда и попытались выявить их последствия.

История Афганистана характеризуется тем, что она всё время «прерывается»: каждый период развития сменяется периодами деградации всех сторон общественной жизни. При этом все эти события происходят на фоне межэтнических и межконфессиональных конфликтов.

Так, если мы проанализируем политические события второй половины XX века, то увидим, что Мухаммад Дауд приходит к власти после свержения отживший себя монархической династии дуррани.

Ключевые слова: *Афганистан, Дауд, армия, преобразование, режим, фракции.*

THE AFGHAN ARMY DURING THE REIGN OF MUHAMMAD DAUD KHAN AND HIS INFLUENCE ON THE POLITICAL SITUATION OF THE COUNTRY 1973-1978

The article is devoted to the role of the Afghan army during the reign of Muhammad Daud Khan and his influence on the political situation of the country 1973-1978. In this article we will analyze the reforms and the role of the Army prepared by the regime of Daud and try to identify their consequences.

The history of Afghanistan is characterized by the fact that it is "interrupted" all the time: each period of development is replaced by periods of degradation of all aspects of social life. Moreover, all these events occur against the background of inter-ethnic and interfaith conflicts.

So, if we analyze the political events of the second half of the 20th century, we will see that Muhammad Daud comes to power after the overthrow of the outdated monarchist durrani dynasty.

Keywords*: Afghanistan, Daud, army, transformation, regime, factions.*

Сведения об авторе:

Давраи рушду инкишофи ҳизб, ки аз солҳои 2000-ум оғоз гардидааст, ин давра барои фаъолияти Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон давраи нави созандагию бунёдкорӣ ба ҳисоб мерафт. Марҳилаи созандагию бунёдкорӣ ном гирифтани ин марҳила аз он шаҳодат медод, ки дар мамлакат барои рушди иқтисод ва пешрафти ҷомеа шароити мусоид ба вуҷуд омад. Аз буҳрони амиқи иқтисодӣ баромадани кишвар афзоиши маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ низ аз ҳамин давра ба мушоҳида мерасид. Сатҳи шуури сиёсии мардум низ то дараҷае баланд гардида, иштироки қишрҳои мухталифи ҷомеа дар корҳои идорӣ ва баррасии мушкилоту проблемаҳои одамон вусъати тоза пайдо намуд. Махсусан гаравиши мардум ба ҳизбу ҳаракатҳо зиёд гардид.

Дар ин давраи рушд ҳар як ҳизб кӯшиш мекард, ки мардумро ба ҳадафу мақсадҳо ва фазои идеологии худ фаро гирад. Аммо дар ин миён ҲХДТ маҳбубияти бештареро касб намуда буд, ки сабаби асосӣ ҳам эътимоду боварии мардум ба ғояҳои созандаи ин ниҳоди сиёии ҷомеа маҳсуб меёфт. Дар он давраи гузариш вобаста ба талаботи мардум ҲХДТ шиори худро таҳти унвони “Мақсаду маромии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон бунёди ҷомеаи адолатпарвар аст” интихоб намуда, мардумро ҷалб намуд. [10., с.94]

Аз таърихи халқи тоҷик ба мо маълум аст, ки чеҳраҳои намоён ба монанди Нӯшервон, Исмоили Сомонӣ, Низомулмулк барин сиёсатмадорони мо барои татбиқи ҷомеаи адолатпарвар хидматҳои шоиста кардаанд, аммо дар ҷомеаи мо татбиқ нашуд, ҳамчун орзӯ боқӣ монд. Аз ин рӯ, давлати сиоҳибистиқлои Тоҷикистон онро нияти ниҳоии худ эълон кард. [4., с.73]

Яке аз масъалаҳое, ки ҳамчун масъалаи муҳим арзёбӣ мегардад, ин гирифтани пеши роҳи ҷиноятқорӣ мебошад. Кишваре, ки мусибати ҷанги шаҳрвандиро аз сар гузаронидааст, дар қатори дигар бадбахтиҳо, ҷиноятқорӣ низ меафзояд. Дар натиҷаи тадбирҳои пайваста ва мураттаби Ҳукумат сол ба сол ҷиноятқории вазнин дар Тоҷикистон кам мешавад, ки дар ин самт нақши Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон низ назаррас аст. Ташкилотҳои ҳизбӣ ба ин масъала ҳамеша эътибори ҷиддӣ медиҳанд. [9, с.147]

Дар барномаи ҲХДТ омадааст, ки таъмини амнияти озуқаворӣ ва истиқлолияти энергетикӣ, аз бунбасти коммуникатсионӣ баровардани мамлакат, таҳия ва татбиқ намудани барномаи паст кардани сатҳи камбизоатӣ, таъмини афзоиши мунтазам ва устувори маҷмуи маҳсулоти дохилӣ ва афзоиши иқтидори содиротии мамлакат, такмили низоми андозбандӣ ва муҳимтар аз ҳама, густариши ҳамаҷонибаи ислоҳоти иқтисодӣ, тезонидани дигаргунсозиҳои сохторӣ дар низоми идоракунии давлатӣ ва рушди соҳибкории хурду миёна ҳамчун омили муҳимтарини пешрафти иқтисодӣ самтҳои асосии стратегияи иқтисодиву иҷтимоии ҳизб дар ояндаи наздик мебошанд.

Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар оянда низ ҳифзи ваҳдати миллӣ, суботи сиёсӣ, густариш ва инкишофи равандҳои демократӣ, мустаҳкам ва инкишоф додани муносибатҳои нави иқтисодиро аз вазифаҳои муҳимтарини худ мешуморад, зеро низоми мустаҳками давлатӣ ва суботи сиёсӣ танҳо тавассути ҳамкории судманди ҷомеаи шаҳрвандӣ ва давлати демократӣ ба даст меояд. Ин ҳизб саъю кӯшиши худро барои фароҳам овардани заминаи қонунии навсозии минбаъдаи иқтисодиёти Тоҷикистон, ки дар шароити ҷаҳонишавӣ ба рушди устувору самарабахш қодир бошад, равона хоҳад кард. [8, с.122]

Чи тавре ки аз барномаи ҳизб бар меояд ҳизби Халқӣ – Демократии Тоҷикистон дастовардҳои афкори пешқадами ҷамъиятро эҷодкорона татбиқ намуда, манфиатҳои мардумро сарфи назар аз вазъи иҷтимоӣ, мансубияти миллӣ, мавқеи ҷамъиятӣ ва муносибат бо дину мазҳаб ҳимоя намуда, суннатҳои беҳтарини миллӣ, таърхӣ ва фарҳангиро дастгирӣ ва инкишоф дода, ҳар гуна зуҳуроти маҳалгароӣ, миллатчигӣ, таасуби диннӣ, терроризм ва ифротгароиро қатъиян маҳкум намуда, худшиносӣ ва ватанпарастиро асоси фаъолияташ мешуморад.

Мақсади асосии ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон бунёди давлати демократӣ, дунявӣ, ҳуқуқбунёд ва ягона, таҳвияти ҳиси ватандӯстӣ ва худшиносии миллӣ, таъмини ризоияти ҷомеа бо роҳи ҷалби фаъолонаи мардум ба ҳалли маоили сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ мебошад. Яке аз ҳадафҳои аосии ҳизб таъмини рушди устувори иқтисодиёт ва мустаҳкам намудани пояҳои давлатӣ, ки дар он новобаста ба фарқияти миллӣ, нажодӣ, ҷинсӣ, забонӣ, динӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ бо эҳтироми ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон, иштироки онҳо дар идоракунии давлат ва ҷомеа кафолат дода мешавад. [2., с.38]

Ҳамин тариқ Ҳизби Халқӣ – Демократии Тоҷикистон ба раванди эҷодкоронаи сиёсӣ, иқтисодӣ ва маънавии мардуми Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид гардида, тарафдории худро аз ҳадафҳои умумимиллӣ, бунёд кардани давлати демократӣ, дунявӣ, ҳуқуқбунёд, ягона ва ҷомеаи шаҳрвандӣ изҳор дошта, дар фаъолияти рӯзмарраи хеш Конституцсия ва дигар қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон риоя мекунад.

Тоҷикистон, тибқи арзиши дигари конституцсионӣ, сохтмони давлати иҷтимоиро аз ҳадафҳои асосии худ медонад. Бадеҳист, ки тартиботи демократии созмондиҳандаи давлати иҷтимоӣ бе татбиқи волоияти қонун дар тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа имконнопазир мебошад. Бинобар ин ҳар он давлате, ки даъвои демократӣ будан, иҷтимоӣ буданро мекунад, лозим аст, то ки заминаҳои ҳуқуқии онро бар пояи волоияти қонун бисозад. Дар асоси ҳамин замина Раиси ҳизб Э. Раҳмон дар суханронихояшон дар Анҷумани ҳизбӣ ба ин масъала диққати махсус зоҳир мекунад. Масалан, вақте сухан дар бораи ҳадафҳои барномавии ҳизб меравад, таъкид карда мешавад, ки «Ҳизби мо ба сифати нерӯи муқтадири сиёсии кишвар барои воқеан амалӣ гардидани озодиҳои сиёсиву иқтисодӣ, аз қабили гуногунандешӣ, бисёрҳизбӣ, озодии сухан, матбуот ва эътиқод, интихоботи шаффофу демократӣ, волоияти қонун, иқтисодиёти гуногуншакл, рақобати озоди иқтисодӣ, рушди соҳибкории хурду миёна, ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ … талош меварзад». [6., с.89]

Самтҳое, ки дар иқтибоси мазкур овардем, ба арзишҳои тартиботи демократӣ ишора мекунанд ва тамоми соҳаҳои ҳаёти иқтисодиву иҷтимоийи ҷомеаро дар бар мегиранд. Бо муваффақона дар ҳаёт татбиқ гардидани онҳо танҳо дар заминаи таъмин кардани волоияти қонун имконпазир шуданаш мумкин аст.

Маълум аст, ки интихобот яке аз муҳимтарин воситаи иштироки шаҳрвандон дар фаъолияти сиёсии ҷомеа ба шумор меравад ва ин ҳодисаи сиёсӣ ҳатман бояд дар асоси риояи волоияти қонун, шаффоф, бо вуҷуд доштани имконияти озодона интихоб кардани вакилони бомаърифат ва босалоҳият, ки хидмати беғаразона ба интихобкунандагон ҳадафи асосиашон бошад, гузаронида шавад. Вакилони интихобгардида бояд маърифат ва салоҳияти қабули қонунҳои ҷавобгӯйи рушди устувори ҳаёти сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоиву фарҳангӣ дошта бошанд. Қонунҳо бояд дар асоси меъёрҳои татбиққунандаи ҳадафҳои бунёди давлати ҳақиқатан демократӣ қабул карда шаванд ва ба талаботи меъёрҳои ҷаҳони мутамаддин мувофиқат намоянд. Ҳамин ҷиҳати бисёр муҳими масъаларо ба эътибор гирифта, Раиси ҳизб дар суханрониашон дар Анҷумани XII-и ҲХДТ қайд кардаанд, ки «Интихобот дар сурате ба меъёрҳои ҷаҳони мутамаддин мувофиқат мекунад, ки фаъолияти ҳамаи ширкаткунандагони он дар доираи қонун, ошкору шаффоф ва демократӣ сурат гирад». [9, с.153]

Ҳизби сиёсӣ иттиҳоди гуруҳи муайяни шаҳрвандон буда, бо мақсади амлӣ сохтани ҳадафу манфиатҳои гурӯҳ ё аксарияти ҷомеа ташкил карда мешавад. Ҳизб дар дохили ҷомеа ташаккул меёбад, аз ин рӯ бо тамоми риштаҳо ба ҳаёти ҷамъиятӣ пайвастагии ногусастанӣ дорад. Мақсади ниҳоии ҳизб аз тариқи муборизаҳои осоишта ба даст овардани ҳокимияти сиёсӣ мебошад. Бинобар ин, фаъолияти он ба кулли соҳаҳои иҷтимоӣ вобастагӣ дорад. Андеша, ҷаҳонбинӣ, анъана ва дигар паҳлӯҳои ҳаёти маънавӣ сарчашмаҳоеянд, ки дар маҷмӯъ фарҳангро ташкил медиҳанд ва ҳизби сиёсӣ дар фаъолияти худ истифода мебарад, ҳамчунин барномарезӣ ва нақшабандии ҷанбаҳои фаъолияти ҳизб ба ин омилҳо робитаи бевосита дорад. Ҳизби сиёсӣ дар

раванди ташаккулёбӣ ва ҷараёни инкишоф барои ноил гардидан ба ҳадаф, кӯшиш мекунад, ки электорати худро ҳам аз ҷиҳати миқдор ва ҳам аз ҷиҳати сифат беҳтар гардонад. Вазифаҳои асосиеро, ки ба дӯши ҳизби сиёсӣ гузошта шудаанд, танҳо дар сурати истифодаи самаранок аз принсипу усулҳои фарҳанги сиёсӣ метавон ба иҷро расонд. Аз ин ҷо бар меояд, ки ҳизби сиёсӣ, ҳамчун субъекти муҳим ва фаъоли низоми сиёсии ҷомеа, моҳиятан дар раванди фаъолияти худ аз сарчашмаи фарҳанги ҷомеа об мехурад. Вобаста ба ин, ба фаъолияти Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон назар кунем, дарк хоҳем кард, ки ин ҳизб бо фарҳанги миллӣ пайвастагӣ дорад ва баҳри ташаккули фарҳанг кӯшишҳои зиёде ба харҷ дода аст.

АДАБИЁТ

1. Барномаи пешазинтихоботии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон (Муҳимтарин самтҳои рушди мамлакат дар солҳои 2015-2020). Душанбе-2014. 32с. ;
2. Ваҳдат. Давлат. Президент. Ҷашнномаи Имоми Аъзам, назария ва амалияи ваҳдати миллӣ. Ҷ. IX. - Душанбе, 2009;
3. Дар бораи ҳизбҳои сиёсӣ: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон, 13 ноябри соли 1998// Ҳизбҳои сиёсии Тоҷикистон. Маълумотнома. Душанбе-2002. - С. 3-12;
4. Муҳаббатов А. Ҳизбҳои сиёсӣ: воқеият ва дурнамо (таҳлили сиёсию иҷтимоӣ). Душанбе: Истеъдод- 2011, 2014. 144с. ;
5. Маҷлиси васеи Раёсати кумитаи иҷроияи марказии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон. Зери назари Муовини якуми Раиси ҲХДТ С. Сафаров. Душанбе- 23 ноябри соли 2011. 75с. ;
6. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҳизбҳои сиёсӣ. (Мураттиб, Раҳматилло Зойиров). Душанбе-2004. 80с. ;
7. Паёми Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе: Шарқи озод, 20 январи 2016. 39с. ;
8. Ҳотамов Н., Довуди Д., Муллоҷонов С., Исоматов М. Таърихи халқи тоҷик. -Душанбе- 2011. 582 с. ;
9. Эмомалӣ Раҳмон. Бист қадами созанда. Аз таърихи таъсиси Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон. (Ба истиқболи 20- солагии таъсиси Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон). Душанбе: Эр-граф- 2014. - 312с;
10. Эмомалӣ Раҳмон-Пешвои миллат. Силсилаи мақолаҳои олимон, сиёсатмадорон ва адибони тоҷик дар бораи Асосгузори Сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон. –Душанбе, 2016. С 381

ДЕЯТЕЛЬНОСТЬ НАРОДНО-ДЕМОКРАТИЧЕСКОЙ ПАРТИИ ТАДЖИКИСТАНА В РАЗВИТИИ ПОЛИТИЧЕСКОЙ, ЭКОНОМИЧЕСКОЙ И СОЦИАЛЬНОЙ ЖИЗНИ СТРАНЫ

В статье показано политическое, экономическое и социальное положение страны в послевоенные годы и вклад Демократической партии Таджикистана в развитие социально-экономической жизни страны. В этой статье отражена роль Народно-демократической партии Таджикистана в развитии страны и уровне политического сознания народа. На основе использованной литературы отмечается вклад Народно-демократической партии Таджикистана в развитие политической, экономической, социальной и культурной жизни страны.

Ключевые слова: *политическая партия, политическая ситуация, выборы, общественные объединения, политическое сознание, демократия, национальные ценности, коммуникационная изоляция, энергетическая независимость.*

PEOPLE'S DEMOCRATIC PARTY OF TAJIKISTAN ACTIVITY IN THE DEVELOPMENT OF POLITICAL, ECONOMIC AND SOCIAL LIFE OF THE COUNTRY

The article shows the political, economic and social situation of the country in the postwar years and the contribution of the Democratic Party of Tajikistan to the development of the socio-economic life of the country.

The role of the People's Democratic Party of Tajikistan in the country's development and the level of political consciousness of the people has been reflected in this article.

On the basis of used literature noted the contribution of the People's Democratic Party of Tajikistan to the development of the political, economic, social and cultural life of the country.

Keywords: *political party, political situation, elections, public associations, political consciousness, democracy, national values, communication isolation, energy independence.*

Сведение об авторе:

Курбонова Ширин *– кандидат истарических наук, докторант отдель последняя история Институт истории, археологии и этнологии им. А. Дониш АН РТ*

About the autors:

Qurbonova Shirin *– candidat historical sciences doctorof the Department of latest story Institute history architectural and ethnological name A.Donish AS RT*

УДК 947.08408(092)

ИНЪИКОСИ КОРНАМОИҲОИ ҶАНГИИ ҲОДӢ КЕНҶАЕВ ДАР СОЛҲОИ ҶАНГИ БУЗУРГИ ВАТАНӢ ДАР АСАРҲОИ ОЛИМОНИ ТОҶИК

Қараев Ф.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Таърих гувоҳ аст, ки ғалабаи қушунҳои давлатии Иттиҳоди Шӯравӣ бар душманони инсоният Германияи фашистӣ ва ҳаммаслакони он дар ҳарбу зарбҳои Камонаки Курск ва Орёл дар рафти амалиётҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ тағйироти куллиро ба миён овард. Аз тарафи дигар ин ғалабаи оламшумул бори дигар дӯстии халқҳои сермиллати давлати Иттиҳоди Шӯравиро ба ҳам наздик сохт. Сарфармондеҳони Германияи фашистӣ ва ҳаммаслакони онҳо пас аз шармандавор шикаст хӯрдани худ дар амалиётҳои ҷангии Сталинград тамоми захираҳои ҳарбии худро ба Курск равона сохта умед доштанд, ки дар ин амалиётҳо ғолибият ба даст меорад. Муҳорибаи Камонаки Курск 50 шабонарӯз, аз 4 июл то 23 августи соли 1943 идома ёфтааст. Дар рафти амалиётҳои ҷангии ин муҳориба давлати Иттиҳоди Шӯравӣ нақшаҳои нопоки Грманияи фашисти ва ҳаммаслакони онро, ки рафти амалиёҳои ҷангиро ба фоидаи худ тағйир додани буданд, барбод дод.

Роҳбарияти давлати Иттиҳоди Шӯравӣ аз тамоми имкониятҳои ҳарбии дар ихтиёрдоштаи худ истифода намуда дар амалиётҳои ҷангии муҳорибаи Камонаки Курск душманони инсониятро шикаст доданд, ки дар ин ғалабаи оламшумуле саҳми фарзандони халқи тоҷик кам нест. Яке аз қаҳрамонҳои ҳарбу зарбҳои Камонаки Курск омӯзгори деҳаи Хистеварзи Хуҷандшаҳри бостони қаҳрамони Иттиҳоди Шӯравӣ Ҳоди Кенҷаев мебошад.

Ҳодӣ Исобоевич Кенҷаев аз зумраи он омӯзгорони шуҷоест, ки дар амалиётҳои ҷангии ин солҳои пӯрошуб ба гирифтани унвони Олии Ватан Қаҳрамони Иттиҳоди Шӯравӣ мушарраф гардидааст.

Ҳодӣ Кенҷаев 6 ноябри соли 1914 дар деҳаи овозадори Хистеварз дар оилаи деҳқон чашм ба олами ҳасти кушодааст. Ҳодӣ Кенҷаев пас аз хатми мактаби 7 сола ба Омӯзишгоҳи шаҳри Тошканд дохил гардида соли 1932 онро бомуваффақият ба итмом расонидааст ва барои мукаммал гардонидани савияи дониши худ Ҳодӣ Кенҷаев ба Дорулмуаллимини шаҳри Тошканд дохил шуда ин боргоҳи илму ирфонро соли 1937 бо муваффақият хатм намудааст. Минтақаи ҷанубии Тоҷикистон, ки аз кадрҳои соҳаи маориф танқисӣ мекашиданд аз ин рӯ Ҳодӣ Кенҷаев пас аз хатми Дорулмуаллимин бо роҳхат барои кору фаъолият ба вилояти Қурғонтеппа фиристонида мешавад.

Солҳои 1937 – 1938 Ҳодӣ Кенҷаев ба ҳайси мудири қисми таълимии омӯзишгоҳи шаҳри Қурғонтеппа кору фаъолият намудааст. Тирамоҳи соли 1938 ба сафи қувваҳои мусаллаҳ даъват мешавад. Хизмати ҳарбӣ ба итмом нарасида буд, ки душманони давлати Иттиҳоди Шӯравӣ он шартномаи сулҳи соли 1939 ба имзо расонидаашро бекор намуда бо урдуи сарупо мусаллаҳгардидаи худ ба ҳудудҳои давлати Иттиҳоди Шӯравӣ лашкар кашидаанд. Ҳамин тариқ Ҷанги Бузурги Ватанӣ, ҷанги нангу номус, ҷанги ҳимояи буму марз аз душманони давлати хеш оғоз гардид.

Ҳодӣ Кенҷаев аз рӯзҳои аввали оғоз гардидани ин воқеаи ҳузнангез то ба анҷом расидани он дар набардҳои ин солҳои пурошуб бар зидди душмани ғаддор ҷангида ва аз худ корнамоиҳои зиёди ҷанги нишон додааст. Ҳодӣ Кенҷаев дар рафти амалиётҳои ҷангии Камонаки Курск ба гирифтани унвони баланди Ватан Қаҳрамони Иттиҳоди Шӯравӣ сарфароз гардидааст. Муҳорибаи Камонаки Курскро муҳорибаи сахти танкӣ меноманд. Муҳаққиқи варзидаи тоҷик профессор Усмонҷон Ғаффоров соли 2014 бахшида ба ҷашни 70-солагии ғалабаи давлати Иттиҳоди Шӯравӣ дар солҳои Ҷанги Бузрги Ватанӣ китоби навбатии худро бо номи “Ҳодӣ Кенҷаев”[1] дар нашриёти “Ношир” дар ҳаҷми 335 саҳифа аз нашр бароварда пешкаши хонандагон гардонид, ки он аз 15 қисм иборат мебошад. Ҳар як қисми китоби мазкур давраи фаъолияти солҳои хунини қаҳрамонро дар бар мегирад.

Муаллифи китоби мазкур аз боби корнамоиҳои ҷангии қаҳрамони худ сухан ронда қайд мекунад, ки дар таърихи солномаи Ҷанги Бузурги Ватанӣ муҳорибаи Камонаки Курск, ки онро муҳорибаи танкӣ низ меноманд бо ҳарфҳои заррин навишта шудаанд. Муҳорибаи Камонаки Курск яке аз муҳорибаҳои асосии халқҳои сермиллати давлати Иттиҳоди Шӯравӣ дар роҳи ғалаба ба даст овардан аз болои душманон ба ҳисоб меравад. Муаллиф аз боби корнамоиҳои ҷангии қаҳрамони худ сухан ронда қайд мекунад, ки ҳайати ҷанговарони қисми низомии Ҳодӣ Кенҷаев дар рафти ин амалиётҳо беш 30 дивизияи душман ва зиёда аз 500 ҳазор аскару афсар, 1500 танк, 3700 самолётҳоро несту нобуд кардааст. Дар воқеъ муҳорибаи Камонаки Курск бори дигар тавоноӣ ва шикастнопазирии қушунҳои Давлати Иттиҳоди Шӯравиро дар ҳарбу зарбҳои Камонаки Курск исбот намуд.

Яке аз афсарони пуртаҷрибае, ки аз аскари қаторӣ то ба унвони баланди ҳарбӣ Маршали Иттиҳоди Шӯравӣ расидааст Казаков В. И. мебошад, ки дар солҳои мудҳиши ҷанг сарфармондеҳи қушунҳои хушкигарди фронти якуми Белоруссияро бар ухда дошт пас аз анҷоми ёфтани ҷанг хотироти худро ба ҳайси китоб бо номи “Артирел огны”[2], ки соли 1956 ба табъ расидааст, дар хусуси корнамоиҳои ҷангии Ҳодӣ Кенҷаев чун тупчии нотарс менависад, “Шаби 5 июли соли 1943 сержанти калон Ҳодӣ

Кенҷаев фармон гирифт, ки мавқеи оташфишонии худро иваз намуда, ба аскарони душман, ки хати мудофиаи аскарони моро рахна карданӣ буданд бо зарбаҳои тупи худ имконият надиҳад. Ӯ бо истифода аз имконият чандин аскарони душманонро нобуд сохт.

Корнамоиҳои ҷангии ин аскари шуҷоъ аз мадди назари командирони қисми низомиаш дур намондааст. 10 июни соли 1943 корнамоиҳои ҷангии Ҳодӣ Кенҷаевро ба назар гирифта, командири қисми низомии ӯ полковник П. Шимилёв ӯро бо унвони Олии Ватан, Қаҳрамони Иттиҳоди Шӯравӣ пешниҳод намудааст. Дар воқеъ, Ҳодӣ Кенҷаев аз зумраи аввалин омӯзгор ва нахустин фарзанди халқи тоҷик аст, ки дар рафти амалиётҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ солҳои 1941 -1945 ба ин унвони Олии Ватан, Қаҳрамони Иттиҳоди Шӯравӣ мушарраф гардидааст. Қаҳрамони Иттиҳоди Шӯравӣ Ҳодӣ Кенҷаев дар ҳайати ҷузъу томҳои қисми низомии артилерии №14 қарзи ватандории худро иҷро кардааст. Аҳли адаби кишвар аз корнамоиҳои ҷангии фарзанди диёри хеш ба ваҷҳ омада, дар васфи он шеъру достонҳои зиёде эҷод намудаанд.

Шоири номвари халқи тоҷик, Мирзо Турсунзода ханӯз соли 1943 аз корнамоиҳои Ҳодӣ Кенҷаев ба ваҷҳ омада, достони “Паҳлавони интиқомгир” – ро иншо намуда буд;

Баҳроми фарзанди мо, бишнав саломи халқро,
Гарму ҷушон ҳам салому ҳам паёми халқро,
Халқ гуфт, ки раву душман намо зеру забар,
Бар замин ҳаргиз намондӣ ту каломи халқро.... [3]

Дар рафти ин амалиётҳои ҷангӣ Ҳодӣ Кенҷаев 2 танк, як машинаи зиреҳпӯшро бо тупи худ зада аз кор баровард.

Аз боби корнамоиҳои ҷангии Ҳодӣ Кенҷаев шоири маҳбуби халқи тоҷик Муҳиддин Аминзода низ 10 ноябри соли 1943 дар газетаи “Тоҷикистони Сурх” дар васфи Қаҳрамони Иттиҳоди Шӯравӣ Ҳодӣ Кенҷаев шеъре бо номи “Васфи қаҳрамон”[4] ба табъ расонидааст.

То зи мардонагии нав зафари тоза расид,
Дар ин мужда, ба ман шодию илҳоми наве,
Табъи бандаи ман боз дучандон болид,.
Зи раҳам хонаи ман номи накӯи наве...

Ба унвони баландтарини Ватан сазовор гардидани фарзанди содиқи Ватан Ҳодӣ Кенҷаев дар солҳои мудҳиши ҷанг, тамоми аҳли қалами кишварро ба ваҷҳ оварда буд. Вақте ки Ҳодӣ Кенҷаев, соли 1943 сазовори ин унвони Олии Ватан “Қаҳрамони Иттиҳоди Шӯравӣ” гардид, аҳли қалами кишвар дар васфи ин фарзанди шуҷоъ шеъру достонҳои зиёде офаридаанд.

Шоираи маҳбуби тоҷик Розияи Озод, 17 ноябри соли 1943 аз корнамоиҳои ҷангии ҳамдеҳаи худ огоҳ шуда, дар васфи ӯ шеъреро дар газетаи “Тоҷикистони Сурх” бо номи “Ба Ҳодӣ Кенҷаев” аз нашр бароварддааст.

Ташаккур мекунам фарзанди моён қаҳрамон гардид,
Ба майдон рафта, нури чашми соҳибнишон гардид
Бувад фарзанди нодир Ҳодӣ ба халқи хеш.
Фидокорӣ намуд, обрӯманди замон гардид....[5]

Корнамоиҳои ҷангии қаҳрамоҳни Иттиҳоди Шӯравӣ Ҳодӣ Кенҷаев дар насри тоҷик низ инъикоси худро ёфтааст. То кунун аз боби корнамоиҳои ҷангии ин фарзанди шуҷои ватан аҳли қалами кишвар зиёда аз 100 асару достонҳо эҷод кардаанд. Аз ҷумла, корнамоиҳои ҷангии Ҳодӣ Кенҷаев дар очерки Х. Обидов, ки соли 1948 бо номи “Ҷавонӣ ва қаҳрамонӣ” [6] ба табъ расонидааст, ба маврид инъикоси худро ёфтааст.

Муаллифи очерк аз боби корнамоиҳои ҷангии қаҳрамон сухан ронда, қайд менамояд, ки Ҳодӣ Кенҷаев дар тамоми рафти амалиётҳои ҷангӣ дар сафи пеши ҳарбу зарбҳо қарор дошт. Ӯ бо чолокӣ ва ҷасорати ҷангии хеш намунаи дигарон гардида буд. Ҳарчанд ки муаллиф дар очерки хеш қаҳрамони худро васф карда бошад ҳам, рафти корнамоиҳои ҷангии ӯро хуб тасвир карда натавонистааст.

Муҳаммадҷон Раҳимӣ аз зумраи он шоирони маҳбуби тоҷикест, ки дар интишор кардани асару достонҳои ҷангӣ- қаҳрамонӣ талошҳои зиёде намудааст. Аз ҷумла, ӯ соли 1968 дар маҷаллаи “Садои шарқ” шеъреро бо номи “Ба Ҳодӣ Кенҷаев” [7] ба табъ мерасонад. Шоир шуҷоат ва ҷасорати Қаҳрамони Иттиҳоди Шӯравӣ Ҳодӣ Кенҷаевро дар шеъраш чунин васф намудааст:

Паҳлавони моён оташу дуд,
Буд истода бе ҷасорату бум,
Дил зи фӯлод, ҷабҳа пок, салим..
Ту пеш истода назди ӯ шукуҳ....

Ба хусус, корнамоиҳои нахустқаҳрамони тоҷик дар ҳарбу зарбҳои Камонаки Курск аҳли қаламро ба ваҷҳ оварда буд. Мо ягон шоири маҳбуберо пайдо карда наметавонем, ки васфи қаҳрамони Иттиҳоди Шӯравӣ, Ҳодӣ Кенҷаевро дар достон ё шеъраш таҷассум накарда бошад. Шоири маҳбуби тоҷик, Боқӣ Раҳимзода низ дар васфи қаҳрамони Иттиҳоди Шӯравӣ шеъру дотонҳои зиёде навиштааст.

Ӯ як достонеро бо номи “Ба Ҳодӣ Кенҷаев” ба табъ расонидааст, ки ин достон аз дигар достонҳои офаридашуда куллан фарқ дорад. Достони “Ба васфи Ҳодӣ Кенҷаев” бахшидаи шоир аслиҳаи муҳими тарбиявӣ ва ғоявии Армияи Советӣ ва халқ гардида буд. Шоири маҳбуб дар шеъри ба Ҳодӣ Кенҷаев бахшидааш, ки бо номи “Вафо ба аҳд”[8] ба табъ расидааст, хислатҳои ҷасурӣ ва шуҷоатмандии қаҳрамони худро ба таври зер инъикос намудааст:

Расид мужда ба мо, Ҳодии ҳидояткор,
Ки дар набарди калон , зидди душманони ғаддор,
Намуда анъанаи пеш кардаст такрор
Бисӯхт з – оташи тӯлонӣ фашистҳо бисёр.
Шудӣ ту, лоиқи номи бузург, сад аҳсант,
Муборак шавад, ин ном, қаҳрамони Ватан

Ҳодӣ Кенҷаев бо шуҷоату ҷасорати мардонагиаш тавонистааст, ки номи худ ва миллаташро дар арсаи ҷаҳонӣ боло бардорад.

Нависандаи маҳбуби халқи тоҷик Ҷалол Икромӣ аз корнамоиҳои ҷангии дӯсти аёми ҷавонии худ ба ваҷҳ омада достонеро бо номи “Достони марди танкшикан” [9] соли 1960 пешкаши хонандагон гардонидааст. Нависанда дар очерки таълифнамудаи хеш аз рафти амалиётҳоии ҷангии қаҳрамони худ бо овардани факту рақамҳои ҷолиб хонандаро аз кору пайкори Ҳодӣ Кенҷаев ошно месозад. Нависанда дар очерк рафти амалиётҳои ҷангии қаҳрамони худро хуб тасвир намудааст. Муаллифи очерк қайд мекунад, ки дар таърихи ҳар халқу миллат афродҳое пайдо мешаванд, ки онҳо бо кору пайкорашон наслҳои ояндаи ҷомеаро ба дӯст доштани халқу ватан ошно месозад.

Ҳодӣ Кенҷаев аз зумраи он фарзанди шуҷои миллат аст, ки наслҳои ояндаи ҷомеа аз ӯ ифтихор кардааанду, дар ҳаққаш шоиру нависандагони зиёд асару достонҳои зиёде эҷод менамоянд.

Таҳқиқи мавзӯи “Ҷанги Бузурги Ватанӣ” ҳанӯз аз моҳу соли аввали оғоз гардидани ин воқеаи ҳузнангез мавриди омӯзиш ва таҳқиқи аҳли қалами кишвар қарор гирифта, то кунун идома дорад. Яке аз муҳаққиқоне, ки тамоми фаъолияти илмии таърихи ҳассоси Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар ин солҳои нооромии ҷанг мавриди омӯзиши хеш қарор додааст ва якчанд асару достонҳо офаридааст, доктори илмҳои таърих Л. П. Сечкина мебошад. Ин муҳаққиқи варзида, тадқиқотҳоии илмии худро дар ин соҳа идома дода, соли 1968 китоберо бо номи “Фарзандони шарафманди Тоҷикистон”[10] дар нашриёти “Ирфон” ба табъ расонидааст, ки як қисми калонҳаҷми китоб аз фаъолияти ҷангӣ ва меҳнатии қаҳрамони Иттиҳоди Шӯравӣ, Ҳодӣ Кенҷаевро дар бар мегирад. Дар воқеъ, Ҳодӣ Кенҷаев аз зумраи он фарзандони шуҷои ватан аст, ки дар рафти амалиётҳои ҷангии ин солҳои хунин, яке аз аввалинҳо шуда, ба гирифтани унвони Олии Ватан “Қаҳрамони Иттиҳоди Шӯравӣ” мушарраф гардидааст. Бояд қайд кард, ки таҳқиқ ва омӯзиши мавзӯи “Ҷанги Бузурги Ватанӣ” бо назардошти муҳиммиятҳои худ дар тамоми солҳои пас аз ҷанг ва то кунун яке аз мавзӯъҳои муҳимтарини давру замон ба ҳисоб меравад.

Соли 2005 аҳли сайёраи олам 60 –уми солгарди пирӯзии Қувваҳои мусаллаҳи давлати Иттиҳоди Шӯравиро бо шукуҳу шаҳомати хоса ҷашн гирифтанд. Аҳли қалами кишвар низ бахшида, ба ин ҷашни фархунда як қатор асару достонҳои худро пешкаши хонандагон гардониданд, ки яке аз ҳамин гуна муаррихон, номзади илмҳои таърих Сатторов Х. мебошад. Муаррихи варзида, бахшида ба ҷашни 60 – умин солгарди пирӯзии қушунҳои давлати Иттиҳоди Шӯравӣ дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ, китоберо бо номи “Мардуми шӯравӣ наҷотбахши башарият аз хатари фашизм”[11] дар ҳаҷми 92 саҳифа пешкаши хонандагон гардонидааст.

Муаллиф аз боби корнамоиҳои ҷангии Ҳодӣ Кенҷаев дар ҳарбу зарбҳои Камонаки Курск сухан ронда, қайд менамояд, ки муҳорибаи Курск низ яке аз муҳорибаҳои калонтарин дар рафти амалиётҳои “Ҷанги Бузурги Ватанӣ” ба ҳисоб рафта, он роҳи ҳалкунандаеро дар роҳи таъмин намудани ғалаба аз болои душманони инсоният дар амалиётҳои ҷангии ин солҳои пурошӯб, бозидааст.

Таърих гувоҳ аст, ки ҳамаи ҷангҳои ба амал омада, бо мағлубияти қуввахо ҷангро оғоз карда, анҷом ёфтанду онҳо аз ҷиҳати хислату хусусияташон гуногун буда, ба аҳли ҷомеаи худ зарарҳои зиёди моддӣ ва маънавӣ расонидаанд. Омӯзиш ва таҳқиқи мавзӯи “Ҷанги Бузурги Ватанӣ” ҳанӯз аз рӯзу соли аввали оғоз гардидани ин воқеаи ҳузнангез сар шуда буд ва то кунун идома дорад. Асосгузори илми таърихи қадим ва навини тоҷик Қаҳрамони Тоҷикистон, академик Бобоҷон Ғаффуров аз боби корнамоиҳои ҳамдеҳи худ Ҳодӣ Кенҷаев, соли 1944 дар якҷоягӣ бо муаррихи варзида Н.Н.Прохоров, асари навбатии худро таҳти унвони “Халқи тоҷик дар мубориза бахри озодӣ ва истиқлолияти ватани худ”[12] бо забони русӣ аз нашр баровардаанд. Муаллифони мазкур, дар асоси маводҳои бойгонӣ, маълумотҳои матбуоти даврӣ, алалхусус, маводҳои дар газетаи фронтӣ “Фрунзегӣ” ва “За честь родины” аз боби корнамоиҳои ҷангии омӯзгори шуҷоъ Қаҳрамони Иттиҳоди Шӯравӣ Ҳодӣ Кенҷаев ба хонандаи хеш маълумотҳои ҷолиберо пешкаш менамоянд.

Муҳаққиқ, рӯзноманигорони шинохтаи тоҷик, Ҳасанбой Шарифов низ аз корнамоиҳои ҷангии ҳамдеҳааш Ҳодӣ Кенҷаев маводҳои бойгонии зиёдеро гирд оварда, очеркеро бо номи “Оинаи рӯзгори сарбозон”[13] соли 2003 ба табъ расонидааст. Муаллифи очерк аз ҳаёти даврии қаҳрамони худ сухан ронда, қайд менамояд, ки “Корнамоҳоии безаволи тупчии далер Ҳодӣ Кенҷаев, ки дар набардҳои

хунини Курску Орёл аз худ корнамоиҳои зиёди ҷангӣ нишон дода сазовори унвони Олии Қаҳрамони Иттиҳоди Шӯравӣ гардидааст, дар саҳифаҳои таърихи халқи хеш абадан боқӣ хоҳад монд.”

Ҳодӣ Кенҷаев бо кору пайкори хеш тавонист, номи худро дар саҳифаҳои таърих абадан монад. Таҳқиқ ва корнамоиҳои ҷангию меҳнатии ин фарзанди шуҷои Ватан, ҳанӯз аз рӯзҳои аввали оғоз гардидани “Ҷанги Бузурги Ватанӣ” оғоз гардида буду то кунун идома дорад. Соли 1970 муҳаққиқ ва адиби шинохтаи тоҷик, М. Бобоҷонов очерки худро таҳти унвони ”Ҳодӣ Кенҷаев”[14] дар нашриёти “Ирфон”, дар ҳаҷми 74 саҳифа ба табъ расонид. Очерки мазкур аз боби корнамоиҳои ҷангии Қаҳрамони Иттиҳоди Шӯравӣ Ҳодӣ Кенҷаев ба хонандагон маълумотҳои ҷолиберо пешкаш менамояд. Муаллифи очерк аз корнамоиҳои ҷангии қаҳрамони худ сухан ронда, қайд менамояд, ки дар рафти амалиётҳои ҷангии Камонаки Курск собиқ омӯзгори қишлоқи Хистеварзи вилояти Ленинобод аз кору пайкори худ шӯҳрати ҷаҳонгире пайдо намуд. Ҳодӣ Кенҷаев менависад муаллифи очерк, дар амалиётҳои ҷангии Камонаки Курск бо тупи хеш зиёда, аз 20 танки душманро бекор намудааст.

Соли 1975 аҳолиҳои тамоми сайёра, рӯзи ғалабаи оламшумули давлати Иттиҳоди Шӯравиро дар солҳои “Ҷанги Бузурги Ватанӣ”, бо шукуҳу шаҳомати хоса ҷашн гирифтаанд. Аҳли илму адаб низ бахшида ба ин санаи фархунда, як қатор асару достонҳо офаридаанд, ки яке аз ҳамин гуна асарҳо очерки Муродов Ҳ. бо номи “Қашамонони Қистакузӣ” [15] мебошад, ки онро соли 1975 пешкаши хонандагон гардонидааст. Муаллифи очерк ба таври мушаххас аз фаъолияти меҳнатӣ ва ҷангии Қаҳрамони Иттиҳоди Шӯравӣ Ҳодӣ Кенҷаев воқеаҳоро рӯйи қоғаз овардааст. Соли 2010, аҳли башар 65 –умин солгарди пирӯзии Қувваҳои мусаллаҳи давлати хешро дар солҳои “Ҷанги Бузурги Ватанӣ” бо шукуҳу шаҳомати зиёде ҷашн гирифтанд. Бахшида ба ин ҷашни фархунда, аҳли қалами кишвар низ, як қатор асару мақолаҳоро бахшида ба “Ҷанги Бузурги Ватанӣ” пешкаши хонандагон гардониданд. Яке аз муҳаққиқони шинохтаи тоҷик, ки дар тамоми мавзӯъҳои таърихи халқи тоҷик тадқиқотҳо гузаронидааст,профессор Н.Б.Ҳотамов мебошад, ки соли 2010 китоберо бо номи “Тоҷикистон дар солҳои Ҷанги Бузрги Ватанӣ ва аз нав барқароркунии баъди ҷангӣ” [16] (солҳои 1941 – 1945) пешкаши хонандагон гардонид. Муаллифи китоби мазкур ба таври мушаххас дар бораи фаъолияти ҷангӣ ва меҳнатии Ҳодӣ Кенҷаев маълумотҳои мушаххасро пешкаши хонандагон гардонидаанд.

Соли 2018 номзади илмҳои таърих Қараев Ф. дар асоси тадқиқотҳои ба анҷомрасонидаи худ ва маводҳои гирдовардааш библографияи “Қаҳрамони Иттиҳоди Шӯравӣ Ҳодӣ Кенҷаев”-ро[17] дар ҳаҷми 70 саҳифа пешкаши хонандагон гардонидааст. Библографияи таълифнамудаи муаллиф раҳнамои хубе шуда метавонад барои омӯзиши паҳлӯҳои гуногуни ҳаёти Қаҳрамони Иттиҳоди Шӯравӣ Ҳодӣ Кенҷаев.

Ҳар қадар, ки солҳо аз мо дур шаванд ҳам, корнамоиҳои ҷангӣ ва меҳнатии шаҳрвандони ҷумҳурӣ дар ин солҳои пурошуб боз ҳам аёнтар мегарданд. Ҳодӣ Кенҷаев аз зумраи он муборизони ватаниест, ки дар рафти амалиётҳои ҷангӣ, аз худ корнамоиҳои баланди ҷангӣ нишон додааст. Ҳодӣ Кенҷаев қаҳрамони ду ҷабҳа буд, яке ҷангӣ ва дигаре ирфонӣ. Боиси ифтихор аст, ки насли имрӯзаи ҷомеа аз кору пайкори фарзандони шуҷои миллати худ Ҳодӣ Кенҷаев ифтихор доранд.

АДАБИЁТ

1. Ғаффоров У. Ҳоди Кенҷаев//У. Ғаффоров/ Нашир-Хуҷанд; -2014; 385 с.
2. Казаков В. И. Артилерия в огне.// В И. Казаков / Москва: 1954.- 174 с.
3. Турсунзода М. //Паҳлавони интиқомгар/М. Турсунзода//Тоҷикистони Сурх.- 1943. 17 август. № 31.
4. Аминзода Муҳиддин.Васфи қаҳрамон./ М. Аминзода//Машъал.-1943 11 июн № 6.
5. Розияи Озод/ Ба Ҳодӣ Кенҷаев/Озод Р.Тоҷикистони Сурх-Сталинобод- 1943 17 ноябр. № 36.
6. Обид Ҳ. Ҷавонӣ ва қаҳрамони./ Ҳ. Обид. Тоҷикистони Сурх-1948 6 май. № 16.
7. Муҳаммадҷон Раҳимӣ. Ба Ҳоди Кенҷаев/ Раҳими М. //Садои Шарқ, 1968 11 май. № 5.
8. Боқи Раҳимзода. Вафо бар аҳд.//Раҳимзода /Садои Шарқ. 1961 4 апрел. № 13.
9. Ҷалол Икромӣ Достони марди танкшикан//Икромӣ Ҷ.//Сталинобод-1960
10. Сечкина Л. П. Фарзандони шарафмандони Тоҷикистон./Л. П. Сечкина. / Душанбе – Дониш; 1968. С110- 118.
11. Сатторов Х. Мардуми Шӯравӣ наҷотбахши аҳли башар/ Х. Сатторв./ Душанбе- Ирфон 2005. С 74 – 78.
12. Ғаффуров Б. Прохоров Н. Н. Халқи тоҷик дар муборизa бахри озодӣ ва истиқлолияти ватани худ//Б. Ғафуров, Н.Н. Прохоров//Сталинобод-1944.
13. Шарифов Ҳ. Оинаи рӯзгори сарбоз./Ҳ. Шарипов. –Хуҷанд: 2003.- С 118 – 123.
14. Бобоҷонов М.Ҳоди Кенҷаев/ М. Бобоҷон//Душанбе- Ирфон, 1970. -120 с
15. Муродов Х. Қаҳрамони Қистакузи. Х. Муродов.//Садои Шарқ,1975. №7 .
16. Ҳотамов Н. Тоҷикистон дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ ва азнавбарқароркунии баъдиҷангӣ (1941 – 1945)// Н. Ҳотамов – Душанбе; 2010, С. 11-13.
17. Қараев Ф. Ҳодӣ Кенҷаев Қаҳрамони Иттиҳоди Шӯравӣ (библография)//Ф. Қараев, Душанбе- 2018. 70 с.

ОСВЕЩЕНИЕ БОЕВЫХ ПОДВИГОВ ХОДИ КЕНДЖАЕВА В ГОДЫ ВЕЛИКОЙ ОТЧЕСТВЕННОЙ ВОЙНЫ В ТРУДАХ ТАДЖИКСКИХ УЧЕНЫХ

Кенжаев Ходи родился в 1914 году в селе Костакоз Чкаловского района Ленинабадской области.

В 1932 году после окончания педагогических курсов в Ленинабаде, Кинжаев поступает на биологический

факультет Ташкентского учительского института. Успешно завершив учебу, он получил назначение в Курган-Тюбе - преподавателем педагогического училища. В октябре 1938 года Кинжаев был призван в ряды Красной Армии. Окончив полковую школу, стал младшим командиром.

Полк, в котором служил сержант Ходи Кенжаев, находился к началу Великой Отечественной войны в районе города Львова и одним из первых принял на себя внезапный удар вероломно напавшего врага. Уже в первых боях Кенжаев показал отличную выучку и мастерство артиллериста. За мужество, проявленное при выполнении боевых заданий, он был награжден медалью "За отвагу".

Летом 1943 года фашистское командование сосредоточило свои ударные группировки на флангах Курского выступа, рассчитывая окружить и уничтожить советские войска, оборонявшие этот выступ, а затем развернуть новое наступление на Москву.

Исключительно стойко оборонялась батарея, располагавшаяся в районе села Покровка Курской области, где командиром одного из противотанковых орудий 1177-го истребительного противотанкового артиллерийского полка 14-й истребительно-противотанковой бригады Резерва Главного Командования был старший сержант Ходи Кинжаев.

Огневая позиция орудия Кинжаева находилась в открытом поле.Орудие Кинжаева подбило два танка и одну бронемашину.Вражеская атака не удалась. Противник откатился назад.

Началась беспрерывная интенсивная бомбёжка вражескими самолетами нашего переднего края. Но артиллеристы парторга батареи Кинжаева хорошо окопались и вражеские бомбы не причинилим существенных потерь.

7 июля бои продолжались с еще большим ожесточением, фашистские танки снова пошли в атаку. Враг был уверен, что ему удалось бомбардировкой подавить наши орудия, и поэтому он не ожидал серьезного сопротивления.

Гитлеровцы засекли орудие Кинжаева и сосредоточили на нем прицельный огонь. Самойлов и Пройданов погибли, были тяжело ранены Нечаев, Тимофеев и Чирков, Кинжаев остался один и сам стал у орудия. Меткими выстрелами он попал одному "тигру" в бак с горючим, у второго заклинил башню, третьему разбил гусеницу.

Вскоре один осколок попал Кинжаеву в бедро, второй в спину, а третий в ногу, но он остался на огневой позиции. Все пушки батареи были выведены из строя. Однако Кинжаев продолжал стрелять из противотанкового ружья. Ему удалось подбить еще один танк. Фашисты не прошли!

Всего орудийный расчет старшего сержанта Кинжаева уничтожил за день четыре средних танка и четыре "тигра".

Указом Президиума Верховного Совета СССР от 21 сентября 1943 года за стойкость и героизм, проявленные в боях под Курском, Кинжаеву Ходи было присвоено звание Героя Советского Союза.

Много лет Исабаевич Ходи был бессменным председателем Костакозского кишлачного Совета. За мирный труд награжден орденом "Знак почета", медалями.

Имя Героя известно не только на таджикской земле, но и в других странах. Так, высокому воинскому мастерству Ходи Кинжаева посвящен стенд в артиллерийском историческому музее г.Ленинграда.

Ключевые слова: *Костакоз, Ленинабад, Педагогических учебу, получил, Курган-Тюбе,педагогического училища,призван, Красной Армии, Окончив полковую школу, Великой Отечественной войны в районе, Летом 1943 года фашистское командование сосредоточило Курского выступа, Покровка, Курской области, Указом Президиума Верховного Совета СССР, от 21 сентября 1943 года за стойкость и героизм, проявленные в боях под Курском, Кинжаеву Ходи было присвоено звание Героя Советского Союза.*

THE RESEARCH OF COMBAT FEATS OF HODY KENJAEV DURING THE GREAT PATRIOTIC WAR IN THE WORKS OF THE TAJIK SCIENTISTS

Kenzhaev Hody was born in 1914 in the village of Kostakoz of the Chkalovsky district of the Leninabad region.

In 1932, after graduating from a pedagogical course in Leninabad, Kinzhaev entered the biological faculty of the Tashkent Teaching Institute. Having successfully completed his studies, he received an appointment in Kurgan-Tyube - teacher of a pedagogical school. In October 1938, Kinzhaev was drafted into the ranks of the Red Army. After graduating from the regimental school, he became a junior commander.

The regiment, in which sergeant Hody Kenzhaev served, was at the beginning of World War II near the city of Lviv and was one of the first to take upon himself a sudden blow from a perfidiously attacking enemy. Already in the first battles, Kenzhaev showed excellent skill and artillery mastery. For the courage shown in the performance of combat missions, he was awarded the medal "For Courage".

In the summer of 1943, the fascist command concentrated its attack groups on the flanks of the Kursk bulge, hoping to surround and destroy the Soviet troops defending this bulge, and then launch a new offensive on Moscow.

The battery located in the area of the village of Pokrovka of the Kursk region, where the commander of one of the anti-tank guns of the 1177th anti-tank artillery regiment of the 14th fighter-anti-tank brigade of the Rezerv of the Main

Command was senior sergeant Hody Kinzhayev, was extremely defensively defending.

The firing position of the Kinzhaev gun was in the open field. Kinzhaev's gun hit two tanks and one armored vehicle. Enemy attack failed. Opponent rolled back.

Continuous intensive bombing by enemy aircraft of our front edge began. But the gunners of the partorga of the Kinzhaev battery were well entrenched and the enemy bombs did not cause any significant losses.

On July 7, the fighting continued with even greater bitterness, the fascist tanks again went on the attack. The enemy was convinced that he had succeeded in crushing our guns with a bombardment, and therefore he did not expect any serious resistance.

The Nazis spotted the Kinzhaev gun and focused their aimed fire on it. Samoilov and Proydanov died, Nechaev, Timofeev and Chirkov were seriously injured, Kinzhaev was left alone and became himself at the gun. With well-aimed shots, he hit a single "tiger" in a fuel tank, wedged a tower at the second, smashed a caterpillar to a third.

Soon, one fragment hit Kinzhaev in the thigh, the second in the back, and the third in the leg, but he remained in the firing position. All battery guns were disabled. However, Kinzhaev continued to fire an anti-tank gun. He managed to knock out another tank. The Nazis did not pass!

In total, the gun crew of senior sergeant Kinzhayev destroyed four medium tanks and four "tigers" per day.

By decree of the Presidium of the Supreme Soviet of the USSR of September 21, 1943, for steadfastness and heroism shown in the battles near Kursk, Kinzhayev Hody was awarded the title Hero of the Soviet Union.

For many years, Isabaevich Hody was the permanent chairman of the Kostakoz Kishlak Council. For peace work, he was awarded the Order of the Badge of Honor, medals.

The name of the Hero is known not only in the Tajik land, but also in other countries. Thus, a stand in the artillery historical museum of Leningrad is dedicated to high military skills of Hody Kinzhaev.

After graduating from the regimental school of the Great Patriotic War in the region, in the summer of 1943 the fascist command concentrated the Kursk salient,

Pokrovka, Kursk Region, by Decree of the Presidium of the Supreme Soviet of the USSR, dated September 21, 1943, for steadfastness and heroism shown in the battles near Kursk, Kinzhayev Hody was awarded the title Hero of the Soviet Union.

***Keywords**: Kistakuz, Leninabad, Pedagogical studies, received, Kurgan-Tyube, pedagogical school, designed, the Red Army.*

Сведение од автора:

***Караев Фарход Кубонович** - кандидат исторических наук, доцент кафедры история таджикского народа Таджикского национального университета, тел : (+992) 933131041*

About the author:

***Karaev Farhod Kurbonovich** - Candidate of Historical Sciences, Associate Professor of the Department of History of the Tajik People ofthe Tajik National University, tel: (+992) 933131041*

ТАРТИБИ ҚАБУЛ ВА НАШРИ МАҚОЛА

Маҷаллаи «Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ» тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи матбуот ва дигар воситаҳои ахбори омма» интишор мешавад.

Дар маҷалла натиҷаи корҳои илмӣ-тадқиқотии профессорону омӯзгорони Донишгоҳ ва олимони ватаниву хориҷӣ нашр карда мешавад.

Ҳайати таҳририя, ки ба он мутахассисони соҳаҳои мухталифи илм шомил мегарданд, бо фармони ректори Донишгоҳ тасдиқ карда мешавад.

Маҷалла мақолаҳои илмиро тибқи қарори кафедра ва шӯрои олимони факултет қабул менамояд. Мақолаҳое, ки ба суроғаи маҷаллаи «Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ» ирсол мешаванд, бояд ба талаботи зерин ҷавобгӯ бошанд:

1. Дар мақолаҳои илмӣ ҳалли масъалаҳо аниқ ва равшан ифода гардад.
2. Ҳаҷми мақола якҷоя бо расм, ҷадвал, диаграмма, графика ва матни аннотатсия аз 10 саҳифаи чопӣ зиёд набошад.
3. Дар ҳар як мақолаи илмӣ тибқи тартиб зикри мафҳумҳои калидӣ ва аннотатсия бо ду забон: русӣ ва англисӣ риоя шавад.
4. Мақолаҳо тибқи барномаи Winword дар дискета ё флешкарт бо шрифти Times New Roman Tj, ҳуруфи 14 қабул карда мешавад. Фосилаи байни сатрҳо 1, ҳошия аз тарафи чап 3 см, аз тарафи рост 1, 5 см, аз боло 2 см, ва аз поён 2 см - ро бояд ташкил намояд, матни мақола аз тарафи рост рақамгузорӣ карда шавад.
5. Дар саҳифаи аввали мақола ному насаб, номи падар ва ва номи ҷойи кори муаллиф дарҷ гардад.
6. Дар мақолаҳои илмӣ истифодаи адабиёт ва тарзи гузоштани иқтибос тибқи қоидаҳои нашрия, дар асоси талаботи амалкунандаи ГОСТ риоя шавад.
7. Дар охири мақола маълумот оид ба ҷойи кор, вазифаю унвони илмӣ, суроғ ва имзои муаллиф ҷой дода шавад. Ба муаллифоне, ки масъули асосии ҳифзи сирри давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд, нишон додани маълумотҳои мушаххас зарур намебошад.
8. Ҳайати таҳририя ҳуқуқ дорад, ки мақолаи илмиро ихтисор ва ислоҳ намояд.
9. Дастхати мақолаҳо баргардонида намешавад.

ПОРЯДОК ПРИЁМА И ИЗДАНИЯ СТАТЬИ

«Вестник педагогического университета» издается в соответствии Законом Республики Таджикистан «О печати и других средств массовой информации».

В журнале публикуется основные научные результаты диссертаций на соискание учёной степени кандидата и доктора наук отечественных и зарубежных исследователей.

Редакционная коллегия утверждена по приказу ректора университета.

Статьи принимаются с протоколом кафедр, научного совета факультетов и с отзывами научных руководителей.

Статьи, которые отправляются в адрес университета, должны соответствовать следующим требованиям:

1. Основное содержание издания должно представлять собой оригинальные научные статьи.
2. Представленные статьи совместно с рисунками, диаграммами, графиками, аннотациями должны быть не менее десяти страниц.
3. Каждая научная статья в обязательном порядке принимается с ключевыми словами и с аннотациям на русском и английском языках.
4. Статьи принимаются в формате Microsoft Word, шрифтом Times New Roman (Times New Roman Tj), размер шрифта 14. Все поля обязательны для заполнения независимо от формы (бумажной или электронной) научного издания. Интервал между строками 1 см с левой стороны 3 см., с правой стороны 1, 5 см, сверху 2 см, снизу 2 см., текст статьи номеруется с правой стороны.
5. На первой странице статьи указывается фамилия имя отчество и место работы автора.
6. У всех публикуемых научных статьях должны быть при статейные библиографические списки, оформленные в соответствии с правилами издания, на основании требований, предусмотренных действующими ГОСТами.
7. В публикуемых материалах указывается информация об авторах, их месте работы и необходимые контактные данные. Авторы, имеющие допуск к государственной тайне Республики Таджикистан имеют право не указывать место работы и контактные данные.
8. Редакционная коллегия имеет право сократить и исправит научную статью.
9. Представленные научные статьи автору не возвращаются.

Ба нашр 11.04.2019 иҷозат дода шуд.
Андозаи 60 × 84 1/8 Қоғази офсетӣ 80 гр.
Ҷузъи нашрию ҳисобӣ 16,75. Теъдоди нашр 60.
Супориши № 44.

Матбааи ДДОТ ба номи С.Айнӣ дар назди
Парки Технологӣ, хиёбони Рӯдакӣ, 121.